ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2022. №7

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2022. №7

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2022. No.7

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2022

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 6 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Кароматулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ, узви вобастаи АМИТ*

Гулназарова Ҷило — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Сироҷиддини Эмомалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хоҷаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстзода Ҳамрохон Ҷума — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2022. – №7. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №182/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд. Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2022

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт — *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карорматулло — *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали — *Доктор филологических наук, профессор, академик НАНТ, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Юсуфзода Носирджон Салими — *Доктор филологических наук, профессор, академик НАНТ*

Рахматуллозода Сахидод — *Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент НАНТ*

Назарзода Сайфиддин — *Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки НАНТ*

Гулназарова Джило — *Доктор филологических наук, профессор Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде*

Абдуллозода Масрур Ахмад — *Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*

Сироджиддини Эмомали — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Кучарзода Аламхон — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондент НАНТ*

Саидов Халимджон Азизович — *Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*

Муродов Мурод — *Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*

Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна — *Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*

Ходжаев Давлатбек — *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*

Дустзода Хамрохон Джума — *Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2022. – №7. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №182//ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

©
ТНУ, 2022

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 6 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht — *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich — *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo — *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Imomzoda Muhammadusuf Saidali — *Doctor of Philology, Professor, Academician of the NAST, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*

Yusufzoda Nosirjon Salimi — *Doctor of Philology, Professor, Academician of the NAST*

Khorkashev Sakhidod — *Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the NAST*

Nazarzoda Saifiddin — *Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the NAST*

Gulnazarova Jilo — *Doctor of Philology, Professor of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*

Abdullozoda Masrur Akhmad — *Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*

Sirojiddini Imomali — *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*

Kucharzoda Alamkhon — *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the NAST*

Saidov Khalimdzhon Azizovich — *Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*

Mamadnazarov Abdusalom — *Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*

Murodov Murod — *Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*

Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna — *Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*

Khodzhaev Davlatbek — *Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*

Dustzoda Khamrokhon Dzhuma — *Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2022. – №7. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.

© TNU, 2022

УДК: 491.550

НАЗАРИ ДОНИШМАНДОНИ ГУЗАШТА ВА МУОСИРИ ТОҶИК ДАР ШИНОХТИ ҶУМЛАИ МУЪТАРИЗА

Хоҷаев Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар сохти наҳвиёти забони адабии тоҷик аз давраи ташаккул (асри IX-X) то имрӯз як қолаби ҷумлае мустаъмал аст, ки он ҳам хусусияти эзоҳиву тафсирӣ ва ҳам тобишҳои гуногуни маъноӣ дорад. Дар бораи ном ва таъин намудани хели ин ҷумла дар илми наҳвшиносии муосири тоҷик ақидаҳои мухталиф мавҷуд аст.

Бояд гуфт, ки ин навъи ҷумла гоҳо аз ҷиҳати тарзи ифода, вазифа ва маъно шабеҳи ҷумлаи пайраванд, аммо ба кодам гурӯҳи ҷумлаи пайрав дохил намудани он душвор аст, чаро ки ба меъёри ягон хели мушаххаси ҷумлаи пайрав комилан ҷавобгӯ нест. Гоҳе он чун ҷумлаи содаи мустақил ба назар расида ва гоҳе дар қалаби калимаи мураккабу таркибу ибора омада, чун воҳидҳои туфайлӣ адои вазифа менамояд. Аз ин ҷост, ки муҳаққиқони ба таҳлилу таҳқиқи воҳидҳои туфайлӣ дар забоншиносии тоҷик даст задаанд, ин қолаби ҷумларо ба ҳар сурат шарҳ додаанд. Муҳаққиқ И. Норова дар мақолаи “Ҷумлаҳои туфайлӣ” [10] Ин қолаби ҷумларо ҷумлаи туфайлӣ гуфтааст, забоншинос М. Исматуллоев бошад онро ҷумлаи пайрави истисноӣ гуфтааст[7, с.3-8]; муҳаққиқи дигари забоншинос П. Қурбонов низ ин қолаби ҷумларо ҷумлаи пайрав дониста, онро ҷумлаи пайрави баёния гуфтааст [8, с.67-78]; муҳаққиқи наҳвшинос Ф. Зикриёев дар мақолаи ”Ҷумлаҳои туфайлӣ ва муносибати онҳо бо ҷумлаҳои пайрави тарзи амал” [6, с.83-109] ин қолаби ҷумларо ба ҷумлаи пайрави тарзи амал мушобеҳ донистааст. Мо ин ҳама навиштаҳои муаллифонро аз назар гузаронида, ба хулосае омадем, ки дар шинохти ҷумлаҳои иловагӣ, алалхусус, ҷумлаи муътариза мулоҳизаҳои профессор Ш. Рустамов дар китоби “Мақоми забон” нисбатан тозаю ҷолибанд ва ӯ нуқсу иллати андешаҳои дигар муҳаққиқонро оид ба ин масъала нишон додааст. Мо дар шинохти ин навъи ҷумла дар афкори забоншиносии классикии тоҷик ба вай такя кардем. Аз баҳси Ш. Рустамов бо муҳаққиқони дигари тоҷик – И. Норова, М. Исматуллоев, П. Қурбонов ва Ф. Зикриёев дар шарҳу маънидоди ин қолаби ҷумла, таъин намудани ному навъи он ба иштибоҳу ғалатҳо роҳ додани онҳо маълум мешавад. Ш. Рустамов мулоҳизаҳояшро дар ин бобат ба ин тариқ хулоса кардааст: “Дар забоншиносии мо аксар ҳамаи ҷумлаҳои иловагиро ба ҳам омехта кардаанд, аз ҷумла, дар мақолаи мазкури М. Исматуллоев (манзур мақолаи М. Исматуллоев “Оид ба ҷумлаи пайрави истисноӣ” Д. Х.), ки ба ин масъала махсус бахшида шудааст, ҳама ҷумлаҳои иловагӣ истисноӣ ном гирифтаанд. Ф. Зикриёев ин камбудии мақолаи М. Исматуллоев ва И. Нороваро нишон дода бошад ҳам, худи ӯ ҷумлаҳои истисноӣ ва муътаризаро бо ҷумлаҳои туфайлӣ омехта кардааст” [11, с.293].

Воқеан, ҷумлаҳои иловагӣ (ҷумлаҳои муътариза низ) вобаста ба мазмуни умумии ҷумлаю матн, услуби нигориши нависандаю шоир (гӯянда низ), сохту таркибашон, муносибатҳои наҳвӣ (ифодаи муносибатҳои синтаксисӣ), тарзу тариқи алоқабандӣ ба ҷумлаи асосӣ ва соҳме, ки дар нақшаи умумии мухобирот дорад, дар як поя нестанд. Аз ин ҷиҳат дар такя ба забоншиносии рус ба се гуруҳи калон: истисноӣ (обособленные), туфайлӣ (вводные) ва муътариза (вставные) ҷудо кардани чунин навъи ҷумлаҳо аз ҷониби профессор Ш. Рустамов иқдоми нек аст, алалхусус, шарҳи мухтасаре, ки ӯ дар бораи ҷумлаи муътариза овардааст, дар илми наҳвшиносии тоҷик сухани тоза аст. Профессор Ш. Рустамов мегӯяд: ”Истилоҳи ҷумлаи муътариза дар забоншиносии мо (шояд ӯ забоншиносии замони аҳди шуравиро дар назар дошта бошад) бори нахуст истифода мешавад. Мо ба он дар “Ёддоштҳо” – и С. Айнӣ дучор омадем, ки устод онро ҷумлаҳои скобкагӣ тафсир кардааст” [11, с.294].

Ҷумлаҳои муътариза, – таъкид менамояд профессор Ш. Рустамов, ба ҷумлаи асосӣ ғайричашмдошт дохил шуда, хатти инкишофи онро рахна мекунад ва дар ҳамин ҷо фикрҳои иловагиро ҳамроҳ менамояд, ки ҳангоми ба қолаб даромадани ҷумлаи асосӣ ба хотири соҳибсухан омадааст. Ҷумлаҳои муътариза ба ягон қолаби синтаксисӣ ва доираи ифодаи

маъно маҳдуд намешаванд, онҳо аз ҷиҳати мундариҷа гуногун мебошанд. Ин ҳолат ба мустақилияти маъноиву грамматикии онҳо марбут аст” [11].

Ин мулоҳизаҳои профессор Ш. Рустамовро дар бораи ҷумлаи муътариза метавон як муқаддимаи шинохти ин қолаби ҷумла дар илми забоншиносии муосири тоҷик пазируфт, аммо бо тасҳеҳи чанд нуктае; аввал ин, ки истилоҳи “муътариза” дар таърихи илми забоншиносии мо умри беш аз ҳаштсадсола дорад ва ибтидои онро аз осори устод Айнӣ ҷустану таъин намудани муҳаққиқ раво нест. Ин истилоҳ дар таълифоти илмии Саккокии Хоразмӣ (асри XIV), аллома Тафтазокӣ (асри), Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ (асри XV), Воҷидалии Муҷмалӣ (асри XIX) ба маънии як навъи ҷумлаи воридшаванда истифода шудааст; дигар ин, ки корбасти ин қалаби ҷумла” ба хотири соҳибсухан омадани он набуда, балки як фикре, матлабу мазмунест, ки нависанда ё шоир ба мақсади таъкиду тақвият, ё эътирозе ба фикри асосӣ онро ворид месозад.

Ин навъи ҷумла ба ҷумлаи асосӣ бе пайвандак ва гоҳо тавассути пайвандакҳои пайвасткунанда ё тобекунанда дохил мешавад, аз ин рӯ ҷумлаи муътаризаро вобаста ба тарзи воридшавиашон ба таркиби ҷумлаи асосӣ ба ду хел: 1) ҷумлаи муътаризаи бепайвандак; 2) ҷумлаи муътаризаи пайвандакдор ҷудо кардан мумкин аст.

Ҷумлаи муътариза аз рӯйи сохт низ фарқ дорад. Ин навъи ҷумла дар қолаби ҷумлаи пайрав, ибора ва ҳатто калима омада метавонад.

Бисёр ҷолиб таваҷҷуҳ аст, ки ин қолаби ҷумла дар сохти наҳвиёти забони адабии тоҷик ҳанӯз дар асрҳои миёна мустаъмал будааст ва донишмандони гузаштаи мо ин қолаби ифодаро хуб тафтишу таҳлил ҳам кардаанд. Масалан, донишманди улуми адабӣ дар асри XV Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ ҳангоми шарҳи санъати “эътироз” дар бораи ин қолаби ҷумла, хусусиятҳои сохториву маъноии он андешаҳои ҷолибе баён кардааст. Аз ишорае, ки муҳаққиқ ба рисолаи “Мифтоҳ-ул-улум”-и Саккокии Хоразмӣ (асриXII) мекунад, маълум мегардад, ки ҷунин қолаби ҷумла ҳанӯз дар асри XII серистеъмол буда, диққати донишмандони ҳамон даврро ҷалб карда будааст. Масалан Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ мегӯяд: “Эътироз соҳиби ”Мифтоҳ” (ӯ асари Саккокии Хоразмӣ “Мифтоҳ-ул-улум”-ро дар назар дорад - Д.Х.) гуфта, ки он аст, ки дарҷ кунанд дар қалом чизеро, ки маънии мақсуд бидуни ӯ тамом бошад”. Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ ҳамчунин ба донишманди асри XIV Мавлоно Саъдаддини Тафтазонӣ ишора карда мегӯяд, ки ин қолаби ҷумлаҳо дар забони арабӣ низ мустаъмаланд, аммо таъкид менамояд ӯ, мо ҳамон қолабҳоеро шарҳ медиҳем, ки хосси забони тоҷикианд [3]. Ин қолаби ҷумлаи пайравмонанд метавонад, ки эзоҳдиҳандаю тобеи як калима (ба қавли Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ як калом), яъне ҷумлаи пайрави якузва бошад ё дукалимагӣ (ба қавли Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ ду каломи муттасил), яъне дуузва шавад.

Чунончи дидем, дар илми забоншиносии муосири тоҷик ин қолаби ҷумлаи пайравро бо истилоҳҳои гуногун: **эзоҳӣ, иловагӣ, истисноӣ, мавсулӣ, муътариза** ном бурдаанд, аммо хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии онро пурра таҳқиқид накардаанд.

Донишмандони асримиёнаи тоҷик ин навъи ҷумлаи пайравмонандро ҷумлаи муътариза гуфтаанд, ки хеле мувофиқу муносиб мебошад. Навъи аввали ҷумлаи муътариза, бинобар андешаи Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, дар аснои як калима дарҷ мешавад, яъне ҷумлаи пайрави якҷузва аст ва ӯ байти зеринро мисол овардааст:

Дастат, ки омад абри карам, бедирам мабод,
Ҳарчанд адл беш кунӣ, ҳеҷ кам мабод [3, с.11].

Дар байти фавқ, бинобар ақидаи Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, “ки омад абри карам” муътариза (ҷумлаи воридшаванда Д. Х.) аст дар аснои як калима. Воқеан, дар ин байт, ки дар қалаби ҷумлаи мураккаби тобеъ аст, ҳиссаи “ки омад абри карам” қолаби ҷумлаи пайравро мемонад ва шабеҳи ҷумлаи пайрави муайянкунанда аст, аммо онро ҷумлаи пайрав гуфтан нашояд, ҳарчанд ки тобиши муайянкунандагӣ ва сабабӣ дорад, вале бидуни ин ҳисса матлаб саҳеҳу равшан аст. Омадани ин ҳисса барои пур кардани мисраъ ва ҳамвазнии мисраъҳо ногузир аст.

Ҳамчунин метавонад, ки чунин ҷумлаи пайравмонанд ба тамоми ҳиссаи асосӣ иртибот дошта бошад ва Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ байти зеринро мисол овардааст:

Маро куштӣ, накӯ кардӣ, машав ҷони касон боре,
Ки дар ҷонам бувад ин саъбтар аз қатли бисёре.

Дар байти мазкур ҳиссаи “накӯ кардӣ” чумлаи муътариза аст, ки тобиши чумлаи пайрави натиҷа дорад ва ба тамоми ҳиссаи “маро куштӣ”, ки нақши сарҷумларо адо кардааст, иртибот дорад. Агар тартиби ҳиссаҳои ҷумларо дигар кунем, матлаб боз возеҳтар мешавад: Наку кардӣ, ки маро куштӣ, аммо боре ба ҷони касон машав.

Гоҳо, – таъкид менамояд Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, ифодаи чумлаи муътариза барои таъкиди маънӣ, мақсади шоир ё нависанда зарур ҳам мебошад, чунон ки дар ин байт омадааст:

Бодаи куҳна, ки аз дасти ҷавоне нушӣ,
Бахшад аз гайр фароғат, зи худат беҳушӣ.

Дар байти фавқ ҳиссаи ” ки аз дасти ҷавоне нушӣ” барои таъкиди матлаб муҳим аст, зеро бе он маънии ҷумла комилу пурра нест. Дар байти зерин низ ҳамин хусусиятҳ мушоҳида мешавад:

Он лаб, ки ҳамеша бод хандон,
Бикушод ба ханда, тоза шуд ҷон.

Бояд батаъкид гуфт, ки дар ҳарду байти намуна оварда шуда ҷумлаи муътариза аз нигоҳи сохтор ва мазмун аз диди шинохти ҷумлаҳои пайрав ҷумлаи пайрави муайянкунанда бо тобиши маънои иловагии шарт мебошанд. Агар пас калимаи «куҳна ва лаб” морфемаие гузорем, маънои муайянкунанда гирифтани» ҷумлаи пайрави муътариза равшан мегардад. Аммо Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ таъкид кардааст, ки ҳиссаи “ҳамеша бод хандон” ҷумлаи муътариза буда, барои дуою таманно дар баёни каломи шоир зарур аст ва бидуни он матлаб саҳеҳ нест.

Ҷумла муътариза дар таркиби қавлу калом барои ифодаи маъноҳои таманно, таъкиду танбеҳ, иллату сабаб омада метавонад. Масалан, Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ таъкид менамояд, ки ҷумлаи муътаризаи “суди ҷон бошад шунидани панд”-ро дар байти зерин:

Панд бишнав, суди ҷон бошад шунидани пандро,
То тавонӣ, рад макун умеди ҳоҷатмандро.

Аз қолабҳои зотии, яъне аслии сохти наҳвиёти забони тоҷикӣ буда, барои танбеҳ аст бар нафъ панд шунидан.

Бинобар ақидаи Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, ҷумлаи муътариза дар қолаби ҷумлаи содаи мустақил, калимаю ибораҳои алоҳидае мазмуни ҷумларо доранд, омада метавонанд.

Он калимаю ибораҳое, ки чун ҷумлаи муътариза меояд, шабеҳи ҷумлаанд, чунончи, дар байти зерин калимаи арабии "биллоҳ" чун шабеҳи ҷумла дар нақши ҷумлаи муътариза омадааст:

Ба зебоӣ надорӣ мисл, биллоҳ,
Набошад дар латофат чун рухат моҳ.

Дар байти мавриди назар калимаи "биллоҳ" як ҳиссаи муҳимми ҷумла буда, мазмунаш ин аст: "Савгвнд мехурам ба Худо". Бе ин калима мазмуне, ки матлаби шоир он аст, мавриди шакку шубҳа қарор мегирад ва барои рафъи ин шакку шубҳа ифодаи ин калимаи шабеҳи ҷумла зарур мебошад.

Баъзан ҷумлаи муътариза дар миёни калимоте меоянд, ки он калимаҳо байни ҳам иртиботи мантиқӣ дошта, як иддае бар эзоҳи иддаи дигар омадаанд, чунончи:

Зи ҳиҷронаш шудам чун коҳ, оҳ аз фурқати ёрам,
Шикастаҳолу зарду зору доим рӯ ба деворам.

Агар байти фавқ калимаҳои “шикастаҳол”, “зард”, “зор” ва ибораи “рӯ ба девор будан” дар нақши хабари чидаи номӣ омада, ҳиссаи аввали ҷумларо, ки чун сабаби ин ҳама ҳоли зори субъекти ҷумла мебошад, шарҳ додаанд. Ҳиссаи “Оҳ аз фурқати ёрам” ҷумлаи муътариза буда, чун муродифи ҳиссаи “Зи ҳиҷронаш шудам чун коҳ” аст.

Агар ин байтро ба наср баргардонем, дар ифодаи матлаб халал ворид насохтани ҳазфи ҷумлаи муътариза ва такрори мазмуни “Зи ҳиҷронаш шудам чун коҳ” будани он боз равшантар мегардад: Зи ҳиҷронаш чун коҳ шудам ва шикастаҳолу зарду зору доим рӯ ба деворам. Ё ин ки “Зи ҳиҷронаш чун коҳ шудам, ки дар натиҷа шикастаҳолу зарду зору доим рӯ ба деворам”.

Айнан дар ҳамин қолаб аст байти зерин, ки Атоуллоҳ Ҳусайнӣ мисол овардааст:

Дил аз ҳаҷри ту бемор аст, эй васлат шифои дил,
Набошад берухат ҷуз ранҷу меҳнат дар дилам ҳосил.

Дар байти мазкур қисмати “эй васлат шифои дил” ҷумлаи муътариза аст, ки дар қолаби ҷумлаи содаи мустақил омадааст ва, ба қавли Атоуллоҳ Ҳусайнӣ барои талаби лутф ва меҳрубонии маҳбуб воқеъ гардидааст. Фарқ танҳо дар ин аст, ки ҷумлаи муътариза дар байни ду ҷумлаи содае, ки бо ҳам аз нигоҳи мазмуну мантиқ алқаи пайваст доранд, омадааст. Агар ин байтро ба наср баргардонем, ин матлаб хуб возеҳ мегардад: Дил аз ҳаҷри ту бемор аст ва бе рухи ту дар дили мант ҷуз ранҷу меҳнат ҳосиле набошад.

Гоҳо, – мегӯяд Атоуллоҳ Ҳусайнӣ, ду ҷумлаи муътариза пайиҳам меояд ва ин байтро мисол овардааст:

Ҳама чизат худодода, таолаллоҳ, чӣ ҳусн аст ин?!
Рухат дода зи гул беҳтар, зи шакар беҳ лаби ширин.

Воқеан, дар байти фавқ ду ҷулаи муътариза аст: яке “таолаллоҳ” арабӣ буда, маъниаш “Чи бузургвор аст Худо” ва дигаре “Чӣ ҳусн аст ин” мебошад. Ҳар ду ҷулаи муътариза дар мавриди тааҷҷубу ҳайрат омадаанд. Ва агар ин байтро ба наср баргардонему ҳар ду ҷулаи муътаризаро ҳазф намоем, ҳамон матлаби зарурӣ бе халали мазмуни асосӣ ифода мешавад, чунончи: “Худо ба ту ҳама чизро додааст – рухат аз гулу лаби ширинат аз шакар беҳтар аст.”

Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ андешаҳои худро дар бобати ҷумлаи муътариза хулоса намуда, ба асоси назари донишмандони пешин, аз ҷумла, Рашидаддини Ватвот (асри XII), Шамси Қайси Розӣ (асри XIII), Саъдаддини Тафтазонӣ (асри XIV), такя карда, истеъмоли ҷумлаи муътаризаро ба санъати ҳашв мансуб медонад. Вай се навъи ҳашвро ҷудо мекунад ва мегӯяд: “Ва ҳашв бар се навъ аст: ҳашви қабеҳ, ҳашви муттавассит ва ҳашви малеҳ” [с.115].

Дар ҳашви қабеҳ омадани ҷумлаи муътариза бемаврид буда, байту ҷумларо табоҳ мегардонад, аммо ҳашви мутавасит чунон аст, ки дар он будани ҷумлаи муътариза на шоистаи таҳсин аст, на қабоҳат, яъне будану набуданаш яксон аст. Дар ҳашви малеҳ овардани ҷумлаи муътариза ҳусни суханро боло бардошта онро равнақ ҳам медиҳад. Атоуллоҳ Ҳусайнӣ ҳар се навъи ҳашвро дар як рубоӣ ба ин тариқ овардааст:

Рӯяш, ки моҳ аст, аз қамар беҳ бошад,
Мӯяш ба назар зи мушки тар беҳ бошад.
Лаъли лаби ӯ, ки шарбати унноб аст,
Пеши мани хаста аз шакар беҳ бошад.

Ба андешаи Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, дар мисраи аввал ҷумлаи пайрави муътариза – “ки маҳ аст” ҳашви қабеҳ аст ва такрори маҳз мебошад, чаро ки ҳиссаи “Аз қамар беҳ бошад” имкон намедиҳад, ки рӯй боз ба моҳ ташбеҳ дода шавад. Вақте ки рӯй ба моҳ ташбеҳ дода мешавад, “Аз қамар беҳ бошад” гуфтан маънӣ надорад.

Дар мисраи дуюм бошад, таркиби “ба назар” ҳарчанд ба мақсади пур кардани мисраъ аст, аммо қабеҳ нест, зеро омадани он як навъ оҳанги таъкидӣ дорад. Ҷумлаи пайрави муътариза дар мисраи сеюм – “ки шарбати унноб аст” ба сухан обуранги эҳсосотӣ дода, тасвирро малеҳу гуворо кардааст.

Ба ҳамин тариқ, ҷумлаи муътариза, ки дар қолаби ҷумлаи пайрав, ҷумлаи содаи мустақил ва гоҳе дар шакли калима, таркиб ва ибора низ меояд, дар мавридҳое истифода мешавад, ки шоир ё нависанда маъниеро оғоз карда, пеш аз он ки онро ба итмом расонад, сухани дигареро чун эътирози сухани аввал дар миён меорад. Он сухан гоҳе зарур буда, барои тақвияти фикр созгор аст ва гоҳе як сухани зиёдатӣ ё такрори маҳз мебошад.

Як хусусияти созмонию маъноии ҷумлаи муътариза ин аст, ки гаҳе ин навъи ҷумла ба матн дар алоқаи мустаҳками наҳвӣ қарор мегирад. Дар ин ҳолат ҷумлаи муътариза пурра шабеҳи ҷумлаи пайрав гардида, ба матни асосӣ ба воситаи пайвандаки тобеъкунанда, бештар пайвандаки муштараквазифаи “ки” ворид мешавад.

Ин андешаҳои Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ минбаъд дар таълифоти донишмандони дигар идома меёбад ва мо ба истилоҳи ҷумлаи муътариза дар асари Воҷидалии Муҳмалӣ “Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун” (асри XIX) вомехӯрем. Ин донишманд дар боби “баёни ҷумла” мегӯяд: “Сеюм он, ки дар миёни мубтадо ва хабар ҷумла воқеъ шавад ва онро муътариза гӯянд, чунон ки гӯем: Худованди таъоло, ки Парвардигори олам аст, бар ман эҳсонҳо фармуда” ҳиссаи “ки Парвардигори олам аст” ин ҷумлаи муътариза аст, ки дар миён ҳамеша бо мубтадо ва хабар воқеъ шуда” [5, с.10].

Хулоса, дар таҳлилу таҳқиқи маводи осори илмии донишмандони классикӣ ва муосир нишон дод, ки ин қолаби ҷумла дар сохтори наҳвиёти забони адабии тоҷик таърихи қадим дорад. Истилоҳи “муътариза” низ дар таърихи илми забоншиносии тоҷик корбурди анқариб ҳазорсола дошта, ин сохти ҷумла, алалхусус, дар каломи манзум хеле серистеъмол мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абуалӣ ибни Сино. Донишнома // Осори мунтахаб. – Душанбе, 1980. - Ҷ.1. – С.29-139.
2. Айнӣ, С. Оид ба вазъияти забоншиносии тоҷик / С. Айнӣ // Шарқи сурх, 1952. - №6. – С.3-8.
3. Атоулло Ҳусайнӣ. Бадоеъ-у-саноеъ. – Душанбе, 1974. – 222 с.
4. Болтаев М.Н. Вопроси гносеологии и логики в произведениях Ибн Сины и его школы / М.Н. Болтаев. – Душанбе, 1965. – 588 с.
5. Воҷидалихони Муҳмалӣ. Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун. – Теҳрон, 1389ҳ. – 442 с.
6. Зикриёев Ф. Ҷумлаҳои туфайлӣ ва муносибати онҳо бо ҷумлаҳои пайрави тарзи амал / Ф. Зикриёев // Маҷмуаи илмӣ (Материалҳо оид ба забони адабии тоҷик). Серияи филологӣ. Ҷ.55. – Душанбе, 1976. – С.83-109.
7. Исматуллоев М. Оид ба ҷумлаи пайрави истисноӣ / М. Исматуллоев // Маҷмуаи илмӣ (Материалҳо оид ба забони адабии тоҷик). Ҷ.42. Серияи филологӣ. – Душанбе, 1963. – С.3-8.
8. Қурбонов П. Ифода ёфтани муносибати баёниягӣ ба воситаи ҷумлаи пайрав / П.Қурбонов // Маҷмуаи илмӣ (Материалҳо оид ба забони адабии тоҷик). Ҷ.90. – Душанбе, 1974. – С.69-78.
9. Назриддинов З. Ҷумлаҳои иловагӣ – эзоҳӣ бо пайвандакҳои тобеъкунанда / З.Назриддинов // Тезисҳои маърузаҳо дар конференсияи илмии олимони ҷавон. – Душанбе, 1966. – С.77-80.
10. Норова И. Ҷумлаҳои туфайлӣ / И.Норова // Мактаби советӣ, 1963. – №10. - С.8-10.
11. Рустамов Ш. Мақоми забон / Ш.Рустамов. - Душанбе, 1996.
12. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор. – Душанбе, 1998. – 116 с.
13. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X- XVI / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2013. – 343 с.
14. Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам. – Душанбе, 1991. – 462 с.
15. Шарофиддини Рустам. Мақоми забон. – Душанбе, 1996. – 300 с.

НАЗАРИ ДОНИШМАНДОНИ ГУЗАШТА ВА МУОСИРИ ТОҶИК ДАР ШИНОХТИ ҶУМЛАИ МУЪТАРИЗА

Дар мақола сухан оид ба ҷумлаи муътариза, ки то солҳои наздик дар шинохти он муҳаққиқони забоншиноси тоҷик андешаҳои мухталиф баён карданд, меравад. Муаллифи мақола навиштаҳои муҳаққиқонро аз назар гузаронида, ба хулосае меояд, ки дар шинохти ҷумлаи муътариза мулоҳизаҳои забоншинос Ш. Рустамов нисбатан нав ва ҷолибанд. Мулоҳизаҳои Ш. Рустамовро як муқаддимае дар шинохти ин қолаби ҷумла дар забоншиносии муосири тоҷик метавон донист бо тасҳеҳии чанд нуктае: аввал ин ки истилоҳи “муътариза” дар таърихи илми забоншиносии мо умри беш аз 800-сола дорад ва ибтидои онро аз осори устод Айнӣ ҷустану тағйир намудани муҳаққиқ раво нест. Ин истилоҳ дар таълифоти Саккокии Хоразмӣ (асри XIV) аллома Тафтазонӣ (асри XIV), Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ (асри XV), Воҷидалии Муҳмалӣ (асри XIX) ба маънии як навъи ҷумлаи воридшаванда истифода шудааст; дигар ин, ки корбасти ин қолаби ҷумла ба хотири соҳибсухан омадани он набуда, балки як фикре матлабу мазмунест, ки нависанда ё шоир ба мақсади таъкиду тақвият ё эътироз ба фикри асосӣ онро ворид менамояд.

Калидвожаҳо: ҷумла, қолаб, наҳв, донишмандон, шинохт, забоншиносӣ, забони тоҷикӣ, муҳаққиқ, воҳидҳои туфайлӣ, муаллиф, шоир, нависанда, меъёр, гурӯҳ, навъ.

ВЗГЛЯДЫ ПРЕЖНИХ И СОВРЕМЕННЫХ ТАДЖИКСКИХ УЧЕНЫХ НА ОПРЕДЕЛЕНИИ ВСТАВНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ

В статье рассматриваются вставные предложения, по вопросу определения которых до недавнего времени исследователи таджикского языка высказывали различные точки зрения. В результате изучения трудов многих исследователей автор статьи приходит к выводу, что в определении и понимании вставных предложений наиболее новым и привлекательным является мнение языковеда Ш. Рустамова. Данные рассуждения Ш. Рустамова можно воспринимать как введение в определение и изучение данного типа предложения в современном таджикском языкознании, учитывая при этом следующие поправки: прежде всего, термин «муътариза» в нашей языковедческой науке имеет восьмивековую историю, и искать его истоки в творчестве С. Айни исследователем не считается верным. Этот термин в сочинениях Саккоки Хоразми (XIV век), аллома Тафтазони (XIV век), Атоуллох Махмуди Хусайни (XV век), Воджидали Муджмали (XIX век) употребляется в значении одного из видов вставных предложений. Ещё одним коррективом в этом вопросе является то, что данный тип предложения используется не с целью красноречивости текста, а является частью смыслового содержания произведения и замысла автора, которую приводит автор как подтверждение, усиление или возражение к основному смыслу.

Ключевые слова: предложение, тип, синтаксис, ученый, определение, языкознание, таджикский язык, исследователь, вводные единицы, автор, поэт, писатель, норма, группа, вид, вставное предложение.

THE VIEWS OF ANCIENT AND MODERN TAJIK SCIENTISTS ON THE DEFINITION OF INSERTION SENTENCES

The article deals with insertion sentences, on the question of the definition of which, until recently, Tajik language researchers expressed different points of view. As a result of studying the works of many researchers, the

author of the article comes to the conclusion that in the definition and understanding of inserted sentences, the most new and attractive is the opinion of the linguist Sh. Rustamov. The arguments of Professor Sh. Rustamov can be perceived as an introduction to the definition and study of this type of sentence in modern Tajik linguistics, considering the following amendments: first of all, the term "mutariza" in our linguistic science has an eight-century history, and to look for its origins in the work of S. Aini is not considered faithful by the researcher. This term in the writings of Sakkoki Khorazmi (XIV century), alloma Taftazoni (XIV century), Atoulloh Mahmudi Husaini (XV century), Wojidali Mujmali (XIX century) is used in the meaning of one of the types of insertion sentences. Another correction in this matter is that this type of sentence is not used for the purpose of eloquence of the text but is part of the semantic content of the work and the author's intention, which the author cites as confirmation, reinforcement or objection to the main meaning.

Key words: sentence, type, syntax, scientist, definition, linguistics, Tajik language, researcher, introductory units, author, poet, norm, type, insertion sentence".

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Хоҷаев Давлатбек*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17.

Сведение об авторе: ***Ходжаев Давлатбек*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17

Information about the author: ***Khojaev Davlatbek*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 491.550-3

ЗАБОНИ СУҒДӢ ВА ТАҲҚИҚИ МАТНҲОИ ОН АЗ НАЗАРИ ЗАБОНШИНОСӢ

Назарзода С.
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Забони суғдӣ забони давраи миёнаи сокинони водии Зарафшон ва Истаравшан (дар аҳди бостон Усрушана) мебошад. Забони суғдӣ ҳамчавори забони бохтарӣ дар ҷануб, забони портӣ дар ҷанубӣ ғарб, шимол ва шимолу шарқ сакоӣ ва шимоли ғарбӣ – хоразмӣ дар аҳди миёна буд. Дар асрҳои VI-VIII забони суғдӣ ба ҷониби қаламравҳои турк ва Чин паҳн шуда, барои густариши хат ва тамаддуни ориёӣ дар ин минтақа нақши боризе гузоштааст.

Суғд яке дигар аз марказҳои асосии тамаддуни халқҳои эронӣ мебошад. Суғдиён аз даврањои бостон дар рушду густариши халқи тоҷик саҳми босазое доранд. Аввалин ёдоварӣ аз минтақаи Суғд дар сарчашмаҳои хаттӣ ба қарни VI пеш аз мелод рост меояд. Мурдуми ориёӣ дар ин минтақа дар ҳазораи аввали то мелод мардуми бумӣ ҳисоб мешуданд. Дар навиштаҳои мехии даврони Ҳахоманишиён дар шакли Согда ё Сугуда вомехӯрад. Дар асрҳои VI-IV қабл аз мелод Суғд дар ҳайати шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён дохил буд. Баъд аз ҳуҷум ва истилои Искандари Мақдунӣ ҳудуди густариши суғдиён васеъ мешавад ва онҳо оҳиста-оҳиста ба қисматҳои дигар, махсусан қад-қади роҳи Абрешим мекӯчанд ва дар он ҷойҳо бошишгоҳҳои худро таъсис медиҳанд. Дар асри III то мелод онҳо бо Чин робитаҳои тиҷоратӣ барқарор мекунанд. Сарчашмаҳои чинӣ, туркӣ, тибетӣ, хутанӣ дар бораи фарҳангу тамаддуни суғдиҳо дар ин минтақаҳо маълумоти зиёде медиҳанд. Инчунин дар охири асри XIX ва аввали асри XX дар ин минтақаҳо осори зиёде ба забони суғдӣ ёфт шуд, ки барои пажӯҳиши забоншиносии ин забон роҳи васеъ кушод.

Суғдиён инчунин дар вилояти Фарғона низ дар асрҳои V-VI мелодӣ бошишгоҳҳои тиҷоратии зиёде доштанд ва аз ин ҷо то минтақаҳои хитоӣ маълумоти фаровоне аз онҳо боқӣ мондааст. Аз ҷумла, сайёҳи чинӣ Сюан Тсзан, ки солҳои 629-630 ба минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва Шимоли Бохтар сафар кардааст, сарзаминҳои зиёдеро аз Суяб (Ҳафтрӯд) то Кеш (водии Қашқадарё) шомили Сули (Суғд) медонад. Хат ва забони онҳоро низ суғдӣ меномад. Ҳамин тариқ, дар нимаи аввали асри VII мелодӣ суғдиён ва забони суғдӣ дар водии Зарафшон, водии Қашқадарё, минтақаҳои поёноби Сирдарё, Фарғона ва Ҳафтрӯд (то кӯли Исиққул) паҳн буданд. Дар ҷануб забони суғдӣ бо забони бохтарӣ ҳамсарҳад буд. Сайёҳи дигари чиноӣ Хой Чао дар соли 728 мелодӣ, тахминан баъд аз сад соли сафари Сюан Тсзан ба ин минтақа омада шаш мулки ин минтақаро (Бухоро (Ан), Усрушан (Тсао), Кеш (Ши), Чоч (Ши-ло), Маймарғ (Ми) ва Самарқанд (Кан)) Суғд номида, халқи онро суғдӣ номидааст. Осори бозёфта аз ин минтақаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки то асри IX мелодӣ суғдиён дар ин сарзамин аксарияти аҳолиро ташкил медоданд. Фақат бо истилои араб ва зери таъсири унсурҳои идориву фарҳангӣ баъд аз ин давр забони суғдӣ ҷои худро ба забони тоҷикӣ медиҳад. Дар асри X Суғд (Бухорову Самарқанд) ба маркази асосии рушди забони тоҷикӣ табдил меёбад, вале дар деҳоти атрофи ин шаҳрҳо ҳануз ба забони суғдӣ гуфтугу мекарданд. То асри XI ҷараёни ҷои забони суғдиро гирифтани забони тоҷикӣ тақрибан анҷом меёбад. Фақат дар минтақаҳои кӯҳистонӣ ин забон то андозае боқӣ мемонад, ки забони яғнобӣ (аз номи дараи Яғноби ноҳияи Айнӣ) яке аз лаҳҷаҳои ин забон аст, ки то ба ҳол вуҷуд дорад. Дар сарзамини Ҳафтруд ҷои ин забонро забонҳои туркӣ мегиранд. Тавре Юсуфи Кошғарӣ иттилоъ додааст, дар Болосоғун суғдиён дузабона шуда, тамаддуну фарҳанги онҳоро қабул кардаанд. Ӯ менависад, ки аксари аҳолии Ҳафтрӯд аз Болосоғун то Исфиҷоб дузабона буда, ҳам бо суғдӣ ва ҳам бо туркӣ суҳбат мекунанд [12, с.350; 7, с.46-47].

Бояд гуфт, ки дар давраи миёнаи рушди забонҳои эронӣ забони суғдӣ бо забони бохтарӣ дар як ҳавзаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ қарор дошта, бо ҳам таъсири мутақобила доштаанд. Аз оғози солшумории мелодӣ Суғду Бохтар вилоятҳои марказии шоҳаншоҳии Кушониён (Кушониёни Кабир, Кушониёни Сағир ва Ҳайтолиён) буда, танҳо баъд аз шикасти Ҳайтолиён дар набард бо туркони ғарбӣ дар наздикии Бухоро (солҳои 563-567 мелодӣ) вилояти Суғд ба дасти туркон афтода, Бохтар ё Тахористон ҳамчун давлат тобеи Сосониёни Эрон мегардад.

Осори забони суғдӣ ҳам аз лиҳози хусусиятҳои хоси ин марҳила ба матнҳои суғдии буддоӣ, суғдии монавӣ, суғдии паҳлавӣ ва суғдии насронӣ тақсим мешавад, ҳар яки онҳо дорои хусусиятҳои фарқкунандаи ҳам хат (тарзи навишт ё алифбоҳои буддоӣ, монавӣ, насронӣ) ва ҳам диниву суннатӣ ва фарҳангӣ доранд. Вале бояд тазаккур дод, ки ин хусусиятҳо бештар хосияти тарҷумавӣ ва ё тарҷумазадагӣ доранд ва хусусан ҳангоми таҳияи матнҳои суғдии буддоӣ ба сохти матнҳои буддоӣ ва сохти матнҳои чиноӣ такя шуда, қолабҳои онҳо бетағйир ба забони суғдӣ ворид карда шудааст. Маълум аст, ки суғдиён асосан аз се шакли алифбо дар асоси хатти оромӣ, яъне алифбои суғдӣ, монавӣ ва оромӣ истифода мекарданд. Ба ин низоми алифбоӣ боз матнҳои буддоиро низ, ки бо алифбои суғдии ба ном «хат-сутр»-нимкурсивии суғдӣ, ки то асри X истифода мегардид, бояд шомил кард. Дар оғоз алифбои суғдӣ аз алифбои оромии иқтибосшуда фарқи зиёде надошт. Навишти курсив ё густариши хатти дастнависи суғдӣ ба миёнаҳои асри VII иртибот дорад. Ин тарзи навишт аз рӯи ҳуҷҷатҳои пайдошуда аз қалъаи Муғ бештар маълум аст. Алифбои суғдӣ аз 23 ҳарф ва алифбои суғдӣ-монавӣ аз 29 ҳарф иборат буд. Аз рӯи сохтори вожагонӣ ва овоӣ забони суғдӣ умумияти бештаре ба забони бохтарӣ дорад. Барои ҳамин дар бештари ҳолат барои муайян кардани ин ё он вомгирии вожагонӣ ё фарҳангӣ дар байни ин ду забони шарқии эронӣ душвориҳо ба миён меояд. Масалан, як қатор калимаҳо (вожаҳои «мул»- май, асал, «аспист» - юнучқа, «калон» - бузург) ҳарчанд эҳтимолан решаи бохтарӣ доранд, онҳо иқтибоси суғдӣ муайян шудаанд. Инчунин бояд қайд кард, ки забони портӣ барои суғдиёни монипараст забони ниёишу парастиш буд. Суғдиҳо барои осон хондани дуову ниёишҳо ба забони портӣ, онҳоро бо алифбо ва овонавишти суғдӣ менавиштанд. Матнҳои бад-ин тариқ навишта шуда барои муайян кардани талаффузи воқеии бархе аз садонокҳо ва ҳамсадоҳои портӣ аҳамият ва арзиши илмии зиёд доштанд [7, с.46-47].

Дар пажуҳиши матнҳои суғдӣ нақши донишмандони эроншиноси даврони шӯравӣ, аз қабили Боголюбов М.Н., Смирнова О.И., Лившитс В.А., Хромов А.Л. ва дигарон хеле бузург аст.

Бозёфтҳои аввалин ба забони суғдӣ дар ибтидои садаи XX дар Туркистони шарқӣ (Турфон), ки дорои матнҳои буддоӣ, насронӣ ва монавӣ мебошанд, пайдо шудааст. Ин навиштаҳо бо се намуди хати оромӣ – хатҳои оромии суғдӣ, суриёнӣ ва монавӣ навишта шудаанд. Соли 1933 дар кӯҳи Муғ (Тоҷикистон) як силсила санадҳои дигар, ки аз ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, хоҷагӣ ва ғайра иборат буда, бо номи «Бойгонии Деваштич» низ маъруф аст, пайдо шуд. Ин навиштаҳо барои муайян кардани давраи инкишофи забони суғдӣ ва хусусиятҳои вожагониву дастурии он аҳамияти бузурге доштанд. Қадимтарин навиштаҳои забони суғдӣ бо номи «Номаҳои куҳан» ба асри IV ва боқимондаҳо ба асрҳои VII-X- и мелодӣ тааллуқ доранд.

Бояд қайд кард, ки забони портӣ барои суғдиёни монипараст забони ниёишу парастиш буд. Суғдиҳо барои осон хондани дуову ниёишҳо ба забони портӣ, онҳоро бо алифбо ва овонавишти суғдӣ менавиштанд. Матнҳои бад-ин тариқ навишта шуда барои муайян кардани талаффузи воқеии бархе аз садонокҳо ва ҳамсадоҳои портӣ аҳамият ва арзиши илмии зиёд доштанд [12, с.153-157].

Осори забони суғдӣ ҳам аз лиҳози хусусиятҳои хоси ин марҳила ба матнҳои суғдии буддоӣ, суғдии монавӣ, суғдии паҳлавӣ ва суғдии насронӣ тақсим мешавад, ҳар яки онҳо дорои хусусиятҳои фарқкунандаи ҳам хат (тарзи навишт ё алифбоҳои буддоӣ, монавӣ, насронӣ) ва ҳам диниву суннатӣ ва фарҳангӣ доранд. Вале бояд тазаккур дод, ки ин хусусиятҳо бештар хосияти тарҷумавӣ ва ё тарҷумазадагӣ доранд ва хусусан ҳангоми таҳияи матнҳои суғдии буддоӣ ба сохти матнҳои буддоӣ ва сохти матнҳои чиноӣ такя шуда, қолабҳои онҳо бетағйир ба забони суғдӣ ворид карда шудааст. Маълум аст, ки суғдиён асосан аз се шакли алифбо дар асоси хатти оромӣ, яъне алифбои суғдӣ, монавӣ ва оромӣ истифода мекарданд. Ба ин низоми алифбоӣ боз матнҳои буддоиро низ, ки бо алифбои суғдии ба ном «хат-сутр»-нимкурсивии суғдӣ, ки то асри X истифода мегардид, бояд шомил кард. Дар оғоз алифбои суғдӣ аз алифбои оромии иқтибосшуда фарқи зиёде надошт. Навишти курсив ё густариши хатти дастнависи суғдӣ ба миёнаҳои асри VII иртибот дорад. Ин тарзи навишт аз рӯи ҳуҷҷатҳои пайдошуда аз қалъаи Муғ бештар маълум аст. Алифбои суғдӣ аз 23 ҳарф ва алифбои суғдӣ-монавӣ аз 29 ҳарф иборат буд. Аз рӯи сохтори вожагонӣ ва овоӣ забони суғдӣ умумияти бештаре ба забони бохтарӣ дорад. Барои ҳамин дар бештари ҳолат барои муайян кардани ин ё он вомгирии вожагонӣ ё фарҳангӣ дар байни ин ду забони шарқии эронӣ душвориҳо ба миён меояд.

Масалан, як қатор калимаҳо (вожаҳои «мул»- май, асал, «аспист» - юнучқа, «калон» - бузург) ҳарчанд эҳтимолан решаи бохтарӣ доранд, онҳо иқтибоси суғдӣ муайян шудаанд [9, с.21-22].

Осори забони суғдӣ тақрибан дар тамоми қаламрави густариши ин забон ба даст омадааст. Аввалин намунаҳо аз асри I то мелод тангаҳои юнону бохтарие мебошанд, ки дар водии Зарафшон ёфт шудаанд. Вале пайдо шудани шумораи зиёди сарчашмаҳо ба охири асри XIX ва аввали XX рост меояд.

Дар ин давра аввал дар Туркистони Шарқӣ дастнависҳои зиёде ба хати номаълум ба даст омад. Мутахассисон онро аввал ба хати ӯйғурӣ нисбат доданд. Вале Андреас Ф.К. ин навиштаҳоро бо осори дигар (аз ҷумла ба маълумотҳои «Осор ул-боқия»-и Берунӣ) муқоиса карда, ба хулоса омад, ки ин навиштаҳо ба забони суғдӣ тааллуқ доранд. Аз ҷумла, «Номаҳои куҳан» (нуҳ мактуб болои абрешим ва коғаз) дар ҳамин ҷо пайдо шуданд, ки онро баъзе олимон (Ҳеннинг В.Б) ба асри IV мелодӣ ва Я.Ҳарматта ба соли 196 мелодӣ мансуб медонанд. Ин дастхатҳо бештар ба матнҳои буддоӣ, монавӣ, насронӣ алоқамандӣ дошта, бештари онҳо ба асрҳои VII-VIII тааллуқ доранд. Дар худи сарзамини Суғд солҳои 1931-1933 дар қалъаи Муғ (ноҳияи Айнии Тоҷикистон) бештар аз 74 санаду ҳуҷҷати суғдӣ пайдо шуд, ки он ба номи «Бойгонии Деваштич» маъруф аст. Забони ин навиштаҳо ба забони дастхатҳои дигари аз Туркистони шарқӣ пайдо шуда, наздик аст. Аз забонҳои минтақаи Осиёи Марказӣ забони суғдӣ аз ҳама зиёдтар мавриди таҳқиқу пажӯҳиши забоншиносон қарор гирифтааст.

Забони яғнобӣ, ки яке аз лаҳҷаҳои забони суғдиро дар худ таҷассум намудааст, дар зери ҳимояти давлат қарор дошта, ба ин забон китобҳои дарсӣ низ барои синфҳои ибтидоӣ нашр шудааст.

Алифбои забони суғдӣ ҳам баромади оромӣ дошта, дорои ҳузворишҳо мебошад. Масалан ҳиссачаи инкории «не» дар забони суғдӣ бо идеограммаи L (портии L «не» ва форсии миёнаи L - nē) ифода шудааст. Хатҳои оромии суғдӣ, махсусан хати бо ном «суғдӣ» ба забони уйғурӣ низ гузашта дар асоси он хати уйғурӣ ба вуҷуд оварда шудааст.

Хати забони суғдӣ хатҳои оромии суғдӣ, монавӣ ва суриёнӣ мебошад. Хати суғдӣ аз 23 ҳарф иборат аст, ки 22 ҳарфи он аз алифбои оромӣ буда, 1 аломати махсус барои овози суғдӣ мебошад. Садонокҳои забони суғдӣ дар аввал аз 11 овоз (6 садоноки кӯтоҳ – a, i, e, u, o, ə ва 5 садоноки дароз ā, ī, ē, ū, ō) иборат буда, инчунин чор садоноки мураккаб (ai, au, āi, āu) доштааст. Ҳамсадоҳо аз 19 овоз иборат аст. (k(g), x, γ, č(j), š, ž, t(d) ð, δ, s, z, п, p(b), f, β, m, w, y, r). [12, с.347-373]

Баъдан садонокҳои суғдӣ аз овозҳои a, ā, i, u, ō, ē, ə яъне ҳафт овоз иборат шуда, ки садонокҳои кӯтоҳи он a, i, u хеле ноустувор аст ва махсусан дар байни калима он қадар ҳис карда намешавад. Садонокҳои мураккаб ё дифтонгҳо аз ai, au иборат мебошанд.

Масъалаи таҳқиқи осори хаттии забони суғдӣ баъд аз пайдо шудани бозёфтҳои тоза аз кӯҳи Муғи Тоҷикистон дар солҳои сиюми садаи бист вусъати тоза пайдо кард ва асарҳои зиёди пажуҳишӣ оид ба ҳуҷҷатҳои кашфшуда аз кӯҳи Муғ навишта шуданд. Яке аз онҳо нашри саввуми «Ҳуҷҷатҳои хоҷагидорӣ» аз куҳи Муғ мебошад, ки он аз тарафи Институти халқҳои Осиёи Академияи илмҳои Шӯравӣ соли 1963 чоп шудааст. [1] Ин бахши ҳуҷҷатҳои суғдии бозёфта аз куҳи Муғ аз тарафи Боголюбов М.Н. ва Смирнова Олга Ивановна таҳқиқ, бозхонӣ ва тафсир шудаанд. Бояд гуфт, ки таҳқиқи ҳуҷҷатҳои суғдӣ, ки дар ибтидои солҳои 30-уми қарни XX дар Тоҷикистон дар куҳи Муғ пайдо шуда буданд, аз тарафи эроншиносони Шӯравӣ ба таври муфассал анҷом ёфтаанд. Бахши аввали пажуҳиши ҳуҷҷатҳои суғдӣ ба қалами Фрейман А.А. тааллуқ дошта, ӯ солҳои 1934-1960 ин ҳуҷҷатҳоро таҳқиқ кардааст [15]. Бахши дуюми ин таҳқиқот аз тарафи Лившитс В.А. анҷом ёфта аст [6], ки он ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва дипломатиро дар бар мегирад. Ба таври умум таҳқиқи ҳуҷҷатҳои суғдӣ нишон медиҳад, ки онҳо аз се бахш иборат мебошанд:

1.Номаҳои шоҳзодаҳо ва мансабдорони суғдӣ ва намояндагони онҳо, ки дарбаргирандаи мукотибаҳои дипломатӣ ва идоравӣ мебошанд.

2.Ҳуҷҷатҳои хоҷагидорӣ, ки аксари онҳо сабти воридоти молу маҳсулоти кишоварзӣ (ғалла, ҷав), машрубот, чорводорӣ (пуст), ва силоҳҳои ҷангиро дар бар мегиранд.

3.Ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, ки санадҳои шартномавӣ ва доду гирифти ҳуқуқиро ташкил медиҳанд [8, с.138-143].

Бахши сеюми ин ҳуҷҷатҳо бо номи «Ҳуҷҷатҳои хоҷагидорӣ» 46- ҳуҷҷатро дар бар мегирад, ки қисмати асосии тамоми ҳуҷҷатҳоро ташкил медиҳад. Ин ҳуҷҷатҳо фақат ба як бойгонӣ дахл надоранд. Онҳо ҳадди ақал ба се манбаъ иртибот дошта, баъзеи онҳо ба бойгониҳои ҳукуматдорони Хохсар, Фурнамад, Кштут ва ғайра иртибот доранд. Ҳамаи ин ҳуҷҷатҳо ба як давра, ба чоряки аввали асри VIII-мелодӣ ва ба як минтақа, ба минтақаи Фалғар ё Парғар дар ҳуҷҷатҳои суғдӣ тааллуқ доранд.

Ҳуҷҷатҳое, ки дар асари «Ҳуҷҷатҳои хоҷагидорӣ» бозхонӣ ва тафсир шудаанд, дар бораи ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии як минтақаи Тоҷикистон дар давраи истилои Араб маълумоти фаровон медиҳад. Ин асар аз бахшҳои ҳуҷҷатҳои сабти даромад ва харҷи маҳсулот, забонхатҳо оид ба гирифтан ё додани чизе, фармоишҳо, гузоришҳо иборат аст. Дар бахши феҳристҳо, ки аз феҳристи номҳо, феҳристи номҳои ҷуғрофӣ, феҳристи ҳуҷҷатҳои баррасишуда ва вожанома иборат аст, метавон дар бораи шахсиятҳо ва номҳои сокинони ин минтақа, номи деҳаву маҳалҳо маълумоти муфиди илмӣ пайдо кард.

Дар бахши ҳуҷҷатҳои сабти даромад ва харҷи молу маҳсулот санадҳои бозхонишуда ва тарҷума гардида аз се қисмат иборат аст:

1.Ҳуҷҷатҳои сабти даромад ва харҷи маҳсулоти кишоварзӣ (Б2 ва Б8 ҳуҷҷатҳои аввалия ва умумӣ барои ғалла, машрубот ва ғайра; Б9-даромади машрубот; Б10 ва Б14 воридоти гандум ва ҷав; Б5-харҷ ва додани марҷумак ва B11R-харҷи гӯшт).

2.Ҳуҷҷатҳои сабти молу амвол (1R ва V-сабти маҳсулоти чармӣ, ки барои Деваштич омода шудааст, ё аз тарафи шахсони алоҳида қабул шудаанд; B2, B6, B11V, A1V сабти чарм ва маҳсулоти чармӣ, ки ба шахсони алоҳида дода шудааст; Б1 ва Б12 –феҳристи амволи ҷангӣ ва силоҳ, чарм ва ғайра, ки ба шахсони алоҳида дода шудааст.

3.Ҳуҷҷатҳои пулӣ (Nov 6-феҳристи маблағҳои пулӣ бо дирҳам, ки барои хариди гандум ё фурӯши он аз шахсони гуногун гирифта шудааст; A5 ва A11-феҳристи маблағҳо ба ҳисоби дирҳам, ки барои маоши шахсони алоҳида ва дигар талабот сарф шудааст; B9v- забонхат оид ба 6 яхонт (санги қиматбаҳо) бо нархи умумии 480 дирҳам, ки аз шахсони алоҳида гирифта шудааст, B 27-сабти рӯз ба рӯз ё рузмарраи харҷи даромади пул бо фен (сиккаҳои биринҷӣ) барои муддати як моҳ, ки аввалу охири ин ҳуҷҷат вуҷуд надорад.

Дар бахши забонхатҳо 10 забонхат аз шахсони алоҳида дар барои гирифтани чармҳои гуногун, силоҳҳо ва зиреҳҳои ҷангӣ ва чав бозхонӣ ва баррасӣ шудааст. Аз ҷумла, забонхати хазинадори Кштут барои силоҳҳои ҷанг (тасмабанди миён, гарданбанд, найзаи кутоҳ, зини асп, намадзин (намад дар шакли nmt`k) бозхонӣ шудааст.

Масалан, ҳуҷҷати A 10, ки болои пӯсти чоркунҷа (8, 5X12-14) навишта шуда, аз 11 сатр иборат аст, забонхати як нафар ҳисобчӣ аст, ки бо дасти худаш навиштааст ва замони навиштани он ҳам моҳи ҳафтуми солшумории суғдист. Дар бахши аввали он, яъне дар чор сутуни аввали он чунин омадааст: (Тарҷумаи таҳтуллафз аз русӣ), «(1) Ва гирифтам ман wyšmruk (яъне ҳисобчӣ ё номи ӯ) (2) аз Knčk-а (яъне табиб ё номи ӯ) 10 пӯсти буз, (3) 5 пӯсти гов ҳам майда (4) ва ҳам калон ва як пӯсти хар.».

Дар бахши фармоишҳо ҳуҷҷатҳои A2, A3 ва A18 дар бораи додани сафархарҷӣ ва A16 дар бораи додани машрубот ва ҳуҷҷати A 13 додани маблағ ба сафорат мебошанд. Дар ҳуҷҷати A2, ки аз 10 сатр ё сутун иборат аст, дар бораи додани сафархарҷӣ сухан меравад, ки чунин аст: (1) Аз шоҳи Суғди Самарқанд (2) ҷаноби Деваштич ба фармондори (нан. wtt.y). Салом. Ва вақте (4) номаи маро мегирӣ, дар Рарзи боло (5) ба он одамон 300 (6) капич хурокаи сафар додан лозим аст ба ягон (7) хел таъхир набояд роҳ дод. (8) аз шоҳи Суғди Самарқанд 9) ҷаноби Деваштич ба фармондор (10) (номи фармондор).

Дар бахши гузоришҳо ҳуҷҷатҳое бозхонӣ шудаанд, ки ба шахсони алоҳида ва баъзан номаълум (масалан ҳуҷҷати Б 19) таалуқ доранд. Як ҳуҷҷат Б6 аз номи сокинони деҳаҳои Дарх, Фатмаут, Пахут ва Варзи минтақаи Парғар навишта шудааст, вале, мутаассифона, ба ғайр аз номи деҳаҳо қисмати дигари матн боқи намондааст.

Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, ҳуҷҷатҳои қалъаи Муғ дар 8-километрии деҳаи Кум бештар ба Деваштич, Афшини Панҷакат ва минбаъд Афшини Суғд (муддати ду сол) тааллуқ доранд. Бояд гуфт, ки деҳаи Кум ҷоест, ки дар он задухурд ва муҳорибаи охирини Деваштич бо арабҳо соли 722 мелодӣ рух додааст. Дар ин муҳориба сарбозони Деваштич шикаст хурда, ба қулъаи назди он паноҳ мебаранд. Ин ҳуҷҷатҳо дар харобаҳои ошёнаи якуми қалъаи Муғ дар шакли навиштаҳои болои қоғаз, пӯст ва чӯб пайдо шудаанд. Аз рӯи навиштаи ин ҳуҷҷатҳо муайян кардан мумкин аст, ки онҳо дар куҷо навишта шудаанд.

Бахше аз онҳо дар шаҳри Панҷакент ва қисмати дигаре аз онҳо дар минтақаи Фалғар таҳия шудаанд. Номҳои ҷуғрофии ин минтақа низ оварда шудаанд. Масалан: Деҳаҳои ноҳияи Фалғар дар шакли Моғиён, Кштут, Маргузар, Вешист, Мадм, Кум, Зароватк, Искодар, Хшикат, Варз ва деҳаҳои Болооби Зарафшон, Анзоб, Фатмев, Пахут, Шавкат, Вишап, Дарх, Мадрушкат дар ҳуҷҷатҳои суғдӣ омадаанд. Ин маълумотҳо барои омӯзиши номҳои ҷуғрофии ин минтақа аҳамияти бузурги илми доранд.

Дар феҳристи номҳои ҷуғрофӣ муаллифони ин китоб дар бораи топонимикаи таърихӣ, яъне тафсири таърихии номҳои ҷуғрофии ин минтақа маълумоти муфассал додаанд, ки имрӯз ҳам аҳамияти илмии худро гум накардаанд. Масалан, Дарх ё ба шакли имрӯзӣ Дарғ чунин тафсир шудааст: δvyh: Б15 (10)- деҳае дар Фалғар: яғнобии дарғ, бо хатти арабӣ (درغ), тоҷикии Дарғ.

Дарғи имрӯзӣ дар соҳили рости дарёчаи Матчо, байни деҳаҳои Вишап ва Обурдон ҷойгир аст: Дар давраи Бобур охирин маҳалли маскунии Фалғар ҳисоб мешуд. Дар асри XIX дар Дарғ 80 хонавор зиндагӣ мекард ва ду масҷиду ду осиёб дошт». [1, 203] Ҳамин гуна маълумоти муфассалро дар бораи дигар минтақаҳои аҳолинишини ин ноҳия дар феҳристи номҳои ҷуғрофӣ пайдо кардан мумкин аст.

Аҳамияти бузурги дигари пайдо шудани ин ҳуҷҷатҳо тарзи қабул, таҳия ва ҷобаҷогузории ҳуҷҷатҳо дар бойгонӣ мебошанд. То пайдо шудани ин ҳуҷҷатҳо дар бораи тарзи пешбурди коргузорӣ ва дафтардорӣ, қабули ҳуҷҷатҳо, нигаҳдории онҳо ва тартиби сабти онҳо дар минтақаи Осиёи Марказии пеш аз исломӣ маълумоте вуҷуд надошт. Албатта, баъзе санаду ҳуҷҷатҳои ҷудогона мавҷуд буданд, вале онҳо ба чигунагии тартиби коргузорӣ дар ин давра маълумот намедоданд. Дар асоси ҳуҷҷатҳои аз кухи Муғ пайдошуда, мо имрӯз метавонем бо боварии комил бигуем, ки гузаштагони мо дар пешбурди ҳуҷҷатгузорӣ таҷрибаи бузурге доштаанд. Ҳуҷҷатҳои хоҷагидорӣ дар забони суғдӣ аз рӯи ҳуҷҷатҳои бозёфта аз кухи Муғ ба як тартиби муайян таҳия мешуданд. Аз рӯи ин ҳуҷҷатҳо маълум мешавад, ки ҳуҷҷатгузории идоравии маҳалҳо се марҳиларо дар бар мегирад. Аввал ҳуҷҷатҳое ҳастанд, ки бо номи ҳуҷҷатҳои аввалия воридоти молу маҳсулотро ба таври умумӣ ва якҷо сабт мекунанд, баъдан дар асоси ин ҳуҷҷатҳои аввалия ҳуҷҷатҳои умумӣ тартиб дода мешаванд. Ин ҳуҷҷатҳо молу маҳсулотро бахш ба бахш ва соҳа ба соҳа ҷудо карда, онҳоро ба як тартиби муайян бо нишон додани рӯзу моҳи ворид шудани мол ва сарфи он сабт менамоянд. Ин гуна ҳуҷҷатҳо аз як моҳ то чанд солро дар бар мегиранд. Масалан: дар ҳуҷҷатҳои умумӣ маҳсулот бо мол якҷоя наомадааст. Онҳо дар ин гуна ҳуҷҷатҳо ба таври ҷудогона ҳам даромад карда мешаванд ва ҳам сарфи онҳо ё харҷи онҳо алоҳида нишон дода мешаванд. Масалан, дар ҳуҷҷати Б2 маълумот роҷеъ ба даромад ва харҷи маҳсулот (машрубот ва ғалла) дар муддати ним моҳ аз 28-уми моҳи дуюми гоҳшумории суғдӣ то 14-уми моҳи сеюми солшумории суғдӣ рӯз ба рӯз нишон дода шудааст. Инчунин дар ҳуҷҷати Б8 харҷӣ рӯз ба рӯзи маҳсулот сабт шудааст.

Як бахши санадҳои хоҷагидориро ҳуҷҷатҳои пулӣ ташкил медиҳанд. Ин гуна ҳуҷҷатҳо онҳое мебошанд, ки дар онҳо маблағҳо дар шакли пулии дирҳам (сиккаҳои мисӣ) ва биринҷӣ (бо номи фен) нишон дода шудаанд. Ин ҳуҷҷатҳо нишон медиҳанд, ки дар Суғди пеш аз исломӣ муносибатҳои пулӣ хеле ривоҷ доштааст. Аз рӯи ин ҳуҷҷатҳо муайян кардан мумкин аст, ки ҳаҷмӣ мубодилаи маҳсулот дар як муддати муайян чи қадар маблағро ташкил медиҳад. Масалан муайян кардан мумкин аст, ки нархи чорво, маҳсулоти чорво, силоҳҳои ҷангӣ, пойафзол дар он давра чи қадаранд? Аз рӯи ҳуҷҷатҳои А5 ва А11 мебинем, ки нархи як аспи саворӣ 200 дирҳам будааст ё пойафзоле бо номи кафшӣ як ё ду дирҳам будааст, зиреҳи ҷанговарон 12 дирҳам, тоскулоҳ ду дирҳам. Аз рӯйи ин санадҳо барои хидматҳои алоҳида низ маоши муайян таъйин мешудааст. Масалан аз рӯи санади пулии А5 барои хариди асп 100 дирҳам, барои маоши руҳоние, ки рутбаи болотаре дорад, 50 дирҳам сарф шудааст. Бояд гуфт, ки сиккаи пули дирҳам дар Бохтар ҳам ба ҳамин шакли дирам вомехӯрад ва ин собит месозад, ки ҳам дар Суғд ва ҳам дар Бохтар низоми ягонаи пуливу арзӣ дар он замон вуҷуд доштааст. Дар як санади дигар таҳти рақами Б15 дар бораи фармони Деваштич оид ба фиристодани гӯсфандон (63-гӯсфанд) ва инчунин аз тарафи фармондори ин минтақа ҷамъоварии меваҷот сухан меравад.

Албатта, саҳми донишмандони ховаршиноси сатҳи ҷаҳонӣ дар бозхонии матнҳои суғдӣ бениҳоят бузург аст. Вале имрӯз ҷойи онҳо холист. Имрӯз бояд Китобхонаи миллии Тоҷикистон дар Конуни забони хеш ва дигар муассисаву марказҳои пажуҳишӣ таҳқиқу

бозхонии матнҳои бостониро на танҳо аз забони суғдӣ, балки забонҳои дигари эронӣ, ба монанди бохтарӣ, портӣ, хоразмӣ ба роҳ монанд. Масалан, дар солҳои охир осори гузаштагони мо ба забонҳои суғдӣ ва бохтарӣ пайдо шуда ва онҳо дар марказҳои эроншиносии Ғарб (Берлин ва Лондон) бозхониву тафсир шуда истодаанд. Вале мо соҳибони аслии ин осор хомушем. Ҳол он ки донистани таърихи воқеии ин сарзамин аз донистану манзури фарҳангиёни кардани осори гузаштагони мо сарчашма мегирад.

А Д А Б И Ё Т

1. Боголюбов М.И. Согдийские документы с горы Муг. (Языковые данные) / М.И. Боголюбов // Труды XXV Международного конгресса востоковедов. Т.2. - М., 1963.
2. Боголюбов М.И., Смирновой О.И. Хозяйственные документы. Чтение перевод и комментарии / М.И. Боголюбов, О.И. Смирновой. - М., 1963.
3. Ливщиц В.А. Согдийские слова в таджикском языке / В.А. Ливщиц // Известия АН Таджикской ССР, 1957. - №14.
4. Ливщиц В.А. Согдийские документ В-4 с горы Муг / В.А. Ливщиц. - НВ, 1959. - №6.
5. Ливщиц В.А. Иранские языки народов Средней Азии / В.А. Ливщиц // Народы Средней Азии и Казахстана. Т.1. - М., 1962.
6. Ливщиц В.А. Юридические документы и письма. Чтение, перевод и комментарии / В.А. Ливщиц. - М., 1962.
7. Назарзода С. Имло ва забони адабӣ / С. Назарзода. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015.
8. Назарзода С. Пояҳои густариши забони миллӣ / С. Назарзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2016.
9. Назарзода С. Пажӯҳише дар таърихи забони тоҷикӣ / С. Назарзода. – Душанбе: Дониш, 2021.
10. Оранский И.М. Иранские языки / И.М. Оранский. - М., 1963.
11. Оранский И.М. Введение в иранскую филологию / И.М. Оранский. - М., 1960.
12. Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки. - М., 1981.
13. Смирнова О.И. Корпус согдийских монет / О.И. Смирнова. - М., 1978.
14. Стеблин-Каменский И.М. Бактрийский язык. Основы. – М.: 1981. – С.318.
15. Фрейман А.А. Описание, публикации и исследование документов с горы Муг / А.А. Фрейман. - М., 1962.
16. Tarn W.W. The Greeks of Bactria and India. – Cambridge, 1951. - C.508-510.

ЗАБОНИ СУҒДӢ ВА ТАҲҚИҚИ МАТНҲОИ ОН АЗ НАЗАРИ ЗАБОНШИНОСӢ

Осори забони суғдӣ ҳам аз лиҳози хусусиятҳои хоси ин марҳила ба матнҳои суғдии буддоӣ, суғдии монавӣ, суғдии паҳлавӣ ва суғдии насронӣ тақсим мешавад, ҳар яки онҳо дорои хусусиятҳои фарқкунандаи ҳам хат (тарзи навишт ё алифбоҳои буддоӣ, монавӣ, насронӣ) ва ҳам диниву суннатӣ ва фарҳангӣ доранд. Вале бояд тазаккур дод, ки ин хусусиятҳо бештар хосияти тарҷумавӣ ва ё тарҷумазадагӣ доранд ва хусусан ҳангоми таҳияи матнҳои суғдии буддоӣ ба сохти матнҳои буддоӣ ва сохти матнҳои чиноӣ такя шуда, қолабҳои онҳо бетағйир ба забони суғдӣ ворид карда шудааст. Маълум аст, ки суғдиён асосан аз се шакли алифбо дар асоси хатти оромӣ, яъне алифбои суғдӣ, монавӣ ва оромӣ истифода мекарданд. Ба ин низоми алифбоӣ боз матнҳои буддоиро низ, ки бо алифбои суғдии ба ном «хат-сутр»-нимкурсивии суғдӣ, ки то асри X истифода мегардид, бояд шомил кард. Дар оғоз алифбои суғдӣ аз алифбои оромии иқтибосшуда фарқи зиёде надошт. Навишти курсив ё густариши хатти дастнависи суғдӣ ба миёнаҳои асри VII иртибот дорад. Ин тарзи навишт аз рӯи ҳуҷҷатҳои пайдошуда аз қалъаи Муғ бештар маълум аст. Алифбои суғдӣ аз 23 ҳарф ва алифбои суғдӣ-монавӣ аз 29 ҳарф иборат буд. Аз рӯи сохтори вожагонӣ ва овоӣ забони суғдӣ умумияти бештаре ба забони бохтарӣ дорад. Барои ҳамин дар бештари ҳолат барои муайян кардани ин ё он вомгирии вожагонӣ ё фарҳангӣ дар байни ин ду забони шарқии эронӣ душвориҳо ба миён меояд. Масалан, як қатор калимаҳо (вожаҳои «мул»- май, асал, «аспист» - юнучқа, «калон» - бузург) ҳарчанд эҳтимолан решаи бохтарӣ доранд, онҳо иқтибоси суғдӣ муайян шудаанд. Дар шароити имрӯзӣ пажуҳиши матнҳои забони суғдӣ аҳамияти бузурги илмӣ касб кардааст.

Калидвожаҳо: забон, забони суғдӣ, алифбо, хат, матн, дастнавис.

СОГДИЙСКИЙ ЯЗЫК И ЛИНГВИСТИЧЕСКОЕ ИЗУЧЕНИЕ СОГДИЙСКИХ ТЕКСТОВ

Письменные источники согдийского языка также с точки зрения особенных характеристик этой эпохи делятся на тексты согдийско-буддийские, согдийско-манихейские и согдийско-христианские. Каждый из них является носителем отличительных качеств культурно-исторического характера (письменность или алфавит, буддийский, манихейский, христианский, религиозная принадлежность, культура и т. д.). Известно, что согдийцы пользовались, в основном, тремя разновидностями письменности на основе арамейского письма: собственно согдийской, манихейской сирийской письменностью. Сюда можно включить и буддийские тексты, написанные особенным согдийским алфавитом, так называемое «письмо - сутр» - согдийский полукурсив, применявшийся вплоть до X в. Ранее согдийское письмо мало отличалось от исходного арамейского алфавита. Развитый курсив появляется к середине VII в., он известен по многим согдийским письменным источникам, прежде всего по документам, найденным в крепости на горе Муг. Согдийский алфавит состоял из 23 букв, а согдийско-манихейский алфавит – из 29 букв. По лексическому составу и по фонетике согдийский язык имеет много общего с бактрийским языком. Поэтому в большинстве случаев возникают трудности в определении принадлежности тех или иных лексических или культурных заимствований этим восточно - иранским языком. Например, ряд слов (слово «мул» - вино, мед, «аспист» - люцерна, «калон»-большой), вероятно, бактрийского происхождения, хотя они определены как заимствования из согдийского языка. Таким образом, в настоящее время научное лингвистическое исследование согдийких текстов приобретает большое научное значение.

Ключевые слова: язык, согдийский язык, алфавит, письменность, текст, рукопись.

SOGDIAN LANGUAGE AND LINGUISTICS LEARNING OF SOGDIAN TEXTS

The written sources of the Sogdian language are also divided into Sogdian-Buddhist, Sogdian-Manichaean and Sogdian-Christian texts from the point of view of the special characteristics of this era. Each of them is a carrier of distinctive qualities of a cultural-historical nature (writing or alphabet, Buddhist, Manichaean, Christian, religious affiliation, culture. It is known that Sogdians used mainly three varieties of writing based on Aramaic writing: actually Sogdian, Manichaean Syriac writing. This can include Buddhist texts written in a special Sogdian alphabet, the so-called "letter - sutras" – the Sogdian half-italic, which was applied up to the 10th century. Earlier Sogdian writing was not much different from the original Aramaic alphabet. The developed italics appears in the middle of the 7th century known by many Sogdian written sources, primarily by documents found in the fortress on Mount Mug. The Sogdian alphabet consisted of 23 letters, and the Sogdian-Manichaean alphabet consisted of 29 letters. In terms of lexical composition and phonetics, the Sogdian language has much in common with the Bactrian language. Therefore, in most cases, difficulties arise in determining the ownership of certain lexical or cultural borrowings in this East Iranian language. For example, a number of words (the word “mule” – wine, honey, “aspist” – alfalfa, “kalon” – large) is probably of Bactrian origin, although they are defined as borrowings from the Sogdian language. Thus, at present, the linguistic study of Sogdian texts is of great scientific importance.

Key words: language, Sogdian language, alphabet, writing, text, manuscript.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Назарзода Сайфиддин*** – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илми филология, узви вобаста. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ 21.
Тел.: **(+992) 985-624-4-44**

Сведение об авторе: ***Назарзода Сайфиддин*** - Национальная академия наук Таджикистана, доктор филологических наук, член-корреспондент. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан. г. Душанбе, пр. Рудаки, 21. Тел.: **(+992) 985-62-44-44**

Information about the author: ***Nazarzoda Sayfidddin*** – National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Philological Sciences, Correspondent-Member. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 21. Phone.: **(+992) 985-62-44-44**

УДК: 492.7.09

НАЗАРЕ БА ТАРҶУМА ВА ШАРҲИ КОМИЛИ "МАСНАВИИ МАЪНАВӢ"-И ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ БА ЗАБОНИ АРАБӢ

Сулаймонов С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

لقد تأخّر هذا المثنوي فترة من الزمان
فالمهلة واجبة حتى يتحوّل الدم الى حليب
Муддате ин Маснавӣ таъхир шуд,
Муҳлате бояд, ки хун ҳам шир шуд.

Бо ин шоҳбайти таърихии "Маснавии маънавӣ"-и Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ мақоларо оғоз карда, ишора менамоем, ки тарҷума яке аз падидаҳои муҳим ва қадими фарҳангии инсониятаз замонҳои куҳан ва то кунун нақши бузурги забонӣ, маърифатӣ, адабӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣдошта, бешак тарҷумонҳо аз аввалин қишрҳои ҷомеаи башарӣ будаанд, ки халқҳо, инсонҳо ва фарҳангҳои ҷаҳонро боякдигарошно сохтаанд. Ба қавли маъруфи нависандаи бузург А.С. Пушкин "Тарҷумонҳо - аспони муждарасон ва ё сафирони бузурги маорифпарварӣ"маҳсуб мешаванд [2].

Бо назардошти ҳамин андешаи нависандаи шаҳиртарҷума ҳамчун воситаи бозгардони гуфтори як инсон баинсони дигар, шинос кардани як қавмият ба нажоди дигар ва паҳну густариш додани илму адаб дар таърихи башарият рисолати муқаддас ва воқеан муҳими таърихӣ ва иҷтимоии худро дар замони нав низ идома дода истодааст. Ба шарофати пешрафти босуръати илм гунаҳои нав ба нави тарҷумаҳо рӯйи кор омадаистода, метавон гуфт, ки ин падидаи адабӣ ва фарҳангӣ дар шаклҳои мухталифи худ имрӯз ҳам яке азмуҳимтаринва таъсирноктарин воситаҳои маърифатшиносӣ мебошад.

Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни ҲусайнБаҳоуддин дар шашуми рабиъ ал-аввали соли 604 ҳ. баробар ба 30 декабри 1207 милодӣ дар хонадони фақеҳи маъруфи вақт Баҳоуддин Валад мулаққаб бо "Султонулуламо" ба дунё омадааст. Ривояте ҳаст, ки лақаби мазкурро ба падари Мавлоно Баҳоуддин Валад ҳазрати Муҳаммад гузоштааст, ки онро ҳама уламои Балх дар як шаб дар хоб дидаанд. Ҳазрати Мавлоно дар рӯзи панҷуми ҷумода -л-охири соли 672 ҳ. баробар ба ҳабдаҳуми декабри соли 1273 ҷаҳони фониро падруд гуфтааст [1, с.8, 30].

Ҳадафи гузориши банда шиносонидани донишмандон ва ҳаводорони забон ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба тарҷумаи нав ва комили илмии яке аз шоҳкориҳои мондагори адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва бешубҳа, адабиёти ҷаҳон "Маснавии маънавӣ" ба забони арабӣ мебошад, ки онро профессор, раиси бахши забонҳои шарқии факултети адабиёти Донишгоҳи ҚоҳираИброҳим ад-Дасуқӣ Шито дар соли 1996 анҷом дода, дар соли 2014 дар Қоҳира дар 6 ҷилд ба чоп расонидааст.

Маврид ба ёдоварист, ки ҳангоми таҳқиқи тарҷумаи арабии "Маснавии маънавӣ"бо мақсади дақиқ кардани миқдори абёти ба арабӣ тарҷумашудаи асар бар асоси матни Р.Николсон ва муқоисаи он бо нусхаҳои дигар, ки онро Баҳриддин Ализода (Алавӣ), Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ таҳия, танзим ва баргардон намуда, соли 1379 ҳ./2001 дар Теҳрон бачоп расонидаанд, истифода намудем.

"Маснавӣ" ҳанӯз барвақт дар адабиёти араб мавриди тарҷума, шарҳу эзоҳ ва таҳқиқот карор гирифта, дар солҳои охир диққати донишмандонро аз нав ба худ ҷалб сохта, тарҷумаҳои комил ва пухтаи асар рӯйи кор омадаанд, ки аз зумраи онҳо тарҷумаи профессор Иброҳим ад-Дасуқӣ мебошад, ки роҷеъ ба мазмун ва мундариҷаи он дар ин ҷо таваққуф менамоем.

Мутарҷим дар тарҷумаи дафтари дуюми "Маснавӣ" роҷеъ ба оғози шарҳҳо ва тарҷумаҳои "Маснавӣ" ба забони форсӣ-тоҷикӣ ишора карда,ишорат менамояд,ки ҳанӯз аз даврони қадим шарҳу тавзеҳоти асар оғоз гардида, аз аввалин донишмандоне,ки ба ин амал даст задааст, Аҳмад ар-Румӣ ҳамасри Султонвалад фарзанди Мавлоно будааст,ки асари худро "Дақоиқ ал-ҳақоиқ" номгузорӣ кардааст.МуҳаққиқидигарҲусайн ал-Хоразмшоҳӣ дар шарҳи "Маснавӣ" манзумае бо номи " Кунуз ал-ҳақоиқ фӣ румуз ад-дақоиқ" ва шарҳи дигаре бо номи "Ҷавоҳир ал-асрор ва завоҳир ал-анвор" таълиф кардааст.Ҳамчунин шарҳҳои дигареро аз шайх Сараҳзии ал-Чархӣ (ваф.851 ҳ.) ба "Китоби ной" ("Нойнома"),шарҳи Абдураҳмони Ҷомӣ ба ҳамин китоб, шарҳи Шоҳидӣ Дода (тав.570ҳ.),

Зарифӣ Ҳасан Чалабӣ бо номи "Кошиф ал-асрор",Ҷалолуддин ас-Собунӣ (тав.948), Нуруллоҳ аш-Шуштарӣ (тав.1019), ал-Қусурӣ (тав.1106) бо номи "Асрори Маснавӣ ва анвори маънавӣ", шарҳҳои Ҳодии Сабзаворӣ, Бадеъуззамон Фурӯзонфар, Муҳаммад Истеъломӣ, Абдулбоқӣ Гулпинорли, ки ба форсӣ тарҷума шудааст, аз зумраи чунин шарҳҳо мебошанд.

"Маснавӣ" ба забони арабӣ низ мавриди тарҷума ва шарҳҳо қарор гирифта, бори аввал онро Юсуф ибни Аҳмад дар соли 1817 зери унвони " Ал-Манҳаҷ ал-қавӣ ли туллоб ал-Маснавӣ" таълиф кардааст, ки соли 1872 дар Қоҳира ба чоп расидааст. Тарҷумаи "Ҷавоҳир ал-осор фӣ тарҷамат "Маснавӣ" Мавлоно Худовандгор"-и Абдулазиз Соҳиб ал-Ҷавоҳир дар 6 ҷилд дар Теҳрон ба чоп расидааст. Устод Абдулваҳоб Изом аз донишмандони маъруфи араб мухтороти мухтасаре аз "Маснавӣ" бо номи " Фусул мин ал-Маснавӣ" дар соли 1946 дар Қоҳира ба чоп расонидааст.

Тибқи таҳқиқоти мутарҷими "Маснавӣ" ба забони арабӣ ин шоҳкории бузурги адабӣ ба забонҳои аврупоӣ низ тарҷума шудааст, ки муҳимтарин ва калонтарини онҳо тарҷумаи англисии ховаршинос Р. Николсон мебошад, ки дар тайи солҳои 1925-1950 ва мухтороти он бо номи "Talesof mustic Meaning (London 1961) ба чоп расидаанд. Арабшиноси англис Арберӣ бо номи "Tales from the more Tales from the Masnawi", London, 1847 як таҳқиқот анҷом додааст. Пеш аз тарҷумаҳои Арберӣ ва Николсон тарҷумаҳои дигаре аз Болмар дар бораи ной бо номи "The song of the read", London, 1847, тарҷумаҳои Раҳовис 1881, Вилсон (дафтари 1-2), таҳқиқи Анна Мария Шамел бо номи " The triumphal Sun, astudy of the works of: Jalaladdin Rumi", ки онро Ҳасан Лоҳутӣ ба форсӣ тарҷума кардааст ва зери унвони "Шукӯҳи Шамс" ба чоп расидааст ва дигар тарҷумаҳо ба фаронсавӣ, олмонӣ, чехӣ, русӣ ва ғайраро зикр кардааст.

Роҷеъ ба тарҷумаи нави арабии "Маснавӣ" ба забони арабӣ ва ангезаҳои аз нав тарҷума кардани матни комили "Маснавӣ" профессор Иброҳим ад-Дасукӣ чунин далелҳои илмӣ ва инсонӣ пешниҳод менамояд, ки мо дар ин ҷо фишурдаи онҳоро ба хонанда ва муҳаққиқи тоҷик пешкаш месозем. «Ба хонандаи араб ва ошиқони адабиёти волои ирфонӣ матни яке аз аҷибтарин матнҳои ирфонӣ нусхаи комили "Маснавӣ"-и Ҷалолуддини Румиро дар 6 ҷилд тақдим менамоем». Мутарҷим доир ба тарҷумаҳои асар таваққуф карда, ишорат менамояд, ки «китоби сеюми "Маснавӣ"-ро соли 1992 пасон китоби чаҳорумро бо маблағи шахсии худ соли 1993 ба чоп расонидам. Ҳангоми ба чоп омода кардани дафтарҳои панҷум ва шашум ошиқони ирфони исломӣ пешниҳод карданд, ки дафтарҳои якум ва дуюмро, ки устоди шодравони банда профессор Муҳаммад Абдуссалом Кафофӣ тарҷума карда буд, аз нав тарҷума ва ба чоп расонам, то тарҷума ва шарҳи асар мукаммал ба табъ расад. Дарвоқеъ, манн дар оғоз дар қабули ин пешниҳод дудилагӣ зоҳир кардам, зеро дафтари аввал ва дуюми асарро худи устодам тарҷума карда буданд. Воқеан, ман дар оғоз тарсидам, тарҷумаи нави асар аз ҷониби ман як навъ эътироз ба тарҷумаи устодам ё коҳонидани мақом ва манзалати ӯ нагардад, зеро чунин андеша дар лавҳи хотирам ҳам вуҷуд надошт. Лекин зарурати аз нав ва пурра ба хонанда ва муҳаққиқ пешниҳод кардани матни комили "Маснавӣ" ва чанд омили дигар маро водор сохт, ки ба амали сохтани ин кори бузург ва хайр камари ҳиммат бар занам. Омилҳои зерин сабабгори даст задани банда ба тарҷумаи нав ва комили "Маснавӣ" ба забони арабӣ гардид:

1) Аз замоне, ки устоди зиндаёд ва шодравонам дафтарҳои аввал ва дуюми "Маснавӣ"-ро тарҷума ва ба чоп расонда буданд, зиёда аз чаҳоряк аср гузашта, дар ин муддат, ба матни асосии асар ва он ҳам матни ховаршиноси англис Николсон баъди пайдо гардидани нусхаи Қуния, ки 5 сол баъд аз вафоти Мавлоно тадвин гардида буд, тағйир ва иловаҳо ворид гардида, чопҳои нави "Маснавӣ" масалан, чопи Муҳаммадтаққии Ҷаъфарӣ рӯйи кор омад, ки зиёда аз ҳазор байти навро илова карда буд. Гузашта аз ин, ҷойҳои норавшане дар матн вуҷуд дошт, ки онҳоро дар ҳошияии шарҳи тарҷумаи арабии "Маснавӣ" ишора кардаем.

2) Ҳамчунин, дар ин муддат чандин шарҳҳои "Маснавӣ" ба забонҳои форсӣ ва туркӣ руйи кор омад, ки яке аз онҳо шарҳи донишманди мавлавишиноси турк Гулпинорлӣ ба забони туркӣ мебошад, ки чанд муддат пеш ба забони форсӣ низ тарҷума гардид. Шарҳи мавлавишиноси маъруфи Эрон Бадеъуззамон Фурӯзонфарро Сайидҷаъфар Шаҳидӣ ба анҷом расонид ва дар ҳоли ҳозир машғули омодасозии ҷузъҳои дигар он аст ва ҳамчунин шарҳи Муҳаммад Истиъломӣ. Илова бар ин шарҳҳо ва таҳқиқоти муҳими Анна Мария Шамел ва Абдулҳусайни Заринкӯб рӯйи кор омаданд.

3) Чунончи дар муқаддимаи китоби сеюми "Маснавӣ" ишора кардем, матни асар дорои зарфиятҳои мухталифи фаҳмиш мебошад, зеро хонандаи матн онро ба шакле мефаҳмад, ки аз тарҷумаи пештараи он фарқ дорад. Тарҷумаи устод Кафофӣ аз аввалин ва дуюмин тарҷумаи асар ба забони арабӣ ба ҳисоб намеравад, зеро онҳоро пештар Юсуф ибни Аҳмад ал-Мавлавӣ ва Абдулазиз Соҳиб ал-Ҷавоҳир тарҷума карда буданд. Илова бар ин, дар ин ҷода чанд тарҷумаи асар ба забони англисӣ мавҷуд аст. Аз ин рӯ, ман дар ҳошияҳои тарҷумаи худ дар бораи ихтилофоти китобҳои аввал, дуюм ва тарҷумаи устодам ишора накардаам, зеро масъала сари хато ё дуруст будани тарҷума нарафта, ҳар яки мо "Маснавӣ"-ро аз дидгоҳи ҷаҳонбинӣ ва фаҳму дарки шахсии хеш арзёбӣ менамоем.

4) Ман дар шарҳҳои чопи нави комили "Маснавӣ" ба сурати фарогир ва мукаммал муносибат кардаам, зеро Мавлоно дар "Маснавӣ" бархе аз масъалаҳоро дар ҷойе ба сурати муҷаз ва мухтасар баён карда, онҳоро дар ҷойи дигар ба сурати густурда баён месозад ва ҳар ҷузъ ба ҷузъҳои дигар пайванди хоссаеро доро мебошад. Дар ҳар сурат, дар "Маснавӣ" нуқоти зиёде вуҷуд дорад, ки ҳар кас аз руйи зарфият ва ҷаҳонбинии худ дар фаҳми он муносибат карда, андешаи худро дар бораи ин донишномаи ирфонӣ баён месозад».

Чунончи маълум аст, аз "Маснавии маънавӣ" нусхаҳои хеле зиёд дар китобхонаҳо ва марказҳои ховаршиносии ҷаҳон маҳфуз буда, бори нахуст матни илмӣ-интиқодии "Маснавӣ"-ро ховаршиноси англис Р.А. Николсон дар солҳои 1925-1937 омода ва табъ расонидааст. Минбаъд дар Эрон матни пурраи асар ва қисматҳои алоҳидаи он чандин маротиба нашр гардид, ки матни таҳиякардаи Муҳаммад Истеъломӣ, Абдулкарими Сурушва матни дар заминаи матни Р.А. Николсон таҳиякардаи Азизуллоҳи Косиб аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Ҷойи тазаккур аст, ки Иброҳим ад-Дасуқӣ, чунончи дар муқаддимаи тарҷумаи "Маснавӣ" ба забони арабӣ менависад, тарҷумаи комил ва шарҳи асари Мавлоно Ҷалолуддини Румиро аз рӯйи нусхаи таҳиякардаи Муҳаммад Истеъломӣ, ки дар Теҳрон дар интишороти "Зуввор" ба чоп расидааст, анҷом додааст. Ин чопҳо ҷилди аввал аз соли 1360 ҳ.ш./ 1981 оғоз гардида, ҷилди 6-уми он дар соли 1991 ба итмом расидааст. Ин чоп бо нусхаи мусаввари дастхати дар Қуния мавҷудбудаи "Маснавӣ" дар музеи Мавлоно ва ҳамаи дигар нусхаҳои чопии "Маснавӣ", махсусан нусхаи илмӣ- интиқодии Р.А.Николсон ва Сайидмуҳаммад Таққии Ҷаъфарӣ муқоиса шудааст.

Тарҷумаи Иброҳим ад-Дасуқӣ бо номи "Маснавӣ Мавлоно Ҷалолуддин ар-Румӣ" (*тарҷама-ҳу ва шараҳа-ҳу ва қаддама ла-ҳу Иброҳим ад-Дасуқӣ*) *аз* 6 ҷилд иборат буда, ҷилди аввал - 611 с.; ҷилди дуюм - 486 с.; ҷилди сеюм - 656 с.; ҷилди чаҳорум - 635 с.; ҷилди панҷум - 441 с. ва ҷилди шашум - 680 с.- ро ташкил медиҳад. Дар маҷмуъ матни тарҷума ва шарҳҳои Иброҳим ад-Дасуқӣ ба забони арабӣ 3509 саҳифаро ташкил дод.

Теъдоди абёти тарҷумаи арабии "Маснавӣ" аз ҷониби Иброҳим ад-Дасуқӣ дар муқоиса бо чопи Теҳрон дар соли 2001 дар маҷмуъ 25685 байтро ташкил дода, дафтари якум 4018 байт, дафтари дуюм 3826 байт, дафтари сеюм 4814 байт, дафтари чаҳорум 3856 байт, дафтари панҷум 4241 байт ва дафтари шашум 4931 байтро ташкил доданд. Чунончи аз муқоисаи ин ду чоп муайян гардид, теъдоди абёти ба арабӣ тарҷумашуда ҳамон аст, ки чопи Теҳрон соли 2001 фаро гирифтааст.

Тарзи кори ад-Дасуқӣ дар шарҳи тарҷумаи арабии он аз ин қарор аст:

Дафтари аввали тарҷумаи арабии "Маснавӣ" аз 611 саҳифа ва 4018 байт иборат буда, 349 саҳифаро тарҷумаи матни "Маснавӣ" ва 261 саҳифаро шарҳу эзоҳи мутарҷим ад-Дасуқӣ ташкил додааст. Мутарҷим дар дафтари аввали "Маснавӣ" ба "Шарҳи зиндагиномаи Мавлоно Ҷалолуддин ар-Румӣ" пардохта, дар муқаддима сараввал дар бораи сабаби даст задан ба тарҷумаи асар шарҳу баён тақдим намуда, зиндагиномаи Мавлоноро аз даврони кӯдакӣ, оғози сафарҳо ва мусофирати хонаводаи ӯ аз Балх, сабабҳои мусофират ба кишварҳои араб ва Қунияро макони зист қарор додан, устодон ва пирҳои ӯ: Маҳдии Муҳаққиқ, Шамсиддини Табрезӣ, Салоҳиддини Заркӯб ва Ҳисомиддини Чалабӣ, маълумоте пешкаш месозад, ки асосан дар корҳои мавлавишиносӣ ва таҳқиқоти ховаршиносон ва муҳаққиқони маҳаллӣ дар Эрон ва кишварҳои араб ишорат гардидаанд. Тарзи тарҷумаи ад-Дасуқӣ ба ин сурат аст, ки ӯ ҳар 5 байти "Маснавӣ"-ро зери як рақам, ки мутарҷим ҳама байтҳоро рақамгузорӣ намудааст, анҷом додааст, ки чунин муносибати мутарҷим ба сохтори асар халале ворид накарда, балки дар фаҳми маъно ва мазмуни он кумак намудааст. Мутарҷим дар 261 сафҳаи он ва дар поварақи тарҷума ба шарҳу баёни

мавзеъҳои баҳсталаб ва норавшани асар пардохтааст. Шиносоӣ ба равиши кори мутарҷим имкон фароҳам месозад, ба ин натиҷа расем, ки мутарҷим ад-Дасуқӣ асарро на танҳо бо забони фаҳмо ва шеърӣ, нигоҳ доштани руҳия назми "Маснавӣ", шарҳу баёни бисёр дақиқи забонӣ, адабӣ, фалсафӣ, ирфонӣ тарҷума кардааст, балки хонанда ва муҳаққиқи борикбин баъди ошноӣ бо матни тарҷума ба ин натиҷа мерасад, ки тарҷумаи анҷомдодаи ад-Дасуқӣ дар фаҳмиши дақиқтари асар кумак менамояд. Равиши кори мутарҷим дар дафтари аввал ва дафтарҳои дигари асар ба ин хулоса водор месозад, ки тарҷумаи ад-Дасуқӣ дар адабиётшиносии араб, мавлавишиносӣ ва адабиётшиносии форсӣ-тоҷикӣ як шоҳкории бузурги ҳунарӣ ва адабӣ буда, мавҷудияти чунин кори ҷиддӣ, пураҳамият ва арзишманди адабиро дар мавлавишиносии тоҷик орзу намоем, зеро ба назари банда, бо вуҷуди баъзе корҳои алоҳида доир ба забон, арзиши адабӣ, услуби нигориш, истифодаи жанрҳои адабӣ ва аз ҳама муҳим луғатномаи комили "Маснавӣ" ба забони тоҷикӣ ҳанӯз ҳам дар адабиётшиносии тоҷик вуҷуд надошта, ба назари инҷониб масъалаҳои зикршуда аз масоили муҳиме мебошанд, ки дар адабиётшиносии тоҷик ҳалли худро бояд пайдо намоянд.

Дафтари 2-юми "Маснавӣ" дар тарҷумаи ад-Дасуқӣ 486 саҳифа буда, 314 саҳифаи онро тарҷумаи матни асар ташкил дода, 171 саҳифаи он ба шарҳу эзоҳи матни тарҷумашуда бахшида шудааст. Мутарҷим дар муқаддимаи тарҷума зери унвони "Маснавии маънавӣ ҳадяи қарнҳо" таҳқиқ анҷом дода, ишора мекунад, ки "Маснавӣ" чун дигар манзумаҳо дар адабиёти форсӣ ба мисли "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, "Ҳадиқатал-ҳақиқа"-и Саноии Ғазнавӣ, "Илоҳиётнома" ва манзумаҳои шайх Аттор дар баҳри рамали мусаддас, яъне "фоъилотун", "фоъилотун", "фоъилун" навишта шудааст, ки аз назари сохтор баҳри осон ва ба мусиқии асар созгору барои таълими шеър ба мақсад мувофиқ аст. Мутарҷим дар мавриди мисолҳо ва ҳикоёти мухталифе, ки Мавлоно ҳангоми таълиф ба кор бурдааст, ба масобаи пуст буда, ҳадафи асосии муаллиф ҷустуҷӯи маънои хостанӣ аст, ки Мавлоно дар саросари "Маснавӣ" бо ин равиш асарро эҷод кардааст. Ба ибораи дигар, Мавлоно ҳама ашёи оламро барои баёни амиқтари маъно қурбон кардааст. Аз масоиле, ки дар ин ҷо мутарҷим даст задааст, замони оғози таълифи "Маснавӣ" мебошад. Дар ин ҷода ад-Дасуқӣ дар такя ба таҳқиқоти мавлавишиносон, чун Анна Мария Шамел, Гулпинорлӣ ва дигарон ҳамон андешаро дастгирӣ мекунад, ки "Маснавӣ" бо тарғибу ташвиқи Ҳисомиддини Чалабии Армавӣ дар соли 662/1284 ба навиштан оғоз гардидааст. Роҷеъ ба шумораи абёти асар мутарҷим таваққуф карда, дар такя ба нусхаи илмӣ-интиқодии Николсон аз рӯйи дастхате, ки соли 678/1300, яъне 6 сол баъди вафоти Мавлоно навишта шудааст, ишора менамояд, ки миқдори абёт 25632 байт буда, вале нусхаи тарҷумашуда, ки ба он Муҳаммадтақии Ҷавҳарӣ чанд сад байт илова кардааст, шумораи абёти "Маснавӣ" 25684 байтро ташкил додаанд. Аз дидгоҳи мутарҷим ад-Дасуқӣ "Маснавӣ" бо як барномаи пешакӣ ва мушаххас таълиф нагардида, Мавлоно онро дар асари илҳоми худовандӣ ва дар пайравии "Илоҳиётнома"-и Аттор ва "Ҳадиқат ал-ҳақиқа"-и Саноӣ навиштааст, ки ин байт далел бар ин андешааст:

Аттор руҳ буду Саноӣ ду чашми ӯ,
Мо аз пайи Саноию Аттор омадем.

Мутарҷим дар мавриди маводи дар "Маснавӣ" истифодагардида, дар ин ақида мебошад, ки Мавлоно дар ду адабиёт: адабиёти форсӣ ва адабиёти араб табаҳҳури комил дошта, аз "Калила ва Димна", аз мероси бузургони адабиёти форсӣ: Низомии Ганҷавӣ,Хоқонӣ, Фахриддини Ироқӣ ва дигар манзумаҳои адабиётифорсӣ то замони худ ва аз адабиёти араб аз "Китоб ал-ағонӣ"-и Абулфараҷи Исфаҳонӣ, ашъори Абулъало ал-Мааррӣ, мақомоти ал-Ҳарирӣ, аз бархе шуарои даврони ҷоҳилият, шуарои аҳди Аббосиён, чун Абунувос ва махсусан ашъори ал-Мутанаббӣ, ки Мавлоно шефтаи осори ӯ буд, истифода карда, мутарҷим намунаҳои онро дар поварақ ва шарҳҳо ишора кардааст. Аз ин хотир, "Маснавӣ" чун шоҳкории бузурги адабӣ ганҷинаи бебаҳои мероси шоирони ирфонии гузаштаи форсу арабва аз сарчашмаҳои боэътимоди ирфони исломӣ мебошад. Мутарҷим дар шарҳу баёни "Маснавӣ" ба ин натиҷа расидааст, ки Мавлоно баҳри ифодаи маъно ва моҳият ба навсозиҳои беназири забонӣ даст зада, бо боварии том гуфта метавонем, ки "Маснавӣ" донишномаи забонии зиндаи забони форсӣ-тоҷикӣ аст, ки муфрадоти онро донишманди фарҳехта Сайид Содиқ Гавҳарин дар 7 ҷилд дар донишгоҳи Теҳрон соли 1353ҳ.ш./1975 ба чоп расонидааст [4, с.15].

Дафтари 3-юми "Маснавӣ" дар тарҷумаи ад-Дасуқӣ аз 656 саҳифа иборат буда, 409 саҳифаро тарҷумаи матн ташкил дода, 246 саҳифаи он ба шарҳу эзоҳи матни тарҷумашуда

бахшидашудааст. Дар муқаддимаи тарҷумаи ин дафтар мутарҷим бо номи "Фалсафаи бақо андар фанои Ҷалолуддин" як таҳқиқи арзишманди ирфонӣ-фалсафӣ анҷом дода, ба яке аз масъалаҳои душвор ва дар айни замон фалсафава ирфони исломӣ, мавҷудияти Худои таоло ва муносибати инсон ба он даст задааст, ки ин масъала дар таърихи адабиёти форсу тоҷик бо истилоҳи "ирфон" маълум ва маъруф буда, ҷавҳар ва дарунмояи он ба фанопазирии инсон ва вуҷуди ҳақиқӣ ва мутлақи Худованд бахшида шудааст. Аз ин рӯ, Мавлоно дар "Маснавӣ" ин ақидаи пурмояро пешниҳод мекунад, ки ҳама чиз дар олам "хӯрдан ва хӯрданӣ" буда, хӯронандаи инсон ҳамон Худованд мутаол буда, ҳар чизе дар табиат хӯрандаи бакувваттаре дорад ва инсон чун аз бандубасти ғизои моддӣ дар сурати бадан раҳоӣ ёфта, ба руҳи холис табдил меёбад, ӯ дар як сатҳи дигаре қарор мегирад, ки ҳавос ва андомҳои одӣ аз дарки он оҷиз мегарданд. Ҷаҳони моддӣ аз назари Мавлоно ҳамеша дар ҳаракат, таҳаввул ва гузариш аз як ҳолати сифатӣ ба ҳолати дигари он аст, ки онро дар истилоҳи ҳакимону файласуфон "истиҳола" меноманд, яъне Мавлоно дар ин бахш мартабаҳои ҳастиро аз ҳолати ҷимодӣ ба ҳайвонӣ ва аз ҳайвонӣ ба инсонӣ бо як дидгоҳи таърихӣ ва файласуфона дар тачрибаи анбиё ҳаллу фасл карда, мегӯяд:

Аз тавозуъ чун зи гардун шуд ба зер,
Гашт ҷузви одамӣ ҳаййи далер.
Пас сифоти одамӣ шуд он ҷимод,
Бар фазои арш паррон гашт шод.
К-аз ҷаҳони зинда, з-аввал омадем,
Боз аз пастӣ сӯйи боло шудем.
Ҷумла аҷзо дар таҳаррук дар сукун,
Нотиқон, к- "инно илайҳи роҷиъун" [5, с.227].

Мутарҷим дар ин бахши таҳқиқи хеш ба яке аз масъалаҳои мураккаби ирфони исломӣ бозгашти руҳ ба асли хеш, ки онро дар дафтари аввали "Маснавӣ" дар шакли "нолаи най" барои бозгашт ба найистон ва шевани руҳ баҳри бозгашт ба ҷаннат бо мисолҳои зиёд дар ҳар дафтари "Маснавӣ" шарҳу баён месозад, ки шарҳу тафсири ӯ ба "Қасидаи айния дар нафс"-и Ибни Сино шабоҳат дорад [1, с.682-687]. Аз назари Мавлоно нестии ҳаёти башар, ки суфиён онро бо лафз ё истилоҳи "фано" ифода мекунанд, ҷуз таҳаввули нафси накуҳида ба нафси олия ва мутмаинна, чунончи ал-Ҳиҷварӣ мегӯяд: "Нестшавии сифоти накуҳида ва иваз кардани онҳо ба сифатҳои ҳамида чизи дигаре нест" [5, с.10]. Ба ибораи дигар, агар андешаи "бақо андар фано" риштаи пайванди бахшҳои Маснавӣ бошад, пас, мавзуи ишқ риштапайванди ҳар як дафтари Маснавиро ташкил медиҳад. Хулосаи калом, мутарҷим дар ин қисмати дафтари сеюми Маснавӣ ба масъалаи бақою фанои инсон ва нақши ишқ дар муносибати байни инсон ва ҷаҳони ҳастию Худованд тааммуқ карда, таъкид мекунад, ки ҳангоми бозгашти руҳ ба маъвои хеш ӯро маҳз ишқ қувва ва неру мебахшад, зеро ишқ ҳаракат ба сӯйи камол ва аз аслҳои тавҳид буда, мазҳаби ишқ аз ҳама мазҳабҳо ҷудо ва болост.

Мутарҷим дар тарҷумаи дафтари чаҳоруми Маснавӣ, ки иборат аз 635 с. мебошад ва 370 саҳифаи онро тарҷумаи матн ва 260 саҳифаашро шарҳу эзоҳҳо ташкил медиҳанд, дар муқаддимааш бо номи "Инсон он олами кабир" дар такя ба мазмун ва муҳтавои ин дафтар таҳқиқи аҷибе ба анҷом расонидааст, ки мазмуни он аз чунин хулосаҳо иборат аст: «Инсон аз назари Мавлоно чун як махлуқи малакутӣ дар ҷаҳони ҳастӣ ба манзалати як зарраи хоки замин ва қатраи обе нест, ки ба дарё омезиш меёбад ва омаданаш ба ин дунё чун омадани пашшае нест, ки меояду чанд лаҳза баъд фано мешавад, балки мартаба ва манзалати вай як зот ва махлуқи волотар ва муқаддастар аст. Ҳакимон инсонро олами сағир донистаанд ва худи оламро инсони кабир хондаанд, вале Мавлони акси ин маъниро собит сохта, аз дидгоҳи ӯ дар офариниш аз инсон дида, бузургтар офаридаи худовандӣ вуҷуд надорад:

Пас ба сурат олами асғар туӣ,
Пас ба маънӣ олами акбар туӣ [6, с.355].

Дар ин ҷо мутарҷим ба масъалаи ҷавҳари инсон даст зада, дар такя бо абёти мухталиф аз "Маснавӣ" ва аз дигоҳи Мавлоно собит месозад, ки ҷавҳари инсон комилан ҷавҳари илоҳӣ аст ва инсони комил қуллаи баланди таҷаллии шахсияти инсон аст, ки дар андешаи ӯ ё ба андешаи ӯ дар фаҳмиши ҷаҳони ҳастӣ зоҳир мегардад, ки Мавлоно ҷавҳари шахсияти инсонро дар фармонравоӣ бар нафси аммора медонад. Мавлоно дар ин бахш аз назари мутарҷим бо истифода аз Қуръону ҳадис ба сурати фалсафӣ робитаи инсону Худо ва ҷаҳони

ҳастиро бо далелҳои қотеъ ҳаллу фасл месозад. Мутарҷим ин ақидаро дар инҷо дар ҳошия ва поварақҳои тарҷума ва тафсири хеш ишорат менамояд, ки Мавлоно аз осори донишмандони форсизабон Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Имом Ғаззолӣ ва таҳқиқоти донишмандони мавлавишинос Фурӯзонфар, Гулпинорлӣ истифода карда, масъалаи ҷавҳари инсон ва вазифаи малакутии ӯро бо мисолҳои аҷиб шарҳу тавзеҳ медиҳад.

Мутарҷим дар тарҷумаи дафтари панҷуми Маснавӣ, ки иборат аз 641 с. буда, 428 саҳифаи онро тарҷумаи матн ва 213 саҳифаашро шарҳу эзоҳҳо ташкил медиҳанд, зери унвони "Иродаи илоҳӣ ва озодии инсон" як таҳқиқи пурмуҳтаво навиштааст, ки маъно ва муҳтавои он чунин аст. Мутарҷим дар асоси мазмуни дафтари панҷум ва дафтарҳои дигари "Маснавӣ"яке аз масоили баҳсталаби фалсафа ва ирфони исломӣ масъалаи "ҷабр ва ихтиёр" ё ба сухани дигар, мавзуи озодии инсонро мавриди баҳсу мунозираи муфассал қарор додааст. Тибқи назари мутарҷим Иброҳим ад-Дасуқӣ, дар таърихи ирфони исломӣ ҳеҷ мутафаккире масъалаи озодии инсонро дар баробари иродаи илоҳӣ мисли Мавлоно дақиқ ва равшан баён карда, натавонистааст, зеро шарҳу баёни ӯ бо шумулияти шарҳу баён, арзи зиндаи мавзуъ ва овардани далелу ҳуҷҷатҳои равшану раднопазир аз зиндагии башарӣ ва такя ба сарчашмаҳо фарқ мекунад. Аз дидгоҳи Мавлоно аз он ҷо ки масъалаи "ҷабр ва ихтиёр" як масъалаи умумибашарӣ аст, Шарқу Ғарб ҳама яксон ба он муносибат мекунанд. Ҷавҳари ақидаи Мавлоноро дар ҳаллу фасли масъалаи мазкур ин воқеияти раднопазир ташкил медиҳад, ки чун Худованд ҳама мавҷудотро офарид, аз миёни онҳо озодиро танҳо насиби инсон карда, озодӣ барои инсон як туҳфа ва армуғони худовандист. Дар идомаи таҳқиқи масъала мутарҷим меафзояд, ки Мавлоно дар пайравӣ ба Саноии Ғазнавӣ дар чунин андеша аст, ки инсон дар байни ақл ва ҳавою ҳавас комилан озод аст ва барои шарҳу баёни масъала аз Қуръону ҳадис ва гуфтори бузургон мисолҳо оварда, Мавлоно чунин мешуморад, ки инсон бо табиати ботинии худовандии худ дарк мекунад, ки ӯ соҳибихтёр аст ва далели чунин ақида ин аст, ки ӯ ҳамеша дар байни ду чиз ё худ ду ҳолат карор дорад, ки ин эҳсосро Мавлоно "идроки виҷдонӣ" меномад ва аз дидгоҳи ӯ инсоне, ки масъалаи ҷабр ва ихтиёрро дарк карда наметавонад, дар мартаба бадтар аз ҳайвон аст. Аз ин рӯ, ихтиёр аз назари Мавлоно қудрати ҳақиқии инсон буда, инсонии инсон ба қадри ихтиёр карда тавонистани ӯст. Масъалаи ҷабру ихтиёр ва қазову қадарро Мавлоно ба сурати густурда ҳаллу фасл карда, бадбахтии инсонро дар ин масъала дар он мебинад, ки инсон ҳамеша зери таъсири ҳавою ҳаваси нафс қарор гирифта, аз назари ӯ ғуломи шаҳват буда, зотан аз он халосӣ надошта, ӯ дар зиндагӣ бадтар аз ғуломи ҳалқабаргӯш аст. Хулосаи баҳси ин масъала дар ин ҷо ба ин қарор аст, ки озодии ҳақиқии инсон аз ботини ӯ берун омада, орзуи ҷовидонаи инсон озодӣ аст ва ҳеҷ тоғуте ё ситамгаре наметавонад инсонро аз озодӣ маҳрум созад, агар ӯ худ ботинан озод набошад. Мутарҷим масъалаи мазкур ва масоили дигари вобаста ба озодии инсонро дар ин ҷо бо мисолҳои дақиқ ва шарҳу баёни пурмазмун ва муҳтаво пешкаш кардааст, ки онро дар шакли густардатар ва васеътар баён бояд кард.

Мутарҷим дар тарҷумаи дафтари шашуми Маснавӣ, ки иборат аз 680 с. буда, 412 саҳифаи онро тарҷумаи матн ва 268 саҳифаашро шарҳу эзоҳҳо ташкил медиҳанд, зери унвони "Мусо ва Фиръавн" як таҳқиқи пуразриш анҷом додааст, ки муҳтавои он аз ин қарор аст. Мутарҷим зимни шарҳу баёни масъала таъкид менамояд, ки бо вуҷуди он ки Мавлоно ба озодии руҳӣ ва маънавии инсон сахт пайванд дошта, таъкид месозад, ки озодии инсон аз ботини худи ӯ маншаъ мегирад. Ӯ ба масъалаи зулм, ноадолатӣ ва туғён дар Маснавӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардааст. Мавлоно дар ин андеша аст, ки камолоти маънавӣ ва руҳии инсон ба сохти ҷомеа ва қувваҳои пешбарандаи сиёсии он сахт вобаста аст. Ин аст, ки Мавлоно дар Маснавӣ ба танқиди шадиди ҳокимони замони худ бархоста, аз мавҷуд набудани адолати иҷтимоӣ дар замони хеш шикоят меварзад ва "фиръавнҳо"-и асри худ, ки инсон бузургтарин офаридаи Худованд ва халифаи ӯро дар рӯйи замин барои ба даст овардани як луқмаи "қути лоямут" ба бозичаи дасти хеш табдил додааст, мавриди тозиёнаи танқид мегирад. Аз дидгоҳи Мавлоно ҷаҳон ҳамеша дар муборизаи оштинопазир байни паёмбарону авлиёҳо ба муқобили қувваҳои тоғутӣ дар симои иблисҳо, фиръавнҳова аҳли ҷоҳу мансаб будааст, ки мақсади ягонаи онҳо ба барда ва ғуломи ҳалқабаргӯш табдил додани инсони озод будааст. Мавлоно таъкид месозад, ки қувваҳои шайтонӣ ва аҳриманӣ барои амалӣ сохтани ҳадафҳои фурӯмоя ва разили хеш на танҳо озодии инсонро поймол месозанд, балки барои ороиши зоҳирӣ ва ҷилваҳо барои ҷалб сохтани моҳрӯён ва

дилрабоён ҳазорҳо маблағҳои ҳангуфти мардумро дар пеши пойи онҳо нисор месозанд, ҳарчанд худи онҳо ба пашизае ҳам намеарзанд. Мавлоно чун адиби соҳибқариҳа ва файласуф дар баён ва ошкорсозии ҷаҳони зоҳирӣ ва ботинии ин гурӯҳи сифлагон ва фурӯмоягони замон ба образҳои таърихӣ чун ҳазрати Мусо ва Фиръавн рӯ оварда, аз ривояту ҳикоятҳои аҷиби ахлоқӣ аз адабиёти форсу тоҷик, адабиёти араб ва адабиёти ҷаҳон истифода карда, бо як маҳорати адибисоҳибзавқ ва мантиқшиносу файласуфи дақиқназар ҷавҳар ва моҳияти инсон, воҷибот ва озодиҳои ӯро ба зевари сухан шарҳу баён намуда, аз устураю ривоятҳо, ҳикоёту зарбулмасалу мақолҳои халқӣ моҳирона истифода намуда, мартаба ва мақоми инсонро дар силсилаи мавҷудоти ҳастӣ тавсиф кардааст. Мавлоно дар мисоли Фиръавн пастию разолат, худхоҳию худманишӣ, истибдоди инсони мағрур ва худхоҳро дар баробари бародар ва ҳамҷинси худ - инсони комил ҷойгузини Худованд дар рӯйи замин нишон додааст.

Мутарҷим дар ин дафтар дар ҳошияи шарҳу эзоҳи афкору андешаи Мавлоно ба адабиёти илмӣ дар адабиёти ҷаҳон, адабиёти форсу араб, таҳқиқоти мавлоношиносони ҷаҳон, чун Р.Николсон, Анна Мария Шамел, Фурӯзонфар, Гулпинорлӣ ва дигарон такя карда, дидгоҳи Мавлоноро дар "Маснавӣ" ба сурати равшан, илмӣ ва аз назари як адабиётшиноси шинохта, бо як маҳорати фавқулода тасвир кардааст, ки дар шинохти ҷаҳонбинии адабӣ, фалсафӣ ва фарҳангӣ ва инсонии Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ дар адабиёти ҷаҳонӣ ва адабиёти форсу тоҷик ва араб аҳамияти хосса дорад.

Хулоса, "Маснавии маънавӣ" чун як шоҳкории азими адабиёти форсу тоҷик ва ҷаҳон дар ҷаҳони имрӯз ба яке аз хондатарин китоби асрҳои XX ва XXI қарор гирифта, Мавлоно ба маҳбубтарин ориф, файласуф ва адиби ҳама давру замонҳо шинохта шудааст, ки чунин андеша далели равшани ин гуфтаҳо мебошад. Дар рӯзи ҷаноза ва гуселонидани Мавлоно ба водии хомӯшон мардуми зиёде аз мардону занони одии ҷомеа, алоқамандону дӯстдорон, олимону суфиён, кормандону мансабдорон, эрониёну юнониён, туркону румиён, масеҳиёну яҳудиён бо шевану фиғон дар атрофи тани поки Мавлоно гирд омада буданд. Раҳбониён аз китоби муқаддаси Инҷил оятҳо, ҳавориён оятҳо аз Таврот ва мусулмонон оятҳо аз Қуръон ба арвоҳи пок ва муқаддаси ӯ хонда, гиря менамуданд. Мардуми гирдомада аз Амир Усқуфи бузург ва Роҳиби акбар, ки дар инҷо ширкат меварзиданд, бо исрор суол карда, мепурсиданд, ки асрори чунин ихлосмандӣ ба шахсияти ҳазрати Мавлоно дар чист? Онҳо бо як руҳбаландӣ ва боварӣ ба ҳозирон рӯ оварда, чунин посух доданд: "Мо ҳақиқати Мусо ва Масеҳ, ҳақиқати ҳамаи анбиёро аз таълимоти ҳазрати Мавлоно дарёфта тавониста, дар симо ва сулуки ӯ ҳақиқатеро дарк кардаем, ки онро дар китобҳо доир ба рафтору сулуки анбиё хонда будем. Аз ин рӯ, мо ӯро Мусо ва Масеҳи замони худ мешуморем. Ба гуфтаи Усқуфи бузург ҳавории яҳудӣ афзуда гуфт: "Румӣ офтоби ҳақоиқ аст, дар ҳоле ҳама мавҷудоти олам дар зери офтоб қарор доранд". Гуфтаи ҳавории яҳудиро яке аз роҳибони масеҳият идома дода чунин изофа кард: "Мавлоно пораи нонеро монад, ки бе он башар зистан натавонад, оё дидаӣ, ки гуруснае аз хӯрдани нон канорачӯӣ намуда бошад? Эй амири бузург! Ту ҳанӯз дарк накардаӣ, ки ҳақиқатан ҳам Мавлоно кӣ буд ва амир аз ин гуфтор хамӯшӣ ихтиёр кард" [9].

Дар охири гузориши худ дар ин андеша ҳастам, ки "Маснавӣ" дар адабиётшиносӣ ва мавлавишиносии тоҷик аз сари нав бо назардошти чопҳои интиқодии он ва шарҳу баёноте, ки дар Эрон, ховаршиносии ҷаҳон ва кишварҳои араб ба анҷом расидаст, аз сари нав чоп карда шуда, луғати мукаммали он, оятҳои қуръонӣ дар поварақ дар шакли асил, беҳбуд сохтани имлои забони тоҷикӣ ва дигар масъалаҳое, ки барои беҳбуди тарҷума мусоидат месозанд, амалӣ гардад, зеро чопи "Маснавӣ" бо хатти кириллӣ дар соли 2001 дар Теҳрон бо вуҷуди аҳамияти калони илмии худ акнун ҷавобгӯи хонандаи ҳозиразамон нест, аз ин рӯ, чопи нав ва таҷдиди назар кардани матни "Маснавӣ" аз воҷиботи нав ва муҳимми адабиётшиносии тоҷик мебошад.

Чунин аст, шарҳи дафтари аъмоли шахсияте, ки ҷаҳонро бо андеша ва сайру сулуки инсондӯстонаи худ тасхир карда, умри бобаракат, зебо ва лабрез аз панду андарзро ба ҳалли зеботарин ва мушкилтарин муаммои олами ҳастӣ моҳияти инсон ва мақому манзалати ӯ дар силсилазанҷири коиноти пӯшида ва равшани ҳастӣ бахшида, изҳор карда буд:

То тавонӣ банда шав, султон мабош,
Захмкаш чун гӯй шав, чавгон мабош [3, с.63].

А Д А Б И Ё Т

1. Абуалӣ ибни Сино. Осор. Ҷилди дувум. - Душанбе, 2005.
2. Перевод-средство взаимного сближении народов. Художественная публицистика. – М.: Прогресс, 1987.
3. مثنوی مولانا جلال الدین الرومی. ترجمه وشرحه وقدم له إبراهیم الدسوقي شتا. – القاهرة، 2014. ج.1.
4. مثنوی مولانا جلال الدین الرومی. ترجمه وشرحه وقدم له إبراهیم الدسوقي شتا. – القاهرة، 2014. ج.2.
5. مثنوی مولانا جلال الدین الرومی. ترجمه وشرحه وقدم له إبراهیم الدسوقي شتا. – القاهرة، 2014. ج.3.
6. مثنوی مولانا جلال الدین الرومی. ترجمه وشرحه وقدم له إبراهیم الدسوقي شتا. – القاهرة، 2014. ج.4.
7. مثنوی مولانا جلال الدین الرومی. ترجمه وشرحه وقدم له إبراهیم الدسوقي شتا. – القاهرة، 2014. ج.5.
8. مثنوی مولانا جلال الدین الرومی. ترجمه وشرحه وقدم له إبراهیم الدسوقي شتا. – القاهرة، 2014. ج.6.
9. نهال التجدد. الرومي نار العشق. ترجمه خالد الجبيلي. – بيروت، 2015.

НАЗАРЕ БА ТАРҶУМА ВА ШАРҲИ КОМИЛИ "МАСНАВИИ МАЪНАВӢ"-И ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ БА ЗАБОНИ АРАБӢ

Дар мақола тарҷумаи арабии «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Балхӣ, ки аз ҷониби Иброҳим ад-Дасуқӣ Шато сурат гирифтааст, таҳлилу баррасӣ гаштааст. Таъкид мешавад, ки тарҷумон дар баробари тарҷума атрофи андешаҳои Мавлоно пажуҳиши назаррасе анҷом додааст. Ба таъкиди муаллиф ин тарҷума дастоварди хубе дар мавлавишиносии ҷаҳонӣ мебошад.

Калидвожаҳо: Маснавии маънавӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Иброҳим ад-Дасуқӣ, тарҷума, шарҳ.

ВЗГЛЯД НА ПОЛНЫЙ ПЕРЕВОД И КОММЕНТАРИИ «МАСНАВИ МАЪНАВИ» ДЖАЛАЛУДДИНА БАЛХИ НА АРАБСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье анализируется и обсуждается арабский перевод произведения Джалал ад-Дина Балхи «Маснави маънави» Ибрагима ад-Дасуки Шато. Подчеркивается, что переводчик, наряду с переводом, серьезно изучил мысли Мауланы. По мнению автора, этот перевод является большим достижением в мировой науке о мавловедениях.

Ключевые слова: Маснави маънави, Джалалуддин Балхи, Ибрагим ад-Дасуки, перевод, комментарий.

A LOOK AT THE FULL TRANSLATION AND COMMENTS OF JALALUDDIN BALKHI'S "MASNAVI MANAVI" IN ARABIC

The article analyzes and discusses the Arabic translation of the work of Jalal ad-Din Balkhi "Masnavi manavi" by Ibrahim ad-Dasuki Shato. It is emphasized that the translator, along with the translation, seriously studied the thoughts of Maulana. According to the author, this translation is a great achievement in the world science of Mavlovian studies.

Key words: Masnavi manavi, Jalaluddin Balkhi, Ibrahim ad-Dasuki, translation, commentary.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сулаймонов Саидраҳмон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессори кафедраи филологияи араби факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 907-98-54-43**

Сведение об авторе: ***Сулаймонов Саидрахмон*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры арабской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 907-98-54-43**

Information about the author: ***Sulaimonov Saidrakhmon*** - Tajik National University, doctor of philological sciences, professor of the department of Arabic philology, faculty of Asia and Europe languages. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Phone: **(+992) 907-98-54-43**

УДК: 491.550

РОҲҲОИ ИФОДАИ МУРОДИФОТИ МУНОСИБАТИ МАҚСАД ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Мирзоева М.Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маънои мақсад дар баробари сабабу натиҷа яке аз категорияҳои муҳимми фалсафӣ буда, аз рукнҳои асосии муҳокимаи мантиқӣ ва созмони семантикии фикр ба шумор меравад. Чунон ки профессор Б. Камолиддинов қайд мекунад: «*Саволҳои Чаро? Барои чӣ? Бо чӣ мақсад? аз маънои хабар ё таркиби хабар, ки бештар бо шаклҳои тасрифии феъл ифода ёфтааст, падид меоянд. Ҳоли сабаб ва мақсад дар ҷумла барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти мундариҷаи хабар ва пурра кардани мазмуни ҷумла хизмат мекунад*» [Маърифат. - 1991. - №6. - С.11].

Аз ин иқтибос ва умуман тадқиқоти бисёр муҳаққиқон ҳам пайдост, ки муносибатҳои сабаб ва мақсад бо ҳам хеле робитаи устувор доранд, гоҳо муҳаққиқон дар мавриди таҳлили муносибатҳои ҳолӣ ин робита ва монандию фарқи онҳоро пайваста зикр мекунанд [аз ҷумла, ниг.: Х. Ҳусейнов 1973: 190]. Ба андешаи мо, фарқи миёни ҷумлаи пайрави сабаб ва мақсад дар як ҷанбаи мантиқӣ аст, ки шарҳи тӯлонию печ дар печ талаб намекунад: ҷумлаи пайрави сабаб факти иҷрошударо фаҳмонад, ҷумлаи пайрави мақсад фактеро мефаҳмонад, ки ҳанӯз иҷро нашудааст ва имкон дорад, ки умуман иҷро нашавад. Ҳамин амали иҷронашуда будани онро хабари ҷумлаи пайрав, ки дар шакли аорист меояд, ифода мекунад.

Ҳоли мақсад ба мисли хелҳои дигари ҳол дар ҷумлаи сода бо мундариҷаи хабар, дар ҷумлаи мураккаби тобеъ бо мундариҷаи сарҷумла алоқамандӣ пайдо карда, барои пурра кардани фикр хизмат мекунад. Дар забоншиносии тоҷик ба масъалаи ҳоли мақсад, ифодаи мақсад дар дохили ибораҳои масдарию сифати феълӣ, ҷумлаи пайрави мақсад то андозае таваҷҷӯҳ зоҳир шуда бошад ҳам, дар мавзӯи муродифоти муносибатҳои мақсадӣ маълумоти мукаммале ба назар намерасад. Дар китобҳои дарсии мактабҳои миёна ва олӣ низ дар ҳаҷми талаботи барномаҳои таълимии наҳви забони тоҷикӣ маълумот дода мешавад. Дар як қатор тадқиқоти илмӣ, ки ба мавзӯи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бахшида шудаанд, дар бораи ҳаммаъноии ҷумлаи пайрав бо ибораҳои феълӣ ҳам баъзе мулоҳизаҳо баён шудаанд. Ба замми ин, дар он асарҳое, ки бевосита ба таҳқиқи хусусиятҳои услуби асарҳои ҷудогонаи С.Айнӣ бахшида шудаанд, низ баъзе қайду ишораҳои ҷолиби диққат дида мешаванд.

Профессор Б. Камолиддинов дар мақолааш бо номи «Имконоти услубии ифодаи сабабу мақсад» [Маърифат. - 1991. - №6. - С.11-16] масъалаи муродифоти муносибатҳои сабабу мақсадро дар сатҳҳои гуногуни грамматикӣ баррасӣ намуда, *ба хотири шифо ёфтани бемор, ба нияти шифо, барои дам гирифтан, ба дамгирӣ* барин ибора ва таркибҳоро муродиф мешуморад. Дар мавриди муродифоти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва ҷумлаи сода андеша баён карда, дар ин навъи воҳидҳои муродиф ҷузъи асосии ҳаммаъноро ҷумлаи пайрав ва ибораи масдарию сифати феълӣ мешуморад ва таъкид мекунад, ки: *«Дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеи пайвандакдор ҷумлаҳои пайрав бо пайвандак ё бо ёрии пайвандаки **ки** ва калимаҳои ҳамнисбат ба сарҷумла тобеъ мегарданд. Ин ҳама қолабҳои синтаксисӣ бо якдигар муносибати ҳаммаъноӣ дошта, бо тобишҳои маъно, дараҷаи таъкиди маънои сабаб ё мақсад, мавқеи истифода ва аз лиҳози тафсилот ва мӯҷазбаёнӣ фарқ мекунанд»* [Маърифат. - 1991. - №6. - С.12]. Бояд гуфт, ки муаллиф муродиф будани ҷумлаи сода ва мураккабро махсус таъкид накарда бошад ҳам, мисолҳоро мавриди муқоиса қарор дода, ишора мекунад, ки дар ин маврид ҷумлаҳо муродифанд, на ҷузъҳои ҷудогонаи онҳо: «*Прометей, ба хотири он ки дар хонаи мардум оташ фурӯзон бошад, ҳазорон сол ба ҳамин минвол ранҷ мекашид… - Агар ногаҳон оташ мемурд, барои аз нав барафрӯхтани он аз шонздаҳ маҳал оташ меовардand [II.2].*

Дар ин матн муаллиф мақсади воқеии амалро ду тариқа ифода кардааст: дар қолаби ҷумлаи мураккаби тобеъ (ба воситаи ҷумлаи пайрав: *ба хотири он ки дар хонаи мардум оташ фурӯзон бошад*) ва ҷумлаи сода (бо ибораи масдарӣ: *барои аз нав барафрӯхтан*)» [Маърифат. - 1991. - №6. - С.12-13]. Дар ин ҷо муаллиф қайди дигари ҷолиб низ дорад: *«Воситаҳои*

гуногуни грамматикӣ – пайвандаки тобеъкунандаи ***«ба хотири он ки»*** *бо пешоянди аслии* ***«барои»*** *аз рӯйи вазифа як навъ таносуби грамматикӣ пайдо кардаанд»* [Маърифат. - 1991. - №6. - С.-13]. Муҳаққиқ дар мавриди муродифоти ҷумлаи мураккаб ва «воҳидҳои томи синтаксисӣ» (матн) низ мулоҳиза меронад: *«Муносибатҳои сабабу мақсад на танҳо дар ҷумлаҳои сода ва мураккаби тобеъ, балки дар воҳидҳои томи синтаксисӣ ҳам ифода меёбанд. Таркибҳои* ***бинобар ин, аз ҳамин сабаб, бо ҳамин вақҳ, барои ин, бо ҳамин мақсад, бо ин ният*** *ва г. чун василаи алоқаи маъноии ҷузъҳои ҷумлаи мураккаб ва қолабҳои томи синтаксисӣ, ки аз чанд ҷумлаи содаю мураккаб ташкил ёфтааст, хизмат мекунанд»* [Маърифат. - 1991. - №6. - С.-13].

Агарчи нигоштаи мазкур як мақолаи, асосан, характери методидошта бошад ҳам, дар мавриди муродифоти грамматикии муносибати мақсад то имрӯз мукаммалтарин таълифот дар забоншиносии тоҷикӣаст.

Муҳаққиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави мақсад Ҷ. Рустамов калимаи «муродиф»-ро истифода накарда бошад ҳам, оид ба якдигарро иваз карда тавонистани шаклҳои гуногуни феълӣ – хабарҳо андеша меронад. Назари ӯ дар мавриди нишон додани фарқи миёни аорист ва замони ҳозира-ояндаи сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ баҳсталабанд. Агар Н. Маъсумӣ, Д. Тоҷиев, Ш. Рустамов ин ду гурӯҳи феълҳоро як чиз шуморида бошанд [ниг.: Н. Маъсумӣ 1980: 233; Д.Тоҷиев 1981: 117; Ш. Рустамов 1968; 5] Ҷ. Рустамов ааористро шакли сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ намешуморад: «*Бояд гуфт, ки аорист ва шакли замони ҳозира-ояндаи сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ як чиз нестанд. Аорист аз асоси замони ҳозираи феъли сода ва таркибӣ бо бандакҳои феълӣ (равам, равӣ, равад, равем, равед, раванд; гул кунад, канда шавад, ёрӣ диҳад ва г.), вале замони ҳозира-ояндаи сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ аз сифати феълии замони ҳозира-оянда ва шакли аористи феъли ёридиҳандаи* ***будан*** *(****бошад****) ташкил меёбад:* ***мерафта бошам, мерафта бошад, мерафта бошем, мерафта бошед, мерафта бошанд***» [Ҷ. Рустамов 1998: 22]. Аммо ин муаллиф ба қоидаи аорист «тасҳеҳ» даровардан шуда, аз ашъори Камоли Хуҷандӣ байтеро мисол меорад (*Эй кош, рафтаме чу сабо дар ҳарими ту, то зинда гаштаме нафасе аз насими ту* [Ҷ. Рустамов 1998: 22] ва бар хилофи гуфтаҳои болояш, ки «*мерафта бошам, мерафта бошад, мерафта бошем…*»-ро шакли сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ гуфта буд, *рафтаме, гаштаме*-ро аорист мешуморад, вале онҳоро бо феълҳои *мерафтам, мегаштам* ҳаммаъно медонад ва бо ҳамин бехабар ба гуфтаҳои худаш муқобил баромада, мавқеаш дар мавриди сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ва аорист номуайян мемонад. Аз ин гуфтҳои Ҷ. Рустамов барои мо ҳаммаъно шуморида шудани тарзи ифодаи *мерафтам – рафтаме* ва *зинда мегаштам – зинда гаштаме* муҳим аст.

Ин муҳаққиқ дар мақолааш «Умумият ва тафовути воҳидҳои синтаксисӣ бо ҷумлаи пайрави мақсад ва натиҷа» [Маърифат. - 1994. - №7-8. - С.61-62], асосан, дар бораи ҷумлаи пайрави натиҷа андеша ронда, мисолҳоеро таҳлил мекунад, ки ҳамагӣ ҷумлаи пайрави мақсаданд. Ӯ ва

муаллифони зиёди дигарро маҳз нодуруст ҷудо кардани сарҳади ҷумлаи пайрав ва сарҷумла ба ҳамин каҷфаҳмиҳо бурдаа

Ба ин тариқ, муносибати мақсад аз ҷониби муҳаққиқони пешин ва имрӯз то андозае омӯхта шуда бошад ҳам, масъалаи асосии он - муродифоти муносибатҳои мақсадӣ гуфтан мумкин аст, ки хеле сатҳӣ баррасӣ гардидааст ва шояд муҳаққиқон, аз ҷумла Ҷ. Рустамов, тадқиқи

онро вазифаи худ нашуморидаанд. Албатта, муносибати мақсад ба мисли хелҳои дигари муносибатҳои ҳолӣ дорои имконоти зиёди услубӣ буда, роҳу усулҳои гуногуни ифодаи як маъно ё маъноҳои аз ҷиҳати грамматикӣ ба ҳам наздикро дар бар мегирад. Ин ҳаммаъноии муносибати мақсад дар сатҳҳои гуногуни грамматикӣ зоҳир мегардад, ки нақши ҳар як восита ва воҳиди наҳвӣ дар он муҳим аст. Вақте ки муродифоти грамматикии муносибати мақсад мегӯем, ҳаммаъноии сохторӣ-шаклию мундариҷавии ҷумлаҳои содаву мураккаб, ҷумлаи мураккаб бо ҷумлаи мураккаб фаҳмида мешавад. Дар мақолаи мазкур масъалаи роли воситаҳои грамматикӣ дар шаклгирии маъноҳои ба ҳам наздик, муродифоти ҷумлаҳои сода, мураккаб ва матн дар ифодаи маънои мақсад мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода мешаванд. Бояд гуфт, ки пеш аз ҳама тарзи сурат гирифтани муносибати грамматикии мақсад яке аз роҳҳои асосии пайдоиши силсилаи қолабҳои гуногуни мувозӣ

ба ҳисоб меравад. Дар ҳамин тарзҳои сурат гирифтани қолабҳои гуногун лозим мешавад, ки мавқеи унсурҳои асосии муродифшаванда ба инобат гирифта шавад.

Дар муродифоти грамматикии муносибати мақсадӣ ба ҳаммаъноии ҷумлаҳои сода бо мураккаб, ҷумлаи мураккаб бо ҷумлаи мураккаб ва матн таваҷҷӯҳи асосӣ зоҳир карда мешавад, аз ин рӯ, дар зоҳир шудани муносибати ҳаммаъноӣ воситаҳои грамматикӣ, бахусус пайвандакҳо, мавқеи хоса доранд.

Муҳаққиқони ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави мақсад шумораи пайвандакҳои ҷумлаи пайрави мақсадро ба таври гуногун нишон додаанд. Чунончи, Ҷ. Рустамов ин масъаларо муфассал баррасӣ намуда, онҳоро ба гурӯҳҳои синтаксисӣ, муштарак ва хосса ҷудо мекунад [Ҷ. Рустамов, 1998: 105]. Аввалан, ин таснифот дар принсип норасоӣ дорад, яъне бояд *синтаксисӣ* ва *семантикӣ* ва баъдан ба *муштараку хосса* ҷудо карда мешуд. Дар ин мавриди муҳаққиқ фикру андешаҳои олимони гуногунро таҳлил намуда, ба мулоҳизаҳои профессор Д. Тоҷиев ва дотсентВ. Абдулазизов дар боби семантикӣ-синтаксисӣ будани пайвандаки ***“то”*** муқобил мебарояд. Профессор Д. Тоҷиев ин пайвандакро семантикӣ-синтаксисӣ нагуфта, танҳо чунин таъриф медиҳад: «*… пайвандаки* ***то*** *сермаъно буда, дар забони адабии тоҷик ҷумлаҳои пайрави замон ва мақсадро ба сарҷумла мепайвандад. Фарқ он аст, ки дар ҷумлаи пайрави мақсад, одатан, пас аз сарҷумла ҷой мегирад. Сермаъноии ин пайвандак доираи истеъмоли онро як андоза маҳдуд кардааст. Ҳоло вай бештар дар услуби китобӣ дучор меояд*» *[I. 12, с.120].*

Азбаски пайвандаки ***то*** сермаъно аст, паҳлӯҳои баҳсталаби зиёде дорад ва маҳз ба ҳамин сабаб дар хусуси вазифа ва мақеи он фикрҳо гуногунанд. Ин ҳолат низ кам нест, ки баъзе муҳаққиқон дар мавриди кадом хели ҷумлаи пайравро ба сарҷумла тобеъ кардани он ба иштибоҳ роҳ додаанд. Масалан, профессор Д. Тоҷиев худ таъкид мекунад, ки:

«*Пайвандаки* ***то*** *муносибати замонии сарҷумла ва ҷумлаи пайрави замонро маҳдуд намуда, нишон медиҳад, ки фикри сарҷумла ба амали ҷумлаи пайрави замон вобаста аст» [I. 12, с.142],* вале ду мисоле меорад, ки онҳо, аслан, ҷумлаи пайрави шартанд: «*То амирро зада нест накунем, ман яроқро аз даст намепартоям; То реша дар об аст, умеди самар аст» [I. 12, с.142].*

Н. Маъсумӣ хусусиятҳои грамматикию услубии ҷумлаҳои мураккаби тобеи мақсадро дар повести «Марги судхӯр» таҳлил карда, ба ҷиҳати матнсозии пайвандаки ***то ин ки*** таваҷҷӯҳ кардааст. Муаллиф барҳақ зикр мекунад, ки баъзе нигорандагон барғалат сарҳади ҷумлаҳои мураккаби тобеъро вайрон карда, бо ин пайвандак ҷумлаи нав месозанд:

«Ба ғайри зарурати услубӣ дар ҳар маврид татбиқ кардани қоидаи азҳамҷудокунии таркиби ҷумлаҳои мураккаб, албатта, аломати вайрон карда шудани нормаи умумии грамматикӣ ва қоидаи пунктуатсионӣ аст. Хусусан, дар ҷумлаҳои мураккабе, ки ҳиссаи пайрав ба сарҷумла тобеияти бевоситаи шаклӣ ва мазмунӣ дорад ва тобеияти бевосита низ хислати пайвандаки вай аст, азҳамҷудокунии таркиб, бо нияти услубӣ бошад ҳам, бар хилофи қоидаи грамматикӣ мебошад» [Н. Маъсумӣ 1959: 283]. Муҳаққиқ ба ин ва баъзе воситаҳои дигари грамматикие, ки дар сарҳади ҷумлаи сода ва мураккаб, ҷумлаҳои дохили матн меоянд, аҳамият медиҳад. Ӯ мавқеи воситаи матнсози ***бинобар ин***-ро низ дар ин ҷо махсус қайд менамояд ва ба ҷиҳати услубии ин масъала бештар таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд: *«Мақсади нависанда… бо роҳи аз ҳам ҷудо кардани ҳиссаҳои таркибии ҷумлаи мураккаби тобеъ дар сохти синтаксисӣ принсипи содагии баёнро риоя кардан ва чигунагии оҳангу тобиши суханро муайян намудан аст*» [Н. Маъсумӣ 1959: 283].

Муҳаққиқи асосии ҷумлаҳои мураккаби тобеъпрофессорД. Тоҷиев дар мавриди воситаҳои грамматикии алоқаи сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, асосан, ба миқдор ва мавқеи пайвандакҳои ҷумлаи пайрави мақсад аҳамият медиҳад. Андешаҳои муҳаққиқ дар мавриди муштараквазифагии баъзе пайвандакҳо ҷолиб аст. Ӯ қайд мекунад, ки «*Дар ҷумлаҳои пайрави пуркунанда ва натиҷа ҳам* ***то ки, то ин ки*** *вазифаи пайвандакҳои синтаксисиро адо намудаанд…*» *[I. 12, с.46]*. Дар ин ҷо чанд масъалаи баҳсталаб ба миён омадааст: аввалан, фикри муаллиф дар хусуси ин ки дар насри бадеӣ пайвандакҳои ***то ки, то ин ки*** бо ҷумлаҳои пайрави пуркунанда омадаанд, қобили дастгирист, воқеан, мисолҳои овардаи ӯ ин ақидаро қувват мебахшанд. Мисолҳои матбуоти даврии имрӯза низ далели онанд, ки ин равия дар забони муосири тоҷикӣ аз нав ривоҷ меёбад.

Албатта, пайвандакҳои ***то, то ки, то ин ки*** дар осори классикони адабиёти мо сервазифа буданд, аммо онҳо ин хусусияти худро то андозае аз даст додаанд.

К. Қаландаров дар монографияаш «Ташаккул ва такомули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии тоҷик (асрҳои X-XIX)» дар фасли «*Ҷумлаи пайрави натиҷа*» қайд мекунад, ки «*Ҷумлаи пайрави натиҷа дар забони адабии ҳозираи тоҷик то андозае ҳалли худро ёфтааст… Дар корҳои тадқиқотии Д. Тоҷиев, Ш. Рустамов, С. Атобуллоев гуфта мешавад, ки ҷумлаи пайрави натиҷа ба сарҷумла танҳо бо пайвандаки* ***ки*** *алоқаманд мегардад... Бояд қайд кард, ки дар давраҳои аввали инкишофи забони адабии тоҷик (а. X-X1) истеъмоли пайвандаки* ***то*** *нисбат ба пайвандаки* ***ки*** *дар ҷумлаҳои пайрави натиҷа зиёдтар буд*» *[I. 7, с.435].*

Барои мулоҳиза кардан дар бораи ин ақидаи муаллиф мехостем як байти шоири шинохтаи Эрон Эраҷ Мирзоро оварем:

Дастам бигирифту по ба по бурд, то шеваи роҳ рафтан омӯхт.

Дар мавриди ин гуна қолабҳои ҷумлаи пайрави мақсад К. Қаландаров чунин ақида дорад: «*Агар амали ҷумлаи пайрав баъди амали сарҷумла иҷро шуда бошад ва хабари сарҷумлаи ҷумлаи пайрав дар муносибати пайиҳамзамонӣ бошанд, он гоҳ ҷумлаи пайрав мақсади амали сарҷумла набуда, балки натиҷаи он ҳисоб мешавад… Агар амали ҷумлаи пайрав замони ояндаро нишон диҳад, он гоҳ мақсади воқеъшавии амали сарҷумларо мефаҳмонад*» *[I. 7, с.287]*. Бо қолаби ҷумлаи боло К. Қаландаров аз «Гулистон»-и Саъдӣ мисоле меорад: «*Бар эшон гирд омаданд ва тақвият карданд, то малик аз тасарруфи ин бадар рафт.* (Гулистон)» *[I. 7, с.287].* Ин ҷо наметавон гуфт, ки муносибати сабабу натиҷа нест, аммо сухан аз хусуси қолаби ифодаи ин муносибат баҳснок аст. Ба андешаи мо, дар ҷумлаҳои боло мустақилияти ҳар ду қисми ҷумлаи мураккаб аз муносибати сарҷумлаву ҷумлаи пайрав озодтар аст, байни ҷумлаҳо муносибати пайваст ба назар расида, пайвандаки ***то*** ба туфайли сервазифагиаш пайвандаки пайвасткунандаи ***ва***-ро иваз кардааст, таваҷҷӯҳ кунед, дар ҳар ду маврид ҳам, агар дар байни ҷумлаҳо ба ҷойи ***то ва*** ё ***–у*** гузорем, маънӣ на танҳо осебе намебинад, баръакс саҳеҳтар ифода мегардад: *Бар эшон гирд омаданд ва тақвият карданд* ***ва*** *малик аз тасарруфи ин бадар рафт*; *Дастам бигирифту по ба по бурд* ***ва*** *шеваи роҳ рафтан омӯхт.*

Ин гуна иваз карда шудани ҷойи пайвандаки ***ва*** бо пайвандакҳои тобеъкунанда дар забони матбуоти даврии имрӯза низ ба назар мерасад. Гоҳо рӯзноманигор ба ҷойи пайвандаки ***ва*** пайвандаки ***ки***-ро истифода мекунад: *Дар шаш моҳи охир шӯъбаи кор бо ҷавонон маротибаи сеюм ҷамъомади худро гузаронид, ки масъалаҳои рӯзмарраи ноҳияро мавриди арзёбӣ қарор дод* [Ҷавононии Тоҷикистон. - 2019.-21.10]. Дар байни ин ду хабари чида барғалат пайвандаки тобеъкунандаи ***ки*** гузошта шудааст, ҳол он ки ин ҷо бояд пайвандаки ***ва, -у*** ё аломати вергул гузошта мешуд: *Дар шаш моҳи охир шӯъбаи кор бо ҷавонон маротибаи сеюм ҷамъомади худро гузаронид* ***ва*** *масъалаҳои рӯзмарраи ноҳияро мавриди арзёбӣ қарор дод.*

Дар мавриди дигари баҳснок оид ба мавқеи истеъмоли пайвандакҳои ***ки*** ва ***то*** дар ҷумлаҳои пайрави мақсад ҳаминро бояд таъкид намуд, ки пайвандаки ***ки*** метавонад бар ивази пайвандаки ***то*** истифода шавад, аммо пайвандаки ***то*** наметавонад ба ҷойи пайвандаки ***ки*** кор фармуда шавад. Ҳамин хусусияти ин ду пайвандак гоҳо нигорандагон ва ҳам муҳаққиқонро ба иштибоҳ меандозад, ки пайвандаки ***то***-ро ба ҷойи пайвандаки ***ки*** корбаст намоянд. Муҳаққиқи забони матбуоти даврӣ профессор Б. Камолиддинов қайд мекунад, ки: «*Бемавқеъ кор фармудани пайвандакҳо ва эътибор надодан ба тобишҳои фарқноки маъноии онҳобештар дар навиштаҳои кормандони ҷавони камтаҷрибаи рӯзномаҳо мушоҳида карда мешавад» [I. 6, с.154].* Дар идомаи ин гуфта муаллиф чунин мисолҳоро оварда, таъкид мекунад: «*Бештар ӯ кӯшиш мекард,* ***то*** *Фаромарз бекас будани худро ҳис накунад. Модарашро намегузошт,* ***то*** *аз корҳои рӯгор ва зиндагии танҳояш дилгир шавад… Бояд гуфт, ки нигоранда фикрро дар қолаби ҷумлаи мураккаби тобеъ саҳеҳ ифода карда наметавонад. Вай намедонад, ки чунин хабарҳои сарҷумла (кӯшиш мекард…, намегузошт…) ба шарҳи мафъули амал эҳтиёҷ дорад ё бар эзоҳи мақсади содир шудан ё нашудани амал» [I. 6, с.154].*

Воқеан ҳам, дар мавриди ҷумлаҳои боло на пайвандаки **то,** балки пайвандаки **ки** бояд корбаст мешуд, зеро ҷумлаи пайрави пуркунанда ба сарҷумла бо пайвандаки ***ки*** тобеъ мегардад ва маънои онро аз ҷиҳати мафъули бавосита ё бевосита пурратар мекунад. Дар ҷумлаи зерин низ нигоранда бо мақсади гурез аз такрор ба ҷойи пайвандаки ***ки*** пайвандаки

то- ро истифода карда, ба ғалати дағал роҳ додани худро пай набурдааст: *Нохост шавҳар ба ӯ фармуд,* ***то*** *янгаашро,* ***ки*** *дар ошхона ҷунбуҷӯл дошт, хабар бигирад* [Зан ва мард. - 2011.- №10]. Агар ҷумла ин тарз таҳрир карда шавад, нуқс бартараф мегардад: *Нохост шавҳар ба ӯ фармуд, (Чӣ фармуд? на Бо кадом мақсад фармуд?)* ***ки*** *янгаи дар ошхона ҷунбуҷӯлдоштаашро хабар бигирад.*

Дар забони матбуоти имрӯза гоҳо ба ҷойи пайвандаки ***то ки*** барғалат пайвандаки ***то***-ро корбаст мекунанд: *Боиси хурсандист, ки маро тифоқ афтод,* ***то*** *дар озмуни байналхалқии «Шабит - 2007», ки дар Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор шуд, иштирок намоям; Ҳар меҳмоне, ки ба Остона меояд, кӯшиш мекунад,* ***то*** *ҷойҳои диққатҷалбкунандаи шаҳр, махсусан Байтерек, Океанариум, Пирамидаро аз назар гузаронад* [Чархи гардун. - 6.12.2017]. Ин мисолҳо равшан нишон медиҳанд, ки пайвандаки *то* на ҳамеша *то ки*-ро иваз карда метавонад.

Пайвандаки ***то ки*** як хусусияти ҷолиб дорад, гоҳо бо пайвандакҳои дигар якҷоя омада ба онҳо тобиши иловагӣ медиҳад. Дар ҷумлаи зер ду пайвандак ***–то ки*** ва ***агар*** якҷоя омада, ду ҷумлаи пайрави пайдарпайро ба сарҷумлаҳои гуногун тобеъ кардаанд: *Падару модарам… сарамро «ба мазори Идриспайғамбар» ниёз карда будаанд,* ***то ки, агар*** *баногоҳ Худо ҷони маро гирифтанӣ шавад, ин пайғамбар ба ман шафоат карда, ӯро аз нияташ гардонад [II. 1, с.23] - Падару модарам… сарамро «ба мазори Идриспайғамбар» ниёз карда будаанд,* ***то ки*** *ин пайғамбар ба ман шафоат карда, ӯро аз нияташ гардонад; …****агар*** *баногоҳ Худо ҷони маро гирифтанӣ шавад, ин пайғамбар ба ман шафоат карда, ӯро аз нияташ гардонад*

Дар бораи мавқеи пайвандакҳои дигари ҷумлаи пайрави мақсад низ муҳаққиқон ибрози назар намудаанд. Муҳаққиқ Ҷ. Рустамов дар фасли ҷудогонаи рисолааш андешаҳои то солҳои навадум дар хусуси мавқеъ ва миқдори пайвандакҳо дар забоншиносии тоҷикӣ ҷойдоштаро баррасӣ мекунад. К.Қаландаров дар монографияаш [*I.7*] зикр мекунад, ки: *«Таҳлилу тадқиқи сарчашмаҳои хаттии асрҳои Х-Х1Х нишон медиҳад, ки ҷумлаи пайрави мақсад ба сарҷумла бо ёрии пайвандакҳои тобеъкунандаи «ки», «то», «то ки», «ки то», «бар он ки», «бад-он ки», «ба қасди он ки», «барои он ки», «ба тамаи он ки», «ба умеди он ки», «ба гумони он ки», «аз баҳри он ки», «аз бими он ки» ба сарҷумла тобеъ шудаанд* [*I. 7, с.*286]. Муаллиф хеле бамаврид қайд мекунад, ки пайвандакҳои ***«ба қасди он ки», «ба тамаи он ки», «ба умеди он ки», «ба гумони он ки», «аз бими он ки»*** бештар хусусияти услубӣ дошта, хоси асарҳои ҷудогонаанд [*I. 7, с.*287], аммо ин маънои онро надорад, пайвандакҳои мазкур имрӯз комилан аз истеъмол баромада бошанд. Гоҳо дар асарҳои нависандагони ҷудогона ба назар мерасанд: *Хешу табори хонабардӯшгаштаи мо дар Шиблӣ ҷамъ меомаданд,* ***бо умеди ин ки*** *хешу табор агар як ҷо бошанд, гарони қаҳтсолӣ бароямон ҳар чӣ сабук мешавад [II. 1, с.63]; Аз хона як истгоҳ болотар баромада, ба троллейбусе, ки одатан Хиромон савор мешуд,* ***бо умеде ки****ӯро бубинад, савор мегардид [II. 2, с. 136].*

Ба ин тариқ, дар мавриди пайвандакҳои тобеъкунандаи мақсад муҳаққиқон андешаҳои зиёд баён карда бошанд ҳам, оид ба ҳаммаъноии баъзе пайвандакҳо ихтилофи назар нест, чунончи, пайвандакҳои ***то, то ки, то ин ки***бемонеа ҳамдигарро иваз карда метавонанд. Вале, чунон ки болотар низ зикр шуд, пайвандаки ***ки*** пайвандаки ***то***-ро иваз карда метавонад на баръакс.

1.Маънои *мақсад* дар баробари сабабу натиҷа яке аз категорияҳои муҳими фалсафӣ буда, аз рукнҳои асосии муҳокимаи мантиқӣ ва созмони семантикии фикр ба шумор меравад.

2.Хусусияти дигари фарқкунандаи ҷумлаҳои пайрави мақсад аз хели дигари ҷумлаҳои пайрави ҳол боз дар он зоҳир мегардад, ки онҳо мисли ҷумлаҳои пайрави замон, хилоф, шарт, сабаб тобишҳои иловагии маъно надоранд, агар дошта бошанд ҳам, онро ба ягон хели дигари ҷумлаи пайрав нисбат додан нашояд, ин тобишҳо танҳо ба дараҷаи равшанӣ ва дақиқии мақсад далолат мекунанд.

3.Муродифот ва вариантнокии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави мақсад нишон медиҳад, ки пайвандакҳои *то, то ки*имконияти васеи бадалшавӣ бо пайвандакҳои дигар, калимаҳои ҳамнисбат ва интонатсияи тобеъ доранд.

4.Қолабҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави мақсад хеле мушаххас будани категорияи мақсадро нишон медиҳанд. Азбаски мақсад дар назди гӯянда ба иҷро расидани амали конкретро мегузорад, дар қолаби пайваст ифода гардидани он ғайриимкон мегардад.

Аз ин рӯ, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави мақсад дар қолаби ҷумлаи мураккаби пайваст муродиф надоранд.

I. А Д А Б И Ё Т

1. Абдулазизов, В. Сложноподчиненные предложения с придаточными дополнительными в таджикском литературном языке: автореф. дис. канд. фил. наук / В.Абдулазизов. – Душанбе, 1993. – 29 с.
2. Асоев, Р. Чанд сухан оид ба вазифаҳои пайвандаки «**то**» / Р.Асоев // Маҷмӯаи илмӣ. Институти давл. Педагогии ш. Кӯлоб. Сер. филология. - Кӯлоб, 1972. - С.166-174.
3. Атобуллоев, С. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷ.4 / С.Атобуллоев. - Душанбе: Дониш, 1984. – 249 с.
4. Камолиддинов, Б. Роҳҳои гуногуни ифодаи як муносибати ҳолӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Б. Камолиддинов // Забоншиносии тоҷик. - Душанбе, 1984. - С.110-120.
5. Камолиддинов, Б. Имконоти услубии ифодаи сабабу мақсад / Б. Камолиддинов // Маърифат. - Душанбе, 1991. - №6 – С.11-16.
6. Камолиддинов, Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд / Б. Камолиддинов. - Душанбе, 2015. – 245 с.
7. Қаландаров, К. Ташаккул ва такомули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии тоҷик (асрҳои Х-ХIХ) / К. Қаландаров. - Душанбе, 2004. – 464 с.
8. Мирзоева М.Ҷ. Муродифоти грамматики муносибатҳои замон, шарт ва хилоф дар забони адабии ҳозираи тоҷик / М.Ҷ. Мирзоева. - Душанбе, 2012. – 127 с.
9. Мирзоева М.Ҷ. Муродифоти грамматики муносибатҳои сабабу мақсад дар забони адабии ҳозираи тоҷик / М.Ҷ. Мирзоева. - Душанбе, 2013. – 107 с.
10. Рустамов Ҷ.Ш. Ҷумлаҳои пайрави мақсад дар эҷодиёти Камол / Ҷ.Ш. Рустамов // Ахбори АФ Ҷумҳурии Тоҷикистон. Силсилаи шарқшиносӣ, таърих, филология. – Душанбе, 1996. - №1. - С.73-80.
11. Тоҷиев Д.Т. Воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Д.Т. Тоҷиев. - Душанбе: Ирфон, 1971. – 51 с.
12. Тоҷиев Д.Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Д.Т. Тоҷиев. - Душанбе: Ирфон, 1981. – 218 с.

II. Манбаъ

1. Улуғзода, С. Субҳи ҷавонии мо / С.Улуғзода. - Душанбе: Ирфон, 1968. - 367 с.
2. Муҳаммадиев, Ф. Палатаи кунҷакӣ / Ф.Муҳаммадиев. - Душанбе, 1974. - 248 с.
3. Айнӣ, С. Кулиёт. Ҷ.1., Ҷ.2., Ҷ.3., Ҷ.6.
4. Айнӣ, С. Акнун навбати қалам аст. - Душанбе: Ирфон, 1978. – Ҷ.2.

РОҲҲОИ ИФОДАИ МУРОДИФОТИ МУНОСИБАТИ МАҚСАД ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақола оид ба яке аз навъҳои муносибатҳои ҳолии илми забонишиносии тоҷик сухан меравад. Муаллиф қайд мекунад, ки муносибати мақсад ва роҳҳои ифодаи он дар забони тоҷикӣ мавзӯи хеле доманадори баҳснок аст. Муаллифи мақола андешаҳои муҳаққиқони зиёдеро оварда, таъкид мекунад, ки забоншиносон Д.Т.Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, Б.Камолиддинов, К.Қаландаров, С. Атобуллоев,Ҷ. Рустамов чунин меҳисобанд, ки фарқи миёни аорист ва замони ҳозира-ояндаи сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ баҳсталаб аст. Албатта алоқамандии категорияҳои грамматикии сабабу мақсадро касе инкор карда наметавонад, аммо ин ҷо сухан танҳо дар хусуси роҳҳои ифодаи муносибати мақсад ва муродифоти он меравад. Таҳлил ва омӯзиши мисолҳои фаровон аз адабиёти бадеӣ муаллифи мақоларо ба чунин хулоса меорад, ки дар забони тоҷикӣ дар ифодаи муносибати мақсад дар қолаби ҷумлаи мураккаби тобеъ пайвандаки ***ки***бо пайвандаки ***то***муносибати муродифӣпайдомекунад. Вале бояд гуфт, ки пайвандаки ***ки*** пайвандаки ***то***-ро иваз карда метавонад, на баръакс.Инчунин,азбаски муносибати мақсад дар назди гӯянда ба иҷро расидани амали конкретро мегузорад, дар қолаби пайваст ифода гардидани он ғайриимкон мегардад. Аз ин рӯ, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави мақсад дар қолаби ҷумлаи мураккаби пайваст муродиф надоранд.Хусусияти дигари фарққунандаи ҷумлаҳои пайрави мақсад аз хели дигари ҷумлаҳои пайрави ҳол боз дар он зоҳир мегардад, ки онҳо мисли ҷумлаҳои пайрави замон, хилоф, шарт, сабаб тобишҳои иловагии маъно надоранд, агар дошта бошанд ҳам, онро ба ягон хели дигари ҷумлаи пайрав нисбат додан нашояд, ин тобишҳо танҳо ба дараҷаи равшанӣ ва дақиқии мақсад далолат мекунанд.

Калидвожаҳо: муносибати мақсад, роҳҳои ифодаи муродифоти муносибати мақсад, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ҷумлаҳои мураккабипайваст, тобишҳоиловагиимаъно, аломатҳои китобат, сарҷумла, ҷумлаи пайрав.

СИНОНИМИКА ЦЕЛЕВЫХ ОТНОШЕНИЙ И СПОСОБЫ ИХ ВЫРАЖЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье речь идет о целевых отношениях и способах их выражения в таджикском языке. Автор подчеркивает, что целевые отношения и способы их выражения в таджикском языке является спорной проблемой. Автор пересматривает существующую точку зрения о том, что целевые отношения выражают смысловые оттенки в предложениях. Анализ и изучение фактического материала, взятого из художественной литературы, приводит автора статьи к такому заключению, что при выражении целевых отношений в модели сложноподчиненного предложения союз ***“ки”*** и союз ***“то”*** выражают синонимические отношения. Автор, акцентируя своё внимание на синонимике сложноподчиненных союзов ***“ки”*** и ***“то”*** в сложноподчиненых предложениях с придаточными цели выдвигает своё мнение о том, что союз ***“ки”*** может заменять союз ***“то”***, но ни в коем случае союз ***“то”*** не сможет заменять союз ***“ки”.*** Автор статьи анализируя мнения многих ученых, подчеркивает, что лингвисты Д.Т.Таджиев, Н. Маъсуми, Б.Камолиддинов, К.Каландаров, С. Атобуллоев, Дж.

Рустамов считают, что разница между аористом и настояще – будущим временем условно – сослагательного наклонения спорная. Сказуемое придаточного предложения, которое выражается аористом, обозначает, что действие незавершенное. Так как целевое отношение ставит говорящего в известность о осуществлении конкретного действия, оно не имеет синонимов в сложносочиненной модели. Еще одно свойство, отличающее придаточные предложения цели от других придаточных объстоятельственных предложений, заключается в том, что они, как придаточные предложения времени, уступки, условия и причины, не имеют дополнительных смысловых оттенков.

Ключевые слова: целевые отношения, способы их выражения, сложноподчиненные предложения, сложносочиненные предложения, знаки препинания, главное предложение, придаточные предложения, смысловые оттенки

SYNONYMY OF TARGET RELATIONS AND WAYS OF THEIR EXPRESSION IN THE TAJIK LANGUAGE

The article deals with the target relations and ways of their expression in the Tajik language. The author emphasizes that the target attitude and the ways of their expression in the Tajik language are controversial issues. The author revises the existing point of view that target relations express semantic shades in sentences. The analysis and study of the factual material cited from fiction leads the author of the article to the conclusion that when expressing target relations in the model of a complex sentence, the union "ki" and the union "to" express a synonymous relationship.The author, focusing his attention on the synonymy of the compound conjunctions "ki" and "to" in compound sentences with subordinate purposes, puts forward his opinion that the union "ki" can replace the union "to", but in no case the union "to" will not be able to replace the union "ki". Analyzing the opinions of many scientists, the author of the article emphasizes that linguists D.T. Tajiyev, N. Masumi, B.Kamoliddinov, K.Kalandarov, S. Atbulloev, J. Rustamov believe that the difference between aorist and the present – future tense of the conditional subjunctive mood is controversial. The predicate of the subordinate clause, which is expressed by the aorist, means that the action is not completed. Since the target attitude in front of the speaker informs about the implementation of a specific action, it has no synonyms in the composite model. Another distinguishing property of subordinate clauses of the goal from other subordinate substantive clauses is that they, as subordinate clauses of time, concessions, conditions and reasons, do not have additional semantic shades.

Key words: target relations, ways of their expression, compound sentences, compound sentences, punctuation marks, main sentence, subordinate clauses, semantic shades.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мирзоева Моҳира Ҷаҳонгировна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултаи журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиё.Рӯдакӣ 17

Сведение об авторе: ***Мирзоева Мохира Джахонгировна*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры стилистики и литературного редактирования факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Рудаки 17

Information about the author: ***Mirzoeva Mohira Jahongirovna*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of Stylistics and Literary Editing, Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17

УДК: 491.550-56

ДОИР БА МАСЪАЛАҲОИ СЕРМАЪНОӢ ВА СИНКРЕТИЗМ ДАР ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ТОБЕЪ

Абдураҳмонова М.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба тадқиқоти масъалаҳои гуногуни забонӣ, аз ҷумла, синтаксисӣ, қариб садсолаҳо сипарӣ гардида бошанд ҳам, масъалаҳои баҳсталаб ва ниёз ба омӯзишдошта хеле зиёданд ва давра ба давра бо ба вуҷуд омадани вазъият ва шароити нав паҳлуҳои нав ба нави ба тадқиқ заруратдошта пайдо мешаванд.

Яке аз ҳамин гуна мавзуъҳо масъалаи маъно ва муносибатҳои маъноӣ, аз ҷумла, сермаъноӣ, муродифот, зидмаъноӣ ва омонимӣ дар синтаксис таваҷҷуҳи муҳаққиқонро аз даврaҳои аввали омӯзиши ҷумлаҳои мураккаб ба худ ҷалб намудааст, ки ин бесабаб нест. Вақте ки сухан аз шинохт, ҷудокунӣ, таснифоти ҷумлаҳои пайрав меравад, хоҳу нохоҳ ин масъала пеши рӯ меояд, яъне муайян кардани хели ҷумлаи пайрав талаб мекунад, ки муносибати маъноии он нисбат ба сарҷумла фаҳмида шавад. Ин масъала ҳангоми ҷудо кардан ва шинохтани пайвандакҳои ҷумлаҳои пайрав низ муҳим мегардад. Ҳамин муносибатҳои маъноӣ, ки байни сарҷумла ва ҷумлаи пайрав мавҷуд аст ва тавассути пайвандак, калимаҳои ҳамнисбат, мутобиқати шакҳои феълӣ-хабарҳо равшан мегардад, бисёр вақт боиси пайдоиши тобишҳои маъноӣ, ҳаммаъноӣ ва зидмаъноӣ мегардад. Ин ҳодиса муҳаққиқонро водор менамояд, ки ҳангоми ҷудо ва тасниф кардани ҷумлаҳои пайрав ба хелҳо моҳияти ин зуҳуротро омӯзанд. Бинобар ин мавзуи сермаъноӣ ҳам ба мисли муродифот ва яке аз масъалаҳои мубрам ва асосии илми забоншиносӣ буда, дар қисматҳои гуногуни ин соҳа: лексикология, синтаксис ва услубшиносӣ омӯхта мешавад. Сермаъноӣ ё ки полисемия аз ҳодисаҳои ниҳоят сершохаи системаи забон ба шумор рафта, тамоми қабатҳои онро фаро мегирад. “Ҳарчанд ин ҳодиса пеш аз ҳама, ба калимаҳо нисбат дорад, воҳидҳои дигари забон, чун воҳидҳои фразеологӣ, морфологӣ, синтаксисӣ ва ҳодисаҳои мухталифи нутқ низ сермаъно шуда метавонанд” [4, с.46].

Дар забоншиносии рус В.В. Виноградов [2], Н.М. Шанский [16], Л.С. Пейсиков [13] ва баъдан муҳаққиқони зиёди дигар дар мавриди сермаъноӣ ва тобишҳои услубии маъно дар бахши лексикология тадқиқоти ҷудогона ва мукаммал анҷом додаанд. Дар забоншиносии тоҷик аз гуфтаҳои муаллифону мураттибони луғатҳои пешин сар карда то имрӯз силсилаи тадқиқот сурат гирифтааст. Аввалин тадқиқот дар ин самт дар забоншиносии муосири тоҷик аз ҷониби Д. Тоҷиев [15], Н. Маъсумӣ [6] ва А. Муъминов [11] анҷом дода шуда буд. Додоҷон Тоҷиев дар мавриди сермаъноии луғавӣ тадқиқоти пуразише анҷом додааст. Ӯ дар мақолаи “Слово “об – вода в современном таджикском языке” маъноҳои калимаи обро дар забони тоҷикӣ шарҳ медиҳад. Муҳаққиқ маъноҳои аслию маҷозии калимаи об, маъноҳои онро дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақолҳо низ дида мебарояд ва дар 119 мавриди гуногун истифода шудани онро собит менамояд. Забоншинос А.Муъминов рисолаеро бо унвони «Полисемия дар забони тоҷикӣ» таълиф намуда, махсусиятҳои калимаҳои сермаъно, фарқи калимаҳои сермаъно аз омонимҳо, омилҳои сермаъношавии калимаҳоро қайд кардааст. Мавсуф ду омили сермаъношавии калимаҳоро зикр намуда, чунин менависад: «Як қатор калимаҳо дар давоми асрҳо тағйири маъно кардаанд, яъне маънои аввалаашонро гум карда, маънои нав гирифтаанд, ки ин протсессро омилҳои ғайризабонии маъно ба амал овардааст, вале омилҳои ғайризабонӣ бевосита маънои калимаро тағйир намедиҳанд, балки бо қонунҳои забон мутобиқ мешаванд, пас маънои калима тағйир меёбад. Сабаби дуюм омили забонии тағйири маъно мебошад» [11, с.23].

Баъдан олимони зиёде ҳангоми тадқиқи забони осори шоиру нависандагон ин масъаларо баррасӣ намудаанд. Ҳоло тадқиқоти нисбатан мукаммал дар ин самт дар забоншиносии тоҷик ба қалами муҳаққиқон А. Муъминов [11] ва Ҳ. Маҷидов [4] таалуқ дорад.

Масъалаи сермаъноӣ ё полисемияи воҳидҳои грамматикӣ дар забоншиносии умумӣ ва тоҷику форс то андозае таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳаро ба худ ҷалб намудааст. Аз ибтидои омӯзиш ва тадқиқи воҳидҳои грамматикии забон сар карда вобаста ба қолабҳо ва шаклҳои онҳо, омилҳои гуногуни ифодаи онҳо мавриди пажӯҳишҳои олимони ҷудогона қарор гирифтааст.

Аслан, омӯзиши ҳодисаи сермаъноӣ дар ҳама қабатҳои забон баробари ба миён омадани зарурати воқеӣ сурат гирифта, зина ба зина паҳлуҳои нав ба нави он ошкор карда мешавад. Дар ҳар як давраи омӯзиши ин масъала ба миён омадани проблемаҳои нав боиси боз ҳам бештар гардидани таваҷҷуҳи муҳаққиқони забоншинос мегардад. Полисемия яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносӣ буда, ба ҷараёни умумии омӯзиши таркиби луғавӣ, воҳидҳои фразеологӣ, унсурҳои калимасозӣ, шаклу воситаҳои грамматикӣ ва қолабҳои ифодаи фикр алоқаманд аст. Агар зарурати омӯзиши ҳодисаи муродифоти луғавию грамматикӣ бо масъалаҳои ҳусни баён ва услубиёти нутқ бештар алоқаманд бошад, мавзӯи сермаъноӣ бо мақсади баёни фикр иртибот пайдо мекунад, ки ин ба маъно ва мантиқи сухан вобаста буда, муҳимияти бештар дорад. Чунон ки профессор Ҳ. Маҷидов таъкид мекунад: «Талаботи фасоҳати сухан бо системаи маъноии забон, хосатан, категорияҳои сермаъноӣ, муродифот ва мутазодоти он алоқамандии бевосита дорад. Дар назар бояд дошт, ки ин категорияҳо, ҳарчанд ки дар сатҳҳои мухталифи забон зоҳир шуда метавонанд, яъне на фақат воҳидҳои луғавӣ сермаъно гардида, муродиф ва мутазодҳо доранд, ҳамчунин воҳидҳои фразеологӣ, калимасоз, морфологӣ ва синтаксисӣ низ ин категорияҳоро дошта метавонанд, лекин амали онҳо дар ҳамаи ин воҳидҳову сатҳҳои онҳо якранг нест» [5, с.76].

Бинобар ин, сермаъноӣ дар воҳидҳои гуногуни забон, дар сатҳҳои мухталифи сохтори грамматикии он мушоҳида мешавад ва аз масъалаҳои асосии баҳси забоншиносӣ ва услубшиносӣ ба шумор меравад ва омӯзиши он дар рушди меъёрҳои забони адабӣ, бегуфтугӯ нақши муҳим дорад.

Дар забоншиносии тоҷик масъалаи сермаъноии синтаксисӣ, аз ҷумла, сермаъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ низ то андозае мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Ин масъалаҳо махсусан дар мавриди омӯзиши ҷумлаҳои пайрави ҷудогона аз ҷониби муҳаққиқон махсусан зикр карда мешавад.

Дар забоншиносии умумӣ солҳост, ки як масъалаи дигар ҳам муҳаққиқонро бетараф намегузорад. Ин масъала назарияи ба ҳам гузаштан, омезиш ёфтани маъноҳо аст.Назарияи ба ҳам гузаштани маъноҳо, ҳамдигарро иваз кардани шаклҳои грамматикӣ, қолабҳои грамматикӣ дар забоншиносии рус баробари омӯзиши назарияи грамматика дар забоншиносии рус пайдо шудааст.Аслан, худи назарияи баргардандагӣ (теория переходности, трансформатсия)- ро ҳанӯз А.М. Пешковский пешниҳод намуда буд. Муҳаққиқ дар муқаддимаи “Русская грамматика в научном освещении” таъкид мекунад, ки “Ин дигаргуниҳои охирин то андозаи муайян дар қисмати назариявии китоби дарсӣ дарҷ гардидаанд: ба хусусиятҳои гузарандагии бисёр зуҳуроти синтаксисӣ таваҷҷуҳ бештар гардида, ба ҷузъиёти дигари ба гурӯҳҳои хурд - хурд ва ҷузъӣ таваҷҷуҳ камтар зоҳир карда шудааст” [14, с.10].

Агарчи аслан, андешаҳои А.М. Пешковский бевосита ба синтаксиси ҷумлаҳои мураккаб дахл надоштанд ва бештар ба масъалаҳои ҳамдигарро иваз кардани шаклҳои морфологӣ ва ибораву ҷумлаҳои сода бахшида шуда буданд, бо вуҷуди ин маҳз ҳамин оғоз забоншиносони баъдинаро водор намуд, ки ин масъаларо дар қисмати нисбатан хусусияти устувории қолабидошта – синтаксис, ривоҷ диҳанд. Баъдтар ин назария дар тадқиқоти В.Н. Мигирин инкишоф дода шуд, аммо дар ин ҷо аз ду паҳлуи масъалаи назарияи гузарандагӣ (теория переходности) ба масъалаи гузарандагии диахронӣ бештар таваҷҷуҳ карда шуда буд. Масъалаи синхронии ин назария, яъне имконияти ҳамзамон – синхронӣ, вуҷуд доштани ду шакл, ки яке дигареро инкор намекунад, мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифт.

В.Н. Мигирин ин зуҳуротро ҳамчун ҷараёни таҳаввулотӣ дар сохтори морфологию синтаксисии забон баррасӣ намуд,ба трансформатсияи ҷумлаҳои пайрав ба ибора - ифодаҳои ғайрипредикативӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуда [8], аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигари нутқ гузаштани калимаҳоро низ трансформатсия номид [7]. Ҳамин масъаларо дар

сохтори ҷумлаҳои сода низ тадқиқ намуд [8]. Асоси назарияи В.Н. Мигиринро тадқиқи масъала дар ҷараёни инкишофи таърихии забон ташкил медод, яъне масъалаи назарияи гузарандагиро ӯ чун зуҳуроти диахронӣ шарҳ медиҳад.

Бо масъалаи мазкур баъдтар дар забоншиносии рус махсус В.В. Бабайтсева машғул шуда, барои аз ҳам ҷудо кардани якчанд зуҳуроти ба ҳам наздик, аммо аз ҳам комилан фарқкунанда асоси мустаҳками назариявӣ гузошт, зеро дар таҳқиқоти то ин давра анҷомёфта ин зуҳурот бо номҳои гуногун “назарияи гузарандагӣ” (теория переходности), трасформатсия, контоминатсия зикр карда мешуданд.

В.В. Бабайтсева худ низ иқрор мекунад, ки аз ҳам ҷудо кардан ин зуҳурот дар аввал барои ӯ низ мушкил буд: “Дар тадқиқоти “Переходное конструкции в синтаксисе” ман гузарандагии синхрониро “контоминатсия” (ҷойивазкунӣ) гуфтаам, баъдтар аз ин истилоҳҳо даст кашидам, ба хотири он, ки дар ифодаи онҳо духӯрагӣ вуҷуд дошт. Истилоҳи “траснформатсия” дар грамматикаи трансформатсионӣ хеле роиҷ гардида буд, истилоҳи “контоминатсия” барои ифодаи омезиши нишонаҳои конструкссияҳое ба кор меравад, ки бештар хусусияти инфиродӣ доранд” [1, с.87].

Шарҳи нисбатан пурра ва дақиқи синкретизмро В.В. Бабайсева додааст. Муҳаққиқ ду маънои ин истилоҳро медиҳад:

Ба ҳам монанд шудани категорияҳо ва шаклҳои аз нигоҳи функсионалӣ гуногуни грамматикӣ дар як шакли грамматикӣ. Ӯ ин масъаларо ба ҳам монанд шудани падежҳои гуногунро мисол меорад. Дар забони тоҷикӣ бошад дар ин маврид ба ҷойи ҳам истифода шудани замонҳои феълро мисол овардан мумкин аст, ҳамчунин бо шаклҳи якхелаи грамматикӣ ифода шудани баъзе бандакҳои феълӣ ва хабарӣ ҳам ба ин мисол шуда метавонанд.

Ба ҳам омехта шудани нишонаҳои сохторӣ ва сематникии мутафарриқ, ки ба ҳам зид гузошта мешаванд.

Синкретизм дар забоншиносӣ ба маъноҳои васеъ ва маҳдуд фаҳмида мешавад. Дар фаҳмиши васеъ он ҳодисаҳои сермаъноӣ, муродифот ва омонимияро дар бар мегирад ва бо онҳо робитаи хеле устувор дорад. О.Ю. Никулина онро чунин шарҳ медиҳад: “Ба маънии васеаш “синкретизм” чун ба узвҳо ҷудонашаванда, ғайридискретӣ, умуман, якҷоя фаҳмида мешавад. Дар чунин фаҳмиши синкретизм ба таври пурра ҳамаи зуҳуроти асимметрии аломатҳоии забон: омонимия, синонимия, сермаъноӣ, гунанокӣ ва монанди инҳо фаҳмида мешаванд, ки аслан қариб ҳамаи забоншиносон чунин шарҳ додаанд, зеро дар ҳамаи ин зуҳурот ба узвҳо ҷудо карда нашудани баъзе паҳлуҳои аломатҳои забон, ё мундариҷа ва шакл зоҳир мегардад” [12, с.12]. Ба маънои маҳдуд ё дақиқаш онро бо ин ҳодисаҳо монанд шарҳ додан мумкин аст ва ин ҳодиса дар тамоми сатҳҳои забон вуҷуд дорад. “Аммо ҳангоми таҳлили баъзе воҳидҳои мушаххаси забон фаҳмиши дигари синкретизм низ истифода мегардад, ба маънои боз ҳам маҳдудтар, маҳз ҳамчун омезиши вазифаҳо ё маъноҳо дар як воҳиди ифода на танҳо дар мавриди парадигматикӣ, ҳамчунин дар мавриди синтагматикӣ низ истифода мешавад. Дар робита ба ин зарурати маҳдуд кардани ин навъи духӯрагии аломатҳои забонӣ аз дигар ҳодисаҳои монанд ба миён меояд” [12, с.13]. Дар мавриди синтаксиси ҷумлаҳои мураккаб ва сермаъноии ҷумлаҳои пайрав онро чунин шарҳ додан мукин аст, ки сермаъноии ҷумлаҳои пайрав тавассути пайвандакҳо ва воситаҳои дигари грамматикии алоқаи сарҷумла ва ҷумлаи пайрав сурат мегирад, аммо дар синкретизм ҳамин маъноҳо тавассути муносибати мантиқию маъноӣ ифода меёбанд. Ба андешаи О.Ю. Никулина ин ду ҳодисаи забониро чунин истифода намудан ва фаҳмидан мувофиқи мақсад аст: “Истилоҳи “синкретизм”ро дар мавриди муносибатҳои мантиқию маъноӣ, ки дар сатҳи ҷумлаи мураккаб ба вуҷуд меоянд, истифода намудан мувофиқтар аст. сермаъноӣ дар сатҳи пайвандакҳое ба вуҷуд меояд, ки қисмати зиёдашон дар сохтори маъноии худ якчанд маъно доранд” [12, с.14].

Дар мисолҳои зерин ин зуҳуроти синкретизм ва сермаъноиро метавон муқоиса намуд: Ҷонзоде нест, ки аз вай ба дили худ қувват гирад (С. Айнӣ); Дар заминкане, ки анбори хӯроквории лашкар буд, худи махсум рост истода, фармонҳо медод (Ҷ. Икромӣ); Ҷавононе, ки ҳанӯз хонадор нашуда буданд, бо нияти фоли нек косаи оби никоҳро гирифта талош карда нӯшиданд (С. Айнӣ).

Дар ҷумлаи аввал аз маънои мантиқии сарҷумла “Ҷонзоде нест” чунин маъниро интизор шудан ва ё баровардан мумкин аст: кадом ҷонзод?, ҷонзод чӣ кор кунад? Инҳо маъноҳои синкретии ҷумлаи мазкуранд, ки мо дар худ хулоса карда метавонем, аммо ҳар кадоме аз пайвандаки “ки” ва “то” дар ҷумла бевосита истифода шаванд, маънои мушаххаси ҷумлаи пайрав ҳосил мешавад.Мо маъноҳои ин ҷумлаи мураккаби тобеъро аз истифодаи пайвандак равшантар мефаҳмем, аммо махсусияти маънои синкретӣ дар он аст, ки гӯянда воқеан, кадоме аз фикрҳоро ҳадафи сухани худ қарор додааст ва ё шунаванда аз ин гуфтаҳо чӣ фаҳмидааст.

Дар ҷумлаи дуюм низ сарҷумлаи “Дар заминкан...” калимаи “заминкан” метавонад вобаста ба мақсад ва фаҳмиши мо мантиқан саволи кадом заминкан ва дар куҷо?-ро талаб кунад, ки дар мавриди аввал бар эзоҳи он ҷумлаи пайрави муайянкунанда меояд, дар мавриди дуюм, ки тобиши иловагии маъноӣ аст, ҷумлаи пайрави макон меояд. Ҳамин маъноҳои дар фикри мо пайдошуда, ки аз қисмати аввали ҷумла фаҳмида, тасаввур карда мешавад, муносибати синкретӣ аст, вале маводи амалии забон (давоми ҷумла), ки маънои мушаххас аз он бармеояд, ба ҳодисаи сермаъноӣ мансуб мегардад. О.Ю. Никулина онро хулоса карда синкретизмро чунин шарҳ медиҳад: “Синкретизм дар синтаксис ин зуҳуротест, ки робитаи гуногуни мантиқӣ ва хронологии воқеияти воситаҳои забониро инъикос мекунад” [12, с.14].

Бояд ёдрас кунем, ки синкретизм на танҳо ҳодисаи сермаъноиро дар бар мегирад, инчунин масъалаи мурдифот, зидмаъноӣ ва омонимияро низ фаро гирифта, хоси ҳамаи қабатҳои забон аст.

Дар синтаксиси ҷумлаҳои мураккаби тобеъ муносибати маъноии пешбинишавандаи маъноиеро дар бар мегирад, ки қолабҳои якхела дошта метавонанд. Ин масъала дар тадқиқоти мукаммали муҳаққиқи рус С.И. Дружинина хеле муфассал шарҳ ёфтааст.Ӯ тадқиқоти диссертатсионии худро ба кушодани моҳияти масъалаи синкретизм бахшида, дар доираи он дар хусуси синкретизми сермаъноӣ, муродифӣ, зидмаъноӣ, омонимии ҷумлаҳои пайрави ҳол мулоҳиза баён кардааст [3].

Азбаски муносибати синкретаии сермаъноӣ ва тобиши иловагии маъноии ҷумлаи пайрав бо худи ҳодисаи сермаъноӣ иртиботи бевосита доранд, шарҳи мухтасари баъзе масъалаҳои сермаъноии муносибати синкретиро лозим мешуморем.

Маълум аст, ки ҷумлаҳои пайравро дар забони тоҷикӣ ба ду гурӯҳи калон – ҷумлаҳои пайрави якузва ва ҷумлаҳои пайрави бисёрузва ҷудо мекунанд. Ба туфайли бар эзоҳи тамоми сарҷумла омадани ҷумлаҳои пайрави ҳол, яъне ҷумлаҳои пайрави бисёрузва, имконияти маъноҳои синкретии сермаъноӣ пайдо карданашон бештар мегардад. Ин гуна ҷумлаҳоро низ дар навбати худ ба ду гурӯҳи калон ҷудо намудан мумкин аст. Гурӯҳи аввалро ҷумлаҳое ташкил медиҳанд, ки маънои хосаи ҳамон навъи ҷумлаи пайравро доранд, тобишҳои иловагии маъноӣ надоранд, як маънояшон равшан ва устувор аст, гурӯҳи дуюмро бошад, ҷумлаҳе ташкил медиҳанд, ки ба замми маънои асосӣ ва аввал, тобишҳои маъноӣ доранд ва ин тобишҳои маъноӣ гоҳо як ва гоҳо якчандто буда метавонанд. Дар мавриди сермаъноӣ ҳамин муносибати маъноии як ҷумлаи пайравро муносибати синкретӣ меноманд. Инро дар мисоли ҷумлаҳои зерин дидан мумкин аст:

Ҳамин ки ман ин гапро шунидам, даррав аз даҳанаи таги девор худамро ба кӯча гирифтам (С.Улуғзода); Шаб ки ба хона баргаштанд, ман аз бародарам мепурсидам (С. Улуғзода). Дар ин ҷумлаҳо, бешубҳа ва бе духӯрагии маъно ҷумлаи пайрави замон аст. Вале агар дар ҳар ду ҷумла шакли грамматикии хабари сарҷумла тағйир дода шавад, ҷумлаҳо дар шакли *Ҳамин ки ман ин гапро шунидам, даррав аз даҳанаи таги девор худамро ба кӯча мегирам; Шаб ки ба хона баргаштанд, ман аз бародарам мепурсам* – ҳар ду ҷумла ба замми маънои замонӣ тобиши иловагии маънои шартиро низ доранд.

Дар мавриди аввал ҷумлаҳо маънои аслӣ (ядроӣ) доранд, дар мавриди дуюм онҳо муносибати синкретии сермаъноӣ доранд ва маънои мобайнӣ (периферияви) дар ҳар ду ҷумла мавҷуд аст, ки дар матн мушаххас мегардад, ки кадоме аз онҳо афзалият дорад - замон ё шарт.

Ҳамин гуна муносибатҳои синкретӣ дар мавриди муродифот, зидмаъноӣ, омонимияи ҷумлаҳои пайрав ҷой дорад [ниг. ба: 3].

Ба андешаи С.И. Дружинина дар мавриди ҷумлаҳои мураккаби тобеъ маънои дуюми он мувофиқат мекунад. Ин маъно ҳангоми омӯзиши хелҳо ва навъҳои гуногуни ҷумлаҳои мураккаб мувофиқат мекунад. Маҳз дар доираи ҳамин назария хусусиятҳои морфологии муносибатҳои грамматикии муқоисавӣ, замонӣ, сабабӣ, истисноӣ ва монанди инҳо дар доираи сохторҳои синтаксисӣ бояд омӯхта шаванд.

Ҳамон ҷумлаҳои мураккаби тобее синкретӣ номида мешаванд, ки ду ва ё зиёда аз он маъноҳои грамматикиро дар бар мегиранд, дар онҳо яке аз маъноҳои грамматикӣ асосӣ аст, маъноҳои дигар бошанд, иловагианд. Маънои синкретиро доро будани ҷумлаи мураккаби тобеъ, ё умуман, ҳама гуна воҳиди дигари забонӣ нишонаи суст будани ҳамин маънои асосӣ аст, бинобар ин маъноҳои дигари иловагӣ дар заминаи ҳамин қолаб ба вуҷуд меоянд.

Албатта, дар як мақола ҳама ҷиҳатҳои масъалаи синкретизмро баррасӣ кардан номумкин аст, зеро он масъалаи ниҳоят мураккаб ва гуногунҷанба буда, дар забоншиносии умумӣ дар бораи он муҳаққиқони хеле зиёд мулоҳиза баён намудаанд. Азбаски он бо масъалаи сермаъноии наҳвӣ алоқамандии бевосита дорад ва то ҷое мо маълумот дорем, дар забоншиносии тоҷик ба ин масъалаи хеле ҷолиби илми забоншиносӣ таваҷҷуҳ зоҳир нашудааст ва баррасии ин масъала ба ҷалб гардидани таваҷҷуҳи муҳаққиқон сабаб шуда метавонад.

Масъалаи сермаъноии наҳвӣ, ки омили асосии инкишофи омӯзиши сермаъноии ҷумлаҳои пайрав аст, аз силсилаи тадқиқоти гуногун маншаъ мегирад, ки роҳу воситаҳои онро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст:

1. Дар китобҳои дарсӣ, дастур ва васоити таълимӣ, мақолаҳои характери илмию методидошта, ки бо мақсади такмили дониши забономӯзон, тавсияҳо ба таълимгирандагону омӯзгорон таҳия мегарданд, масъалаи тобиши ҷумлаҳои пайрав ишора карда мешаванд. Бояд гуфт, ки дар ин силсилаи тадқиқот истилоҳи “сермаъноӣ” ё “полисемия” ишора намегарданд.

2. Дар мавриди нишон додани хусусиятҳои грамматикии забони тоҷикӣ тавассути таҳлили осори бадеии шоиру нависандагони ҷудогона, нишон додани сабки хосаи эҷодкорон ишораҳо ба масъалаи сермаъноӣ бо таъкиди тобиши маъноӣ сурат мегирад.

3. Дар мавриди тадқиқи воҳидҳои гуногуни сарф ва наҳви тоҷикӣ, аз қабили пайвандакҳо, воситаҳои алоқаи грамматикӣ ба тобишҳои маъноии онҳо таваҷҷуҳ карда мешавад.

4. Ҳангоми тадқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, хелҳои он, ҷумлаҳои ҷудогонаи пайрав, сохтор, қолаб ва маъноҳои онҳо масъалаи сермаъноӣ зикр карда мешавад. Дар аксари ин гуна тадқиқот низ мафҳуми сермаъноӣ бо истилоҳи “тобишҳои маъноӣ” ифода карда мешавад.

5. Ҳангоми тадқиқи масъалаҳои муродифоти наҳвӣ аз ҷониби муҳаққиқон ба масъалаи тобиши маъноӣ низ таваҷҷуҳ мегардад, аммо яке аз масъалаҳои печида дар ин маврид он аст, ки дар баъзе тадқиқоти дар ин самт анҷомёфта сарҳади мушаххас байни сермаъноӣ ва муродифот гузошта намешавад.

6. Дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик муҳаққиқон ба назарияи омӯзиши масъалаи сермаъноӣ таваҷҷуҳ намуда, мураккаб будани ин мавзуъ ва ба омӯзиши махсус ниёз доштани онро таъкид менамоянд.

7. Масъалаи муносибати синкретӣ дар забоншиносии тоҷик мавриди тадқиқ қарор нагирифтааст, бо вуҷуди он ки забоншиносони рус онро зуҳуроти хоси тамоми қисматҳои забоншиносӣ мешуморанд ва ин масъалаест, ки дар забоншиносии тоҷик низ таваҷҷуҳи махсус мехоҳад. Баррасии ҷузъии муносибати синкретӣ далел бар он мекунад, ки масъалаи мазкур дар забоншиносии тоҷик низ таваҷҷуҳи махсус ва мукаммал мехоҳад.

Азбаски таҳияи китобу дастурҳои таълимӣ ба забони тоҷикӣ ба таври мунтазам танҳо баъд аз инқилоби октябр сурат гирифт, оғози таҳқиқоти масъалаҳои гуногуни грамматикаи забони тоҷикӣ низ аз ҳамон давра сурат мегирад ва дар аввалин китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ ишораҳои хеле ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки бешубҳа, ба тадқиқоти нисбатан дақиқи солҳои баъдина замина гузоштаанд. Муаллифони ин таълифот аз хусуси

сермаъноӣ, тобишҳои маъноӣ бевосита чизе нагуфта бошанд ҳам, назари онҳо дар мавриди роҳу воситаҳои алоқа ва зикри маънои аъзоҳои ҷумла ва ҷумлаҳои пайрав муҳим аст.

Давраи нави инкишофи забони тоҷикӣ, ки истиқлолияти давлатии Тоҷикистон боиси он гардид, дар назди муҳаққиқон вазифа ва масъулиятҳои нав ба нав мегузорад.

Муқарриз: ***Мавлонзода Ш.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Бабайцева В.В. Явление переходности в грамматике русского языка / В.В. Бабайцева. - М.: Дрофа, 2000. - 640 с.
2. Виноградов В.В. Проблемы русской стилистики / В.В. Виноградов. - М.: Госиздат, 1941. – 618 с.
3. Дружинина С.И. Синкретизм в системе сложноподчиненных предложений современного русского языка: дисс. доктора филол. наук / С.И. Дружинина. – Орёл, 2009. – 471 с.
4. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе, 2007. – 243 с.
5. Маҷидов Ҳ. Сеҳри сухани форсии тоҷикӣ / Ҳ.Маҷидов. - Душанбе: Дониш, 2014. – 352 с.
6. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. – Сталинобод, 1959. – 294 с.
7. Мигирин В.Н. Очерки по теории процессов переходности в русском языке / В.Н. Мигирин. - Бельцы, 1971.
8. Мигирин В.Н. Процессы переходности на уровне членов предложения / В.Н. Мигирин. - ФН, 1968. - №2.
9. Мигирин В.Н. Эволюция придаточного и разные виды трансформации главного и придаточного предложения в русском языке / В.Н. Мигирин. - Симферополь, 1954.
10. Муминов А. Полисемия в таджикском языке: автор. канд… дис… фил.наук / А.Муминов. - Душанбе, 1972. – 18 с.
11. Муминов А. Полисемия дар забони забони тоҷикӣ: дисс… канд… филол. наук / А. Муминов. - Душанбе, 1972. – 167 с.
12. Никулина О.Ю. Основные типы синкретизма в системе сложноподчиненного предложения (на материале современного французского языка): автореф. дисс... канд. филол. Наук / О.Ю. Никулина. - М., 2009. – 27 с.
13. Пейсиков Л.С. Лексикология современного персидского языка / Л.С.Пейсиков. - М., 1975. – 206 с.
14. Пешковский А.М. Русский синтаксис в научном освещении. - 7-е изд. / А.М. Пешковский. - М., 1956. - 544 с.
15. Таджиев Д.Т. Слово “об” - вода в современном таджикском языке / Д.Т. Таджиев // Труды ИЯ АН СССР. - М., 1952. - Т.1. - С.42-60.
16. Шанский Н.М. Лексикология современного русского языка / Н.М. Шанский. - М.: Просвещение, 1964. – 370 с.

ДОИР БА МАСЪАЛАҲОИ СЕРМАЪНОӢ ВА СИНКРЕТИЗМ ДАР ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ТОБЕЪ

Мақола ба тадқиқу баррасии яке аз масъалаҳои мураккабу баҳсноки илми забоншиносӣ бахшида шудааст. Дар он доир ба ҳодисаи сермаъноӣ ва масъалаҳои синкретизм фикру мулоҳизаҳо баён шудааст. Полисемия яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ буда,ба ҷараёни умумии омузиши таркиби луғавӣ, воҳидҳои фразеологӣ, унсурҳои калимасозӣ, шаклу воситаҳои грамматикӣ ва қолабҳои ифодаи фикр алоқаманд аст. Агар зарурати омӯзиши ҳодисаи муродифоти луғавию грамматикӣ бо масъалаҳои ҳусни баён ва услубиёти нутқ бештар алоқаманд бошад, мавзуи сермаъноӣ ба мақсади баёни фикр иртибот пайдо мекунад, ки ин ба маъно ва мантиқи сухан вобаста буда, муҳимияти бештар дорад. Бинобар ин, сермаъноӣ дар воҳидҳои гуногуни забон, дар сатҳҳои мухталифи сохтори грамматикии он мушоҳида мешавад ва аз масъалаҳои асосии баҳси забоншиносӣ ва услубшиносӣ ба шумор меравад ва омӯзиши он дар рушди меъёрҳои забони адабӣ, бегуфтугӯ нақши муҳим дорад.Дар забоншиносии умумӣ солҳост,ки як масъалаи дигар ҳам муҳаққиқонро бетараф намегузорад. Ин масъала назарияи ба ҳам гузаштан,омезиш ёфтани маъноҳо аст. Назарияи ба ҳам гузаштани маъноҳо, ҳамдигарро иваз кардани шаклҳои грамматикӣ, қолабҳои грамматикӣ дар забоншиносии рус баробари омузиши назарияи грамматика пайдо шудааст. Дар мавриди синтаксиси ҷумлаҳои мураккаб ва сермаъноии ҷумлаҳои пайрав онро чунин шарҳ додан мукин аст, ки сермаъноии ҷумлаҳои пайрав тавассути пайвандакҳо ва воситаҳои дигари грамматикии алоқаи сарҷумла ва ҷумлаи пайрав сурат мегирад, аммо дар синкретизм ҳамин маъноҳо тавассути муносибати мантиқию маъноӣ ифода меёбанд. Қайд кардан бомаврид аст, ки синкретизм на танҳо ҳодисаи сермаъноиро дар бар мегирад, инчунин масъалаи муродифот, зидмаъноӣ ва омонимияро низ фаро гирифта, хоси ҳамаи қабатҳои забон аст.

Калидвожаҳо: синтаксис, ҷумлаи мураккаб, полисемия, сермаъноӣ, тобишҳои маъноӣ, синкретизм, муродифот, сарҷумла, ҷумлаи пайрав, воҳидҳои грамматикӣ. воҳидҳои грамматикӣ.

О ВОПРОСАХ ПОЛИСЕМИИ И СИНКРЕТИЗМА В СЛОЖНОПОДЧИНЕННЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЯХ

Статья посвящена исследованию одного из самых сложных и дискуссионных вопросов языкознания. В данной статье обсуждаются проблемы полисемии и вопросы синкретизма. Полисемия является одним из важнейших вопросов языкознания и связана с общим процессом изучения лексического состава, фразеологизмов, словообразовательных элементов, грамматических форм и способов выражения. Если необходимость изучения лексико-грамматических синонимов больше связана с вопросами риторики и стиля речи, то тема многозначности связана с целью выражения, которая зависит от смысла и логики речи и является более важной. Поэтому многозначность наблюдается в разных единицах языка, на разных уровнях его грамматического строя и является одним из основных вопросов лингвистических и стилистических споров, а ее изучение играет важную роль в разработке норм литературного языка. В языкознании долгие годы

существует одна проблема, которая не оставила равнодушными исследователей. Это проблема перехода теории и смешивания слов. Теория переноса значений, замена грамматических форм, грамматические закономерности в русском языкознании возникли параллельно с изучением теории грамматики. Что касается синтаксиса сложных предложений и семантики придаточных предложений, то можно пояснить, что многозначность придаточного предложения передается через союзы и другие грамматические средства связи между главным и придаточным предложением, а в синкретизме те же значения выражаются через логико-смысловую связь. Следует отметить, что синкретизм включает в себя не только явление многозначности, но и проблему синонимов, антонимов и омонимов, что характерно для всех видов языка.

Ключевые слова: синтаксис, сложные предложения, полисемия, семантика, семантические оттенки, синкретизм, синонимы, главное предложение, придаточное предложения, грамматические единицы.

ON THE ISSUES OF POLYSEMY AND SYNCRETISM IN COMPLEX SENTENCES

The article is devoted to the study of one of the most complex and controversial issues of linguistics. This article discusses the problems of polysemy and issues of syncretism. Polysemy is one of the most important issues of linguistics and is associated with the general process of studying the lexical composition, phraseological units, word-building elements, grammatical forms and ways of expression. If the need to study lexico-grammatical synonyms is more related to issues of rhetoric and style of speech, then the topic of polysemy is related to the purpose of expression, which depends on the meaning and logic of speech and is more important. Therefore, polysemy is observed in different units of the language, at different levels of its grammatical structure, and is one of the main issues of linguistic and stylistic disputes, and its study plays an important role in the development of the norms of the literary language. For many years there has been one problem in linguistics that has not left researchers indifferent. This is the problem of theory transition and word mixing. The theory of the transfer of meanings, the replacement of grammatical forms, grammatical patterns in Russian linguistics arose in parallel with the study of the theory of grammar. As for the syntax of complex sentences and the semantics of subordinate clauses, it can be explained that the ambiguity of the subordinate clause is transmitted through conjunctions and other grammatical means of communication between the main and the subordinate clause, and in syncretism the same meanings are expressed through a logical-semantic connection. It should be noted that syncretism includes not only the phenomenon of polysemy, but also the problem of synonyms, antonyms and homonyms, which is typical for all types of language.

Key words: syntax, complex sentences, polysemy, semantics, semantic shades, syncretism, synonyms, main clause, subordinate clause, grammatical units.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **abdurahmonzoda-m@mail.** ru. Тел.: **(+992) 988-34-29-59**

Сведение об авторе: ***Абдурахмонова Мастура Амиралиевна*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **abdurahmonzoda-m@mail.** ru.
Тел.: **(+992) 988-34-29-59**

Information about the author: ***Abdurakhmonova Mastura Amiralievna*** - Tajik National University, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Modern Tajik Literary Language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **abdurahmonzoda-m@mail.** ru. Phone: **(+992) 988-34-29-59**

УДК: 491.155

ТАҲЛИЛИ РОҲҲО ВА РАВАНДИ ИҚТИБОСШАВИИ КАЛИМАҲО ВА ОМИЛҲОИ ОН ДАР ЗАБОНИ ФОРСӢ

Алзаҳронӣ Абдуллоҳ Рағаб
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷараёни иқтибоси калимаҳо падидаи забониест, ки мавриди истифодаи ҳамаи забонҳои дунё қарор дорад. Ин падидаи забонӣ ба унвони роҳи густариши забонҳо ва ҷавобгӯйи ниёзҳои ҳар ҷомеа аст. Забон таҳти таъсири талаботу тағйироти ҷомеаҳамеша дар ҳоли рушд аст ва яке аз роҳҳои рушди он пайдоиши калимаву мафҳумҳои нав на танҳо бо роҳи таҳаввули дохилӣ (калимасозӣ ва иборасозӣ), балки тариқи иқтибоси калимаҳо аз забонҳои дигар ба амал меояд.

Дар дунё тақрибан забоне нест, ки холӣ аз иқтибосот бошад. Забоншиноси маъруфи Эрон Маликушшуаро Баҳор дар китоби худ «Сабкишиносӣ» ба ин нукта хуб ишора кардааст: “Дар олам ҳеҷ забоне нест, ки битавонад аз омехтагӣ бо забони дигар худро бар канор дорад, магар забони мардуме, ки ҳаргиз бо мардуми дигар омезиш накунанд ва ин низ муҳол аст” [12, с.74-75].

Аслан, равандеро, ки тайи он як забон ё гӯйиш бархе аз аносири забонии худро аз забон ё гӯйиши дигар мегирад ва дар худ ҷой медиҳад, иқтибосшавӣ ё вомгирӣ меноманд [5, с.209]. Забоншнос Видо Шақоқӣ иқтибосро чунин таъриф кардааст: “Яке аз роҳҳои густариши забон ворид кардани аносири вожагонӣ аз дигар забонҳо ё гӯйишҳост. Ин корро вомгирӣ меноманд. Вожае, ки аз як забон ё гӯйиш ба забони дигар ворид мешавад, вомвожа номида мешавад [14, с.127].

Забоншиноси тоҷик Т.Бердиева дар асари худ “Назарияи иқтибос” мафҳуми иқтибосро чунин шарҳ додааст: “Иқтибос гуфта унсури лексикӣ, фонетикӣ, семантикӣ, грамматикӣ в синтакисии аз як забон ба системаи забони дигар дохилшударо меноманд”. Ӯ ба меъёрҳои иқтибос ҳолатҳои зеринро дохил намудааст: а) унсури бегоназабон (унсури иқтибосшуда – А.А.) ба қонунияти овозӣ, маъноӣ, сарфию наҳвии забони иқтибоскунанда бояд пурра итоат кунад; б) забони иқтибоскунандаро миқдоран бой, сифатан инкишоф диҳад” [1, с.8-9].

Тавре мулоҳиза мешавад, таърифи ҷараёни иқтибосшавӣ дар ҳамаи забонҳо яксон аст. Ба гунаи сода иқтибосро ҳамчун интиқоли вожаҳо аз як забон ба забони дигар ва истифода аз он вожаҳо барои пур кардани халои забонӣ ё густариши ганҷинаи забони иқтибоскунанда шарҳ додан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки падидаи иқтибос танҳо дар сатҳи вожагон рух намедиҳад, балки дар натиҷаи бархӯрдҳои забонӣ аносири овоӣ, вожагонӣ ва ҳатто наҳвӣ аз як забон ба забони дигар ворид мешавад.

Азбаски ҷараёни иқтибосшавӣ ба ҳамаи забонҳо тааллуқ дорад, тақрибан дар ҳамаи забонҳо ин масъала тавоҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст. Масалан, бисёре аз асарҳои арабшиносони шуравӣ ва аврупоӣ ба масъалаи иқтибос аз забони арабӣ бахшида шудаанд. Дар байни онхо таҳқиқоти И.Ю. Крачковский, А.Е. Крим, С.Х. Кямилева, Г. Шарбатова, Н.В. Юшманова, Г. Анавати, Ҷ.М. Баккер, Р. Блэчер ва дигаронро қайд кардан мумкин аст. В.М. Борисов дар замимаи «Луғати русӣ-арабӣ» рӯйхати иқтибосҳои навро нишон додааст [2, с.1110-1116].

Дар байни асарҳои илмии асри ХХ, ки ин масъаларо муфассал баррасӣ менамоянд, метавон асарҳои А.И. Смирнитскийро номбар кард. Таҳқиқоти Н.Н. Амокова, В. Апакин, В.М. Апистова, И.В. Апнолд, Р. Гинзбург, Б. Илиш, .Н. Мартянов, Н.Б. Мечковская, В.П. Секирин ва дигарон ба проблемаи омӯзиши иқтибосот дар забони англисӣ бахшида шудааст. Иқтибосоти арабӣ дар забони тоҷикӣ аз ҷониби муҳаққиқи арабшиноси тоҷик Т.Бердиева ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст [1].

Ҳамин тариқ, ҷараёни иқтибосшавӣ, ки онро дар забони форсии муосир бо истилоҳи “вомгирӣ” ифода мекунанд, аз муҳимтарин ва маъруфтарин ҷараёни густариши захираи луғавии забон ва ғанӣ гаштани ганҷинаи он аст. Вомгирӣ, ё худ иқтибос, байни забонҳо маъмулан дар натиҷаи тамоси гуногун – сиёсӣ, илмӣ, фарҳангӣ, тиҷоратӣ ва ғайра рух медиҳад. Яъне, вақте мардум чизеро аз мардуми дигар бигиранд ё одобу русумеро аз онҳо

биёмӯзанд ва тақлид кунанд, калимот ё вожаҳоеро низ, ки ба ин падида ишора мекунад, иқтибос мекунанд. Забон пӯётарин падидаи иҷтимоист ва бештарин таъсирро дар муқобили ҳар гуна таҳаввулоти иҷтимоӣ мапазирад. Тибқи маълумоти муҳаққиқони забони форсӣ, ҳоло тақрибан 60 дарсади захираи луғавии ин забонро калимаҳои иқтибосӣ аз забонҳои гуногун ташкил медиҳад.

Муҳаққиқи эронӣ Фаридун Бадраӣ дар ин бора гуфтааст: “Нуктаи муҳимму асосӣ дар табодули фарҳангҳо дар ин ҷост, ки касрати вожаҳои бегона дар як забон онро ба забонидигар мубаддал намесозад” [4, с.12].

Баъзе мутолиот нишон медиҳад, ки калимоти бегона дар бархе забонҳои аслӣ хеле зиёд аст. Барои намуна, забони албанӣ дар маҷмуъ 5140 калима дорад, ки аз он танҳо 430 калима албанӣ буда, бақияи он аз забонҳои дигар – юнонӣ, романӣ ва туркӣ гирифта шудааст [6, с.128].

Муҳаққиқону донишмандон оид ба падидаи иқтибос дидгоҳҳои мутафовите доранд. Бархе онро падидаи мусбат медонанд ва баъзе дигар муътақиданд, ки он падидаи манфӣ аст. Аммо ногузирии раванди иқтибосшавиро дар ҷараёни рушди забон ҳама эътироф кардаанд. Саранҷом,забони ҳар ҷомеа бар асари робита бо забонҳои дигар боиси тағйир ва дигаргунӣ мешавад.

Таърихи рушди забони форсӣ аз нигоҳи иқтибоси калимаҳо аз забонҳои дигар даврaҳои мухталифро дар бар мегирад. Давраи барҷастатарини даврони ташаккули забони форсии нав аст, ки дар баробари қабули хатти арабӣ ва густариши дини Ислом забони арабӣ низ ба ин забон таъсири чашмрасе дошт. Дар ин замина забони арабӣ ҳамчун забони ягонаи илмӣ дар фазои исломӣ нақши муҳим бозид, ки ҳатто муаллифони форсизабон осори худро ба забони арабӣ менавиштанд.

Аз замони инқилоби илмию техникӣ дар Аврупо (асрҳои XIX-XX), инчунин, дар робита ба мустамликадории оммавии кишварҳои Осиё ва Африқо аз ҷониби кишварҳои аврупоӣ давраи нави иқтибосшавии калимаву истилоҳот ба забонҳои ин кишварҳо оғоз мешавад. Таърихан Эрон ҳеҷ гоҳ мустамликаи ягон кишвари аврупоӣ набуд, аммо мисли дигар кишварҳои осиёӣ бо давлатҳои аврупоӣ равобити ҳамаҷониба дошт. Тавре ки аз мушоҳидаҳо ва таҳлилҳо бармеояд, шохаҳои забони форсии нав – форсӣ дар Эрон, тоҷикӣ дар Тоҷикистон ва дарӣ дар Афғонистон зери таъсири забонҳои мухталифи аврупоӣ (мутаносибан фаронсавӣ, русӣ ва англисӣ) қарор гирифтанд. Ба ин тартиб, муҳимтарин вожаҳо ва истилоҳоти нав ба забони форсӣ аз забони фаронсавӣ иқтибос шуданд, дар сурате ки забони дарии Афғонистон таҳти таъсири забони англисӣ ва забони тоҷикӣ дар Тоҷикситон таҳти таъсири забони русӣ қарор доштанд. Ин аст, ки таъсири забони фаронсавӣ объекти омӯзишу таҳлили асарҳои сершумори муҳаққиқони эронӣ ва хориҷӣ – эроншиносон гардидааст.

Марям Халилпур дар таҳқиқоти худ таҳти унвони «Қарзгирии вожагони забони форсӣ аз забони фаронса» масаълаи иҷтибоси калимаҳои фаронсавиро мавриди баҳсу баррасӣ қарор додааст [13]. Муҳаққиқи дигари эронӣ Раҳим Фаҳандиж Саъдӣ дар мақолаи худ «Баррасии суратҳои мухталифи вомгирии вожагони забони форсӣ аз фаронса – илал ва осебишиносӣ» [7] ба масаълаи иқтибос ва пайомадҳои манфии он дар забони форсӣ пардохтааст.

Дар ин мақола мо саъй кардаем, то ба анвоъ ва авомили иқтибосшавии калимаҳо дар забони форсӣ равшанӣ андозем.

Анвои иқтибос. Ҷараёни иқтибосро ба се навъ гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

1. Иқтибоси овоӣ-фонетикӣ (phonological borrowing). Ин навъи иқтибос чандон маъмул нест. Он равандест, ки дар ҷараёни он унсурҳои овозии як забон ба забони дигар мегузарад. Маъмулан унсурҳои овоӣ на дар шакли аслӣ, балки дар шакли мутобиқшуда бо унсурҳои забони иқтибоскунанда иқтибос мешавад. Масалан, дар талаффузи форсии вожаи «Вашингтон» дар англисӣовози /w/, ки дар феҳристи овозии забони форсӣ вуҷуд надорад, боовози наздик ба он, яъне /v/ ҷойгузин мешавад [3, с.69].

2. Иқтибоси лексикӣ (lexical borrowing). Аксари иқтибосҳоро иҷтибосҳои лексикӣ ташкил медиҳанд. Масалан, ба забони форсӣ «чамадон» аз забони русӣ; «автомобил» аз забони фаронсавӣ; «ҳотел», «парк», «ресторан» аз забони англисӣ вориди забони форсӣ шудаанд. Заминаи асосии иқтибоси лексикӣ рушди илмию техникӣ ва равобити иқтисодию

сиёсӣ миёни кишварҳои гуногун аст. Ҳамин тариқ, вожаҳои фаровон аз забонҳои арабӣ, туркӣ, фаронсавӣ ва англисӣ вориди забони форсӣ шудаанд.

Ба андешаи муҳаққиқи англис Воин Ройш иқтибоси калимаҳо метавонад ба омилҳои «дарунзабонӣ» (Intralingual) ё «бурунзабонӣ» (Extralingual) вобаста боошад. Омили дарунзабонӣ ба таҳаввулоти худи забон вобаста аст. Масалан, вожаи“сим” (سیم) дар форсӣ, ки ба мурури замон ҷойи яке аз маъноҳои худро ба вожаи иқтибосии суғдӣ “нуқра” (نقره)дод, то ки аз “сими барқ”онро фарқ кардан имконпазир гардад. Омили бурунзабонӣ ба робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва ғайра марбут аст.

3. Иқтибоси грамматикӣ/дастурӣ (grammatical borrowing). Тибқи андешаи забоншиносон, иқтибоси дастурӣ номаъмултарин навъи иқтибос ба шумор меравад. Дар ин навъи иқтибос аносири сарфӣ ва наҳвӣ (маъмулан, дар шакли ибора) бо ҳамон вазифаи грамматикии худ аз як забон ба забонии дигар роҳ меёбанд. Таркиботе монанди “Маккаи муаззама” (مکهٔ معظمه) ё “атаботи олӣ” (عتبات عالی) бар пояи қоидаҳои арабии мутобиқати сифату мавсуф аз назари ҷинсу адад дар форсӣ матраҳ нест, балки бар мабнои равобити дастури арабӣ дар форсӣ ба вуҷуд омадаанд [11, с.73].

Ин навъи иқтибос дар натиҷаи равобити бевосита (мустақим) ва дуру дарози илмиву фарҳангии ҷомеаҳои гуногунзабон сурат мегирад. Масалан, дар забони форсӣ бархе аз авомили дастурии арабӣ, мисли “танвин”, аломти ҷамъи “-ун” (ون) ҷамъи шикаста “асотид” (اساتید) иқтибос шудааст.

Иқтибоси калимаҳо аз як забон ба забони дигар метавонад бо ду роҳ сурат гирад: мустақим (бевосита) ва ғайримустақим (бавосита). Яъне, калима метавонад бевосита аз як забон ба забони дуюм гузарад, ё ба воситаи забони дигар (мобайнӣ) иқтибос шавад.

Иқтибосшавии мустақим (Direct borrowing) бештар ба бархӯрди мустақими ду ҷомеаи забонӣ вобаста аст. Масалан, калимаҳои “амал” (عمل), “ҷарроҳӣ” (جراحی) аз забони арабӣ ба забони форсӣ;“дошпурд” (داشپورد - dashboard), “клоч” (کلاچ-clutch) аз забони англисӣ ба забони форсӣ;“кудато”(کودتا - coup d'état), “кункур” (کنکور -concours) аз забони фаронсавӣ ба забони форсӣ мустақиман гузаштаанд.

Иқтибосшавии ғайримустақим (Indirect borrowing)дар ҳолате ба вуҷуд меояд, забоне ба шакли ғайримустақим ва аз тариқи забон ё забонҳои дигар ин ё он калимаро иқтибос мекунад. Масалан, вожаи “шомпу”(شامپو - shampoo), ки дар асл вожаи ҳиндӣаст, аз тариқи забони англисӣ вориди забони форсӣ шудааст. Ё худ, калимаҳои юнонии “файласуф” ва“устура”, ки аз тариқи тарҷумаҳои арабӣ ба форсӣ ворид шудаанд, ба иқтибосоти ғайримустақим дохил мешаванд.

Ба таври куллӣ, калимаҳо ва ибороти иқтибосро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: гурӯҳи якум иқтибосоте, ки ҳамроҳи аносири фарҳангӣ ба хазинаи вожагони забони иқтибоскунанда ворид шудаанд ва ба ин тартиб халоро дар захираи луғавии забон пур мекунанд. Гурӯҳи дуюм иқтибосоте мебошанд, ки ғайризарурӣ ҳастанд ва бештар ҷанбаи фардӣ доранд. Ин гурӯҳро, дар навбати худ, ба ду қисм ҷудо кардан мумкин аст: пойдору нопойдор (устувор, ноустувор):

1. Иқтибоси пойдор ғайризарурист, вале ба сурати устувор дар забони иқтибоскунанда боқӣ мемонад, монанди: «мерсӣ» (مرسی), «терм» (ترم) ва ғайра, ки дар забони форсӣ муродифоти худро доранд, аммо аз ҷониби омма фаровон истифода мешаванд.

2. Иқтибоси нопойдор низ ғайризарурӣ аст, вале пас аз корбурд дар маҳдудаи замони мушаххас ва ба тадриҷ аз забон берун мешавад, мисли: «суннат» (ترادیسیون), масъала (پروبلم), «нақш» (فونکسیون), “дусйе” (پرونده), ки замони муайян дар забони форсӣ аз ҷониби гурӯҳи муайян истифда мешуданд, вале ҳоло ба ҷойи онҳо фақат вариантҳои форсӣ мустаъмаланд.

Дар шеваҳои иқтибосшавӣ низ дар замони муосир падидаҳо ва омилҳои нав пайдо шудаанд. Агар равобити қавии сиёсӣ, иқтисодӣ, илмиву фарҳангӣ дар гузаштаи наздик омили асосии иқтибоси калимаҳо аз як забон ба забони дигар бошад, дар замони муосир, махсусан, дар муҳити ҷаҳонишавии илму техника зарурати инкорнопазир дар миёни ҳамаи забонҳо ба назар мерасад. Дар ҳоли ҳозир интернет дар суръат бахшидан ба ин ҷаҳонисозӣ ва аз байн бурдани марзҳо миёни кишварҳо нақши муҳимме дорад ва боиси наздик шудани милал ва кишварҳо аз тариқи забон ва ба ин васила ворид шудани калимаҳои нав ба ҳар забон гардидааст. Дар ин росто нақши интернетро махсус қайд кардан ба маврид аст.

Дар маҷмуъ, метавон роҳҳо ва омилҳои гуногуни вуруди иқтибосот ба забони форсиро қайд кард, ки ҳар яке аз онҳо дар зер мухтасар шарҳ дода мешаванд.

1. **Омили илмӣ ва омӯзишӣ:** пешрафти улум, иртиботи илмӣ ва донишгоҳӣ: “мактаб” (مکتب), “имтиҳон” (امتحان), “акодемӣ” (اکادمی), “диплум” (دیپلم), “дуктуро” (دکترا), “лисонс” (لیسانس);

2.**Равобити сиёсӣ:** Сиёсат дар ташкили ҳукуматҳо муҳимтарин нақшро мебозад ва бо дигаргун шудани сохти сиёсӣ дар забон низ дигаргуниҳо ба вуҷуд меоянд. Масалан, баъд аз Инқилоби машрута ва баъд аз он дар Эрон ошноии равшанфикрони сиёсӣ бо мактабҳои хориҷӣ вожагони иқтибосии ононро низ ба ҳамроҳ дошт. Монанди “порлумон” (پارلمان), “сонсур” (سانسور),“федерол” (فدرال),“демукросӣ” (دموکراسی), “сусёлсит” (سوسیالسیت),“кобина” (کابینه), “диктотур” (دیکتاتور),“кунгура” (کنگره) ва ғайра.

3. **Омили иқтисодӣ ва тиҷоратӣ**: тиҷорат ва туҷҷор (тоҷирон)низ муҳимтарин ва фаъолтарин омиле барои вуруди калимаҳои бегона ба ҳар забоне ҳастанд:“эҳтикор” (احتکار), “ихтилос” (اختلاس), “қарз" (قرض), “сарват” (ثروت), “банк” (بانک),“чек” (چک) ва ғайра.

4.**Омили фарҳангӣ ва иҷтимоӣ**.дар ин мавзеъ,ба иллати ин ки ҳокимияте бар дигар кишвар ғолибшуда ва ё дар ҳамсоягии онҳо қароргирифта масодиқи зиёде байни онҳо радду бадал мешавад. Ва ин масаълаест, ки барои ҳар ду забон вожаҳои ҷадид меофаринад. Маслан, ворид шудани вожаҳое монанди «пиёну» (پیانو) ё «порлумон» (مجلس) ё «тарабхона(رستوران) »ё(کنفرانس)«конфронс». Зеро ин васоил ва олот дар забон ва фарҳанги форсӣ набуда, бо тиҷорату ҳамсоягии Эрон бо аврупоиён, барои номгузории ин масодиқ мулзам ба истифодаи вожаҳои аврупоии онҳо шудааст [10, с.88].

5. **Омили динӣ ва мазҳабӣ**. Дину мазҳаб аз роҳҳои гуногун вориди Эрон шудааст. Вале бо пазириши дини ислом вожаҳои мазҳабӣ ба забони форсӣ ворид шуданд. Ин гуна калимот дар забони форсӣ хеле фаровонанд, ки ба тариқи намуна чанде аз онҳро зикр мекунем: «ҳаром» (حرام), «ҳалол» (حلال), «иҷтиҳод» (اجتهاد), «ислом» (اسلام), «баракат» (برکت), «дуо» (دعا) ва ғайра. Илова бар дини Ислом, вожаҳои адёни дигаре низ вориди забони форсӣ шудаанд, монанди: «уртудукс» (ارتدوکس), «кординол» (کاردینال), «котулик» (کاتولیک), «усқуф» (اسقف), «поп» (پاپ) ва ғайра.

6.**Ҳисси тафаввуқ ва бартарӣ**. Гоҳе гурӯҳе аз ҷомеа ба хотири ҳисси бартарӣ нисбат ба дигар гурӯҳҳои ҷомеа аз калимаҳои иқтибосӣ бештар истифода мекунанд. Маслан "سورپریز"(soorpriz), دیسیپلین"(discipline) ва ғайра. Ин вожаҳо нишонаи як навъи таҷаммули маънавӣ ва имтиёзи фарҳангӣ қаламдод мешавад.

Муҳаққиқи эронӣ Сапеда Навобзода муътақид аст, ки истифода аз вожаҳои англисӣ ҳамеша талош барои ғанӣ кардани забонҳои аврупоӣ ва Осиёи ҶанубуШарқӣ нест, балки яке аз далоили вомгирӣ (иқтибос)-и вожаҳои англисӣ, дарвоқеъ, навъи тамоюлу тазоҳур ба бартарӣ ва худнамоӣ аст [8, с.32].

7. **Омили фардӣ.** Нуктаи муҳим ин аст, ки бояд дар назар дошта бошем, ки шахси дузабона ҳамеша як забоншинос ё фарди босаводе нест, ки ба дақоиқи овоии забони хешу бегона ошно бошад [4, с.12]. Афроде, ки дар хориҷ аз кишварашон таҳсил мекунанд, пас аз бозгашт ба ватани худ вожагони тахассусии риштаи таҳсилии худро ҳамроҳ меоранд. Гоҳе ин вожаҳо мавриди пазириши ҷомеа қарор гирифта ва гоҳе қабул намешавад ва ҷойи худро ба вожагони дигар медиҳад, монанди вожаи «депресиун» (دپرسیون) ба ҷойи калимаи «афсурдагӣ» (افسردگی) [9, с.73].

8. **Марзи муштарак ва ҳамсоягӣ:** наздикии кишварҳо боиси иртиботи наздиктар миёни мардуми ду ва ё зиёда кишварҳо мегардад. Рафтуомадҳои муштарак, авзои маишӣ ва иқтисодии муштарак ва ғайра низ дар иқтибоси калимаҳо аз як забон ба забони дигар нақши муассирдорад.

9.**Бархӯрди низомӣ**: ҳузур ва тасаллути низомӣ тағйироту барномарезиро дар низоми неруҳои мусаллаҳ ва идораи он ба вуҷуд меорад. Намунаҳои иқтибосоти истилоҳоти низомӣ калимаҳои «женерол» (ژنرال), «пулис» (پلیس), «истиротижӣ» (استراتژی) ва ғайра мебошад.

10.**Расонаҳои гурӯҳӣ**: яке аз муассиртарин роҳ барои вуруди иқтибосот дар ҳоли ҳозир расонаҳои гуруҳӣ аст. Ба далели нуфузи ин расонаҳо, ки дар зеҳни умум таъсиргузоранд, ба осонӣ метавон калимаҳои хориҷиро дар забон ворид сохт. (رادیو) радио, (تلویزیون), телевизион (تئاتر)«театр», филм(فیلم) намои (نمایش), «канал» (کانال).

11.**Табуи иҷтимоӣ** (socialtaboo). Ин ҳолатест, ки ба иллати тағйири фарҳанг низ аз як забон ба забони дигар калимаҳои гуногун иқтибос мешаванд. Масалан, замони Паҳлавӣ ваҚоҷориён ба иллати маънус шудан бо фарҳанги ғарбӣ вожаҳое монанди «босан» (باسن), «туалет» (توالت), «попкурн» (پاپکورن) ҷойгузини калимоти мустаъмали форсӣ шуданд.

Шакке нест, ки ҷараёни иқтибоси калимаҳо дар умум нақши фаъол ва мусбате дорад ва ба забони иқтибоскунанда кумак мекунад, то халои забониро пур кунад, вале ин раванд метавонад гоҳе нақши манфӣ дошта бошад ва ба забони иқтибоскунанда осебе бирасонад. Вуруди теъдоди зиёде аз иқтибосот ва истифодаи рӯзмарра аз онҳо ба забони форсӣтаъсири манфӣ дорад. Оқибатҳои он фаромӯш шудани калимаҳои аслӣ ва пайдо шудани ихтилофот дар иртиботи аҳли ҷомеа буда метавонад.

Ҳамин тариқ, таҳлили роҳу равишҳои иҷтибоси калимаҳо ба мо имкон медиҳад, ки дар баробари муайян намудани равандҳо ва омилҳои таъсиррасон дар нигоҳ доштани асолати забон низ фаъолиятҳое анҷом диҳем, то ки аз пайомадҳои манфии ин ҷараён ҷилавгирӣ шавад.

Муқарриз: ***Саломов А.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Бердиева Т. Назарияи иқтибос/Т.Бердиева. – Душанбе: Матбааи донишгоҳ, 1991. – 128 с.
2. Борисов В.М. Русско-арабский словарь/ В.М. Борисов. – М.: Наука, 2004. – 1120 с.
3. Louis Deroy. l'empruntl in guistique. - Presses universitaires de Liège, 2013. – 470 с.
4. آرتو جعفری.واژه‌های دخیل در قران مجید.ترجمه فریدون بدره‌ای. – مقدمه مترجم چاپ سوم.– تهران: 1395، ص. 462.
5. انتونی آرلاتو. درآمدی بر زبانشناسی تاریخی. ترجمه یحیی مدرسی.– تهران:1384،ص. 346.
6. پرویز ناتل خانلری. زبانشناسی و زبان فارسی.– تهران: "بیناد فرهنگ ایران" 1347، ص. 276.
7. رحیم فهندژ سعدی. بررسی صورتهای مختلف وامگیری واژگانی زبان فارسی از فرانسه علل وآسیب شناسی. فصلنامه هنر زبان، شماره 3. – تهران: 1399، ص. 114.
8. سپیده نواب زاده شفیعی. بررسی تغییرات معنایی و کاربردی وام واژه‌های زبان فرانسه در فارسی. – تهران: 1393 – ص. 166.
9. فاطمه عزیر محمدی - بررسی برخی فرایندهای رایج قرض گیری در زبان فارسی - مرکز اطلاعات و مدارک علمی ایران– سال 2022 م – (74-71) تعداد صفحات 81
10. کوروش صفوی. زبان شناسی و ترجمه شناسی.– تهران: "علمی" 1399، ص. 268.
11. محمّد تقی بهار. سبک شناسی.جلد اول، چاپ چهارم. – تهران: "امیر کبیر" 1349، ص. 499.
12. محمّد رضا باطنی. زبان و تفکر.– تهران: "فرهنگ معاصر"1373،ص. 203.
13. مریم خلیل پور. قرضگیری واژگانی زبان فارسی از زبان فرانسه.– تهران:2013، ص. 188.
14. ویدا شقاقی. مبانی صرف. – تهران: "سمت" 1386، ص. 164.

ТАҲЛИЛИ РОҲҲО ВА РАВАНДИ ИҚТИБОСШАВИИ КАЛИМАҲО ВА ОМИЛҲОИ ОН ДАР ЗАБОНИ ФОРСӢ

Дар мақола моҳият ва роҳҳои асосии иқтибосшавии воҳидҳои забонӣ ҳамчун падидае, ки ба ҳамаи забонҳои дунё хос аст, баррасӣ гардида, омилҳои асосии ба забони форсӣ ворид шудани онҳо муайян гардидааст. Муаллиф дар асоси таҳлили осори таҳқиқотии забоншиносони кишварҳои гуногун ба муҳимтарин масъалаҳои назариявӣ ва амалии иқтибос дар умум равшанӣ андохта, ҷараёни ин падидаи забониро дар забони форсӣ ҳамаҷониба таҳлил кардааст. Ӯ қайд мекунад, ки ҳодисаи иқтибоси воҳидҳои забонӣ барои ҳамаи забонҳо амри зарурист ва маъмулан, дар рушду нумуи забони иқтибоскунанда нақши мусбат мебозад, аммо ҳолатҳое низ ба мушоҳида мерасанд, ки дар ин кор ба ҳадди ифрот роҳ дода мешавад, ки дар натиҷа, ба асолату табиати забон таъсири манфӣ ворид мегардад. Ба ин маънӣ ӯ иқтибосотро ба гурӯҳҳои зарурӣ ва ғайризарурӣ чудо мекунад. Муаллиф ҳамаи омилҳои иқтибосшавиро дар забони форсӣ дар заминаи таҳқиқоти мавҷуда ва таҷрибаи кории худ муайян мекунад, ки ба тариқи зайл аст: илмӣ-омӯзишӣ, равобити сиёсӣ, иқтисодӣ-тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, динӣ ва мазҳабӣ, ҳисси таваффуқ ва бартарӣ, фардӣ, марзи муштарак ва ҳамсоягӣ, бархӯрди низомӣ, расонаҳои гурӯҳӣ, табуи иҷтимоӣ. Дар мақола ҳар яке аз ин омилҳо бо намунаҳо шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Калидвожаҳо: иқтибос, калимаи иқтибосӣ, забоншиносӣ, забони асл, забони иқтибоскунанда, иқтибоси овоӣ, иқтибоси грамматикӣ, роҳҳои иқтибос, омилҳо.

АНАЛИЗ СПОСОБОВ И ПРОЦЕССА ЗАИМСТВОВАНИЯ СЛОВ И ЕГО ФАКТОРОВ В ПЕРСИДСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье рассматриваются сущность и основные способы заимствования языковых единиц как явление, характерное для всех языков мира, и определяются основные факторы вхождения чужеродных единиц в персидский язык. На основе анализа исследований лингвистов разных стран автор освещает важнейшие теоретические и практические вопросы заиствования в целом и всесторонне анализирует процесс этого языкового явления в персидском языке. Он отмечает, что заимствование языковых единиц необходимо для всех языков и обычно играет положительную роль в развитии цитирующего языка, однако есть случаи, когда оно оказывает отрицательное влияние на сущность и природу языка. В этом смысле он разделяет заимствованные единицы на необходимые и ненужные группы. Автор определяет также все факторы заимствования в персидском языке на основе существующих исследований и своего опыта работы, а именно:

научно-образовательные, политические, хозяйственно-коммерческие отношения, культурно-социальные, религиозные, чувство превосходства личности, индивидуальные, общность границ и соседство, военные отношения, средства массовой информации, социальное табу. В статье каждый из этих факторов объясняется на примерах.

Ключевые слова: заимствование, заимствованное слово, языкознание, язык оригинала, язык цитирования, фонетическое заимствование, грамматическое заимствование, способы заимствования, факторы.

ANALYSIS OF THE METHODS AND PROCESS OF BORROWING WORDS AND ITS FACTORS IN PERSIAN LANGUAGE

The essence and main methodsof language units borrowing as a phenomenon characteristic of all languages across the world, and the mainreasons for the entry of foreign units into Persian are determined in this article. Based on the analysis of studies by linguists from different countries, the author highlights the most important theoretical and practical issues of borrowing in general and comprehensively analyzes the process of this linguistic phenomenon in the Persian language. He notes that the borrowing of linguistic units is necessary for all languages and usually plays a positive role in the development of the quoting language, however there are cases when it has a negative impact and effect on the essence and nature of the language. In this case, he divides borrowed units into necessary and unnecessary groups. Moreover, he there were three type of borrowing which are lexical, grammatical, and phonological**.** The author also defines all the factors of borrowing in Persian based on existing research and ownstudy experience, namely: scientific and educational; political; economic and commercial relations; cultural and social; religious; a sense of superiority of the individual; individually; common borders and neighborhood; military relations; mass media; social taboo. Each of the mentioned factors is explained with examples in the article.

Key words: borrowing, borrowed word, linguistics, original language, borrowed language, phonetic borrowing, grammatical borrowing, borrowing methods, factors**.**

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Алзаҳронӣ Абдуллоҳ Раҷаб*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи филологияи Эрон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Рудакӣ 17.
E-mail: **arz808@hotmail.com.** Тел.: **(+992) 930-40-95-59**

Сведение об авторе: ***Алзахрони Абдуллох Раджаб*** **-** Таджикский национальный университет, докторант Ph.D, кафедры иранской филологии.**Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки 17.
E-mail: **arz808@hotmail.com.** Тел.: **(+992) 930-40-95-59**

Information about the author:*Alẓahrani Abdullah Rajab* **-** Tajik National University, doctor of Ph.D, Department of Iranian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **arz808@hotmail.com**. Phone: **(+992) 930-40-95-59**

УДК:492.7.09: 491.155

БАРХЕ АЗ ВИЖАГИҲОИ МАЪНОИИ ҶОЙНОМҲОИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ ДАР АДАБИЁТИ АРАБИЗАБОНИ ҶУҒРОФИИ АСРҲОИ IX-XIII

Ҳайбулоев Ш.А.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Муҳаққиқон номвожаҳои ҷуғрофиро, аксаран, ҳамчун ёдгориҳои таърихию маданӣ медонанд, зеро онҳо, дар воқеъ, аз ҷанбаҳои муҳимми таърихи гузаштаи халқ маълумоти муфид пешкаш менамоянд. Маънои номҳои ҷуғрофӣ, нишонаҳое, ки барои номгузорӣ сабаб мешаванд, фақат дар лаҳзаи номгузории мавзеи ҷуғрофӣ моҳияти муайян дошта, сипас бо гузашти айём фаромӯш мешаванд ва ё аҳамияти худро аз даст медиҳанд. Барои мардуме, ки мавзеи ҷуғрофиеро ном ниҳодаанд, номвожаи ҷуғрофӣ омили таърихӣ набуда, нишонаи фарқкунандаи мавзеъҳои мухталифи ҷуғрофӣ ба шумор меравад. Барои ҳамин, танҳо маънии топонимии номвожаи ҷуғрофӣ пеш мебарояд, на маънои этимологӣ [3, с.48]. Бинобар ин, нишонаҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ дар муайян намудани гурӯҳҳои лексикӣ-семантикӣ бояд ба назар гирифта шаванд.

Аз рӯйи мазмун ва мундариҷа сарчашмаҳои марбут ба илми топонимика ба гурӯҳҳои мухталиф тақсим гардида, дар байни онҳо луғатҳо ва осори ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX-XIII аз сарчашмаҳои боэътимоди илми топонимика ва номшиносӣ ба ҳисоб мераванд. Ғайр аз ин, дар чунин сарчашмаҳо на танҳо маводи ҷуғрофӣ гирдоварӣ шудааст, балки баъзе аз донишмандони ин соҳа, аз замонҳои қадим, кӯшиш ба харҷ додаанд, ки ба ҷанбаҳои луғавӣ, адабӣ, фолклорӣ ва фарҳангии бисёре аз номҳо диққати махсус зоҳир намоянд. Ба ибораи дигар, маҳз дар осори ҷуғрофияшиносон аввалин кӯшишҳо барои шарҳу тафсири маънои ҷойномҳо ба назар мерасад, ҳарчанд чунин таваҷҷуҳ ба номҳои шахсӣ ё худ ҷойномҳо дар осори даврони атиқа мушоҳида мегардад [2, с. 8]. Адабиёти ҷуғрофии арабизабони барои омӯзиши ҷойномҳои фаровони тоҷикӣ аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалӣ дошта, барои шинохти ҳувияти миллӣ ва тақвият бахшидани аркони давлату давлатдорӣ, инчунин барои ғанӣ гардонидани махзани ҷойномҳои тоҷикие, ки бо тақозои равандҳои таърихӣ дар сарчашмаҳои арабӣ сабт гардидаанд, хизмати бебаҳо хоҳанд кард.

Бояд таъкид кард, ки асосҳои илмӣ оид ба таснифоти лексикӣ-семантикии ҷойномҳо аз ҷониби номшиноси рус А.М. Селишев гузошта шудааст. Ӯ пас аз таҳқиқи ойконимҳои Москав соли 1939 ба хулосае омад, ки бисёр маҳалҳо дар асоси номи ашхос номгузорӣ шудаанд. Аз ин рӯ, мавсуф антропонимҳоро чун гурӯҳи алоҳидаи семантикӣ, сипас этнотопонимҳо ва топонимҳоро ҷудо кардааст [6, с.146].

Инчунин, аввалин муҳаққиқоне, ки ба гурӯҳҳои луғавӣ ва семантикии номвожаҳои ҷуғрофӣ дар садаи XIX сару кор гирифтанд, забоншиносон ва этнографҳо А.М. Шегрен, М.А. Кастрен, Д.П. Европеус, Ю.Ю. Трусман, М.П. Веске буда, анъанаи ин донишмандонро баъди онҳо академик В.В. Бартолд, В.А. Лившитс, А.Л. Хромов, Р.Х. Додихудоев ва дигарон идома доданд. Дар забоншиносии тоҷик низ бобати тақсимбандии лексикӣ-семантикии номвожаҳои ҷуғрофии манотиқи алоҳидаи Тоҷикистон солҳои охир як қатор дастовардҳои хубро метавон мушоҳида кард. Дар ин ҷода таснифи номвожаҳои ҷуғрофии маҳалҳои ҷанубии Тоҷикистон аз ҷониби муҳаққиқони номшинос Р.Х. Додихудоев, Н. Офаридаев, Ш. Исмоилов, Ҷ. Алимӣ, А. Насриддиншоев, қисматҳои марказӣ ва шимолӣ А.Л. Хромов, А. Абдунабиев, Д. Ҳомидов ва дигаронро зикр намудан бамаврид аст.

Лозим ба ёдоварист, ки таҳқиқи маводи топонимии манотиқи мухталиф нишон медиҳад, ки ҳангоми номгузории мавзеъҳои ҷуғрофӣ инсон қабл аз ҳама аз рӯйи эҳтиёҷоти худаш ба ин кор даст мезанад. Чунончи топонимшиноси шинохта Э.М. Мурзаев зикр мекунад: «Зимни номгузории мавзеъҳои ҷуғрофӣ аломат ва нишона муҳимтарин меъёри равонӣ ба шумор меравад» [4, с.23]. Маълум аст, ки агар аломат дар мавзеи ҷуғрофӣ омилҳои асосии пайдоиши номи объектҳо бошад, пас, номвожаҳои ҷуғрофӣ баёнгари хусусияти табииву ҷуғрофии маҳал, тарзи зиндагонӣ, фарҳангу одатҳои мардуми манотиқи мухталифи ҷомеа ба ҳисоб мераванд.

Дар таҳлилу таҳқиқ ва гурӯҳбандии семантикӣ ҷойномҳоро аз назари маъно (*semantic*) мавриди баррасӣ қарор медиҳанд [17, с.140]. Бешак, таҳлили маъноӣ яке аз мавзуъҳои ҷолибу гуногунҷабҳаи илми топонимика ба шумор меравад. Ногуфта намонад, ки ин дастабандӣ дар ҳар ҷомеа бо таваҷҷуҳ ба фарҳанг, таърих ва забони он сохторҳои гуногун дорад, масалан, калимаҳои бозор, масҷид, султон, тоза, тоҷ, нав ва ғайра мафҳумҳоеро мефаҳмонанд, ки хоси фарҳанги кишвари мо ва бархе аз кишварҳои ҳамсоягони мост.

Албатта, бояд тазаккур дод, ки ба истиснои баъзе ҳолатҳои тасодуфӣ одамон ҳеҷ гоҳ номи орӣ аз маъноро ба маконе намегузоранд. Воқеан, дар таърихи номгузорӣ аз вожаҳое истифода кардаанд, ки дар замони худи онҳо мафҳуму маънои шаффоф доштаанд. Бо мурури замон ва дар зери омилу сабабҳои мухталиф мумкин аст шакли зоҳирии ҷойномҳо тағйир ёфта, номафҳум ва мушкил шуда бошанд. Дар ин маврид вазифаи забоншиносон ҷамъоварӣ ва кушодани розҳои ин гуна калимаҳост. Аз тарафи дигар, мумкин аст дар асари шароити таърихӣ чунин номҳоеро ниҳода бошанд, ки аз назари забонӣ ба забони роиҷи минтақа ҳамоҳангӣ надошта, тадриҷан шакли номафҳум ва печидаро пайдо карда бошад. Аз тарафи дигар, бояд ба хотир дошт, ки сабти ҷойномҳо ба сурати илмӣ дар солҳои охир мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст, ҳатто дар сарчашмаҳои ҷуғрофии асрҳои IX-XIII ҷуғрофияшиносони арабизабон матолиби худро бар асоси қавлу нақли шахсиятҳо навишта, дар бархе маврид ҳангоми сабти дақиқи ҷойномҳо дучори иштибоҳ шудаанд.

Набояд аз назар дур дошт, ки дар ҳар сарзамин ҳодисаҳои тасодуфии гуногуне рух додаанд, ки мумкин аст дар топонимияи он сарзамин таъсиргузор бошанд. Барои мисол, дар давраи Ҳахоманишиҳо аксари котибони сангнавиштаҳо юнонӣ буданд ва дар навиштани номҳо ба қонунҳои забони худашон таваҷҷуҳ доштаанд, ки танҳо бо истифода аз равишҳои муқоисавӣ метавон асли номҳоро зинда намуд. Бо назардошти чунин вазъият, ин қисмати илми топонимика таҳқиқоти васеъ ва густурдаи илмиро мехоҳад.

Дар робита ба фикру мулоҳизаҳои бештари тополингвистон [17, с.141], мо ҷойномҳо осори ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX-XIII-ро аз назари семантикӣ ба чаҳор гурӯҳ ҷудо намудем: а) ҷойномҳои якҷузъае, ки маънояшон равшан аст; б) ҷойномҳои якҷузъае, ки маънояшон норавшан аст; в) ҷойномҳои дуҷузъае, ки маънои як ҷузъи онҳо равшан аст; г) ҷойномҳои дуҷузъае, ки маънои онҳо норавшан аст.

Ҷойномҳои якҷузъае, ки маънояшон равшан аст. Бисёре аз ҷойномҳо дорои маънои муайян ҳастанд ва бо сабаби иртиботи мустақим ё ғайримустақими худ ба объекти ҷуғрофӣ онҳо маъноҳои мухталифро қабул кардаанд, ки намунаи бархе аз онҳоро дар сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX-XIII ишора менамоем:

1. **Ҷойномҳои якҷузъаи аз номи қабилаву тоифаҳо бавуҷудомада**. Ин гуна ҷойномҳо дар сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабон бисёр мушоҳида мешаванд. Топонимҳое, ки муаррифгари номи тоифаву қабилаҳо мебошанд, иртиботи мустақим ё ғайримустақим ба он тоифа доранд. Мисол: Шарғиён [**شرغيان**], Аҳвоз [**الأهواز**], Тайласон (*Толишон*) [**طيلسان**], Лур [**اللور**], Сағониён [**صغانيان**], Хазар [**خزر**], Турон [**توران**] ва ғайра [13, 14, 15].

2. **Ҷойномҳои якҷузъаи аз номи ҳайвонот гирифташуда**. Ин навъи ҷойномҳо бештар вижагии табиии минтақаро аз рӯйи муҳити зист нишон медиҳад. Мисол: Асбаз / *Асб* [**اسب،أسبذ**], Уштурҷ [**اشترج**], Боз [**باز**], Бузон [**بزان**], Харҷуш [**خرجوش**], Хирс [**خرس**]… [15, 16].

3. **Ҷойномҳои якҷузъаи аз номи гулҳо, гиёҳон, наботот ва меваҳо гирифташуда**. Ин номҳо маълумоти гаронбаҳоеро дар мавриди табиати минтақа ба мо медиҳанд. Мисол: Анор [**انار**], Анҷира [**انجيرة**], Бозинҷония [**الباذنجانية**], Бед [**بيد**], Сарв [**سرو**], Сувсанҷирд [**سوسنجرد**]… [15, 16].

4. **Ҷойномҳои якҷузъаи ифодагари номҳои ашхос**. Дар миёни ин ҷойномҳо номҳои шахсиятҳои таърихиро метавон мушоҳида кард, ки баъзе аз онҳо ободкунандагони он маконҳо ҳастанд. Мисол: Абевард [**أبيورد**], Ҷам [**جم**], Ширин [**شيرين**], Ҷузарз [**جوذرز**], Сосон [**ساسان**], Сомон [**سامان**], Собур [**سابور**], Ҳайтал [**هيطل**], Синд [**سند**], Рованд [**راوند**] ва ғайра [13, 14, 16].

Ҷойномҳои якҷузъае, ки маънояшон норавшан аст. Ин гуна номҳо бахши азиме аз ҷойномҳо ин ё он минтақаро ташкил медиҳанд. Чунин номҳо аз назари маъно номаълум буда, то ҳол мавриди таҳқиқи забоншиносӣ қарор нагирифтаанд. Дигар ин ки номҳои номафҳум мумкин аст номҳои бисёр қадимӣ бошанд, ки бо сабаби хориҷ шудани он калима аз доираи корбурди забон маънои он номафҳум шуда бошад. Имкон дорад, бархе аз ин гуна номҳо дар асари тағйироти овозӣ шакли аслии худро аз даст дода, дар зумраи ҷойномҳои

номафҳум қарор гирифта бошад. Аз тарафи дигар, мумкин аст бархе аз ин номҳо аз дигар забонҳо ба шакли нодуруст вориди топонимияи ягон минтақа шуда, мафҳуми аввалияи он тағйир ёфта, норавшан гардида бошад [9, с.73]. Инчунин, имкон дорад, ки шаклҳои хаттӣ ва шифоҳии як ном гуногун бошад, яъне шакли шифоҳӣ дуруст ва шакли хаттӣ нодуруст ё баръакс. Баъзе ҷойномҳо аз забонҳои дигар тарҷума шуда, маънои маҷозии манбаи аввалияро аз даст додаанд. Дар ин бобат академик В.В. Бартолд бамаврид қайд намудааст, ки «ҳангоми хондани номи шаҳрҳое, ки вобаста ба хусусиятҳои хатти арабӣ тағйири шакл кардаанд, душвориҳо пайдо мешавад» [1, с.280]. Академик В.В. Бартолд ин мулоҳизаҳои худро такмил дода, мегӯяд: «Муқаддасӣ номи Нузкатро дар асоси овонавишти хитоӣ Дунтсзиян дар шакли Нушкат меорад, ки онро мебояд Тумкат хонд ва он дар наздикии дарёи Оқсу мавқеъ доштааст…» [1, с.281].

Аз ҷумлаи чунин ҷойномҳо сарчашмаҳои арабизабон инҳоянд: Сурта [**سرته**], Озӣ [**عاضي**], Хаҷо [**خجا**], Ақрамо [**عقرما**], Алоя [**علايه**], Инваб [**عنوب**], Фарон [**فران**], Фандам [**فندم**], Зум [**زوم**], Ваҳбан [**وهبن**] ва ғайра [16].

Албатта, гирдоварии ҷойномҳои номафҳум ва ё ҷойномҳое, ки баромадашон номаълум аст, кори бисёр душвор мебошад, чунки мумкин аст номе, ки маъноаш аз назари як муҳаққиқ номафҳум бошад, барои дигар алоқамандон комилан равшан бошад.

Ҷойномҳои дуҷузъае, ки маънои як ҷузъи онҳо равшан аст. Ин навъи ҷойномҳо аз ду ё зиёда ҷузъ ташкил шуда, танҳо маънои яке аз қисмҳои он равшан аст. Ин гуна ҷойномҳоро метавон ба шаклҳои мухталиф тақсимбандӣ кард. Дар ин гуна ҷойномҳо бахше аз ном чи ҷузъи аввал бошад ё дуюм, аз калимаҳое ташкил ёфтаанд, ки мафҳуми луғавии онҳо равшан мебошад, ки аксаран, истифода аз ин гуна ҷойномҳо мафҳуми маҷозии вожа аст. Вале ин ба он маъно нест, ки мафҳуми ҷузъи дигар бояд норавшан бошад, балки танҳо аз рӯйи гурӯҳбандӣ ба яке аз ҷузъҳои он «нимаравшан» гуфта метавонем. Ҷойномҳои мураккаби гирдоваришударо, ки як ҷузъи онҳо равшан аст, ба чунин гурӯҳҳо метавон тақсим кард:

1) Ҷойномҳои дуҷузъае, ки як ҷузъи онҳо баёнгари ранг аст. Дар ин гуна топонимҳо қисмати аввал ё дуюм нишондиҳандаи ранг мебошад, ки аз назари забоншиносон ин навъи номвожаҳо гузаштаи таърихии қадима доранд. Дар баррасии номҳои мавҷуд дар осори ҷуғрофии арабизабон номи рангҳои «**сафед**», «**сиёҳ**», «**кабуд**», «**сурх**»-ро ба унвони бахше аз топоним мавриди таҳқиқ қарор медиҳем. Мафҳуми ранг сирфан, моҳияти зоҳирии исмро мушаххас менамояд. Дар маводи таҳқиқи мо низ номвожаҳои ҷуғрофии фарогири калимаи ранг ба таври фаровон ба кор рафтаанд. Мисол: Асфизадашт (*Сафеддашт*) [**أسفيذدشت**], Асфидрузабор (*Сафедрудбор*) [**أسفيذروذبار**], Исбизрустоқ (*Сафедрусто*) [**إسبيذروستاق**], Исбизрӯз (*Сафедрӯд*) [**إسبيذروذ**], Сиёрӯд [**سياورد**], Сиёҳкӯҳ [**سياه كوه**], Кабузанҷакас [**كبوذنجكث**], Сурках [**سرخك**], Сурхакат [**سرخكت**], Кабуз **(***Кабуд***)** [**كبوذ**]… [15, 16].

2) Ҷойномҳои дуҷузъае, ки як ҷузъи онҳо баёнгари сифати умумӣ мебошанд. Дар ин гуна топонимҳо бахше аз исмҳое, ки маънои сифатӣ доранд, мисли «**нав**», «**куҳан**», «**тоза**» ва ғайраро дар бар гирифта, бахши дигари топонимро муайян мекунанд. Ин гуна ҷойномҳо аз назари интишор ва мавқеияти ҷуғрофӣ ба ҳам бисёр наздиканд. Мисол: Навбоғ [**نوباغ**], Нувбодон [**نوباذان**], Навбаҳор [**نوبهار**], Навдиз [**نودز**], Навшаҳр [**نوشهر**], Нувканд [**نوكند**], Қуҳундиз [**قهندز**]… [15, 16].

3) Ҷойномҳои дуҷузъае, ки як ҷузъи он ифодакунандаи миқдору шумора мебошад. Дар ин гурӯҳи ҷойномҳо ададҳо мавриди истифода қарор мегиранд. Гоҳо дар ин номҳо вожаҳои «*кам*», «*зиёд*» ва «*беш*» низ, ки мафҳуми миқдорро доранд, вуҷуд дорад. Лозим ба ёдоварист, ки истифодаи баъзе шумораҳо дар фарҳанги кишварҳои гуногун миқдорро нишон намедиҳад ва маънои устуравӣ дорад. Бинобар ин, шояд баъзе ададҳое, ки дар ҷойномҳо истифода шудаанд, барои миқдор набошанд. Мисол: Банҷаҳир (*Панҷшер*) [**بنجهير**], Ҷиҳорсуҷ (*Чаҳорсӯ*) [**جهارسوج**], Банҷдеҳ (*Панҷдеҳ*) [**بنج ده**], Ҳафтодбавлон [**هفتاد بولان**], Ҳафтҷирд [**هفتجرد**], Дусаркон [**دوسركان**], Сисар [**سيسر**], Ҳизордар [**هزاردر**], Ҳизорасб [**هزاراسب**]… [13, 14, 15].

4) Номвожаҳои ҷуғрофии дуҷузъае, ки як ҷузъи онҳо ифодакунандаи аъзои бадан мебошад. Дар ин гуна номвожаҳои ҷуғрофӣ номи аъзои бадан яке аз қисматҳои топоним аст. Бар асоси андешаи забоншиносон аз он ҷо ки нахустин суханони башар калимаҳои нишондиҳандаи аъзои бадан будааст, дар ин сурат, ин гуна номвожаҳо низ аз назари таърихӣ қадимтаранд. Топонимҳое, ки дар онҳо калимаҳои «**сар**», «**даст**», «**камар**», «**пушт**» ва ғайра истифода шуда бошад, дар сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабон ба назар мерасад.

Аз қабили: Б(п)уштаниқон [**بشتنقان**], Б(п)уштфуруш [**بشتفروش**], Камарон [**كمران**], Сарбор [**سربار**], Дастабай [**دستبي**], Дастағирд [**دستجرد**], Дастмисон [**دستميسان**] [14; 15; 16].

5) Ҷойномҳои дучузъае, ки як ҷузъи онҳо ифодагари ҳаҷм мебошад. Дар ин гуна номҳо калимаҳое ба кор рафтаанд, ки мафҳуми ҳаҷмро ифода мекунанд, монанди «**бузург**», «**калон**», «**хурд**». Мисол: Бузурҷсобур [**بزرجسابور**], Калонруд [**كلان روذان**], Вояхурд [**وايه خرد**]… [15, 16].

6) Ҷойномҳои дучузъае, ки як ҷузъи онҳо ифодагари хусусиятҳои физикӣ ё химиявӣ мебошад. Дар ин гуна номҳо қисмате, ки баъзе аломат ва хусусиятҳои физикиро мефаҳмонад, мавриди истифода қарор гирифтааст, мисли «**гарм**», «**сард**», «**ширин**», вале дар чунин навъ номҳо номвожаҳое, ки мафҳуми мавҷудияти об (*гидронимҳо*)-ро ифода менамоянд, бештар мушоҳида гардид, мисол: Сардрӯд [**سردرود**], Гармсер [**كرمسير**], Хушкрӯд [**خشكرود**], Қаср Ширин [**قصر شيرين**], Дархушк [**درخشك**]… [13, 14, 15].

7) Номвожаҳои ҷуғрофии дучузъае, ки як ҷузъи онҳо мавқеи ҷуғрофиро нишон медиҳанд. Дар ин гуна топонимҳо калимаҳои нишондиҳандаи мавқеи ҷуғрофӣ ба унвони як ҷузъ мавриди истифода қарор мегирад. Вожаҳое мисли **«суфло»** (*поён*) **, «улё»** (*боло*)**, «вусто»** (*миёна*), **«боло», «поин», «чануб», «шарқ», «ғарб», «шимол», «пас», «пеш», «бар»** ва монанди инҳо ҷузъе аз ин гуна топонимҳо ҳастанд. Мисли: Деҳболо [**ده بالا**], Абаркӯҳ [**ابرقوه**], Истон ал-Баҳқубод ал-асфал (*Истони Баҳқубоди поин*) [**إستَانُ البهِقباذ الأسفل**], Истон ал-Баҳқубод ал-аъло (*Истони Баҳқубоди боло*) [**أستانُ البهِقُباذُ الأعلى**], Истон ал-Баҳқубод ал-авсат (*Истони Баҳқубоди миёна*) [**إستَان البهِقُباذ الأوسط**], Тахористон ал-улё (*Тахористони боло*) [**طخارستان العُليا**] [14; 15;16].

8) Номвожаҳои ҷуғрофии дучузъае, ки як ҷузъи онҳо ифодагари лақаб мебошад. Дар миёни топонимияи сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабон тибқи таҳқиқи анҷомдодаи мо, чунин номвожаҳое дарёфт гардид, ки дар онҳо лақабҳо истифода шудааст ё бахше аз он мафҳуми лақабро ифода мекунад, мисли **«шоҳ», «султон», «хон», «хотун», «амир», «дарвеш»** ва ғайра. Мисол: Собур [**سابور**], Собурхост [**سابورخواست**], Даргоҳҳотун [**دركاه خاتون**], Хонланҷон [**خان لنجان**], Хонвардон [**خان وردان**] [15; 16].

9) Номвожаҳои ҷуғрофии дучузъае, ки як ҷузъи онҳо ифодагари навъи объект мебошад. Дар ин навъ номҳо калимае, ки навъи ҷузъи дигарро баён мекунад, метавонад бо навъи воқеии ҷузъи дигараш иртиботе надошта бошад. Масалан, дар номи Кӯҳи Дамованд калимаи «кӯҳ» мустақиман ба навъи ҷузъи дуюм ишора мекунад, лекин дар номи «шаҳр»-и Фирӯзкӯҳ калимаи «кӯҳ» ҳеҷ иртиботе бо номи кӯҳ надорад. Чунин ҳолатро аз нигоҳи забоншиносӣ ба ин маънӣ шарҳ дода метавон, ки номвожаи аввал ҳамчун ибора ва ба ду маъно омадааст, дар ҳоле номвожаи дуюм, яъне Фирузкӯҳ бандаки изофии «и»-ро аз даст дода, дар калима ҷойивазкунӣ ба вуқуъ пайваста, дар натиҷа ба маънии як исми мукаммал истифода гардидааст. Чунин падидаи забоншиносӣ дар забони тоҷикӣ ва дар забони арабӣ хеле серистеъмол аст. Номвожаҳое ҷуғрофие, ки дар онҳо истилоҳоти ҷуғрофӣ истифода шудаанд, иборатанд аз: Абаркӯҳ [**أبرقوه**], Шаҳробод [**شهراباذ**], Марврут [**مرو الروذ**], Навшаҳр [**نوشهر**], Фирузкӯҳ [**فيروزكوه**]... [15, 16].

Ҷойномҳои дучузъае, ки маънои онҳо норавшан аст. Бархе аз ҷойномҳо аз якчанд вожа таркиб ёфта, мафҳуми ҳеҷ кадоми онҳо равшан нест. Ин як асли умумӣ аст ва шояд дар ягон забони дигар чунин набошад, аммо ин аз қоидаҳои маъмулии топонимика ба шумор меравад. Албатта, теъдоди ин гуна номҳо бо баррасӣ дар мавриди онҳо робитаи мустақим дорад. Дар кишварҳое, ки ҷойномҳо, маншаъ ва маънои онҳо мавриди таҳқиқи густурдаи илмӣ қарор мегирад, теъдоди номҳои номафҳуми он камтар аст. Аз тарафи дигар, қадим будани таърихи гузаштаи як кишвар низ мумкин аст дар мафҳум ё номафҳум будани номҳо таъсир гузорад. Мавҷудияти забонҳои мурда ва тамаддунҳои фаромӯшшуда низ дар номафҳум мондани номҳо муассир буда, мавҷудияти нисбӣ доранд, мисол: Ҷубоҷиба [**الجُبَاجِبَةُ**], Суолибот [**ثعالبات**], Қазқаз [**قَزقَز**], Варантал [**وَرَنتَل**], Фармишакон [**فَرْميشَكان**], Акрамо [**عقرَما**], Хароҷаро [**خَرَاجَرَى**], Арафатхаҷо [**عرفَةُ خَجا**] [16].

Бояд таъкид намуд, ки ҳамаи ҷойномҳо дорои шакли ибтидоӣ ва маъно мебошанд, ки гоҳо мафҳум ва гоҳо бо мурури замон номаълум мемонанд. Дар ин бобат А.Л. Хромов таъкид намудааст, ки ҷойномҳо дар заминаи маводи замони муайян ташаккул ёфта, ба қавоиди забонҳои алоҳида мутобиқ гашта, хусусияти луғавӣ касб мекунанд. Дар натиҷа, муайян намудани шакл ва маънои аввалаи онҳо мушкилтарин марҳалаи таҳқиқи ҷойномҳо мебошад [9, с.73]. Дар идома А.Л. Хромов ба роҳи ҳалли ин мушкилӣ ишора карда, мегӯяд:

«Барои хондан ва дуруст маънидод кардани ин гуна ҷойномҳо аз забонҳои кунунӣ ва бостонии эронӣ маводи фаровоне дар бораи таърих ва ҷуғрофия дастрас намудан зарур аст» [9, с.74].

Ҳамин тариқ, таҳлили семантикӣ яке аз мавзуъҳои ҷолибу гуногунҷабҳаи илми топонимика ба шумор рафта, ин дастабандӣ дар ҳар ҷомеа бо таваҷҷуҳ ба фарҳанг, таърих ва забон сохторҳои он гуногун буда метавонад. Ҳамчунин, бисёре аз ҷойномҳо дорои маънои муайян буда, бо сабаби иртиботи мустақим ё ғайримустақими худ ба объекти ҷуғрофӣ, онҳо маъноҳои мухталифро қабул кардаанд.

Муқарриз: ***Ҳомидов Д.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Бартольд, В.В. Сочинения. Т.2. Ч.1. [Текст] / В.В. Бартольд // Общие работы по истории Средней Азии. – М., 1963. – 1020 с.
2. Жучкевич, В.А. Обшая топонимика. [Текст] /В.А. Жучкевич. – М., 1968. – 280 с.
3. Карпенко, Ю.А. О синхронической топонимике [Текст] / Ю.А. Карпенко // Принципы топонимики. – М., 1964. – С.45-57.
4. Мурзаев Э. М. География в названиях [Текст] / Э.М. Мурзаев. – М.: Наука,1982. – 168 с.
5. Расторгуева В.С. Этимологический словарь иранских языков. Т.1. / В.С.Расторгуева, Д.И. Эделман. – М.:Восточная литература РАН, 2000. – 327 с.
6. Селищев, А.М. Из старой и новой топонимики [Текст] / А.М. Селищев // Избранные труды. –М., 1968. – С.124-174.
7. Сулаймонов, С. Ёкути Ҳамавӣ аввалин топонимисти асримиёнагии Шарқ / С. Сулаймонов // Восточная филология. Вып. IV. - Душанбе, 1976. - С.64-74.
8. Хромов А.Л. Некоторые особенности формирования топонимии Средней Азии / А.Л.Хромов // Ономастика Востока. - М., 1980. - С.132-139.
9. Хромов, А.Л. Некоторые проблемы топонимического исследования Таджикистана [Текст] /А.Л. Хромов // Известия АН Тадж. ССР. ООН. Вып.3. - №1(51). – Душанбе, 1968. – С.68-76.
10. Ҳомидов Д. Топонимияи водии Кешрӯд (таҳқиқи лингвистӣ-таърихӣ) / Д. Ҳомидов. - Душанбе, 2014. – 164 с.
11. Ҳайбулоев Ш. Тақсимоти маъмурии кишварҳо дар сарчашмаҳои ҷуғрофии арабизабони асрҳои IX-XIII / Ш. Хайбулоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2021. - №1. –С.47-53.
12. Шаҳбози Р. Корбаст ва чандомади антропонимҳои занона дар “Таърихи Систон” / Р. Шаҳбоз // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. –Душанбе: Сино, 2021. №1. – С. 39-46.
13. أبوالقاسم ابن حوقل. كتاب المسالك و الممالك / ابن حوقل أبوالقاسم. – ليدن: مطبعة بريل، 1872 م. – 406 ص.
14. أبوالقاسم عبيدالله بن عبدالله بن خرداذبه. المسالك و الممالك / ابن خرداذبه بن عبدالله عبيدالله أبوالقاسم. – ليدن: مطبعة بريل، 1889 م. – 308 ص.
15. أبوعبدالله محمد المقدسي. أحسن التقاسيم في معرفة الأقاليم / محمد المقدسي أبوعبدالله. – ليدن: مطبعة بريل، 1906 م. – 496 ص.
16. شهاب الدين ياقوت بن عبدالله الحموي. معجم البلدان ج 1-5 / الحموي عبد الله ياقوت شهاب االدين. قدم له و شرحه و وضع فهارسه الدكتور صلاح الدين الهواري. – بيروت: المكتبة العصرية، 2014 م. – 670 ص.
17. فيروز رفاهي علمداري. مبانی توپونیمی و نگاهی به توپونیمهای ایران / علمداری رفاهی فیروز. – تهران، 1393 ه. – 310 ص.

БАРХЕ АЗ ВИЖАГИҲОИ МАЪНОИИ ҶОЙНОМҲОИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ ДАР АДАБИЁТИ АРАБИЗАБОНИ ҶУҒРОФИИ АСРҲОИ IX-XIII

Дар ин мақола ҷойномҳои форсӣ-тоҷикӣ дар осори ҷуғрофии арабии асрҳои IX-XIII аз назари семантикӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Қайд карда мешавад, ки адабиёти ҷуғрофии арабизабон барои омӯзиши ҷойномҳои фаровони форсӣ-тоҷикӣ аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалӣ дошта, барои шинохти ҳувияти миллӣ ва тақвият бахшидани аркони давлату давлатдорӣ, инчунин барои ғанӣ гардонидани махзани ҷойномҳои форсӣ-тоҷикие, ки бо тақозои равандҳои таърихӣ дар сарчашмаҳои арабӣ сабт гардидаанд, хизмати бебаҳо хоҳанд кард. Муаллиф асосҳои илмӣ оид ба таснифоти лексикӣ-семантикии ҷойномҳоро ба номшиноси рус А.М. Селишев нисбат дода, таъкид кардааст, ки аввалин маротиба Селишев антропонимҳоро чун гурӯҳи алоҳидаи семантикӣ, сипас этнотопонимҳо ва топонимҳоро ҷудо кардааст. Муаллиф таъкид намудааст, дар робита ба фикру мулоҳизаҳои бештари тополингвистон ҷойномҳои форсӣ-тоҷикии осори ҷуғрофии арабии асрҳои IX-XIII аз назари семантикӣ ба чаҳор гурӯҳ ҷудо мешаванд: а) ҷойномҳои якҷузъае, ки маъноянашон равшан аст; б) ҷойномҳои якҷузъае, ки маъноянашон норавшан аст; в) ҷойномҳои дуҷузъае, ки маънои як ҷузъи онҳо равшан аст; г) ҷойномҳои дуҷузъае, ки маънои онҳо норавшан аст. Дар мақола махсусан, таъкид гардидааст, ки таҳлили семантикӣ яке аз мавзуъҳои ҷолибу гуногунҷабҳаи илми топонимика ба шумор рафта, ин дастабандӣ дар ҳар ҷомеа бо таваҷҷуҳ ба фарҳанг, таърих ва забон сохторҳои он гуногун буда метавонад.

Калидвожаҳо: ҷойномҳо, таҳлили семантикӣ, топонимика, сарчашмаҳои ҷуғрофии арабӣ, ҷойномҳои форсӣ-тоҷикӣ, ҷойномҳои якҷузъа, ҷойномҳои дуҷузъа, забони тоҷикӣ.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ СЕМАНТИЧЕСКОГО АНАЛИЗА ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКИХ ТОПОНИМОВ В АРАБСКИХ ГЕОГРАФИЧЕСКИХ ИСТОЧНИКАХ IX-XIII вв

В данной статье персидско-таджикские топонимы в арабские географические источники IX-XIII веков исследуются и обсуждаются с семантической точки зрения. Отмечается, что арабская географическая литература имеет большое теоретическое и практическое значение для изучения персидско-таджикских топонимов и играет важную роль для национального самосознания и укрепления столпов государства, а также для обогащения базы данных персидско-таджикских топонимов, которые в ходе исторических процессов были записаны в арабских источниках. Автор связывает научное обоснование лексико-семантической классификации топонимов с русским топонимистом А.М. Селищевым и подчеркивает, что Селищев впервые выделил в отдельную семантическую группу антропонимы, затем этнотопонимы и топонимы. Автор также подчеркивает, что в связи со взглядами большинства тополингвистов персидско-таджикские топонимы в арабских географических источниках IX-XIII вв. делятся на четыре группы с точки зрения семантики: а) однокомпонентные топонимы с ясным значением; б) однокомпонентные топонимы, значение которых неясно; в) двухкомпонентные топонимы, значение одного из которых понятно; г) двухкомпонентные топонимы, значение которых неясно. В статье внимание акцентировано на том, что семантический анализ является одной из самых интересных и разнообразных тем в топонимике, и эта классификация может быть разной в каждом обществе, в зависимости от культуры, истории и языка.

Ключевые слова: топонимы, семантический анализ, топонимика, арабские географические источники, таджикские топонимы, однокомпонентные топонимы, двухкомпонентные топонимы, таджикский язык.

SOME FEATURES OF SEMANTIC ANALYSIS OF PERSIAN-TAJIK TOPONIMES IN ARAB GEOGRAPHICAL SOURCES OF THE IX-XIII CENTURIES

In this article, Persian-Tajik toponyms in Arabic geographical sources of the IX-XIII centuries are studied and discussed from a semantic point of view. It is noted that Arabic geographical literature is of great theoretical and practical importance for the study of Persian-Tajik toponyms, and plays an important role for national self-consciousness and strengthening the pillars of the state, as well as for enriching the database of Persian-Tajik toponyms, which were recorded in Arabic sources during historical processes. The author connects the scientific substantiation of the lexico-semantic classification of toponyms to the Russian toponymist A.M. Selishchev and emphasizes that Selishchev first singled out anthroponyms into a separate semantic group, then ethnotoponyms and toponyms. The author also emphasizes that in connection with the views of the majority of topolinguists, Persian-Tajik toponyms in Arabic geographical sources of the IX-XIII centuries. are divided into four groups in terms of semantics: a) one-component toponyms with a clear meaning; b) one-component toponyms, the meaning of which is unclear; c) two-component toponyms, the meaning of one of which is clear; d) two-component toponyms, the meaning of which is unclear. The article particularly accented that semantic analysis is one of the most interesting and diverse topics in toponymy, and this classification can be different in every society, depending on culture, history and language.

Key words: toponyms, semantic analysis, toponymy, Arabic geographic sources, Tajik toponyms, one-component toponyms, two-component toponyms, Tajik language.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳайбулоев Шамсидин Аҳлидинович*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, ассистенти кафедраи филологияи Шарқи Наздик. **Суроға**: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Муҳаммадиев, 17/6. E-mail: **shams—92@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-50-90-98**

Сведение об авторе: ***Хайбулоев Шамсидин Ахлидинович*** – Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, ассистент кафедры Ближнего Востока. **Адрес**: 734019, Республика Таджикистан, Душанбе, ул.Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **shams—92@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-50-90-98**

Information about the author: ***Haibuloev Shamsidin Ahlidinovich*** – Tajik State Institute of Languages named after S.Ulughzade, Assistant of the Department of the Middle East Philology. **Address**: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. E-mail: **shams—92@mail.ru.** Phone: **(+992) 988-50-90-98**

УДК: 891. 550+930

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ТАРҶУМАИ ҲИНДИИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ ПОВЕСТИ «МАРГИ СУДХӮР»- И САДРИДДИН АЙНӢ

Ҷурақулова И.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Осори таҳқиқӣ гувоҳ бар ин аст, ки зарбулмасалу андарзҳо нахуст дар осори хаттӣ ва фарҳанги шифоҳии мардум решадор шуда, нишони хирад, зеҳнияти шаклгирифта, донишу ҷаҳонбинӣ, завқи баланду неруи зояндаи мардум ба шумор мераванд.

Ин амр тақозо дорад, то хирмани ин дурру гуҳар чун мероси гаронсанги зеҳнии ниёгон ҳифзу нигаҳдорӣ шавад.

Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик В. Асрорӣ «Барои беҳтару наздиктар шиносоӣ пайдо кардан бо расму русум, ойину анъанаҳои ҳалқиятҳои гуногун, месазад, ки ба мардуми он гӯш диҳем. Ҳар як ҳалқ дорои фолклори хосси худ мебошад. Объекти тасвири бадеии асарҳои фолклорӣ худи ҳалқ аст, яъне меҳнати ӯ, зисту зиндагии ӯ, муборизаю кӯшиши ӯ, орзую омоли ӯ. Дар офаридани асари бадеӣ халқ нақши дутарафа дорад: халқ дар эҷодиёти худ ҳам объекти тасвир ва ҳам офарандаи асари бадеӣ мебошад” [6, с.4].

Фолклор яке аз қисматҳои гаронбаҳои фарҳанги миллии ҳар як халқ аст. Беҳтарин сурудҳо, устураву афсонаҳо, зарбулмасалу чистонҳо, латифа ва ғайра, ки аз тарафи садҳо ҳазор гӯяндагону шунавандагон дар давоми ҳазорсолаҳо интихобу писандида шудаанд. Завқи бадеӣ, орзуву хостаҳо арзишҳои аҳлоқӣ ва рӯҳияи эҷодгарони онҳо – симову зеҳнияти халқро барҷаста ифода менамоянд. Мероси фолклорӣ танҳо баёнгари хусусиятҳои миллии ин ё он халқ набуда, ҳамзамон бозтоби хусусиятҳои умумиинсонӣ низ ба ҳисоб меравад.

Таърихи пайдоиши зарбулмасал ва мақолҳо, хусусан зарбулмасалу мақолҳои халқиро муқаррар кардан мушкил аст. Мо аз рӯйи баъзе ҳуҷҷатҳо танҳо замони пайдоиши чанде аз онҳоро тахмин карда метавонем. Олими варзида И.С. Брагинский дар ин хусус менависад: “Пайдоиши назми халқи тоҷик, аз давраҳои сохти ибтидоии халқҳои Осиёи Миёна манбаъ мегирад” **[13, с.4-5].**

Аз ин гуфта хулосае бармеояд, ки тамоми жанрҳои адабиёти даҳанакии халқ дар як замон ба вуҷуд омада бошад. Ба ҳар ҳол шубҳае нест, ки зарбулмасал ва мақолҳо ба монанди тамсил аз қадимтарин намудҳои эҷодии бадеии халқ аст.

Ҳиндшиноси тоҷик, М. Нурова ба ин назар аст, ки “Ҳар касе, ки афсонаҳо, достонҳо, сурудҳо, зарбулмасалҳои халқҳои дигарро мутолиа кардааст, пай набурда наметавонад, ки ин навъи эҷодӣ дар баробари обуранги миллӣ ва хусусиятҳои хоси мансубияташон ба ин ё он халқ, инчунин сужа ва ғояҳои ба ҳамдигар хеле монандро ҳам доранд. Масалан: зарбулмасалҳо дар бораи кору меҳнат, неку бад, хайру шарр, дурӯғу рост, макру муҳаббат ва ғ. намунаҳои худро доранд” [7, с.5].

Хусусияти миллии эҷодиёти бадеии даҳанакии мардуми Ҳиндро дар заминаи таърихӣ бо халқҳои дигар муқоиса кардан мумкин аст, зеро маданият ва фолклорҳои мардумони Ҳиндустон бо ҳамдигар дар тӯли таърих омезиш ёфта ва ҳамдигарро аз ҳар ҷиҳат пурра менамоянд. Нуқтаи дигар ин аст, ки зарбулмасалҳоро хоси миллати ҷудогонае шумурдан наметавон, зеро зарбулмасалҳо дар фарҳангу адаби ҳама халқиятҳо вуҷуд доранд. Ҳамзамон мо шоҳиди он ҳастем, ки ҳатто бошандагони ҳар як шаҳр, музофот, ноҳия ва ҳар як маҳал зарбулмасалҳои хоси худро доранд, ки дар дигар минтақаҳо кам ба назар мерасанд ё тамоман дида намешаванд. Танҳо дар натиҷаи омӯзиши муқоисавии падидаҳои фолклорӣ ҷараёни ташаккули анъанаҳои миллиро дар сурату муҳтавои онҳо муайян кардан мумкин аст.

Пӯшида нест, ки мардуми Ҳинд бо бисёре аз кишварҳои дуру наздик робитаи фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсиву – иҷтимоӣ дорад. Мусаллам аст, ки иртиботу пайвандҳои муштарак, диду боздидҳо, таборудулоти фарҳангиву адабӣ ба рушду инкишофи адабиёту фолклор аз ҷумла зарбулмасалу мақолҳо таъсир мегузорад. Аз ҷиҳати мазмун, сужет, образ басо монандиҳо доранд. Ин монандиҳо бар асари ин таъсир шабоҳату ҳамаъниҳо дар сужет ва мазмуну мундариҷаи зарбулмасалу мақолҳо, ба зуҳур мерасад.

Марбут ба ин қарор аст чанд андешаро дар атрофи пайвандҳои миёни мардуми тоҷику Ҳинд иброз дошт. Адабиёти мардуми тоҷику Ҳинд аз шеъру тарона, афсона, бахусус

зарбулмасалу мақолҳои халқӣ хеле бой аст. Дар зарбулмасалҳо воқеияти зиндагии мардум, махсусан табақаи миёнаи аҳолӣ инъикос меёбад.

Ин ҳолат дар навбати худ нишондиҳандаи мизони фарҳангу дониши ин ё он табақаи ҷомеа мебошад. Ба назар чунин мерасад, ки зарбулмасалҳо ифодаҳои содае беш нестанд, аммо дар матни онҳо тасвирҳо, маъниҳои ҷаззобе аз зиндагии деҳот, рӯзгор, орзую нияти халқ нуҳуфта аст.

Тадвину фароҳамсозии ин хазинаи нодир амри содае нест, балки корест басо мушкилу заҳматталаб.

"Гирдоварии зарбулмасал ва мақолҳо низ таърихи худро дорад. Зиёда аз 300 сол пеш сокини Ҳаблрӯд ном деҳаи Фирӯзкӯҳи Мозандарон Муҳаммадалии Ҳаблрӯдӣ бори нахуст маҷмӯаи зарбулмасал ва мақолҳоро бо унвони "Маҷмаъ-ал- амсол" тартиб дод.

Иқдоми неки ӯро аҳли фазл давом дода, маҷмӯаҳо мураттаб сохтанд" [12, с.3].

Қобили зикр аст, ки дар ҳар давру замон ба воситаҳои мухталиф аз ҷумла тариқи тарҷума анбуҳи зарбулмасалу мақолҳо ба забони ҳиндӣ ворид шудаанд, ки таҳқиқашон бисёр судманд аст.

"Ворид шудани мақолу зарбулмасалҳое, ки бевосита ва бетағйирот ба забони ҳиндӣ тарҷума карда шудаанд, ҷиҳати мусбат дорад, аввал ин ки ба нигоҳ доштани фасеҳият, бадеият, пуробурангии забони асар, услуби хосси нависанда имконият медиҳанд ва дуюм ҳангоми мутолиаи асар, чӣ дар асл ва чӣ дар тарҷума ба хонанда як хел таассурот мебахшад. Аз дигар тараф, ба ин восита зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ба забони ҳиндӣ бо мурури замон ворид шудаанд ва мешаванд, ки аҳамиятнок аст ва ба хонандаи ҳинду даст медиҳад, ки ба боигарии забони мо ошноӣ пайдо намояд" [14, с.51].

Бисёр зарбулмасал ва мақолҳои забони ҳиндӣ дар тоҷикӣ мавҷуданд, ки танҳо аз ҷиҳати таркиби лексикиашон фарқ мекунанд, ҳол он ки мазмун ва мундариҷаи ягона доранд.

Бояд таъкид намуд, ки таҳқиқи мо бар асоси тарҷумаи повести "Марги судхӯр"- и С. Айнӣ ба забони ҳиндӣ сурат мегирад.

Яке аз усули мулоҳизаи устод Садриддин Айнӣ аз он иборат аст, ки дар повести «Марги судхӯр» вай зарбулмасулу мақолҳоро ба маврид истифода кардааст, ки онҳо барои тақвияти ин ё он андеша хизмат мекунад.

Баррасии ҳамаҷонибаи мавзуъ дар ҳаҷми як мақола, таҳлилу тавсифи зарбулмасалу мақолҳо ва назаре ба тарҷумаи ҳиндии онҳо имкон надорад, аммо ба ҳар ҳол, тарҷумаи ҳиндии баъзе аз зарбулмасалу мақолҳои повести «Марги судхӯр»-и С. Айниро дар тарҷумаи адиби ҳиндӣ Раҳул Санкритяян дар қиёс бо матни тоҷикии асил дида мебароем. Барои ин мо лавҳаеро аз боби 9-уми повести мазкур интихоб намудем:

"Ҳамаи харҷҳои рӯзгори ман андозаи муайян дорад, аз рӯи ҳисоб бояд дар як шабонарӯз дар хонаи ман як дона гӯгирд сарф шавад ва бо он гӯгирд бояд ҳар рӯз аввали пагоҳ оташи чойҷӯшонӣ даргиронда шуда, дигар оташ ва чароғҳои дар шабонарӯзӣ даркоршаванда аз якдигар даргиронда шаванд, - гуфт Қорӣ ва илова кард: - ба ақидаи мардум панҷу чореро, ки ман дорам, ҳамаашро аз судхӯрӣ – аз рибо ёфтаам. Ин нодуруст аст, ман ҳар чизе, ки дорам ҳамаашро аз сарфакорӣ ёфтаам «**сарфаи сари оташдон, савдогарии Ҳиндустон**» гуфтаанд" [2, с.190].

Тарҷумаи ҳиндӣ:

हिसाब के ख्याल से, शायद किसी रात मेरे घर में एक तीली दियासलाई खर्च हो जाय, चूल्हे या चिराग के लिए कहीं वह दूसरी तीली न खर्च कर दे – कारी इश्कम्बा ने कहा, फिर जरा देर चुप रहकर कहना शुरू किया :

लोग ख्याल करते हैं कि मेरे पास जो चार पैसा पाँच पैसा है, उस से मैं ने फायदाखोरी (सूदखोरी) से पाया है । वह गलत है । मेरे पास जो कुछ है, वह मितव्ययिता से पैदा हुआ है। कहावत है "**चूल्हे का खर्च, हिन्दुस्तान की सौदागिरी**" [1, с.36].

Hisab ke khayal se, shayad kisi rat mere ghar men ek tili diyaslai kharch ho juy chulhe ya chirag ke lie kahin vah dusri tili na kharch kar de – Qari ishkamba ne kaha, phir zara der chup rahkar kahna shuru kiya:

Log khayal karte hen ki mere pas jo char paysa panch paysa he, us se mainne phaydakhori (sudkhori) se paya he. Vah galat he. Mere pas jo kuch he, mitvyata s payda hua he. Kahavat he "Chulhe ka kharch, Hindustan ki saudagari.

Дар ин лавҳа ду зарбулмасал бо як маънӣ интихоб шудааст. Маҳорати баланди нависандагии Раҳул Санкритяян дар ҳамин ҷода яъне корбасти зарбулмасал дар тарҷумаи дақиқу дурусти ҳиндӣ ифода ёфтааст. Яъне, зарбулмасали «сарфаи сари оташдон, савдогари Ҳиндустон» дар тарҷума айнан дар шакли пурра ва дуруст тарҷума шудааст. कहावत है "**चूल्हे का खर्च, हिन्दुस्तान की सौदागिरी**" [1, c.36].

Chulha ka khahc, Hindustan ki saudagari - омадааст. Ба ин андеша ҳиндшиноси тоҷик А. Юнусӣ низ ишорати арзишманд нисбат ба зарбулмасали дар боло омада дорад [14, с.159].

Чӣ тавре ки дар боло гуфта гузаштем, С. Айнӣ зарбулмасалу мақолҳои дар повести "Марги судхӯр" истифода намудаашро бо мисолҳои дақиқ шарҳ додааст ва мавқею ҷойи истифодаи онҳоро нишон додааст.

Зарбулмасали зеринро дар романи "Дохунда"-и С. Айнӣ низ дидан кардан ба маврид аст, зеро он дар романи "Дохунда" низ ба кор рафтааст.

Меҳрмоҳ ҳам мувофиқи ваъдаи худаш қаноат кард, - "Сарфаи сари оташдон – савдогари Ҳиндустон" – гӯён дар ҳар кор сарфаҷӯӣ мекард [3, с.54].

Инак, маълум мешавад, ки зарбулмасали "Сарфаи сари оташдон, савдогари Ҳиндустон" ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони ҳиндӣ ба як маъно дар истифода аст. Чи тавре ки дар боло қайд намудем, ин зарбулмасал серистеъмол буда, ҳам дар повести "Марги судхӯр" ва ҳам дар романи "Дохунда" инчунин дар "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ мавриди истифода қарор гирифтааст:

-"Шумо дар хонаи худатон ҳам ҳеҷ ош мехӯред ? – ман пурсидам.

Ҳаргиз! Модом, ки дар ҳонаи дӯстон ошу нони тайёр ҳаст, чаро дар хона дегу дуд кунонда ва пулеро, ки ба сад машаққат меёбам, харҷ карда ош пазонда хӯрам? «**Чон хонаи мардум, на ғами обу на ғами ҳезум!»** гуфтаанд касони хирадманд, гуфт Қорӣ-ишкамба ва монанади он касе, ки дар гуфтор аз вай аз ғайри қасд хатое сар ба зада бошад оҳангашро якбора дигар карда илова намуд… " [2, с.193-194].

Тарҷумаи ҳиндӣ:

तुम अपने घर में आश कभी नहीं खाते ? – मैं ने पूछा ।हर्गिज नहीं – उस ने कहकर यह भी कहा :जब दोस्तों के घरों में तैयार है, तो फिर क्यों अपने घर में देग और धुआँ करें, मेहनत से जिस पैसे के पाया है, उसे क्यों खर्च करें ? **कहावत है** «लोगों के घर में प्राण, न पाने की फिकर, न ईधन का गम» - उस ने कहा । फिर थोड़ी देर ठहरने के बाद कहना शुरू किया... [1, c.37].

Tum apne ghar me ash kabhi nahin khate? -Me ne puchha. Hargiz nahi - us ne kahkar yeh bhi kaha: Jab doston ke gharon me taiyar he, to phir kyon apne ghar me deg ovr dhauan Karen, mehnat se jis payse ke paya he, use kyon kharch karen? Khavat he «Logon ka ghar me pran, na pane ki phikar, na idhan ka gam» Us ne kaha. Phir thori der tharne ke bad kahna shuru kiya…

Чун ба тарҷумаи зарбулмасалу мақолҳо дар повести «Марги судхӯр» рӯ овардаем, гуфтан лозим аст, ки Раҳул Санкритяян як дигаргуние, ки дар тарҷумаи ҳиндӣ ворид кардааст, ин пеш аз овардани намунае аз зарбулмасал ё мақол аз худ калимаи **कहावत है - khavat he-** «зарбулмасале (мақоле) ҳаст»- ро илова кардааст. Дуруст аст, ки дар матни аслӣ низ ин услуби кор истифода бурда шудааст, аммо на дар ҳамаҷо, чӣ гунае ки мо дар асари тарҷумашудаи Раҳул Санкритяян мушоҳида мекунем, ба шумор зиёд аст. Дар повести "Марги судхӯр"барои тасдиқи фикри мусоҳиб ҳатман зарбулмасал оварда мешавад ва он одатан дар матни аслӣ ба чунин гуна аст: мегӯянд, ки...ё бузургон гуфтаанд, ки..., дар тарҷумаи матни ҳиндӣ ин услуби нигориши С. Айнӣ истифода бурда намешавад ва барои завқи хонандаи ҳиндӣ мутарҷим, калимаи- **कहावत** - khavat - ё **कहावत मशहूर है** - ро истифода бурдааст.

«लोगों के घर में प्राण, न पानी की फिकर, न ईधन का गम»

Зиндагӣ дар хонаи одамон, на фикри пайдо кардан (ба даст овардан), на ғами ҳезум (сӯзишворӣ).

Дар ин маврид, зарбулмасали тоҷикии «**Ҷон хонаи мардум, на ғами обу на ғами ҳезум!»** ва тарҷумаи ҳиндии он «**लोगों के घर में प्राण, न पाने की फिकर, न ईधन का गम**» бекаму кост маънои зарбулмасалро ифода мекунад. Ин зарбулмасалро тарҷумон тарҷумаи таҳтулафзӣ: тарҷума кардааст. Аз ин ҷо, гуфта метавонем, ки дар забони ҳиндӣ низ зарбулмасали мазкур кор фармуда мешавад.

Масалан, менигарем ба зарбулмасали дигар.

- Бояд ба касе, ки мардум ӯро лақаби «Ишкамба» сазовор дидаанд, умеди хайре карда нашавад, - гуфтам ман ба дустам, - бо вуҷуди ин ту ӯро ба ман шиносо карда мон! Чӣ зарар дорад, **«шавад обӣ, нашавад лалмӣ»** гӯён ман аз вай ҳуҷра мепурсам. Агар ӯ ба ман ҳуҷра надиҳад ҳам, ман чӣ гуна будани «Ишкамба - одам»- ро дида мемонам [2, с.152].

-जिस आदमी को लोगों ने इश्कम्बा उपाधि के योग्य समझा, ऐसे आदमी से भलाई की आशा नहीं हो सकती. ऐसा होते भी क्या हर्ज है ? आप उसका सही परिचय दे दें. मैं एक कोठरी के लिए पूछकर देखूँगा, «**पानी नहीं, तो लालमी ही सही** ». अगर देगा तो वाह-वाह और न भी देगा तो मेरा नुकसान क्या ? ङतना फायदा तो होगा ही कि ङश्कम्बा कैसा आदमी है, यह तो देख लूँगा [1, с.11].

-Jis admi ko logon ne ishkamba upadhi ke yogya samjha, aise admi se bhalai ki asha nahi ho sakti. Aisa hote bhi kya kharj he? Ap uska sahi parichay de den. Me ek kotri ke liye puchhkar dekhunga, « Pani nahin, to lalmi hi sah» Agar dega vah- vah aur na bhi dega to mera nuqson kya? Itna fayda to hoga hi ki ishkamba keysa admi he, eh to dekh lunga.

Дар инҷо зарбулмасали зеринро тарҷумон айнан бе каму кост тарҷума намудааст. “Шавад обӣ нашавад лалмӣ”.

Дар ин ҷо ба маънои на он қадар зарур будан кор фармуда шудааст. Дар мавриди аз рӯйи таваккал иҷро кардани коре, ки суду зиёни он начандон аст, истеъмол шудааст. Дар ин маврид мутарҷим маънои матнро пурра ифода кардааст ва зарбулмасал низ тарҷумаи худро ёфтаст. Тарҷумон тарҷумаи зарбулмасали додашударо низ дуруст ва пурра ба матни асил ҷавобгӯ тарҷума кардааст. Менигарем ба зарбулмасали дигар.

- Хуб - гӯён ман илтимоси бойбачаро қабул кардам ва илова намудам: - ба хонаи Қорӣ-ишкамба рафтан барои ман марговар ногувор аст, бо вуҷуди ин ҳамроҳи ту меравам, чунки **«марг бо дустон тӯй аст»** гуфтаанд [2, с.187].

-ऐसा है तो अच्छा- कहते हुए मैं ने यह भी कहा:«**दोस्तों के लिये मरना उत्सव है**» की कहावत मशहूर है, लेकिन कारी इश्कम्बा के घर जाना और उसके मनहूस मुँह को देखना मौत से बदतर है [1, с.34].

- Aise he to achchha- kahte huie men ne eh bhi kaha:

«Djston ke liye marba ustav he» ki khavat mashhur he, lekin Qari Ishkamba ke ghar jana our uske manhus munh ko dekhna mout se badtar he.

Зарбулмасали мазкур аз рӯи маъно хело дуруст ва саҳеҳ тарҷума шудааст, «марг бо дустон тӯй аст» - аз сар гузаронидани ҳар фалокат ва нохушӣ ҳамроҳи дӯстон, бо ҷамоат саҳл аст, мурдан бо ёрон ид аст, яъне ҷонро барои дӯстон фидо кардан хушбахтист.

Боз як мисоли дигар:

-То пагоҳ **«ту дидӣ, ман надидам»** шуда дуруст мешавад, гуфт. Ва ҳақиқат ҳам ин ҷароҳат бисёр дер накашид ва дар панҷ рӯз пусти нав давонд [2, с.211].

- सबेरे तक «**तूने देखा मैं ने नहीं देखा**» की तरह सब ठीक हो जायेगा. सचमुच ही उसकी यह दवा ऐसी निकली कि पाँच दिन ही में हाथ में नया चमङा आ गया [1, с.49].

Savere tak **«tum ne dekha men na nahin dekha»** ki tarah sab thik ho jaega. Sachmuch hi uski eh dava aise nikli ki panch din hi men hath me naya chamda a gaya.

Дар ин зарбулмасали **«ту дидӣ, ман надидам»** ба маънои зуд ба амал омадани коре ифода ёфтааст, яъне таъсири марҳамро таъриф карда бо ҳамин зарбулмасал тасдиқ мекунад. Тарҷумон тавонистааст, ки зарбулмасали навбатиро ба маънои пурра тарҷума кунад, аммо бояд як чизро ишора намуд, ки дар матни асл калимаи ҷароҳат омадааст, аммо Раҳул Санкритяян инҷо калимаи दवा - dava - ро истифода бурдааст. Яъне маънои калимаи dava ин малҳам мебошад.

- Хайр Қорӣ- амак, зарар надорад, дар асл пули шумо мурдор (ҳаром) буд. Чунон ки «Оби ганда ба хандак» гуфтанд, ҷояшро ёфта рафтааст [2, с.290].

- खैर, कारी चचा, कोई हर्ज नहीं. तुम्हारा पैसा मुर्दार (हराम) था, कहावत कहावत «**गन्दा पानी खन्हक में**». वह अपनी जगह चला गया [1, с.68].

khair Qari chacha? koi kharch nahin. Tumhara paisa murder (haram) tha, khavat ganda pani khandak me. Voh apni jagah chala gaya.

Дар ин зарбулмасал тарҷумон тавонистааст, ки тарҷумаи зарбулмасали зеринро пурра ва дақиқ тарҷума кунад, яъне дар айни ҳол ягонагии мазмун ва мундариҷаи он дар ду забон нигоҳ дошта шудааст. Чуқуре ки барои рехтани оби ганда истифода мебаранд. Дар зарулмасали зерин сухан дар бораи пули ҳаром меравад, яъне чизе ки бе меҳнат ба даст омадааст, дарҳол мисли омаданаш баракат надорад ва зуд аз даст меравад, яъне моли ҳаром ба ҳаром меравад.

Ӯ бо ин андешаҳои пурдаҳшат ба фарёд омада нолакашон мегуфт: **«омад ба сарам ҳар ончӣ метарсидам!»** [2, с.298].

ऐसी हालत में बंक जरुर दिवालिया हो जायेगा और मेरा पैसा डूब जायेगा. फिर वह रोते हुए बोल उठा, **«जो तेरे सिर पर आ गया, उससे कयों ड़रूँ»**[1, с.73].

Ausi halat men bank zarur divaliya ho jaegi our mera paisa dub jaega. phir voh rote hui bol utha, Jo tere sir par a gaya, use kiuon darun.

Дар зарбулмасали зерин нисбати як нохушӣ, бадбахтӣ аз чизе ҳаросида умр ба сар бурданро нишон медиҳад. Тарҷумон тавонистааст, ки зарбулмасали мазкурро пурра бо мазмун мувофиқ тарҷума намояд, ҳатто ноилочии худи Қорӣ - Исматро таъкид мекунад. Ва бо ин зарбулмасал ҳолати ноилоҷ ногувор мондани Қорӣ- Исматро нишон медиҳад. **З**арбулмасал чӣ хеле ки дар забони тоҷикӣ омадааст айнан дар забони ҳиндӣ ҳамин хел тарҷума шудааст.

Ӯ чӣ кор ҳам карда метавонист? Ӯ аз тарси дуздон пулро бурда дар хонаи худ ё дар ягон сарой монда наметавонад, бойҳо ба қарз нагиранд, агар ба ҳукумати амир супорад, ӯ рӯирост пулҳои ӯро мехӯрад, пас ба ғайр аз ин он ки **«то омадани табар кунда меосояд»** гӯён пулҳояшро ба банки подшоҳӣ мондан гирад, чораи дигаре надошт… [2, с.298].

वह क्या करता? चोरों के डर के मारे पैसों को अपने घर या सराय में ले नहीं जा सकता था, बोय लोग कर्ज नहीं ले रहे थे, आगर अमीर की सरकार को देता, तो वह सधे खा जाती, अब «चाहे जो हो» कहकर बंक में रखने के सिवाय और चारा नहीं था [1, с.73].

Voh kya karta? Choron ke mare paison ko apne ghar ya sarai men le nahi ja sakta tha, boi log kharch nahin le rahe the, agar amir ki sarkar ko deta, to voh sadhe kha jati, ab chahe jo ho kahkar bank men rakhne ke sivay our chara nahin tha.

Дар баъзе мавридҳо Раҳул Санкритяян дар тарҷумаи зарбулмасал ва мақолҳо тарҷумаи асл ва ё баргардониро ба кор набурда, танҳо маънои онро ифода мекунад. Масъалан дар сархати зер зарбулмасали **«то омадани табар кунда меосояд»** ибораи «चाहे जो हो»- ҳар чӣ ҳам нашавад, ҳар чӣ ҳам набошад, бигзор чизе ҳам набошад. Дар забони тоҷикӣ ба маънои «ҳар чӣ бодо бод» меояд. Дар инҷо тарҷумон Раҳул Санкритяян ибораи «चाहे जो हो» - ро истифода намудааст, ки дар забони гуфтугӯии ҳиндӣ хеле серистеъмол аст, аммо дар матни тарҷумашуда ин ибора ба маънои тарҷума мувофиқат намекунад. «चाहे जो हो» - ин ибора, дар асл маънои ҳамин зарбулмасалро дода наметавонад.

Тарҷумон аз ҷумлаи ширинкорони Бухоро буд, ки чандин бор бо хабарҳои беасоси худ Қорӣ ишкамбаро тарсонда буд. Ӯ аввал хост, ки он «шумхабар» чизеро напурсад, то ки бо ҷавобҳои бардурӯғи ӯ дилаш сиёҳ нашавад. Аммо боз фикр кард, ки **«то бад нагӯӣ, нек намеояд»** гуфтаанд, ҳар чӣ бодо - бод! Аз ӯ мепурсам, пас аз бадгӯиҳое, ки албатта ӯ дар ҷавоби пурсиши ман хоҳад кард, шояд рӯзи неке пеш ояд» [2, с.299].

अनुवादक बुखारा के धूर्तों में से एक था. कारी इश्कम्बा ने पहिले चाहा कि ऐसे कुलच्छनी से कोई बात न पूछे, क्या जाने वह अपनी झूठी-सच्ची बातों से दिल को काला करदे . लेकिन फिअर उसने सोचा **"जब तक बुरा न कहो, भला नहीं आता";** अच्छा कहे चाहे बुरी बातें कहें, तो भी हरज नहीं हैं, मैं बुरी बातों को नहीं ग्रहण करुँगा. शायद उसकी बुरी बातों के बाद अच्छा दिन भी आये [1, с.74].

Anuvadak Bukhara ke dhuraton men se ek tha. Qari Ishkamba nepahile chaha ki eise kucchalni se koi bat na puchhe, kya jane voh apni jhuthi - sacchi baton se dil ko kala karde. Lekin phiar usne soca «Jab bura na kho, bhala nahin ata» accha kahe cahe buri baton kaho, to bhi harj nahin hen, men buri baton ko nahin grahun karunga. Shayad uski buri baton ke bad accha din bhi aye.

Дар ин ҷо сухан нисбати суханҳои бад ва нек меравад. Ҳар як сухани бад дар худ хубии пинҳоние дорад. Яъне мутарҷим ин зарбулмасалро низ пурра ба хонандаи ҳиндӣ пешкаш намуда тавонистааст.

- Хуб, банки шумо, ки пули ман дар вай аст, ҳанӯз побарҷост **«то реша дар об аст умеди самар аст»** гуфтаанд. Аз марги наёмада ин қадар тарсида ҳар рӯз сад бор мурда, зинда шуда азоби ҷонкаҳониро кашиданам барои чист? [2, с.300].

- अच्छा, तब तुम्हारा बंक, जिस में कि मेरा पैसा है, सही-सलामत तो है न? "**जब तक जड़ पानी में है, तब तक उमेद है**» कि कहावत के अनुसार आने वाली मौत से इतना डरते दिन में सौ बार मरते अपने को अजाब देने से क्या फायदा? [1, с.75].

Accha, tab tumhara bank, jis men ki mera paisa hei, sahi- salomat to hei na? «Jab tak jor hani men hei, tab tak umed hei» ki khavat ke anusar ane vali moit se itna darte din men so bar marte apne ko ajab dene se kya faida?

Дар зарбулмасали навбатӣ сухан оиди мустаҳкам будан, устувор ҷой гирифтани маконеро дар бар мегирад, умед ҳаст, реша дар об аст умеди самар аст. Яъне дар инҷо гуфта метавонем, ки ҳоло имконияти манфиат ё самара гирифтан имкон дорад. Ин зарбулмасалро низ Раҳул Санкритяян бе каму кост ба хонандаи ҳиндӣ фаҳмонида тавонистааст.

Ҳангоми таҳлили ибораҳои рехта, зарбулмасалу мақолҳои повести «Марги судхӯр», пеш аз ҳама, ба он аҳамият дода шуд, ки Раҳул Санкритяян онҳоро то чӣ андоза дурусту моҳирона, мувофиқи характери амалу ҳолатҳо, ҳодисаю воқеаҳо, мутобиқи мундариҷаи матн ба забони ҳиндӣ баргардонида тавонистааст. Дар баробари ин зикр кардан бамаврид аст, ки азбаски забонҳои тоҷикӣ ва ҳиндӣ ба гурӯҳи забонҳои ба ҳам хеш шомил мешаванд, дар аксар мавридҳо мақолу зарбулмасалҳои тоҷикӣ ба вариантҳои дар забони ҳиндӣ истеъмол гардидаашон умумият пайдо кардаанд.

Аз таҳлилу тадқиқи мавзуи зикршуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки тарҷумаи таҳтуллафзӣ вазифаи худро дақиқ иҷро намекунад. Раҳул Санкритяян аз ҷумлаи он тарҷумонҳое мебошад, ки ба ҳарду забон тасаллути комил доранд, равонии услуби ҳиндии тарҷумаҳояшонро бо диққати махсусе кор мекунанд ва ба яке кунонидани услуби хоси нависанда мекӯшанд. Умуман, хонандагон аз тарҷума ва ҳунари тарҷумонии Раҳул Санкритяян розӣ ҳастанд. Ӯ кӯшиш намудааст, ки мазмуни повести «Марги судхӯр»-и С. Айниро пурра инъикос намуда, ба хонандаи ҳинд пешкаш намояд. Хулоса, ин аст, ки зарбулмасалу мақолҳо дар адабиёти ҳиндӣ мисли дар адабиёти тоҷикӣ мебинем серистеъмол мебошанд. Зарбулмасалҳое, ки дар адабиёти тоҷик ба назар мерасанд дар адабиёти ҳиндӣ аз рӯйи мақсад ва муҳтавои баён кам ба тағйирот гирифтор шудаанд.

Муқарриз: ***Қосимов Ҷ.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. सदरूद्दीन ऐनी / सूदखोर की मौत / अनुवादकर राहुल सांक्रत्यायन / किताब महल, 1952. - 79 पृ. Sadriddin Aini. Sudkhur ki mavt. Anuvadkar Rahul Sanrkrityyan. kitab mahal, 1952. – 79 p.
2. Айнӣ, С. Акнун навбати қалам аст / С. Айнӣ. Ҷ. 2. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 464 с.
3. Айнӣ, С. Дохунда / С. Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1984. – 428 с.
4. Абдулҳамид Самад. Масал беҳ аз асал / Самад, Абдулҳамид // Садои Шарқ. – 2020 – № 7. – С.17.
5. Абдуллозода, Р. Зарбулмасал ва мақолҳо дар асарҳои Садриддин Айнӣ / Р. Абдуллозода. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – 102 с.
6. Ансорӣ, В. Жанрҳои хурди фолклори тоҷик / В. Ансорӣ. - Душанбе: Маориф, 1990. – 255 с.
7. Нурова М. Зарбулмасал ва мақолҳои ҳиндӣ-тоҷикӣ-русӣ / М. Нурова, А. Латифов. – Душанбе, 2016. - 109 с.
8. Носирҷон Маъсумӣ. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Маъсумӣ, Носирҷон. – Душанбе, 2011 – 385 с.
9. Иқболов О. Зарбулмасал мақолҳо афоризмҳо (Муодилаҳои англисӣ, тоҷикӣ, русӣ) / О. Иқболов. – Душанбе, 2015. – 140 с.
10. Тилавов Б. Зарбулмасалҳои машҳур / Б. Тилавов, Р.Амонов. - Душанбе: Дониш, 1983. – 125 с.
11. Фозилов, М. Зарбулмасалу мақолаҳо дар тамсилу ҳикояҳо / М. Фозилов. - Душанбе: Дониш, 1973. – 158 с.
12. Фозилов, М. Гулчини зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикию форсӣ / М. Фозилов. – Душанбе: Дониш, 1976. – 373 с.
13. Фозилов, М. Фарҳанги Зарбулмасал, мақол ва офаризмҳои тоҷикию форсӣ. Ҷ. I-II / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 584 с.
14. Юнусӣ, А. Поэтикаи зарбулмасалу мақолҳои ҳиндӣ ва тоҷикӣ: дис. ... ниф: 04. 09. 2019 / А. Юнусӣ. – Душанбе, 2019. - 187 с.

15. Якубов, Ч.К. Таҳлили муқоисавии лексикии тарҷумаи романи “Дохунда” аз тоҷикӣ ба забони ҳиндӣ / Ч.К. Якубов // Садриддин Айнӣ ва масъалаҳои рушди адабиёти навини тоҷик. Маҷмуи мақолаҳо. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – 520 с.
16. Якубов, Ч. К. Оид ба тарҷумаи романи “Дохунда” ба забони ҳиндӣ / Ч.Якубов // Номаи Донишгоҳ. – 2016. – №1 (46). – С.67-72.
17. सूदखोर की मौत. – राहुल सांक्रत्यायन किताब महल, 1952. - 79 पृ.

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ТАРҶУМАИ ҲИНДИИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲО ДАР ПОВЕСТИ “МАРГИ СУДХЎР”-И САДРИДДИН АЙНӢ

Барои наздиктар шиносоӣ пайдо кардан бо расму русум, ойину анъанаҳои хақиятҳои гуногун, месазад, ки бо мардуми он гӯш диҳем. Ҳар як халқ дорои фолклори хоси худ мебошад. Объекти тасвири бадеии асарҳои фолклорӣ худи халқ аст, яъне меҳнати ӯ, зисту зиндагии ӯ, муборизаю кӯшиши ӯ, орзую омоли ӯ. Ҳар касе, ки зарбулмасалҳои халқҳои дигарро мутолиа кардааст, пай набурда наметавонад, ин навъи эҷодӣ дар баробари обуранги миллӣ ва хусусиятҳои хоси мансубияташон ба ин ё он халқ, инчунин сужа ва ғояҳои ба ҳамдигар хеле монандро ҳам доранд. Масалан: зарбулмасалҳо дар бораи кору меҳнат, неку бад, хайру шарр, дурӯғу рост, макру муҳаббат ва ғ. намунаҳои худро доранд. Хусусияти миллии эҷодиёти бадеии даҳанакии халқи Ҳиндро дар заминаи таърихӣ бо халқҳои дигар ва фолклори он халқҳо муайян кардан мумкин намешавад. Маданияти халқи Ҳиндустон аз маданияти халқҳои дигар тамоман ҷудо ва кандашуда набуд. Танҳо дар натиҷаи омӯзиши муқоисавии ҳодисаҳои фолклорӣ ҷараёни ташаккули анъанаҳои миллиро ҳам дар мундариҷа ва ҳам дар шакл муайян кардан мумкин аст. Халқи Ҳинд бо бисёр халқҳои ҳамсоя алоқаҳои фарҳангӣ, маданӣ, иқтисодӣ-тиҷоратӣ ва сиёсӣ-иҷтимоӣ барқарор дошт. Бинобар ин, жанрҳои афсона, латифа, зарбулмасал ва ғайра дар фолклори халқҳои ҳамсоя аз ҷиҳати мазмун, сужет, образ басо монандиҳо доранд. Дар повести «Марги судхӯр»-и Садриддин Айнӣ бо истифода аз зарбулмасулу мақолҳои тоҷикӣ шарҳи онҳоро низ медиҳад, яъне мавқеъ ва дар кадом маънӣ истифодаи ин зарбулмасалу мақолҳоро тавсиф мекунад. Ин тавр маънидод намудан ба хонанда имкон медиҳад, ки вазифа ва мавқеи дурусти истифодаи зарбулмасалу мақолҳоро аз худ намояд. Дар мақолаи худ мо бархе аз зарбулмасалҳои романи “Марги судхӯр”-и Садриддин Айниро дар тарҷумаи адиби ҳинд Раҳул Санкритяян мавриди таҳлилу тадқиқ қарор додем.

Калидвожаҳо: хусусият, зарбулмасалу мақол, «Марги судхӯр», С.Айнӣ, тарҷумаи ҳиндӣ, повест, Раҳул Санкритяян.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПЕРЕВОДА НА ЯЗЫК ХИНДИ ПОСЛОВИЦ ПОВЕСТИ “СМЕРТЬ РОСТОВЩИКА” САДРИДДИНА АЙНИ

Для того, чтобы познакомиться с обычаями и традициями разных национальностей, необходимо прислушиваться к народу. Каждый народ имеет свой фольклор. Объектом художественного изображения фольклорных произведений являются сами люди, то есть их работа, жизнь, борьба и стремления, мечты. Тот, кто читал пословицы других народов, не может не заметить, что в этом виде искусства наряду с национальным колоритом и особенностями принадлежности к тому или иному народу, очень схожи сюжеты и идеи. Например: есть примеры пословиц о работе, добре и зле, лжи и правде, обмане и любви и т. д. На протяжении исторического времени культура индийского народа не была отделена от развития культуры других народов. Только в результате сравнительного изучения фольклорных событий можно определить процесс формирования национальных традиций как по содержанию, так и по форме. Народ Индии установил культурные, торгово-экономические и политико-социальные связи со многими соседними странами. Поэтому в пословицах и поговорок соседних народов и Индии есть много общего по содержанию, сюжету, образу. Садриддин Айни в романе «Смерть ростовщика», используя таджикские пословицы и поговорки, также дает их объяснение, то есть показывает, где и в каком смысле нужно и можно их использовать. Таким образом, это позволяет читателю усвоить задачу и правильную позицию использования пословиц и поговорок. В данной статье мы проанализировали некоторые пословицы романа Садриддина Айни «Смерть ростовщика» в переводе на хинди Рахула Санкритьяянам-переводчикам.

Ключевые слова: особенности, пословицы и поговорки, «Смерть ростовщика», С. Айни, перевод на хинди, повесть, Рахул Санкритьяян.

SOME FEATURES OF HINDI TRANSLATION PROVERBS OF THE STORY “THE DEATH OF THE MONEYLENDER” BY SADRIDDIN AINI

In order to get acquainted with the customs and traditions of different nationalities, it is necessary to listen to its people. Every nation has its own folklore. The object of the artistic depiction of folklore works is the people themselves, that is, their work, their life, their struggle and aspirations, their dreams. Those who read proverbs of other peoples cannot but notice that in this type of art, along with the national color and features of belonging to one or another people, plots and ideas are very similar. For example: there are examples of proverbs about work, good and evil, lies and truth, deception and love, etc. Throughout history, the culture of the Indian people has not been separated from the development of the culture of other peoples. Only as a result of a comparative study of folklore events can the process of forming national traditions be determined, both in content and in form. The people of India have established cultural, cultural, trade, economic and political-social ties with many neighbouring countries. Therefore, in the proverbs and sayings of neighboring peoples and India there is much in common in content, plot, image. Sadriddin Aini in the novel “The Death of the Moneylender” using Tajik proverbs and proverbs also gives their explanation, that is, shows where and in what sense they are needed and can be used. Thus, this allows the reader to

learn the task and the correct position of using proverbs and sayings. In this article, we analyzed some proverbs of Sadriddin Aini's novel "The Death of the Moneylender" translated into Hindi by Rahul Sankrityan, a translator.

Key words: features, proverbs and proverbs, "Death of the Moneylender," S. Aini, translation into Hindi, proverbs, Rahul Sankrityayan.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷуракулова Истадбиби Бердимуратовна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи филологияи Ҳинди факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 777-05-10-14, 000-09-79-59**

Сведения об авторе: ***Джуракулова Истадбиби Бердимуратовна*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры индийской филологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 777-05-10-14, 000-09-79-59**

Information about the author: ***Juraqulova Istadbibi Berdimuratovna*** - Tajik National University, Post graduated of the Department of Indian Philology of Faculty of Asian and European languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 777-05-10-14, 000-09-79-59**

УДК: 491.550-54

РОҲҲОИ ТАШАККУЛ ВА ҲИМОЯИ ЗАБОНҲО ВА ЛАҲҶАВУ ШЕВАҲОИ ДАР ҲУДУДИ ТОҶИКИСТОН АРЗИ ВУҶУДДОШТА

Абдуллоева Г.З.
Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Мусаллам аст, ки дар давоми солҳои Истиқлолият қариб ҳамаи бахшҳои ҷомеаи Тоҷикистон ба тарафи бесобиқа рушд намуданд. Аз ҷумла, бар асари тадбиқи сиёсати дурусти забонӣ дар Тоҷикистон ҳам барои густариши забони модарии мо, яъне забони тоҷикӣ ва ҳам барои рушди забонҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам омад. Чи тавре ки дар китоби “Забони миллат-ҳастии миллат” Пешвои муаззами миллат овардаанд: “Бо фаро расидани Истиқлолият ва забони давлатӣ эълон шудани забони тоҷикӣ масъалаи забон аҳмияти хосса пайдо кард ва ҳаде мубрам гардид, ки онро метавон яке аз падидаҳои муҳими шуури миллӣ ва афкори ҷамъиятии ин солҳо номид [13, с.11].

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки маҳз забон метавонад солҳои тӯлонӣ таърих , фарҳанг, суннату анъанаҳои халқу миллатро беосеб дар худ нигоҳ дорад. Забонро бо истилоҳи дигар “ҳастии миллат” ҳам номем, агар иштибоҳ намекунем. Забон хазинаи пурганҷест, ки дар он дуру гавҳарҳои нодир ҳифз гардидаанд. Забон аст, ки дар ҳамаи давру замон таърихи воқеӣ ва ростии миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад [14, с.3].

Рӯшан аст, ки ташаккули забони тоҷикӣ таърихи хеле густурда дорад. Дар даврaҳои хеле қадим мардуми тоҷик бо забон ва фарҳанги бойю ғании худ қасри муҳташамеро дар тамаддуни башарият бунёд кард, ки то имрӯз бегазанду побарчо мондааст. Гузаштагони мо аз қабили Абуабдулоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Умари Хайём, Абдураҳмон Ҷомӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва дигар ворисони адабиёти форсу тоҷик қасрҳои мармарини аз шеъру сухан сохтаашонро ба мо мерос гузоштаанд, то ки мо тавонем аз ин ганҷинаи пургуҳар дуру гавҳарҳои нодирро чида бигирем. Дар ин даврaҳо фарҳангу тамаддуни миллати мо густурда ва муккаммал гардид. Нашъунамои илму фанни асри Х, ки дар шароити истиқлолияти давлатӣ ба амал меомад, дар асри XI низ давом намуд. Намояндаи барҷастаи илм ва донишманди бузурги ин давра Абуалӣ ибни Сино буд [2, с.488].

Ин донишманди ҳамадон оид ба илми забоншиносӣ навиштаҷотҳои зиёде рӯйи варақ оварда, аввалин шуда дар забоншиносии форсу тоҷик таснифоти хиссаҳои нуткро ба сомон расонидааст. Оид ба ин масъала профессор Хоҷаев Д. чунин андешаронӣ намудааст: “Дар рисолаи “Мантиқ”-и ”Донишнома” Абуалӣ ибни Сино як фаслро ҷудо кардааст, ки ”Падид кардани ном ва куниш ва ҳарф” унвон дорад” [10, с.39].

Дар ин даврaҳо махсусан дар асрҳои 17 тағйироти куллӣ ба амал омад, гарчанде забони адабии асри 17 яке аз марҳилаҳои муҳимми таърихи забони тоҷикӣ ҳисоб мешуд, ки назари забоншинос Ҳалимова С. оид ба тағйиротҳои ин давра чунин аст: ”Ин марҳилаест, ки ба ду шохаи калон – форсию тоҷикӣ, ҷудо шудани забони адабиёти классикӣ қувват гирифта буд” [11, с.4].

Дар ин даврaҳо на танҳо ба илми забон ва забоншиносӣ, инчунин хусусиятҳои хоси лаҳҷаву шеваҳое, ки вуҷуд доштанд диққати олимону мутафаккирон диққати махсус дода буданд, ки инро мо метавонем аз рӯйи луғатҳои дар он давра мураттаб шуда эҳсос намоем.

Бо баробари иваз шудани сохти ҷамъияти тағйиротҳо дар забон низ ба мушоҳида мерасанд, зеро забон бо ҷамъият иртиботи ногусастанӣ дорад. Бояд зикр намоем, ки даврони шуравӣ то андозае бартариятҳои худро дошт. корҳои зиёде дар соҳаи мактабу маориф ва “навсозии” забон дар ин давра анҷом дода шуд. Забон аз печидагӣӣ ва саҷъбофии муншиёна, ки мероси асрҳои охир буд раҳои ёфт. Усулҳои нави замонавии таҳқиқ дар соҳаи забон ҷорӣ гардид, як зумра муҳаққиқону мутахассисон дар ин ришта тарбия ёфта, заминаҳои бунёдӣ илми забоншиносии муосири тоҷик гузошта шуд, вале ҳамзамон бо хотири “ демократикунонӣ” забони тоҷикӣ бисёр вожагони асилу ноби худро аз даст дод. Ба ҷойи онҳо калима ва истилоҳоти бамавриду бемаврид аз забонҳои гуногун ва калимаҳои носуфтаву худсохта, луғатҳои омиёна, қолабҳои калимасозию ибораории бегона ва сабку усулҳои талқидӣ ба забони мо ворид гардид, ки боиси камистеъмол гаштани

калимаву истилоҳоти худӣ гардиданд. Инчунин, дар ин давра омезиши калимаву истилоҳоти забони русӣ дар забон мушоҳида мешуд.

Инчунин, дар даврони шуравӣ забони тоҷикии мо қариб, ки ба забони хонаводагӣ табдил ёфта буд, танҳо пас аз Истиқлоли давлатӣ забони тоҷикии мо мақому манзалати пешинаи худро барқарор намуд. Баъди бо Истиқлол расидани Тоҷикистон забони давлатии мо дар ҷомеа беш аз пеш нақши ҳалкунанда мебозад [8, с.11]. Зеро миллатро маҳз забон шуҳратдору овозадор мегардонад. Танҳо тавассути забон мо арзишҳои миллӣ ва анъанаву суннатҳои хешро дар ҳама давру замон нигоҳ дошта метавонем.

Чи тавре ки маълум аст, вобаста ба рушди ҷомеа дар забон ҳам масъалаҳои мубрам пайдо мешаванд. Яке аз масъалаҳои мубраме, ки дар ҷомеаи имрӯза вобаста ба масъалаи забон ба назар мерасад, ин аз байн рафтану ба гурӯҳи забонҳои матрук дохил гардидани он ба ҳисоб меравад. Ин ҷиҳати масъаларо ба инобат гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар "Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки 5-уми октябри соли 2009 қабул гардид, ҳифзи забонҳои эронии шарқӣ, аз қабили забонҳои бадахшонӣ ва яғнобиро мавриди баррасӣ қарор дод: "Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимоя ва инкишофи забонҳои бадахшонӣ (помирӣ) ва забони яғнобӣ шароит фароҳам меорад" [6, с.5].

Таҳқиқи забонҳои эрониро аз давраи бостон то имрӯз бояд ҳамаҷониба тавқият ва густариш дод. Хушбахтона, аксарияти забонҳои эронӣ дар Тоҷикистон то имрӯз боқӣ мондаанд. Чи тавре ки Президенти кишвар дар китоби "Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ" овардаанд: "Имрӯз Тоҷикистон аз ҷиҳати боигарии забонӣ низ мисли як осорхонаи таърихӣ зинда аст. Чандин забонҳои қадимаи муталлиқ ба гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ дар Бадахшон ва яғнобӣ дар болооби дарёи Зарафшон ҳам мавҷуданд. Ин забонҳо дар лабараторияи бебаҳои таърихи забон буда, онҳоро ҳифз кардан ва ҳар чи бештар аз лиҳози илмӣ хосатаи этнолингвистӣ омӯхтан зарур аст" [16, с.64].

Муссалам аст, ки забонҳои бадахшонӣ дар Тоҷикистон Афғонистон, Чин ва Покистон ривоҷ доранд. Забонҳои гурӯҳи шуғнонӣ яке аз пуриқдитортарин забонҳое мебошанд, ки чандин гуйишҳои хосса доранд. Азбаски дар шароити набудани хат ва забони адабӣ муқаррар кардани лаҳҷа ё гӯйиши як забон имконпазир аст, аз ин лиҳоз ин забонҳоро муҳаққиқон гоҳ забон ва гоҳ лаҳҷа номидаанд. Боиси хушнудист, ки аз байни забонҳои ин гурӯҳ забонҳои хуфӣ, бартангӣ, рошравӣ ва сарикулиро танҳо дар Тоҷикистон арзи вуҷуд доштанашон ба назар мерасад. Аксаран дар ноҳияи Рушони вилояти Бадахшон, забонҳои шуғнонӣ ва рушонӣ дар ноҳияҳои Роштқалъа, Шуғнон ва Рушон, инчунин, дар деҳоти ҳаммарзи он дар соҳили чапи руди Панҷи қаламрави Афғонистон мавриди истифода қарор доранд.

Забони сарикулӣ дар музофоти Шинзани Ҷумҳурии халқии Чин ба кор меравад. Шомили забонҳои гурӯҳи ишкошимӣ бошад забонҳои санглечӣ ва зебокӣ мебошанд, ки дар айни замон забони санглечӣ дар деҳаҳои Ран ва Сумчини ноҳияи Ишкошим ба кор меравад. Инчунин, ин забон дар деҳоти мавзеи сангличи Бадахшони Авғонистон низ роиҷ аст. Забони зебокӣ то нимаи аввали қарни 20-ум дар мавзеи Зебоки Афғонистон истеъмол мегардид, аммо дар айни замон ин забон аз истеъмол берун рафтааст. Дар айни замон ҷои худро ба лаҳҷаҳои дарӣ додааст.

Чи тавре ки маълум аст, забони язғуломӣ дар деҳоти водии Язғуломи Бадахшон ва ҳамчунин як деҳаи ноҳияи Аббдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон, ки сокинонаш аз насли язғуломиёни муҳоҷири водии Вахш мебошанд, айни замон мавриди истифода қарор дорад.

Илова бар ин бояд ҳаминро дарҷ созем, ки дар кишвари мо забони қадимаи вахонӣ арзи вуҷуд дорад, ки ин забон, аслан, дар деҳоти води Вахони ду соҳили саргаҳи руди Панҷ, ки соҳили рости он қаламрави Тоҷикистон ва соҳили чапаш марзи Афғонистон мебошад корбурд мешавад. Забони қадимаи вахонӣ, суннату анъана ва урфу одати ин ҳалқҳо хеле барвақт диққати пажуҳишгаронро ба худ ҷалб намуда буд [5, с.6]. Муҳаққиқи забони вахонӣ Т.Н.Пахлина менависад, ки забони вахонӣ ба чанд лаҳҷаи дигар ҷудо мешавад: ғарбӣ, шарқӣ ва марказӣ [9, с.8]. Хушбахтона, намояндагони ин лаҳҷаҳо тавонистаанд то имрӯз гуфтори худро бо ин гӯишҳо идома диҳанд.

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки теъдоди намояндагони забони яғнобӣ то соли 1970 хеле зиёд ба назар мерасид, зеро то ин давра онҳо сарҷамъ буданд ва мисли ҳозира паҳну парешон нашуда буданд. Пас аз мардуми яғнобро ба дигар мавзеъҳо муҳоҷир кардан

таъсири лаҳҷаву шеваҳои муҳити зисташон ба рушду таккомули забони яғнобӣ каме монеа ба вуҷуд оварданд.

Муссалам аст, ки хавфи нестшавии забонҳо на танҳо ба забонҳои дар кишвари арзи вуҷуд дошта таҳдид менамояд, инчунин, ин равандро мо мушкилоти забонҳои дигар кишварҳо низ номида метавонем. Масалан, забони кетӣ, ки яке аз забонҳои пуриқтидори оилаи забонҳои енисейӣ дар қаламрави кишвари Руссия мебошад, дар айни замон ҳамагӣ дусад нафар намоянда дораду халос. Забоншиносон дар он ақидаанд, ки агар ин забон бимирад дар дунё як хомӯшии амиқе ба вуҷуд меояд, зеро як оилаи забонҳо аз байн меравад.

Рӯшан аст, ки забони ванҷии куҳан то охири асри 19 дар водии Ванҷи вилояти Бадахшон мавриди истифода қарор доштааст, мутаассифона, дар айни замон дар шумори забонҳои матрук қарор дорад. Дар бораи мавҷудияти як лаҳҷаи фарқкунанда аз забони тоҷикӣ дар водии Ванҷ бори нахуст соли 1906 олими рус Андрей Эвгеневич Снесарев дар асари худ таҳти унвони “Бухорои Шарқӣ” иттилоъ дода буд. Соли 1915 эроншиноси маъруфи рус Зарубин ба водӣ сафар карда аз пирони маскуни он бо ин забон гуфтугӯ мекард ва эҳсос кард, ки онҳо бо лафзи дигаре сухан меронанд. Ва ӯ аз забони як муйсафед чандин калимаҳои ванҷии куҳанро навишта гирифт, ки ҳоло ягона маълумоте аз ин забони хомӯш дар эроншиносии муосир ба ҳисоб меравад. Ин забонро мардуми маҳаллӣ “ванҷиборӣ” ё “ванҷиборак” меноманд.

Инчунин, бо баробари ҳифзи забонҳо бояд ба масъалаи ҳифзи гурӯҳҳои этникӣ ва лаҳҷаву шеваҳо, ки намояндагони забони суғдӣ ва. бохтарианд диққати махсус диҳем. Дар водии Ҳисори кишварамон намояндагони гурӯҳҳои этникии ковалӣ, чистони, суғтарош, ҷугиҳо ва паря истиқомат доранд. Сабаби интихоби ин гурӯҳҳои этникӣ ин мавзеъро дар он аст, ки ин водӣ бахусус шаҳри он дар чорроҳаи Шоҳроҳи Абрешим маркази тиҷорат, ҳунармандӣ ва илму фарҳангу маърифат буд [12, с.5].

Ғановатмандии забони тоҷикӣ аз ҳисоби лаҳҷаву шеваҳо низ буда метавонад, зеро калимаҳои меъёрзебе, ки дар лаҳҷаву шеваҳо маҳфуз мондаанд, метавонанд забони тоҷикиро боз ҳам мукаммалтар гардонанд. Чи тавре ки дар як мактуби худ устод Садриддин Айнӣ, ки соли 1948 дар мавриди маслиҳат ба адиби он солҳо ҷавон Пӯлод Толис зимни истифода аз калимаҳои лаҳҷавӣ дар асарҳои бадеӣ иншо карда буд, ин маъно басо ҷолиб ифода гардидааст: “Дар ин ҷо ҳарчанд аз мавзуи ин мактуб берун буда, ба ҳикояи Шумо дахл надорад, як роҳи инкишофи забони адабиро ҳам қайд кардан мехоҳам. Ин кор фармудани луғатҳои маҳаллӣ аст” [1, с.234].

Бисёр унсурҳои луғавие ҳастанд ки мо онҳоро ҳам дар осори гузаштагонамон ва ҳам дар лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ пайдо карда метавонем. Масалан, воҳидҳои луғавии **мазбут** (сахт, устувор, мустаҳкам), **йахча** (жола, тагарк), **ҷул** (авзоли хару асп) **калпатра** (парешон, бенизом, печида, бесару нӯг, беохир), **данг** (овоза, шуҳрат, обрӯ), **хорӣ кардан** (дашном кардан, ҳақорат додан), **манда** (кӯзаи миёншикаста) ҳамин гуна хусусият доранд, ки дар забони адабиёти классикӣ зиёд ба кор рафта бошанд ҳам, дар забони адабии муосири тоҷик роиҷ нест.

Яхча меборад аз абри сиёҳ,
Чун ситора бар замин аз осмон (Рӯдакӣ).

На мунъим ба мол аз касе беҳтар аст,
Хар ар **ҷули** атлас бипӯшад, хар аст (Саъдӣ).

Зулайхо боз дар **мазбуттар** баст,
Дари шарму ҳаё ба рӯй барбаст (Ҳозиқ).

Ба ақидаи профессор Исмоилов Ш. “Таркиби луғавии лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ хазинаи бебунро мемонад” [5, с.3]. Дар таркиби лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ калимаҳое вуҷуд доранд, ки моро бо таъриху фарҳанг, расму русум, суннату анъана, урфу одатҳои миллати тоҷик ошно месозанд.

Аксарияти вожаҳо шаклу маънояшон дар лаҳҷаву шеваҳо, махсусан бе тағйир боқӣ мондааст: **рахт** (асбобу анҷом), **қулқул** (садои рехтани шароб), **гала** (гурӯҳ, даста, рама), **гарданкашӣ** (саркашӣ нофармонӣ), **чодир** (пардае, ки занон ба сар мегиранд, фаранҷӣ), **олуда** (чиркин), **хӯ(й)** (табиат,одат, тиннат), **ёва** (нопадид, гумшуда).

Марез аз содагӣ **рахти иқомат** дар гузаргоҳе,

Ки оташ зери по аз лола бошад кӯҳсорашро (Соиб).

Дигар сӯ Сарахсу биёбон ба пеш,
Гала гашта ба дашт оҳуву меш (Фирдавсӣ).

Зи он нашъа, ки **қулқул** ба лаби шиша давонад,
Сад ранг сарири қаламам реша давонад (Бедил).

Чу гардан барорам ба **гарданкашӣ,**
На з-обе ҳаросам на аз оташе (Низомӣ).

Аз тафу тоби тоби ханҷари мардони лашкарат,
Ба сар кашад, ба мисли занон **чодир** офтоб (Анварӣ).

Олудаи хумор чаро буд наргисаш,
Пажмурдагиаш дар гулу, дар настаран чӣ буд? (Хисрави Деҳлавӣ).

З-ин сон, ки **хӯ(й)** гирифт дилам ба васоли ту,
Эй он замон, ки бубинам ҷамоли ту (Ҷомӣ).

Забони мӯр ба Осаф дароз гашт равост,
Ки хоҷа Ҳотами Ҷам **ёва** карду боз наҷуст (Сайидо).

Шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ манбаъи боэътимоди лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик ба ҳисоб мераванд [2, с.5]. Дар ҳақиқат, имконияти захиравии луғати лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ хеле фаровон аст ва лаҳҷаҳо дар ҳар мавриди мусоид метавонанд вожаҳои софу полудаи таркиби худро ба ихтиёри забони адабӣ гузоранд.

Ба назар мерасад, ки пажуҳишу омӯзиши забонҳои дар кишварамон буда рӯ ба беҳбудӣ ниҳода истодаанд. Ва ин доира як қатор тадбирҳову чорабиниҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андешида шуда, рисолаҳои зиёди илмиву адабӣ дар доираи омӯзиш ва пажуҳиши ин забонҳо ва лаҳҷаву шеваҳо нашр мегарданд, ки барои ҳифз ва интиқоли ин забонҳо ва лаҳҷаву шеваҳо нақши босазоеро мебозанд. Аҳамияти пажуҳиши гуногунҷабҳаи забоншиносии ин забонҳоро ба назар гирифта Президенти кишвар мефармоянд: “Ба назарам, дар натиҷаи таҳаввулоти давраи нави таърихи миллатамон шояд забонҳои помирӣ бар асари марҳилаи сифатан нави равобит ва таъсири мунтақобил тағйиру таҳаввули ҷиддии ногузир хоҳанд дид, вале мо бояд кӯшиш кунем, ки ин забонҳо ҳамчун сарнавишти маънавии халқамон ҳифз шаванд [16, с.31].

Илова бар ин бояд ҳаминро иброз намоем, ки яке аз роҳҳои дигари ташаккул ва интиқолдиҳии забонҳои бадахшонӣ ва яғнобӣ гирдовардани фолклор ва осори халқии мардумони ин мавзеъ мебошад. Фолклори ин мавзеъҳо бо забонҳои худашон ҷамъ ва гирд оварда шудаст, ки дар ин самт нақши Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ беандоза назаррас аст.

Роҳҳои инкишоф ва рушди забонҳои бадахшонӣ ва яғнобӣ, инчунин лаҳҷаву шеваҳо на танҳо омӯзиш ва пажуҳиши ин забонҳо ва лаҳҷаву шеваҳо ба ҳисоб меравад, инчунин чи тавре ки дар боло қайд намудем, ҳифзи ин забонҳо аз ҷониби соҳибзабонон буда метавонад, ки бо ин васила онҳо метавонанд на танҳо забон ва лаҳҷаву шеваҳоро ҳифз намоянд, балки руҳи халқашонро зинда нигоҳ доранд, зеро мутафаккири варзида Вилгелм Ҳумболт фармудааст: “Забон ин руҳи халқ аст” [3, с.16].

Бояд қайд намуд, ки дар кишвари мо на танҳо забонҳо ва лаҳҷаву шеваҳо ҳифз гардидаанд, инчунин суннату анъанаҳои мардумии қавму қабилаҳое, ки дар Тоҷикистон истиқомат доранд, то ҳол бо тамоми нозукиҳояшон бо шарофати Истиқлолият ва эълон гардидани солҳои 2019-2021 ”Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” аз ҷониби Пешвои муаззами миллат аз нав эҳё шуда истодаанд. Суннатҳои маҳалии мардуми қавму қабилаҳои тоҷик идомаи суннатҳои гузаштаи эронӣ ба вижа суғдиву бохтарӣ мебошад, ки эҳёи онҳо яке аз роҳҳои ғанӣ гардонидани таркиби луғавии ин забони тоҷикӣ мебошад.

Ҳимояи забонҳо ва лаҳҷаву шеваҳое, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд вазифаи қонии на танҳо забоншиносон ба ҳисоб рафта, балки дар ин самт бояд ҳар як соҳибзабон саҳми беандозаи худро гузорад.

Бояд ҳаминро иброз намоям, ки гарчанде, ҳимояи ин забонҳо ва лаҳҷаву шеваҳо аз қониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар расад ҳам, аммо барои ҳифз, ҳимоя ва рушду таккомули ин онҳо корҳои зеринро ба итмом расонем, агар онҳо аз аҳмият холӣ нахоҳанд буд:

1. Дар баробари забони давлатӣ таълими ин забонҳо, ақаллан дар синфҳои ибтидоӣ ба роҳ монда шавад ва ин як ғамхории хубе мешавад аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2. Агар китобҳои дарсӣ барои синфҳои ибтидоӣ бо ин забонҳо таҳия гарданд, омӯзиши онҳо осонтар мегардад;

3. Доираи омӯзиши ин забонҳо дар донишгоҳу донишкадаҳои забоншиносии кишварамон низ ба роҳ монда шуда, дар ин самт мутахассисон тайёр карда шаванд, то онҳо тавонанд ин забонҳои нодирро бе нуқсон ба насли наврас омӯзонанд;

4. Агар луғатҳои ин забонҳо ва лаҳҷаву шеваҳо гирд оварда, ба мисли фарҳанги забони тоҷикӣ мураттаб гарданд, барои рушду таккомули ин забонҳо нақши босазо мебозанд;

5. Нависандаю шоироне, ки бо ин забонҳо ашъори пурғановати хешро эъҷод менамоянд, аз қониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавасманд гардонида шаванд, то ин ки назму наср бо ин забонҳо инкишоф ёбанд.

Муқарриз: ***Назарзода С.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Ахгар Инқилоб / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 262 с.
2. Гадоев, Н. Лексикаи лаҳҷаи Тагнов / Н. Гадоев. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 208 с.
3. Гумбольт, В. Избранные труды по языкознанию / В.Гумбольт. – М.: Прогресс, 2000. – 400 с.
4. Ғафуров, Б. Тоҷикон (Таърихи қадимтарин, қадим асри миёна ва давраи нав) / Б Ғафуров. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 975 с.
5. Исмоилов, Ш. Лексикаи водии Рашт / Ш. Исмоилов. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 332 с.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”. – Душанбе: Шарқи озод, 2012. – 20 с.
7. Матробов, С.К. Традиционные игры ваханцев (этнолингвистический очерк) / С.К. Матробов. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 209 с.
8. Назарзода, С. Пояҳои густариши забони миллӣ / С. Назарзода. – Душанбе, 2016. – 271 с.
9. Пахлина Т.Н. Ваханский язык / Т.Н. Пахлина. – Москва, 1975. – 136 с.
10. Хоҷаев, Д. Гуфтори наку куҳан нагардад / Д. Хоҷаев. – Душанбе: Шуҷоиён, 2012. – 230 с.
11. Ҳалимова С. Вожаю истилоҳоти пешаварӣ дар осори Сайидои Насафӣ / С. Ҳалимова. – Душанбе: Маориф, 2006. – 372 с.
12. Шодибек, Собирӣ. Доираи адабии Ҳисор / Собирӣ Шодибек. – Душанбе: Ашуриён, 2015. – 117 с.
13. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат ҳастии миллат / Эмомоалӣ Раҳмон. Китоби 1. – Душанбе: Таъминотчӣ, 2016. – 516 с.
14. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат ҳастии миллат. Китоби 2 / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе, 2020. – 431 с.
15. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 228 с.
16. Эмомалӣ Раҳмон. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе, 2006. – 372 с.

РОҲҲОИ ТАШАККУЛ ВА ҲИМОЯИ ЗАБОНҲО ВА ЛАҲҶАВУ ШЕВАҲОИ ДАР ҲУДУДИ ТОҶИКИСТОН АРЗИ ВУҶУДДОШТА

Дар мақола муаллиф оид ба мақому манзалати забони тоҷикӣ сухан рӯйи варақ оварда, қайд намудааст, ки забони тоҷикӣ яке аз забонҳои қадимаи дунё ба ҳисоб рафта, таърихи густурда дорад. Инчунин, дар мақола оварда шудааст, ки забон бо қамъият иртиботи зич дошта, тағйиротҳои дар сохти қамъиятӣ ба вуҷуд омада таъсирашонро ба забон мегузоранд. Муаллиф дарҷ намудааст, ки дар даврони шуравӣ забони тоҷикӣ ва дигар лаҳҷаву шеваҳо ва забонҳое, ки дар қаламрави кишварамон арзи вуҷуд доштаанд, каме мавқеи худро аз даст додаанд. Маҳз пас аз Истиқлол дар Тоҷикистон бори дуюм Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул шуд, ки барои рушду таккомули забони тоҷикӣ ва дигар забонҳои дар қаламрави кишварамон арзи вуҷуддошта заминаҳо фароҳам овард. Дар ташаккул ва рушди ин забонҳо аз қониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои назаррас ба итмом расонида шуда истода шудаанд. Дар ин самт рисолаҳои илмии зиёле рӯи варақ оварда шудаанд. Инчунин, илова бар ин бояд ҳаминро иброз намоем, ки яке аз роҳҳои дигари ташаккул ва интиқолдиҳии забонҳои дар ҳудуди кишварамон арзи вуҷуддошта ва ҳифзи лаҳҷаву шеваҳо, ин гирдовардани фолклор ва осори халқии намояндагони ин қавму қабилаҳо мебошад. Фолклори ин мавзеъҳо бояд бо забонҳои худашон қамъ ва гирд оварда шаванд. Муаллиф саҳми беандозаи

Пешвои муаззами миллатро дар ҳимояи забонҳои бадахшонӣ ва яғнобӣ ва инчунин лаҳҷаву шеваҳои тоҷикро дар мақола нишон дода тавонистааст. Танҳо соҳибзабонон қодиранд, ки ин забонҳоро беосеб ба насли наврас интиқол диҳанд. Дар анҷоми мақола пешниҳодҳо оиди ташаккул ва рушди забонҳо оварда шудаанд.

Калидвожаҳо: забон, лаҳҷа, шева, қонун, қавм, қабила, миллат, тоҷикон, фолклор, мероси хаттӣ.

ПУТИ ФОРМИРОВАНИЯ И ЗАЩИТЫ ЯЗЫКОВ, ДИАЛЕКТОВ И ГОВОРОВ, СУЩЕСТВУЮЩИХ НА ТЕРРИТОРИИ ТАДЖИКИСТАНА

В статье автор рассказал о статусе и назначении таджикского языка и отметил, что таджикский язык считается одним из самых древних языков в мире и имеет давнюю историю. Также в статье утверждается, что язык имеет тесную связь с обществом, и изменения в социальной структуре накладывают свой отпечаток на язык. Автор отметил, что в советское время таджикский язык и другие диалекты, стили и языки, существовавшие на территории нашей страны, утратили свои позиции. Именно после Независимости в Таджикистане был принят во второй раз Закон Республики Таджикистан «О государственном языке Республики Таджикистан», создавший основы для развития и совершенствования таджикского языка и других языков, существующих на территории нашей страны. Значительная работа по формированию и развитию этих языков проделана Правительством Республики Таджикистан. В этом направлении на бумаге представлено много научных тезисов. Так, в дополнении к этому мы должны подчёркивать, что одним из путей формирования и передачи языков в нашей стране является сохранение диалектов и стилей, собирание фольклора и фольклорных артефактов представителей этих народов и племен. Фольклор этих мест надо собирать и компилировать на их родных языках. В статье автор смог показать огромный вклад великого Лидера нации в защиту бадахшанского и ягнобского языков, а также таджикских говоров и диалектов. Только носители языка способны передать эти языки подрастающему поколению. В конце статьи есть предложения по формированию и развитию языков.

Ключевые слова: язык, диалект, стиль, право, народ, племя, нация, таджики, фольклор, письменное наследие.

WAYS OF FORMATION AND PROTECTION OF LANGUAGES, DIALECTS AND PLANTS EXISTING ON THE TERRITORY OF TAJIKISTAN

In the article, the author spoke about the status and purpose of the Tajik language and noted that the Tajik language is considered one of the most ancient languages in the world and has a long history. The article also states that the language has a close relationship with society, and changes in the social structure leave their mark on the language. The author noted that in Soviet times the Tajik language and other dialects, styles and languages that existed on the territory of our country lost their positions. It was after Independence in Tajikistan that the Law of the Republic of Tajikistan “On the state language of the Republic of Tajikistan” was adopted for the second time, which created the basis for the development and improvement of the Tajik language and other languages existing in our country. Significant work on the formation and development of these languages has been done by the Government of the Republic of Tajikistan. In this direction, a lot of scientific theses are presented on paper. So in addition to this, we must emphasize that one of the other ways of forming and transmitting languages in our country is the preservation of dialects and styles, this is the collection of folklore and folklore artifacts of representatives of these peoples and tribes. The folklore of these places must be collected and compiled in their native languages. In the article, the author was able to show the great contribution of the great Leader of the nation to the protection of the Badakhshan and Yagnob languages, as well as Tajik dialects and dialects. At the end of the article there are proposals for the formation and development of languages.

Key words: language, dialect, style, law, people, tribe, nation, Tajiks, folklore, written heritage.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: **(+992) 917-11-64-26**

Сведение об авторе: ***Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна*** – Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. Тел.: **(+992) 917-11-64-26**

Information about the author: ***Abdulloeva Gulrukhsor Ziyodulloevna*** – Tajik State Institute of Languages named after S.Ulugzoda, candidate of philological sciences, associate professor of the Tajik language department. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. Phone: **(+992) 917-11-64-26**

УДК: 408.5

ҶАНБАЮ ПАҲЛУҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ОНОМАСТИКӢ

Алимӣ Ҷ., Қаюмова М.Б.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Мавзуи баҳси таҳқиқотҳои илмии ономастика - ин ҳама навъҳои исмҳои хоссест, ки дар захираи луғавии дилхоҳ забон мавҷуд аст ва аз ибтидо дар ин забон мустаъмал буданд ва ё бо мурури замон муқтабас шудаанд. Новобаста ба он ки аз ибтидо исмҳои хос дар тамоми забонҳои олам мавҷуд буданду ҳастанд, - ин яке аз ҷомеиятҳои ономастикӣ мебошад ва тадқиқотҳои илмии ономастикӣ фақат якчанд даҳсола аст, ки ба роҳ монда шудаанд. Вобаста ба рушди фаъолияти лексикографӣ ва лексикологӣ ҳам худи мавзуъҳои тадқиқотҳои ономастикӣ тағйир меёбанд ва ҳам муносибату бархӯрди олимону муҳаққиқон ба он. Масъалаҳои нав пешниҳод карда мешаванд, ҷанбаҳои нави тавсиф ва таҳлил ошкор мегарданд.

Ном – ҳиссаи нутқ аст, ки барои инсон ном мегузорад ва дар ин маврид исми хос (шахс), маҳсулот (масалан, маҳсулоти тиҷоратӣ), ғоя ва ё фарзияю таълимотҳо мебошанд, ки маъмулан барои тафовут додан ва фарқ кардани онҳо аз дигар номҳои ба ҳамаи гурӯҳ ва ё синф мансуб буда, истифода мегарданд.

Номҳо метавонанд гурӯҳ, синф ва ё категорияи ашёро таъйину ташхис кунанд ва ё чизи муайянро ба тариқи мушаххас ва ё дар қаринаи додашуда ифода намоянд. Номҳо ҳамчунин дар самту соҳаҳои гуногуни фаъолият низ истифода мегарданд, аз қабили барномасозӣ (номҳои муваққатӣ, фазои номҳо). Ном барои объекти муайяну мушаххас маъмулан исми хос ва номе, ки барои синфу гурӯҳи объектҳо истифода мешавад, исми ҷинс номида мешавад. Ивазкунандаи ном тахаллус аст.

Номи шахсии инсон. Номе, ки зимни таваллуди тифл гузошта мешавад, маъмулан яктост, аммо дар аҳди қадим то ду се ном ба як нафар ҳам мегузоштанд. Инсонҳо дар ҳама давру замон молику соҳиби номи алоҳидаю муайян буданд. Ҳар як фарҳангу тамаддун номҳои хосси худро дорад. Номҳои хоссаи ҳар як халқ бо фарҳангу вижагиҳои маишии он алоқаманд мебошад. Барои он ки дар як мардуму халқи муайян ин ё он ном мустаъмалу мураввaҷ гардад, бояд заминаю шароитҳои мусоиду мувофиқи фарҳангӣ-таърихӣ фароҳам гардад.

Дилхоҳ калимае, ки бо он ягон шахсро ном гузоштаанд, атрофиён онро ҳамчун номи шахсӣ (фардӣ) мепазиранд ва биноан дилхоҳ калима метавонад баъзан исми хос ва ном шуда монад.

Ҳамин тариқ, номи шахсӣ – калимаест, ки барои таъйиноти шахси мушаххасу муайян хизмат карда, ин ном ба ӯ ба шаклу тартиби инфиродӣ дода шудааст то ин ки имкони ба ӯ муроҷиат кардан ва ҳамчунин бо дигарон дар бораи ӯ суҳбат кардан фароҳам ояд.

Мақом ва мавқеи номи шахсӣ дар ҳаёти инсон хеле бориз аст. Ҳар як шахс метавонад бо номи дигаре ҳам садо карда шавад, биноан, ҳамаи аъмоли шоиста ва ғайришоистаи ӯ метавонанд маҳз тавассути номи ӯ маълуму маъруф гарданд.

Номҳои шахсӣ на фақат дар самту соҳаҳои маишӣ мавриди истифода қарор мегиранд, балки дар суҳбату муколамаҳои алоҳидаю инфиродӣ, дар санаду ҳуҷҷатҳои расмӣ, дар вазъу ҳолатҳои расмии гуногун, дар амалияи ҳуқуқӣ (юридикӣ) низ истифода мегарданд, ки дилхоҳ таҳрифу номушаххасӣ ва саҳву иштибоҳ метавонад натиҷаю оқибатҳои ногувор ба бор орад. Онҳо метавонанд рӯзмарра ва аҷибу ғалатӣ, хушоянду форам гашта монанд ва ё баръакс тавассути ҷомеа мавриди пазиришу қабул қарор нагиранд.

Аслан номгузории суннатию анъанавии тоҷикон ва дигар мардумони ориёитабор дугона буданд, яъне аз ному насаб иборат буданд: Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Саъдии Шерозӣ, Ибни Сино, Ҳофизи Шерозӣ ва ғайра. Мутаассифона, таҳти таъсири номгузории русӣ ному насабҳои расмии мардуми мо сегона шуда монданд ва аз насаб [фамилия], ном ва номи падар иборат гаштанд: Давлатов Сафар Қамарович, Саидов Шариф Зарифович, Собиров Шараф Қодирович ва ғайра. Ном гирифтани инсон замони салтанати шӯравӣ бо ному насаби инсон як навъ ифодаи эҳтирому лутфу марҳамат дониста мешуд.

Ном дар мантиқ – ифодаи забон аст, ки ашё ва мавҷудоти муайянро ифода мекунад, ки ба маънии васеъ на ҳамчун объекти моддӣ, балки дар маҷмуъ ҳама он чизест, ки мо номгузорӣ карда метавонем. Дар низоми мантиқӣ маъмулан як навъ «секунҷаи сенематикӣ» фаҳмида мешавад: 1) ном; 2) ашёе, ки бо он ифода меёбад (денотат ва ё десигнат).

Номҳо – воситаи зарурии дарку фаҳм ва маърифату муошират мебошанд. Ашёҳо ва дар маҷмуъ низ онҳоро ифода карда, номҳо забонро бо олами воқеӣ пайваста, алоқаманд мегардонанд. Номгузорӣ – раванди таъйинот ва мувофиқгардонии калима ва ё ифода бо ин ё он объекту субъект мебошад. Он метавонад озод ва табиӣ, ҳамчунин мураттабу муайян вобаста ба самту соҳаҳои истифодагардии ном низ бошад.

Исми хос. Дар маҷмуъ ном – ин ифодаи забон аст, ки ашёи алоҳида, маҷмуи ашёҳои ҳаммонанд, вижагию хосиятҳо, муносибатҳоро ифода мекунад. Масалан, калимаи «Далер» шахсияти алоҳидаю мушаххасро ифода карда метавонад. Ба қавле, ном «бастакор» («композитор») аст, ки синфу гурӯҳи одамонро ифода мекунад, ки ҳар яке аз онҳо бо «оҳанге» сари кор дошта, машғул аст; калимаи «сабз» вижагию хосияти рангро мефаҳмонад; калимаи «наздик» муносибати муайяни байни мавҷудоту ашёҳоро фаҳмонида метавонад ва ғайра. Ифодаи забонӣ низ ном (исм) буда метавонад, агар ба сифати мубтадо ва ё ҳиссаи номии ҳабар дар ҷумла истифода гардад.

Марзу ҳудуди байни исмҳои хос ва ҷинс ғайридоимӣ ва сайёру дар ҳаракат мебошад: исмҳои ҷинс метавонанд ба исмҳои хос мубаддал гарданд, тахаллус, насаб, куният, лақаб ва ё баръакс.

Исми хос – истилоҳест, ки калимаю ибораеро ифода карда метавонад, ки барои номгирии ашё ва ё падидаю зуҳуроте таъйин шудааст ва ин ашё ва падидаро аз гурӯҳи ашё ва ё падидаҳои ҳаммонанд ҷудо карда меистад. Тамоми исмҳои хос бо ҳарфи калон навишта мешаванд (Душанбе, Америка, Тоҷикистон). Ба омӯзишу тадқиқи исмҳои хос – ономастика машғул аст.

Исмҳои ҷинс ашёҳои ҳаммонандро ифода мекунанд, ки ягон умумияте доранд: паранда, инсон. Исмҳои хос метавонанд ба исми ҷинс ва исмҳои ҷинс метавонанд ба исми хос мубаддал гарданд. Масалан: Наргис - номи ҷавони зебое дар устураи юнонии қадим аст ва «наргис» - номи (исми) як навъи гулҳо низ мебошад. Пайк – номи рӯзномаи ҷамъиятӣ-сиёсӣ, пайк (башорат, хушхабар).

Метавон гуфт, ки бе калима ва ном умуман ҳастии хирадӣ, зуҳури ҳастии хирадӣ, мулоқоти хирадӣ бо ҳастӣ мавҷуд буда наметавонад. Бигзор ҳеҷ кас ба қувваи ҷозибаю кашиш ва муъҷизаноки калима, мафҳум ва ном бовар накунад, ҳарчанд тамоми дину мазҳабҳои дунё низ дар тамоми замону маконҳо бо онҳо пур ҳастанду пур буданд. Аммо имкон надорад, ки қудрати қавии калима, мафҳум ва ном инкор карда шавад, ҳатто дар замону давраи пешрафтҳои мусбии мо низ. Мафҳум ва ном – ходиму фаъолони қудратманди тафаккур ва ҳаёт ҳастанд. Мафҳум ва ном – ақлҳою қалбҳоро боло мебаранд ва онҳоро аз ҷаҳолату зулмот наҷот медиҳанд.

Дар калимаю мафҳум, махсусан дар ном - тамоми сарвату ғановате нуҳуфтааст, ки тули асрҳои зиёд таҷаммуъ ва тамаркуз ёфтаанд ва наметавонад ягон психологияи тафаккур, мантиқ, феноменология ва онтология бидуни таҳлили мафҳуму ном мавҷуд бошад. Дар ному мафҳум – бархӯрди тамоми таҳлилоти имконпазиру устувори қабатҳои ҳастӣ нуҳуфтаанд. Ҳарчанд ҳоло низ таҳлили мувофиқу муносиб ва мушаххаси номҳо дастрас ва пайдо нагаштаанд, аммо методу усулҳо ва роҳу воситаҳои зиёде дар ин ростою ҷода ба даст омадаанд. Дар ном – таҷаммуъ ва тамаркузи тамоми самту соҳаҳои физикӣ (табиӣ) ва физиологӣ, психологӣ, онтологӣ акс меёбад. Дар ном ҷавҳари башарияти хирадманд ва ҳам ҳастии ғайрихирадию хирадии дигари ҳаёт низ таҷассум меёбад. Агар психологияи тафаккур ҳадаф дошта бошад, ки илми воқеан интиқодӣ оид ба далелҳо гардад, аммо на орзумандии хаёлию догматикӣ оид ба абстраксия (мавҳумҳо); агар он воқеан ҳам бихоҳад, ки аз донишу маълумотҳои нодаркору бенатиҷа даст кашад, агар аз ҷаҳонбинии «илмӣ» ва «ғайриилмии» шуур худдорӣ намоем, - пас зарур аст, ки қаблан таҳлили ҷиддию муфассали мафҳум ва номро гузаронем. Чунин ақидаро метавон нисбати дилхоҳ илми дигар низ иброз намуд, ки бо тафаккур, мантиқ, феноменология ва диалектика алоқаманд бошад. Ин ақидаю фарзияро метавон умуман нисбати тамоми илмҳо баён намуд, чунки ҳар як илм таълимотест, ки бо маънӣ ва дарку фаҳми бошууронаи далелҳо алоқаманд аст, яъне тамоми илмҳо маҳз ба ному мафҳумҳо вобастагӣ доранд. Шигифтангез аст, ки

баъзе бахшу қисматҳои забоншиносӣ (лингвистика) пур ва моломол аз содагию маъмулият ҳастанд, тамоми ин «муқаддимаҳои забоншиносӣ» ва «асосҳои психология», ки бо забон ва тафаккур, бо ном ва мафҳум бархӯрду муносибати умумию дурушту омиёна мекунанд, худ ба худ дар тафаккуру мафкураи шахсоне ҳам ҷой дошта метавонанд, ки аз забоншиносӣ ва равоншиносӣ умуман бехабар ҳам бошанд. Ҳамчунин, мантиқи имрӯзаи анъанавии донишгоҳӣ низ наметавонад бо чунин тарзи бархӯрду муносибатҳо ба дурихои дур рафта расад, ҳарчанд имрӯз то дараҷаи муайяне сатҳи интиқодии мантиқ ва психологияи тафаккур афзоиш ёфта, болотар рафтааст. Дар оянда низ метавон тадқиқотҳои муфассалтареро низ интизору умедвор гашт. Бадии кор дар он зоҳир мешавад, ки психологияи мушоҳида аз болои ҳаёт бидуни таҳлили фалсафии қаблии мафҳумҳои психологӣ ҳоло низ ҳукмрон аст, ки ҳатто мансуб ва хосси худи Арасту низ дар даврахои қадим набуд.

Дар ноэмаи рамзӣ [ноэма – юнонии noesis – андеша, ақида, маънӣ] ва ё сирф ноэма шуури оммавӣ майл ба истодан дорад. Дар асл бошад, оё барои таҳлили ному мафҳум, ғайр аз овозу садо ва маънӣ боз чӣ намерасад? Ана бо чунин тарзи бархӯрд дар аксари донишгоҳҳо нисбати ному мафҳумҳо муносибат мекунанд, яъне ба мисли маҷмуи овозӣ, ки бо маънии муайяне муттаҳид гаштаанд. Дар назари аввал чунин бархӯрд қобили қабул менамояд. Дар асл бошад – назару ақидаи ниҳоят саҳлангорона ва сатҳӣ аст, ки тамоми бархӯрдҳои нисбатан жарфтарро мушкилу мураккабтар мегардонад. Забоншиносон ва равоншиносон (лингвистҳо ва психологҳо) дарку фаҳм карда наметавонанд, ки чунин бархӯрду таъйинотро нисбати тамоми предмет ва ё раванди ҷаҳони табиӣ (физикӣ) раво дидан мумкин аст. Оё овозу садоҳои тамоми мавҷудоти ғайрихирадӣ, аз қабили маймунҳо, тӯтиҳо ва ҳазорон зуҳуроти ҳаммонандро наметавон маҷмуи овозу садоҳо номид, ки дар худ маънии муайяни маъмулеро фаро гирифтаанд? Масалан, ҳадс задан мумкин аст, ки дар раъду барқ, ки аз маҷмуи овозу садоҳо иборат аст, маънии мантиқӣ дар назар дошта намешавад, аммо дар ному мафҳумҳои инсонӣ дар назар дошта шудааст. Дар калимоту мафҳумҳои инсонӣ низ на ҳама вақт маънии мантиқӣ дида мешавад, ҳамон гунае, ки дар маҷмуи овозу садоҳои раъду барқ низ мушоҳида намегардад. Мо бояд андаке истем ва таваққуф намоем, аз илмҳои ғайритаҳлилию ғайриинтиқодӣ худдорӣ намоем, то ин ки ақидаю назари худро ба вижагиҳои хосси калимот, мафҳумҳо ва номҳо равона кунем ва набояд аз мушкилиҳо биҳаросем.

Ҷанбаи тадқиқот - ин дурнамоест, ки дар он падидаю зуҳуроти мавриди омӯзиш, доираи ҳодисаҳое, ки бо он мустақиман алоқаманд аст, ҷанбаю паҳлуҳо ва предмети мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқ баррасӣ ва арзёбӣ мегардад. Зимнан барои ҳар як ҷанбаи тадқиқ методу роҳу усул ва воситаҳои алоҳида хос мебошанд. Олимону муҳаққиқони номшиносӣ чунин ҷанбаҳои тадқиқотҳои ономастикиро зикр кардаанд: лексикологӣ, лексикографӣ, мантиқӣ, семасиологӣ, истилоҳотӣ, типологӣ, психологӣ, сотсиологӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ, фарҳангшиносӣ.

1.Ҷанбаи лексикологӣ. Ҷанбаи лексикологии тадқиқотҳои ономастикӣ, қабл аз ҳама, бо ономастикаи тасвирӣ ва лексикологияи умумӣ дар таносуб қарор дорад. Он инвентаризатсияи маводи онимӣ ва тасвиру тавсифи исмҳои хосро дар низоми ягон забони алоҳида, забони мушаххас, таҳлили генетикии онҳо, муқоиса бо аппелятивҳо пайгирӣ менамояд. Ин ҷанба дар лексикологияи муосир, мутаассифона, на он қадар рушду такмил ёфтааст, зеро то дараҳои охир тасвиру тавсифи таркиби луғавии забонҳо бидуни назардошти исмҳои хос ва номҳо ба роҳ монда мешуданд. Масалан, дар асари «Энциклопедический словарь юного филолога» [10] ҳатто зикри исмҳои хос ҳамчун номҳо мавҷуд набуд.

2.Ҷанбаи лексикографӣ. Ҷанбаи лексикографии тадқиқотҳои ономастикӣ ҳадафҳои лексикографии исмҳои хос - номҳоро пайгирӣ мекунад. Дар замони муосир барои луғату фарҳанги номҳо ниёзу эҳтиёҷи шадид эҳсос карда мешавад. Барои он ки маводи чунин луғату фарҳангҳо муфиду манфиатманд бошад, онҳо бояд ба тариқи зарурӣ мавриди коркард қарор ёбанд.

3.Ҷанбаи мантиқӣ. Ҷанбаи мантиқии тадқиқотҳои ономастикӣ бо ошкорнамоии муносибатҳои исмҳои хос - номҳо бо мафҳумҳо алоқаманд мебошад [6]. Вобаста ба он ки навъҳои гуногуни лексикаи махсус таносуби гуногун бо мафҳум доранд, ин ҷанба арзишу аҳамияти зиёде зимни ошкорнамоии мақоми забонии исми хос – ном касб карда, зимни

таҳлили зарфияту тавонмандии калимаҳои алоҳида метавонад ба ном-исми хос мубаддал гардад.

4.Ҷанбаи семасиологӣ. Ҷанбаи семасиологии тадқиқотҳои ономастикӣ ба ошкорнамоии гурӯҳҳои луғавӣ (лексикӣ) равона карда шудааст, ки ба ҳадди аксар барои номгузориҳои дувумбора ва такрорӣ дар соҳаҳои алоҳида (топонимия, антропонимия, астронимия, эргонимия ва ғайра) хос мебошанд. Семасиология ҳамчун илму таълимот оид ба номгузориҳои ҳама навъҳо (исмҳои хос ва исмҳои ҷинс) робита ва алоқамандиҳои забонии категорияҳои забониро бо категорияи тафаккур ва воқеиятҳои номгузоришаванда меомӯзад. Вобаста ба он ки исмҳои хос-номҳо аксаран калимаҳои дувумбора номгузоранда мебошанд, дар онҳо фақат то дараҷаи муайяне маънои (семантикаи) он калимаҳое маҳфуз боқӣ мемонад, ки аз онҳо дар вақташ ташаккул ёфтаанд. Зимнан дар як мавриду ҳолатҳо он барои амалкарди исми хос-ном дар вазъу ҳолатҳои муайяни нутқӣ метавонад монеъ гардад ва дар дигар вазъу ҳолатҳо баръакс мусоидат карда метавонад. Таҳлили номҳо дар соҳаю шароитҳои гуногуни муошират барои ошкорнамоии навъҳое, ки бештар барои номгузории мушаххаси мавриду ҳолат истифода мегарданд, мувофиқ мебошад. Ин имкон фароҳам меоварад, ки асосу заминае барои эҷоди номҳои нав бо таъкиду ишора ба қолиб ва асоси афзалиятнок барои ҳар як категорияҳои объектҳои номгузоришаванда коркард гардад.

5.Ҷанбаи истилоҳотӣ. Ҷанбаи истилоҳотии тадқиқотҳои номшиносӣ қисмати муҳимме дар таркиби тадқиқотҳои ономастикӣ мебошад. Мафҳумҳои нав дар раванди таснифоту тақсимоти фазои ономастикӣ ба қитъаю минтақаҳо ва бахшҳо (астроним, космоним, планетоним, геоним), зимни ошкорнамоии равандҳои махсуси ономастикӣ (топонимшавӣ, аппелятившавӣ, онимишавӣ), зимни таҳлили исмҳои хос-номҳо (топоасос, топоформант) ба вуҷуд меоянд. Истилоҳҳо баъзан худ ба худ дар раванди тасвиру тавсифи маводи ономастикӣ ҳам ташаккул ёфта метавонанд. Чунин истилоҳҳо маъмулан ба тариқи муътамад метавонанд моҳияту ҷавҳари падидаҳои номгузоришавандаро ифода намоянд. Аммо баъзан истилоҳот аз соҳаҳои ҳамҷавори илму дониш ва маърифатҳо иқтибос гаштаанд, аз қабили, этноним, микроэтноним, микротопоним. Баъдан маълум мешавад, ки онҳо ба тариқи мукаммал ва пурраю муфассал наметавонанд мафҳуми алоҳидаро ифода намоянд, дар дохили худ ихтилофҳо доранд, зеро онҳо баъзан бидуни санҷишу озмоиши далелҳо интихоб гаштаанд.

6.Ҷанбаи типологӣ. Ҷанбаи типологии тадқиқотҳои ономастикӣ арзишу аҳамияти зиёде дар назарияи ономастика, зимни санҷиши эҳтимолии мавод дар ономастикаи таърихӣ, зимни коркарди исмҳои хос-номҳои нав дар ономастикаи амалӣ дорад. Он бар асоси умумияти психологияи инсонҳои давраи муайян ва фарҳанги муайян сурат гирифтааст, ки дар натиҷа дар ҳудудҳое, ки мардумони (этносҳои) гуногунзабон сукунат доранд, дар муҳиту шароитҳои муайян метавонанд исмҳои хос-номҳои якнавъ ташаккул ёбанд, ки сохтори маъноии ҳаммонанд дошта, зоҳиран шакл гирифтаанд ва исмҳои хос-номҳо (топонимҳо, антропонимҳо) мебошанд.

Тадқиқи типологии исмҳои хос-номҳои забонҳои гуногун ҷамъоварии қаблии маълумотҳоро оид ба онҳо мувофиқи нақшаи мушаххас талаб мекунад, зеро муқоисаи падидаю зуҳуроти фаровони гуногунсохтор метавонад муваффақона фақат дар мавриду ҳолате татбиқ гардад, ки агар тасвиру тавсифи маълумотҳои мавриди омӯзиш мутобиқи нишондодҳои ягона пайгирӣ карда шавад. Мунтаҳо, бояд тазаккур кард, ки он критерияю меъёрҳое, ки дар забоншиносии суннатию анъанавӣ зимни бархӯрди типологӣ коркард шудаанд, метавонанд қисман зимни баррасию тадқиқи типологияи исмҳои хос-номҳо истифода гарданд, зеро онимҳо баъзан баъзе умумиятҳоро дар забонҳои аз ҷиҳати генетикӣ дур ва ё умуман забонҳои мухталиф ошкор намоянд ва ё баръакс, тафовутҳои ҷиддиро бештар дар забонҳои наздику қаробатдошта.

Тадқиқотҳои типологии исмҳои хос-номҳо метавонад натиҷаю самараҳои муҳимму арзишманд на фақат барои ономастика, балки барои лингвоҷуғрофия, лингвистикаи ареалӣ, диалектология, ҳамчунин барои таърихи алоқаю робитаҳои забонӣ, барои таърихи сукунат ихтиёр кардани мардумон дар ҳудуди алоҳида дошта бошанд.

7.Ҷанбаи психологӣ. Ҷанбаи психологии тадқиқотҳои ономастикӣ ҷаҳонбинию мафкураи номгузоронро шаҳодат дода, таҷассум мекунад. Ҳамчунин ин ҷанба метавонад тарзи андешаронӣ ва пайдарҳамии мулоҳизаҳои онҳоро ифода намояд. Дар асоси таҳлили исмҳои хос-номҳо, ки мансуби давраю инсонҳои алоҳидаю гуногун мебошанд, ҳамзамон

табодулу тағйирёбии таърихии андешаю ақидаҳо, арзишҳои инфиродӣ ва дастаҷамъона омӯхта мешаванд.

8.Ҷанбаи сотсиологӣ. Ҷанбаи сотсиологии тадқиқотҳои ономастикӣ омӯзиши исмҳои хос-номҳоро дар алоқамандӣ бо он арзёбиҳои ҷамъиятӣ фаро мегирад, ки онҳоро дар давраҳои гуногун аз гурӯҳҳои гуногуни ҷамъиятӣ дастрас кардаанд, ҳамчунин дар алоқамандӣ бо афзалияту авлавияти муайяни бошуурона ва ё бешуурона исмҳои хос-номҳо дар баъзе ҷомеаҳо. Иҷтимоӣ будани исмҳои хос-номҳо дар чунин мавриду ҳолатҳо ошкор мешавад: а) дар алоқамандӣ бо иҷтимоӣ (ҷамъиятӣ) будани забон умуман, зеро забон - падидаи ҷамъиятӣ аст ва берун аз ҷомеаи башарӣ мавҷуд буда наметавонад; б) дар алоқамандӣ бо вазъу ҳолат ва мақоми хоссаи исми хос-ном дар забон, аз ҷумла, робитаю алоқаи он бо объекти номгузоришаванда ва фарҳанги зисту зиндагии ҷомеа.

9.Ҷанбаи таърихӣ. Ҷанбаи таърихии тадқиқотҳои ономастикӣ таҳлили манзараи таърихиеро пешбинӣ мекунад, ки дар он низомҳои ономастикӣ ташаккул ёфтаанд. Зимнан ва ҳамзамон пайдарҳамии таърихии ҳодисаю воқеаҳо ва пайдоишу зуҳури номҳои алоҳида дар назар дошта мешавад. Ҷанбаи таърихӣ дар таҳлили чиннигории мавод низ мавҷуд аст, ки ба сифати як роҳу воситаи мустақил ва ҳамчунин дар ономастикаи таърихӣ низ ҳамчун самти махсуси тадқиқотҳои ономастикӣ ҷудо карда мешавад.

Ҷанбаи таърихии тадқиқотҳои ономастикӣ дар алоқамандии зич бо омили таърихӣ дар корҳои илмии забоншиносӣ ва ҳам бо методи муқоисавӣ-таърихӣ дар забоншиносӣ қарор дорад.

10.Ҷанбаи ҷуғрофӣ. Ҷанбаи ҷуғрофии тадқиқотҳои ономастикӣ ба монанди ҷанбаи таърихии он дар аксари корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мавҷуд аст. Қабл аз ҳама муҳити ҷуғрофӣ таъсири муайяне ба рушду такомули фарҳанги инсонӣ мерасонад [6]. Дар аксари исмҳои хос-номҳо лексемаҳое ифода меёбанд, ки ба ин ё он дараҷа бо шароитҳои табиӣ-алоқаманданд [7]. Исмҳои хос-номҳо як навъ «роҳ»-и худро низ доранд, зеро муҳоҷирати номҳои алоҳида вобаста ба иқтибосшавиҳо соҳаи махсуси ономастикаро ташкил медиҳад.

Аммо ба харита на маълумотҳои ҷуғрофӣ, балки маълумотҳои забонӣ ворид карда мешаванд, ки тавассути методҳои филологӣ ошкор ва муқаррар карда шудаанд. Ҷанбаи ҷуғрофӣ дар тадқиқотҳои илмии ареалӣ, зимни харитасозиҳои гуногун арзишу аҳамияти зиёд дорад.

11.Ҷанбаи фарҳангшиносӣ. Ҷанбаи фарҳангшиносии тадқиқотҳои ономастикӣ, қабл аз ҳама, бо он муайян карда мешавад, ки исми хос-ном – маҳсули давраи муайян ва фарҳанги муайян мебошад. Ҷанбаи таърихӣ-фарҳангии тадқиқотҳои ономастикӣ омӯзиши манзараи миллӣ-фарҳангиро дар назар дорад, ки маҳз дар асоси он номҳо ташаккул ёфта, низоми онҳо рушд мекунад. Тадқиқотҳо тавассути омӯзиши маҷмуии далелҳои таърихи фарҳанги мардум ба роҳ монда мешавад, ки ба ин ё он андоза ба рушди низоми номҳо дар самти мазкур таъсир расонидаанд. Дар илм таҳти мафҳум ва истилоҳи «фарҳанг» маҷмуи маълумотҳои ғайриирсӣ фаҳмида мешавад, ки онро гурӯҳҳои одамон таҷаммуъ намуда, ҳифз мекунанд ва интиқол менамоянд.

Ҷанбаи фарҳангии тадқиқотҳои ономастикӣ бо ҷанбаи иҷтимоии он сахт алоқаманд аст, зеро фарҳанг тавассути ҷомеа эҷод мегардаду ташаккул меёбад.

Муқарриз: ***Ш.Рустамшо*** – н.и.ф., ДДК

А Д А Б И Ё Т

1. Алимӣ, Ҷ. Ономастика (назария ва амалия) / Ҷ.Алимӣ. - Душанбе: Адабиёт, 2017. – 538 с.
2. Алимӣ, Ҷ. Технологияи ономастика (дастури методӣ) / Ҷ.Алимӣ. - Душанбе: Адабиёт, 2017. – 240 с.
3. Личные имена в прошлом, настоящем, будущем. Проблемы антропонимики. - М., 1970. – 233 с.
4. Логашова, Ж.Б. Современный именник иранцев / Ж.Б. Логашова // Ономастика Востока. - М.: Наука, 1980. - 286 с.
5. Лосев, А.Ф. Философия имени / А.Ф. Лосев. - М.: МГУ, 1990. – 269 с.
6. Суперанская, А.В. Общая теория имени собственного / А.В. Суперанская. - М.: Наука, 1973. – 365 с.
7. Толстов, С.П. Древний Хорезм. Опыт историко-этимологического исследования / С.П. Толстов. - М.: Изд.МГУ, 1948. – 352 с.
8. Толстов, С.П. По древним дельттам Окса и Яксарта / С.П. Толстов. - М.: Вост.лит., 1962. – 324 с.
9. Толстов, С.П. Среднеазиатский этнографический сборник / С.П. Толстов. - М.: Изд. АН СССР, 1954. – 414 с.
10. Энциклопедический словарь юного филолога. - М, 1984. – 182 с.
11. Энциклопедический словарь географических названий. - М.: СЭ, 1973. - 808 с.

12. Этнография имён. - М.: Наука, 1971. - 263 с.
13. Этнография в Таджикистане. - Душанбе: Дониш, 1989. – 208 с.
14. Этимологические исследования. - Свердловск, 1984. - 169 с.
15. Ярцева, В.Н. Теория субстрата в истории языкознания / В.Н. Ярцева // Тр.ИЯ АН СССР. - Т.Э. - М., 1956.
16. Шаҳбози Рустамшо. Нақш ва мақоми таърихӣ - ҷуғрофӣ ва забонии «Таърихи Систон» (Матн) / Рустамшо, Шаҳбоз // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. - №4/5. – С.107-112.

ҶАНБАЮ ПАҲЛУҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ОНОМАСТИКӢ

Дар мақола масъалаи вобаста ба ҷанбаю паҳлуҳои тадқиқоти номшиносӣ мавриди тавсифу баррасӣ қарор дода шудааст. Ба андешаи муаллиф, ҷанбаи тадқиқот - ин дурнамоест, ки дар он падидаю зуҳуроти мавриди омӯзиш, доираи ҳодисаҳое, ки бо он мустақиман алоқаманд аст, ҷанбаю паҳлуҳо ва предмети мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқ баррасӣ ва арзёбӣ қарор мегирад. Зимнан барои ҳар як ҷанбаи тадқиқ методу роҳу усул ва воситаҳои алоҳида хос мебошанд. Олимону муҳаққиқони номшиносӣ чунин ҷанбаҳои тадқиқотҳои ономастикиро зикр кардаанд: лексикологӣ, лексикографӣ, мантиқӣ, семасиологӣ, истилоҳотӣ, типологӣ, психологӣ, сотсиологӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ, фарҳангшиносӣ. Дар маҷмуъ, муаллиф чунин ҷанбаҳои тадқиқотҳои ономастикиро зикр мекунад: 1. Ҷанбаи лексикологӣ. Ҷанбаи лексикологии тадқиқотҳои ономастикӣ, қабл аз ҳама, бо ономастикаи тасвирӣ ва лексикологияи умумӣ дар таносуб қарор дорад. 2.Ҷанбаи лексикографӣ. Ҷанбаи лексикографии тадқиқотҳои ономастикӣ ҳадафҳои лексикографии исмҳои хос - номҳоро пайгирӣ мекунад. 3.Ҷанбаи мантиқӣ. Ҷанбаи мантиқии тадқиқотҳои ономастикӣ бо ошкорнамоии муносибатҳои исмҳои хос - номҳо бо мафҳумҳо алоқаманд мебошад. 4.Ҷанбаи семасиологӣ. Ҷанбаи семасиологии тадқиқотҳои ономастикӣ ба ошкорнамоии гурӯҳҳои луғавӣ (лексикӣ) равона карда шудааст, ки ба ҳадди аксар барои номгузориҳои дувумбора ва такрорӣ дар соҳаҳои алоҳида (топонимия, антропонимия, астронимия, эргонимия ва ғайра) хос мебошанд. 5.Ҷанбаи истилоҳотӣ. Ҷанбаи истилоҳотии тадқиқотҳои номшиносӣ қисмати муҳимме дар таркиби тадқиқотҳои ономастикӣ мебошад. 6.Ҷанбаи типологӣ. Ҷанбаи типологии тадқиқотҳои ономастикӣ арзишу аҳамияти зиёде дар назарияи ономастика, зимни санҷиши эҳтимолии мавод дар ономастикаи таърихӣ, зимни коркарди исмҳои хос-номҳои нав дар ономастикаи амалӣ дорад. 7.Ҷанбаи психологӣ. Ҷанбаи психологии тадқиқотҳои ономастикӣ ҷаҳонбинию мафкураи номгузоронро шаҳодат дода, таҷассум мекунад, ҳамчунин ин ҷанба метавонад тарзи андешаронӣ ва пайдарҳамии мулоҳизаҳои онҳоро ифода намояд. 8.Ҷанбаи сотсиологӣ. Ҷанбаи сотсиологии тадқиқотҳои ономастикӣ омӯзиши исмҳои хос-номҳоро дар алоқамандӣ бо он арзёбиҳои ҷамъиятӣ фаро мегирад, ки онҳоро дар даврaҳои гуногун аз гурӯҳҳои гуногуни ҷамъиятӣ дастрас кардаанд, ҳамчунин дар алоқамандӣ бо афзалияту авлавияти муайяни бошуурона ва ё бешуурона исмҳои хос-номҳо дар баъзе ҷомеаҳо. 9.Ҷанбаи таърихӣ. Ҷанбаи таърихии тадқиқотҳои ономастикӣ таҳлили манзараи таърихиеро пешбинӣ мекунад, ки дар он низомҳои ономастикӣ ташаккул ёфтаанд. 10.Ҷанбаи ҷуғрофӣ. Ҷанбаи ҷуғрофии тадқиқотҳои ономастикӣ ба монанди ҷанбаи таърихии он дар аксари корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мавҷуд аст. 11.Ҷанбаи фарҳангшиносӣ. Ҷанбаи фарҳангшиносии тадқиқотҳои ономастикӣ, қабл аз ҳама, бо он муайян карда мешавад, ки исми хос-ном – маҳсули давраи муайян ва фарҳанги муайян мебошад. Ба тариқи хулоса, муаллиф таъкид мекунад, ки ҷанбаи фарҳангии тадқиқоти ономастикӣ бо ҷанбаи иҷтимоии он сахт алоқаманд аст, зеро фарҳанг тавассути ҷомеа эҷод мегардаду ташаккул меёбад.

Калидвожаҳо: баррасӣ, тавсиф, тадқиқотҳои ономастикӣ, ташаккул ёфтан, номҳо, ҷомеа, низомҳои ономастикӣ, исмҳои хос, ҷаҳонбинӣ, мафкура, алоқамандӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ.

АСПЕКТЫ ОНОМАСТИЧЕСКИХ ИССЛЕДОВАНИЙ

В статье рассматриваются аспекты ономастических исследований. По мнению автора, аспект исследования - это перспектива, в которой исследуемые явления, круг непосредственно связанных с ним событий, аспекты и предмет, интересующие исследователя, рассматриваются и оцениваются одинаково. Ученые-ономатологи отмечают следующие аспекты ономастических исследований: лексикологический, лексикографический, логический, семиотический, терминологический, типологический, психологический, социологический, исторический, географический, культурологический. В целом, автор отмечает следующие аспекты ономастического исследования: 1. Лексикологический аспект. Лексикологический аспект ономастических исследований прежде всего относится к описательной ономастике и общей лексикологии. 2. Лексикографический аспект. Лексикографический аспект ономастических исследований следует лексикографическим целям имен собственных. 3. Логический аспект. Логический аспект ономастических исследований связан с открытием взаимосвязи имен собственных - имен с концептами. 4. Семиотический аспект. Семиотический аспект ономастических исследований направлен на выявление лексических групп, специфичных для вторичной и повторяющейся номенклатуры в определенных областях (топонимия, антропонимия, астрономия, эргонимия и т.д.). 5. Терминологический аспект. Терминологический аспект исследования номенклатуры является важной частью ономастических исследований. 6. Типологический аспект. Типологический аспект ономастических исследований имеет большое значение в теории ономастики, в вероятностной проверке материала в исторической ономастике, в разработке новых имен собственных в практической ономастике. 7. Психологический аспект. Психологический аспект ономастического исследования отражает и воплощает мировоззрение и идеологию номинантов, и этот аспект также может выражать образ мышления и последовательность их размышлений. 8. Социологический аспект. Социологический аспект ономастических исследований включает изучение имен собственных по отношению к тем социальным ценностям, которые были приобретены в разное время из разных социальных групп, а также в связи с определенными сознательными или бессознательными предпочтениями определенных

существительных. 9. Исторический аспект. Исторический аспект ономастических исследований включает анализ исторического ландшафта, в котором формировались ономастические системы. 10. Географический аспект. Географический аспект ономастического исследования, как и его исторический аспект, присутствует в большинстве исследовательских работ. 11. Аспект культурологии. Культурологический аспект ономастических исследований определяется, прежде всего, тем, что имя собственное является продуктом определенного периода и определенной культуры. В заключение автор подчеркивает, что культурологический аспект ономастических исследований тесно связан с его социальным аспектом, поскольку культура создается и формируется через общество.

Ключевые слова: обзор, описание, ономастическое исследование, образование, имена, общество, ономастические системы, имена собственные, мировоззрение, идеология, связь, исследовательская работа.

ASPECTS OF ONOMASTIC RESEARCH

The article deals with aspects of onomastic research. According to the author, a research aspect is a perspective in which the investigated phenomena, the range of events directly related to it, aspects and subject of interest to the researcher are considered and evaluated in the same way. Scientists-onomatologists note the following aspects of onomastic research: lexicological, lexicographic, logical, semiotic, terminological, typological, psychological, sociological, historical, geographical, cultural. In general, the author notes the following aspects of onomastic research: 1. The lexicological aspect. The lexicological aspect of onomastic research primarily relates to descriptive onomastics and general lexicology. 2. Lexicographic aspect. The lexicographic aspect of onomastic research follows the lexicographic purposes of proper nouns. 3. The logical aspect. The logical aspect of onomastic research is associated with the discovery of the relationship of proper names - names with concepts. 4. Semiotic aspect. The semiotic aspect of onomastic research is aimed at identifying lexical groups specific to secondary and repetitive nomenclature in certain areas (toponymy, anthroponymy, astronomy, ergonomy, etc.). 5. Terminological aspect. The terminological aspect of nomenclature research is an important part of onomastic research. 6. Typological aspect. The typological aspect of onomastic research is of great importance and significance in the theory of onomastics, in the probabilistic verification of material in historical onomastics, in the development of new proper names in practical onomastics. 7.Psychological aspect. The psychological aspect of onomastic research reflects and embodies the worldview and ideology of the nominees, and this aspect can also express the way of thinking and the sequence of their thinking. 8.Sociological aspect. The sociological aspect of onomastic research includes the study of proper names in relation to those social values that were acquired at different times from different social groups, as well as in connection with certain conscious or unconscious preferences of certain nouns. 9.Historical aspect. The historical aspect of onomastic research includes an analysis of the historical landscape in which onomastic systems were formed. 10. Geographical aspect. The geographic aspect of onomastic research, like its historical aspect, is present in most research works. 11. Aspect of cultural studies. The culturological aspect of onomastic research is determined, first of all, by the fact that a proper name is a product of a certain period and a certain culture. In conclusion, the author emphasizes that the cultural aspect of onomastic research is closely related to its social aspect, since culture is created and formed through society.

Key words: review, description, onomastic research, education, names, society, onomastic systems, proper names, worldview, ideology, communication, research work.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷумъахон Алимӣ*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16.
Тел.: **(+992) 918-11-26-62**
Каюмова Мубина Бобоевна - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, унвонҷӯй. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16. Тел.: **(+992) 987-88-66-56**

Сведение об авторе: ***Джумахон Алими*** –Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, профессор. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова, 16. Тел.: **(++92) 918-11-26-62**
Каюмова Мубина Бобоевна – Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, соискатель. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, Куляб, ул. С.Сафарова, 16. Тел.: **(+992) 987-88-66-56**

Information about the author: ***Jumaxon Alimi*** **-** Kulyab State University named after A. Rudaki, professor. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarova Str., 16. Tel.: **(+992) 918-11-26-62**
Kayumova Mubina Boboevna **-** Kulyab State University named after A. Rudaki, applicant. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarova Str., 16. Phone: **(+992) 987-88-66-56**

УДК: 491.550:42

НАҚШИ ПАСВАНДҲО ДАР СОХТАНИ ИСТИЛОҲОТИ ДИНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

(дар асоси асарҳои тарҷумашуда)

Шехов И.
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Бо пешрафти илму технологияи ҷадид, ҳанӯз ҳам мушкилоти истилоҳоти соҳавӣ дар миёни тарҷумонҳо ва расонаҳои хабарӣ мушоҳида мешавад. Дар мақола роҳҳои калимасозии истилоҳоти динӣ бо ёрии пасвандҳоро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди муҳокима қарор медиҳем.

Аз охирҳои асри XX забоншиносон ва муҳаққиқон ба омӯзиши паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои забоншиносӣ диққати зарурӣ дода, ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил гардидаанд. Аз ҷумла, дар самти истилоҳшиносӣ пажӯҳишгарони дохилӣ ва хориҷӣ ба монанди: С. Ҷонсон, Т. Шеридан, С.А. Беляевой, Б.К. Мюллер, И.Р. Гарперин, Рандал Олсон, М.О. Глушко, О.С. Ахмановой, А.А. Реформатский, М. Шаҳобова, И.Н. Калонтаров, П.Ҷамшедов, А. Мамадназаров, С.Ҷоматов ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд.

Аз ҷиҳати таҳлили вожасозӣ морфология сохти калимаро меомӯзад ва дар бораи унсурҳои асосӣ маълумот дода, яке аз ин унсурҳои морфемаро ҳаматарафа шарҳ медиҳад. Мафҳуми пасванд дар омӯзиши сохти вожа муҳим ба шумор меравад ва оид ба ин мавзуъ дар “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” чунин омадааст: *«Таркиби морфемавии калима: **1.** Морфемаи ёридиҳандае, ки ба охири асос ҳамроҳ шуда, барои сохтани калима хизмат мекунад, суффикс номида мешавад. **2.** Суффиксу префикс, ҳам калима ва ҳам шакл, аммо интерфикс аксар калима месозад. **3.** Суффиксу префикс маънои равшани мантиқиву грамматикӣ зоҳир мекунанд, интерфикс танҳо маънои калимасозӣ дорад» [3, с.85].*

Вақте ки оид ба мавзуи номбурда ба дастовардҳои олимони ҳориҷӣ назар меафканем, андешаҳои монанд мушоҳида мешаванд. Муҳаққиқ ё забоншиносӣ рус Г.Б. Антрушина дар хусуси морфема чунин қайд кардааст: *«Аз ҷиҳати таҳлили сохтори вожа, ба қисмҳои хурдтар ҷудо шудани калимаро морфема меноманд» [2, с.78].*

Пеш аз он ки мо ба усулҳои гуногуни калимасозӣ сарфаҳм равем, бояд мушкилиҳои таркиби мафҳум ё ҷузъҳои асосии онро омӯзем. Дар истилоҳшиносӣ, реша асоси калима аст. Дар бораи таърихи пайдоиши иқтибосшавии унсурҳои лексикӣ ва бархӯрди забонҳо муҳаққиқи тоҷик Назарова З. дар рисолаи илмиаш назари хешро чунин баён кардааст: *«Дар инкишофи забонҳои форсу тоҷик, мисли дигар забонҳои гурӯҳи ҳиндуаврупоӣ, маънии лексикии ин қабил калимаҳо (ҳоло аффиксҳо) тадриҷан суст шуда, ҳамчун воситаҳои калимасозу шаклсоз ташаккул ёфтаанд» [8, с.61].*

Аз нигоҳи таҳлили морфологӣ асоси калима маънои марказиро дар худ нигоҳ медорад. Бо ёрии пасвандҳо, мо метавонем тағйирёбии ҷиҳати сохторӣ ва маъноии калимаҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳоро нишон диҳем. Калимасозӣ (affixes- change a word’s meaning i.e. prefix or suffix) имкониятҳои услубии забонро васеътар намуда, ба он мусоидат мекунад ва нуқсонҳои такрорро аз миён мебарад (муродифот ва ҳаммаъноҳо бо ёрии пасванду пешванд ҳам сохта мешаванд).

Дар истилоҳсозӣ пасвандҳо дар забонҳои муқоисашаванда нақши хеле муҳим дошта, ба калима, ибора ва ҷумла тобишҳои маъноӣ ва сохторӣ медиҳанд. Калимаҳо бо ёрии пешвандҳо ва пасвандҳо аз як категория ба категорияи дигари нутқ мегузаранд. Дар баробари он ки пасвандҳо дорои хусусиятҳои фарқкунанда мебошанд, боз дар навбати худ ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд: сермаҳсул (Highly productive), каммаҳсул (Productive) ва бемаҳсул (Non-productive). Аз нигоҳи забоншиносӣ Качалова К.Н. ва Изроилевич Е. пасвандҳои серистеъмоли исмсози забони англисиро дар китобашон «Практическая грамматика английского языка» чунин овардаанд: ***age, ance, ence, dom, er, hood, ion, ment, ness, ship, ty, ure*** *[6, с.6].*

Дар раванди омӯзиш ба мо маълум гардид, ки пасвандҳо низ дар забонҳои таҳқиқшаванда хусусияти аслӣ ва иқтибосӣ доранд. Дар забони англисӣ барои сохтани исмҳои нав пасвандҳои зерин таҳқиқ шудаанд:

1). Пасвандҳои асосии исмсози забони англисӣ инҳо ***age, ance, ence, dom, er, hood, ion, ment, ness, ship, ty, ure*** маҳсуб меёбанд ва дар вожасозӣ аз тарафи муаллифон риоя гардида, ҳангоми тарҷумаи матнҳо ба эътибор гирифта мешаванд. Яъне дар масъалаи истилоҳоти динӣ низ, пешвандҳо нақши калидиро иҷро мекунанд ва онҳо дар калимасозӣ аҳамияти бузург доранд. Чунончи:

- er: *preacher - воиз;* ***- or:*** *creator - Парвардигор;* ***- ee:*** *trustee - мутаваллӣ,* ***- man:*** *clergyman - руҳонӣ;* ***- ist:*** *islamist - пайрави ислом;* ***- ence/ance:*** *repentence - тавба;* ***-ness:*** *forgiveness - авф;* ***- ism:*** *Buddhism - бутпарастӣ;* ***- ity:*** *christianity - исавӣ,* ***- dom:*** *sheikhdom - шайхнишин;* ***- ship:*** *followership - пайравӣ;* ***- ary:*** *missionary - расулат;* ***- ess:*** *priestess - коҳина;* ***- ation (-tion,-sion):*** *prostration - саҷда;* ***- hood:*** *– prophethood - пайғамбарӣ;* ***- acy:*** *theocracy - ҳукумати руҳониён;* ***- logy:*** *theology - илоҳиёт;* ***- ment:*** *preachment - мавъиза;* ***- age:*** *pilgrimage - зиёрат;* ***-ing:*** *blessing - баракат;* ***- ent/ant:*** *descendant - меросхӯр;* ***- icide:*** *infanticide - кӯдаккуш;* ***-ry:*** *papistry – попбозӣ.*

Истилоҳи «fast**ing**» - динӣ буда, дар «Фарҳанги англисӣ - тоҷикӣ» ба маънои аслиаш оварда шудааст: *рӯза, рӯзадорӣ* [10, с.201]. Ҳар як пасванд хусусиятҳои сарфию наҳвии худро дорад ва пасванди «**ing**» - сермаҳсул буда, аз феъл - исм месозад.

а) исм: church**ing** - маросими мазҳабӣ ба ҷо овардан; fast**ing** – рӯзадорӣ; mourn**ing** – азодорӣ; wedd**ing** – тӯй; bless**ing** –баракат; follow**ing** – пайравӣ;

б) пасванди «**ing**» - аз асоси феълҳо истилоҳоти сертаркиб меофарад ва дар сохтани замонҳои давомдор дар забонҳои англисӣ саҳми хеле муассир дорад [11, с.18]: everlast**ing** - абадӣ, ҷовидона; evildo**ing** - бадкорӣ; miracle-work**ing** – муъҷизакорӣ; money-lov**ing** - пулдӯстдорӣ; icon-paint**ing** - тандис тасвиркунӣ;

- *… it was no longer necessary to observe the prescriptions of the shari'a, gave up praying and fast**ing** in the month of Ramadan, along with other Muslim rituals and obligations [12, с.305]. ~…ва дигар зарурати риоя кардани аҳком ва фарзияти шариат боқӣ намондааст ва ибодату рӯзаро дар моҳи Рамазон, дар баробари дигар маросим ва фарзиёти мусулмонӣ тарк гуфтанд [5, с.330].*

Мувофиқи луғатҳои ду ва бисёрзабона истилоҳи «fast**ing**» - бо маънои аслиаш доираи истеъмоли бештар дорад, назар ба вожаи «**Lent**», ки бо ин мазмун дар матнҳои динӣ ба кор бурда мешавад. Аз нигоҳи сарфӣ пасванди номбурда ҳамчун исм ва феъл дар забони англисӣ истифодаи баробарро соҳиб аст ва аз ҷиҳати наҳвӣ муаллифи асари тарҷумашуда дар матни зерин вожаи «fast**ing**»-ро дар забонҳои муқоисашаванда дуруст корбаст кардааст:

- *The same covenant is renewed annually by every adult Da'udi on the 18th of Dhu'l-Hijja, celebrated by the Da'udis like other Shias as the* ‘id *Ghadir Khumm, which is a day of fast**ing** for the Da'udis [12, с.311]. ~ Ин амалро калонсолони довудӣ ҳар сол 18-уми моҳи зулҳиҷҷа, ки онро Довудиён мисли дигар шиаён чун иди Ғадири Хум ҷашн мегиранд, такрор мекунанд[5, с.335].*

Вожаи «emigra**tion**» - дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ» бо маънои аслиаш оварда шудааст*: муҳоҷират - аз як мамлакат ба мамлакати дигар кӯчида рафтан [10, с.176].* Пасванди - «**tion**» - хелҳои гуногун дорад ва барои аз феъл исм сохтан ба кор бурда мешавад, инчунин исмҳое меофарад, ки ҳолат, равандро ифода мекунанд ва мутобиқ ба феълҳо тасриф мешаванд: prostra**tion** - саҷда; submis**sion** - таслим; contri**tion** - тавба, пушаймонӣ; annunci**ation - башорат; aspersion – тавҳин.**

Инго П. забоншинос дар китобаш “Word-Formation in English” оид ба пасвандҳои забони англисӣ кор карда, мавқеъ, вазифа ва роҳҳои истифодаашонро нишон додааст ва чунин қайд мекунад: *Барои тасрифи калимаҳо бисёр вариантҳои мухталифи пасвандҳо ба кор бурда мешаванд, ки бо ёрии пасвандҳои* ***-ion (- ation', - 'ition', - 'sion', - 'tion)*** *сохта мешаванд ва ба таври бисёр васеъ дар калимасозӣ истифода мегарданд [13, с.30].* Дар ҷумлаи зерин пасванди “**– ation**” дар истилоҳи “emigra**tio**n” ба кор бурда шудааст:

- *Many Islamic movements, both Shia and non-Shia, adopted as their model the Prophet's emigra**tio**n from Mecca to Medina, … [12, с.351]. ~ Аксарияти ҷунбишҳои исломӣ, ҳам шиа ва ҳам суннӣ ҳиҷрат**и** ҳазрати Муҳаммад (с) аз Макка ба Мадинаро сармашқи хеш қарор доданд [5, с.372].*

Аз ҷиҳати решашиносӣ, вожаҳое, ки бо ин пасвандҳо сохта мешаванд, аз забони итолиёвӣ дар асрҳои XII-XIV иқтибос шуданд ва Ф. Дафтарӣ дар матнҳои хусусияти динидошта онҳоро моҳирона истифода кардааст. Калимаи «revel**ation**» - ваҳи; "донишҳое, ки танҳо ба пайғамбарҳо берун аз табиати инсонӣ рух додааст", бо феъли ***"to reveal"*** пасванди ***"tion"*** *ҳамроҳ гардидааст, ки вожаи* «revel**ation**»-ро сохтааст. Он луғатҳое, ки истифода кардааст дар матн дар маънӣ баробаранд, аммо дар шакл тафовут доранд:

- *… and set up in a similar fashion a daral-hijra, a place of emigra**tion** or refuge as headquarters for their campaign from which to return victoriously into the Muslim society at large [12, c.351]. ~ … ва ба ҳамин монанд, дор-ул-ҳиҷра, яъне макони муҳоҷир**он** ва гурезагон, ба унвони пойгоҳ ва маркази фармондеҳӣ таъсис карданд, то аз ин ҷо фотеҳона ба кулли ҷамоати исломӣ боз гарданд [5, с.372].*

Чуноне ки дар ҷумлаи боло мебинем, аз феъли ***"to migrate*** *– муҳоҷират кардан*", бо ёрии пасванди ***"- tion,"*** *migration* – дар забони тоҷикӣ истилоҳи *"**муҳоҷирон**"* корбаст кардааст, ки дар ҳарду забон пазируфта шудааст.

Мафҳуми «marriage» - дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ» бо маъноҳои зайл нишон дода шудааст: *1). заношӯӣ, издивоҷ, никоҳ, ақди никоҳ, ба шавҳарбарой, зангирӣ: marriage ceremonies - маросими издивоҷ; 2). тӯй, сӯр; 3). пайванд, ҳамбастагӣ, ҳамомезӣ [7, с.386].* Пасванди «- age» ба гурӯҳи пасвандҳои камистеъмол дохил мешавад ва аз исмҳо ва феълҳо, исмҳое месозад, ки махсусияти ҷамъиятӣ, динӣ ё ҳолатҳои гуногунро ифода мекунад. Пасванди номбурда дар забони англисӣ дорои як қатор хусусиятҳои калимасозӣ аст: **а)** ҳамчун пасванди исмсоз вазифаи муайяни худро дорад. **б)** ин пасвандҳо дар танҳоӣ сохт, маъно ва тарзи корбурди худро дорад, ки пасвандҳои дигар надоранд: pilgrim**age**- зиёрат; patron**age** - пуштибонӣ; herit**age** - ирсӣ; marri**age** - издивоҷ; parent**age** – волидон.

- *The main duty of the 'amil is to lead the community under his charge in prayers and to perform the various religious ceremonies, including marri**age**, funeral rites and circumcision (khatna) [12, c.310]. ~ Вазифаи асосии омил роҳбарӣ ба ҷамоати зердасти худ ҳангоми ибодат ва маросимҳои мухталифи динӣ, аз ҷумла маросими **издивоҷ,** тадфин ва хатна мебошад [5, с.334].*

Калимаи «marri**age**» - дар «Oxford Advanced Learner's Dictionary» бо маъноҳои зайл тафсир шудааст: *1. the legal relationship between a husband and wife: a happy/unhappy marriage, 2. a similar relationship between partners of the same sex, 3. the state of being married, 4. the ceremony in which two people become husband and wife [14, c.953].* Дар муносибат ба маросимҳои диние, ки дар Британияи Кабир ва Тоҷикистон гузаронида мешаванд, истилоҳи зикршуда маънои луғавиашро аз даст надодааст, ки мо онҳоро дар матнҳои динӣ ва ҷумлаҳои овардашуда мушоҳида намудем.

- *The Da'udi Bohras have retained many Hindu customs in their marri**age** ceremonies and other rituals [12, c.312]. ~ Боҳраҳои Довудӣ бисёр одобу расму одатҳои ҳиндуҳоро дар маросими **издивоҷ** ва дигар ойинҳои хеш ҳифз кардаанд [5, 336].*

Истилоҳи «descend**ant**» - дар «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ» бо маъноҳои зайл тавзеҳ шудааст: *насл, авлод, зода [10, с.151].* Пасванди **-ent/-ant** камистемол ба ҳисоб меравад ва ин пасванд ба вожа маънои маъмурӣ ва иштироки фаъолро дар ягон кор медиҳад: protest**ant** - узви фирқаи дини масеҳӣ; inerr**ant** - маъсум/бехато; migr**ant** - муҳоҷир; descend**ant** - меросхӯр; claim**ant** - муддай/талабкунанда; visit**an**t - зоир/зиёраткунанда; recre**ant** - хоин; ignor**ant** - нодон, ҷоҳил; serv**ant** – ходим.

- *… the position of the wali of the da'wa in India passed to Pir Hasan, more commonly known as Hasan Pir, a descend**ant** of the da'i ' Abd Allah [12, c.292]. ~ … вазифаи волии даъвати Ҳинд ба дасти Пир Ҳасан, нафаре аз авлод**и** доӣ Абдуллоҳ гузашт [5, с.317].*

Вожаи «descend**ant**» - дар луғатнома ба маънои «авлод, насл» нишон дода шудааст, аммо бо мафҳуми диниаш «меросхӯр» - истифода нашудаст. Ин вожа дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» бо маъноҳои зайл шарҳ дода шудааст: *ворис, ирсгиранда, он ки мерос ба ӯ мерасад. 2. меросхӯр будан; соҳиби молу мулки меросӣ будан, меросгирӣ: ҳаққи меросхӯрӣ доштан [9, с.791] ва* ҳамчунин ин вожа бо пасвандҳои дигар ҳам, дар забони тоҷикӣ сохта мешавад: - бар (- барӣ), - хӯр (- хӯрӣ), - гир (- гирӣ), - гузор, - деҳ, - диҳанда:

➢ *But the second Fatimid caliph was a genuine descend**ant** of Muhammad b. Isma'il [12, с.106]. ~ Аммо халифаи дуюми фотимӣ, ҳақиқатан аз насл**и** Муҳаммад ибни Исмоил буд [5, с.134].*

Ин калима дар «ФАТ» бо маъноҳои зайл тавзеҳ шудааст*: садоқат, вафодорӣ, тобеият [10, с.35].* Пасванди - **ance/- ence -** аз феъл исмҳое месозад, ки амалу ҳаракат ва ҳолатро ифода мекунанд, масалан: вожаи ignor**ance**- ба маънои ҷоҳилӣ/нодонӣ. Мафҳумҳое, ки бо пасванди **- ate** ба охир мерасанд ва бо - **ance** худро иваз мекунанд: toler**ance** - таҳаммул; temper**ance** - эътидол/худдорӣ; repent**ance** - тавба; ignor**ance** - ҷоҳилӣ/нодонӣ; accept**ance** - пазириш; observ**ance** - риоят; allegi**ance** - байъат.

➢ *It was during this ten- year period that most of the desert-dwelling Bedouin tribes of Arabia pledged their **allegiance** to the Prophet … [12, с.40]. ~ Дар муддати ин даҳсола аксарияти қабилаҳои бадавии саҳронишини Арабистон ба Пайғамбар (с) **байъат** кардаанд…[5, с.58].*

Аз нигоҳи калимасозӣ дар ҷумлаҳои овардашуда қоидаҳои боло риоя шудааст. Мафҳуми *"**allegiance**"* дар ҷумлаи боло ба маънои диниаш ба кор рафтааст, аммо дар луғатномаи «ФАТ» бо ин мазмун оварда нашудааст:

➢ *… Other leading Companions of the Prophet (*sahaba*), who accorded Abu bakr their oath of **allegiance** (bay'a) [12, с.40]. ~ … бо ризоияти дигар пайравони Муҳаммад (с) (саҳоба), ки ба Абубакр аҳди **вафодорӣ** (байъат) бастанд, амалӣ гардид [5, с.58].*

Мафҳуми «Ismail**ian**» - дар «Большой англо-русский словарь религиозной лексики» бо маъноҳои зайл нишон дода шудааст: исмаилитский, I. sect of Muslims, мусульманская секта исмаилитов [1, с.395]. Пасвандси **- ism** дар забони англисӣ хеле серистемол мебошад ва дар Фарҳанги "Webster's Ninth New Collegiate Dictionary (WNNCD)", чунин таъриф дода шудааст: Пасванди **- ism** ба калимаҳое ҳамроҳ карда мешавад, ки амалу рафтори як ҷараёни махсус, эътиқоди муайян ва ахлоқи эътирофшударо мефаҳмонанд [15, с.641]. athe**ism** - "худоношинос" - ин истилоҳ гурӯҳи одамонеро, ки ба Худо бовар надоранд, мефаҳмонад: pagan**ism** – илҳодгароӣ, мушрикгароӣ; heathen**ism** - оини кофир; sch**ism** - тафриқагароӣ; islam**ism** - исломгароӣ; Mohammedan**ism** - муҳаммадгароӣ; skeptic**ism** - шакгароӣ; *Buddh**ism** - бутпарастӣ;*

➢ *… especially concerning the early stages of Isma'Il**ism**, consensus has not yet been reached among scholars [12, с.13]. ~ … хусусан оид ба марҳалаҳои аввали наҳзати Исмоилия дар байни олимон ақидаи ягона ба вуҷуд наомадааст [5, с.15].*

Мафҳуми «исмоилия» - дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» бо маъноҳои зайл нишон дода шудааст: 1. фирқаи равияи шиа дар ислом, ки асосгузори он Исмоил ибни Ҷаъфари Содиқ (асри VIII милодӣ) мебошад; 2. исмоилӣ - пайрави фирқаи Исмоил**ия** [9, с.557]. Пасванди – **ism** дар мавриди дуюм аз исм ва сифат исми дигар месозад, ки амали боэътимод ва ҳолатро нишон медиҳад, масалан:

➢ *In the present volume, Dr F. Daftary offers a first comprehensive and detailed synthesis of the complex history of Isma'Il**ism** [12, с.13]. ~ …Фарҳод Дафтарӣ нахустин таҳлили пурра ва ҳаматарафаи таърихи печидаи Исмоилияро арз медорад [5, с.15].*

Муҳаққиқи тоҷик И.Б. Дадаҷанова дар монографияи таҳқиқотиаш "Сопоставительный анализ демографической лексики в английском и таджикском языках" пасвандҳои исмсозӣ забони тоҷикиро чунин ба кор бурдааст: ***чӣ, -гар (-гор), -бон, -ор, -ак, -она (-ёна), -гоҳ, -истон, -иш, -ӣ (-гӣ), -ӣ, -гарӣ*** *[4, с.28].*

2). Пасвандҳои асосии исмсози забони тоҷикӣ инҳо маҳсуб меёбанд: Пасванди **-ҳо** бо исмҳо омада, шакли ҷамъ сохта метавонад, вале доираи истеъмоли пасванди **-он (-гон, -ён, -вон)** дар сохтани истилоҳоти динӣ маҳдуд аст. Калимаҳои аз забонҳои дигар ба забони тоҷикӣ гузашта, аввал бо пасванди **–ҳо** ва баъди дар забон «ҳазм» шудан, бо пасванди **-он (-гон, -ён, -вон)** шакли ҷамъ месозанд. Вале аз тарафи муаллифон, тарҷумонҳо ё аҳли қалам на ҳамеша унсурҳои калимасози забони тоҷикӣ ҳангоми баргардони матнҳо, китобҳо ва дигар маводҳои тарҷумашавандаи динӣ дуруст ба кор бурда мешаванд. Як нуктаро бояд қайд кард, ки пасвандҳо аз ҷиҳати шакл ва маъно на ҳамеша мувофиқати луғавии баробар пайдо мекунанд: *- гоҳ: оромгоҳ - mausoleum; - он: воизон - preacher; - гор: парвардигор - creator; - ӣ: мутаваллӣ - trustee; - онӣ: руҳонӣ – clergyman; - а: коҳина – priestess; - гоҳ: саҷдагоҳ - prostration; ёт- илоҳиёт - theology; -бар /барӣ: пайғамбарӣ - prophethood; - гаро: будоигаро - Buddhism; - хӯр : меросхӯр - descendant; - ён: доиён – leaders.*

Калимаи *«доиён»* - дар «ФТЗТ» бо маъноҳои зайл тавзеҳ шудааст: *1. Доӣ, дуогӯй, дуокунанда. 2. он кӣ дар байни пайравони дину оини дигар таблиғоти динӣ мебарад (ба нафъи дину мазҳаби худ), он ки дигаронро ба дину оини худ даъват мекунад [9, с.460].* Пасванди - **ён** аз рӯйи хусусиятҳои асосии калимасозӣ, танҳо ба гурӯҳи махсуси истилоҳот ҳамроҳ мешавад ва аз исм, исме месозад, ки ҷараён, ҳолат ва масъулиятро ифода мекунад, ки исмҳои фоил ва мафъул мебошанд: руҳони**ён** – spirituals; дӯзахи**ён** – hells; дои**ён** – leaders; шиа**ён** – shiites; сунни**ён** – sunnites;

- *Ин доиён Алӣ ибни Фазл, шиаи Яманӣ, ки ҳангоми зиёрати оромгоҳи имом Ҳусайн дар Карбало Исмоилияро қабул карда буд…[5, с.138]. ~ These **dais** were ‘Ali b. al-Fazl, a Shi'a from Yaman who had been converted to Isma'ilism while on pilgrimage to the tomb of the Imam al-Husayn in Karbala … [12, c.110].*

Аз ҷиҳати луғатшиносӣ, мафҳуми *«доиён - leader»* - дар «OALD» бо мазмуни зерин шарҳ ёфтааст: *1. a person who leads a group of people, especially the head of a country, an organization, a political/spiritual, 2. a person or thing that is the best, or in first place in a race [14, c.885].* Чуноне ки ба мо маълум шуд, истилоҳи дар боло зикрёфта ба маънои диниаш дар фарҳангҳо низ қайд шудааст ва дар баробари он, боз дар матни динӣ (ислом) ва дар ҷумла ҳамчун реалия корбаст шудааст:

- *…суҳбат байни Муиз ва намояндае, ки яке аз **доиён** аз кишвари дурдаст фиристодааст, сабт шудааст [5, с.133]. ~ … a conversation between al-Mu‘izz and some envoys sent by a **da‘is** from a distant land [12, c.105].*

Истилоҳи «**фариштa**» дар «ФТЗТ» бо маъноҳои зерин омадааст:1. мавҷуди малакутӣ, малак. 2.беайбу нуқсон, зебо; худро **фариштa** тарошидан, худро бе айбу нуқсон вонамуд кардан, худро поку тақводор нишон додан [9, с.387]. Пасванди ҷамъбандии **–гон** аз исм, исмҳое месозад, ки амалу ҳолатро ифода мекунад ва дар гурӯҳи махсуси вожаҳо ба кор бурда мешавад: фариштa**гон** – angels; саҳоба**гон** –fellow-champions; гузашта**гон** –ancestors:

- *… ба ин ҷавон мегуфт: «Рав ва фалон шахсро бикуш ва чун боз гаштӣ, **фариштагони** ман туро ба боғи Биҳишт боз хоҳанд бурд [5, с.37]. ~ … he would say to such a youth: ‘Go thou and slay So and So; and when thou return my **Angels** shall bear thee into Paradise [12, c.19].*

Чи хеле ки ба мо маълум шуд, вожаи «**фариштa**» дар луғатномаи номбурда дар шумораи танҳо ба кор бурда шудааст, аммо шумораи ҷамъи он зикр наёфтааст. Вожаи мазкурро муаллиф вобаста ба матн аз ҷиҳати маъноӣ пурра ба кор бурдаст, лекин дар сохтор пасванди мавриди назар риоя нашудааст:

- *…ва агар кушта шудӣ, боз ман **фариштагонамро** мефиристонам, то туро ба биҳишт бозоваранд [5, с.37]. ~ And if thou die, even so will I send my **Angels** to carry thee back into Paradise [12, c.19].*

Дар хулоса ин нуктаро лозим ба таъкид медонем, ки ҳадафи асосӣ аз омӯзишу баррасии истилоҳоти динӣ дар забонҳои муқоисашаванда, ин возеҳ нишон дода тавонистани моҳият ва мақом, тобишҳои маъноӣ ва сохторӣ, доираи истеъмоли онҳо дар асоси асарҳои тарҷумашуда мебошад. Ҳангоми омӯзиши пасвандҳо ва намунаҳои онҳо, ба мо маълум гардид, ки на дар ҳама ҳолатҳо қоидаҳои сарфию наҳвии онҳо аз тарафи истифодабарандагон пурра риоя мегардад. Омӯзиши истилоҳоти соҳавӣ, ин як навъ муҳит офаридан барои тарҷумонҳо ва омӯзандагон мебошад. Дар омӯзиши мавзуи мазкур мо ба натиҷаҳои зерин расидем:

- Баъзе пасвандҳои истилоҳоти динӣ дар забони тоҷикӣ аз забони арабӣ ва русӣ иқтибос шудаанд.
- Бештари пасвандҳо дар забони англисӣ иқтибос аз забони лотинӣ **(ous),** фаронсавӣ, немисӣ ва юнонӣ мебошанд.
- Пасвандҳои истилоҳоти динӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хусусияти мусбат ва манфӣ ё инкоридошта низ месозанд.
- Ҳар як пасванд мавқеи махусуси худро дар вожасозии динӣ дорад, аммо дар ҷумла хусусиятҳои калимасозии худро устувор нигоҳ дошта наметавонанд.
- Пасвандҳои истилоҳсозе ҳастанд, ки дар ҳарду забон дар истифода қарор доранд.
- Пасвандҳое низ ҳастанд, ки дар маъно ва сохтори истилоҳоти динӣ хусусиятҳои вожасозии худро устувор нигоҳ дошта наметавонанд.

• Пасвандҳои истилоҳсоз аз ҷиҳати маъно дар забонҳои омӯхташаванда ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1. Пасвандҳое ҳастанд, ки дорои маънои луғавӣ (шакли ҷамъбандии **-он**) ҳастанд. 2. Пасвандҳое ҳастанд, ки дорои маънои (шакли ҷамъбандии**-s**) луғавӣ нестанд.

Муқарриз: ***Аброров С.*** – н.и.ф., ДТИТ

А Д А Б И Ё Т

1. Азаров А.А. Большой англо-русский словарь религиозной лексики / А.А. Азаров. - Москва, 2004. – 809 с.
2. Антрушина Г.Б. Лексикология английского языка / Г.Б. Антрушина, О.В, Афанасьева, Н.Н. Морозова. - Москва, 2003. - 288 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1985. - 350 с.
4. Дадаҷанова И.Б. Сопоставительный анализ демографической лексики в английском и таджикском языках/ И. Б. Дадаҷанова. - Душанбе, 2015. - 146 с.
5. Дафтарӣ, Ф. Исмоилиён “Таърих ва ақоиди онҳо” / Ф. Дафтарӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – 805 с.
6. Качалова К.Н. Практическая грамматика английского языка / К.Н. Качалова, Е.Е. Изроилевич. - Москва, 1957. – 160 с.
7. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А.Мамадназаров. – Душанбе: Эр- граф, 2015. – 1016 с.
8. Назарова З. Муродифоти луғавӣ ва грамматикии феъл дар “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ / З. Назарова. - Душанбе, 2015. – 155 с.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ [ФТЗТ]. Ҷилд 1, 2. – Душанбе, 2008. – 994 с.
10. Ҷамшедов П. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / П.Ҷамшедов. – Душанбе, 2005. – 1202 с.
11. Шидловская, С.Н. Английское словообразование = Word – formation / С.Н. Шидловская. – Минск: Тетрасистемс, 2010. – 432 с.
12. Daftary F**.** The Ismailis: Their History and Doctrines second edition / F. Daftary. - Cambridge University Press, 1990. - 2007. – 524 p.
13. Ingo P. Word-Formation in English / P Ingo. - United Kingdom: Cambridge University Press, 2002.
14. Oxford Advanced Learner’s Dictionary [OALD]. Nine edition. – India, 2015. – 8020 p.
15. Webster’s Ninth New Collegiate Dictionary (WNNCD). Springfield, Massachusetts. – USA, 1983. – 1563 p.

НАҚШИ ПАСВАНДҲО ДАР СОХТАНИ ИСТИЛОҲОТИ ДИНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур ба яке аз мавзуъҳои мубрам ва хеле ҷолиби забон масъалаи “Нақши пасвандҳо дар сохтани истилоҳоти динӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” бахшида шудааст. Дар забоншиносии тоҷик ба тариқи муқоисавӣ тадқиқ намудани истилоҳоти динӣ собиқаи чандон тулонӣ надорад. Дар бобати таҳқиқи муродифоти пасвандҳои исмсози истилоҳоти динӣ дар забони тоҷикӣ ва роҳу усулҳои тарҷумаи онҳо ба англисӣ, то кунун касе иқдом накардааст ва он масъалаи муҳим дар радифи мавзуъҳои дигари забоншиносӣ ба шумор меравад. Дар мақола махсусиятҳои иқтибосшавии пасвандҳо таҳлилу баррасӣ гардида ба таври васеъ оварда шудааст ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки муҳаққиқ паҳлуҳои гуногуни мавзуъро омӯхтааст ва хусусиятҳои методи муқоисавиро ба назар гирифта, маводҳои дохилӣ ва хориҷиро хуб ба кор бурдааст. Муаллифи мақола мавзуи мазкурро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо маводи фаровоне гирд оварда, аз луғатномаҳои ду ва бисёр забона (англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ) истифода кардааст. Муалифи мақола мавқеи истифода ва махсусиятҳои тарҷумаи пасвандҳои истилоҳоти диниро дар ҷумлаҳо нишон дод, дар ин бобат, андешаҳои худро иброз доштааст. Мақолаи мазкур дар сатҳи зарурӣ омода шуда, аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф аз адабиёти илмӣ, динӣ, забоншиносӣ ва фарҳангҳои дохилӣ ва хориҷӣ аз ҳарду забон дар мавзуи мазкур моҳирона истифода намудааст. Дар хулоса муҳаққиқ нишон медиҳад, ки бо кадом роҳ тарҷума кардани истилоҳоти динӣ аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ муяссар гардидааст.

Калидвожаҳо: реша, истилоҳоти динӣ, луғатшиносӣ, вожасозӣ, пешвандҳо, пасвандҳо, маъно, сохтор, асарҳои бадеӣ, қоидаҳои грамматикӣ.

РОЛЬ СУФФИКСОВ В ПОСТРОЕНИИ РЕЛИГИОЗНЫХ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Эта статья посвящена одной из актуальных и очень интересных тем языка, вопросу роли суффиксов в построении религиозных терминов в таджикском и английском языках. В таджикском языкознании религиозная терминология сравнительно недавно изучалась. Что касается изучения синонимов существительных религиозных терминов в таджикском языке, а также способов и средств их перевода на английский язык, то пока никто не сделал никаких выводов, и это важный вопрос среди других лингвистических тем. В статье подробно анализируются и исследуются особенности цитирования суффиксов, и это указывает на то, что в исследовании были изучены различные тематические области и учтены особенности сопоставимого метода, при этом использованы внутренние и внешние материалы. Автор статьи изучил эту тему на таджикском и английском языках с большим количеством материалов и использовал двуязычные и многоязычные (английский, русский и таджикский) словари. В статье подчеркивалось место употребления и особенности построения суффиксов религиозных терминов в предложениях, по этому вопросу автор высказывает собственное мнение. Эта статья подготовлена на требуемом уровне и указывает на то, что автор глубоко изучил научную, религиозную, лингвистическую литературу, а также отечественную и зарубежную литературу по данной теме. В заключение, автор указывает, как можно переводить религиозную терминологию с таджикского языка на английский.

Ключевые слова: корень, религиозные термины, лингвистика, словарь, предлоги, суффиксы, значение, структура, художественные произведения, грамматические правила.

THE ROLE OF SUFFIXES IN THE CONSTRUCTION OF RELIGIOUS TERMS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article is devoted to one of the topical and very interesting topics of the language, the question "The role of suffixes in the construction of religious terms in Tajik and English languages". In Tajik linguistics, religious terminology has been studied in a comparative way not very long ago. As for the study of synonyms of nouns of religious terms in the Tajik language, as well as ways and means of translating them into English, no one has made any conclusions so far, and this is an important question in refuting other linguistic topics. The article extensively analyzes and examines the features of quoting suffixes, and this indicates that the study has studied various thematic areas and taken into account the features of a comparable method, using internal and external materials well. The author of the article collected this topic in Tajik and English with a large number of materials and used two- and multilingual (English, Russian and Tajik) dictionaries. The article emphasized the place of use and features of the construction of suffixes of religious terms in sentences, and in this regard expressed his opinion. This article has been prepared at the required level and indicates that the author has used scientific, religious, linguistic literature, as well as domestic and foreign cultures and language on this topic many times. In conclusion, the study shows how it was possible to translate religious terminology from Tajik into English.

Key words: root, religious terms, Linguistics, glossary, prepositions, suffixes, meaning, structure, artistic works, grammatical rules.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шехов Иззатулло*** - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Борбад, 48/5. E-mail: **izzatullo_1@mail.ru.** Тел.: (+992**) 98-767-99-37**

Сведение об авторе: ***Шехов Иззатулло*** - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, ассистент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Борбада, 48/5. E-mail: **izzatullo_1@mail.ru.** Тел.: (+992**) 98-767-99-37**

Information about the author: ***Shekhov Izzatullo*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Assistant of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Ave., 48/5. E-mail: **izzatullo_1@mail.ru.** Phone: **(+992) 98-767-99-37**

УДК: 491.550:42

УСУЛИ АФФИКСИИ КАЛИМАСОЗӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Муродова П.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аффиксатсия як усули сермаҳсули калимасозӣ буда, бо ёрии он вожаҳои нав бо иловаи аффиксҳои шаклсоз, яъне пешванду пасвандҳо ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ сохта мешаванд. Аффиксатсия ҳамчун усули ташаккули вожаҳои нав дар тамоми тули таърихи забони англисӣ амал карда, маҳсулнокии худро нигоҳ доштааст, ки аз ин миқдори вожаҳои бо ёрии аффиксҳои калимасоз сохташуда гувоҳӣ медиҳанд.

Вожа аксаран, на аз як овоз, балки аз маҷмуи овозҳо иборат аст. Вожаи аз маҷмуи овозҳо иборатбударо ба қисматҳо - морфемаҳо тақсим кардан мумкин аст. Морфема ҳамчун хурдтарин қисмати маънодори вожа, ки аз нуқтаи назари семантикӣ ҷудонашаванда аст, таъриф карда мешавад. Қобилияти ба морфемаҳо тақсимшавии вожаро таҷзияшавандагии морфологии вожа меноманд. Морфемаҳое, ки вожаро ташкил медиҳанд, дар таркиби ин вожа вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд. Чунончи, дар вожаи **reader** решаи **read** -, ки асоси маънодори ташаккули ин вожа мебошад ва пасванди калимасози **-er**, ки маънои амалкунандаро ба вожаи сохтаи он медиҳад, ҷудо карда мешавад ва пасванди шаклсози **-s**, маънои муайяни грамматикии вожаи додашударо (шумораи ҷамъ) ифода мекунад.

Дар ҳолатҳое, ки асос ва реша якхелаанд, вожаҳои мувофиқро решагӣ ё сода меноманд ва ё аз ҷиҳати сохтор онҳо аз як реша иборатанд; ҳамин тавр, **read** – феъли решагӣ, **man –** исми решагӣ, **big** – сифати решагӣ мебошанд.

Аз нуқтаи назари сохтори морфологӣ асосҳо тавлидшаванда ва ғайритавлидшаванда буда метавонанд. Тафовути асоси тавлидшаванда ва ғайритавлидшаванда дар он аст, ки асоси тавлидшаванда ба морфемаҳо тақсим мешавад, дар ҳоле ки асоси ғайритавлидшаванда аз ҷиҳати морфологӣ тақсимнашаванда аст.

Илова бар ин, асоси тавлидшаванда бешубҳа, дар забон дар ҳамон марҳалаи муайяни рушди худ мавҷудияти асоси ғайритавлидшавандаи мувофиқро дар назар дорад, ки бо он аз ҷиҳати морфологӣ ва маъноӣ робита дорад.

Ҷолиб он аст, ки аз рӯйи пайдоиши худ, асосҳои ғайритавлидшаванда решагӣ ва содашуда буда метавонанд. Ба асосҳои ғайритавлидшавандаи решагӣ асосҳои вожаҳои решагӣ ба монанди **man, day, bed-** ***одам, рӯз, кат,*** яъне, асосҳое, ки бо аффиксҳо таркиб наёфтаанд ва аз ҷиҳати сохтори морфологии худ бо реша мувофиқат мекунанд; ин асосҳо аз ҷиҳати пайдоиш низ бо решаи забони англисии қадимӣ **man, bed** мувофиқат мекарданд.

Ба асосҳои ғайритавлидшавандаи решагӣ асосҳои решагии вожаҳои навъи **man, day, bed** дохил мешаванд. Ба асосҳои ғайритавлидшавандаи содашуда навъи **friend** – ***дӯст***, **forbid** – ***манъ кардан*** ва ғайра дохил мешаванд.

Асосҳои мазкур аз ҷиҳати сохтори худ аз асосҳои навъи **man, day, bed** аз нуқтаи назари забони муосири англисӣ ҳеҷ гуна фарқ надоранд. Таърихан, онҳо асосҳои тавлидшаванда буданд, ки дар ҷараёни рушди забон содашавии морфологиро сипарӣ намуда, дар шакли муосири худ ба унсурҳои морфологии тағзиянашаванда мансубанд, ки дар давраи қадимии инкишофи забон аз онҳо фарқ мекарданд (ниг. **freond** англисии қадим, бо пасванди феълии замони ҳозира **-nd** ташаккул ёфтааст, ё **forbidden,** ки таркиби он пешванди **for-**ро дар бар мегирад).

Аммо барои забони муосири англисӣ пайдоиши асос аҳамият надорад ва ҳар гуна асос, ки дар шакли муосири худ аз ҷиҳати морфологӣ тағзияшаванда аст, новобаста аз пайдоиши он асоси ғайритавлидшаванда мебошад. Амсилаҳои калимасозӣ аз рӯйи сохтори таркибашон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: хаттӣ ва ғайрихаттӣ. Амсилаҳои хаттӣ амсилаҳое мебошанд, ки дар онҳо тавлидшавандагӣ равшан ифода ёфта, мувофиқи онҳо бо истифода аз воситаҳои муайяни калимасоз (пешвандҳо, пасвандҳо, решаҳо) вожаҳои нав сохта мешаванд. Ин амсилаҳоро бо формулаи зерин ифода кардан мумкин аст: **A = B + C + D,** ки дар он **A** вожаи нав аст, **B, C, D** унсурҳои калимасоз мебошанд.

Амсилаҳои хаттии калимасозӣ ба амсилаҳои аффиксӣ ва амсилаҳои мураккаб мансуб мебошанд.

Амсилаҳои ғайрихаттӣ амсилаҳое мебошанд, ки дар онҳо тавлидшавандагӣ ифода намешавад, яъне инҳо амсилаҳое мебошанд, ки аз рӯйи онҳо вожаҳо бидуни ягон воситаи калимасоз сохта мешаванд. Чунин амсилаҳоро бо формулаи зерин ифода кардан мумкин аст: **A - B**. Амсилаҳои ғайрихаттӣ ҳамаи ҳолатҳои табдилдиҳӣ, инчунин ташаккули калимаи баръакс ё баргардониро дар бар мегиранд.

Дар калимасозӣ ду гурӯҳи асосии усулхои ташаккули вожаҳои нав чудо карда мешаванд, яъне: калимасозӣ ва калимаофарӣ. Яке аз роҳҳои бештар пурмаҳсули калимасозӣ дар забони англисии муосир аффиксатсия аст, ки аз пайвастшавии аффиксҳо ба реша ё асос иборат аст.

Усулҳои бештар пурмаҳсули калимасозии забони англисии муосир инҳоянд:

- ба воситаи пешвандҳо ва пешояндҳо сохтани вожаҳо - усули аффиксӣ;

- раванди ташаккули воҳидҳои нави луғавӣ ва морфологӣ тавассути гузариш аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигари нутқ – усули табдилӣ

-ташаккули вожаҳо бо роҳи илова кардани асосҳои вожаҳо- усули калимаофарӣ.

Оид ба проблемаҳои калимасозӣ миқдори хеле зиёди маъхазҳо ва адабиёти илмӣ мавҷуданд, ки ба лексикология, морфология ва грамматикаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудаанд. Ҷанбаҳои алоҳидаи масъаларо олимон, ба монанди А.И. Смирнитский, И.В. Арнолд, Н.А. Кобрина, Л. Бархударов, О.Д. Мешков, Е. Кубрякова, П. Карашук ва дигарон, ба забони тоҷикӣ бошад, Ш.Рустамов, А.Халилов, М.Ниёзмуҳаммадов ва дигарон мавриди пажӯҳиш қарор додаанд.

Дар як қатор забонҳо, аз ҷумла англисӣ ва тоҷикӣ, шумораи зиёди вожаҳое вуҷуд доранд, ки аз рӯйи имло ва маъно ба ҳам қаробат доранд. Талаффузи онҳо дар забонҳои гуногун то андозае фарқ мекунад, зеро онҳо тибқи қоидаҳои системаи фонологии ҳар як забон талаффуз мешаванд. Вуҷуд доштани вожаҳои дорои решаҳои муштарак самтгириро дар матн бо забони хориҷӣ осонтар мекунад. Аммо баъзе вожаҳое, ки навишти онҳо дар имлои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба ҳам монанданд, метавонанд аз ҷиҳати маъно қисман ё пурра аз ҳам фарқият дошта бошанд. Аз ин рӯ, вожагони байналмилалиро метавон ба се гурӯҳ тақсим кард:

1. Вожаҳое, ки дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз ҷиҳати маъно комилан ба ҳам рост меоянд: **constitution – *конститусия*; April – *апрел;* democracy – *демократия*; delegation – *делегация;* expedition – *экспедится;* fact – *факт*; magnet – *магнит*; mathematics – *математика*; concentration – *консентратсия;* cooperation – *кооператсия;* bourgeoisie – *буржуазия*** ва ғайра

Вожаҳое, ки дар забони тоҷикӣ якчанд маъно доранд, яке аз онҳо одатан бо маънои калимаи англисӣ мувофиқат мекунад, маъниҳои дигар то ин ё он дараҷа фарқ мекунанд: **character – *характер*, element – *элемент*; elevator – *элеватор*, patent – *патент,* brilliant – *бриллиант*; compass – *компас*; conservatory – *консерватория*; metal – *металл*; phenomenon – *феномен*; partisan – *партизан*.**

Чунин вожагони байналмилалӣ низ ҳастанд, ки дар раванди рушд дар забонҳои гуногун маъноҳои гуногун пайдо кардаанд ва аз ин рӯ, маънои онҳо дар забони тоҷикӣ аз англисӣ фарқ мекунад: **benzene – *бензол*** аст, аммо, на бензин.

О.Д. Мешков дар монографияи худ пешвандҳои англисиро ба аслӣ - иқтибосӣ; интиқолшаванда – ғайриинтиқолшаванда; манфӣ - ғайриманфӣ; якарзишӣ – бисёрарзишӣ ҷудо кардааст [8, с.48].

Пешвандҳо одатан маънои муайян доранд ва бо ҳамин маъно метавонанд ҳиссаҳои гуногуни нуткро ташкил кунанд.

Як қатор пешвандҳо маънои инкор ё мутақобил медиҳанд: **dis-, im-, in-, il-, ir-, anti-, counter-, de**-. Масалан: **to appear (*пайдо шудан*) – to disappear (*нопадид шудан*); possible (*имконпазир)* – impossible (*имконнопазир*); correct (*дуруст*) – incorrect (*нодуруст*): aircraft (*ҳавопаймо*) – antiaircraft (*зиддиҳавоӣ*); to mobilize (*сафарбаркунӣ*) – to demobilize (*ғайрисафарбаркунӣ*); attack (*ҳамла*) – counterattack (*зиддиҳамла*); regular (*мунтазам*) – irregular (*номунтазам*.**

Пешванди **mis-** маънои нодурустӣ, иштибоҳиро медиҳад: **to understand (*фаҳмидан)* – to misunderstand – (*хато фаҳмидан*).**

Пешвандҳои **in-** ва **ex-, out-** маънои мутақобилро доранд: **in-** маънои ***дар дарун***; **ex-** ва **out-**маънои ***дурӣ, собиқ, берун*** –ро доранд: **inside, internal (*дарун, дохилӣ*) outside, extern (*берун, беруна*).**

Пешванди **extra –** ба маънои "***фавқулод***а" мувофиқ аст: **ordinary (*маъмулӣ*) - extraordinary (*фавқулода*); inter-** ба маъниҳои **«байн-», «миён-»: national (*миллӣ*) international (*байналмилалӣ*).**

Пешвандҳои **post- pre-** маъноҳои ба ҳам зид доранд: **post-** ***пасоянд*** ва **pre-** ***пешоянд*** -ро ифода мекунанд**: postwar (*баъдиҷангӣ*) prewar (*пешазҷангӣ*).** Пешванди **re-** такроршавиро ифода мекунад:: **to write (*навиштан*) to rewrite (*рӯнавис кардан, дубора навиштан*);** Пешванди **co-** маънои якҷоягиро медиҳад: **existence (зистан), coexistence (ҳамзистӣ);** Пешванди **for (fore**)- ба маънои пеш: **to see (*дидан*)– to foresee (*пешбинӣ*)** истифода мешавад.

Дар забони тоҷикӣ пешвандҳоеро, ки исм, сифат, феъл ва зарфро ташкил медиҳанд, фарқ кардан мумкин аст.

Дар забонҳои муқоисашаванда, пешвандҳо метавонанд як маъно ва бисёр маъно дошта бошанд, яъне ҳамон пешвандҳо метавонанд инкор, такрор, барзиёдӣ, мувофиқат, бартарӣ, нокифоягӣ, иштибоҳ, муқобилгузорӣ ва ғайраро ифода намоянд.

Вожаи сохта ҳамеша ду унсури калимасоз - асоси тавлидкунанда ва аффиксро дар бар мегирад. Дар калимаи **modernizer** ***(навовар)*** заминаи тавлидкунанда **modernize** (***навоварӣ кардан)*** аст. Хусусияти хосси сохтори морфологии вожаи сохташуда дар забони англисии муосир он аст, ки асоси тавлидкунандаи он бештар дар шакли беруна бо вожаи мувофиқ мутобиқат мекунад; муқоиса намоед: асоси тавлидкунанда **read-** дар вожаи **reader** ва феъли **read**, асоси тавлидкунанда **modernize** - дар вожаи **modernizer** ва феъли тавлидкунанда **modernize** ва ҳатто асоси тавлидкунанда **crossexamine r (*он ки саволи мутақобил медиҳад*)** ва феъли мураккаби **cross examine** ***(имтиҳони мутақобил).***

Дар баъзе мавридҳо, масалан, дар вожаҳои навъи **modernize** асоси тавлидкунандаи вожа аз лиҳози хаттӣ бо калимаи алоҳидаи ба он мувофиқ мутобиқат намекунад, зеро **-e** ниҳоии имлоӣ ва асоси феълии **modernize** - бо пасванди **-er-** -и вожаи сохташуда якҷоя мешавад. Аммо бо тамоми шабоҳати асоси тавлидкунандаи вожа бо вожаи мустақили мувофиқ, он аз вожа ба таври назаррас фарқ мекунад. Ин тафовут дар он аст, ки асос орӣ аз категорияҳои грамматикие мебошад, ки вожаро тавсиф мекунанд; масалан, ба вожаи **read** ҳамчун феъл категорияи грамматикии замон, сиға, навъ, тарз, шумора ва шахс хос аст, ки асоси тавлидкунандаи **read-** дар вожаҳои тавлидшудаи **reader**, **readable** ва ғайра надорад

Асоси тавлидкунандаи вожа низ аз ҷиҳати маъно аз як вожа фарқ мекунад. Асоси вожаи тавлидшуда тамоми маъноҳои калимаи мувофиқро надорад; масалан, вожаи **read-** дар таркиби вожаҳои тавлидшудаи **reader, readable, reading** маънои «***хондан***»-ро дорад, аммо ба феъли **read** ҳам маъноҳои зерин хос аст: «***тафсир кардан***», «***фаҳмондан***», «***гуфтан***» ва ғайра.

Ба ҳамин тариқ, асос дар таркиби вожаи сохташуда ҳам аз ҷиҳати маънои грамматикӣ ва чи аз ҷиҳати маънои луғавӣ бо вожа комилан рост намеояд.

Аз ин рӯ, ҳангоми ба ҳам рост омадани асоси тавлидкунанда бо вожа бояд ба ҳам рост омадани танҳо шакли берунӣ ва фақат мувофиқати ҷузъии маъно, ки дар асос ва ҳам дар вожаи ба он ростомада мавҷуд аст, бояд дар назар дошта шавад. Дар таркиби луғавии забони англисии муосир дар баробари вожаҳое чун **reader** ва **modernizer** вожаҳои сохташудае низ ҳастанд, ки дар онҳо асоси тавлидкунанда бо вожаи алоҳида мувофиқат намекунад, масалан: **astronomer, theorist**. Дар ин навъи вожаҳо асос барои якчанд вожаҳои аз ҷиҳати маъно ба ҳам алоқаманд умумӣ ҷудо мешавад, масалан, асоси **astronom** дар вожаҳои **astronomer** "***астроном***", **astronomy** "***астрономия"*** ё асоси **theor-** дар вожаҳои **theorist *"назарияшинос"***, **theory** "***назария"***. Инҳо ба истилоҳ асосҳои "пайвастшуда" мебошанд.

Аксарияти мутлақи асосҳои "пайвастшуда" дар вожаҳои асили лотинӣ ва фаронсавӣ мавҷуданд. Таҳлили этимологии ин гуна вожаҳо алоқаҳои маъноӣ ва морфологии дигарро ошкор мекунад; чунончи, вожаи **captor** - "***дастгиркарда***", ки аз нигоҳи робитаҳои вожасозӣ дар забони англисии муосир дорои асоси пайвастшудаи **capt-** мебошад, ки бо роҳи муқоисаи ин вожа бо вожаҳои **captive** - "***асир***", **capture** – "***асир кардан***" фарқ мекунад. Таърихан дар вожаи **captor** решаи **cap** ҷудо мешавад, ки ин вожаро бо феъли лотинии **capere** – ***"гирифтан", "ба даст овардан"*** мепайвандад. Навъҳои асосии сохтории вожаҳои сохтаро дар забони англисии муосир меоварем:

Навъи 1: асоси ғайритавлидшаванда + пасванд ё пешванд: **read-er** "***хонанда***", **use-ful** – ***"муфид"***, **move –ment- *"ҳаракат"* , eat-able -"*хӯрданбоб*", dis-agree -"*норозигӣ***;

Навъи 2: асоси тавлидшаванда + пасванд ё пешвнд: **dis- connect-ed-** “***ҷудокардашуда”***, **modem-iz(e) +er**; “***замонавикунанда***”, **un+ connect -ed - *“пайвастнашуда”,* un+employ- ment– “бекорӣ”;** навъи асоси “пайвастшуда” + пасванд: **theor-ist, capt-or**

Аффиксҳое, ки дар забони англисии муосир вожаҳои сохтаро ташкил медиҳанд, аз ҷиҳати пайдоиш яксон нестанд; дар байни онҳо аффиксҳои пайдоиши германидошта ва асосан, аз забонҳои романӣ ва фаронсавию юнонӣ мавҷуданд.

Вожагони тавассути аффиксҳои германӣ сохташуда, чун қоида васеъ истифода мешаванд; онҳо ҳам ба сабки китобӣ ва ҳам ба услуби гуфторӣ тааллуқ доранд ва бисёре аз онҳо ба таркиби фонди асосии луғавии забони англисии муосир шомиланд, дар ҳоле ки вожаҳои бо ёрии аффиксҳои пайдоиши ғайризабонӣ сохташуда, бештар ба сабки китобӣ тааллуқ доранд.

На ҳамаи аффиксҳое, ки дар вожаҳои сохта дар давраи муайяни инкишофи забон ҷудо мешаванд, яксон зинда ва пурмаҳсул мебошанд. Дар забони англисии муосир аффиксҳои пурмаҳсул ва бемаҳсул мавҷуданд. Ба ғайр аз ин навъҳои аффиксҳо ба истилоҳ аффиксҳои мурда низ ҳастанд.

Аффиксҳое, ки дар марҳилаи кунунии рушди забон дар ташаккули вожаҳои нав иштирок мекунанд, пурмаҳсул номида мешаванд. Вожаҳои сохтае, ки бо ёрии аффиксҳои пурмаҳсул сохта шудаанд, бо миқдори зиёди вожаҳо ифода карда мешаванд.

Дар тафовут бо аффиксҳои пурмаҳсул, аффиксҳои каммаҳсул дар ташаккули вожаҳои нав маҳдуд мешаванд; вожаҳои сохтае, ки бо ёрии аффиксҳои каммаҳсул сохта шудаанд, аксар вақт ба шумори вожаҳои камистеъмол дохил мешаванд ва ё натиҷаи эҷодиёти инфиродии муаллифони алоҳида мебошанд.

Ҳамон аффиксҳое бемаҳсул номида мешаванд, ки дар ташаккули вожаҳои нав дар забони англисии муосир иштирок намекунанд. Дар таркиби луғавии забони англисии муосир вожаҳои сохта бо аффиксҳои репродуктивӣ метавонанд ба миқдори зиёд намояндагӣ кунанд, аммо ҳамаи ин вожаҳое ҳастанд, ки аз давраҳои қаблӣ, баъзан гузаштаҳои хеле дури таърихи забони англисӣ ба мерос омадаанд.

Аммо аз нуқтаи назари таҷзияшавандагии морфологӣ вожаҳои дорои аффиксҳои бемаҳсул аз вожаҳои пурмаҳсул хеч тафовут надоранд, агар дар ин вожаҳо морфемаҳои муҳим ҷудо карда шаванд; масалан, таҷзияшавандагии морфологии вожаҳои **dullard** “***нофаҳм***” ё **enrich** “***ғанӣ кардан***” ҳеҷ шакеро ба миён намеорад ва бо вуҷуди ин вожаҳо бо аффиксҳои бесамари **-ард** ва **en-** сохта шудаанд.

Ҳамон аффиксҳо мурда номида мешаванд, ки дар рафти инкишофи таърихии забон куҳна шудаанд ва дар натиҷа онҳо бо реша омехта шуда, дар марҳилаи ҳозираи рушди забон ҳамчун морфемаҳои калимасоз, масалан, **for-**дар вожаи **forbid** “***манъ кардан”*** ё **-lock** дар вожаи **wedlock** “***издивоҷ***” фарқ карда намешаванд.

Тавре ки қаблан зикр гардид, калимасозии аффиксӣ яке аз усулҳои калимасозӣ дар забони англисӣ мебошад, ки муддати дуру дароз амал мекунад.

Дар таркиби луғавии забони англисии муосир вожаҳое ҳастанд, ки дар давраҳои англисии бостон, англисии миёна, англисии нав ва то худи замони ҳозира аз рӯйи принсипи аффиксӣ сохта шудаанд. Аммо ин қадар мавҷудияти тулонии худи принсипи бо ёрии аффикс сохта шудани вожаҳо тамоман тағйирнопазирии таркиби аффиксҳои амалкунандаро дар назар надорад. Баръакс, бо мушоҳидаи раванди рушди таърихии аффиксҳо ивазшавии баъзе аффиксҳоро бо аффиксҳои дигар, куҳнашавии баъзеҳо, пайдоиши баъзеи дигар, фаъол шудани аффиксҳои гурӯҳи сеюм, тағйирёбии маънои ин ё он аффиксҳо ва ғайраро осон мушоҳида кардан мумкин аст.

Аз ин рӯ, дар вожагони кунунӣ ба вожаҳои замоне бо ёрии чунин аффиксҳо сохташудае дучор мешавем, ки бо ёрии аффиксҳои ҳамакнун тамоман бемаҳсул, ҳатто комилан мурда сохта шуда буданд, ки маъноашон то имрӯз гум нашудааст; ҳамчунин вожаҳоеро, дучор меоем, ки дар замони мо ба воситаи аффиксҳои пурмаҳсул сохта мешаванд ва баъзеи онҳо аз замонҳои қадим то замони муосир омадаанд, баъзеи дигар дар забон нисбатан ба наздикӣ пайдо шудаанд. Ҳамин тариқ, дар забони англисӣ дар тули якчанд асрҳо калимасозии аффиксӣ ба назар мерасад.

Дар байни аффиксҳои калимасози забони англисӣ, ки асли пайдоиши германӣ доранд, зумрае ҳастанд, ки дар ҳама давраҳои таърихи забони англисӣ каму беш дар калимасозӣ фаъолона истифода мешаванд. Маҳз онҳо аҳамияти аффиксҳоро барои калимасозии

англисӣ, қобилияти бефосилаи забони англисиро дар калимасозӣ аз рӯйи усули морфологӣ равшан исбот мекунанд.

Қайд кардан ҷолиб аст, ки пешвандҳои дарозумри устувор нисбат ба пасвандҳо ба таври назаррас камтаранд. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки дар забони англисӣ пешвандҳо танҳо ва ба таври истисно вазифаи воситаи таҷдиди маънои луғавии вожаро иҷро мекунанд ва ҳамон пешванд, чун қоида, метавонад хизмати ҳиссаҳои гуногуни нутқро адо кунад, дар ҳоле ки пасвандҳо ҳам маънои луғавӣ ва ҳам маънои грамматикиро доро буда, дар байни ҳиссаҳои гуногуни нутқ тақсим мешаванд. Дар байни аффиксҳое, ки дар забони англисӣ ба амали худ ҳамеша идома дода, то ҳадде амал мекунанд, метавон чунин пешвандҳоро ба мисли **mis-, over-, under-, out-, up-** ва пасвандхоеро чун **-ed, -ishu - -less, -y** дар сифатҳо , **-er, -ness, -ing** дар исмҳо, **- ward** -ро дар зарф ва як қатори дигарро ном бурд.

Дар забони англисӣ, тавре ки дар боло хотирнишон гардид, инчунин як маҷмуи пурраи пасвандҳои пайдоиши германӣ мавҷуд аст, ки тайи муддати беш аз як ҳазорсола фаъолона амал мекунанд.

Яке аз аффиксҳои пурмаҳсултарин дар забони англисӣ, ки мувофиқати хеле густарда дорад, пешванди **f-** ва пасванди исмсози **- er** мебошад. Дар забони англисии қадим вай метавонист ҳам бо асосҳои феълӣ ва ҳам асосҳои исмӣ пайваст шуда, маънои иҷрокунандаи амалеро, ки дар асоси калима нишон дода шудааст ё алоқаманд бо навъи амалҳои анҷомдодашуда бо ашёи дар он нишондодашуда аст, ифода кунад (ниг. **baker -** "***нонпаз"***, **fowler** - ***"парандагир"***).

Аз забони англисии миёна ва англисии куҳна исмҳое омадаанд, ки номи касбу кор, шуғл, ҷойи истиқомат мебошанд, аз қабили, **builder, bookbinder, glover, hatter, hunter, tinner** - ***бинокор, муқовасоз, дастпӯшакдӯз, кулоҳдӯз, шикорчӣ, тунукасоз;*** **saddler** - ***устои зинсоз***; **astronomer** - ***ситорашинос,*** **worker** – ***коргар; weaver*** - ***бофанда*** ва ғайра.

Аз давраи аввали забони англисӣ ин аффикси мазкур маънои асбобро низ ифода карда, як қатор номҳои асбобҳоро додааст. Калимасозии ибтидоии ин ҷанбаро, масалан, вожаҳои **oiler** - «***ғалтак»*** **knocker** – "***болғачаи даркӯб***" ифода мекунанд.

Дар ҳоли ҳозир мо шоҳиди истифодаи фавқулодаи ин пасванд дар ҳар ду маъно мебошем, ниг. аз як тараф: **flyer, fitter -** (***танзимгар***), **winder -** (***ресанда***), **photographer-** (***суратгир***), **dispatcher-** (***танзимгар)***, **boiler** (***обҷӯшон***), **receiver-** (***қабулкунанда),*** **booster -** (***пуркуввваткунанда)***, **transmitter -** (***фиристанда***) ва ғайра.

О.Эспersен қайд мекунад, ки сохтаҳои феълии вазъиятӣ бо **-er** дар забони ҳозира ба таври васеъ истифода шуда, шахсонеро ифода мекунанд, ки амали муайянро иҷро мекунанд ё танҳо дар айни ҳол дар ҳолати муайян қарор доранд. Масалан: **comers and goers –(*ояндагон ва равандагон)***, **his fellow breakfaster –*(рафиқи субҳонаи ӯ)*, the sitter's elbow** - ***(такяоринҷи нишастгоҳ)*** ва ғайра.

Баъзе исмҳои дорандаи пасванди **-er** асбобхоро ифода намекунанд, балки танҳо ашёеро, ки бо ин ё он тарз бо амал ё натиҷаи муайян алоқаманданд, ниг. **breaker** – (***мавҷшикан),*** **cracker** – (***кулчақанд)***, **bracer** (***воситаи қавикунанда***) ва ғайра.

Пасванди исмҳои абстрактӣ, ки сифат ва хосиятро ифода мекунад, **-ness** дар забони англисии қадим дар якҷоягӣ бо асосҳои сифат истифода мешуд. Аз он замонҳо исмҳое ба мисли **idles –** (***бекорӣ)***, **goodness** –***(некӣ, меҳрубонӣ)***, **sweetness-** ***(ширинӣ), brightness*** - (***дурахшонӣ)***, **bitterness** - ***(тундӣ, талхӣ)*** ва ғайра.

Дар забони англисии миёна ҳам, ин пасванд низ пурмаҳсулии назаррасро ошкор мекунад, вожаҳое аз қабили: **fairness -*(адолат),* hardness** - (***сахтӣ, сахтгирӣ***), **blackness** - ***(сиёҳӣ, торикӣ),*** **coldness** - (***сардӣ)***, **sadness -*(гамгинӣ),* wretchedness** - (***нохушӣ)*** ва ғайра омадаанд.

Дар миёни шаклҳои минбаъд бавуҷудомада аз **brusqueness –*(дағалӣ, тезу тундӣ),* straight forwardness** - ***(рӯйрост),*** **bi-and-outness -*(омаду рафт)*** ном бурдан мумкин аст.

Ҳамчунин пасванди **-ing** ҳам аз ҷумлаи пасвандҳои пурмаҳсул мебошад, ки ба исмҳои абстрактӣ хос буда, ба раванд далолат мекунад, масалан, **falling -*(суқут),* beating –** ***(лату кӯб),*** **misgiving-** ***(шубҳаи ботинӣ, ҳарос).*** Пасванди мазкур дар тамоми давраҳои рушди забони англисӣ пурмаҳсул будааст: **biding** - ***(музоида)***; **biting -** ***(газида*****); eating –** ***(хӯрдан, хӯрокхӯрӣ)***; **drinking –*(нӯшидан, мастӣ)***; **choosing -** ***(интихоб)***; **beginning** - ***(ибтидо, оғоз);*** **- bearing** - (***рафтор, нигоҳ доштани худ);*** **building** - ***(сохтмон);*** **dealing** - ***(муомила, корбарӣ).***

Ин ҳама гувоҳи он аст, ки таркиби луғавии забонҳои муосири англисӣ ва тоҷикӣ ба усули морфологии калимасозӣ, ки аффиксҳои он дар ҳамаи даврaҳои рушд, ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забони тоҷикӣ фаъолона зуҳур кардааст, вобастагии зиёд дорад.

Ба ғайр аз аффиксҳои аслии забони англисӣ, соҳаи калимасозии забони англисӣ аз ҳисоби аффиксҳои аз дигар забонҳо - асосан аз забонҳои романӣ, лотинӣ ва фаронсавӣ иқтибосшуда хеле васеъ ва ғанӣ шудааст.

Аксари ин аффиксҳо хусусияти байналмилалӣ дошта, на танҳо дар забони англисӣ, балки дар забонҳои дигар низ истифода мешаванд.

Муқарриз: ***Асадова М.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Арнольд И.В. Лексикология английского языка / И.В. Арнольд. - М., 1959. – 435 с.
2. Бабич Г.Н. Лексикология английского языка: учебное пособие для студентов высших учебных заведений, обучающихся по специальности "Иностранный язык" / Г.Н. Бабич. – 5-е изд. – Москва: Флинта: Наука, 2010. – 195 с.
3. Бердыева, Т. Тенденция развития лексики таджикского языка советского периода (Социолингвистическое исследование) / Т. Бердыева. – Душанбе: Дониш, 1982. – 132с.
4. Бухоризода, А. Барои ягонагии имло ва терминологияи забони тоҷикӣ / А. Бухоризода // Мактаби советӣ, 1952. - № 4.
5. Григорьев, В.П. О некоторых вопросах интерлингвистики. Вопросы языкознания / В.П. Григорьев. - №1. – 1966. – С.37-46.
6. Капанадзе, Л.А. Взаимодействие терминологической и общеупотребительной лексики // Развитие лексики современного русского языка / Л.А. Капанадзе. - М., 1965.
7. Кубрякова, Е.С. Основы морфологического анализа / Е.С. Кубрякова. - М.: Наука, 1974. – 324 с.
8. Мешков, О.Д. Словообразование современного английского языка / О.Д. Мешков. – М.: Наука, 1976. – 248 с.
9. Палатов, М.И. Семантическая структура интерлингвизмов греко-латинского происхождения в современных европейских языках: автореф. дисс… канд. филол. наук / М.И. Палатов. – Алма-ата, 1970. – 28 с.
10. Рустамов, Ш. Калимасозии исм дар забони адабии хозираи тоҷик / Ш. Рустамов. – Душанбе, 1980. – 129 с.
11. Рустамов, А. Семантический аспект развития лексики таджикского литературного языка: автореф. дисс… канд. филол. наук / А.Рустамов. – М., 1984. – 24 с.
12. Смирницкий, А.И. Лексикология английского языка / А.И. Смирницкий. – М., 1956. – 365 с.
13. Улуханов, И.С. Единицы словообразовательной системы русского языка и их лексическая реализация / И.С. Улуханов. – М., 1996. – 284 с.
14. Ульманн, С. Семантические универсалии. Новое в лингвистике / С. Ульманн. – М., 1970. – 255 с.
15. Чарикова, Е.И. О терминах заимствования и освоения при взаимодействии языков. Лексикология и фразеология. Новый взгляд / Е.И. Чарикова // Тез. Второй межвуз. конф. – М., МГЗПИ, 1989. - С.153-154.

УСУЛИ АФФИКСИИ КАЛИМАСОЗӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф усули аффиксии калимасозиро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ намудааст. Муаллиф қайд кардааст, ки аффиксатсия як усули сермаҳсули калимасозӣ буда, бо ёрии он вожаҳои нав бо иловаи аффиксҳои шаклсоз, яъне пешванду пасвандҳо ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ сохта мешаванд. Аффиксатсия ҳамчун усули ташаккули вожаҳои нав дар тамоми тули таърихи забони англисӣ амал карда, маҳсулнокии худро нигоҳ доштааст, ки аз ин миқдори вожаҳои бо ёрии аффиксҳои калимасоз сохташуда гувоҳӣ медиҳанд. Вожа аксаран, на аз як овоз, балки аз маҷмуи овозҳо иборат аст. Вожаи аз маҷмуи овозҳо иборатбударо ба қисматҳо - морфемаҳо тақсим кардан мумкин аст. Морфема ҳамчун хурдтарин қисмати маънодори вожа, ки аз нуқтаи назари семантикӣ ҷудонашаванда аст, таъриф карда мешавад. Қобилияти ба морфемаҳо тақсимшавии вожаро таҷзияшавандагии морфологии вожа меноманд. Морфемаҳое, ки вожаро ташкил медиҳанд, дар таркиби ин вожа вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд. Муаллиф ҳамчунин қайд намудааст, ки дар як қатор забонҳо, аз ҷумла англисӣ ва тоҷикӣ, шумораи зиёди вожаҳое вуҷуд доранд, ки аз рӯйи имло ва маъно ба ҳам қаробат доранд. Талаффузи онҳо дар забонҳои гуногун то андозае фарқ мекунад, зеро онҳо тибқи қоидаҳои системаи фонологии ҳар як забон талаффуз мешаванд. Вуҷуд доштани вожаҳои дорои решаҳои муштарак самтгириро дар матн бо забони хориҷӣ осонтар мекунад.

Калидвожаҳо: вожа, морфема, аффикс, суффикс, забони тоҷикӣ, забони англисӣ, калимасозӣ, лексика, грамматика, реша, семантика, маъно, системаи фонологӣ.

АФФИКСНЫЙ СПОСОБ ПОСТРОЕНИЯ СЛОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье автор рассмотрел аффиксный способ словообразования в таджикском и английском языках. Автор отмечает, что аффиксация является продуктивным способом словообразования, с помощью которого образуются новые слова с добавлением формообразующих аффиксов, то есть приставок и суффиксов к разным частям речи. Аффиксация функционировала как способ образования новых слов на протяжении всей истории английского языка и сохраняла свою продуктивность, о чем свидетельствует количество слов, созданных с помощью словообразовательных аффиксов. Чаще всего слово состоит не из одного звука, а из набора звуков. Слово, состоящее из набора звуков, можно разделить на части - морфемы. Морфема определяется как наименьшая значимая часть

слова, которая семантически неделима. Способность делить слово на морфемы называется морфологической декомпозицией слова. Морфемы, входящие в состав слова, выполняют в составе слова разные функции. Автор также отметил, что в ряде языков, в том числе в английском и таджикском, имеется большое количество слов, близких по написанию и значению. Их произношение несколько различается в разных языках, потому что они произносятся по правилам фонологической системы каждого языка. Наличие слов с общими корнями облегчает навигацию в тексте на иностранном языке.

Ключевые слова: слово, морфема, аффикс, суффикс, таджикский язык, английский язык, словообразование, лексика, грамматика, корень, семантика, значение, фонологическая система.

AFFIX METHOD OF CONSTRUCTION OF WORDS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

In this article, the author examines the affix method of word formation in Tajik and English. The author notes that affixation is a productive way of word formation, with the help of which new words are formed with the addition of formative affixes, that is, prefixes and suffixes to different parts of speech. Affixation has functioned as a way of forming new words throughout the history of the English language and has maintained its productivity, as evidenced by the number of words created with word-building affixes. Most often, a word does not consist of one sound, but of a set of sounds. A word consisting of a set of sounds can be divided into parts – morphemes. A morpheme is defined as the smallest meaningful part of a word that is semantically inseparable. The ability to divide a word into morphemes is called the morphological decomposition of a word. The morphemes that make up the word perform different functions in the composition of the word. The author also notes that in a number of languages, including English and Tajik, there are a large number of words that are similar in spelling and meaning. Their pronunciation varies somewhat between languages because they are pronounced according to the rules of each language's phonological system. The presence of words with common roots makes it easier to navigate in a text in a foreign language.

Key words: word, morpheme, affix, suffix, Tajik language, English language, word formation, vocabulary, grammar, root, semantics, meaning, phonological system.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муродова Парвина Бобоҷоновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиё.Рудакӣ, 17. Тел.: **(+992) 938-01-55-99**

Сведение об авторе: ***Муродова Парвина Бободжоновна*** – Таджикский национальный университет, ассистент общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.Тел.: **(+992) 938-01-55-99**

Information about the author: ***Murodova Parvina Bobojonovna*** – Tajik National University, Assistant of the Department of English languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 938-01-55-99**

УДК: 491.550:42

ҲАММАЪНОИИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ ПУРКУНАНДА БО ИБОРА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Шарифова А.Ш.
Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон

Забон на танҳо аз ҳисоби воҳидҳои луғавӣ, балки ба пешрафти пайдо шудани қолабҳои мухталиф /нав ба нав/ -и наҳвӣ бою ғанӣ мегардад. Масъалаи муродифоти синтаксисӣ яке аз бахшҳои ниҳоят актуалӣ ва кам таҳқиқотшудаи наҳвиёти забони адабии тоҷик ба шумор меравад. “...зимни муродифоти синтаксисӣ чунин воҳидҳои том/ибораҳо, ҷумлаҳои сода, ҷумлаҳои мураккаб/ дар назар дошта мешавад, ки бо вуҷуди гуногунии шаклу созмонашон як маънои умумии грамматикиро ифода намуда, бо тобишҳои маъноӣ ва хусусияти услубияшон фарқ мекунанд” [1, с.51].

Ҳаммаъногии ҷумлаҳои пайрав бо анвои мухталифи ибораҳо яке аз қисматҳои муҳимми муродифоти синтаксисӣ буда, таҳқиқи он аҳамияти калони назарию амалӣ дорад. Ба ибораҳои мухталиф муродиф будани ҷумлаҳои пайрав аз наздикии маъноӣ ва ҳаммаъноии /якрангии/ қолабҳои гуногуни наҳвӣ шаҳодат медиҳанд. Фаровонии қолабҳои наҳвӣ нишонаи қудрату тавоноии забон, шоҳиди ғановату боигарии забон аст.

Дар наҳвиёти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷумлаҳои пайрави дигар муродифи ибораҳои мухталиф бошад ҳам, ҷумлаи пайрави пуркунанда асосан ба ибораи масдарӣ ҳаммаъност. Ибораҳои масдарӣ аз рӯйи вазифаи дар ҷумла доштаашон муродифи пайрави пуркунанда мебошанд.

Дар ҷараёни нутқ ва ифодаи фикр гӯянда ва нависанда гоҳо ҷумлаи пайрави пуркунанда ва гоҳо ибораҳои масдариро истифода бурда, ба такрор роҳ намедиҳанд ва ин фикрро рангину ҷолиб ифода мекунад.

Албатта, ин маънои онро надорад, ки ин ду воҳиди наҳвӣ комилан яканду аз ҳам фарқ надоранд. “Маъно ва вазифаи ҷумлаҳои пайрав ва ибораҳои сифати феълӣ ва масдарӣ ба ҳам хеле наздиканд, аз ин ҷиҳат онҳо яке ба дигаре бармегарданд. Лекин онҳо ба ҳамдигар баробар нестанд ва аз якдигар фарқ мекунанд” [1, с.19].

Наҳвшиносони тоҷик ҳангоми таҳқиқи анвои ҷудогонаи ҷумлаҳои пайрав масъалаҳои ҳаммаъноии он бо ҷумлаи пайравро низ ба ибораҳо /-и номӣ, сифати феълӣ, масдарӣ, феъли ҳолӣ/ мавриди омӯзиш қарор дода, умумият ва тафовутҳои ин ду воҳиди наҳвиро нишон додаанд [1, с.118].

Ба ҳамагон маълум аст, ки ибораҳои сифати феълӣ ва масдарӣ бо ҷумлаҳои пайрав ҳаммаъно бошанд ҳам, воҳиди нисбатан содаи нутқ буда, ба ҷумлаи сода марбутанд. Ҷумлаи пайрав бошад, чун воҳиди предикативӣ дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ нақши калон дошта, ба наҳвиёти ҷумлаҳои мураккаб мутааллиқ аст.

Масъалаи муродифияти ҷумлаи пайрави пуркунанда ба ибораҳо ҳанӯз ҳамаҷониба таҳқиқ нашудааст. Дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ қайд шудааст, ки ҷумлаи пайрави пуркунанда мувофиқи вазифа ва аҳамияти худ ба ибораҳои масдарӣ наздиканд [1, с.13].

Муаллифи “Наҳви забони тоҷикӣ” менависад, ки “ҷумлаҳои тобеи пуркунанда, замонӣ, мақсадӣ ва сабабиро ба ибораҳои исми феълӣ [масдарӣ – В.А.] иваз кардан мумкин аст ва ивазкунӣ ба таври поён ба ҷо оварда мешавад:

а) бандаки тобеъ бардошта мешавад;

б) ба ҷойи хабари феълии ҷумлаи тобеъ исми феълӣ оварда мешавад” [1, с.25].

Дар аввали грамматикаи забони тоҷикӣ барои мактабҳои олӣ ҳамин маълумот бо каме тағйирот оварда шудааст: “Баъзе ҷумлаҳои пайрав /сабаб, мақсад, пуркунанда, тарзи амал ва ғайра/ мувофиқи вазифа ва аҳамияти худ ба ибораҳои масдарӣ наздиканд, бинобар ин, онҳо ба ибораҳои масдарӣ табдил ёфта метавонанд. Дар вақти ба ибораи масдарӣ баргардонидани ҷумлаҳои пайрав; а/ пайвандак намеояд, б/ хабари ҷумлаи пайрав ба мисли масдар меояд...” [1, с.165].

Н. Маъсумӣ дар хусуси ибораҳои масдарӣ ва муносибати он бо ҷумлаҳои пайрав ба баъзе ҷиҳатҳои муҳимми таркиби ибора муфассал маълумот дода таъкид мекунад, ки

ибораҳои масдарӣ бо ҷумлаҳои пайрави хабар, пуркунанда, ҳоли замон, сабаб, мақсад ҳамвазифаанд [1, с.289].

М. Қосимова дар мақолаи хеш “Ибораҳои изофии масдарӣ” ҳаммаъноии ин воҳиди наҳвиро бо баъзе ҷумлаҳои пайрав таҳқиқ намудааст. Муҳаққиқ ибораҳои масдарии ба вазифаи пуркунанда, ҳоли замон, шарт, сабаб, мақсад омадаро муродифи ҷумлаҳои пайрав/и пуркунанда, ҳоли замон, шарт, сабаб, мақсад/ нишон дода, далелҳои қотеъ овардааст [1, с.31].

Чи тавре ки пештар зикр намудем, ҷумлаи пайрави пуркунанда асосан ба ибораҳои масдарӣ муродиф аст. Мисол:

Қумрибибӣ дид, **ки** ба онҳо суханаш таъсир намекунад [5, с.37].

Қумрибибӣ ба онҳо таъсир накардани суха**нашро** дид. Худат медонӣ, **ки** идораи колхози мо дар пеши ҳавлии ман, дар хонаи Содиқбои кулак мебошад [3, с.104]. Идораи колхози мо дар пеши ҳавлии ман, дар хонаи Содиқбои кулак буда**нашро** худат медонӣ.

Ҳангоми ба ҷумлаи содаи тафсилӣ табдил ёфтани ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пуркунанда, пеш аз ҳама, пайвандак фурӯгузор шуда, хабари ҷумлаи пайрав дар шакли ибораи масдарӣ меояд. Мисолҳо.

... Хуршедшоҳ фармуд, **ки** нома нависад ... ба шоҳ Қомус [2, с.12]. ...Хуршедшоҳ ба шоҳ Қомус нома навишт**ан** фармуд.

Пӯлод фаҳмид, **ки** ҷамъомадагиҳо аз ҳодиса ҳанӯз дуруст бохабар нашудаанд [10, с.70]; Пӯлод аз ҳодиса ҳанӯз дуруст бохабар **набудани** ҷамъомадагонро фаҳмид.

Бой дид, **ки** кор ҳеҷ пеш намеравад [1, с.45]; Бой ҳеҷ пеш **нарафтани** корро дид.

Иқрор шудан даркор аст, **ки** мо бисёр чизро намедонистем [3, с.46].

Агар ҷумлаи пайрави пуркунандаи бевосита бошад, ибораи масдарӣ ба вазифаи пуркунандаи бевосита омада, бо пасоянди-**ро** сурат меёбад. Агар ҷумлаи пайрави пуркунандаи бавосита бошад, бо пешояндҳои мухталиф ба хабар вобаста мешавад. Мисолҳо;

Ман аз аҳволи ту шунидам, **ки бо девмардон чӣ** кардӣ? [16, с.23]. Ман аз аҳволи ту **бо париёну девмардон чӣ карданатро** шунидам.

Ва касе андар ин дарё кор накунад ва **ҳеҷ кас** ин дарёро набуридааст ва надонад, **ки** охири ӯ куҷост [11, с.16]. Ва касе андар ин дарё кор накунад ва **ҳеҷ кас ин дарёро** набуридааст ва куҷо **будани** охири ӯро надонад [2, с.16].

Агар ҷумлаи пайрави дутаркиба бошад ҳангоми ба ибора баргардонидан маъмулан мубтадояш чун муайянкунандаи изофии соҳибӣ дар охири ибораи масдарӣ ҷойгир мешавад.

Ман дар ҳама дунё дидаму шунидам, **ки** мардон бар занон шавҳар бошанд [12, с.99]. Ман дар **ҳама** ҷаҳон бар занон шавҳар **будани** мардонро дидаму шунидам.

- Ту чӣ гуна фаҳмидӣ, **ки** ғӯзаи бой кам ё паст будааст? [15, с.9]. **Ту кам ё паст будани ғӯзаи бойро** чӣ гуна фаҳмидӣ?

Дар баъзе ҷумлаҳо ҳангоми ба ҷумлаи сода баргардонидани ҷумлаи мураккаби тобеъ мубтадои ҷумлаи пайрав дар аввали ибораи масдарӣ омада метавонад. Дар ин маврид хабари ҷумлаи пайрав /масдар/ бандакҷонишин мегираду фикр таъкид карда мешавад:

Ман медонистам, ки ба ин савол ҳазорҳо деҳқонони безамин ҷавоб меҷустанд [14, с.28].
1. Ман ба ин савол ҷавоб ҷустани ҳазорҳо деҳқонони безаминро медонистам. He asked the student to **define the unit of measurement** more accurately. Another important **factor to have been referred** to in that article was that there are many functions of money. Inf. To prove this law experimentally is very difficult.

2. Ман ҳазорҳо деҳқонони безамин **ба ин савол ҷавоб ҷустанашонро** медонистам. **The purpose of these readings is to consolidate** and extend the knowledge that use of the scientific English which the students have acquired for these years. **The selecting of these extracts** was not an easy thing.inf. Your work is **to observe the rise of inflation**.

Аз мисолҳои боло возеҳ мегардад, ки вариантҳои аввал хосси услуби забони адабӣ буда, вариантҳои дуюм як тарзи ифодаи забони гуфтугӯист.

Агар мубтадои ҷумлаи пайрави пуркунанда бо ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ ифода шуда, бандакҷонишини шахсӣ-соҳибӣ гирифта бошад, ҳангоми ба ибораи масдарӣ баргардонидани ҷумлаи пайрав ду ҳолат дида мешавад.

1. Агар ҷойи аъзоҳои ҷумлаи пайравро тағйир надиҳем, фақат хабари ҷумлаи пайрав дар шакли масдар омада бандакҷонишин мегирад.

Раҳим дид, **ки худаш** ҳам ба таги туҳмат монда истодааст, ба Ёдгор нигоҳ карда гуфт [4, 198] Раҳим **худаш** ҳам **ба таги туҳмат монда истоданашро** диду ба Ёдгор нигоҳ карда гуфт. **"I** did **my** best, to tell the truth **it** was quite a serious operation. **You** should take better care of **your** teeth. Ten roubles, please". **Everybody** understand what Bauman's question meant**. They** didn't even speak to **each other**, **they** didn't have to be remind **what to do**. Bauman, who pretended that **he** was reading a newspaper, didn't even turn **his** head to look at strange visitor. One of the most striking characteristics of modern scientist seemed **to him that** there was joy in man's eyes. **That has been that increasing trend towards closer cooperation** between scientists and scientific institutions all over the world.

2. Ҳангоми ба ҷумлаи сода баргардонидани ҷумлаи мураккаби тобеъ мубтадои ҷумлаи пайрав баъди ибораи масдарӣ меояду онро эзоҳ медиҳад. Дар ин мавриди ибораи масдарӣ бандакҷонишин намегирад.

Раҳим дид, ки худаш ҳам ба таги туҳмат монда истодааст, ба Ёдгор нигоҳ карда гуфт. Раҳим ба **таги туҳмат монда истодани худашро** ҳам диду ба Ёдгор нигоҳ карда гуфт. Any scientist working for such organizations will have a plan or a program.

Агар ҷумлаи пайрави пуркунанда бар эзоҳи ҷонишини ишоратӣ омада бошад, ҳангоми ба ҷумлаи сода баргардонидани ҷумлаи мураккаби тобеъ он ҷонишин фурӯгузор мегардад.

Лекин **ҳаминро ҳам** гуфтан даркор аст, ки баъзе одамон гурехта меоянд [13, с.99]. Лекин **гурехта омадани баъзе одамонро** ҳам гуфтан даркор аст. The meaning of **this** word is the same as "applied science".

Ҳаминро ҳам гуфта монам, **ки** ин навзамин ба ҳисоби заминҳои аз боён мегирифтагиатон намедарояд [3, с.317]. Ба ҳисоби замнҳои аз боён **мегирифтагиатон надаромадани ин навзаминро** ҳам гуфта монам."Would **you** like **me** to do **anything** else for you? The engineer found out **that a new method of testing metal fatigue was very effective**.

Агар мубтадои ҷумлаи пайрав муайянкунандаи беизофа гирифта бошаду муайянкунанда бо ҷонишини ишоратӣ ифода шуда бошад, ҳангоми ба ибора баргардонидани чунин ҷумлаҳои пайрав:

I. Ҷонишин /муайянкунандаи беизофа/ пас аз масдар меояд. Он бо бандаки изофӣ ба масдар тобеъ гардида, масдарро эзоҳ медиҳад. Мубтадои ҷумлаи пайрав дар аввали ибора меояд:

Холбутта дарҳол фаҳмид, **ки** ин садои милтиқи йигитҳояш нест [3, с.138]. Холбута садои милтиқи йигитҳояш **набудани инро** дарҳол фаҳмид.

Холбута дарҳол фаҳмид, ки **ин садои милтиқи йигитҳояш** нест. Холбута ин **садои милтиқи йигитҳояш набуданашро** дарҳол фаҳмид. Дар забони англисӣ ҳам агар масдар ба вазифаи муайянкунанда ояд, пас аз худ пешоянд мегирад. Ба мисли мисолҳои дар боло зикршуда ва он гоҳ ҳама гурӯҳи масдарӣ ҳамчун ҷумлаи пайрави муайянкунанда бо пешоянди мувофиқ ба пайвандак тарҷума мешавад. Ва агар пешоянд тарҷума нашавад он гоҳ падежи муайянро ба ин таркиби пайвандакӣ медиҳад. **The man to be sent for is** a great scientist. **Шахси равонкардашуда** олими ношинос буд.. The man **to be wanted for** is **my friend**. **Шахси ба шумо лозимбуда** рафиқи ман буд.

That the problem can't be solved at once depends on the opinion of the commission. а) **Масъалаи дарҳол ҳал шуда наметавонистагӣ** вобаста аз фикри комиссия буд.

б) Ҳалли масъала аз фикри комиссия вобаста аст.

с) Ин ки масъала дарҳол ҳалли худро ёфта натавонист, аз фикри комиссия вобаста буд.

Бояд гуфт, ки чунин тарзи ифода ҳам хосси забони гуфтугӯист.

Ба шуро рафта пурсам, **ки аз ислоҳоти замин ба ман ҳам замин мерасад ё на**... [3, с.30]. Ба шӯро рафта аз ислоҳоти **замин расидан ё нарасиданашро** пурсам.

Чи хеле ки пештар зикр кардем, агар ҷумлаи пайрави пуркунандаи бавосита бошад, ҳангоми ба ибора баргардонидани он пешояндҳо истифода мешавад. Чунончи: Бисёр вақтҳо маҷбур медарояд [5, с.15]. Ибораҳои масдарӣ дар забони англисӣ. Ин таркиб аз исм ё ҷонишин дар падежи пуркунанда ва масдари дар байни онҳо мавҷуда иборат буда,

робитаи мубтадою хабарро муайян месозад. Ибораи масдарӣ дар ҷумла одатан баъди хабари ҷумлаи асосӣ меистад ва аз рӯйи вазифаи синтаксисӣ функсияи пуркунандаи мураккабро иҷро мекунад. Он пас аз феълҳои: **to want, to suppose, to find, to expect, to believe** etc меояд. Ин таркиб ба забони тоҷикӣ ва русӣ ҳамчун ҷумлаи пайрави пуркунанда тарҷума мешавад, чунки масдар ҳамчун феъл-хабар дар замони мувофиқ дар алоқамандӣ бо шакли масдар вале исм ё ҷонишин ва ё исм ё ин ки ҷонишини шахсӣ ҳамчун мубтадо баргардонида мешавад.

We know **him to be the first inventor** of electrical measuring instrument. Мы знаем, что он является первым изобретателем электрического измерительного прибора. Мо инро медонистем, ки **ӯ аввалин ихтироъкори олоти ченкунии барқӣ** мебошад.

Масдар дар ин таркиб бе ҳиссачаи **to** истеъмол мешавад. Агар он пас аз феълҳои ҳиссиёти ба мисли: **to hear, to see, to feel** ва ҳоказо омада бошад.

I didn't know **that you would get home soon**. He **wanted to know** what time I would be back home. He said he would begin now. He said **he would be back** here tomorrow. He told me he **would be back** here tomorrow [12.319].

Хулоса. Ҳамин тариқ, мо муродифоти синтаксисиро дар ҷумлаҳои пайрави пуркунанда ва таркибҳои масдарӣ дар забонҳои муқоисашаванда омӯхта ба хулосае омадем, ки пуркунандаи мураккаби забони англисӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ҳамчун ҷумлаи пайрави пуркунанда тарҷума шуда, бо ибораҳои масдарӣ ҳаммаъноянд. Баъзе ҷумлаҳои пайрави пуркунанда бо ибораҳои сифати феълӣ ва феъли ҳол ҳаммаъноянд. Ин дар мавридҳои зерин имконпазир аст:

I. Ҷумлаи мураккабе, ки дар он феъли модалии **"тавонистан"** чун феъли мустақил ба вазифаи хабари сарҷумла омадааст, ҷумлаи пайрави пуркунанда муродифи ибораи феъли ҳол шуда метавонад.

II. Ҷумлаҳои пайрави пуркунандае, ки тавассути таркибҳои пайвандакии **/"ҳар кас", "ҳар кас ки", "ҳар ки", "ҳар чӣ", "он ки", "он чӣ"../** бо сарҷумла алоқаи наҳвӣ пайдо кардаанд, бо ибораҳои сифати феълӣ ҳаммаъноянд.

Бояд қайд кард, ки на ҳамаи ҷумлаҳои пайрави пуркунанда муродифи ибораҳои масдарӣ, сифати феълӣ ва феъли ҳоланд:

I. Ҷумлаҳои пайрави пуркунандае, ки тавассути калимаҳои пайвандакии **"гуфта"**, **"гӯён"** бо сарҷумла алоқаи наҳвӣ пайдо кардаанд: Имсол ҳар гуна тадбирро **ба кор бурданам** ва **пеш аз омадани** фалокат чораи дафъи онро диданам лозим аст, - **гуфта** ба дили худ андеша мекард [11, с.22]; ... як-ду рӯз дар ин ҷо хоб карда сиҳат шуда рафт, - **гӯён** маълумот дод [7, с.74].

II. Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда ҳам, ки як навъи ҷумлаи пайрави пуркунанда аст, муодили ибораҳои номбаршуда намешаванд: - Ман ҳозир гуфта будам ва боз мегӯям, ки деҳқонон маро заданд [5, с.180]; ... яке аз мардикорони заводи пахта баромада кушоду равшан гуфт, ки "мо ниқори туро аз амир хоҳем гирифт" [16, с.198].

Маводҳои забони адабии тоҷик гувоҳи онанд, ки ҷумлаҳои пайрави пуркунанда ва ибораҳои масдарӣ, сифати феълӣ ва феълиҳолӣ бо вуҷуди ҳаммаъно буданашон комилан як набуда ва ҳамеша якдигарро иваз карда метавонанд. Ҷумлаҳои пайрави пуркунанда чун воҳиди наҳвиёти ҷумлаҳои мураккаб дорои вижагиҳое мебошад:

1. Ҷумлаи пайрави пуркунанда воҳиди предикативӣ буда, ба сарҷумла тобеъ аст ва як ҷо бо он функсияи коммуникативиро иҷро мекунад. Ибораи ба он муродиф воҳиди коммуникативӣ буда, танҳо ба як калимаи асосии ин воҳид тобеъ аст.

2. Ин ду воҳиди ҳаммаъно аз рӯйи сохтор, воситаҳои алоқаи наҳвӣ низ фарқ мекунанд.

3. Ҷумлаи пайрави пуркунанда чун як воҳиди коммуникативӣ фикреро тасдиқ ё инкор мекунад. Ибораҳо бошад, аз ин хусусият маҳруманд.

4. Ҷумлаи пайрави пуркунанда дорои маъноҳои гуногуни модалӣ мебошад, воҳидҳои муодили он аз ин маҳруманд.

Дараҷаи истифодаи ин ду воҳиди наҳвӣ якрангу мусовӣ нест. Фактҳои забони адабӣ нишон медиҳад, ки ҷумлаи пайрави нисбат ба ибораҳо ҳаммаънояш бештар истифода мешавад. Албатта, ин ба имконоти нисбатан васеъ доштани ҷумлаи мураккаб вобаста

мебошад, зеро гӯянда ё нависанда бо ҷумлаи мураккаб фикрашро возеҳтар, рангину ботафсилтар ифода карда метавонад. Ҳамчунин маънои феъл нақши муҳим дошта, соҳибсуханро водор мекунад, ки ҷумлаи пайрав истифода бурда, феълро пурра кунад.

Хулоса, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави пуркунанда дар наҳвиёти ҷумлаҳои мураккаб яке аз қолабҳои серистеъмол ба шумор меравад. Ин ҷумлаи пайрав бо рангорангии сохторию маъноияш аз дигар ҷумлаҳои пайрав тафовут дорад.

Ҷумлаи пайрави пуркунанда аз ҷумлаҳои пайравест, ки як аъзо ё гурӯҳи аъзоҳои сарҷумларо эзоҳ медиҳад. Бинобар ин, ҳангоми таҳқиқи хусусиятҳои маъноӣ ва аломатҳои сохтории ҷумлаҳои пайрави пуркунанда ба сарҷумла, махсусан, ба хабар ва пуркунандаи сарҷумла, ки ҷумлаи пайрав бевосита ба онҳо алоқаманд буда, онҳоро эзоҳ дода пурра мекунад, аҳамияти махсус додан лозим аст. Зеро хабар ва пуркунандаи сарҷумла, ки ҷумлаи пайрави пуркунанда ба он тобеъ аст, барои ифодаи ҳамин ҷумлаи пайрав асосӣ буда, маъною функсияи ҷумлаи пайрав ба ҳамон аъзои возеҳшавандаи сарҷумла вобастагӣ дорад: Ӯ ваъда дод, ки дору мефиристад... [7, с.192]; Фақат ҳаминро медонистам, ки падарам ду рӯз боз нон нахӯрда буд [6, с.130].

Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда фарқи сарҷумла аз ҷумлаи содаи мустақил дар он аст, ки сарҷумлаи чунин ҷумлаҳо аз лиҳози маъною оҳанги талаффуз нотамом аст. Бинобар ин, сарҷумлаю ҷумлаи пайрав, ҳамеша ба якдигар вобастаанд. Онҳо вазифаи мухобиротиро дар бутунии ҳайаташон адо менамоянд. Сарҷумла бо ҷумлаи пайрав, ҳарчанд ҷумлаи асосӣ аст, ноқис мебошад. Маъмулан сарҷумла фикри асосиро ифода мекунад, вале дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда ҳолатҳои баръакси инро низ дидан мумкин аст, ки сарҷумла танҳо шаклан ҷумлаи содаи дигарро тобеъ мекунад, аммо фикри асосӣ дар ҷумлаи пайрав ифода меёбад.

Муқарриз: ***Ризоева Г.И.*** – н.и.ф., дотсенти ДТИТ

А Д А Б И Ё Т

1. Арендс А.К. Краткий синтаксис современного персидского литературного языка / А.К. Арендс. - М.-Л.: Изд-во АН СССР, 1941. - С.95-108.
2. Атабуллаев С. сложноподчинённые предложение с придаточной частью подлежащее и сказеемое в современном таджикском языке / С.Атабуллаев. - Душанбе: Дониш, 1957. - 193 с.
3. Бархударов Л.С. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов, Д.А. Штейлинг. - М.:Изд.-во литературы на иностранных языках, 1960. – 423 с.
4. Бозидов Н. Прямое дополнение в современном таджикском литературном языке / Н.Бозидов. - Душанбе, 2000. – 178 с.
5. В.В. Виноградов. Исследование по руской грамматике / В.В. Виноградов. - Киев: Просвещение, 1977. – 418 с.
6. Блох М.Я. теоритическая грамматика английского языка / М.Я. Блох. - М.: Высш.шк., 1983. – 383 с.
7. Грамматика таджикского языка. Синтаксис. Учебник для высших школ. - Сталинабад, 1956. - С.8-10.
8. Гафурова М.Дж. Практическая грамматика с упражнениям.(морфология) / М.Дж. Гафурова, С.З. Акобирова. – Душанбе, 2021. - 179 с.
9. Маслова А.М. Английский язык для медицинских ВУЗов / А.М. Маслова, З.И. Вайнштейн, Л.С. Плейбейская. Учебник. - М.: ГЕОТАР-Медиа, 2015. – 336 с.
10. Молчанова Е.К. Основы вопросы синтаксиса среднеперсидского языка: автореф. дис... канд. фил. наук / Е.К. Молчанова. - М., 1963. – 19 с.
11. Нозимов А.А. Структурно семантический анализ дополнения в английском и таджикском языках / А.А. Нозимов, А.Ш. Шарифова. – Душанбе, 2020. – 110 с.
12. Н.А. Бонк. Учебник английского языка / Бонк Н.А., Котий Г.А., Лукьянова Н.А. - Москва: Деконт, 1998. – 638 с.
13. С.А.Ильина. Синтаксис письменной речи, выраженние обстоятельственных отношений / Ильина С.А., Коломейцева Е.М., Попова Т.В. – Москва, 2008. – 140 с.
14. Расторгуева В.С. Очерки по таджикской диалектологии. Вып, 4. / В.С. Расторгуева. - М.: Изд-во АН СССР, 1952.
15. Расторгуева В.С. Среднеперсидский язык / В.С. Расторгуева. - М.: Наука, 1966. - С.133-149.
16. Касимова М.Н. Сложноподчинённий предложений с придаточной частью обстоятельство условия / М.Н. Касымова. - Сталинабад: Изд-во. АН Таджикистан, 1961. – 77 с.

ҲАММАЪНОГИИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ ПУРҚУНАНДА БО ИБОРА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Ҳаммаъногии ҷумлаҳои пайрав бо анвои мухталифи ибораҳо яке аз қисматҳои муҳими муродифоти синтаксисӣ буда, таҳқиқи он аҳамияти калони назарию амалӣ дорад. Масъалаи муродифоти синтаксисӣ яке аз бахшҳои ниҳоят актуалӣ ва камтаҳқиқотшудаи наҳвиёти забонҳои тоҷикию англисӣ маҳсуб меёбад. "... зимни муродифоти синтаксисӣ чунин воҳидҳои том /ибораҳо, ҷумлаҳои содда, ҷумлаҳои мураккаб/ дар назар дошта мешавад, ки бо вуҷуди гуногунии шаклу созмонашон як маънои умумии грамматикиро ифода намуда, бо бо тобишҳои маъноӣ ва хусусияти услубиашон фарқ мекунанд. Дар наҳвиёти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ

ҷумлаҳои пайрави дигар муродифи ибораҳои мухталиф бошад, ҳам ҷумлаи пайрави пуркунанда асосан ба ибораҳои масдарӣ ҳаммаъност. Ибораҳои масдарӣ аз рӯйи вазифаи дар ҷумла доштаашон муродифи ҷумлаи пайрави пуркунанда мебошанд. Дар ҷараёни нутқ ва ифодаи фикр гӯянда ва нависанда гоҳҳо ҷумлаи пайрави пуркунанда ва гоҳҳо ибораҳои масдариро истифода бурда, ба такрор роҳ намедиҳанд ва ин фикрро рангину ҷолиб ифода мекунад.Албатта, ин маънои онро надорад, ки ин ду воҳиди наҳвӣ комилан яканду аз ҳам фарқ надоранд. “Маъно ва вазифаи ҷумлаҳои пайрав ва ибораҳои сифати феълӣ ва масдарӣ ба ҳам хеле наздиканд, аз ин ҷиҳат онҳо ба якдигар бармегарданд. Лекин онҳо ба ҳамдигар баробар нестанд ва аз якдигар фарқ мекунанд. Ба ҳамагон маълум аст, ки ибораҳои сифати феълӣ ва масдарӣ бо ҷумлаҳои пайрав ҳаммаъно бошанд, ҳам воҳиди предикативӣ дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ нақши бузург дошта, ба наҳвиёти ҷумлаи мураккаби тобеъ мутааллиқ аст. Ҳамин тариқ, забон на танҳо аз ҳисоби воҳидҳои луғавӣ, балки ба пешравфти пайдо шудани қолабҳои мухталиф /нав ба нав/-и наҳвӣ бою ғанӣ мегардад.

Калидвожаҳо: ҳаммаъногӣ, ҷумла, ҷумлаи пайрав, пуркунанда, ибора, таркиб, ҷумлаи тобеъ, воҳиди предикативӣ, маъно, вазифа, масдар, сифати феълӣ, синтаксис, муродифоти синтаксисӣ, ибораҳои масдарӣ.

СИНОНИМИЯ ПРИДАТОЧНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ С ДОПОЛНЕНИЕМ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Синонимия придаточных предложений с разными типами выражений является одной из важных частей синтаксических отношений, и ее исследование имеет большое теоретическое и практическое значение. Вопрос синтаксической сочетаемости считается одним из наиболее актуальных и малоизученных направлений развития таджикского и английского языков, «...под синтаксическим значением понимаются такие законченные единицы /словосочетания, простые предложения, сложные предложения/, которые, несмотря на разнообразие их формы и организации, выражают общее грамматическое значение и различаются своими смысловыми оттенками и стилистическими характеристиками. При построении сложных придаточных предложений другие придаточные предложения соответствуют различным словосочетаниям, а придаточное предложение с дополнением в основном является синонимом инфинитивных словосочетаний. Предложные словосочетания являются синонимами предложения, следующего за дополнением, из-за функции, которую они выполняют в предложении. В процессе речи и выражения мысли говорящий и пишущий иногда используют сложное предложения, а иногда инфинитивы, они не допускают повторения, и это красочно и интересно выражает мысль. Конечно, это не означает, что эти две грамматические единицы совершенно идентичны и неразличимы. «Значение и функция придаточных предложений, а также придаточное предложение с дополнением и инфинитом очень близки друг к другу, в этом отношении они дополняют друг друга. Но они не равны друг другу и отличаются друг от друга. Всем известно, что выражения настоящего и инфинитива имеют то же значение, что и придаточные предложения. Как предикативные единицы они играют большую роль в составе сложноподчиненного предложения и формируют значение сложноподчиненного предложения.

Ключевые слова: синонимия, предложение, сложноподчинённые, объект (дополнение), фраза, словосочетания, подчинительный, функция, инфинитив, причастие, предикативная единица, значение, синтаксис, синтаксическая синонимия, инфинитивные фразы.

SYNONYMY OF OBJECT CLAUSE WITH EXPRESSION IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

Synonymy of subordinate clauses with different types of expressions is one of the important parts of syntactic relations, and its research is of great theoretical and practical importance. The issue of syntactic compatibility is considered one of the most relevant and under-researched areas of the development of the Tajik and English languages. “... the syntactical meaning refers to such complete units /phrases, simple sentences, complex sentences/ which, despite their variety of form and organization, express a common grammatical meaning, and differ in their semantic nuances and stylistic characteristics. In the construction of complex subordinate clauses, other subordinate clauses correspond to various phrases, and the filler subordinate clause is basically synonymous with infinitive phrases. Prepositional phrases are the synonyms of the clause following the filler due to the function they have in the sentence. In the process of speech and expression of thoughts, the speaker and writer sometimes use filler sentences and sometimes infinitives, they do not allow repetition, and this expresses the thought colorfully and interestingly. Of course, this does not mean that these two grammatical units are completely identical and indistinguishable. “The meaning and function of subordinate clauses and expressions of active and infinitive are very close to each other, in this respect they return to each other. But they are not equal to each other and differ from each other. It is known to everyone that present and infinitive expressions have the same meaning as subordinate clauses, and the predicative unit plays a big role in the composition of the complex subordinate clause and belongs to the meaning of the complex subordinate clause. In this way, the language is enriched not only due to the lexical units, but also due to the development of various /new to new/ grammatical patterns.

Key words: synonymy sentence, clause sentence, clause, object, phrase, expression, subordinate, function, predicative unique, meaning, infinitive, participle, syntax, infinitive, participle, syntax synonymy, infinitive phrases.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарифова Адолатхон Шарифовна*** - Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳо. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯч. К.Сеткина 2. Тел.: **(+992) 918-30-57-17**

Сведение об авторе: ***Шарифова Адолатхон Шарифовна*** - Медико-социальный институт Таджикистана, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедры языков. **Адрес:** Республика Таджикистан, Душанбе, ул. К. Сеткина 2. Тел.: **(+992) 918-30-57-17**

Information about author: ***Sharifova Adolatkhon Sharifovna*** - Medical and Social Institute of Tajikistan, candidate of philological science, docent, the Head of department of languages. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, K. Setkina Str., 2. Phone: **(+992) 918-30-57-17**

УДК: 491.550

ИБОРАҲОИ ИЗОФИИ СИФАТӢ ДАР РИСОЛАИ “ЧИЛУДУ ФАСЛ” АЗ “РАСОИЛИ ФОРСӢ”-И ХОҶА АБДУЛЛОҲИ АНСОРӢ

Тоҷиддинзода П., Усмонова М.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Синтаксис аз ибтидои пайдоишаш алоқаи калимаҳоро дар нутқ ифода карда ҳамчун таълимоти ибора ба вуҷуд омадааст. “Худи истилоҳи синтаксис, ки аз рӯйи баромадаш юнонист, дар грамматикаҳои юнониҳои қадим ба ду маъно истеъмол мешуд: 1. пайвасти овозҳо; 2. пайвасти калимаҳо дар нутқ” [14, с.5]. Асосгузори таълимоти синтаксис Аполлон Дискол (асри II) чунин мешуморад, ки “вазифаи асосии синтаксис аз муқаррар намудани маъно ва вазифаи синтаксисии калимаҳо (ҳиссаҳои нутқ) ва дар ҳамин бундтарзҳои аз онҳо сохтани “нутқи том” иборат мебошад. Калимаҳо ба ҳам пайваст шуда, маънои ҳар яки он ба тарзе унсури нутқ (ҷумла) ба ҳисоб мераванд. Чи тавре ки ҳиҷоҳо аз ҳарфҳо сохта мешаванд, ҳамон тариқ аз пайвасти дурусти калимаҳо ҷумлаҳо ташкил меёбанд” [14, с.137-138]. Ҳамин тавр, грамматикашинос Аполлон Дискол синтаксисро ҳамчун таълимоти пайвасти калимаҳо мефаҳмид ва кушодани қонунҳои алоқаи калимаҳоро вазифаи асосии синтаксис мешуморид. Ҳамин гуна фикрро И. Тронский низ қайд намудааст. Ӯ чунин менависад, ки дар таълимоти Демокрит (аз муоинаҳое, ки ӯ анҷом дода буд) се унсури асосӣ мавҷуд буд: калима, ибора ва ҷумла, ки дар байни ҳиссаҳои нутқ ва ҷумла ибора ҷойи васатро ишғол менамояд. Ҳамчунин аз рӯйи таълимоти забоншиносии умумӣ, умуман ҳамаи олимон, чи шарқ ва чи ғарб, нақши аввалиндараҷаро мебозанд ва хусусан забоншиносии рус низ дар ин марҳила пешсаф аст.

Мафҳуми ибора ҳанӯз аз замонҳои қадим ба мо ошност. Ҳанӯз дар фарҳангу луғатҳои пешинаи тоҷикиву форсӣ истилоҳи “изофат”, “таркиби изофӣ” сабт гардидааст. Аниқтараш дар “Ғиёс-ул-луғот”-и Муҳаммад Ғиёсиддин дар мақолаи луғавии “изофат” роҷеъ ба таркиби изофӣ маълумоти нисбатан васеъ оварда шудааст, ки онро муҳаққиқ, иборашинос А.Мирзоев “Очерки грамматикӣ” номидааст [3, с.67]. Дар ин очерки грамматикӣ вазифаи бандаки изофӣ чунин таъкид шудааст: “... изофат ба истилоҳи навҳиён нисбатест, ки миёни ду исм воқеъ шудааст бар ваҷҳи таййид. Исми аввалро музоф ва исми сониро музофунилайҳ гӯянд”.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки муаллифи “Ғиёс-ул-луғот” ибораҳои изофиро аз лиҳози вижагиҳои луғавию грамматикии ҷузъҳо ба даҳ гурӯҳ ҷудо карда, маъно ва мазмуни ҳар гурӯҳро бо мисолҳои мушаххас сабт намудааст. Гурӯҳи аввал – “изофати тамликӣ”, он изофати мулк аст ба сӯйи молик, чун: аспи Зайд ва ганҷи Қорун ва ҳамчунин изофати молик бар мулк, яъне баръакси ҳол, чун: худованди ҳона ва султони Рум ва молики динор ва онро изофати ҳақиқӣ низ гӯянд. Гурӯҳи дуюм - “изофати тахсисӣ”, ки онро муаллиф боз ба чаҳор банд тақсим намудааст: изофати мухассас, чун: пӯсти анор ва дӯкони аттор; изофати мусаббиб, чун: куштаи ғам; изофати сабаб, чун: теғи интиқом; изофати ибнӣ, чун: Абулфазли Муборак ва Бӯалии Сино. Гурӯҳи сеюм – “изоати тавзеҳӣ”. Чун: шаҳри Басра ва хиттаи Бухоро ва боди шимол ва рӯзи душанбе. Гурӯҳи чаҳорум – “изофати табйинӣ”, онро байнӣ низ гӯянд, чун: косаи булӯр ва ҷомаи дебо ва қаламдони чӯб. Гурӯҳи панҷум – “ изофати ташбеҳӣ”, ки онро изофати маҷозӣ низ гӯянд, чун: душмани нафс ва сунбули зулф ва наргиси чашм ва сандуқи сина. Гурӯҳи шашум – “изофати тавсифӣ”, чун: шамшери тез ва марди шуҷоъ ва корди кунд ва аспи кабуд. Гурӯҳи ҳафтум – “изофати маҷозӣ”, ки онро истиора низ гӯянд, чунонки: сари ҳуш ва қадами фикр ва дасти ақл. Гурӯҳи ҳаштум – “изофати зарфӣ”, мисли: нишинандаи бозор ва оби дарё ва обу ҳавои саҳро ва шишаи гулоб. Гурӯҳи нуҳум – “изофати иқтиронӣ” ва он чунон аст, ки музоф ва музофунилайҳ иқтирони маънавӣ дошта бошад, чун: номаи иноят. Гурӯҳи даҳум – “изофати бааднии мулобасат”, яъне нисбат кардани якеро бар дигаре ба камтар муносибате, ки дар байни онҳо мавҷуд аст, ба монанди: Ирони мо биҳ аз Тӯрони шумост.

Ҳамин тавре, ки маълум аст муаллифи “Ғиёс-ул-луғот” нақш ва моҳияти грамматикии изофатро ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо намуда, мантиқӣ гурӯҳбандӣ кардааст ва мисолҳои мувофиқро далел овардааст ва аз ҳама аҷибаш он аст, ки ҳамин даҳ гурӯҳи дар боло

овардашударо номгузории мувофиқу нисбатан зебое низ намудааст. Агар аз он даврахо то забоншиносии имрӯза (бахусус забоншиносии тоҷик) назар намуда муқоиса намоем, он мафҳуму моҳиятҳои таърихӣ таҳлил карда мешаванд, ки дар иборашиносии имрӯза тарзи номгузорӣ ва баромади калимаҳо нисбат ба қабл иваз гардидаанд. Масалан, дар "Ғиёс-ул-луғот" мафҳуми музоф ва музофуниллайҳ маъмул бошад, имрӯз мафҳумҳои тобеъкунанда ва тобешаванда ҷойи онро пурра ишғол намудааст ва ҳамин гуна мисолҳои зиёдеро низ овардан мумкин аст.

Яке аз сермаҳсултарин алоқаи синтаксисии ибораҳо дар забони тоҷикӣ алоқаи изофӣ ба шумор меравад. Ибораҳое, ки ҷузъҳои онҳо байни ҳам ба воситаи бандаки изофӣ алоқаи синтаксисӣ пайдо мекунанд, ибораҳои изофӣ ном доранд. Ибораҳои изофӣ на танҳо воҳиди синаксисӣ, балки воҳиди синтаксисӣ-морфологӣ ба шумор мераванд [5, с.46]. Хусусияти грамматикӣ ва маъноии сифат имконият медиҳад, ки вай бо алоқаи изофӣ ҳамаи ҳиссаҳои номии нуткро тобеъ гардонад [1, с.24]. Бинобар ин, омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи ибораҳои синтаксисӣ дар осори бузургони адабиёт, аҳамияти бузург дорад. Бахусус осори бузургони адабиёти классикӣ, зеро таҳқиқи осори классикон барои инкишофи забони адабӣ муҳим аст ва дар асоси маълумотҳои таърихии забон масъалаҳои муҳимми ҳолати имрӯзаи онро фаҳмидан мумкин аст.

Дар мақолаи мазкур дар бораи ҷойгиршавӣ, дараҷаи истифода, мавқеи маъноии ибораҳои изофии сифатӣ дар рисолаи "Чилуду фасл" аз "Расоили форсӣ"-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ сухан меравад. Абӯ Исмоил Абдуллоҳ Ансории Ҳаравӣ, ки лақабаш Шайхулислом аст, соли 396ҳ (1005м) ҳангоми ғуруби офтоб дар рӯзи ҷумъаи дуюми Шаъбон дар деҳаи Қӯҳандаж ё Кӯҳандаж, тобеи Тус дар замони хилофати Абӯ Қодир Баллоҳ Аббосӣ таваллуд шудааст. Дар соли 481ҳ (1088м) аз олам чашм пӯшид ва оромгоҳи ӯ дар Козаргоҳи Ҳирот ҷойгир аст, ки ҳоло бо номи "Бузургоҳ" маъруф аст ва зиёратгоҳи муштоқон ва ихлосмандони ӯст. Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, аввалин асосгузори насри мусаҷҷаҳ ҳисобида мешавад, ки дар тасаввуф низ мавқеи шоистае дорад ва номи машҳураш дар печидагии замин ва замонҳо печида аст [3, с.224].

Аз осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ нусхаҳои бисёре дар китобхонаҳои саросари ҷаҳон маҳфуз мондааст, ки имрӯзҳо қариб ҳамаашон бо забони форсӣ тарҷума шудаанд. "Расоили форсӣ" маҷмуи рисолаҳои Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мебошад, ки зери таҳрири Муҳаммад Сурури Мавлоӣ ба нашр расидааст. Мо дар мақолаи мазкур ибораҳои изофии сифатиро дар асоси маводи рисолаи "Чилуду фасл" мавриди баҳси хеш қарор додаем ва аз рӯйи мавқеи ҷойгиршавии ибораҳо дар рисолаҳои мазкур ҳадафи худро амалӣ гардонидаем. Бояд қайд кард, ки дар рисола ибораҳои сифатӣ аз рӯйи мавқеи истифодаашон таҳлил гардидаанд ва бо такя аз "Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик" ин таҳлилҳо дар як қолаби муайян сурат гирифтаанд.

Ибораҳои сифатӣ пас аз ибораҳои исмӣ гурӯҳи калони ибораҳои синтаксисиро ташкил мекунад. Дар ибораҳои сифатӣ калимаи асосӣ сифат буда, калимаи тобеъ ба ҳиссаҳои гуногуни номӣ тааллуқ дорад. Дар ташкили ибораҳои сифатӣ чунин хелҳои алоқаи синтаксисиро истифода намудаем: алоқаи изофӣ, алоқаи ҳамроҳӣ, алоқаи пешояндӣ ва пасояндӣ, аммо дар ҳоли ҳозир сухан дар бораи алоқаи изофӣ меравад ва дар бораи алоқаҳои дигар дар бобҳои алоҳида маълумот додаем.

Ибораҳои изофии сифатӣ вобаста ба ҷиҳати луғавии ҷузъи тобеъ муносибатҳои объектӣ, масоҳавӣ, замонӣ, маҳдудӣ, дараҷавӣ, таъинот ва монандиро ифода мекунад [5, с.62]. Хусусияти характернокии ибораҳои изофии сифатӣ дар он аст, ки онҳо нисбат ба дигар хелҳои ибораҳои сифатӣ устувор буда, ҷузъи асосӣ ҳамеша пеш аз ҷузъи тобеъ меояд ва маънои асосии калима низ дар қисмати тобеъкунандаи калима меояд, на тобеъшаванда [3, с.26].

Дар осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мо ибораҳои сифатиро низ ба монанди ибораҳои исмӣ аз рӯйи маводи пайдо намудаамон ба қисматҳои сифату исм, сифату сифат, сифату шумора, сифату ҷонишин ҷудо намуда таҳлил намудаем. Дар мақола ва фаслҳои он сухан дар бораи он ибораҳое меравад, ки мавод ва далели исботкунанда дорем, ба мисоли ибораҳои изофии сифатӣ ва гурӯҳбандии он.

Ибораҳои изофии сифат бо исм

1. Муносибати объективиро мефаҳмонанд. Яке аз муносибатҳои маъноие, ки ибораҳои сифатии изофӣ ифода мекунанд, муносибати объект мебошад. Ин хели ибораҳо дар

“Расоили форсӣ” низ ба мушоҳида мерасад ва дар ташкил шудани онҳо ҳамчун ҷузъи асосӣ сифатҳои навъи пур, шарри хеш (бадии хеш), занни бади худ (гумони бади худ) ва ҳамчун ҷузъи тобеъ аз ҳиссаҳои нутқ танҳо исм ба кор бурда мешавад. Гурӯҳи семантикии ҷузъи тобеъ дар ин ибораҳо гуногун аст. Исмҳои конкрет:

اگر از شرق تا غرب **پُُُر درخت** نشانند وهمه را برمسکینان و درویشان و یتیمان وقف کنند... *[17, с.16].*

*Агар аз Шарқ то Ғарб **пури дарахт** нишонанд ва ҳамаро ба мискинон ва дарвешон ва ятимон вақф кунанд...*

در چاه فرو رفت و موزهٔ خود **پر آب** کرد و برآورد.

*Дар чоҳ фурӯ рафт ва мӯзаи худро **пури об** кард ва бароварда [17, с.12].*

2. Муносибати ҳолат бо тобишҳои эҳсосӣ. Доир ба ин гурӯҳи таснифи ибораҳо, мутаассифона, мисол пайдо карда натавонистем, аммо бинобар сабаби маҳдуд накардани ақидаи назариявии хеш доир ба ҳамин хусусияти ибораҳои сифат бо исм гуфта мегузарем.

3. Муносибати ҳаҷму андоза. Дар осори мазкур ин навъи муносибат дар шакли сифату исми маънӣ омадааст:

دل پیر همیشه خوان باشد در دوستی دنیا ودرازی آرزو.

*Дили пир ҳамеша ҷавон бошад дар дустии дунё ва **дарозии орзӯ** [17, с.4].*

یعنی از **کوتاهی آرزو**.

*...Яъне аз **кӯтоҳии орзу** [17, с.4].*

به سبب **کوتاهی آرزو** یا لاجرم هر چه در عالم غیب است بر و عیان می‌آید.

*Ба сабаби **кӯтоҳии орзӯ** то лоҷарам ҳар чӣ дар олами ғайб аст, бар ӯ айён меояд [17, с.4].*

Дар мисолҳои боло доир ба калимаҳои “дарозӣ ва кӯтоҳӣ” ҳарчанде ки дар аввал оварда шудаанд, мо ба он мақсад мисол овардаем, ки ин мисолҳо ҳамон шакли орзуи бешу камро дар назар доранд. Ин ҳамон тарзи саволгузории чӣ гуна орзу мекунадро бо саволгузории “чӣ гуна?” мефаҳмонад.

4. Муносибати замонӣ. Муносибати синтаксисии ин ибораҳо бештар ба маънои луғавии ҷузъи тобеъ вобаста мебошад. Дар ин ибораҳо сифатҳои аслии ҷузъи асосӣ, исм ва таркиби гуногуни исме, ки маънои замонро ифода мекунанд ва ё ба маънои замон алоқа доранд тобеъ мешаванд.

5. Муносибатҳои маҳдудӣ бо тобишҳои объектӣ.

Ин навъи муносибат дар рисолаи мазкур, яъне муносибати маҳдудӣ бо тобишҳои объектӣ, чуноне ки аз номаш мушоҳида мешавад, камистифодааст ва мо танҳо як мисолро мавриди шарҳ қарор додаем:

زیانکارترین مردمان کسی است که اعمال نیک زهد و صلاح و عبادت در **پیش مردمان** ظاهر می‌کند و اعمال بد که از وی حاصل آید از مردومان پنهان دارد.

***Зиёнкортарини мардумон** касе аст, ки аъмоли нек, зуҳд ва салоҳ ва ибодат дар **пеши мардумон** зоҳир мекунад ва аъмоли бад, ки аз вай ҳосил ояд аз мардумон пинҳон дорад [17, с36].*

Дар ин ҷумлае, ки мисол овардаем, ибораи изофӣ бо гурӯҳбандии сифату исм омадааст. Зиёнкортарини мардум ин мафҳуми зараровартарин шахс ба мардум ва ё халқ аст, ки нависандаи он ин мафҳумро дар шакли ибораи дараҷаи баланди услубидошта ва ҳамчунин дорои тобиши маънои мувофиқ ҳамчун сифати дараҷаи олӣ истифода намудааст.

Ибораҳои изофии сифат бо ҷонишин

Ба гурӯҳи ибораҳои сифату ҷонишин, аслан сифатҳои ифодакунандаи хусусияти шахс дохил мешаванд ва дар осори мазкур низ ҳамин чиз пурра дида мешавад. Аз сабаби оне, ки рисолаҳои Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ аксараш муноҷот аст ва боқимонда ҳама ҳикояҳои пандомезе ҳастанд, ки одатан ва мантиқан шахсро (инсонро) дар назар дорад, сифатҳо низ ба ҳамин самт равона гардидаанд ва ҷолибии ҳам осори ӯ ва ҳам омӯхтани ибораҳо дар ин самт дар ҳамин дида мешавад.

Ҳамчунин истифодаи ҷонишин дар ҳама самтҳои тадқиқ равшан ба назар мерасад, зеро худи ҷонишин дар офаридаҳои рисолаҳои Абдуллоҳи Ансорӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Сабаби зиёд истифода гардидани ҷонишинро дар ҳама самтҳои забоншиносӣ ва хусусан иборашиносӣ мо ҳамчун муҳаққиқ дар он мебинем, ки мақсади асосии матни рисолаҳои мазкур дар тарбияи ахлоқии инсон аст. Ансорӣ инсон ва ё шахсро, ки онро аксаран бо калимаи “хеш” ишора менамояд, худи шахси хонанда мебошад. Аз ҳамин ҷост, ки ба ҷойи исм зиёдтар ҷонишинҳо кор фармуда мешаванд.

Мо дар ин кори тадқиқотии хеш ибораҳои сифат бо ҷонишинро бо ҷиҳатҳо ва гурӯҳҳои зерин мавриди тадқиқ ва омӯзиши хеш қарор додаем:

1. **Аз ҷиҳати хислат.** Ба вазифаи ҷузъи асосии ин гурӯҳи ибораҳо сифатҳои ифодакунандаи хислат ва ба ҷузъи тобеъ ҷонишини нафсии хеш омадааст:

سلامت باید خلق اورا از خود تا از "عابدان" بی اگر نتاوانی **شرِّ خویش** دور رداشتن تا از مسلمانان بی.

Саломат бояд халқи ӯро аз худ то аз обидон бӣ (бошӣ), агар натавонӣ, ***шарри хеш*** *дур доштан то аз мусалмонон бӣ [17, с.10].*

و تو محروم گشتی به **ظنّ بد** خویش.

…ва ту маҳрум гаштӣ ба **занни (хислати) бади хеш** *[17, с.68].*

Дар мисолҳои боло ибораҳо аслан аз рӯйи маъно ва хислат таҳлил гардидаанд, яъне дар ҳардуи ҷумла низ мақсади нигоранда амали бад ва ё рафтори бади инсонро дар назар дорад ва ин ҳамон ибораи маъмули одами бад аст, ки бо тобишҳои грамматикӣ ва луғавии каме дигаргун истифода гардидааст.

2. Аз ҷиҳати ҳолат:

"دین" را بر "هوا" غالب داشتن باید تا از "معصومان" بی ا رنتوانی **ناتوانایی خود** بدیدن تا از مسلمانان بی.

Динро бар ҳаво голиб доштан бояд, то аз маъсунон бӣ, ар натавонӣ, ***нотавонии худ*** *бидидан то аз мусалмонон бӣ [17, с.9].*

Мисоли фавқро аз ҷиҳати ҳолат таҳлил намудаем, ки ин ҷо ҳолати аслии худи шахс дар назар дошта мешавад.

Доир ба мисоли овардашуда бояд ҳамин нуктаро зикр намоем, ки масъалаи “бӣ” ки натанҳо дар ин ҷумла балки тамоми осори Абдуллоҳи Ансориро фарогир аст, ҳамон шакли кӯтоҳшуда ё ихтисоршуда “бошӣ” мебошад. Ҳами нгуна якчанд калимаҳоро дар шакли ихтисориашон метавонем мушоҳида намоем, ки метавонад як масъалаи алоҳидаи таҳқиқ дар самти хусусиятҳои савтӣ бошад.

3. Муносибати дараҷавӣ бо тобиши маънои ҷудоӣ. Дар ин ибораҳо ҳамчун ҷузъи асосӣ сифатҳои аслии дараҷаи баланди хислатҳои ҳамидаи инсонӣ омадааст ва ҳамчун ҷузъи тобеъ ҷонишини шахсии **“шумо”** истеъмол мешаванд: **бузургвортарини шумо; парҳезгортарини шумо;**

یعنی که **بزرگوارتر شما** نزد الله تعالی **پرهیزکارتر شماست.**

…яъне ки ***бузургвортари шумо*** *назди Аллоҳ (т)* ***парҳезгортари шумост*** *[17, с.32].*

Боиси зикр аст, ки чунин навъи сифатҳо хусусан бо ҷонишинҳои шахсӣ на танҳо дар рисолаи мазкур балки дар тамоми осори Абдуллоҳи Ансорӣ корбаст гардидааст. Худи муносибатҳои мазкур, ки аслан хислатҳои ҳамидаи инсониро дар назар дорад, дар рисола бо дараҷаи қиёсӣ ва бо фарҳангу маданияти волои нивисандагӣ иншо гардидааст. Аз хондани рисолаҳои Ансорӣ шахс қазоват менамояд, ки ӯ чӣ гуна як одами маданӣ ва дорои ахлоқи хуби инсонӣ будааст. Маҳз ҳамин хусусият забони матни Ансориро бо дараҷаи баланди ҳам забонӣ ва ҳам адабиётшиносӣ ба оламиён муаррифӣ намудааст.

4. Аломат ва хусусиятҳое, ки хосси предметанд

Дар мисоли зерин сифати муносибати ашё баръало дида мешавад ва дар ин мисол маротибаи аввал ном ва маротибаи дуюм бошад ҷонишин корбаст гардидааст, ки аз рӯйи қоида ва қолаби ҷумласозӣ ва ибораорой мувофиқи мақсад аст:

نمک چون در جایی که افد شورِ او بتوان بورد.

Намак чун дар ҷое, ки афтад ***шӯрии ӯ*** *битавон бурд [17, с.46].*

5. Муносибати нисбие, ки ба шахс ё ғайри шахс дода мешавад:

Дар ин ҷумла хулқи карим – хислати хубу бузурги олидараҷаи пайғамбарро дар назар дорад, ки ба сифати дараҷаи баланде, ки нисбат ба шахсиятҳои бузург дода мешавад, далолат кардааст. Ибораҳое, ки дар давоми тадқиқ вохӯрдем, доир ба ҳамин масъалае, ки матраҳ гардида истодааст, бисёр бо эҳтироми баланд нисбат ба шахсони бузург мебошад. Ин гуна ибораҳо дар рисолаи мазкур дар ҳама ҷанбаҳои забоншиносӣ дида мешавад, ки бори дигар аз маданияти баланди сухандонии ӯ дарак медиҳад.

Агар ҳайбати Расулаллоҳ (с) муҳтаҷиби ***хулқи карими ӯ*** *наёмадӣ ҳар ки ӯро бубинадӣ аз ҳайбат об гаштӣ ва шайтонро бар пушти замин пеш муавво набудӣ [17, с.146].*

Дар осори Абдуллоҳи Ансорӣ истифодаи ибораҳои сифатӣ бо гурӯҳбандии сифату исм, сифату ҷонишин, басо диққатҷалбкунанда ва каме аҷиб аст, яъне касро водор менамояд, ки осори ӯро мутолиа намояд. Дар хулосаи мақолаи мазкур бояд қайд намуд, ки ибораҳои изофии сифатӣ фақат бо гурӯҳбандии сифату исм, сифату ҷонишин таҳлил

гардидааст, зеро дар бораи гурӯҳҳои дигар мисолҳои кофӣ пайдо накардем. Дар асарҳои ӯ аксари сифатҳо ба шахс тааллуқ доранд ва дар шакли сифатҳои олидараҷае, ки нисбат ба шахс дода мешавад истифода намудааст. Дар баробари оне, ки аксари китобҳои ӯ муноҷотро ташкил додааст ва ситоишу сифатҳои Худованд дар он дарҷ гардидааст, муаллиф тавонистааст гуногунтарин ва ҷолибтарин ибораҳои синтаксисиро дар он истифода намояд, зеро одатан ва аксаран дар муноҷот ҳадаф ба як кас равона мешавад ва ситоишу эҳтиром, талабу сарпаноҳӣ дар шакли муноҷот зиёдтар дида мешавад ва аксар ибораҳо исми маъниянд. Азбаски имдод ба Худованд ва талаби омӯзишу ситоиш мавзуи аввалиндараҷаи муноҷотномаро ташкил додааст, пас ашё нисбатан кам ба назар мерасад, аксаран нисбат додан ба чизест ва ё шабеҳи чизе будан ё ба маконе тааллуқ доштан аст. Бо ҳамин тартибе, ки зикр кардем, ибораҳоро бо тарзҳо ва маъноҳои зерин таҳлил намудаем: **Ибораи изофии сифату исм:** пури дарахт, пури об, нолаи дӯзахиён; сифату ҷонишин: шарри хеш, нотавонии худ, шӯрии ӯ.

Муқарриз: ***Мухторов З.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Абдураҳимов, С. Ибораҳои исмии забони адабии ҳозираи тоҷик / С. Абдураҳимов. – Душанбе: Дониш, 1973. – 159 с.
2. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV. Муҳар. масъул Р. Ҳодизода. Қисми якум. – Душанбе, 1976. – 348 с.
3. Акрамов, М. Ибораҳои сифатии забони адабии ҳозираи тоҷик / М. Акрамов. – Душанбе: Дониш, 1977. – 166 с.
4. Виноградов, В.В. Вопросы изучения словосочетания / В.В. Виноградов // Вопросы языкознания. – М., 1954. - №3. - С.12-24.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои сода. - Душанбе: Дониш, 1986. - Ҷ.2. – 368 с.
6. Камолов Х.М. Ибораҳои изофӣ (дар асоси маводи “Таърихи Табарӣ”-и Балъамӣ) / Х.М. Камолов. – Душанбе, 2001. – 155 с.
7. Қосимова, М.Н. Доир ба ибора дар забони тоҷикӣ / М.Н. Қосимова // Ганҷи сухан. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. - С.104-125.
8. Қосимова, М.Н. Мухтасар оид ба ибораҳои изофии номӣ / М.Н. Қосимова // Ганҷи сухан. – Душанбе, 2013. – С.29-52.
9. Мирзоев, А. Масъалаҳои ибора дар забони адабии тоҷикӣ / А. Мирзоев. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 308 с.
10. Ниёзмуҳаммадов, Б. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Қисми дувум. Синтаксис / Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ниёзӣ. – Сталинобод, 1954. - 237 с.
11. Норматов, М. Забони адабии муосири тоҷик (синтаксис) / М. Норматов. – Душанбе, 2011. – 324 с.
12. Рустамов, Ш. Забони адабии ҳозираи тоҷик (синтаксис) / Ш. Рустамов. – Душанбе: Маориф, 1984. – 324 с.
13. Пешковский, А.М. Русский синтаксис в научном освещении. 7-ое изд. / А.М. Пешковский. – М.: Учпедгиз, 1956. – 450 с.
14. Петерсон, М.Н. Очерк синтаксиса русского языка / М.Н. Петерсон. – М., 1923. – 131 с.
15. Прокопович Н.Н. Словосочетание в современном русском литературном языке: монография / Н.Н. Прокопович. – М.: Просвещение, 1966. – 398 с.
16. Рустамов, Ш. Мушкилоти синтаксис / Ш. Рустамов. – Душанбе: Маориф, 1988. – 339 с.
17. رسائل فارسی. به تصحیح و مقابلهٔ نسخه و مقدمه و فهارس: محمد سرور مولایی. خواجه عبدالله انصاری جلدهای اول. تهران. 1377

ИБОРАҲОИ ИЗОФИИ СИФАТӢ ДАР РИСОЛАИ “ЧИЛУДУ ФАСЛ” АЗ “РАСОИЛИ ФОРСӢ”-И АБДУЛЛОҲИ АНСОРӢ

Яке аз сермаҳсултарин алоқаи синтаксисии ибораҳо дар забони тоҷикӣ алоқаи изофӣ ба шумор меравад. Ибораҳое, ки ҷузъҳои онҳо байни ҳам ба воситаи бандаки изофӣ алоқаи синтаксисӣ пайдо мекунанд, ибораҳои изофӣ ном доранд. Ибораҳои изофӣ на танҳо воҳиди синтаксисӣ, балки воҳиди синтаксисӣ-морфологӣ ба шумор мераванд. Хусусияти грамматикӣ ва маъноии исм имконият медиҳад, ки вай бо алоқаи изофӣ ҳамаи ҳиссаҳои номии нуткро тобеъ гардонад. Ибораҳои сифатии изофӣ дар забони адабии тоҷик хеле серистеъмол буда, муносибати муайянкунандагиро ифода менамоянд. Сифат дар нақши калимаи асосӣ метавонад бо дигар ҳиссаҳои нутқ ба воситаи изофа ибораҳои гуногунмазмун созад, бахусус дар осори Абдуллоҳи Ансорӣ ибораҳои изофие, ки аз сифат сохта шудаанд, аз ҷиҳати мазмуни худ гуногунанд ва маъноҳои гуногунро ифода мекунанд. Дар осори Абдуллоҳи Ансорӣ истифодаи ибораҳои сифатӣ бо гурӯҳбандии сифату исм, сифату ҷонишин, басо диққатҷалбкунанда ва каме аҷиб аст, яъне касро водор менамояд, ки осори ӯро мутолиа намояд. Дар асарҳои ӯ аксари сифатҳо сифати дараҷаи баландро нишон медиҳанд ва, албатта, ба шахс вобаста мебошанд, яъне сифатҳое, ки ба ғайри шахс тааллуқ доранд нисбатан каманд. Дар баробари оне, ки аксари китобҳои ӯ муноҷотро ташкил додааст ва ситоишу сифатҳои Худованд дар он дарҷ гардидааст, муаллиф тавонистааст гуногунтарин ва ҷолибтарин ибораҳои синтаксисиро дар он истифода намояд, зеро одатан ва аксаран дар муноҷот ҳадаф ба як кас равона мешавад ва ситоишу эҳтиром, талабу сарпаноҳӣ дар шакли муноҷот зиёдтар дида мешавад. Азбаски имдод ба Худованд ва талаби омӯзишу ситоиш мавзуи аввалиндараҷаи муноҷотномаро ташкил додааст, пас ашё нисбатан кам ба назар мерасад, аксаран нисбат додан ба чизест ва ё шабеҳи чизе будан ё ба маконе тааллуқ доштан аст. Бо ҳамин тартибе, ки зикр кардем, ибораҳоро бо тарзҳо ва маъноҳои зерин таҳлил намудаем: ибораи изофии сифату исм: пури дарахт, пури об, нолаи дӯзахиён; сифату ҷонишин: шарри хеш, нотавонии худ, шӯрии ӯ.

Калидвожаҳо: забон, синтаксис, ибора, ибораҳои сифатӣ, сифат, ибораҳои исмӣ, ҳиссаҳои нутқ, маъно, сохтор, адабиёт, Абдуллоҳи Ансорӣ, рисолаи адабӣ, наср, пандҳо.

ИЗАФЕТНЫЕ СЛОВОСОЧЕТАНИЯ ИМЕН ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В ТРАКТАТЕ «СОРОК ДВЕ ГЛАВЫ» ИЗ «ПЕРСИДСКИХ ТРАКТАТОВ» АБДУЛЛАХА АНСАРИ

Одной из самых продуктивных синтаксических связей словосочетаний в таджикском языке является изафетная связь. Фразы, слоги которые синтаксически связаны друг с другом изафетом, называются изафетными словосочетаниями. Изафетные словосочетания являются не только синтаксической единицей, но и синтаксико-морфологической единицей. Грамматическая и семантическая природа имени существительного позволяет ему подчинить все именные части речи изафетными связями. Изафетные словосочетания имен прилагательных очень распространены в таджикском литературном языке и выражают определительные отношения. Прилагательное в роли основного слова может образовывать различные значения с другими частями речи посредством добавления, особенно в произведениях Абдуллы Ансари, дополнительные выражения, образованные от качественных прилагательных имеют разное значение. В трудах Абдуллы Ансари использование словосочетаний с прилагательными, классификация прилагательных и существительных, прилагательных и местоимений, интересно немного необично, то есть заставляет внимательно изучить его труды. В его произведениях большинство прилагательных показывают высокую степень качествы прилагательного и, безусловно, взаимосвязаны с человеком, то есть прилагательные, не связанные с лицом, встречаются относительно редко. Несмотря на то, что большинство его книг противоречивы и отражают восхваление и атрибуты Бога, автор умел использовать самые разнообразные и интересные синтаксические выражения, ведь обычно молитва направлена на одну личность и восхваление, просьба убежище приводится в виде молитвы (муноджота). Поскольку мольба к Богу и просьба о достижении знаний и хвалы были основными темами молитвы (муноджота), то вещи встречается относительно редко, часто приписывают их к чему-то, подобию чего-то или принадлежащему месту. В том же порядке мы разобрали выражения в следующих формах и значениях: изафетные словосочетания существительных и прилагательных - полно деревьев, полно воды, стоны ада; прилагательное и местоимение: зло и слабость, дикость.

Ключевые слова: язык, синтаксис, словосочетания, прилагательные, словосочетания имен прилагательных, именные словосочетания, части речи, значение, структура, литература, Абдуллах Ансари, литературный трактат, проза, совет.

IZAPHET PHRASES OF ADJECTIVES IN THE TREATISE "FORTY-TWO CHAPTERS" FROM "PERSIAN TREATIES" BY ABDULLAH ANSARI

One of the most productive syntactic connections of phrases in the Tajik language is the isafet connection. Phrases, syllables that are syntactically connected with each other by isafet, are called isafet phrases. Isafet phrases are not only a syntactic unit, but also a syntactic-morphological unit. The grammatical and semantic nature of the noun allows it to subordinate all the nominal parts of speech with safe connections. Izafet phrases of adjectives are very common in the Tajik literary language and express a defining attitude. An adjective in the role of the main word can form different meanings with other parts of speech by adding, especially in the works of Abdullah Ansari, additional expressions formed from quality are different in content and have different meanings. In the works of Abdullah Ansari, the use of adjective phrases with the classification of adjectives and nouns, adjectives and pronouns, looks very interesting and a little strange, that is, it makes you carefully study his works. In his works, most of the adjectives show a high degree of the adjective and, of course, are related to a person, that is, adjectives that are not related to a person are relatively rare. Despite the fact that most of his books are contradictory and reflect the praise and attributes of God, the author was able to use the most diverse and interesting syntactic expressions, because usually and often prayer is directed to one person and praise, request and refuge are given in the form of a prayer (munojota). Since the prayer to God and the request for knowledge and praise were the main themes of prayer (munojota), things are relatively rare, often attributed to something, the likeness of something or belonging to a place. In the same order, we analyzed expressions in the following forms and meanings: isafet phrases of nouns and adjectives: full of trees, full of water, groans of hell; adjective and pronoun: evil and weakness, wildness.

Key words: language, syntax, phrases, adjectives, adjective phrases, nominal phrases, parts of speech, meaning, structure, literature, Abdullah Ansari, literary treatise, prose, advice.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Тоҷиддинзода Парвина*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиё.Рудакӣ, 17. Тел.: **(+992) 988-12-45-40; 884-80-19-19**
Усмонова Мунаввара Холиқовна - Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯч.Муҳаммадиева, 17/6. Тел.: **(+992) 555-57-91-19**

Сведение об авторах: ***Тоджиддинзода Парвина*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 17.
Тел.: **(+992) 988-12-45-40; 884-80-19-19**
Усмонова Мунаввара Холиковна – Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, кандидат филологических наук, доцент, заведующая кафедрой таджикского языка. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. Тел.: **(+992) 555-57-91-19**

Information about the authors: ***Tojiddinzoda Parvina*** - Tajik National University, post-graduate student of the Department of History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 988-12-45-40; 884-80-19-19**
Usmonova Munavvara Kholikovna - Tajik State Institute of Languages. S.Ulugzoda, candidate of philological sciences, associate professor, head of the Tajik language department. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Str., Muhammadiev, 17/6. Tel.: **(+992) 555-57-91-19**

УДК: 491.550-3

ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ УСТУВОРУ НОУСТУВОР ДАР «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»-И ҶАЛОЛУДДИНИ РУМӢ

Иғболов О.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар замони муосир бештар ба таъсири ҳамдигарӣ ва алоқамандии забонҳо, яъне ба омӯзиши муқоиса диққати калон дода мешавад, чунки тадқиқоти ин масъалаҳо имкон медиҳад, ки ҳолатҳои сохти луғавӣ ва хусусиятҳои дохилии қонуниятҳои инкишофи забонҳои таҳқиқшавандаро омӯзем. К.Д. Ушинский нақши калон доштани муқоисаро ҳангоми омӯзиши забон қайд карда мегӯяд, ки муқоиса манбаи асосии ҳар як фаҳмиш, дарк ва мақсад буда, мо ҳақиқатро танҳо бо роҳи муқоиса дарк мекунем [10, с.7]. Бинобар ин, муқоисаи маводи забонӣ ҳатто дар раванди таълим муфид аст.

Оид ба зарбулмасалу мақолҳои халқи тоҷик баъзе ақидаҳои хусусияти умумидошта аз тарафи Т.Зеҳнӣ, Е.Э. Бертелс, Н.Маъсумӣ, Б.Ғафуров, В.Асрорӣ, Б.Тилавов, М.Фозилов, Қ.Ҳисомов баён шудаанд. Зарбулмасалу мақолҳо маъно ва мазмуни муайянро дар матн соҳибанд. Аз ин ҷо масъалаи омӯзиши зарбулмасалҳоро, ки оммафаҳм ба миён ояд, дар тадқиқотҳои А. Мирзоев, З. Воҳидов, М. Фозилов, С. Норматов дида мешавад.

Маълум аст, ки зарбулмасалу мақолҳо яке аз дурдонаҳои арзишманди халқ мебошанд ва дар ҳар мавриду замон аз тарафи шоирону нависандагони табақаҳои гуногуни аҳолӣ гуфта шудаанд ва дар байни мардум паҳн шуда то кунун арзи вуҷуд доранд.

Адабиётшиноси асри IX Муҳаммад Родуёнӣ зикр мекунад, ки истифодаи зарбумасалу мақолҳо ва эҷод кардан ба шоирону нависандагони пеш ва ин давра анъана шуда буд.

Ҳар кас осори Ҷалолуддин Мавлоно Балхӣ мутолиа кунаду ба мазмуну мундариҷаи он ошно гардад, ба ҷаҳони аҷоиби забони осори ӯ ворид мешавад, дар пеши назари ӯ шоире қомат меафрозад, ки дар асри худ дар инкишофи забони адабии мо нақши муҳиме дорад.

Вай дар Балх зода шуд ва дар он ҷо ба марҳалаи навҷавонӣ даррасид. Ва ҳанӯз ба марҳалаи пухтагӣ нарасида буд, ки бо омад-омади лашкари муғул падараш бори сафар баст ва Румӣ бо бузургтарин абармардони рӯзгораш вохӯрд. Ин сафар ногузир рӯйи ӯро дар омӯхтани фарҳангҳои дигар пуршаранг кард ва набуди анбозиёни кӯю барзанаш, шояд бузургмодарони ҳампайванди қиссапардозаш, ки рӯҳ ва машоми Ҷалолуддинро аз атри дилпазири қиссаҳо ва афсонаҳои шуниданӣ, чистонҳо ва масалҳо, сурудҳо ва таронаҳо, боварҳо ва шугунҳои гуногуни мардумӣ лабрез мекард, ки баъдтар ин рудбори полудаи боварҳо ва донистаниҳои мардумӣ дар бистари навиштаҳо ва осори гаронбаҳо ва фононопазираш бедареғ ҷорӣ шуд. Аз сӯйи дигар сафарҳои солҳои пухтагӣ, дидор аз мадориси Низомия ва зиёрати хонаи Худо ошноӣ боварҳои мардумони сарзаминҳои дигар дар такмили донистаниҳои Мавлоно нақш дошт, ки таҷоруб ва ишқҳои пай дар пайи бо азизони чун Салоҳиддини Заркӯб ва Ҳисомиддини Чалабӣ ва Шамсиддини Табрезӣ дар таккомули руҳӣ ва зеҳнии Мавлоно асаргузир буд ва дониши мардумшиносии вайро беҳтар месохт, ки баъд дар лобалои дафтарҳои Маснавӣ инъикос ёфт ва онро монанди шаҳре сохт, пур аз одамҳо, шуғлҳо ва боварҳо, ки дар канори ҳам дар “Маснавӣ” зиндагӣ карданд, Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ то кадом андозае ба дониши авом шавқу рағбат доштааст. Ин дониш, ки шомили таронаҳо, афсонаҳо, ривоятҳо, қиссаҳо, чистонҳо ва зарбулмасалҳоро дарбар мегирад ва чизе аз фаровардаҳои зеҳнии оммаи мардум аст. Дар ҳақиқат онро метавон яке аз даричаҳои доноист, ки аз ин маҷро аз ҳуввияти воқеии мардум, таърихи онҳо, забон ва тамаддун, гунаи бинишашон огоҳӣ ба даст оварад. Тасаллути Мавлоно ба забони форсӣ ӯро қодир месозад, то аз зарбулмасалҳо суд ҷӯяд, аз ин ҷо аст, ки осори Мавлоно ойинаи тамомнамоӣ фарҳангӣ, ба вижа зарбулмасалҳо аст.

Таҳқиқи зарбулмасал ва мақолҳо дар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ нишон медиҳад, ки онҳо метавонанд **устувор** (мустақим) ва **ноустувор** (ғайримустақим) ё аксар вақт **бо роҳи ишора** ба кор бурда шаванд.

Тарҷумаи комил матни аслро пурра муаррифӣ менамояд ва дар баробари ин, бояд маънии онро халалдор насозад, маънои ибораву калимаҳо дар ҳар ду забон пурра мувофиқат кунанд.

Миқдори зарбулмасал мақолҳои бидуни тағйир ва ба гунаи мустақим камтаранд, аммо Мавлоно онҳоро бо як шоҳкории калон ба риштаи назм даровардааст. Масалан:

Хуст ӯро, то-ш чун банда бувад,
Лоҷарам **ҷӯянда ёбанда** бувад [8, с.52].

He sought him, that he might be as a slave to him: inevitably **the seeker is a finder** [13, с.78].

Тарҷумаи таҳтуллафзӣ дар нигоҳ доштани ҷузъҳои шаклӣ ва семантикии матни асл ва ифодаи он дар забони дигар ба кор бурда мешавад. Тарҷумаи нусхабардории ҳарф ба ҳарф ба вайрон кардани саҳеҳӣ ва нозукии воҳидҳои фразеологии дохили зарбулмасал ва мақолҳо оварда мерасонад. Тарҷумаи Николсон таҳтуллафзӣ аст ва бисёр хуб мешуд, агар ӯ дар мисраҳое, ки зарбулмасалу мақолҳо омадаанд, муодили онҳоро истифода мебурд. Масалан, дар тарҷумаи мисраи дуюми байт ба ҷойи **the seeker is a finder** зарбулмасали тайёри забони англисӣ **Where there's a will, there's a way** -ро, ки ҳанӯз аз соли 1640 инҷониб дар фолклори мардумӣ вуҷуд дорад, истифода мебурд боз ҳам гуворотар садо медод [13, с.324].

Оқибат **ҷӯянда ёбанда бувад**,
Ки фарағ аз сабр зоянда бувад [8, с.574].

In the end **seeker is a finder**, for from patience joy is born [13, с.69].

Тарҷумаи таҳтуллафзӣ на ҳама вақт натиҷаи дилхоҳ медиҳад, зеро ҳангоми калима ба калима тарҷума кардан обуранги бадеӣ, хусусиятҳои миллӣ аз даст мераванд ва тобишҳои маъноии зарбулмасал ва мақолҳо дар матни тарҷумавӣ равшан ифода намегарданд.

Гар гарону гар шитобанда бувад,
Он кӣ **ҷӯяндаст ёбанда бувад** [8, с.240].

Whetheқ one be slow oқ speedy (in movement), he that is **a seeker will be a finder** [12, с.109].

Nothing is impossible to a willing heart [4, с.136].

Ин мақол дар байни мардум бо вариантҳои гуногун **Ҷӯянда ёбанда, ҷӯянда ёбанда аст** хело маъмул аст [7, с.153]. Дастрас намудани чанд варианти як асари халқӣ имконият медиҳад, ки дар асоси таҳлили текстологӣ дараҷаи устувории матнҳои ҳар як зарбулмасалу мақолро ба андозаи зарурӣ муайян намоем.

Яке аз хусусиятҳои зарбулмасалу мақолҳои мустақими он аст, ки агар ҷойи мисраҳо иваз карда шаванд ҳам маъно ва мазмуни байт тағйир намеёбад. Дар зарбулмасал ва мақолҳо мо бештар ҳодисаи ҷойивазкунии мисраҳоро дида метавонем: Масалан, дар «Куллиёти халқи тоҷик» таҳти рақами Т021 зарбулмасали

Мулло бошӣ такрор кун,
Деҳқон бошӣ шудгор кун [7, с.41].

ё баръакс агар ҷойҳои мисраҳоро иваз кунем ҳам маънои он тағйир намеёбад **Деҳқон бошӣ шудгор кун,**

Мулло бошӣ такрор кун омадаст, ки устувории мисраҳои ин жанрро нишон медиҳад **"Being a mulla – make repetition, Being a peasant – do ploughing"** [7, с.107], **Оташ бе дуд намешавад, дуд бе оташ** ё

Дуд бе оташ намешавад, оташ бе дуд ва ғайраҳо.

Пештар қайд кардем, ки паремиологи амрико, Арчер Тейлор дар хусуси устувории зарбулмасалу мақолҳо ақидаи худро иброз намуда мегӯяд, ки то ҳол ҳеҷ яке аз хусусиятҳои онҳо то охир кушода нашудаанд ва ба фикри мо яке аз хусуиятҳояш ҳамин устувории онҳо мебошад.

Р.Амонов дар ин хусус чунин менависад: «Намин чиз аён аст, ки Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ хислатҳои асарҳои халқиро истифода намуда, такмил ва сайқал дода, ба халқ баргардонидаанд ва бо ин роҳ дар инкишофи лирикаи халқи тоҷик нақши муҳим бозидаанд» [2, с.353]. Намин омил чандин маротиба такрор шуда, дар натиҷа зарбулмасал ва мақолҳо ба дараҷаи **устувории** ҳозираашон омада расиданд [9, с.557-561].

Масалан, Румӣ дар байти зер моҷарои гуфтушуниди Мӯсо алайҳиссалом бо Худованд ва сипас дидор талабидани ӯ дар ояи 143 ва сураи Аъроф омадааст, дар байти зер ҳамчун зарбулмасали устувор ба қалам додааст:

Муҳаммад «дидан»-у Мӯсо «шунидан»,
Шунидан кай бувад монанди дидан? [Гузидаи «Фиҳи мо фиҳӣ», 194-195]. Дар китоби «Oxford Dictionary of Proverbs» омадааст **«Seeing is bleaving»** [12].

Ва чун Мӯсо ба ваъдагоҳ омад ва Парвардигораш бо вай сухан гуфт, Мӯсо арз кард: Парвардигоро, худро ба ман намой, то дар ту бингарам. Худованд фармуд: {аргиз маро нахоҳӣ дид. Мӯсо, ки лақаби «калимуллоҳ» гирифта буд, пайравони ӯро ба ҳамин муносибат калимӣ мегуфтанд-рамзе аст аз мартабаи шунидани каломи илоҳӣ, чунон ки ҳатто вақте ба ривояти Қуръон, Худованд дар водии мубораки Айман бар дарахт тачалло кард, ба «гӯш»-и Мӯсо аз дарахт нидо расид, ки манам Парвардигори якто.

Дид сад чандон, ки васфаш карда буд,
Кай бувад худ дида монанди шунуд? [8, с.548].

Муодили он **Шунидан кай бувад монанди дидан?** [6, с.323] мебошад.

He saw (heқ to be) a hundқed times a beautiful as he (the in foқmeқ) had descқibed heқ: how in soothe **should seeing be like hearing?** [13, с.465].

Бамаврид мебуд, агар Николсон зарбулмасали **«Believe nothing of what you here, and only half of what you see»** истифода мебурд. “The Democқatic candidates aқe lined up, and they aқe making hot and heavy pitched foқ ouқ votes. But, as the old saying goes, **believe half of what you see and none of what you hear**” – Нисфи он чизеро, ки мебинӣ бовар кун, нисбати он чизе, ки мешунавӣ (И.О.) [15].

Ҳарчанд гӯяндагони (эҷодкунандагон) нахустини зарбулмасал ва мақолҳоро муайян кардан душвор аст, вале ба забони адабӣ гуфта шудани қисми зиёди матнҳои омӯхташаванда нишон медиҳад, ки зарбулмасалу мақолҳо бештар ба забони умумихалқии адабӣ гуфта шудаанд. Бо мурури замон онҳо дар байни мардум васеъ паҳн шуда, қисман аз тарафи шоирон ва нависандагон таҳриру такмил додашуда боз ба халқ баргардонида шуд.

Дар ҳақиқат зарбулмасалу мақолҳо фишурдаи маъниест, ки аз ҳикмати халқ берун омадааст. Ба ақидаи В.Г. Белинский, мақолу забумасалҳои мардумӣ худ асосу пойдевори назм ва ё беҳтараш саршавии якумин марҳилаи ибтидоии назм мебошад; вале масал дар муқоиса ба мақолу забумасалҳо- мегӯяд ӯ, - баландтарин офарида, назми олӣ ва ё мақолу забумасалҳои мардумие мебошанд, ки ба ташаккули ниҳоӣ расидаанду дигар волотар аз ин имкон надорад**.** Дар зарбулмасалҳо образи предмету воқеаҳо, воситаи жанрҳои адабии тавсиф, ташбеҳ, киноя, истиора, маҷоз ва дигарҳо ифода меёбанд.

Зарбулмасали машҳури тоҷикии **«Моҳӣ аз сар гандад на зи дум»,** ки ҳанӯз дар эҷодиёти шоирони классик дучор мешавад, дар забони англисӣ низ аз **соли 1581 G.Pettie tr.** S. Guazzo’s Civil Conveқsation III. 51. If the pқoveқbe be tқue **that a fishe beginneth first to smell at the head**… ба забони англисии асримиёнагӣ арзи вуҷуд карда ва баъдтар бо баъзе тағйиротҳои орфографӣ ба шакли **A fish begins to stink from the head** [3, с.82], **The fish always stinks from the head downwards** [12, с.113] ба миён омад ва маънояш **The freshness of a dead fish can be judged from the condition of its head.** (Тоза будани моҳии мурда аз ҳолати сари ӯ муайян карда (ҳукм бароварда) мешавад) Thus, when the **r**esponsible pa**r**t (as the leade**r**s of a countr**y**, etc.) is **r**otten, the **r**est will soon follow буда дар забони тоҷикӣ дар шакли зайл тарҷума мешавад: Тоза будани моҳии мурда аз ҳолати сари ӯ муайян карда (ҳукм бароварда) мешавад. Пас, ҳангоме ки қисми мутасаддиён (масъулон) чун роҳбарони ҳукумат (давлат ва ғайраҳо) фассод бошанд, дигарон (ҷамъият) низ ба онҳо пайравӣ хоҳанд кард (И.О.).

Нафси аввал ронд бар нафси дувум,
Моҳӣ аз сар ганда бошад на зи дум [8, с.294].

ё:

«… Об аз сар тира аст эй хирачашм,
Пештар бингар, яке бикшой чашм» [8, с.386].

Маънои он, яъне корҳо аз аввал хуб нестанд ва дар байни авом бо муодилҳои **Об аз боло лой аст** (3), **Ов аз сар ой** (7) [7, с.185], [Калонтаров, 239], **Моҳӣ аз сар бӯй мегирад**. Дар «Маснавии маънавӣ» миқдори зарбулмасалу мақолҳои мустақим башумор аст: 89/2905, 141/870, 487/1680, 379/1480, 379/1485, 389/1365, 570/425, 346/170, 536/3450, 661/4050 ва ғайраҳо мушоҳида мешавад.

Матни зарбулмасал ва мақолҳо нисбат ба дигар жанрҳо нисбатан устувор аст, лекин устувории мутлақ дида намешавад. Б. Тилавов баъди ҳаматарафа омӯхтани бадеиёти зарбулмасал ва мақолҳои халқии тоҷик баъзан ҳодисаҳои ғайримустақимии (ноустуворӣ) баъзе аз зарбулмасалу мақолҳоро ошкор кард ва чӣ тавр сурат гирифтани таъсири адабиёти хаттиро ба зарбулмасалу мақолҳои халқӣ ба таври муайян нишон дод [2, с.353].

Ноустувори зарбулмасалу мақолҳоро чунин маънидод кардан мумкин аст, ки сохти дохилии он, яъне калимаву ибораҳои он ҷояшонро тағйир медиҳанд, аммо маъно барҷо мемонад.

Uайримустақим истифода бурдани зарбулмасал ва мақолҳо дар эҷодиёти шоирону нависандагони адабиёти классикии форсу тоҷик ин ҳодисаи муқаррарӣ буд. Аз ҷумла, дар «Маснавии маънавӣ» миқдори зиёди чунин зарбулмасалу мақолҳоро мушоҳида кардем: 338/4785, 434/3620, 458/595, 477/1275, 550/3995, 285/2765, 645/3435, ки устувории онҳоро талаботи назм вайрон кардааст.

Марди ғарқагашта ҷоне меканад,
Дастро дар ҳар гиёҳе мезанад [8, с.62].

The dқawing man suffeқs an agony of soul and **clutches at every straw** [13, с.99].

Тарҷумаи байти болоӣ ба зарбулмасали **A drowning man will catch (clutch) at a straw** [4, с.17] бисёр мувофиқ омадааст, чунки дар забони англисӣ дар баъзе ҷойҳои феълҳои **to clutch** ва **to catch**, ки ба ҳам синониманд, якдигарро иваз карда меоянд ва маънӣ тағйир намеёбад. **1915** Conrad *Victory* IV. VIII. Wang seemed to think my insistence…veқy stupid and tactless. But **a drowning man will catch (clutch) at a straw** [12, с.84]. Одами ғарқшуда ба ҳар хасу хошок мечаспад.

З-он ки ӯ дар хона, ақли ту ғариб,
Бар дари худ саг бувад шери маҳиб [8, с.280].

Муодили зарбулмасали **«Мӯр дар хонаи худ ҳукми Сулаймон дорад»** мебошад.

(It prevails) because it is at home, (while) your intellect is a stranger: **the dog in own door is (like) a terrible lion** [13, с.283]. Дар забони англисӣ муодили он зарбулмасали **«Every dog is a lion at home»** аст.

Дар адабиёти классикӣ шоирону нависандагон зарбулмасалу мақолҳоро на танҳо дар қолабҳои комил ё тағйирёбанда, инчунин дар қолабҳои мазмунан (ишора ба зарбулмасалу мақолҳо) истифода мебурданд. Дар асари назмӣ зарбулмасал ва мақолҳо ба қисмҳо ҷудо шуда ба маънои он ишорат карда мешавад ва дар ин ҳол сохтори грамматикии он тағйир меёбад. Дар «Маснавии маънавӣ» теъдоди чунин ишораҳо ба зарбулмасалу мақолҳо кам нестанд. Масалан: 18/95, 3580, 130/415, 144/1025, 254/1540, 256/1625, 379/1480, 382/1580, 384/1640, 399/2245, 488/1705, 550/3980, 639/3185, 658/396...

Макри шайтон аст **таъҷилу шитоб**,
Лутфи раҳмон аст **сабру иҳтисоб.**

Дар байти зер мақсади шоир ва ишораи он дар мисраи якум ба калимаи калидии **сабр** омадааст, ки ба зарбумасали **Сабр кунӣ, най шакар гардад, шакар қанд - With time and patience the leaf of the mulberry becomes satin** [4, с.143] муодил аст.

Гуфт: «Ганҷе ёфтам, аммо ба **сабр».**

Пурс – пурсон мекашидаш то ба садр [8, с.18].

Бисёр бамаврид мебуд, агар ҳини тарҷума Николсон дар ин мисраъ зарбулмасали **Patience is a plaster foқ all sores**-ро [4, с.143] истифода мебурд, чунки он ҷавобгӯи маънии ишора бар он аст:

“At last”, said he “**I have found a treasure by being patient**” [13, с.9]. Ё дар байти зер шоир ба мақоли **Пушаймонӣ суд надорад** [7, с.126], **Everything comes to him who waits** [4, с.79] ишора кардааст:

Бар гузашта ҳасрат овардан хатост,
Боз н-ояд рафта, ёди он ҳабост [13, с.399].

Мувофиқи матлаб мебуд, агар Николсон дар тарҷума зарбулмасали **There’s no use crying over spilt milk**-ро ба ҷойи ибораи **do not grieve over past** истифода мебурд [4, с.165].

And said, “The second is, **‘do not grieve over** (what is) **past**: when it has passed from thee, do not fell regret for it” [13, с.253].

Обе, ки зи чашм рафт, кай ояд боз? [11, с.155], ≈ Слезами горе не поможешь [3, с.65].

Дар ҷойи дигар бошад Мавлоно ба ҳикояи дафтари панҷум «Вафодории Аёз ва расвоии ҳасудон» такя карда зарбулмасали **Эй Аёз, ҳадди худро шинос, Агар нашносӣ ана чоруқот, ана дос** [Куллиёт, 1986, 230] **(Дар бехудоиҳо худои худро бишнос)** [7, с.230] ё **Поятро ба андозаи гилемат дароз кун!** [11, с.176] мувофиқат мекунад:

Андозаи худро бидон, номе мабар аз гулситон,
Он бас набошад худ туро, к-огаҳ шавӣ аз хори мо [8, с.377].

Чунонки дар рафти тадқиқот мушоҳида кардем, тарҷумаи таҳтуллафзӣ на ҳама вақт натиҷаи дилхоҳ медиҳад, зеро ҳангоми калима ба калима тарҷума кардан обуранги бадеӣ, хусусиятҳои миллӣ аз даст меравад ва тобишҳои маъноии ибораҳои рехта, баъзе калима – реалияҳои миллӣ дар матни тарҷумавӣ дуруст ифода намегардад. Тарҷума на бо усули таҳтуллафзӣ, балки чунин бояд сурат гирад, ки ягонагии мазмун ва образнокии ифода халал наёбад.

Натиҷаи таҳқиқотҳо нишон доданд, ки зарбулмасал ва мақолҳо метавонанд **устувор** (мустақим), **ноустувор** (ғайримустақим) ё бо роҳи **ишора** ба кор бурда шаванд. Агар тарҷумон ба муодилҳои зарбулмасалу мақолҳои забони худ ҳарчи бештар сару кор гирад, маъно ва мазмуни тарҷума натиҷаи дилхоҳ дода, писанди хонандагон мегардад.

Яке аз мушкилиҳои воҳидҳои забонӣ таҳлилу баррасии аз ҷиҳати сохт ва мазмун мебошад. Агар оид ба системаи зарбулмасалҳои тоҷикию англисӣ сухан гӯем, метавон бо боварӣ тасдиқ кард, ки онҳо аз рӯйи ақида фарқ мекунанд, чунки онҳо умуман дар шароитҳои гуногуни таърихӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ ба миён омадаанд. Бояд гуфт, ки онҳо аз рӯйи шароити инкишофи ду халқ ба ҳам мувофиқ намеоянд: вобаста ба сохтори ҷамъиятӣ, аз рӯйи мавқеи ҷуғрофӣ, шароити иқлим ва гуногунии хислатҳои миллӣ [5, с.40-44], дарки забон, мизоҷ, дин, ки ҳамаи ин номувофиқатиҳо албатта инъикос меёбанд. Мақолаи мазкур метавонад каме ҳам бошад дар оянда барои пажӯишҳои нави илмӣ дар самти тарҷума ва хусусиятҳои типологии зарбулмасалу мақолҳо ҳамчун маводи илмӣ хизмат намояд.

Муқарриз: ***Абдулҳадов Ҷ.З.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллозода Р. Зарбулмасал ва мақолҳо дар асарҳои С. Айнӣ / Р.Абдуллозода. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1958. – 102 с.
2. Амонов Р. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик / Р.Амонов. – Душанбе, Маориф, 1983. – 304 с.
3. Гварджаладзе И.С. Английские пословицы и поговорки / И.С. Гварджаладзе, Дж.И. Мчедишвили. – М.: Высшая школа, 1971. – 77 с.
4. Иқболов О. Зарбумасал-мақол–афоризмҳо / О.Иқболов. - Душанбе: ЭР - граф, 2008. – 190 с.
5. Иқболов О.Ш. Шаклгирии баъзе зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / О.Ш. Иқболов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2012. – № 4/6 (97). – С.40-44.
6. Калонтаров, Я.И. Таджикские пословицы и поговорки в аналогии с русскими (Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ ва аналогияи русии онҳо) / Я.И. Калонтаров. - Душанбе: Ирфон, 1965. – 534 с.
7. Куллиёти фолклори тоҷик. – Душанбе, Дониш, 1986. Ҷ. IV. – 322 с.
8. Мавлоно Халолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ. Бар асоси матни Р.Николсон ва муқобила бо нусхаҳои дигар. – Теҳрон: Нашри замон, 2001. – 728 с.
9. Тилавов Б. О роли летературы в развитии таджикских пословиц и поговорок / Б.Тилавов. - Душанбе, 1971, – №16. – С. 557-561.
10. К.Д. Ушинский. Избранное сочинение. Т.2. М., Учпедизд. 1954.
11. Фозилов М. Гулчини зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикию форсӣ / М.Фозилов. – Душанбе: Дониш, 1976. – 374 с.
12. Oxford Dictionary of Proverbs. – Oxford, Oxford University Press, 2004. – 370 p.
13. Masnavi I Ma'navi by Mavlana Jalale-'D-Din Muhammad I Rumi. Translated and abridge by E. H. Whinfield, M. A. The Octagon Press LTD. – London, 1965.
14. The Mathnawi of Rumi, Jalaluddin. Volume 2. Translation and Commentary by Reynold A. Nicholson. – London, 1968.
15. Washington Times, 16 August, A19.

ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ УСТУВОРУ НОУСТУВОР ДАР «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»-И ҶАЛОЛУДДИНИ РУМӢ

Дар осори шоирону нависандагон адабиёти классикии тоҷик шоирону нависандагони истифодаи зарбумасалу мақолҳо мавқеи намоёнеро ишғол мекунад. Барои боз ҳам ширину гуворо шудани фикр ва баёни кӯтоҳи мақсад аз ин ганҷинаи мардумӣ ба таври густурда истифода мекарданд. Зарбулмасал ва мақол дар зинаи баланди тафаккури бадеии халқ ташаккул ёфта, дар ҳаёти маънавии мардум мавқеи муҳимро ишғол намудаанд. Дар адабиёти бадеӣ тамсил ва ҳикояҳое мавҷуданд, ки рукни асосиашонро зарбулмасалу мақолҳо ташкил медиҳанд. Онҳо дар ибтидо каломи бадеӣ буда, дар давоми асрҳо тағйир ёфта ба шакли ҳозираашон омада расидаанд. Шоирон аксарияти вақт калима ва ибораҳоро аз забони халқ гирифтаast. Истифодаи онҳо шояд дар забони мардумӣ пеш аз Ҷалолуддини Румӣ низ арзи вуҷуд доштанд. Тарҷумаи таҳтуллафзӣ дар нигоҳ доштани ҷузъҳои шаклӣ ва семантикии матни асл ва ифодаи он дар забони дигар ба кор бурда мешавад.

Калидвожаҳо: устувор, ноустувор, ишора кардан, лирикаи халқи тоҷик, тарҷумаи таҳтуллафзӣ, хусусиятҳои миллӣ, шароитҳои гуногуни таърихӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ.

УСТОЙЧИВЫЕ И НЕУСТОЙЧВЫЕ ПОСЛОВИЦЫ И ПОГОВОРКИ В “МАСНАВИИ МА’НАВИ” ДЖАЛОЛУДДИНА РУМИ

Использование пословиц и поговорок в таджикской классической литературе занимает видное место. Это сокровище народа широко использовалось, чтобы сделать мысль и выражение цели еще понятнее. Пословицы и поговорки формировались на высоком уровне народного художественного мышления и играли важную роль в духовной жизни народа. В литературе встречаются притчи и рассказы, основными столпами которых являются пословицы и поговорки. Первоначально они были художественным словом и на протяжении веков эволюционировали в нынешнюю форму. Поэты часто заимствовали слова и фразы из народного языка. Они могло использоваться в просторечии до Джалолиддина Руми. Буквальный перевод разрушает структуру фразеологической единицы - пословиц и поговорок.

Ключевые слова: устойчивый, неустойчивый, лирика таджикского народа, подстрочный перевод, национальные особенности, разные историко-культурные и экономические условия.

STABLE AND UNSTABLE PROVERBS AND SAYINGS IN “MASNAVII MA’NAVI” BY JALOLUDDINI RUMI

In the Tajik classical literature the proverbs and sayings occupies a prominent place in the work of poets and writers. This treasure of the people was widely used to sweeten the thought and expression of purpose. Proverbs and sayings were formed at a high level of folk artistic thinking and played an important role in the spiritual life of the people. In literature, there are parables and stories, the main pillars of which are proverbs and sayings. They were originally an artistic word and have evolved over the centuries into their current form. Poets often borrowed words and phrases from the vernacular. Their use may have existed colloquially before Jaloliddin Rumi.

Key words: stable, unstable, referential, lyrics of the Tajik people, verbal translation, national characteristics, different historical, cultural and economic conditions.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Игболов Олимшоҳ Шукурович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 985-55-27-76**

Сведение об авторе: ***Игболов Олимшо Шукурович*** - Таджикский национальный университет, доцент кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки, 17.
Тел.: **(+992) 985-55-27-76**

Information about the author: ***Igbolov Igbolov Olimshoh Shukurovich*** - Tajik National University, Associate Professor of the Department of English Language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17.
Phone: **(+992) 985-55-27-76**

УДК: 43-56

ВИЖАГИҲОИ ИҚТИБОСОТИ ИСТИЛОҲОТИ ҲАРБИИ ЗАБОНИ ОЛМОНӢ

Ғуломова Ф.А.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Истилоҳоти ҳарбии олмонӣ иқтибосоти зиёди гуногунро аз забонҳои дигар, махсусан аз забонҳои фаронсавӣ ва итолиёвӣ, дар давраи баъдиҷангӣ аз забони англисӣ, баъзан аз забонҳои славянӣ дар бар мегирад. Таъсири забонҳои дигар ба истилоҳоти ҳарбии олмонӣ ба таркиби он, ба такроршавии истифодаи ин ё он воҳидҳои лексикӣ ва ба мазмуни истилоҳот назаррас аст. Иқтибосот асосан ба номи воҳидҳои ташкилӣ, рутба ва вазифаи ҳарбӣ, инчунин намунаҳои техникаи ҳарбӣ дахл доранд.

Дар давраи баъдиҷангӣ, аз як тараф, таъсири забони русӣ ба лексикаи ҳарбии забони олмонӣ (ҶДО), аз тарафи дигар, таъсири забони англисӣ ба лексикаи ҳарбии ҶФО мушоҳида карда мешавад, ки он бо хусусиятҳои тараққиёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ин кишварҳо шарҳ дода мешавад.

На танҳо истилоҳоти алоҳида, балки системаҳои истилоҳотӣ низ иқтибос шудаанд, зеро дар сурати мавҷудияти иттиҳоди давлатҳои дорои забонҳои гуногуни миллӣ барои ҳалли масъалаҳои идоракунии ситодҳои муштарак, якҷоя гузаронидани тамринҳо ва машқҳои ҳарбӣ, ифодаи техникаи умумии ҳарбӣ ва принсипҳои ягонаи оперативӣ-тактикӣ муттаҳидсозии системаҳои терминологӣ зарур буд.

Таъсири забони англисӣ, пеш аз ҳама, дар шумораи зиёди иқтибосоти мустақим зоҳир мешавад: **Burnout, Flameout -** аз кор мондани муҳаррик ((реактивӣ) (аз ҳисоби тамомшавии сӯзишворӣ) (прекращение работы (реактивного) двигателя) (по израсходовании топлива); *баҳрӣ* **Crew** – экипажи (ҳайат) баҳрӣ; (номзадҳои афсарӣ [курсантҳо] соли муайяни даъват) (кандидаты в офицеры [кадеты] определенного года призыва).

Аксар вақт шаклҳои омехта–калимаҳои мураккаби аз ҷузъҳои олмонӣ ва англисӣ иборат буда низ вомехӯранд: **Jettreibstoff** - сӯзишворӣ барои муҳаррикҳои реактивӣ (топливо для реактивных двигателей); **Teamarbeit** – омодагии ҷангӣ дар ҳайати ҷузъу том (боевая подготовка в составе подразделения). Таъсири забони англисӣ дар тарҷумаи таҳтуллафзӣ камтар мушоҳида мешавад, масалан: **Drohne** (**drone** англисӣ) - ҳавопаймои бесарнишин (беспилотный летательный аппарат (по аналогии с английским **drone** трутень)).

Дар истилоҳоти ҳарбии ҶДО тарҷумаи таҳтуллафзӣ самараноктар мебошад, вақте ки сохтори семантикии калима ё ибораи иқтибосшуда, бо истифода аз воситаҳои забони олмонӣ ба расмият дароварда мешавад. Дар ин ҷо бисёри иқтибосҳои тарҷумашуда аз забони русӣ истифода мешаванд: **Einzelleiter** –яккасардор (единоначальник); **bewaffnete Kräfte**-Қувваҳои мусаллаҳ (Вооруженные силы); **gefechtsmäige Sicherstellung** - таъминоти ҷангӣ (боевое обеспечение); **motorisierte Schützentruppen**-Қӯшунҳои савораи тирандоз (мототирандоз) (мотострельковые войска и др.) ва ғайра [7, с.272].

Дар истилоҳоти ҳарбии олмонӣ ихтисораҳо (аббревиатураҳо) низ васеъ паҳн шудаанд.

Ҳамаи ихтисораҳои истилоҳоти ҳарбии олмониро аз рӯйи истифодаи онҳо метавон ба ихтисораҳое, ки танҳо дар нутқи хаттӣ истифода мешаванд ва ихтисораҳое, ки ҳам дар нутқи хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ истифода мешаванд, ҷудо намуд.

Бархе аз ихтисораҳои навъи «овозӣ», ки ҳам дар нутқи хаттӣ ва ҳам дар нутқи шифоҳӣ истифод амешаванд, ё калимаҳои аслӣ ҳастанд, ё дар роҳи табдил шудан ба вожаҳои аслӣ қарор доранд. Ин ихтисоротро калимаҳои ихтисоршуда номидан ба мақсад мувофиқтар аст. Дар ин воҳидҳои лексикӣ **(Flak - Flugabwehrkanone, Jabo-Jagdbomber)** дар байни садо ва маънои онҳо робитаи мустақим барқарор шудааст.

Рамзкушоии ихтисораҳои байналмилалии навъи «овозӣ», ки аз забони англисӣ иқтибос шудаанд (**Laser, Napalm, Radar** ва ғайра), метавонад комилан ба ҷойи дуюм гузарад.

Ду намуди ихтисораҳои дар боло зикршуда маҳсули яке аз роҳҳои калимасозӣ буда, худи онҳо низ истилоҳоти нав ташкил карда метавонанд: **Flakausweichmanцver -** манёври зиддимушакӣ (противозенитный маневр); **Jabo-Kette –** звенои авиатсионии қиркунанда-бомбаандоз (истребительно-бомбардировочное авиационное звено); **Maser-Strahl -** нури мазер (луч мазера); **Napalmbombe -** бомбаи авиатсионии напалмӣ (напалмовая авиационная бомба); **Radartarnfarbe**- ранги зиддирадарӣ (противорадиолокационная краска) [12, с.863].

Калимаҳои ихтисоршудаи ба вожаҳои аслии серистеъмол мубаддалшуда, дар ҷумла аз ҷиҳати грамматикӣ мукаммал баромад намуда, мисли исмҳои одӣ тасриф мешаванд ва шакли ҷамъро қабул мекунанд.

Ба калимаҳои ихтисоршуда ҳамчунин калимаҳои буридаи навъи **Akku** – аккумулятор; **Labor –** лабораторияро, ки дар истилоҳоти ҳарбии олмонӣ чандон рушд наёфтаанд, аммо метавонанд ба сифати ҷузъи таркибии калимаҳои мураккаб амал кунанд, низ дохил кардан лозим аст, масалан: **Akkuraum -** аккумулятор; **Labor –** лаборатория; **Heli-Trainer** - дастгоҳи машқи чархбол (вертолетный тренажер); **Info-Zentrum** - маркази иттилоотӣ (информационный центр); **Munidepotkompanie** – ротаи анбори хадамоти таъминоти хӯрокворӣ (складская рота службы боевого питания).

Ихтисори воҳидҳои лексикӣ бештар бо роҳи афтодани як ё якчанд ҷузъи истилоҳи бисёрҷузъа ба амал меояд. Дар ин ҳолат, сохторҳои ба ном эллиптикӣ ба вуҷуд меоянд: **Abschussgewicht (Abschussraketengewicht) -** вазни ибтидоӣ (*мушакҳо*) (стартовый вес (*ракеты)*); **Panzer (Panzerkampfwagen) -** зиреҳпӯш (мошини зиреҳпӯши ҷангӣ) (танк).

Чунин падидаро ҳангоми иваз шудани ҷузъи охирини истилоҳи бисёрҷузъа бо пасванди сермаҳсули**-er** мушоҳида мекунем: **Bomber (Bombenflugzeug) -** ҳавпаймои бомбаандоз (бомбардировщик); **Militärberichter (Militärberichterstatter) -** мухбири ҳарбӣ (военный корреспондент).

Айни замон дар лексикаи ҳарбӣ ихтисороти нопуррае, ки дар онҳо ҷузъҳои якҷузъа, дуҷузъа ё бисёрҷузъаи истилоҳ дар шакли ихтисор (навъи аввал) дода шуда, ҷузъи боқимонда пурра истифода шудааст, васеъ истифода мешаванд: **B-Stelle (Beobachtungsstelle) –** нуқтаи мушоҳидавӣ (наблюдательный пункт); **IR-Zielsuchkopf (Infrarotzielsuchkopf) -** аломати инфрасурхи худнишонагир (инфракрасная головка самонаведения); **KCB-Aufkldrung (Kernstrahlungs-, chemische und biologische Aufkldrung)-** разведкаи радиатсионӣ, химиявӣ ва биологӣ (радиационная, химическая и биологическая разведка); **VTOL-Flugzeug (Vertical Takeoff and Landing Flugzeug) -** ҳавопаймои амудипарвоз ва амудинишин (самолет вертикального взлетаи посадки).

Намуди сохтани **Lande-T-** фуруд, нишаст (посадочное) ҷойи махсусро ишғол мекунанд; **S-Kurve –**каҷи баръакс; гардиши дукарата (обратная кривая; двойной поворот); **X-Antenne** мавҷгири диполӣ бо унсурҳои конусӣ мебошад, ки дар он ба ҳайси як ҷузъ на ихтисораи заминаи лексикии мувофиқ истифода мешавад, балки аломати рамзӣ, ки аз сабаби шабоҳати берунии худ ба объекти тақлидшудаи воқеият имкон медиҳад, ки мафҳумҳое ба қайд гирифта шаванд, ки барои онҳо аломатҳои забонӣ вуҷуд надоранд [4, с.16].

Фарқияти мавҷудаи байни вариантҳои гуногуни минтақавии истилоҳоти ҳарбии олмониро танҳо тавассути омӯзиши синхронии унсурҳои фарқкунандаи онҳо равшан кардан мумкин аст. Қабати умумии воҳидҳои лексикӣ истилоҳоти ҳарбии кишварҳоеро, ки забони расмии онҳо олмонӣ аст, муттаҳид месозад. Ба қабати умумии лексикаи ҳарбӣ, пеш аз ҳама, истилоҳоте дохил мешаванд, ки мафҳумҳои ғайримушаххаси умури ҳарбиро ифода мекунанд ва ба истилоҳоти умуми ҳарбии ба лексикаи маъмулӣ алоқаи ҳамроҳӣ дошта шомил мешаванд. Ба рӯйхати мазкур истилоҳоти зеринро метавон ворид кард: **Angriff-** ҳамла (наступление; атака); **Krieg -** ҷанг (война); **Stab –** ситод (штаб).

Ба қоидаи умумие, ки лексикаи ҳарбии олмонии кишварҳои гуногунро муттаҳид месозад, метавон роҳҳои ғанӣ гардонидани онро низ ворид намуд.

Сарчашмаҳои асосии ихтилоф байни вариантҳои гуногуни минтақавии истилоҳҳои ҳарбии олмонӣ инҳоянд:

1) ба категорияи архаизмҳо гузаштани яке аз вариантҳои минтақавии воҳиди лексикии алоҳида;

2) тағйироти маъноӣ, ки баъзе воҳидҳои лексикӣ дар яке аз вариантҳои минтақавӣ ба онҳо гирифтор шудаанд;

3) фарқияти микросистемаҳои истилоҳотӣ, ки аз хусусияти мафҳумҳои ҳарбии мансуб фаъолияти оперативӣ-тактикӣ ва мутаносибан сохтори гуногуни ташкилии қувваҳои мусаллаҳи давлат ба вуҷуд омадааст.

Фарқияти муҳим дар таркиби истилоҳоти ҳарбии ин давлатҳо инчунин тафсири гуногуни синфии як қатор мафҳумҳои марбут ба илми ҳарбӣ, нигоҳ ва муносибати ин ё он синф нисбат ба ҷанг, андешаи онҳо дар бораи вазифаҳои ҳарбии як синф, давлат ва артиш ҳамчун силоҳи ҷанг мебошад.

Азбаски таҳлили воҳидҳои лексикии дар доираи истилоҳоти ҳарбии олмонӣ тағйироти ҷузъии минтақавиро ошкоркунанда нишон медиҳад, ки онҳо гурӯҳи нисбатан хурдро ташкил медиҳанд. Пас метавон сохтори лексикӣ-семантикии истилоҳоти ҳарбии ҶФО, Швейтсария ва Австрияро ҳамчун зерсистемаҳо дар доираи макросистемаи истилоҳоти ҳарбии олмонӣ ҳисоб кард.

Бо вуҷуди тағйироти назаррас, ки дар лексикаи ҳарбии олмонӣ дар давраи баъд аз ҷанг ба амал омадаанд, ҷавҳари ин лексика то имрӯз боқӣ мондааст ва дар ҳама кишварҳое, ки бо забони олмонӣ ҳарф мезананд, истифода мешавад.

Чун қоида, вариантҳои минтақавии истилоҳот барои ҳар як мутахассиси ҳарбӣ, ки забони олмониро медонад, фаҳмо аст ва ба луғати ресептивӣ (пассивӣ-мафъулӣ) дохил мешавад. Аз ин рӯ, истифодаи истилоҳоти мувофиқ дар ин ё он кишвар афзалтар аст (дар адабиёти расмии ҳарбӣ), аммо ба ҳеҷ ваҷҳ ҳатмӣ нест (барои нашрияҳои даврии ҳарбӣ). Танҳо чанд истилоҳе, ки масалан, бо хусусиятҳои рутбаҳои ҳарбӣ алоқаманданд, истисно мебошанд.

Тарҷумаи истилоҳот донишҳоро дар соҳае, ки тарҷума ба он тааллуқ дорад, дарки маънои истилоҳот дар забони аслӣ ва донистани истилоҳоти забони модарӣ, талаб мекунад. Ҳангоми тарҷумаи адабиёти илмию техникӣ таъсири мутақобилаи истилоҳот бо матн хеле муҳим арзёбӣ мегардад, ки бо шарофати он маънои истилоҳ муайян карда мешавад.

Тадқиқи этимологӣ ба ошкор намудани тағйироти эҳтимолии маъно нигаронида шудааст, ки ба тарҷумон дар интихоби вариантҳои мувофиқтари тарҷума аз нуқтаи назари маъноӣ ва дараҷаи наздик будан ба забони асл, кумак мерасонад.

Тарҷумаи луғатӣ ин тарҷумаест, ки танҳо дар асоси луғатҳо иҷро карда мешавад, вақте ки тарҷумон бо ин ё он сабаб аз имконияти истифода бурдани маълумотномаҳо, монографияҳо, мақолаҳо, ҳуҷҷатҳо ва машварат бо мутахассисон маҳрум мешавад. Амалияи муосири тарҷума усули транскрипсияи амалиро, ки аз интиқоли шакли фонетикӣ бо воҳиди луғавӣ иборат аст, кор карда баромадааст. Транслитератсияи калимаи бегона ин кӯшиши ба қадри имкон интиқол додани шакли садоии он ва транслитератсия – шакли хатии он, зеро шакли графикии калима интиқол дода мешавад.

Тафовути назаррас дар сохтор, фаъолият ва маҷмуи унсурҳои низомҳои забоншиносии забонҳои олмонӣ ва русӣ дар он аст, ки шумораи хеле зиёди истилоҳот бо истифода аз нусхабардорӣ ва ё тарҷума, ба русӣ интиқол дода шудаанд.

Ҳангоми мутолиа ва тарҷумаи матнҳои ҳарбӣ мо бо мушкилоти марбут ба тарҷумаи муносиби истилоҳоти ҳарбӣ рӯ ба рӯ мешавем, зеро дар матни ҳарбӣ истилоҳот фоизи зиёдро ташкил медиҳанд ва дар баъзе мавридҳо ҳатто нисбат ба воҳидҳои луғавии ғайриистилоҳӣ бартарӣ доранд.

Хатоҳои маъмултарин ҳангоми тарҷумаи истилоҳоти ҳарбии олмонии ношинос инҳоянд:

1) русикунонии истилоҳ, дар натиҷаи истифодаи интиқодии нокифоя аз намунаҳои дар лексикаи ҳарбии русӣ мавҷудбуда;

2) нокифоя ошкор намудани моҳияти истилоҳи олмонӣ бинобар сабаби мавҷуд набудани муодили дақиқи русии он;

3) истифодаи тарҷумаҳои тавсифӣ ба ҷойи истилоҳоту муодилҳои мувофиқ;

4) тағйир додани ҳаҷми мафҳум ҳангоми тарҷума;

5) муътадилсозии маънои услубии тарҷумаҳо.

Чор усули асосии муайян кардани маънои истилоҳҳои ҳарбии номаълум вуҷуд дорад:

1) муайянкунии маънои истилоҳ аз рӯйи матн;

2) муайян кардани маънои истилоҳ дар асоси монандии он бо истилоҳи мувофиқи забони модарӣ;

3) муайян кардани маънои истилоҳ дар асоси донистани принсипҳои калимасозӣ;

4) бо истифода аз луғати ҳарбии олмонӣ-русӣ.

Се усули аввали муайян кардани маънои истилоҳи ҳарбии ношиносро дар навбати аввал тавсия кардан лозим аст, зеро онҳо «ҳиссӣ» забонро инкишоф медиҳанд, раванди фикрронириро ба кор меандозанд ва вақтро сарфа мекунанд. Аммо бояд дар назар дошт, ки маъноҳои пайдошуда метавонанд ноаниқ ё ҳатто нодуруст бошанд, илова бар ин, бисёр калимаҳо, махсусан истилоҳоте мавҷуданд, ки маънои онҳоро бо усулҳои номбаршуда

муайян кардан номумкин аст. Аз ин рӯ, дар ҳолатҳои зерин бояд аз луғат истифода бурда шавад:

1) агар воҳиди луғавӣ ношинос бошад ва усулҳои 1-3 барои ошкор намудани маънои он имкон надиҳанд;

2) агар маънои воҳиди луғавӣ шинос бошад ё бо яке аз усулҳои нишондодашуда ошкор шуда бошад, вале дар ҳамон ҳолати муайян ба дурустии маънои пайдокардашуда боварии пурра набошад [9, с.400].

Аз он ҷо, ки ҳар як воҳиди луғавӣ дар ҷумла вазифаи мушаххаси коммуникативиро иҷро мекунад, пас ҳангоми ҷустуҷӯйи варианти дурусти тарҷума аз луғат матни мавриди назар бояд ҳамчун асос қарор дода шавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки равшансозии микроконтекст (мансубияти истилоҳ ба микросистемаи истилоҳотии мувофиқ) бояд пеш аз кор бо луғат сурат гирад.

Албатта, ҳолатҳое низ ҳастанд, ки пеш аз муайян кардани маънои умумии матн (ҷумла) маънои воҳидҳои алоҳидаи луғавии ношиносро муайян кардан лозим меояд. Ин кор бояд вақте анҷом дода шавад, ки калимаҳои ношинос (истилоҳот) калидӣ бошанд ё фоизи зиёдро нисбат ба калимаҳои шинос ташкил диҳанд.

Хусусияти муҳимми сохтории лексикаи ҳарбии олмонӣ истифодаи бениҳоят васеи калимаҳои мураккаб (бисёрҷузъа) мебошад, ки умуман ба забони олмонӣ хос аст. Аксар мафҳумҳои махсусе, ки дар забони тоҷикӣ ва русӣ бо ёрии таркибҳои истилоҳотӣ ифода ёфтаанд, дар забони олмонӣ ҳамчун калимаҳои мураккаб (бисёрҷузъа) ба расмият дароварда мешаванд. Қисми бештари истилоҳот – калимаҳои мураккаб сохтори аз нуқтаи назари маъноӣ шаффоф доранд. Ба чунин калимаҳои мураккаб метавон калимаҳои зеринро шомил намуд: **Begegnungsgefecht** –ҷанги рӯ ба рӯ (встречный бой); **Gasmaske** – ниқоби зидди газ (противогаз); **Luftangriff** – ҳамлаи ҳавоӣ (воздушный налет) [1, с.15].

Дар баробари ин, калимаҳои зиёде ҳастанд, ки дар тарҷумаи онҳо хатоҳо ба вуҷуд омада метавонанд, гарчанде сохтори семантикии онҳоро ба осонӣ муайян кардан мумкин аст. Чунончи, маънои истилоҳи **Gefechtspistole** на «таппончаи ҷангӣ (не боевой пистолет)», балки «зарбазани торпедо (ударник торпеды)» буда, **Frontnachrichtendienst** на «хадамоти алоқаи фронт (не служба связи фронта)», балки «хадамоти иттилоотии фронт (фронтовая информационная служба)» мебошад.

Аз ин рӯ, ба тарҷумаи калимаҳои мураккаб (бисёрҷузъа) сарфи назар аз сода намудани сохтори онҳо, бояд хеле эҳтиёткорона муносибат кард.

Мушкилии муайянеро дар тарҷумаи истилоҳоти ҳарбӣ сермаъноии баъзе истилоҳоти олмонӣ пеш меорад.

Агар ҳангоми тарҷумаи истилоҳи сермаънои **Daten** – хусусиятҳо; маълумот; бузургиҳо (масалан: техникӣ, тактикӣ-техникӣ, парвозӣ-техникӣ) (характеристики; данные (данные (*напр. технические, тактико-технические, летно-технические*); маълумоти муайянкунандаи мазмуни аслии он, муайян кардани ба кадом микросистемаи истилоҳотӣ мансуб будани истилоҳ бошад, пас дар баъзе мавридҳо мансубияти ин истилоҳро ба ин ё он варианти минтақавии истилоҳоти ҳарбии олмонӣ низ ба назар гирифтан лозим аст.

Масалан, истилоҳи аз ҷиҳати маъноӣ мушаххаси **Gegenschlag** дар истилоҳшиносии ҶДО маънои «зарбаи ҷавобӣ» (контрудар), яъне зарбаи аз тарафи қӯшунҳо дар ҷанги мудофиавӣ задашударо дошт ва дар истилоҳшиносии ҶФО-«тайёрии ҷавобӣ» (контрподготовка), яъне зарбаи оташфишонии мудофиавӣ ба дастаҳои ба ҳамла омодашавандаи душман мебошад; **Standortkommandant** - дар истилоҳшиносии ҶФО «коменданти гарнизон» нест, чунонки дар истилоҳшиносии ҶДО аст, балки «сардори гарнизон» [2, с.172].

Хусусияти мухтасари лексикаи ҳарбии муосири олмонӣ ва баъзе принсипҳои тарҷумаи он чунин аст, ки аз тарҷумон таваҷҷуҳи хосса, донистани нозукиҳои нотакрори забонҳои мавриди тарҷума ва ҳатто забони миёнаравро низ хеле хуб ва дар сатҳи касбияти баланд талаб менамояд. Дар ин маврид танҳо мушкилоти алоҳидае, ки метавонанд ҳангоми хондан ва тарҷумаи адабиёти ҳарбии олмонӣ пайдо шаванд, ба таҳқиқу баррасӣ фаро гирифта шуд.

Муқарриз: ***Мусоямов З.М.*** – н.и.ф., дотсенти ДДЗТ

А Д А Б И Ё Т

I. Адабиёти илмӣ

1. Андреев Ю. Интеграция бывшей ННА в бундесвер / Ю.Андреев // Зарубежное военное обозрение, 1991. - № 7. - С.15-16.
2. Комиссаров В.Н. Теория перевода (лингвистические аспекты) [Текст]: учебник для институтов и факультетов иностранного языка / В.Н. Комиссаров. – Москва: Высшая школа, 1990. – С.172.
3. Маслова В.А. Лингвокультурология [Текст]: Учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений / В.А. Маслова. - 2-е изд., стереотип. - М.: Издательский центр ≪Академия≫, 2004. - 208 с.
4. Моисеев А.И. О языковой природе термина / А.И. Моисеев // Лингвистические проблемы научно-технической терминологии. - М., 1970. - С.127-138.
5. Нелюбин Л.Л. Учебник военного перевода. Английский язык. Общий курс / Л.Л. Нелюбин, А.А. Дормидонтов, А.А. Васильченко. – Москва: Воениздат, 1981. – С.16.
6. Нелюбин Л.Л. Введение в технику перевода / Л.Л. Нелюбин. – М.: Изд-во Флинта, 2009. – 216 с.
7. Реформатский А.А. Термин как член лексической системы языка / А.А. Реформатский // Проблемы структурной семантики. - М.: Наука, 1968. - С.103-125.
8. Стрелковский Г.М. Теория и практика военного перевода. Немецкий язык / Г.М. Срелковский. – М.: Воениздат, 1979. – 272 с.
9. Шевчук В.Н. Справочник военного переводчика / В.Н. Шевчук. – СПб.: Изд-во «Русь», 2016. – 400 с.
10. Friedrich Kluge. Etymologisches Worterbuch der deutschen Sprache. Erste Auflage / Kluge, Friedrich. - Trubner, Straburg, 1883.
11. Kreuzer. DWDS – Das Digitale Worterbuch der deutschen Sprache Etymologisches Worterbuch (nach Wolfgang Pfeifer). [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.dwds.de – Загл. с экрана
12. Meyer R.M. Die militarischen Titel / R.M. Meyer // Zeitschrift fur deutsche Wortforschung. - Gottingen, 1910 б. - Bd. 12.
13. Moser, Hugo. Sprachprobleme bei der Bundeswehr / Hugo Moser // “Muttersprache“. - Heft 5. - 1964. - S.129-133.

II. Луғат

14. Военная энциклопедия: В 8-и томах. - М.: Воениздат, 1995. Военный энциклопедический словарь. - М.: Военное издательство, 1983. - 863 с.
15. Немецко-русский военный словарь. Под ред. Л.Ф. Парпарова. - М.: Воениздат, 1978. - 1192 с.
16. Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. - М.: Азъ, 1995. - 915 с.
17. Перепеченуо П.Ф. Das neuste deutsch -russische, russisch - deutsche / П.Ф. Перепеченуо Wörterbuch. - Москва, 2008.
18. Lutz Rzehak. Wörterbuch deutsch-tadschikisch / Rzehak, Lutz. - Berlin, 2010. - 153 с.

ВИЖАГИҲОИ ИҚТИБОСОТИ ИСТИЛОҲОТИ ҲАРБИИ ЗАБОНИ ОЛМОНӢ

Дар замони муосир аксари кишварҳои олам артишро яке аз институтҳои муҳим ва зарури иҷтимоӣ меҳисобанд. Бо ин мақсад зарурияти омӯзиши ҳаматарафаи соҳаи ҳарбӣ, хусусиятҳои тарҷумаи истилоҳоти ҳарбӣ ба вуҷуд меояд. Мақолаи мазкур ба омӯзиши истилоҳоти ҳарбии забони олмонӣ ва мушкилоти тарҷумаи онҳо бахшида шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд аз ҷониби забоншиносон ҳангоми тарҷумаи матнҳои ихтисосашон маҳдуди самти ҳарбӣ истифода бурда шаванд. Омӯзиш ва баррасии истилоҳоти ҳарбӣ ва мушкилоти он ҳангоми тарҷума яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносӣ маҳсуб меёбад. Муҳаққиқ дар мақола дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ такя намуда, даврaҳои ташаккулёбии истилоҳоти ҳарбии забони олмониро баррасӣ намудааст. Инчунин, назаре ба даврaҳои ташаккулёбии лексикаи ҳарбии забони олмонӣ ва масъалаи тарҷумаи он ба забонҳои русӣ ва тоҷикиро дар асоси адабиёти назариявии олимони хориҷӣ асоснок намудааст, ки ҷолиб аст. Доир ба вижагиҳои истилоҳот, истилоҳоти ҳарбӣ хусусан сермаъноӣ, муродифшавии истилоҳот назари олимону мутахассисон гуногун аст. Аммо дар истилоҳоти имрӯза муродифшавӣ мушоҳида мегардад, ки ин падида таҳқиқоти чуқуру илмиро талаб мекунад.

Калидвожаҳо: истилоҳоти ҳарбии забони олмонӣ, хусусиятҳои тарҷума ба забони тоҷикӣ, истилоҳ, ҳарбӣ, лексика, синонимҳо, забон, муқоиса.

ХАРАКТЕРИСТИКИ ЦИТАТЫ НЕМЕЦКИХ ВОЕННЫХ ТЕРМИНОВ

В настоящее время армия считается одним из важнейших институтов общественного строя государств. С этой целью возникает необходимость комплексного изучения специфики военного дела, в том числе военной терминологии. Данная статья посвящена изучению профессиональных военных терминов немецкого языка и проблемам их перевода. Результаты исследования могут быть использованы лингвистами при переводе текстов с ограниченной военной специфики и военного содержания. Изучение и рассмотрение военной терминологии и ее проблем при переводе считается одним из важных вопросов языкознания. В статье исследователь опирался на исторические источники и рассмотрел периоды формирования военных терминов немецкого языка. Инюнина, он рассмотрел периоды формирования военной лексики немецкого языка и вопрос ее перевода на русский и таджикский языки на основе теоретической литературы зарубежных ученых, что интересно. Существуют разные мнения ученых и специалистов о специфике терминов, военных терминов, особенностях значения, синонимичности терминов. Однако в сегодняшней терминологии есть сходство, что это явление требует глубокого и научного исследования.

Ключевые слова: немецкие военные термины, особенности перевода на таджикский язык, термин, военное, лексика, синонимы, язык, сравнение.

CHARACTERISTICS OF QUOTATION OF GERMAN MILITARY TERMS

In modern times, the army is considered one of the most important institutions social life. There is a need for a comprehensive study of the military, the specifics of the military sector, military terminology. This article is devoted to the study of professional terms of the German language and the problems of their translation. The results of the research can be used by linguists when translating texts with limited military specialization. Study and review of military terminology and its problems during translation is considered one of the important issues of linguistics. In the article, the researcher relied on historical sources and discussed the periods of formation of military terms of the German language. Iniunin, he looked at the periods of formation of the military vocabulary of the German language and the issue of its translation into Russian and Tajik based on the theoretical literature of foreign scientists, which is interesting. There are different opinions of scientists and experts about the specifics of terms, military terms, especially the meaning, synonymy of terms. However, in today's terminology, there is a similarity that this phenomenon requires deep and scientific research.

Key words: German military terms, specificity of translation into Tajik, texts, military, vocabulary, synonym, language, compare.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ғуломова Фотима Абдураҳмоновна*** - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, докторант. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33. Тел.: **(+992) 555-57-06-55**

Сведение об авторе: ***Гуломова Фотима Абдурахмоновна*** - Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, докторант. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Саид Носира 33. Тел.: **(+992) 555-57-06-55**

Information about the author: ***Gulomova Fotima Abdurahmonovna*** - Academy of public administration under the President of Tajikistan, doctorate. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Str. Said Nosira 33.
Phone: **(+992) 555-57-06-55**

УДК: 408.6

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ЗАБОНИ РОМАНИ «НИРМАЛА»- И ПРЕМЧАНД

Ёрова С.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аз оғози асри XX дар адабиётҳои Ҳиндустон аз ҷумла, дар адабиёти ҳиндӣ дигаргуниҳои зиёд мушоҳида мешаванд. Ин, пеш аз ҳама, ба вазъи сиёсии мамлакат алокаманд буд. Адибоне, ки дар нимаи дуюми асри XIX таваллуд шуда дар аввалин даҳсолаҳои асри XX ба майдони адабиёт қадам гузошта буданд, хуб огоҳ буданд, ки Ҳиндустони мустамликавӣ дар кадом зинаи инкишофи иқтисодиёт ҷойгир аст ва чи ҳолате дар фарҳангу адаб мавҷуд аст ва адибонро, алалхусус адибони пешқадамро ҳалли кадом масъалаҳои муҳимми иҷтимоиву фарҳангӣ интизор аст. Яке аз маъруфтарин насрнависи адабиёти ҳиндӣ дар асри XX Премчанд (1880-1936) мебошад, ки бо асарҳои ҷолибу замонавии худ дар дили миллионҳо хонандагони Ҳиндустон ва берун аз он таи бештар аз сад сол аст, ки роҳ ёфтааст. Премчанд, ки аз оғози қарни XX навиштани асарҳои бадеиро машқ карда буд, ҳам дар ҳикояҳо ва ҳам дар романҳояш вазъи воқеии мардуми дар истисморбударо бо ҳамон зиндагии пурмашаққате, ки насибашон гашта буд, тасвир менамуд. Асарҳои ин нобиғаи адаб ба забоне эҷод шудаанд, ки онро омехтаи забонҳои ҳиндӣ ва урду гуфтан мумкин аст. Ҳамин боис шудааст, ки даҳҳо муҳаққиқони ҳиндустонию хориҷӣ забони фаҳмо, сода ва гуворо будани асарҳои Премчандро махсус таъкид кардаанд.

Забони ҳиндӣ, забони модарии Премчанд, забонест, ки мардумони гуногунмиллати Ҳиндустонро тавонистааст бе нуқсон басиҷ намояд. Премчанд аз ҷумлаи он адибоне буд, ки дар асарҳои бадеии худ ва дар мақолаҳои ба масъалаҳои забон ва адабиёти ҳиндӣ бахшидааш, ҳамеша ба тозагӣ ва содаю фаҳмо будани забони асари бадеӣ таваҷҷуҳи хос дошт ва ба ин масъала диққати дигар адибонро низ ҷалб мекард. Муҳаққиқи Ҳинд Раҷнатҳ Шарма дар китоби худ «Премчанд» («Premchand») роҷеъ ба забони асарҳои Премчанд ва умуман, муборизаи Премчанд ба хотири тозагӣ, тавоноӣ ва қобили фаҳм будани забони асари бадеӣ, маълумот додааст. Китоби мазкур соли 1956 дар Агра аз чоп баромадааст. Равонӣ ва оммафаҳм будани забони асарҳои Премчандро боз бисёр муҳаққиқони Ҳинд ёдовар шудаанд. Чунончӣ, нависанда ва адабиётшиноси маъруф Шивадансинҳ Чауҳан (1918-2000) дар китоби «Ҳаштод соли адабиёти ҳиндӣ» («Hindi sahitya ke assi varsh») роҷеъ ба забони асарҳои Премчанд маълумот дода, забони асарҳои адибро сода, зинда ва таъсирбахшу пурмаъно гуфта, чунин ба қалам додааст: «Забони асарҳои Премчанд ниҳоят зинда, сода ва дар айни ҳол таъсирбахшу пурмаъно буда, дар адабиёти ҳиндӣ мислу монанде надорад» [12, с.215].

Ҳиндшиноси тоҷик Мумтоз Усмонов (1942-2015) дар яке аз мақолаҳои худ, ки “Саҳаҷ ҳиндӣ ҳамчун намунаи услуби забони ҳикояҳои Премчанд” ном гирифтааст, қайд менамояд, ки: “Саҳми бузурги Премчанд дар он аст, ки ӯ ҳамчун адиби навовар ба арсаи адабиёти ҳиндӣ қадам гузошт. Забони суфтаву равон, шеваи ширин ва оммафаҳми ҳиндӣ, ки ба истилоҳи “саҳаҷ ҳиндӣ” машҳур аст, он низ дар ихтиёри Премчанд буд” [9, с.41]. Дар воқеъ, зери мафҳуми “саҳаҷ ҳиндӣ” забони сода ва оммафаҳмро дарк кардан мумкин аст. Премчанд маҳз ҳамин гуна услубро интихоб намудааст, то ин ки аз ашхоси камсавод то ба ашхоси ба услуби баланди сухангӯӣ одаткарда навиштаҳои ӯро қабули фаҳмиш гуфта тавонанд.

Дар давоми фаъолияти адабии худ Премчанд даҳҳо роман ва беш аз сесад ҳикояҳои ҷолибу замонавӣ навишта, аз тариқи ин асарҳои пурмазмунаш дар таърихи адабиёти навини ҳиндӣ беҳтарин суханвар буданашро нишон додааст. Агар асарҳои дар давраи аввали фаъолияти адабӣ эҷодкардаи Премчандро бо асарҳое, ки дар давраҳои баъдина иншо шудаанд муқоиса намоем, дар онҳо баъзе фарқиятҳо аз ҷиҳати дар бар гирифтани масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва вобаста ба ин тарзи дигари баёни муаллиф мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, ба реализми танқидӣ пурра ворид шудану инъикоси муҳимтарин масъалаҳои доғи замон, ба мисли бадқисматии занҳо ва хонахаробшавии деҳқононро, ки адиб худ шоҳиди ҳамаи онҳо буд, мушоҳида кардан мумкин аст. Дар эҷодиёти Премчанд “Нирмала” (“Nirmala”) гарчанде яке аз романҳои нисбатан хурд мебошад, вале вобаста бо

дар бар гирифтани муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла тақдири зан эътибори зиёд ҳосил кардааст. Дар романи мазкур ҳодисаҳои воқеӣ, ба мисли даҳеҷдиҳӣ, издивоҷи номувофиқ, беҳуқуқӣ, урфу одатҳои зиёновар, ки ҳар кадом аслан ба зиндагии мардуми одӣ иллатҳои зиёд меоранд, реалистона тасвир шудаанд. Ин қиссаи ғамангези як ҷавонзани ҳинду мебошад, ки муҳимтарин паҳлӯҳои зиндагии бисёр кутоҳи ӯро фаро гирифтааст.

Премчанд дар ин асар дар мисоли тақдири Нирмала - қаҳрамони марказии асар, як навъ беҳуқуқии ҷавондухтарони ҳиндуро, ки дар ҷараёни давраи ба шавҳар баромадан ва барпо намудани оила, сияҳрӯзиҳо насибашон шудааст, бо баёни дарду эҳсоси хос ба қалам додааст. Бо мақсади дар ин ё он асар ҳамагуна ҳадафро ифода кардан забоне барои адиб зарур буд, ки хонандаро аз ҳар лиҳоз қаноатманд намуда, бо рангинию пурмаъноии худ зери таъсир гузорад. Романи “Нирмала” (“Nirmala”), ки дар замони аллакай адиби маъруф будани Премчанд иншо шудааст (1923) маҳз аз ҷумлаи ҳамин гуна асарҳои адиб мебошад, ки на танҳо бо мубрамияти мавзуҳои зикршуда, балки бо забони гуворои худ низ писанди қадрдонҳои сухани бадеӣ гардидааст.

Премчанд ҳам ба забони ҳиндӣ ва ҳам ба забони урду таълим гирифта буд. Ва чун забони урду бо сабаби дар зери таъсири забони форсӣ ба вуҷуд омаданаш, калимаҳои форсӣ – тоҷикиро зиёд дар истифода дорад. Адиб дар ин роман ин гуна калимаҳоро фаровон ва бамаврид ба кор бурдааст, ки яке аз намунаҳои онро мо дар чунин як ҷумлаи сода ва кӯтоҳ ба мисли: बाबू उदय भनूलाल का मकान बाज़ार में बना हुआ था - Babu Udai Bhanulaal ka makaan bazaar me bana hua hai, яъне «Макони зисти Удай Бҳанулал дар бозор сохта шуда буд», ки дар он мавҷудияти ду калимаи тоҷикӣ «**макон**» ва «**бозор**» ба назар мерасанд, мебинем. Ҳамчунин дар ҷумлаи «तो मैं क्या तुम्हारा ग़ुलाम हूँ ? - To men kya tumhaara **gulaam** hun», яъне «Магар ман ғуломи ту ҳастам» низ аз чор истилоҳ яктояш «ғулом» форсӣ -тоҷикӣ мебошад. Дар ҷумлаи «ऐसे मर्द और होंगे जो औरतों के इशारे पर नाचते हैं - Aise mard aur honge jo avraton ke ishaare par naachte hen», яъне «Ин гуна мардҳое низ ҳастанд, ки бо як ишораи зан мерақсанд» се калимаи тоҷикӣ дида мешавад, ки ҳам фаҳмишро осон ва ҳам зебоии сухангӯиро бештар кардааст. Инҷо бояд як нуқтаи муҳимро низ шарҳ диҳем. Дар асарҳои Премчанд ва дигар адибони ҳиндизабон зиёд будани калимаҳои форсӣ – тоҷикӣ фаҳмидани ин гуна матнҳоро барои мо тоҷикзабонон осон менамояд, вале ин маънои онро надорад, ки мо ҳамин ҳолатро ба назар гирифта ба чунин хулоса омадаем. Манзур дар он аст, ки калимаҳои форсӣ – тоҷикӣ асрҳо боз дар байни оммаи васеи мардуми Ҳинд дар истифода мебошанд. Барои ҳамин ҳам офаридани асар бо ин услуб доираи хонандагонро васеътар менамояд. Мушоҳида шудааст, ки агар адибон дар асрҳои худ бештар калимаҳои санскритӣ ва англисиро истифода бурда бошанд, аз ҷониби хонандагон гирифтори эродҳои зиёд шудаанд. Бо ин мо гуфтанӣ ҳастем, ки Премчанд дар асарҳояш забонеро истифода бурдааст, ки ба ҳамагон фаҳмо ва қобили қабул аст. Ин хусусияти каломи Премчандро ҳам муосирони Премчанд, масалан Қамар Раис (1932-2009), Ҳансраҷ Раҳбар (1913-1994), Рамвилаш Шарма (1912-2000) ва ҳам муҳаққиқони замони нав, аз ҷумла Камал Кишор Гоянка (тав. 1938), Балин В.И. (1925-1991), Челишев Е.П. (1921- 2020), Усмонов М.А. (1942 - 2015), Раҷабов Ҳ., ва дигарон дар рисолаҳои таҳқиқотии худ зикр кардаанд. Аз ҷумла, академик А.П. Баранников (1890-1956) дар як қатор мақолаҳои худ, ба мисли “Ҳиндустониҳо дар бораи адабиёти рус”, “А.М. Горкий дар Ҳиндустон”, “Тақриз ба тарҷумаи ҳикояҳои Л. Толстой аз ҷониби Премчанд” ва ғайра аз Премчанд ёдовар шуда, забони ниҳоят зинда, образнок ва таъсирбахши ӯро махсус зикр карда, ба хулосае омадааст, ки Премчанд гарчанде қоидаҳои ҳукми қонунӣ гирифтаи забони ҳиндиро риоя карда бошад ҳам, барои оммафаҳм шудани он паёпай талошҳо намудааст [2, с.262].

Ҳамин тариқ, тамоми матни романи «Нирмала» (“Nirmala”) бо ҳамин усул, яъне серистеъмолии калимаҳои форсӣ - тоҷикӣ навишта шудааст. Премчанд дар ин роман кӯшиш кардааст аз санъати гуфтугӯӣ бештар истифода барад. Адиб худ устоди забони англисӣ буд ва дар мактабҳои деҳа аз ин забон дарс мегуфт. Вай мушоҳида мекард, ки дар саросари Ҳиндустон аҳли зиё, хусусан адибон, рӯзноманигорон ва мисли инҳо, ки забони англисиро бомавриду бемаврид истифода мебурданд, бо вуҷуди ин дар асарҳояш аз ҷумла, дар романи «Нирмала» ба зиёд аз зарурат истифода бурдани калимаҳои англисӣ роҳ

надодааст. Ин гуна муносибат нисбат ба забони англисӣ аз як ҷониб нишондиҳандаи он буд, ки Премчанд ватандӯсти воқеӣ аст ва бо камтар истифода бурдан ва ё умуман истифода набурдани калимаву ибораҳои англисӣ ҷонибдори тоза нигоҳ доштани забони модарии худ мебошад. Адиб аз калимаҳои хориҷӣ танҳо ҳамон калимаҳоеро, ки дар луғати забони ҳиндӣ варианти худро надоранд ва кайҳо боз ба фонди луғавии забони ҳиндӣ ворид шудаанду дар забони гуфтугӯӣ, забони матбуот ва забони адибон дида мешаванд, истифода бурдааст. Агар мо ба асарҳои дигар адибони Ҳиндустон нигарем, дар муқоиса мебинем, ки аксарияти онҳо забони ҳиндиро бо зиёд ва бемаврид истифода намудани калимаҳои хориҷӣ ҳусни баёнро коҳиш додаанд, ки ин дар навбати худ то андозае фаҳмиши асари бадеиро душвор мегардонад ва ҳатто баъзан дилгир мекунад ва ниҳоят аз ҳама бад ин аст, ки таваҷҷуҳ ва завқи хонандаро нисбат ба адабиёти бадеӣ коҳиш медиҳад. Премчанд бошад аз калимаҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳои муракабу печидаи душворфаҳм, ки хоси баъзе адибони замони ӯ буд огоҳона канорачӯӣ дорад ва муколамаҳои дилгиркунанда, ки фаҳмидани матнро душвор мекунанд дар тачрибаи кории ӯ ниҳоят кам ба назар мерасанд.

Дар мисоли романи «Нирмала» (“Nirmala”) баръало дидан мумкин аст, ки адиб аз захираи ғании луғавии забонҳои ҳиндӣ, урду ва форсиву арабиро дар мавридҳои зарурӣ хеле моҳирона истифода бурда, забони асарро рангину ҷолиб ва оммафаҳм кардааст. Ва бояд гуфт, ки ин амал нишондиҳандаи он аст, ки Премчанд аз забонҳои форсӣ ва арабӣ хуб огоҳӣ доштааст ва тавонистааст бо истифодаи калимоту ибораҳо аз ин забонҳо забони асари худро дар айни ҳол беосеб ва аз зулми забонҳои дигар эмин нигоҳ дорад. Чунончӣ дар ҷумлаҳои зерин: “ यही सोचते हुए बाबू साहब उठे, **रेशमी चादर** गले में डाली, कुछ रुपये लिये, अपना **कार्ड** निकालकर दूसरे **कुर्ते** की **जेब** में रखा, छड़ी उठाई और चुपके से बाहर निकले। सब नौकर नीन्द में **मस्त** थे। Ё ин ки: पता लगाने में कोई **दिक़्क़त** न हो सकती थी। पर दम-के-दम में सारे शहर में **ख़बर मशहूर** हो जाएगी – Yahi sochte hue Babu sahab uthe, reshmi chadar gale main dali, kuch rupaye liye, apna kard nikalkar dusre kurte ki jeb main rakha, chari uthai aur chupke se bahar nikle. Sab noukar nind main mast the. Pata lagane main koi dikkat na ho sakti thi. Par dam-ke-dam main sare shahr main khabar mashhur ho jayegi [16, c.15] – Маҳз ҳаминро фикр карда ҷаноби Бабу аз ҷой хестанд ва ба гардан шоли абрешимиро партофта каме маблағ гирифтанд. Шиносномаи худро ба кисаи куртаи дигараш гузошта чӯбдасташро гирифту оҳиста аз хона ба берун баромада рафт. Ҳамаи хизматгорон осуда хоб буданд. Касе аз рафтани ӯ хабар наёфт. Аммо дар як лаҳза ин хабар тамоми шаҳрро фаро хоҳад гирифт.

Тавре мушоҳида мешавад, дар ҷумлаҳои иқтибосшуда, илова бар калимаҳои форсиву арабӣ, ба мисли курта, ҷеб, чодар, маст, диққат, шаҳр, хабар, машҳур боз як калимаи англисӣ низ истифода шудааст. Калимаи **“kard - कार्ड”** маъноҳои гуногунро дар бар мегирад ва дар ин ҷумла маънои шиносномаро дорад. Азбаски калимаи **“kard”** аз ҷониби англисҳо дар Ҳиндустон барои истифода пешниҳод шудааст ва ба забони ҳиндӣ ва дигар забонҳои ҳиндустонӣ гунаи худро надорад, соҳибони забонҳои маҳаллӣ онро бидуни тарҷума ба кор мебаранд.

Эҷодиёти Премчанд ҳодисаву рӯйдодҳои зиёди замон, бурду бохтҳои ҳаракатҳои миллӣ- озодихоҳии кишвар, мушкилоти иҷтимоии мардуми заҳматкаш ва дигар масъалаҳои ҳассоси он давронро бо дарку эҳсоси баланди ватандӯстӣ инъикос менамояд. Услуби нигориши Премчанд ва махсусан забони асарҳои ӯ, ки дарҷи рӯйдодҳои муҳими замон мебошанд, аз хазинаи бойи гуфтугӯи мардумӣ манша гирифтааст. Таъсири ҳар навъ рӯйдодҳои сиёсӣ ҳамеша дар осори ҳар як адиб дида мешавад. Муҳим ин аст, ки нависанда то кадом андоза зери таъсири ин рӯйдодҳо монда, боз ба услуби аллакай интихобкардаи худ, ки мақбули хонандагон мебошад, устувор асту онро дар нигориш моҳирона нигоҳ медорад.

Ҳоло аз таҳлилу таҳқиқи ҳарҷонибаи забон ва услуби дигар асарҳои Премчанд, ки бо ниҳоят замонавӣ ва ҷолиб будани худ, дар воқеъ, тадқиқоти муфассалтари ҷудогонаро тақозо менамояд, худдорӣ карда, танҳо бо нишон додани баъзе ҷанбаҳои масъалаи мазкур, мисле ки ишора шуда буд, дар мисоли романи “Нирмала” қаноат мекунем. Интихоби ин

асар аслан аз он лиҳоз аст, ки вай дар миёнаҳои давраи фаъолияти адабии Премчанд офарида шудааст.

Тавре ки дар боло зикр гардид, яке аз роҳҳои асосии ғанӣ гаштани забони асарҳои Премчанд, ин истифодаи хеле фаровони калимаҳои форсӣ ва арабии миёни хонандагони ҳиндузабону урдузабон хуб ошнобуда мебошад. Албатта, боз муҳим ҳунари сухангӯии адиб аст. Истифодаи бемантиқу бечо ва аз ҳад зиёди калимаҳои иқтибосӣ, ки маъноияш ба шумораи нисбатан ками хонандагон маълум аст, метавонад ҳусн ва мазмуни каломи бадеъро халалдор кунад. Дар айни ҳол истифодаи бомантиқ ва ба ҳадаф мутобиқ сифати баёнро афзоиш мебахшад ва таваҷҷуҳро коҳиш надода, баракс бештар месозад. Барои мисол агар интихобан ба як порчаи муколама аз романи "Нирмала" назар кунем, мебинем, ки тақрибан аз панҷоҳ фисад бештари калимоти матн калимаҳои форсӣ ва арабиасос мебошанд:

- निर्मला - "ताज़ा ख़ून तो ऐसी नायाब चीज़ नहीं"

- मुन्शी जी - "आसमान के तारे भी तो नायाब हैं। - मूँह के सामने ख़न्दक़ क्या चीज़ है"।

- निर्मला - "मैं अपना ख़ून देने को तैयार हू, डाक्टर को बुलाईये"

- मुन्शी जी ने हैरत से कहा – "तुम!"

- निर्मला - "हाँ, क्या मेरे ख़ून से काम न चलेगा?"

- मुन्शी जी - "तुम अपना ख़ून दोगी ?

- नहीं, तुम्हारे ख़ून की ज़रुरत नहीं। उस में जान का ख़तरा है"। [16, с.82].

- Нирмала: - Хуни тоза - ку ин қадар ноёб нест.

- Ҷаноби Тотарам: - "Ситораҳои осмон ҳам ноёбанд. Аз он ки дар рӯ ба рӯ хандақ барин чӣ чиз бошад, чӣ фоида аст? "

- Нирмала: - Ман ба додани хуни худ омодаам, духтурро ҷеғ занед".

- Ҷаноби Тотарам бо ҳайрат гуфт: - Ту!

- Нирмала: - Ҳа ман, оё хуни ман ба кор намеояд?"

- Ҷаноби Тотарам: - Ту хуни худатро медиҳӣ.....?

Хуни ту лозим нест. Дар он хатар ба ҷон аст" .

Дар порчаи мазкур, албатта, чунин калимаҳои форсӣ ва арабӣ ба монанди: тоза, хун, ноёб, чиз, осмон, хандақ, таёр, зарурат, ҷон, хатар ва ғ. истифода шудаанд, ки дар забони ҳиндии гуфтугӯии мардумӣ серистеъмол мебошанд. Ҳол он ки ҳамаи калимаҳои дар боло зикршуда дар забони ҳиндӣ гунаи худро доранд. Чунончӣ: "тоза - साफ़", "хун – लहू", "ноёб – विरल", "чиз – वस्तु", "осмон – गगन", "хандақ – खाई", "тайёр – ततपर्य", "зарур, зарурат – आवश्यकता", "ҷон – प्राण", "хатар – विपद". Ин ҷо мо як муродифи ин калимаҳоро дар забони ҳиндӣ овардем, ҳол он, ки ҳар кадоме аз ин калимаҳо чандин муродиф доранд. Чунончӣ, танҳо худи як калимаи **"тоза"** дар забони ҳиндӣ, муродифҳои зеринро ба мисли साफ़ - saaf, निर्मल - nirmal, पवित्र - pavitr ва स्वच्छ - svaccha дорад.

Зери мафҳуми "ситораи осмон" нависанда як чизи ноёфт ва аз назар ниҳоят дурро ишора кардааст, ки дар осори адибони тоҷику форс барои қавитар гардонидан ва ё чизеро махсус таъкид кардан хеле васеъ истифода мешавад. "Дар рӯ ба рӯ, хандақ чӣ чиз аст?" низ яке аз шаклҳои ифодаи "амали бемантиқ" аст. Илова кардан бамаврид аст, ки истифодаи калимаҳои форсӣ ё арабӣ боз як ҳадафи дигарро низ доранд, яъне мо таъсири бештар дар талаффуз ва равонии ин калимаҳоро дар назар дорем. Чунончӣ калимаи "**дил**"- и тоҷикӣ нисбат ба **"हृदय" (hriday)** - и ҳиндӣ дар талаффуз осонтару равонтар аст.

Дар романи "Нирмала" инчунин бисёр ҷумлаҳое вомехӯранд, ки дар таркиби худ калимаву ибораҳои форсӣ ва ё арабӣ афзалият доранд. Барои мисол: "और बुज़दिली भी बदक़िस्मती से ऐसा ही एक शख़्स मेरा शौहर हैं और मेरी समझ में नहीं आता किन-किन अलफ़ाज़ में उसे मलामत करुँ - Aur **buzdili** bhi **badqismati** se aysa hi yek **shakhs** mera **shouhar** hai aur meri samajh men nahin

ata kin - kin **alfaaz** men use **malamat** karun - “Ва тарсу будан низ аз бадқисматист. Маҳз ҳамин гуна як шахс шавҳари ман шудааст ва ман намедонам, ки бо чӣ гуна суханҳо ӯро сарзаниш кунам” [19, с. 86]. Дар ҷумла калимаҳои “बुज़दिली - buzdili”, “बदक़िस्मती - badqismati”, “शख़्स - shakhs”, “शौहर - shouhar”, “अलफ़ाज़ - alfaaz”, ва “मलामत - malaamat” гарчанде ҳар кадом дар забони ҳиндӣ гунаи худро дошта бошанд ҳам, миёни мардум нисбат ба калимаҳои иқтибосӣ камтар истифода мешаванд. Маҳз ҳаминро ба инобат гирифта адиб ба ин калимаҳо рӯ меорад. Ин барои он нест, ки Премчанд бо забонҳои форсиву арабӣ хуб ошно буд, балки аслан барои он аст, ки фаҳмидани матни ба оммаи васеи мардум пешниҳодшаванда осон ва қобили қабул бошад.

Дар ҷойи дигар чунин омадааст: “ग़ुरुबे आफ़ताब के वक़्त घबरा उठा - Gurube aftab ke vaqt ghabra utha” - “Ҳангоми ғуруби офтоб ба ташвиш афтод” [16, с.134]. Ибораи **“ग़ुरुबे आफ़ताब - gurube aftab” - ғуруби офтоб** дар забони ҳиндӣ гунаи худро дар шакли **“सूरज का डूबता”- suraaj ka dubta”** дорад. Агар ҳамин ҷумларо пурра бо ибораи дар шакли соф ҳиндӣ мавҷудбуда мавриди истифода гирем, онгоҳ ҷумлаи иқтибосшуда ин гуна сурат мегирад: “सूरज के डूबते समय घबरा उठा – “Suraaj ke dubte samay ghabra unha”. Лекин инҷо ҳам калимаи “सूरज - suraaj”, ҳам калимаи “डूबता - dubta” ва ҳам калимаи “समय - samay” нисбат ба ҳамин гуна калимаҳои арабӣ ва форсӣ – тоҷикӣ ба мисли **“ग़ुरुब - gurub”, “आफ़ताब - aftab”** वक़्त – **vaqt**, ки дар луғати забони ҳиндӣ хеле серистеъмол мебошанд, камтар истифода мешаванд, махсусан дар эҷодиёти адибони урдузабони Ҳиндустон. Барои ҳамин ҳам Премчанд дар асарҳояш ҳамон тарзи ҷумлаҳоро интихоб намудааст, ки бештар дар истифода буда, ҳам барои соҳибони забони ҳиндӣ ва ҳам барои соҳибони забони урду возеҳу равшан фаҳмо мебошанд.

Дар ҷумлаи зер бошад, адиб барои ба услуби баёни худ изофа кардани як зебогии хоса, бар ивази ибораи ҳиндии **“पेट भरना - pet bharna”** ибораи тоҷикии **“шикам сер кардан”**- ро ки ҳар ду ҳаммаъноянд, хеле хуб истифода кардааст: “खुब **शिकाम सेर** होने के बाद पंडित जी ने थोड़ी देर बाज़ार की सैर की - Khub **shikam ser** hone ke bad pandit ji ne thori der bazar ki sayr ki” [16, с.23] – Баъд аз хуб шикам сер кардан Ҷаноби Пандит муддати зиёд сайри бозор кард (Пандит – маънои шахси донишманд ва хирадманро дорад).

Ҳамин тариқ, мисле ки мушоҳида мешавад, Премчанд дар осори адабии худ, алалхусус, дар романи “Нирмала” аз услуби ҳиндии насри классикии дар асрҳои охир ҳоким буда берун нарафтааст. Ин услуби пешгирифтаи адибро дар замони зери асорати мустамликадорони англис будани Ҳиндустон адибони мубориз барои фаҳмо ва равон будани осори худ истифода мебурданд. Ҳоло ҳамин гуна услубро дар таҷрибаи садҳо дигар адибони пешқадами Ҳиндустон дида метавонем. Дар ҳамин давраи муборизаи озодихоҳӣ, он чи Премчанд дар ин масъала ҷорӣ карда буд, ҷонибдорони зиёдро пайдо намудааст.

Мо то андозае олами суханофарии адибро дар романи “Nirmala” (“Нирмала”) дида баромадем ва бешак чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки адиб анъанаҳои мавҷударо чи дар шаклу чи дар мазмуни осораш ба пуррагӣ риоя кардааст. Вале пӯшида нест, ки Премчанд чун адиби асри XX наметавонист бо замони худ ҳамқадам набошад. Зеро ҳамаи он ҳодисаҳое, ки дар чорчӯбаи ҳаракатҳои мардумӣ дар ҷомеаи онвақта дар атрофи ӯ рӯй медоданд ва худи адиб ҳам шоҳиди он воқаҳо буд, имкон надошт, ки дар навиштаҳои адиб акси худро наёбанд, пас ин аксёбӣ тавре бошад, ки манфиати он эҳсос шавад. Забону услуби нигориши ӯ бо содагӣ, равонӣ, осонфаҳмӣ ва дур будан аз мушкилбаёнӣ фарқ мекунад, яъне мураккабию печидагӣ надорад ва дар ҳар навъ осораш як хел мақом дорад, ки ба афроди мухталифи ҷомеа бегона нест.

Премчанд занонро бо муҳаббати беандоза ва бо самимияти ба худи ӯ хос эҳтиром карда, дар офаридаҳояш онҳоро чун соҳибони ҳусну ахлоқи олӣ тасвир менамуд. Аҳволи тоқатфарсо ва тирарӯзии занҳо ин адиби инсондӯстро тамоми умр ором нагузоштаанд. Дар романи “Нирмала” мисли дигар асарҳои Премчанд ситоиши муҳаббати пок, ҳусну ҷамол,

ақлу заковат, олами зебоиҳои маънавӣ ва ахлоқи ҳамидаи занони ҳинду ҷои махсуси андешаронии адибро гирифта, бисёр дилчасп ба қалам дода шудаанд.

Романи “Нирмала” мисли ҳамаи дигар роману ҳикояҳои Премчанд чун оинаест, ки дар худ акси ҳар паҳлӯи зиндагии мардуми Ҳинд, аз ҷумла зиндагии занҳои ин мамлакатро, хоҳ хушбахтанд ва ё гирифтори ғаму андуҳ, рӯзгори талху пурфоҷиа доранд, ҳамаашро бо алфози пурмаъно ва рангорангу фаҳмо ҷой додааст. Ҳамин гуна сифатҳо ба романи “Нирмала” додани умри тӯлониро сабаб шудаанд.

Муқарриз: ***Қосимов Ҷ.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Балин В.И. Премчанд – новеллист / В.И. Балин. – Ленинград, 1973. – 164 с.
2. Баранников А.П. Индийская филология / А.П. Баранников. – М., 1959. - 334 с.
3. Ёрова С.Н. Ҳунари образофарии Премчанд / С.Н. Ёрова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – №4/1 (194). – С.168-171.
4. Ёрова С.Н. Премчанд – нависандаи инсондӯст / С.Н. Ёрова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – № 4 (62). – С.432- 435.
5. Қамар Райис. Мунши Премчанд. Шахсият аор карнаме / Райис Қамар. - Балрам Пур, 2010. – 448 с.
6. Раҷабов Ҳ. Адабиёти ҳиндӣ дар давраи нав / Ҳ.Раҷабов. – Душанбе, 2018. – 540 с.
7. Раҷабов Ҳ. Премчанд / Ҳ.Раҷабов. – Душанбе, 2015. – 216 с.
8. Раҷнатҳ Шарма. Премчанд / Шарма, Раҷнатҳ. – Агра, 1956. – 162 с.
9. Усмонов М. Баъзе масоили забоншиносии ҳиндӣ ва урду (маҷмуаи мақолаҳо) / М.Усмонов. – Душанбе, 2007. – 68с.
10. Ханспадж Рахбар. Жизнь и творчество Премчанда / Рахбар, Ханспадж. – Москва, 1963. – 191 с.
11. Холов Ҷ. Таърихи адабиёти урду / Ҷ.Холов. – Душанбе, 2016. – 384 с.
12. Чауҳан Шивадансинх. Очерк истории литератур хинди / Ч.Шивадансинх. – М., 1960. – 322 с.
13. Челышев Е.П. Литература хинди / Е.А. Челышев. – М., 1967. – 328 с.
14. कमल किशोर गोयनका. प्रेमचंद कहानी – कोश . दिल्ली, 2016. – 352 पृ.
15. कैलाश चन्द्र भाटिया. व्यावहारिक हिन्दी. नई दिल्ली, 1989. – 184 पृ.
16. प्रेमचंद. निर्मला . दिल्ली . कल्पना प्रकाशन, 2017. – 160 पृ.
17. भोलानाथ तिवारी. हिन्दी भाषा की सामाजिक संरचना. नई दिल्ली, 1994. – 240 पृ.
18. रामविलास शर्मा. प्रेमचन्द और उनका युग. महान् उपन्यासकार के जीवन, व्यक्तित्व और साहित्य का सरल एवं सर्वांगीण अध्ययन. दिल्ली, 1955. – 194 पृ.

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ЗАБОНИ РОМАНИ “НИРМАЛА”– И ПРЕМЧАНД

Дар асри ҷадид дар Ҳиндустон романи “Nirmala” (“Нирмала”) ба забони ҳиндӣ, яъне ба ҳамон забоне, ки иншо шудааст ва баргашта боз ба дигар забонҳо чоп мешавад, хеле зуд харидорони худро меёбад. Боз оид ба аҳамияти иҷтимоӣ ва қимати бадеии ин асар аз ҷониби адабиётшиносону қадрдонҳои каломи бадеъ ҳар навъ андешаҳои мусбат садо медиҳанд. Албатта, асари пуразриш ҳамеша замонавӣ будани худро нигоҳ медорад. Дар айни ҳол зуд хонанда пайдо карда, беш аз пеш мақбули шумораи хонандаи зиёд гаштани ин асар якчанд сабабҳо дорад. Забони асарҳои Премчанд барои наслҳои нави адибони Ҳиндустон чун забони намунавӣ хизмат мекунад. Аз ҷониби муҳақиққону адабиётшиносон таъкид мешавад, ки забони ҳиндиро ҳамон тавре истифода намоед, ки Премчанд истифода бурда тавонистааст. Яъне, бо гузаштани даҳсолаҳо ва ворид шудани дигаргуниҳо дар забону адабиёти ҳиндӣ, забони модарии Премчанд эътибори худро гум накардааст.

Калидвожаҳо: забон, роман, Премчанд, нависанда, адабиёт, Нирмала, зан, тарҷума, муродиф, реализм, услуб, Ҳиндустон.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ЯЗЫКА РОМАНА ПРЕМЧАНДА «НИРМАЛА»

В современном веке в Индии роман «Нирмала», который имеет многочисленных читателей, неоднократно переиздавался на хинди и других языках Индии. К тому же о социальном значении и художественной ценности данного романа часто пишут литературоведы и другие ценители художественного произведения. В большинстве случаев эти высказывания имеют положительную окраску, что является причиной того, что число читателей этого романа постоянно возрастает. Язык произведения Премчанда служит ярким примером для подражания другим современным писателеям. Литературоведы и исследователи считают язык Премчанда образцовым языком и предлагают молодому поколению использовать стиль Премчанда для сочинения художественной литературы. Это означает, что, несмотря на то, что прошло много десятилетий после Премчанда, родной язык писателя по-прежнему считается образцовым литературным языком хинди.

Ключевые слова: язык, роман, литература, Премчанд, писатель, Нирмала, женщина, перевод синоним, реализм, стиль, Индия.

SOME FEATURES OF THE LANGUAGE OF PREMCHAND'S NOVEL "NIRMALA"

In the modern century in India, the novel Nirmala, which has many readers, has been reprinted several times in Hindi and other languages of India. In addition, literary critics and other connoisseurs of a work of art often write about the social meanings and artistic value of this novel. In most cases, these statements have a positive connotation, which is the reason that the number of readers of this novel is constantly growing. The language of Premchand's work serves as a vivid example for imitation of other contemporary writers. Literary scholars and scholars regard Premchand's language as an exemplary language and invite the younger generation to use Premchand's style for writing fiction. This means that despite the fact that many decades have passed since Premchand, the writer's language is still considered the exemplary language of Hindi.

Key words: language, novel, literature, Premchand, writer, Nirmala, women, translation, synonym, realism, diction, India.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ёрова Сабоҳат Нуровна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи филологияи Ҳинд. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **sabohat.yorova.76@bk.ru**. Тел.: **(+992) 901-07-14-22**

Сведение об авторе: ***Ёрова Сабохат Нуровна*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры индийской филологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **sabohat.yorova.76@bk.ru**. Тел.: **(+992) 901-07-14-22**

Information about the author: ***Yorova Sabokhat Nurovna*** - Tajik National University, senior of the Department of Indian Philology. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.
E-mail: **sabohat.yorova.76@bk.ru**. Phone: **(+992) 901-07-14-22**

УДК: 491.550:491.71

ЭКСПЕРИМЕНТАЛЬНОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ЦЕННОСТИ ЛЮБОВЬ/МУХАББАТ В ЯЗЫКОВОМ СОЗНАНИИ У ТАДЖИКОВ И РУССКИХ

Нагзибекова М.Б., Ганиева Н.Р.
Таджикский национальный университет

Введение. Если объединить данные толковых словарей русского языка, то понятие «любовь» можно сформулировать как «чувство горячей сердечной склонности, привязанности, влечения к лицу другого пола». Однако словари не фиксируют диалектическую сложность содержание любви, её многоплановость, аксиологическую неоднозначность. Современная философия определяет любовь как интимное и глубокое чувство, устремлённое на другую личность, человеческую общность или идею. Автор нескольких книг о любви Ю.Б. Рюриков, цитируя Вольтера, говорит о трёх сферах, которые затрагивает любовь: голова, сердце и тело. По его мнению, у любви есть три ступени: нарастание, устойчивость и угасание [4, с.194].

Е.П. Ильин выделяет три основных психологических составляющих любви: интимность, чувство близости; страсть, физическое влечение; решение, обязательство сохранять любовь [4, с.145-158].

В целом же исследователи понимают «любовь» как динамический, сложный по структуре, затрагивающий разные сферы внутренней жизни феномен. Все особенности, присущие этому феномену, отражаются и в языковой картине мира [4, с.122].

Экспериментальное исследование ценности любовь/мухаббат в языковом сознании у таджиков и русских

Рассмотрим, как представлено содержание ОЦ «любовь» в русском и таджикском языках в соответствующих толковых словарях сопоставляемых языков.

Таблица 1. ОЦ «любовь»

4 значения ОЦ «любовь» в «НБТСРЯ» С.А. Кузнецова	4 значения ОЦ «любовь» в словаре «ФЗТ» М.Ш. Шукурова
1. любовь — чувство глубокой привязанности к кому-л., чему-л.	1. муҳаббат, ишқ, меҳр; (чувство глубокой привязанности к кому-л., чему-л.)
2. любовь — чувство горячей сердечной склонности, влечение к лицу другого пола	2. маҳбуба, маъшуқа (любовница)
3. любовь — о человеке, внушающем такое чувство	3. шавқ, ҳавас, майл, шавқмандӣ; (пристрастие, вкус к чему-нибудь)
4. любовь — внутреннее стремление, влечение, склонность, тяготение к чему-л.	4. инсоне, ки ин ҳиссиётҳоро ҳис мекунад, ба қадри он мерасад (чувство горячей сердечной склонности, влечение к лицу другого пола)

По результатам выявления дефиниций ценности «любовь» по семам мы определили соответствие и несоответствие сем. Как показывает анализ, все семы совпадают.

Несмотря на совпадение сем в дефинициях «любви» в таджикском и русском языках, существует различия в их содержании, обусловленные фактом соотнесения таджикской и русской культур с разными типами культуры: таджикская относится к традиционному типу, а русская - к постиндустриальному.

Итак, таджикская культура относится к традиционному типу культуры: этому типе очень сильна тенденция к нормативности, проявляющейся в стремлении этноса к формированию поведения членов этноса, распространению и поддержке запретов, ритуалов, традиций, табу.

Русская культура относится к постиндустриальному типу, в котором нормативность поведения менее строга, а распространение ритуалов, традиций, табу весьма незначительно.

Исходя из вышеизложенного, можно выдвинуть гипотезу, что нормативность таджикского социума сказалась у таджиков на формировании представлений о любви.

Внешние проявления «чувства горячей сердечной склонности — *хиссиёти гарми самимона, мехри самимӣ, майли худ рафтор кардан*» минимальны: таджики более стеснительны, в отличие от у русских, которые могут проявлять эмоциональность, однако весьма умеренно; таджики строго соблюдают обычаи, традиции, они более сдержанны, чем русские: таджики целуют и обнимают только маленьких детей.

Несмотря на совпадения, отмечаются и различия. В русской культуре концепт «любовь» рассматривается как глубокое эмоциональное влечение, сильное сердечное чувство, а в таджикской культуре — это сильное сердечное чувство не выставляется на показ. Для русских характерно умеренное выражение эмоциональности, а таджики свои эмоции и чувства вообще явно не выражают и по «любви» редко выходят замуж или женятся, во многом их судьбы решают родители. Таджики считают, что «любовь» — *меҳри қавӣ доштан* — это постоянное сильное влечение: цветок, который можно подарить лишь одному человеку [11, с.5-7].

Сема — ишқ, *шавқу завқ (пристрастие, вкус к чему-н.)* — также имеет различия в содержании, хотя сами семы совпадают.

В таджикской культуре «любовь» не воспринимается как страть, вкус к чему-нибудь, а «любовь» — муҳаббат — воспринимается как чувство горячей сердечной привязанности, как отношение к определённому объекту, как чувство глубокой привязанности. Исследователи считают, что основными психологическими качествами у таджиков является выносливость, терпеливость, а в русской культуре эти качества представлены в меньшей степени.

Следует отметить, что таджики по вероисповеданию являются мусульманами-суннитами, и религия таджиков определяет их стремление к познанию мира посредством науки и литературы. Религия играет важную роль при определении ценностей двух культур. Это является ещё одной причиной, объясняющей более строгие ограничения на внешние выражения эмоций в мусульманстве по сравнению с православием.

Вернёмся к сопоставительному анализу ассоциативных полей (АП) «мухаббат»/«любовь». При сопоставительном анализе целесообразно исследовать в первую очередь число и качество возникновения частотных реакций, а затем переходить к анализу реакций единичных, используя этот анализ в качестве вспомогательной процедуры. Среди слов-реакций, входящих в АП таджикского и русского языков на первом месте находится слова «ишк» и «любовь». Это доказывает наличие в таджикском языке ассоциатов мухаббат (любовь), модар (мать), сахт (жёсткая), оила (семья), мехр (любовь), боварӣ (доверие) и в русском языке ассоциатов с первого взгляда, до гроба, чувство, зло, счастье, ненависть.

Обратимся к анализу, проведённому В.П. Синячкиным [13, с.169-176]. Изучим частотную часть АП слова-стимула «любовь» из прямого словаря РАС: ЛЮБОВЬ: *с первого взгляда* – 9; *до гроба* – 8; *чувство* – 5; *зла, счастье* – 3; безответная, *горе,* и голуби, к женщине, *ненависть,* платоническая, пришла, *радость, разлука,* страстная – 2.

Перечень выбранных для диссертации категорий даёт возможность сгруппировать ассоциаты. Данный перечень не является единственно возможным и может меняться в зависимости от целей и задач исследования.

Проанализируем «муҳаббат — любовь», содержащийся в «ФЗТ» М.Ш. Шукурова: **муҳаббат, ишқ, меҳр** — чувство глубокой привязанности к кому-л., чему-л.; **маҳбуба, маъшуқа** — любовница; **шавқ, ҳавас, майл, шавқмандӣ** — пристрастие, вкус к чему-нибудь; **инсоне, ки ин ҳиссиётҳоро ҳис мекунад, ба қадри он мерасад** — чувство горячей сердечной склонности, влечение к лицу другого пола.

В результате проведённого анализа впервые на экспериментальной основе были исследованы сознания носителей таджикской и русской культур и путём сопоставительного анализа выявлены сходства и различия в их образах мира. Таким образом, впервые проведён сопоставительный анализ ассоциативных полей таджиков, живущих в Республике Таджикистан, и русских, живущих в Российской Федерации.

Ассоциативный эксперимент, проведённый нами в Таджикистане, дал возможность выделить следующие ассоциаты: **«муҳаббат»**: ишқ – 13, дӯст доштан – 7, наздикӣ – 2, ба духтар

– 1, Ватан – 1, дӯстӣ – 1, муҳаббат – 1, ошиқ шудан – 1, дил бастан – 1, илм – 1, ба номи худо, хонаи нав, эҳтиром ва ғайраҳо.

Важно отметить, что также ассоциации можно определить по следующим категориям, структурированным В.П. Синячкиным [13, с.172-175]:

1. **длительность процесса любви**: *то қабра — до гроба, бепоён* —бесконечная, *як умр — всю* жизнь;

2. **временные периоды проявления чувства любви**: баҳор — весна, шаб — ночь, ҷавонӣ — юность;

3. **внешние знаки в поведении влюблённых**: вохӯрӣ — свидание, дӯстӣ — дружба, *интизор шудан — ждать, ҷудо шудан — разлука;*

4. **чувства и состояния, сопровождающие любовь**: азоб — страдание, тарс — страх, боварӣ — преданность, рашк — ревность, бахт — счастье;

5. **социальная ячейка, сформированная обществом для осуществления любви**: *оила — семья, никоҳ — брак;*

6. **действия и явления, связанные с чувством любви**: гум кардан — потерять, изҳор кардан — признавться, хонадор шудан —жениться, ҳимоя кардан — защищать, ҷудо шудан — расстаться; қазо — смерть, хайр — прощай;

7. **форма проживания любви**: касалӣ — болезнь;

8. **субъекты и объекты любви**: духтар — девушка, зан — женщина, яккаву ягона — единственный, модар — мама, шавхар — муж, диёр — отчизна, ватан — родина;

9. **общая оценка любви**: хушоҳангӣ — гармония, орзу — мечта, ишқбозӣ —любовное увлечение, оҳанг — музыка, *муваффақият* — успех;

10. **символы любви**: гул — цветок, гулҳо — цветы, кабутар — голубь, дил — сердце, нома — письмо, садбарг —роза, нимкат — скамейка.

Таким образом, АП прямого словаря РАС и «ФЗТ» словаря Шукурова привлекает внимание своим объёмом. Это свидетельствует о том, что большое количество предметов, явлений, действий, которые приобретают знаковый характер, обращают на себя внимание при описании отношений мужчины и женщины в современном обществе таджиков и русских.

Перейдём теперь к анализу промежуточного уровня в сознании носителей русской и таджикской культур. Для решения этой задачи мы обратились к паремиологическому фонду языка, выбрав определённое количество пословиц и поговорок, проанализировав их и распределив по тематическим группам.

Рассмотрим частотность в процентах: Любовь: с первого взгляда — 9%; до гроба — 8%; чувство — 5%; зла, счастье — 3%; безответная, горе, и голуби, к женщине, ненависть, платоническая, пришла, радость, разлука, страстная, Яровая — 2%.; «муҳаббат»: ишқ — любовь – 13, дӯст доштан — любить – 7, наздикӣ — близость – 2, ба духтар — к девушке – 1, Ватан – Родина – 1, дустӣ — дружба – 1, муҳаббат — любовь – 1, ошиқ шудан — влюбиться – 1, хурсандӣ — радость – 1, илм — наука – 1, ба номи Худо — именем Аллаха, хонаи нав — новый дом, эҳтиром — уважение ва ғайраҳо. Совпадающие семы: ишқ — любовь, хурсандӣ — радость.

Несовпадающие семы: с первого взгляда, д*о гроба, чувство, зла, счастье,* безответная, *горе,* и голуби, к женщине, *ненависть,* платоническая, пришла, *радость, разлука*, страстная.

Русские ассоциаты: любовь: с первого взгляда — 1,6%, д*о гроба —1,5%, чувство — 0,9%, зла — 0,5%, счастье — 0,5%,* безответная, *горе,* и голуби, к женщине, *ненависть,* платоническая, пришла, *радость, разлука,* страстная.

Таким образом, в процессе сопоставительного анализа ассоциатов выявлено наличие инвариантных и вариативных областей.

Таджикские ассоциаты: «муҳаббат»: ишқ — любовь — 2,4%, дӯст доштан —любить — 1,3%, наздики — близость — 0,3%, ба духтар — к девушке — 0,1%, Ватан — Родина, дӯстӣ — дружба, муҳаббат —любовь, ошиқ шудан — влюбиться, хурсандӣ — радость, илм — наука, ба номи Худо — именем Аллаха, хонаи нав — новый дом, эҳтиром — уважение — ва ғайраҳо.

Несомненно, что отношение людей к понятию «**любовь**» отражено в пословицах и поговорках как русского, так и таджикского народов.

Рассмотрим некоторые пословицы, связанные с *ОЦ «***любовь**» в таджикском языке.

Таблица 2. ОЦ «любовь»

Пословица	Смысловое содержание
1. Ишк — дарди бедавост — *любовь* неизлечимая болезнь.	Указывает на любовь как недуг.
2. Ишк камбагалу бой намегуянд — *любовь* не смотрит, кто беден, кто богат.	Выделена роль социальных ограничений в любви.
3. Дарди марази *ишкро* набошад табиб — нет лекаря, исцеляющего болезнь *любви*.	Указывает на высокую силу любви, которой никто не сможет противостоять и которую никто не способен преодолеть.
4. Барои *ошик* Бағдод дур нест — для *влюблённого* и до Багдада недалеко.	Указывает на то, что для любви нет расстояний и преград.
5. Ба сари куи *ошикй* шоху гадо баробар аст — в *любви* царь и нищий равны.	В любви все равны.
6. Мехри фарзанд бар шоху гадо баробар аст — *любовь* к своим детям свойственна и царям, и нищим.	Указывает на сильное сердечное чувство любви к детям.
7. Ош бе намаку, *ишк* бе рашк намешавад — не бывает кушанья без соли, а *любви* без ревности.	Указывает на то, что у любви есть позитивные и негативные стороны.
8.Бе ишк ва бе офтоби тобон хаёт нест — без солнышка нельзя пробыть, без милого нельзя прожить.	Показана значимость любви и солнца в человеческой жизни.
9. Ишк хаст — рашк хаст — кто не ревнует, тот не любит.	Указывает на то, что любовь сопровождается негативными эмоциями.
10. Хаммаро нагз дидан дил намерасад — всех любить, сердца не хватит.	Указывает на избирательность любви.

Далее обратимся к некоторым пословицам, которые отражают *ОЦ* «**любовь**» в русском языке.

Таблица 3. ОЦ «любовь»

Пословица	Смысловое содержание
1. Любви, огня да кашля от людей не утаишь.	Указывает на невозможность сокрытия, утаивания чувства любви.
2. Любить друга можно, позабыть — нельзя.	Указывает на то, что память крепче любви.
3. Любить не люби, да почаще взглядывай.	Подчёркивается необходимость внешнего проявления интереса к объекту любви.
4. Любить тяжело; не любить — тяжелее того.	Показано бремя любви, особенности глубокого эмоционального влечения.
5. Любишь розу, так терпи шипы.	Подчёркивается необходимость проявления терпения к негативным явлениям объекта любви.
6. Любовь зла — полюбишь и козла.	Показана неотвратимость любви.
7. Любовь — кольцо, а у кольца начала нет и нет конца.	Подчёркивается неизбывность любви.
8. Любовь начинается с глаз.	Указывает на объект чувственного компонента.

9. Любовь на замок не закроешь.	Актуализируется невозможность сдерживания чувства любви.
10. Любовь не милостыня: её каждому не подашь.	Подчёркивается избирательность чувства любви.

В рамках нашего исследования предлагается провести сравнительно-сопоставительный анализ компонентов содержания пословиц, которые являются специфичными для русской и таджикской культуры, и тех компонентов, которые совпадают в пословицах на русском и таджикском языках.

Содержательный анализ паремиологических единиц с компонентом «**любовь**» указывает на близость коннотативных характеристик этих паремий. Анализ проводимых паремий является содержательным и, естественно, субъективным.

Любовь, как природная, но окультуренная характеристика людей, имеет общие для всех этнических культур содержания, которые в вербальной форме отображают разнообразные и подчас специфические характеристики. На основе анализа небольшой выборки паремий, которая приводится в нашей работе, можно сделать следующие выводы:

1. Таджикские и русские паремии в значительной степени содержательно различаются, отображая специфику этнических культур.
2. Некоторые паремии можно считать общими для таджиков и русских. Например, таджикская паремия: *ишқ* камбағалу бой намегуянд и ба сари куи *ошиқӣ* шоҳу гадо баробар аст являются содержательно идентичными; также имеет содержательную близость с русской паремией как «в любви все равны» и «любовь зла — полюбишь и козла».

Методологическую базу исследования составили положения: - о сознании как форме отражения объективной действительности в психике человека, где в качестве опосредствующего фактора выступают элементы общественно -исторической практики, позволяющие строить объективные (общепринятые) картины мира. Исходный источник общественно-исторической практики – это совместно осуществляемый труд. В индивидуальном развитии отдельные составляющие труда последовательно присваиваются ребенком в совместной со взрослыми деятельности, в частности в образовательном процессе [Выготский 2005]; - о специфике содержания индивидуального сознания, которое на современном этапе развития глобального общества в значительной степени определяется деятельностью различных социальных институтов, целенаправленно воздействующих на познавательную активность человека и направляющих ее в определенное русло с целью формирования требуемых отдельным социальным группам идей об окружающей личность реальности, развитой в современной постнеклассической философии [Степин 2006]; - о двойственности существования значений в индивидуальном сознании [Леонтьев А.Н. 2012; Леонтьев А.А. 2001], обусловленной, с одной стороны, их коллективным происхождением и идеологическими представлениями общества, а, с другой, их субъективностью как следствием пристрастности индивидуального сознания. В соответствии с избранной методологией использовались следующие методы: - метод свободного ассоциативного эксперимента.

Основным **методом** сбора материала является ассоциативный эксперимент, суть которого в том, что респонденту предлагается дать первые ассоциации к словам-стимулам. Как известно, ассоциативный эксперимент широко используется в научных исследованиях, посвящённых изучению образов сознания носителей разных культур. Это объясняется тем, что связь «стимул–реакция» есть фрагмент образа мира, отражённого в сознании носителя данной культуры, а ассоциативное поле слова - стимула представляет собой модель сознания, содержащую набор правил коммуникаций, принятых в данной культуре.

Вторым важным источником общеевропейских пословиц является древняя литература мудрости, которая нашла отражение в Библии и других религиозных текстах. Будучи одной из наиболее переводимых книг, Библия оказала невероятное влияние на распространение пословиц, некоторые из которых старше Библии, во многих культурах и языках. Эти пословицы настолько хорошо интегрировались в различные европейские языки, что носители языка часто вообще не осознают того факта, что, употребляя их, они цитируют библейскую мудрость. Но как бы то ни было, следующие пословицы из Библии вошли во многие языки (не только европейские) в виде дословных заимствований: «Что посеешь, то и пожнешь» (Галатам, 6:7-8), «Кто роет яму другому, сам в нее упадет» (Притчи, 26:27), «В чужом глазу сучок видишь, а в своем бревна не видишь» (Матфея, 7:3), «Кто не работает, тот не ест» (Второе послание к Фессалоникийцам, 3:10), «Поступай с другими так, как хочешь, чтобы они поступали с тобой» (Матфея, 7:12), «Пророк бывает без чести, разве только в своем отечестве» (Матфея, 13:57), «Око за око, зуб за зуб» (Моисей, 21:24), «Кто сеет ветер, тот пожнет бурю» (Осия, 8:7), «Не хлебом единым живет человек» (Второзаконие 8:3, Матфея 4:4) и т. д. Конечно, по крайней мере в определенной степени от переводчика Библии зависело, смогут ли библейские пословицы утвердиться на языке перевода. Показательным примером является библейская пословица «Ex Explotionia cordis os loquitur» (Матфея, 12:34), которая была неуклюже переведена на английский язык как «Out of the abundance of the heart the mouth speaketh» (От избытка сердца говорят уста) в Библии короля Иакова 1616 года и, следовательно, она никогда не прижилась как пословица на этом языке. С другой стороны, в Германии в 1522 году Мартин Лютер довольно просто перевел ее как «Wes

das Wes das Herz voll ist, des geht der Mund uber» (От избытка сердца уста глаголют), и эта пословица актуальна и по сей день.

Богатая сокровищница средневековых латинских пословиц составляет третий крупный источник некоторых из самых популярных пословиц, известных во всей Европе, и, в частности, России. Они были отредактированы в массивном девятитомном труде Ганса Вальтера и Пауля Герхарда Шмидта «Pro-verbia sententiaeque latinitatis medii aevi. Lateinische Sprichworter und Sentenzen des Mittelalters» (1963–1986). Если добавить к этому тринадцатитомный «Thesaurus proverbiorum medii aevi. Lexikon der Proverbs des Romansch-Germanic Mitealters» Сэмюэля Сингера и Рикарда Ливера (1995–2002), в котором собраны тысячи латинских и народных пословиц из литературных источников всего Средневековья, можно получить представление о том, насколько распространенными были пословицы в то время. Как и следовало ожидать, не все эти латинские, а также романские и германские пословицы стали известны по всей Европе, но многие из них достигли такого международного статуса, как, например, такие народные фавориты, как «Никогда не откладывай на завтра то, что можно сделать сегодня», «Новые метлы подметают начисто», «Куй железо, пока горячо», «Когда кота нет, мыши будут играть», «Не все то золото, что блестит», «Пустые сосуды сильно шумят», «У лошади четыре ноги, а все равно спотыкается», «Синица в руке стоит двух в кустах», «Кувшин так долго идет к колодцу, пока, наконец, не разобьется», «Все кошки в темноте серые», «Одежда не красит человека», «Дьявол не так уж черен, как его малюют» и т. п. Может показаться удивительным обнаружить пословицу «Все дороги ведут в Рим» в этой группе латинских пословиц средневековья. Однако она поставлена здесь правильно, так как Рим в данном случае является не имперским городом, а городом церковным. Другими словами, как для верующих, так и для духовенства все дороги ведут к центру папства в Риме.

Чтобы не забыть, следует указать, прежде чем обратиться к четвертому и более современному источнику широкораспространенных пословиц, что, естественно, существуют также тысячи доморощенных пословиц, датируемых от средневековья до современности, которые являются частью любого национального или регионального языка. Для большинства из них индивидуальный составитель неизвестен, но они были кем-то сформулированы как мудрые высказывания с определенными поговорочными маркерами (метафора, структура, рифма, аллитерация, многоточие, параллелизм и т. д.), воспринимались и повторялись другими так, что в свое время они приобретали поговорочный характер. Путем подробного исторического и контекстуального анализа можно установить их приблизительные даты происхождения, но составитель и точная дата никогда не будут известны.

Это, безусловно, верно и для очаровательной, более поздней четвертой группы пословиц, которая принадлежит к фонду общеевропейских пословиц. Как хорошо известно, латинский язык как лингва-франка Европы давно отодвинут в сторону, но теперь он заменен английским языком, особенно англо-американской разновидностью. Британские и американские пословицы переводились взаймы уже довольно давно, но эта тенденция возросла впечатляющими темпами после окончания Второй мировой войны, что позволило Соединенным Штатам как крупному политическому, экономическому и культурному игроку установить более тесные контакты с Европой и миром в целом. Американский образ жизни с его ориентированным на будущее мировоззрением и упором на прагматизм, бизнес, консьюмеризм, мобильность и популярную культуру (музыка, телевидение, кино, средства массовой информации и т. д.) проник в общества по всему миру, и английский язык стал коммуникативным инструментом, который связывает мир воедино. Отдельные английские слова уже давно заимствованы другими языками либо напрямую, либо в виде заимствованных переводов. Это также верно для пословиц, которые принимаются либо в их оригинальной редакции, либо в виде заимствованных переводов. Книга Бенджамина Франклина «Время - деньги» вышла на множестве языков в виде заимствованных переводов, но благодаря силе английского языка как международного лингва-франка немецкая версия Zeit ist Geld сегодня также цитируется на английском языке оригинала, поскольку и в Германии говорят «Time is money». Фактически, все следующие англо-американские пословицы были переведены на русский язык (а также на другие европейские языки), но особенно короткие из них также иногда цитируются на английском языке, что неудивительно, учитывая общее знание английского языка в Европе и других странах:

Русский: Коней на переправе не меняют.
English: Don’t swap horses in mid-stream.
German: Mitten im Strom soll man die Pferde nicht wechseln.
Русский: Для танго нужны двое.
English: It takes two to tango.
German: Zum Tango gehoren zwei.
Русский: Не клади яйца в одну корзину.
English: Don’t put all of your eggs into one basket.
German: Man soll nicht alle Eier in einen Korb legen.
Русский: Кто яблоко в день съедает, у того доктор не бывает.
English: An apple a day keeps the doctor away.
German:Ein Apfel pro Tag halt den Arzt fern.
Русский: Трава всегда зеленее по ту сторону забора.
English: The grass is always greener on the other side of the fsnce.
German: Das Gras ist immer gruner auf der anderen Seite des Z aunes.
Русский: Собака лучший друг человека.
English: A dog is man’s best friend.
German: Der Hund ist des Menschen bester Freund.
Русский: Отсутствие новостей тоже хорошая новость.
English: No news is good news.
German: Keine Nachrichten sind gute Nachrichten.
Русский: Хороший забор - хорошие соседи.
English: Good fences make good neighbors.
German: Gute Zaune machen gute Nachbarn [7, с.45-46].

Если оглянуться назад на создание пословиц на протяжении столетий, то следует помнить, что могли потребоваться годы, десятки лет или даже столетия для того, чтобы данная пословица была принята и достигла определенной распространенности и традиции. Сегодня, в современную эпоху компьютеров и интернета, кто-то может сделать спонтанное высказывание, похожее на пословицу, которое буквально за секунды перелетит через всю страну или даже земной шар. Поистине современные пословицы обходят вокруг земли с молниеносной скоростью. Но, конечно, еще неизвестно, останутся ли они в обращении в течение длительного периода времени. В конце концов, пословицы всегда приходят, и со временем уходят. В любом случае, некоторые из этих современных пословиц существуют уже несколько десятилетий и доказали свою стойкость.

Люди всегда будут чувствовать потребность облечь свои наблюдения и опыт в легко запоминающиеся и повторяемые обобщения, а те из них, которые представляют общий интерес и хорошо сформулированы, будут, если повезет, приняты другими людьми. Пословица «Пословицы никогда не бывают вне времени» актуальна сегодня, как и прежде, и изучение происхождения современных пословиц действительно столь же интригующе, как попытка реконструировать возможное начало древней пословицы.

В тот момент, когда поднимается вопрос о происхождении пословицы, начинается многослойный и сложный научный проект, результатом которого нередко становятся объемные монографии с множеством лингвистических, фольклорных, литературоведческих, культурологических и исторических ссылок. Современная пословица «Все не так просто, как кажется» безусловно подходит к вопросу о происхождении пословиц, но это не должно мешать паремиологам искать ответы в их стремлении раскрыть процесс создания и распространения пословиц.

Рецензент: ***Дустов Х.*** – к.ф.н., доцент ТНУ

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Alster, B. Wisdom of ancient Sumer / B. Alster - Bethesda, MD: CDL Press, 2005. - 426 p.
2. Doyle, C.C. Observations on the diachronic study of proverbs / C.C. Doyle // Proverbium. - 2001. - Vol. 18. - p. 57-75.
3. Dundes, A. Paremiological pet peeves / A. Dundes // Folklore in 2000. Voces amicorum Guilhelmo Voigtsexagenario. - Budapest: Universitas Scientarium de Rolando Eötvös nominata - 2000. - p. 291-299.
4. Korhonen J. Anglo-American proverbs in Europe / J. Korhonen, W. Mieder, E. Piirainen, R. Pinel // Phraseologie global

- areal - regional: Akten der Konferenz EUROPHRAS. - 2010. - Vol. 13-16/ - p. 43-59.
5. Marvin, D.E. The antiquity of proverbs. Fifty familiar proverbs and folk sayings with annotations and lists of connected forms, found in all parts of the world / D.E. Marvin. - New York: G. P. Putnam's Sons, 1922. - 352 p.
6. Mieder, W. (2007a). Proverbs as cultural units or items of folklore / W. Mieder // Phraseology. An international handbook of contemporary research. - 2007. - Vol. 1. - P. 394-414).
7. Mieder, W. International bibliography of paremiology and phraseology / W. Mieder. - Berlin: de Gruyter, 2009. - 1133 p.
8. Mieder, W. Proverbs are never out of season. Popular wisdom in the modern age / W. Mieder. - New York: Oxford University Press, 1993. - 310 p.
9. Mieder, W. Proverbs: A handbook / W. Mieder. - Connecticut: Greenwood Press, 2004. - 304 p.
10. Olinick, S.L. On proverbs. Creativity, communication, and community / S.L. Olinick. // Contemporary Psychoanalysis. - 1987. - Vol. 23. - p. 463-468.
11. Paczolay, G. (1997). European proverbs in 55 languages with equivalents in Arabic, Persian, Sanskrit, Chinese and Japanese / G. Paczolay. - Veszprem: Veszpreni Nyomda, 1997. - 534 p.
12. Seiler, F. Das deutsche Lehnsprichwort. 4 vols. Halle: Verlag der Buchhandlung des Waisenhauses / Rpt. ed. by W. Mieder. - Hildesheim: Georg Olms, 2007.
13. Strauss, E. Dictionary of European proverbs / E. Strauss. - 3 vols. - London: Routledge, 1994.
14. Taylor, A. The Proverb / A.Taylor. With an introduction, a bibliography, and a photograph of Archer Taylor by W. Mieder. - Bern: Peter Lang, 1985. – 381 p.
15. Trench, R.C. On the lessons in proverbs / R.C. Trench. With an introduction by W. Mieder. - Burlington, Vermont: The University of Vermont, 2003. - 540 p.
16. Walther, H. Proverbia sententiaeque latinitatis medii aevi. Lateinische Sprichworter undSentenzen des Mittelalters / H.Walther & P.G. Schmidt. - 9 vols. - Gottingen: Vandenhoeck & Ruprecht, 1963-1986.

АЗ ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ТАҲАВВУЛИ ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ ВОМГИРИФТАИ ЗАБОНИ РУСӢ

Ҳар як зарбулмасал аз шахсе оғоз мешавад, ки диди дақиқаш дар қолаби як ҷумлаи пурмаъно аз ҷониби ҳамаи табақоти ҷомеа пазируфта шуда, ҳамчун як ҷузъи ҳикмати зарбулмасалӣ ҷой боқӣ мемонад. Албатта, гӯянда ё офаринандаи аввалини бисёре аз зарбулмасалҳо маълум нест ва пажуҳишҳои зиёди фарҳангӣ, этнографӣ, фолклорӣ, таърихӣ, забоншиносӣ ва адабӣ оид ба пайдоиш, паҳншавӣ, вазифа ва мазмуни зарбулмасалҳои алоҳида дар муайян кардани шахсияти муаллифони онҳо дар ҳолатҳои бисёр каме муваффақ шудаанд. Дар ин мақола чаҳор сарчашмаи асосӣ ва дар айни замон нисбатан қадимии пайдоиш ва таҳаввули зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои аврупоӣ баррасӣ мешавад. Муаллиф дар асоси бозёфтҳои охирини забоншиносони ғарбӣ ба хулосае меояд, ки масъалаи пайдоиши зарбулмасалу мақолҳоро набояд ба таври якҷониба баррасӣ кард, зеро замон ва макони пайдоиши ин воҳидҳои забонро бидуни таҳқиқи чандҷониба ва омӯзиши ҳаматарафаи таърихи забонҳои гуногун муайян кардан номумкин аст. Муаллиф бо мисолҳои мушаххас исбот мекунад, ки аксари зарбулмасалу мақолҳои аврупоӣ аз як сарчашма об мехӯранд. Муаллиф дар асоси таърихи таҳаввули зарбулмасалу мақолҳои аврупоӣ ба хулосае омадааст, ки мардум минбаъд низ зарбулмасалу мақолҳои нав эҷод мекунанд ва дар ҷаҳони муосир ба шарофати қудрати расонаҳо баъзе гуфтовардҳои пурмаъно метавонанд дар як муддати хеле кӯтоҳ ба зарбулмасал ва ё мақол табдил ёбанд.

Калидвожаҳо: зарбулмасал, мақол, паремия, вомвожаҳо, пайдоиш, забони русӣ, адабиёти қадим, забони аслӣ, тарҷума.

ОБ ИСТОРИИ ПРОИСХОЖДЕНИЯ И ЭВОЛЮЦИИ РУССКИХ ЗАИМСТВОВАННЫХ ПАРЕМИЙ

Каждая пословица начинается с человека, чья острая проницательность принимается и переносится как часть пословичной мудрости людьми всех слоев общества. Конечно, для большинства пословиц индивидуальный составитель уже неизвестен, и многочисленные культурологические, этнографические, фольклорные, исторические, лингвистические и литературоведческие исследования происхождения, распространения, функции и значения отдельных пословиц лишь в редких случаях увенчались успехом в выявлении этого самого автора. В данной статье рассматриваются четыре основных и в то же время относительно древних источника происхождения и эволюции пословиц и поговорок в европейских языках. Опираясь на новейшие находки западных лингвистов, автор приходит к выводу, что вопрос о происхождении пословиц и поговорок ни в коем случае нельзя рассматривать в одностороннем порядке, поскольку время и место возникновения этих языковых единиц невозможно определить без всестороннего изучения истории разных языков. На конкретных примерах автор доказывает, что большинство европейских пословиц и поговорок происходят из одного источника. Опираясь на историю эволюции европейских пословиц и поговорок, автор делает вывод, что люди будут продолжать создавать новые пословицы и поговорки, и в современном мире, благодаря силе средств массовой информации, некоторые из метких высказываний могут стать пословицами за очень короткий промежуток времени.

Ключевые слова: пословица, поговорка, паремия, заимствования, происхождение, русский язык, древняя литература, язык оригинала, перевод.

ORIGINS OF PROVERBS AND SAYINGS IN EUROPEAN LANGUAGES

Every proverb begins with an individual whose keen insight is accepted and carried forth as a piece of proverbial wisdom by people of all walks of life. Of course, for most proverbs the individual coiner is no longer known, and the

numerous cultural, ethnographic, folkloristic, historical, linguistic, and literary studies of the origin, dissemination, function, and meaning of individual proverbs only rarely succeed in identifying that very person who uttered the proverbial wisdom for the first time. This article discusses four main and at the same time relatively ancient sources of origin and evolution of proverbs and sayings in European languages. Based on the latest findings of Western linguists, the author comes to the conclusion that the question of the origin of proverbs and sayings should by no means be considered unilaterally, since the time and place of the emergence of these language units cannot be determined without a comprehensive study of the history of different languages. Using specific examples, the author proves that most European proverbs and sayings come from the same source. Based on the history of the evolution of European proverbs and sayings, the author concludes that people will continue to create new proverbs and sayings, and in the modern world, thanks to the power of the media, some of the well-aimed sayings can become proverbs in a very short period of time.

Key words: proverb, saying, proverb, borrowings, origins, Russian language, ancient literature, original language, translation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қосимов Муҳаммад Нуралиевич*** – Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия, унвонҷӯи факултети филологияи. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯч.Турсунзода, 30.
Тел.: **(+992) 009-22-29-98**

Сведение об авторе: ***Косимов Мухаммад Нуралиевич*** - Российско-таджикский славянский университет, соискатель филологического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Турсунзаде, 30.
Тел.: **(+992) 009-22-29-98**

Information about the author: ***Kosimov Muhammad Nuralievich*** - Russian-Tajik Slavic University, competitor of the philological faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Tursunzade Str., 30. Phone: **(+992) 009-22-29-98**

АДАБИЁТШИНОСӢ-ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

УДК: 891.550

САҲИФАИ ТОЗАЕ ДАР ШИНОХТИ ШАХСИЯТИ МАВЛОНОИ БАЛХӢ

Кӯчарзода А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ аз бузургтарин орифон ва шахсиятҳои адабу фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ мебошад, ки бо сеҳри сухани воло ва дархури ҷомеаи инсонӣ оламеро волаву шайдо намудааст.

Осори доманфарроху безаволи ин абармарди таърихи башарӣ, хосса «Маснавии маънавӣ» ва «Девони Шамс», дар мамолики мутамаддини Шарқу Ғарб асрҳост, ки мавриди пажӯҳиш ва истиқболи мутафаккирон, донишмандон ва суханварон қарор дорад, вале боз ҳам нуктаҳои ногуфта ва гиреҳҳои нокушуда аз ҳаёту аъмоли ин пири хирад ба назар мерасанд.

Пажӯҳиши осори Мавлонои Балхӣ дар Тоҷикистон асосан аз солҳои 50-уми садаи XX оғоз гардида [5, с.58], дар айёми Истиқлоли давлатии Тоҷикистон, вақте ки бо қарори ЮНЕСКО соли 2007 800-солагии мутафаккир ба нақша гирифта шуд, басо густариш ёфт ва ҷолиби диққат аст, ки ба ин муносибат чеҳраи офтобӣ ва осори гаронбаҳои Мавлоно мавриди тасвири бадеӣ низ қарор гирифт. Ва яке аз асарҳои басо ҷолиб манзумаи «Бозтоби офтоб»-и адиби маъруфи зиндаёд Меҳмон Бахтӣ мебошад, ки соли 2007 нахуст дар рақами 4 «Садои Шарқ» ва баъд аз тариқи чопхонаи «Пайванд» ҳам ба ҳуруфи кириллӣ ва ҳам ба хатти арабиасоси тоҷикӣ бо муқаддимаи профессор Нодир Одил (руҳаш шод бошад) ба табъ расид. Донишманди муҳтарам муқаддимаро «Валанднома»-и сонӣ» номгузорӣ карда, иброз медорад, ки: «Камина, яъне сотири ин сатрҳо, 50 сол боз ба омӯхтани ҳикмату ашъори Мавлоно ва он чӣ дар бораи Мавлонову маънавиёти ӯ навишта шудааст, машғулам. Вале манзумае, ки афкор, аъмол ва асолати шахсияти Мавлоноро бо тамоми ҳастияш ифодагар бошад, аввал «Валаднома»-и писари Мавлоно – Султон Валад ва сонӣ манзумаи Меҳмон Бахтӣ «Бозтоби фотоб» мебошад. Дар ин манзума симои маънавӣ, шахсияти Мавлоно бо обу ранги тозаи шоирона ва зебоии шоиста ва боистии Мавлоно баъди 800 сол ҷилвагар мешавад. Бинобар ин «Бозтоби офтоб» ном ниҳодани манзума ҳам ба мақсад мувофиқ омадааст” [6, с.3].

Пеш аз ҳама, саволе ба миён меояд, ки чаро мавлоношиноси шинохтаи тоҷик Нодир Одил манзумаи «Бозтоби офтоб»-и Меҳмон Бахтиро, ки андаке зиёдтар аз як ҷузъи чопӣ мебошад, ба китоби «Валаднома», ки аз назму наср иборат буда, танҳо назми он ҳудуди даҳ ҳазор байтро дар навъи маснавӣ фаро мегирад, қиёс намуда, онро «Валаднома»-и сонӣ» гуфтааст? Арзиши адабӣ ва таърихии «Валаднома»-ро таҳиягари эронӣ Ҷалолуддин Ҳумоӣ чунин баён намудааст: «Ин маснавӣ рӯйи баёни аҳвол ва саргузашти Мавлоно ва асҳобу ёронаш сохта шуда ва қадимтарин ва саҳеҳтарин санади таърихӣ аст, ки барои тарҷумаи ҳолоти Мавлавӣ ва машоиху муридону хонаводаи ӯ дар даст дорем ва ин мақсудро беҳтар аз ин санади қотеъ ёфта намешавад» [8, с.28].

Ба андешаи мо, муаллифи «Бозтоби офтоб» ҷавҳари таълимоти ирфонӣ, андешаҳои ахлоқию фалсафӣ ва инсонгароии Мавлоноро дар шароити нави таърихӣ чун «Валаднома» мавриди тасвири бадеӣ қарор дода, бо ҳамин мавқеъ ва манзалати инсони комилро тараннум намудааст, зеро «танҳо андешаи ҷаҳонсоз ва маънавиятзои чунин инсон метавонад ба ҳайси неруи тавонманде ба ҳирсу оз, кинаву кудурат, ҷангу пархош ва қатлу ғорат ғолиб ояд ва заминаи саодати маънавии инсон ва ҷомеаро фароҳам оварад» [2, с.108].

Нахуст сохтор ва бандубасти навоваронаи манзумаи «Бозтоби офотоб» ба назар мерасад. Манзума дар шакли маснавӣ эҷод гардида, зоҳиран ба фаслҳо ҷудо намешавад ва мундариҷаи асар дар се вазни баҳрҳои ҳазаҷ ва рамал: а). ҳазаҷи мураббаи ахраб; б). рамали мусаддаси маҳзуф ё мақсур; в). ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф ё мақсур фароҳам омадааст. Ва ҷолиб аст, ки сарахбори манзума бо матлаи

Ё Ҳазрати Мавлоно,
Донандатарин доно! [1, с.8].

оғоз гардида, аз ҳафт байт иборат аст ва ин пора боз дар се қисмати дигари манзума такрор шуда, дар ифодаи барҷастаи мундариҷа ва муҳтавои асар саҳм мегирад. Ҳамчунин фаслҳои алоҳидаи манзума бо байти василаи:

Эй ҳаёти ҷовидон, Мавлои Рум,
Эй азизи ду ҷаҳон, Мавлои Рум,

анҷом пазируфта, шакли шеърии тарҷеъбандро ба хотир меоранд. Бар замми ин, дар манзума чанд байти Мавлоно ва чор мисраи Абдураҳмони Ҷомӣ ба сифати тазмин ё эпиграф истифода шудааст. Ба гуфти муаллифи «Валаднома»-и сонӣ», «услубу усули баён, бандубасти манзума бикру нотакрор аст» [6, с.4].

Манзума ба васфи чеҳраи тобноку мунири Мавлоно оғоз мешавад. Хитобаҳои пайдарпайи мавсуф, батакрор истифода кардани вожаҳои **дил, ошиқи Худо,** вазнҳои сабуку дилнишин ва махсусан корбасти сифатҳои дараҷаи олии **донандатарин доно, бинандатарин бино, дилдодатарин ошиқ** ба матн оҳанги мусиқӣ бахшида, руҳи тавсифии онро қувват медиҳад, ба дараҷае ки симои қаҳрамон басо рушану хотирмон ҳувайдо мегардад:

Ворастаи дунёӣ,
Пайвастаи уқбоӣ,
Ту дар ҳамаи моӣ
Ту замзамаи моӣ! [1, с.8].

Меҳмон Бахтӣ баъди тавсифи умумии чеҳраи Мавлоно дар фасли дувум ба шарҳу баёни мушаххаси мавқеи адабӣ ва фарҳангии ин симои вораста дар ҷомеаи инсонӣ мегузарад ва нахуст ба камолоти маънавии қаҳрамон дида медӯзад. Дар ин фасл, ки аз 13 байт иборат аст, порсоӣ, покдоманӣ ва дар роҳи ихлосу вафо ҳаракат карда, ба ҷодаи ҳақиқат расидани Мавлоно тасвиф ёфтааст. Ин аст, ки ӯ чун инсони комил ба ҳар дину мазҳаб ва миллат созгор мебошад ва ба донишу ҷаҳонбинии бемисл ба Ҳақ пайваста, нури Илоҳиро дар замин таҷаллӣ медиҳад. Пас,

Тоҷику турку араб шайдои ту,
Рози пинҳонест дар пайдои ту.
Синаи меҳри ту пок аз кина буд,
Бо ҳама ойин дилат ойина буд [1, с.8].

«Таҳқиқоти маърифатӣ ва адабии Мавлоно бартару волотар аз ҳар гуна мазоҳибу адён мақом дорад, - қайд кардааст Салими Хатлонӣ дар китоби “Бенавое дар навои най”, - зеро андешаву тафаккур ва ақоиди ӯ тариқати ростин ва расидани одамро бар маснади камол аз роҳи худшиносиву худсозӣ равшангару ҳидоятгаранд» [7, с.103]. Ва ҳамин маънӣ дар фасли дигари манзумаи «Бозтоби офтоб» дар ҳаҷми 14 байт таҳлили бадеӣ ёфтааст. Ин фасл бо байти Мавлоно:

Худовандо, ту медонӣ, маро аз аҳли имон кун,
Макун суфӣ, макун шайху макун мулло, мусулмон кун

оғоз ёфта, моҳияти ишқи Илоҳӣ ва дар ин роҳ аз тариқи риёзат ва омӯзиши собитқадами илму маърифат ба худошиносӣ ва худшиносӣ расидани инсон талқин мешавад.

Ӯ Худоро ёфт ҳамчун офтоб,
Бозтоб аз ҳалқаи нури саҳоб.
Он ки нурафшон баробар бар ҳама,
Рӯшанӣ дорад саросар бар ҳама...
Гармие, к-аз роҳи ишқ ояд баланд,
Гармие, к-аз оҳи ишқ ояд баланд.
Ҷумларо дар ишқи ҷонон парварад,
Дар ҳавои адлу имон парварад [1, с.10].

Дар ҳамин фасл бо роҳи ақлу дониш пай афкандану тавассути паймудани зинаҳои тариқату ҳақиқат зиндаву ҷовид мондани Мавлоно бозгӯ мешавад.

Оҳангнокӣ ва ҷанбаи мусиқии манзумаи «Бозтоби офтоб» ва ҳаракати муназзами калимаву таркиботи асар ҳангоми тасвири рақси самои Мавлавӣ ва дар ин радиф ба эшон пайвастани мардуми гуногунақидаву гуногунпеша басо самимӣ ва хотирмон ба тасвир омадааст. Ва ҷолиб аст, ки шоири муосир Меҳмон Бахтӣ маншаи рақси самоъро аз миёни мардуми меҳнатӣ, аз чак-чаки путку сандони оҳангарон дар дуконҳои оҳангарии Қуния ҷустуҷӯ ва дарёфт намудааст:

Путку сандон ҳарб андар ҳарб дошт,

Сози ҳастӣ зарб андар зарб дошт.
Лаҳзае дар байни мардон ёри нур
Монд дар ҷову дилаш омад ба шӯр.
Гӯш бар зарби чакуш бигзошт ӯ,
Аз ҳавои он наво бардошт ӯ.
Даври худ ӯ давр зад, даврон бишуд,
Пойкӯбон гашту дастафшон бишуд [1, с.12].

Маълум аст, ки Самоъ ҳамчун рақс ба аҳли тасаввуф ва соликони ин роҳ хос буда, ба гуфти донишманд Н.А. Қулматов, “ҳадафи он сайқал додани руҳу ба дараҷаи такомули маънавӣ расондани ориф буд” [3, с.533]. Дар тасвири Меҳмон Бахтӣ бошад, Самоъ руҳи халқӣ ва ҷанбаи иҷтимоӣ касб карда, як воситаи дар байни аҳолӣ ва мухлисону алоқамандон эътибори хосса ва нуфузи зиёд пайдо кардани Мавлавии Балхӣ гардидааст.

Дар қисмати дигари манзума Меҳмон Бахтӣ ба ватани аслии Мавлавӣ рӯ меорад ва нақши шахсияту осори оламгири он ҳазратро дар рушду нумуи забон, адабиёт ва фарҳанги миллии тоҷикон дар айёми Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ба тасвири бадеӣ мегирад. Дар ҳақиқат, ақидаҳои ирфонӣ, пандуахлоқӣ ва фалсафии мутафаккирон ва дигар бузургони гузаштаи илму адаби форсу тоҷик, аз ҷумла Мавлонои Балхӣ, асрҳо боз мавриди омӯзишу пажӯҳиш ва баҳрабардории ҷаҳониён гаштааст, ки ин мояи ифтихори мо - ворисон ва бозмондагон мебошад [4, с.80-82].

Эй нишон аз Балх, аз Вахшони ман,
Решапайванди дили ман, ҷони ман...
Дар ҳунар ё Мавлавӣ, рахшидаӣ
«Маснавии маънавӣ» бахшидаӣ.
Ин асар дар мағзи ҷони мо шуда,
Панди ҳам имрӯзу ҳам фардо шуда.
Маснавӣ хонанд ҳар як марду зан,
Аз ту омӯзанд эъҷози сухан [1, с.15-16].

Чун сухан аз «Маснавии маънавӣ» меравад, пеш аз ҳама, ҳикояи нае, ки онро аз асли хеш ҷудо кардаанд, ба назар мерасад ва фасли навбатии манзумаи «Бозтоби офтоб» низ бо иқтибос аз оғози «Маснавии маънавӣ» шуруъ мешавад. Ва шоир ҳикояти найро шарҳу тавсиф дода, онро бар асари воқеаҳои сиёсии давр ба зиндагии худи Мавлоно пайванд медиҳад. Мавлоно, ки аз бунёди худ ҷудо гардида буд, дар роҳи ишқи ёр риёзат мекашад ва бо гармии оташи ишқ ба васли ёр муваффақ мешавад. Нолаи най авлод ва бозмондагони Мавлоноро ҳам ба ҳушёрӣ, ваҳдат ва собитқадамӣ дар шароити нооромии имрӯзаи давлатдории абарқудратон раҳнамун месозад:

Он навои най нидои васли мост,
Он садои ошно аз асли мост.
Муддате дурем, агар аз асли хеш
Бо ту мепӯем роҳи васли хеш [1, с.19-20].

Дар миёни фаслҳои манзума фасле, ки бо суханони Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ – Ман чи гӯям васфи он олиҷаноб, Нест пайғамбар, вале дорад китоб – оғоз гардида, аз 27 байт иборат аст, мавқеи алоҳида дорад, зеро дар он чандин масъалаҳои фалсафӣ ва ахлоқии «Маснавии маънавӣ», аз ҷумла, озодӣ ва ворастагии инсон, мақоми хирад дар зиндагӣ, ҳамдилӣ ва ҳамрай, камолоти инсон ё инсони кулл мавриди тасвири бадеӣ қарор гирифтааст. Инсон, рисолати таърихӣ ва ахлоқи ҳамидаи он дар «Маснавии маънавӣ» таваҷҷуҳи бисёр донишмандони мамолики Шарқу Ғарб, мисли Бадеуззамон Фурӯзонфар, Р. Николсон, Анамери Шимел, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Мирзо Муллоаҳмадро ҷалб намудааст. Ба гуфти донишманди олмонӣ А.Шимел: «Беш аз олами ҷамодоту гиёҳон ва ҳайвонот дунёи одамӣ Мавлавиро ба сӯйи худ мекашад ва камтар ҷанбае аз зиндагии инсон аст, ки бад-он напардохта бошад» [9, с.8].

Меҳмон Бахтӣ дар ифодаи ҳар масъалаи шоистаи инсони вораста ва комил бузургии шахсияти Мавлоноро ҷӯё мешавад. Мавқеи инсони озод ва андешаманд дар ҷомеаи башарӣ аз ҷумлаи «нуктаи ширини баҳси Мавлавӣ» аст. Озодии инсон муҷиби тинҷиву оромӣ, тараққиёти ҷомеаи ҷаҳонӣ, сулҳу дӯстӣ ва ободию сарсабзии ҳар қитъаву мамлакат мебошад:

Он ки озод аст, бошад сарфароз,

Фикри ӯ чун умри ӯ гардад дароз.
Ҳар ки озодии худ сомон кунад,
Азми ҳар коре кунад, аз ҷон кунад...
Гар хирад шуд довари кори ҷаҳон
Ҷангро бо сулҳ мебандад даҳон.
Партави ӯ шамъро равшан кунад,
Мазраи хушкидаро гулшан кунад [1, с.22].

Шахсияти шоиста ва камолоти инсонии Мавлоно ҳангоми баррасии назарияи сулҳи кулли ӯ дар манзума басо амиқ ба тасвир омадааст. Меҳмон Бахтӣ тавассути баёни лаҳзаи ҷанозаи Мавлоно, ба қавли профессор Нодир Одил «боз як бори дигар ҷаҳониёнро ба ин мунодии сулҳи кулл ва қандили зиёи асримиёнагии башарият рӯ ба рӯ месозад» [6, с.5]. Рӯзи видоъ Қуния ба макони фавҷи одамони гуногунпеша ва дину мазҳабҳои мухталиф табдил ёфта буд. Меҳмон Бахтӣ аз вазни дигар, тавсифу талмеҳ ва такрор барин воситаҳои тасвир кор гирифта, манзараи ҳузновари мотами халқҳои гуногундину гуногунмазҳабро аз даргузашти Мавлонои Рум басо хотирмон ва муассир ба қалам медиҳад:

Гӯянд, ки дар Қуния буд мардуми маҳшар,
Андуҳ ба дил, лоба ба лаб, дидаашон тар.
Як фавҷ араб омада, як хайл фарангӣ,
Як қофила турк омада, як силсила зангӣ,
Як қофила аз қавми яҳудиву насоро,
Як силсила аз аҳли Самарқанду Бухоро... [1, с.24].

Дар миёни қофилаҳои аз Қоҳираву Маккаву Ясриб, Ҳиндустону Ҳимолою Сарандеб ва Тирмизу Хоразму Хуросон омада, ки ба андуҳу бузург нигарони ҷаноза ҳастанд, рақибе пайдо мешавад, ки “Дар мотами муслим чӣ кунад мардуми кофар?» гӯён низои мазҳабӣ андохтанӣ мешавад ва ин тазоди ҳолатҳои руҳии иштирокчиёни маросими мотам ба шоири муосир имкон медиҳад, ки бо тазмини байти худи Мавлоно:

Ҳарфи бадро бар лаб овардан хатост,
Кофару муъмин ҳама халқи Худост--

назарияи сулҳи кулли мутафаккирро басо возеҳу муфассал шарҳу эзоҳ диҳад. Дар назди мардуми гуногункешу гуногунмазҳаби дунё Мавлоно шамси оламтоб, гавҳари покиза, махзани меҳру вафоро мемонад, ки ба олам равзанаи нур кушодааст ва онҳоро ба худшиносиву худошиносӣ ҳидоят намудааст. Ин аст, ки тобути Мавлоно даст ба даст гӯё парвоз мекард:

Ҳар қавм ҳамегуфт, ки ӯ ҳазрати мо буд,
Дар маърифати зотии ӯ ҳасрати мо буд.
Дар номаи ҳастӣ суханаш монд нишона,
То мардуми дунё бишавад аҳлу ягона[1, с.28].

Дар қисмати хотимавӣ Меҳмон Бахтӣ тавассути оромгоҳи Мавлоно дар ҷаҳон эътибор пайдо кардан ва шуҳратёр шудани шаҳри Қунияро қайд карда, мундариҷаи манзумаро дар шакли васияти Мавлоно ба инсони имрӯз хулоса мекунад. Махсусан мисраъҳои:

Ё мусулмон, аз таассуб пок бош,
Бо ҳама ихлоси худ идрок бош...
Ишқи ин дунёи ҳастӣ пеша кун,
Рӯ ба Яздон овару андеша кун[1, с.30-31]

таваҷҷуҳи хонандаро ба масъалаҳои мубрами рӯз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷалб менамояд. Таассуб ва хурофот падидаҳое мебошанд, ки аз ноогоҳии инсон аз рисолати ахлоқии дину шариат ва ҳодисаҳои табиӣ сар зада, ба рушду нумуи ҷомеа халали ҷиддӣ ворид мекунад. Барои аз хурофоту таассуб пок шудан ва Худоро бо ақл шинохтан андешаи солим ва дарки дурусти олами ҳастӣ лозим аст, ки ин ҳолати масарратбахш дар натиҷаи омӯхтан ва дарк кардани нуктаҳои асосии китобҳои арзишманде, чун «Маснавии маънавӣ», ба кас даст медиҳад. Байти василаи

Эй ҳаёти ҷовидон, Мавлои Рум,
Эй азизи ду ҷаҳон, Мавлои Рум

дар якҷоягӣ бо чанд байти дигар дар охири манзума таъкид бар он доранд, ки ғояҳои инсонпарварона ва сулҳҳоҳонаи Мавлоно дар либоси басо шинаму муҷаллои бадеӣ ифода

ёфта, боиси оламгир шудани осори манзум ва дар дилу дидаи мардуми хайрандеши ҷаҳон ҷо гирифтани ин суханвари малакутӣ гардидаанд. Манзумаи «Бозтоби офтоб»-и Меҳмон Бахтӣ бо мавзуъ ва мундариҷаи баланд, муҳтавои фарогир, услуби фардии баён дар шинохти шахсияти Мавлонои Балхӣ саҳифаи тозае дар назми даврони Истиқлоли тоҷик ба шумор меравад.

А Д А Б И Ё Т

1. Бахтӣ, М. Бозтоби офтоб (Ба гиромидошти Мавлои Рум. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ) / М. Бахтӣ. – Душанбе, 2007. – 66 с.
2. Зоҳидов, Н. Шинохти Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ аз равзанаи пиндорҳои ҷаҳони муосир / Н.Зоҳидов // Офтоби маърифат. – Душанбе, 2007. - С.103-108.
3. Қулматов Н.А. Самоъ / Н.А. Қулматов // Энсиклопедияи советии тоҷик. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик, 1986. – С.533.
4. Муллоаҳмад, М. Бузургдошти инсон дар “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолуддини Балхӣ / М. Муллоаҳмад // Офтоби Маърифат. – Душанбе, 2007. – С.80-86.
5. Назрӣ, Ҷ. Мавлонопажуҳӣ дар Тоҷикистон / Ҷ.Назрӣ // Офтоби маърифат (Маҷмуаи мақолот бахшида ба 800-умин зодрӯзи Ҷалолуддини Балхӣ). – Душанбе, 2007. – С.55-61.
6. Одил, Н. “Валаднома”-и сонӣ / Н.Одил // Бахтӣ М. Бозтоби офтоб. – Душанбе, 2007. – С.3-7.
7. Салими Хатлонӣ. Бенавое дар навои най / Хатлонӣ, Салим. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 464 с.
8. Ҳумоӣ, Ҷалол. Муқаддима ба “Валаднома” / Ҷалол Ҳумоӣ // Баҳоуддин Муҳаммад маъруф ба Султон Валад. Валаднома. – Теҳрон, 1376. - С.3-128.
9. Шимел А. Шукӯҳи Шамс. Сайре дар осору афкори Мавлоно. (Тарҷумаи Ҳасани Лоҳутӣ) / А. Шимел. – Теҳрон, 1370.

САҲИФАИ ТОЗАЕ ДАР ШИНОХТИ ШАХСИЯТИ МАВЛОНОИ БАЛХӢ

Асари “Бозтоби офтоб”-и Меҳмон Бахтӣ ба муносибати ҷашни 800-солагии Ҷалолуддини Балхӣ соли 2007 таълиф ва чоп гардида, дар он ҷавҳари таълимоти ирфонӣ, андешаҳои ахлоқию фалсафӣ ва инсонгароии Мавлоно дар шароити нави таърихӣ мавриди тасвири бадеӣ қарор мегирад. Манзума дар шакли маснавӣ эҷод гардида, зоҳиран ба фаслҳо ҷудо намешавад ва мундариҷаи асар дар се вазни баҳрҳои ҳазаҷ ва рамал: а). ҳазаҷи мураббаи ахраб; б). рамали мусаддаси маҳзуф ё мақсур; в). ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф ё мақсур фароҳам омадааст. Меҳмон Бахтӣ дар як қисмати манзума ба ватани аслии Мавлавӣ рӯ меорад ва нақши шахсияту осори оламгири он ҳазратро дар рушду нумуи забон, адабиёт ва фарҳанги миллии тоҷикон дар айёми Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ба тасвир мегирад. Ҳамчунин, дар манзума шахсияти шоиста ва камолоти инсонии Мавлоно ҳангоми баррасии назарияи сулҳи кулли ӯ басо амиқ ба тасвир омадааст. Дар қисмати хотимавӣ Меҳмон Бахтӣ тавассути оромгоҳи Мавлоно дар ҷаҳон шуҳратёр шудани шаҳри Қунияро қайд карда, мундариҷаи манзумаро дар шакли васияти Мавлоно ба инсони имрӯз хулоса мекунад. «Бозтоби офтоб» бо мавзуъ ва мундариҷаи баланд, муҳтавои фарогир, услуби фардии баён дар шинохти шахсияти Мавлонои Балхӣ саҳифаи тозае дар назми даврони Истиқлоли тоҷик ба шумор меравад.

Калидвожаҳо: Мавлонои Балхӣ, “Маснавии маънавӣ”, “Бозтоби офтоб”, Меҳмон Бахтӣ, Самоъ, сулҳи кулл, назм, манзума, мундариҷа, воситаҳои тасвир, тавсиф, забон...

НОВАЯ СТРАНИЦА В ПОЗНАНИИ ЛИЧНОСТИ МАВЛАНЫ БАЛХИ

Произведение Мехмона Бахти «Возвращение солнца» написана и опубликована по случаю 800-летия Джалалуддина Балхи в 2007 году, в котором в новых исторических условиях рассматривается сущность мистического учения, нравственно-философские мысли и человечность Мауланы. . Стихотворение написано в виде рукописи, по-видимому, оно не разделено на главы, а содержание произведения разбито на три раздела: ҳазаҷи мураббаи ахраб; б). рамали мусаддаси маҳзуф ё мақсур; в). ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф ё мақсур). Появилось правильное написание буквы макфуфи махзуф или максур. В одной части поэмы Мехмон Бахти возвращается на исконную родину Мавлави и описывает роль его личности и всемирной деятельности в развитии языка, литературы и национальной культуры таджиков в годы независимости государства Таджикистан. . Кроме того, в стихотворении достойная личность и человеческая зрелость Мауланы глубоко изображены при рассмотрении его теории полного мира. В заключительной части Мехмон Бахти упоминает, что город Куния прославился в мире благодаря святилищу Мауланы, и резюмирует содержание поэмы в форме завещания Мауланы представителям будущего. «Возвращение солнца» с его высокой тематикой и содержанием, всесторонним содержанием, индивидуальной манерой выражения в признании личности Мауланы Балхи является новой страницей в поэзии эпохи Независимости Таджикистана.

Ключевые слова: Маулана Балхи, «Маснави духа», «Возвращение солнца», Мехман Бахти, Само, тотальный покой, поэзия, лирика, содержание, средства иллюстрации, описание, язык.

A NEW PAGE IN KNOWING THE PERSONALITY OF MAVLANA BALKHI

The work of Mehmon Bakhti "Return of the Sun" was written and published on the occasion of the 800th anniversary of Jalaluddin Balkhi in 2007, in which the essence of mystical teachings, moral and philosophical thoughts and humanity of Maulana are considered in new historical conditions. . The poem is written in the form of a manuscript, apparently, it is not divided into chapters, and the content of the work is divided into three sections: kazaҷi murabbai akhrab; b). ramali musaddasi maxzuf yo maқsur; in). Kazakhi musammani akhrabi makfufi maxzuf

yo maḳsur). The correct spelling of the letter Makfufi Makhzuf or Maksur appeared. In one part of the poem, Mehmon Bakhti returns to the original homeland of Mavlavi and describes the role of his personality and worldwide activities in the development of the language, literature and national culture of the Tajiks during the years of independence of the state of Tajikistan. . Furthermore, in the poem, Maulana's worthy personality and human maturity are deeply depicted when considering his full world theory. In the final part, Mehmon Bakhti mentions that the city of Kuniya became famous in the world thanks to the sanctuary of Maulana, and summarizes the content of the poem in the form of Maulana's testament to the representatives of the future. "Return of the Sun" with its high themes and content, comprehensive content, individual style of expression in recognition of the personality of Maulana Balkhi is a new page in the poetry of the era of Independence of Tajikistan.

Key words: Maulana Balkhi, Masnavi of the Spirit, Return of the Sun, Mehman Bakhti, Samo, total peace, poetry, lyrics, content, means of illustration, description, language.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кӯчарзода Аламхон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ, узви вобастаи АМИТ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17

Сведение об авторе: ***Кучарзода Аламхон*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы, член-корреспондент НАНТ. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17

Information about the author: ***Kucharzoda Alamkhon*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of the theory of the newest Tajik-Persian literature, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 891.550-93

ЧАНД МУЛОҲИЗА ДОИР БА ИХТИЁРОТИ ШОИРӢ

Тоиров У.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Вазн яке аз рукнҳои асосии каломи мавзун буда, дар сурати мувофиқ омадани он ба муҳтавою мусиқӣ шеъри дилкашу дилнишине ба вуҷуд меояд. Аз нахустин даврае, ки шеъру шоирӣ ба вуҷуд омад, шоирони нуктасанҷу бузург дар ҷустуҷӯйи омилҳое шуданд, ки кори онҳоро саҳл ва сабук намоянд. Яке аз чунин омилҳо, ки сабаби тағйир додани оҳангу лаҳни мусиқии вазни шеър гардид, ихтиёроти шоирӣ буд. Мувофиқи таҳқиқоти донишмандони илми адаб, мақсад аз ихтиёроти шоирӣ як навъ осон ва сабук намудани кори шоирон ҳангоми эҷод кардани шеър аст. Дойир ба ихтиёроти шоирӣ нахустин бор донишманди эронӣ, арӯзшиноси варзида Нотил Парвизи Хонларӣ дар китоби “Таҳқиқи интиқодӣ дар арӯзи форсӣ ва чигунагии таҳаввули авзони ғазал” [8] изҳори ақида кардааст. Вай се мавриди истифода кардани ихтиёроти шоириро дар асоси ашъори Фаррухию Манучеҳрӣ нишон додааст:

1. Дар авзони як байт овардани як ҳиҷои дароз ба ҷойи ду ҳиҷои кӯтоҳро ихтиёроти шоирӣ номидааст:

Чунон гар хоҳӣ дар бодия
мафъӯлун/мафъӯлун/фоъилун
- - -/ - - -/ - v -
Созӣ аз ӯ жарф маҳиро расан.
муфтаъилун/муфтаъилун/фоъилун
-v v -/ - v v -/ - v -

Мисоли дигар аз Манучеҳрӣ:

Рафт сармову баҳор омад чун товусе,
-v - -/ v v - - / - - -/ - -
Ба сӯйи равза бурун омад ҳар маҳбусе.
v v - -/ v - - -/ - - -/ - -
Думи ҳар тӯтияке чун варқи савсани тар,
v v - -/ v v - -/ -v - -/ - -
Боз чун дастаи савсан думи ҳар товусе.
-v- - / v v - - / v v - -/ - -

Дар ҳақиқат, дар байти Фаррухӣ, ки дар баҳри Сареъи мусаддаси матвии макшуф (садру ҳашви якуми мисраъи аввал – макшуф) суруда шудааст, ду рукни аввали мисраъи якум аз се ҳиҷои дароз (мафъӯлун) иборат асту ду рукни аввали мисраъи дуюм аз чаҳор ҳиҷо (муфтаъилун) сохта шудааст. Дар ин маврид ҳеҷ гуна амали ихтиёроти шоирӣ дида намешавад. Пас, ин амалро чӣ бояд номид? Ҳамон тавре ки аз таърихи таҳаввул ва такомулоти арӯз маълум аст, мухтареъи илми арӯз – Халил ибни Аҳмад рукнҳои солимро дар асоси ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳу якуним (кашида) не, балки аз рӯйи сабаби хафиф (як ҳиҷои дароз – “фаъ” -), як сабаби сақил (ду ҳиҷои кӯтоҳ – “фаъи” v v), як ватади маҷмӯъ (як ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз – “фаъӯ” v-), як ватади мафруқ (як ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳ – “фаъу” – v), як фосилаи суғро (ду ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз – “фаъилун” v v -), як фосилаи кубро (се ҳиҷои кӯтоҳу як ҳиҷои дароз – “фаъилатун” v v v -) ва фозила сохт. Шоирони форс-тоҷик, аз устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ сар карда, ки ба давраи ихтироъи илми арӯз (а. 8) наздик буданд, қоидаҳои илми арӯзи арабиро хеле хуб омӯхтанд ва дар ашъори худ онро амалӣ карданд. Ба таври соддатар гӯем, ду ҳиҷои кӯтоҳ дар рукнҳои фоъилотуну мустафъилуну фоъилун (- v - -/ - - v -/ - v -) дида мешавад, ки фаъилотун (v v - -) аз фоъилотун (- v - -), муфтаъилун (- v v -) аз мустафъилун (- - v -) ва фаъилун (v v -) аз фоъилун (- v -) ба вуҷуд омадааст. Фаъилотун (v v - -) шакли овозии зиҳофи махбун аст, чунки ҳиҷои якумаш дароз буд, кӯтоҳ шуд: муфтаъилун (- v v -) шакли овозии зиҳофи матвӣ аст, зеро ҳиҷои дуюмаш дароз буд, кӯтоҳ карда шуд, фаъилун (v v -) шакли овозии зиҳофи махбуни маҳзуф аст, зеро ҳиҷои якуми фоъилун (- v -) дароз буд, кӯтоҳ гардид. Дар илми арӯз кӯтоҳ кардани ҳиҷои якумро (агар сабаби хафиф бошад), махбун,кӯтоҳ кардани ҳиҷои дуюмро (агар сабаби хафиф бошад), матвӣ ва кӯтоҳ кардани ҳиҷои сеюмро (агар сабаби

хафиф бошад), мақбуз ва кӯтоҳ кардани ҳиҷои чорумро (агар сабаби хафиф бошад), мақфуф меноманд. Зиҳофҳои махбуну махбуни маҳзуфу махбуни мақсуру асламу аслами мусаббағу мушаасс ба баҳрҳои Рамал, Музореъ, Муҷтасс, зиҳофҳои матвию мақтӯъ, макшуф, матвии музол ба баҳрҳои Раҷаз, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб ва зиҳофҳои махбун (v v -) ва мақтӯъ (- -) ба баҳри Мутадорик вобастаанд. Мисол аз нахустин қасидаи комили адабиёти форс-тоҷик - “Шикоят аз пирӣ”-и Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки дар рукни дуюми мисраъи якум шакли овозии зиҳофи махбун (фаъилотун v v - -), дар рукни дуюми мисраъи дуюм шакли овозии зиҳофи мушаасс (- - -)-ро истифода бурдааст:

Маро бисуду фурӯ рехт, ҳарчи дандон буд,
мафоъилун/ фаъилотун/ мафоъилун/ фаълон
v - v - / vv - - / v - v - / - ~
Набуд дандон, ло-бал чароғи тобон буд.
мафоъилун/ мафъӯлун/ мафоъилун/фаълон
v- v - / - - - / v - v - / - ~

Мисоли дигар боз аз ҳамин қасида, ки ҳам дар рукни ҳашви якуми мисраъи аввал ва ҳам дар рукнҳои арӯзу зарби байт шакли афоъили зиҳофҳои мушаассу (мафъӯлун - - -) махбуни маҳзуфу (фаъилун v v –) аслами мусаббағ (фаълон - ~)-ро ҷой додааст:

Ҳамон, ки дармон бошад, ба ҷойи дард шавад
мафоъилун/ мафъӯлун/ мафоъилун/фаъилон
v- v - / - - - / v - v - / v v-

Ва боз дард ҳамон, к-аз нахуст дармон буд.
мафоъилун/ фаъилотун/ мафоъилун/ фаълон
v - v - / vv - - / v - v - / - ~

Мисоли дигар аз Хоқонии Шарвонӣ, ки дар рукни дуюми мисраъи якум шакли овозии зиҳофи матвӣ (муфтаъилун - v v -), дар ҳашви мисраъи дуюм шакли овозии зиҳофи мақтуъ (мафъӯлун - - -)-ро истифода кардааст.

Ҳалқае ар кам шавад аз зулфи ёр,
муфтаъилун / муфтаъилун / фоъилон
- v v - / - vv - / - v ~
Хотами Ҷам хоҳӣ товони он.
муфтаъилун / мафъӯлун / фоъилун
- v v - / - - - / - v -

Байте аз “Махзан-ул-асрор”-и Низомии Ганҷавӣ, ки дар рукни садр зиҳофи матвӣ (муфтаъилун - v v -), дар рукни ибтидо зиҳофи мақтуъро ҷой додааст:

Моли ятимон ситудан кор нест,
муфтаъилун / муфтаъилун / фоъилун
- v v - / - v v - / - v -
Бигзар, кина одати аҳрор нест.
мафъӯлун / муфтаъилун / фоъилун
- - - / - v v - / - v -

Дар байти зери Ҳофиз низ дар рукни арӯз шакли овозии зиҳофи махбуни мақсур (фаъилон v v ~), дар рукни зарб бошад шакли овозии зиҳофи аслами мусаббағ (фаълон - ~) омадааст.

Падарам равзаи Ризвон ба ду гандум бифурӯхт,
фаъилотун/ фаъилотун/фаъилотун/ фаъилон
v v - -/ v v - -/ v v - -/ v v ~
Нохалаф бошам, агар ман ба ҷаве нафрӯшам.
фоъилотун/фаъилотун/фаъилотун/фаълун
- v - -/ v v - -/ v v - -/ - -

Овардани як ҳиҷои дароз ба ҷои ду ҳиҷои кӯтоҳ ё баръакс овардани ду ҳиҷои кӯтоҳ ба ҷои як ҳиҷои дароз, асосан, дар баҳрҳои Рамали мусаммани махбун (- v - -/ v v - -/ v v - -/ v v - -), Рамали мусаммани махбуни маҳзуф (- v - -/ v v - -/ v v -), Раҷази мусаммани матвӣ (- - v - / - v v - / - v v - / - v v -), Раҷази мусаммани махбуни матвӣ (v - v - / - v v -/ v - v - / - v v -), Раҷази мусаммани матвии махбун (-v v - / v -v -/ -v v - / v -v -); Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф (- v - - / v - v -/ vv -), Хафифи мусаддаси махбуни мақсур (v v - - / v -v -/ v v ~); Муҷтасси

мусаммани махбун (v - v - / v v - -/ v - v - / v v ~), Муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф ё мақсур (v - v - / v v - -/ v - v - / v v - ё v v ~), Муҷтасси мусаммани махбуни мусаббағ (v - v - / v v - -/ v - v - / v v - ~), Муҷтасси мусаддаси махбун (v - v - / v v - -/ v - v -); Сареъи мусаддаси матвии макшуф (- vv - / - v -/ - v -), Сареъи мусаддаси матвии мавқуф (- vv - / - v -/ - v ~); Мунсареҳи мусаммани матвии макшуф (-v v - / - v-/ -vv - / -v-),Мунсареҳи мусаммани матвии манҳур (-vv - / -v -v/ -vv - /-), Мунсареҳи мусаммани матвии мавқуф (-vv - / - v -/ -vv - / - v~); Муқтазаби мусаммани матвии мақтуъ (-v - v/ -v v-/ -v - v/ - - -), Мунсареҳи мусаммани матвии мавқуф (-v - v/ -vv-/ -vv - /- -~), Мунсареҳи мусаддаси матвии мавқуф (-v - v/-vv-/ -v~) ҷоиз аст, зеро рукнҳои солими фоъилотун (- v - -)-у мустафъилун (- -v -) ва мафъӯлоту (- - - v) зиҳофҳое доранд, ки дар шаклҳои афоъилашон ду ҳиҷои кӯтоҳ мавҷуданд. Зиҳофҳои махбун (v v - -), махбуни маҳзуф (v v -), махбуни мақсури рукни солими фоъилотун (- v - -) ва зиҳофи матвии (-v v -) рукни солими мустафъилун (- - v -) ба ҳамин гурӯҳи зиҳофҳо дохил мешаванд. Мисоли баҳри Муқтазаби мусаммани матвии мақтуъ:

Вақтро ғанимат дон он қадар, ки битвонӣ,
фоъилоту / мафъӯлун / фоъилоту/ мафъӯлун
- v - v / - - - / - v - v/ - - -
Ҳосил аз ҳаёт, ай ҷон, як дам аст, то донӣ.
фоъилоту / мафъӯлун / фоъилоту/ мафъӯлун
- v - v / - - - / - v - v/ - - -

Мисоли баҳри Мунсареҳи мусаммани матвии мақтуъи маҷдуъ:

Дер зиёд он бузургвор Худованд,
муфтаъилун/фоъилоту/муфтаъилун/фоъ
- v v - / - v – v / - v v - / ~
Ҷони гиромӣ ба ҷонаш -андар пайванд (Рӯдакӣ)/
муфтаъилун/фоъилоту/мафӯълун/фоъ
- v v - / - v – v / - - - / ~

Чи тавре ки аз мисолҳои боло дидем, овардани як ҳиҷои дароз ба ҷои ду ҳиҷои кӯтоҳ ё баръакс, овардани ду ҳиҷои кӯтоҳ ба ҷои як ҳиҷои дароз ихтиёроти шоирӣ набуда, баръакс, аз рӯйи риоя кардани қоидаи арӯз рух медиҳад. Яъне шоир ҳақ дорад, ки дар мисраъи аввал ду ҳиҷои кӯтоҳро ҷой диҳад ва дар мисраъи дуюм як ҳиҷои дарозро ба кор барад, чунки ҳарду сабаб аст. Яке сабаби хафиф, ки як ҳиҷои дароз (-) аст, дигар сабаби сақил, ки ду ҳиҷои кӯтоҳ (vv) аст.

2. Овардани ҳиҷои якуним (кашида) ба ҷои як ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳ. Дар ҳақиқат, аз рӯйи ашъори шоирони адабиёти форс-тоҷик мебинем, ки шоирон дар мисраъи аввал як ҳиҷои якуним ва дар мисраъи дуюм ва мисраъҳои минбаъдаи шеър як ҳиҷои дарозро ҷой доданд. Дар ин маврид ҳам шоирон аз рӯйи қоидае, ки дар илми арӯз роиҷ аст, амал мекунанд. Масалан, агар ҳичои якуним (мисли “об”, “бод”, “даст”, “дошт”, “орд”, “арк”) дар рукнҳои садру ибтидою ҳашвайн оянд, ҳукми як ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳро доранд, агар ҳамин навъи ҳиҷоҳо дар рукнҳои арӯзу зарб оянд, ба шакли мадда (~) навишта мешаванд. Мисол:

Аё шоҳ Маҳмуди кишваркушой,
Зи кас гар натарсӣ, битарс аз Худой.
Фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъӯл
v- -/ v- -/ v- -/v~

Чи тавре ки дар байти Фирдавсӣ дидем, дар мисраъи аввал ҳиҷоҳои “шоҳ”-у “шой”-ю “дой”-и калимаҳои “кишваркушой” ва “Худой” ҳиҷоҳои якуниманд. Ҳиҷои “шоҳ”, ки дар рукни садр омадааст, ҳангоми тақтеъ як ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳ навишта мешавад, аммо ҳиҷои “шой”-ю “дой”-ро ба шакли мадда (~) менависем, барои он ки дар охири байт ҳиҷои кӯтоҳ намеояд. Мисоли дигар аз “Махзан-ул-асрор”-и Низомӣ.

Пиразанеро ситам даргирифт,
муфтаъилун/ муфтаъилун/ фоъилон
-vv-/-vv-/-v~
Даст заду домани Санҷар гирифт.
муфтаъилун/ муфтаъилун/ фоъилон.
-vv-/-vv-/-v~

Низоми Ганҷавӣ дар рукни аввали мисраъи якум як ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳ (“пира”)-ро ҷой дода, дар мисраъи дуюм бошад ҳиҷои “даст” (- v)-ро истифода кардааст, ки ҳарду аз ҷиҳати вазн баробаранд. Ҳиҷои “даст”, ки дар рукни якуми мисраъи дуюм, яъне дар рукни ибтидо омадааст, ҳангоми тақтеъи ҳиҷоӣ як ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳ (-v) навишта мешавад. Ҳиҷои“рифт”-и калимаҳои “даргирифт”-у “гирифт” низ ҳиҷои якуним аст, аммо хангоми тақтеъ ба шакли мадда (~) навишта мешавад, барои он ки дар охири байт омадаст.

Мисоли дигар аз Ҷомӣ:

Таъна бар ман мазан ба сурати зишт,
фоъилотун/ мафоъилун/ фаъилон
-v- -/ v- v-/vv~
Ай тиҳӣ аз фазилату инсоф.
фоъилотун/мафоъилун/ фаълон
-v- -/v- v- /- ~
Тан бувад чун ғилофу ҷон шамшер,
Кор шамшер мекунад, на ғилоф!
фоъилотун/мафоъилун/ фаълон
-v- -/v- v- /- ~

Дар қитъаи боло Ҷомӣ дар мисраъҳои якуму дуюму сеюму чаҳорум панҷ ҳиҷои якуним (кашида)-ро истифода кардааст (“зишт”, “соф”, “шер”, “кор” ва “лоф”). Аз ин панҷ ҳиҷои якуним ҳиҷоҳои “зишт”-у “соф”-у “шер”-у “лоф” дар рукнҳои охири байт, яъне дар арӯзу зарб ҷой дода шудаанд, барои ҳамин, ҳангоми тақтеъи ҳиҷоӣ ба шакли мадда (~), аммо ҳиҷоҳои “кор”-у “шер”, ки дар рукнҳои ибтидою ҳашв омадаанд, ҳангоми тақтеъи ҳиҷоӣ як ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳ навишта мешаванд. Хулоса, дар ин маврид низ шоир мувофиқи қоидаи илми арӯз як ҳиҷои якунимро ба ҷойи як ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳ ё як ҳиҷои дарозу як ҳиҷои кӯтоҳро ба ҷои якуним метавонад ҷой бидиҳад.

3.Овардани фоъилотун (- v - -) ба ҷои фаъилотун (v v - -) дар рукнҳои аввали байт. Мисол, байти Хоҷуи Кирмонӣ:

Булбулони чамани ишқи ту ҳамчун савсан,
фоъилотун/ фаъилотун / фаъилотун / фаълун
- v - - / v v - - / v v - -/ - -
Ҳама тан ҷумла забонанд, вале хомӯшанд.
фаъилотун/ фаъилотун / фаъилотун / фаълон
v v - - / v v - - / v v - -/ - ~

Мисоли дигар, байте аз Ҳофизи Шерозӣ:

Нест бар лавҳи дилам ҷуз алифи қомати дӯст,
фоъилотун/ фаъилотун / фаъилотун / фаъилон
- v - - / v v - - / v v - -/ v v ~
Чӣ кунам ҳарфи дигар ёд надод устодам.
фаъилотун/ фаъилотун / фаъилотун / фаълун
v v - - / v v - - / v v - -/ - -

Мисоли дигар аз Саъдии Шерозӣ:

Саъдиё, гарчи сухандону масолеҳ гӯйӣ,
фоъилотун/фаъилотун/фаъилотун/фаълун
-v - -/v v - -/ v v - -/- -
Ба амал кор барояд, ба сухандонӣ нест.
фаъилотун/фаъилотун/фаъилотун/фаълон
v v - -/v v - -/ v v - -/- ~

Овардани фоъилотун (-v - -) ба ҷои фаъилотун (v v - -)-ро аз ҷумлаи ихтиёроти шоирӣ номидаанд. Дар асл, чунин амал ба ихтиёроти шоирӣ он қадар вобастагӣ надорад. Барои арӯзиён маълум аст, ки дар ҳар рукни солим вобаста ба тағйироте, ки дар он рух медиҳад, зиҳофҳои зиёде ба вуҷуд меояд. Рукни фоъилотун зиҳофҳои зиёд дорад. Агар ҳиҷои аввали фоъилотун (-v - -)-ро кӯтоҳ кунем, фоъилотун (-v - -) шакли фаъилотун (v v - -)-ро мегирад, ки онро махбун меноманд; агар ҳиҷои охири онро кӯтоҳ кунем, шакли фоъилоту (-v-v)-ро мегирад, ки онро макфуф меноманд, агар ҳиҷои охирро, ки дароз аст, якуним кунем, шакли фоъилийён (- v - ~)-ро мегирад, ки мусаббағ меноманд; агар ҳиҷои охири фоъилотун (v v - -

)-ро ҳазф кунем, яъне партоем, шакли фоъилун (- v -)-ро мегирад, ки маҳзуф меноманд; агар ҳиҷои якуму чоруми фоъилотун (- v - -)-ро кӯтоҳ кунем, шакли фаъилоту (v v -v)-ро мегирад, ки онро машкул меноманд ва боз чандин зиҳофҳои дигар бо ҳамин роҳ ба вуҷуд меояд. Аз рӯйи қоидаи илми арӯз шоир ҳақ дорад, ки дар мисраъи аввал фоъилотун (- v - -)-ро ҷой диҳад ва дар мисраъи дуюм фаъилотун (v v - -) -ро. Чаро? Барои он ки фаъилотун (v v - -) зиҳофи махбуни рукни солими фоъилотун (- v - -) аст. Мисли он ки дар рубоӣ чанд зиҳофи рукни солими мафоъӣлун (v - - -) ҷоиз аст. Барои мисол рубоии Хоҷа Ҳасани Нисориро (1516-1597) меорем, ки ҳар мисраъи он дар авзони алоҳидаи баҳри Ҳазаҷ суруда шудааст:

Бемори туам, ҷонон, ҳолам бинигар,
мафъӯлу/мафоъӣлун/мафъӯлу/фаъал
- -v/ v - - -/ - -v/ v -
Чун баҳри ту ҷон диҳам, ба хокам бигузар.
мафъӯлу/мафоъилун/мафоъӣлу/фаъал
- -v/v -v-/ v - -v/ v -
Хоҳӣ шавӣ огоҳ зи ҳоли дили реш,
мафъӯлу/мафоъӣлу/мафоъӣлу/ фаъӯл
- -v/ v - -v/ v - -v/v ~
Бин чеҳраи ман ғарқ ба хуноби ҷигар.
мафъӯлу/мафоъӣлу/мафоъӣлу/фаъал
- -v/v - -v/ v - -v/ v -

Бинед, мисраъи якуми рубоии Нисорӣ дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани ахраби маҷбуб; мисраъи дуюм дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи маҷбуб; мисраъи сеюм дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи аҳтам; мисраъи чаҳорум дар баҳри Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуб суруда шудааст, барои он ки ҳамаи зиҳофҳои ин рубоӣ (ахраб, маҷбуб, мақбуз, макфуф, аҳтам) аз рукни солими мафоъӣлун (v - - -) ба вуҷуд омадаанд. Хулоса, вобаста ба қоидаҳое, ки дар илми арӯз маъмул аст, шоир метавонад, ки ба ҷои фоъилотун (- v - -) фаъилотун (v v - -) ё баръакс, ба ҷои фаъилотун (v v - -) фоъилотун (- v - -)-ро дар авзони як шеър истифода кунад. Аммо шоир наметавонад, ки зиҳофҳои як рукни солимро дар авзони баҳри дигар ба кор бибарад.

4. Илова бар се мавриде, ки дар боло гуфтем, шоир метавонад, ки дар асоси зиҳофҳои гуногуни ин ё он баҳр шеъре эҷод кунад. Масалан, устод Рӯдакӣ дар байти:

Май орад шарафу мардумӣ падид,
мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ фоъилон
v – – v / v – – v / – v ~
В-озоднажод аз дирам харид.
мафъӯлу/ мафоъӣлу/ фоъилон
– – v / v – – v / – v ~

Чи тавре ки мебинед, дар байти боло устод Рӯдакӣ дар рукни аввали мисраъи аввал (садр) зиҳофи макфуф (v - -v), дар рукни якуми мисраъи дуюм (ибтидо) зиҳофи ахраб (- -v)-ро ҷой додааст, аммо вазни шеър сакта пайдо накардааст, барои он ки ҳам зиҳофи макфуф, ҳам зиҳофи ахраб аз рукни солими баҳри Ҳазаҷ ба вуҷуд омадаанд. Вазни байти боло Қариби мусаддаси макфуфи мақсур (ибтидо – ахраб) аст. Шоире, ки аз қонуну қоидаҳои илми арӯз ва зиҳофоти он хуб огоҳ аст, дар асоси шаклҳои овозии зиҳофҳои рукнҳои солими ин ё он баҳр ашъори хуб офарида метавонад.

Манучеҳрии Домғонӣ, низ дар асоси зиҳофоти баҳри Ҳазаҷ (ахраб - - v), (макфуф v - - v), (мақсур v - ~) байти зерро эҷод кардааст:

Субҳ асту баҳор асту на гарм асту на сард аст,
мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафъоӣлу/ мафоъӣл
- -v /v - -v/ v - -v/ v - ~
На абр асту на хуршед, на бод асту на сард аст.
мафъоӣлу/ мафоъӣлу/ мафъоӣлу/ мафоъӣл
v - -v/v - -v/ v - -v/ v - ~

Хулоса, агар шоир аз нозукиҳои илми арӯз, қонуну қоидаҳои он огоҳии дуруст дошта бошад, аз шаклҳои афоъили рукнҳои солим ва зиҳофҳои машҳури онҳо ашъори дилнишину гуворо эҷод карда метавонад.

5. Тавассути иваз кардани ҷои рукнҳоро дар як байт, яъне овардани шакли овозии зиҳофҳои матвӣ (муфтаъилун – vv -) ва махбун (мафоъилун v- v -)-ро низ аз ихтиёроти шоирӣ донистаанд. Дар асл, чунин амал ихтиёроти шоирӣ нест.

Чи тавре ки дар боло зикр кардем, шоир мувофиқи қоидае, ки дар арӯз мутадовил аст, дар як шеър метавонад чанд зиҳофи рукни асосии ҳамон баҳрро ба кор барад. Чунин амал дар шеъри арабӣ хеле маъмул аст. Шоирони араб дар мавриди баҳри Рачаз ҳамин корро кардаанд, яъне дар як шеър чандин зиҳофи рукни солими мустафъилун (- - v -)-ро ҷой додаанд. Шоири асри 12 форс-тоҷик – Ҷамолуддини Исфаҳонӣ (ваф. 1192) дар қасидаи худ, ки дар ҷавоби қасидаи Хоқонии Шарвонӣ гуфта ва ба Шарвон фиристода буд, ҳамин корро кардааст. Чанд байти онро меорем:

Кист, ки пайғоми ман ба шаҳри Шарвон барад,
муфтаъилун / фоъилун / мафоъилун / фоъилун
- v v - / - v - / v - v - / - v -
Як сухан аз ман бад-он марди сухандон барад.
муфтаъилун / фоъилун / муфтаъилун / фоъилун
- v v - / - v - / v - v - / - v -
Гӯяд, Хоқониё, ин ҳама номус чист?
мафъӯлун / фоъилун / муфтаъилун / фоъилон
- - - / - v - / - v v - / - v ~
На ҳар ки ду байт гуфт, лақаб зи хоқон барад.
мафоъилун / фоъилон / мафоъилун / фоъилун
v- v - / - v ~ / v - v - / - v -
Даъвӣ кардӣ, ки нест мисли ман андар ҷаҳон,
мафъӯлун / фоъилон / муфтаъилун / фоъилон
- - - / - v ~ / - v v - / - v ~
Ки лафзи ман гӯйи нутқ зи Қайсу Саҳбон барад.
мафоъилун / фоъилон / мафоъилун / фоъилун
v- v - / - v ~/ v - v - / - v -
Оқил даъвии фазли худ накунад в-ар кунад
мафъӯлун / фоъилун / муфтаъилун / фоъилун
- - - / - v - / - v v - / - v -
Бояд, к-аз ибтидо сухан ба поён барад.
мафъӯлун / фоъилун / мафоъилун / фоъилун
- - - / - v - / v- v - / - v -
Касе бад-ин моя илм даъвии дониш кунад,
мафоъилун / фоъилон / муфтаъилун / фоъилун
v- v - / - v ~/ - vv - / - v -
Касе бад-ин қадри фазл номи бузургон барад.
мафоъилун / фоъилон / муфтаъилун / фоъилун
v- v - / - v ~/ - vv - / - v -
Туҳфа фиристӣ зи шеър сӯйи Ироқ ин-т ҷаҳл,
муфтаъилун / фоъилун / муфтаъилун / фоъилон
- v v - / - v - / - v v - / - v ~
Ҳеч кас аз зиракӣ зира ба Кирмон барад.
муфтаъилун / фоъилун / муфтаъилун / фоъилун
- v v - / - v - / - v v - / - v -
Шеър фиристоданат донӣ монад ба чӣ?
муфтаъилун / фоъилун / мафъӯлун / фоъилун
- v v - / - v - / - - - / - v -
Мӯр, ки пойи малах пеши Сулаймон барад.
муфтаъилун / фоъилун / муфтаъилун / фоъилун
- v v - / - v - / - vv - / - v -
Касе бари офтоб нури ҷароғ оварад,
мафоъилун / фоъилон /муфтаъилун / фоъилун
v - v - / - v ~ /- vv - / - v -
Касе бари моҳтоб ҷомаи каттон барад.

мафоъилун / фоъилон /муфтаъилун / фоъилун
v - v - / - v ~ /- vv - / - v -
Кас ин сухан баҳри лоф сӯйи Ироқ оварад,
мафоъилун / фоъилон /муфтаъилун / фоъилун
v - v - / - v ~ /- vv - / - v -
В-аллаҳ агар кофир ин ба кофаристон барад.
муфтаъилун / фоъилун / мафоъилун / фоъилун
- v v - / - v - / v - v - / - v -
Яке аз эшон манам, ки чун кунам раъйи назм,
мафоъилун / фоъилун / мафоъилун / фоъилон
v - v - / - v - / v - v - / - v ~
Саҷда бар табъи ман равони Ҳассон барад.
мафъӯлун / фоъилун / мафоъилун / фоъилун
- - - / - v - / v - v - / - v -
Манам, ки то ҷои ман хоки сиёҳон бувад,
муфтаъилун / фоъилун / муфтаъилун / фоъилун
- v v - / - v - / - v v - / - v -
Хирад пайи тутиё хоки сиёҳон барад.
муфтаъилун / фоъилун / муфтаъилун / фоъилун
- v v - / - v - / - v v - / - v -
Чу гирам андар банон килк пайи шоирӣ,
мафоъилун / фоъилун / муфтаъилун / фоъилун
- v v - / - v - / - v v - / - v -
Аторуд аз шарми он сар ба гиребон барад.
мафоъилун / фоъилун / муфтаъилун / фоъилун
v- v - / - v - / -v v - / - v -
Марост он хотире, к-он чи ишорат кунам,
мафоъилун / фоъилун / муфтаъилун / фоъилун
v- v - / - v - / -v v - / - v -
Ба табъ пеш оварад, ба табъ фармон барад.
мафоъилун / фоъилун / мафоъилун / фоъилун
v - v - / - v - / v - v - / - v -
Ман аз ту аҳмақтарам, ту аз ман аблаҳтарӣ,
мафоъилун / фоъилун / мафоъилун / фоъилун
v - v - / - v - / v - v - / - v -
Касе бибояд ки мон ҳарду ба зиндон барад.
мафоъилун / фоъилун / муфтаъилун / фоъилун
v- v - / - v - / -v v - / - v -

Чи тавре ки мебинед, Ҷамолуддини Исфаҳонӣ дар қасидаи хеш, ки дар баҳри Рачаз навишта шудааст, ҳам зиҳофи матвӣ (муфтаъилун -vv -), ҳам зиҳофи махбун (мафоъилун v- v -), ҳам зиҳофи мақтӯъ (мафъӯлун - - -), ҳам зиҳофи марфуъ (фоъилун - v -), ҳам зиҳофи марфуъи музоли (фоъилон - v ~) рукни солими мустафъилун (- - v -) -ро истифода кардааст. Вазни ин қасида Рачази мусаммани матвии махбуни марфуъ буда, ба гурӯҳи вазнҳои мутановиб (ё даврӣ) дохил мешавад, зеро дар як байт навбат ба навбат як бор муфтаъилун (- v v -), як бор фоъилун (- v -) ё як бор муфтаъилун (v-v -), як бор фоъилун (– v –) (ё фоъилон - v ~) меояд. Агар баъзе байтҳои онро ба таври

муфтаъилун / фоъилоту / муфтаъилун / фоъилун
- v v - / - v - v / - v v - / - v -

тақтеъ кунем, яке аз навъҳои баҳри Мунсареҳ – Мунсареҳи мусаммани матвии макшуф ба вуҷуд меояд, чунки шакли овозии фоъилоту (-v- v) дар баҳри Мунсареҳ матвӣ ва шакли овозии фоъилун (-v-) бошад матвии макшуф ном доранд, барои он ки ҳам фоъилоту (-v- v), ҳам фоъилун (-v-) аз рукни солими мафъӯлоту (- - -) берун омадаанд.

6. Дар охири ҳиҷоҳои байт, яъне дар охири ҳиҷоҳои рукнҳои арӯзу зарб ба ҷои якдигар овардани ҳиҷоҳои дарозу якуним (кашида)-ро низ ихтиёроти шоирӣ номидаанд. Масалан, Саъдии Шерозӣ дар ғазале дар се мавриди дар рукни охир ҳиҷои якуним (кашида), дар се мавриди дигар ҳиҷои дарозро ҷой додааст:

Ёри ман авбошу қаллош асту ринд,
Бар ман ӯ худ порсоӣ мекунад.
Ай мусулмонон, ба фарёдам расед,
К-он фалонӣ бевафоӣ мекунад.
Саъдии ширинсухан дар роҳи ишқ
Аз лабаш бӯса гадоӣ мекунад.
фоъилотун/фоъилотун/фоъилотун/фоъилун (фоъилон)
-v - -/ - v - -/ - v - -/ - v - (- v ~)

Мисоли дигар аз Ҳофизи Шерозӣ:

Одамӣ дар олами хокӣ намеояд ба даст,
Оламе дигар бибояд сохт в-аз нав одаме.
Хез, то хотир бад-он турки самарқандӣ диҳем,
К-аз насимаш "Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён" ояд ҳаме.
Гиряи Ҳофиз чи санҷад пеши истиғнои ишқ,
К-андар ин дарё нумояд ҳафт дарё шабнаме.
фоъилотун/фоъилотун/фоъилотун/фоъилон (фоъилун)
-v - -/ - v - -/ - v - -/ - v~ (- v-)

Чи тавре ки мебинед, дар ҳарсе байти Ҳофиз ҳиҷоҳои охири мисраъҳои якуми байтҳо ҳиҷои якуним (кашида)-анд, ҳиҷоҳои охири мисраъҳои дуюм ҳиҷои дарозанд, аммо вазн ғалат нест. Чаро? Барои он ки вазни абёти боло Рамал аст (се байти Саъдӣ Рамали мусаддаси маҳзуф ё мақсур, се байти Ҳофиз Рамали мусаммани маҳзуф ё мақсур аст). Ҳам Саъдӣ, ҳам Ҳофиз дар рукни охири мисраъҳои якум, яъне дар арӯз зиҳофи мақсур (фоъилон - v~), дар рукни охири мисраъҳои дуюм, яъне дар зарб зиҳофи маҳзуф (фоъилун – v-)-ро ҷой додаанд. Азбаски ҳам мақсур, ҳам маҳзуф зиҳофҳои рукни солими фоъилотун (- v - -)-анд, шоирон метавонанд, ки дар рукнҳои охири байт онҳоро биоранд. Шояд ҳамин амалро ихтиёроти шоирӣ номидан мумкин бошад.

Хулоса, агар шоир аз нозукиҳои илми авзони шеър хуб бохабар бошаду қонун ва қоидаҳои зиҳофсозӣ, илалсозӣ, фурӯъсозӣ, рукнҳои солим, ҷузъҳои рукн (ватад, сабаб, фосила), тақтеъи ҳиҷоӣ, тақтеъи арӯзӣ, баҳрҳои солим, баҳрҳои фаръӣ, ҳамбастагии арӯзу қофияву бадеъро донад, авзони сақилу хафифу мутановибро шиносад, шеъри хубу дилнишини бесакта эҷод карда метавонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ваҳиди Табрезӣ. Рисолаи "Ҷамъи мухтасар" / Матни комил ва тасҳеҳшуда ба эҳтимоми А. Бертелс). – М.: Ховар, 1989.
2. Гинцбург Д.Г. Основы арабского стихосложения / Д.Г. Гинцбург. – ЗВОРО,1893. - Т.7.; - 1896. - Т.9.; - 1897. - Т.10.
3. Давронов, С. Сохти шеъри тоҷикӣ / С.Давронов. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 25 с.
4. Зеҳнӣ, Тӯрақул. Санъати сухан / Тӯрақул Зеҳнӣ. – Душанбе: Маориф, 2007. – 400 с.
5. Мисбоҳиддини Нарзиқул. Авзони ашъори Рӯдакӣ (Тавзеҳи нукоти арӯзӣ, ихтиёроти шоирӣ ва авзони ашъори бозмондаи устод Рӯдакӣ дар асоси "Девон"-и нашри Олмотӣ) / Нарзиқул, Мисбоҳиддин. – Душанбе: Сино, 2011. – 131 с.
6. Мисбоҳиддини Нарзиқул. Муқаддимаи шеършиносӣ / Нарзиқул, Мисбоҳиддин // Вазни шеър. – Душанбе: Сино, 2018.
7. Насириддини Тӯсӣ. Меъёр-ул-ашъор. Таҳияи Урватуллои Тоир ва дигарон. – Душанбе: Ориёно, 1992. – 152 с.
8. Парвиз Нотили Хонларӣ. Таҳқиқи интиқодӣ дар арӯзи форсӣ ва чигунагии таҳаввули авзони ғазал. – Теҳрон, 1327. – 214 с.
9. Рӯдакӣ. Девони Одамушшуаро Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ. Бо кӯшиши Саййидрасули Мусавӣ, Масъуди Қосимӣ, Азиз Мирбобоев. – Д.: Пайванд, 2000.
10. Сайфӣ. Арӯзи Сайфӣ. – Калкатта, 1867.
11. Саъдии Шерозӣ. Матни комили девон. – Теҳрон, 1340.
12. Сируси Шамисо. Фарҳанги арӯзӣ. – Теҳрон, 1375. – 230 с.
13. Солеҳов, М. Арӯз ва омӯзиши он / М.Солеҳов. – Душанбе: Эр-граф, 2016 – 171 саҳ.
14. Тақии Ваҳидиёни Комёр. Фунун ва саноеъи адабӣ. Муаллифони сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандагони чоп Урваттулои Тоир ва С.Саидалӣ. – Душанбе, 1993. – 52 с.
15. Тоиров, У. Таҳаввул ва такомулоти арӯз / У.Тоиров. – Д.: Ҳоҷӣ-Ҳусайн, 2015.
16. Тоиров, У. Рӯдакӣ – офаридгори назми оламгир / У.Тоиров, С.Дурманова. – Душанбе: Ҳоҷӣ Ҳусейн, 2013. – 270 с.
17. Тоиров, У. Шеъре агар ҳаст (Мулоҳизаҳо дар хусуси вазн, бадеъ ва анвоъи шеър) / У. Тоиров. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – 240 с.

18. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт. – Д.: Ирфон, 1983.
19. Шамси Қайси Розӣ. ал-Муъҷам... Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп Урватулло Тоиров. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.
20. Шарифов, Х. Назмшиносӣ / Х.Шарифов, У.Тоиров. – Душанбе: Ҳумо, 2005. – 384 с.

ЧАНД МУЛОҲИЗА ДОИР БА ИХТИЁРОТИ ШОИРӢ

Вазн яке аз рукнҳои асосии каломи мавзун буда, дар мавриди мувофиқ омадани он бо муҳтавою мусиқӣ (оҳанг) шеъри дилангезу дилнишине эҷод мешавад. Донистани нозукиҳои илми арӯз кори шоирро ҳам сабук ва ҳам осон менамояд. Ҳамин нуктаро ба эътибор гирифта, муаллиф дар бораи ихтиёроти шоирӣ ва сабаби ба вуҷуд омадани ин амал изҳори ақида кардааст. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки агар шоир аз нозукиҳои илми авзони шеър хуб бохабар бошаду қонун ва қоидаҳои зиҳофсозӣ, илалсозӣ, фурӯъсозӣ, рукнҳои солим, ҷузъҳои рукн (ватад, сабаб, фосила), тақтеъи ҳиҷоӣ, тақтеъи арӯзӣ, баҳрҳои солим, баҳрҳои фаръӣ, ҳамбастагии арӯзу қофияву бадеъро донад, авзони сақилу хафифу мутановибро шиносад, шеъри хубу дилнишини бесакта эҷод карда метавонад.

Калидвожаҳо: вазн, арӯз, шеър, назм, адабиёт, ихтиёроти шоирӣ, рукн, фаъилотун, муфтаъилун, фоъилун, Парвиз Нотили Хонларӣ.

НЕСКОЛЬКО СЛОВ ОТНОСИТЕЛЬНО ПОЭТИЧЕСКОЙ ВОЛЬНОСТИ

Размер является одним краеугольних основ поэтического слова и в случае его соответствия с содержанием и ритмом создается приятный и добротный стих. Знание тонкостей арузе облегчает работу поэта. Принимая во внимание этот нюанс, автор выражает своё видение поэтической вольности и касательно причин её возникновения. Автор пришел к выводу, что если поэт хорошо знает тонкости науки о поэзии и законы и правила создания стихотворения, создания столбцов, части столбца (начало, причина, пространство), слоговый состав, астрологический состав, сплошные строки, подстроки, знает гармонию ритма, рифмы и искусства, знает ритмы легкости и гармонии, может создать хорошее и душевное стихотворение..

Ключевые слова: размер, аруз (просодия) стих, поэтика, литература, поэтическая вольность, основа, фаилотун, муфтаилун, фоилун, Парвиз Нотили Хонлари.

A FEW WORDS ABOUT POETIC LIBERTY

Size is one of the cornerstones of the poetic word and if it corresponds to the content and rhythm, a pleasant and good verse is created. Knowledge of the intricacies of aruze facilitates the work of the poet. Taking into account this nuance, the author expresses his vision of poetic freedom and regarding the causes of its occurrence. The author came to the conclusion that if the poet is well aware of the intricacies of the science of poetry and the laws and rules for creating a poem, creating columns, parts of a column (beginning, reason, space), syllabic composition, astrological composition, solid lines, substrings, knows the harmony of rhythm, rhymes and art, knows the rhythms of lightness and harmony, can create a good and sincere poem..

Key words: size, aruz (prosody) verse, poetics, literature, poetic liberty, basis, failotun, muftayilun, foilun, Parviz Notili Honlari.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Тоиров Урватулло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17

Сведение об авторе: ***Тоиров Урватулло*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 17

Information about the author: ***Toirov Urvatullo*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of History of Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 891.550

НАЗАРИ ШАФЕЪИИ КАДКАНӢ БА САБК ВА САБКШИНОСӢ

Мақсудов Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба назари инҷониб аз байни адабпажӯҳони муосири кишварҳои Шарқ касе, ки назария ва дидгоҳҳои сабкшиносии воқеан илмӣ, вале мураккабу печидаи формалистҳои (суратгароёни) русро қабул ва бар асари омӯзишу санҷишҳои ҷиддӣ онҳоро огоҳона бо забони нисбатан сода баён кардаву дар бофти каломи ҳунарӣ татбиқ намудааст, Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ мебошад. Натиҷаи омӯзишҳои пайгиронаи Шафеъии Кадканӣ аз ақидаҳои формалистони рус падид омадани ду китоби пуразиши ӯ яке бо номи "Растохези калимот" (2013), дигаре "Забони шеър дар насри сӯфия" (2014) ва як силсила мақолаҳояш мебошанд. Метавон гуфт, ки дар ин корҳои худ Кадканӣ на танҳо андешаҳои формалистонро бозгӯ мекунад, балки хеле инкишоф ҳам додааст. Пас, формализми русӣ, ки номбурда аз он сахт дифоъ мекунад, чӣ назарияест, кай падид омадааст ва моҳияти таълимоти он чист?

Формализми русӣ дар оғози асри XX дар шинохти забони шоирона (поэтический язык) ба вуҷуд омада, шакл гирифтааст. Назарияпардозони он вақтҳо ҷавони рус дар маҳфили ОПОЯЗ (*Общество изучения поэтического языка / Ҷамъияти таҳқиқгарони забони шоирона*) дар Маскав гирди ҳам омада, роҷеъ ба забони шоирона ё шеърияти забон суханрониҳо мекарданд ва натиҷаи таҳқиқоти худро дар шакли мақолаҳои илмӣ ба нашр мерасониданд. Дар чашмандози эшон нуктаи муҳим иборат аз он аст, ки забон ду навъ дорад: яке забони маъмулии рӯзмарра ва дигар, забони шоирона, яъне, ҳунарӣ. Ҳама таваҷҷуҳи онҳо ба забони ҳунарӣ буд. Аз диди онҳо инҳирофи халлоқона аз забони маъмулии рӯзмарра суханро ҳунарӣ мекунад. Ҷамъияти мазкур нимарасмӣ аз соли 1916 то соли 1925 фаъол будааст, аммо амалан то ибтидои солҳои 30 дар Русия мавҷудияти худро нигоҳ доштааст. Поягузор ва роҳбари асосии мактаби формализми русӣ Виктор Борисович Шкловский (1893–1984) мебошад. Аъзоёни фаъоли он Е.Д.Поливанов, Л.П.Якубинский, Б.М.Эйхенбаум, Ю.Н.Тинянов, Р.О.Якобсон ва дигарон буданд. Манифести ин ҷамъиятро корҳои қаблан нашршудаи В.Б.Шкловский бо номҳои "*Воскрешение слова*" (*Растохези калима*) /1914/ ва "*Искусство как приём*" (*Ҳунар ҳамчун усул*) /1917/ ташкил медод. Бояд гуфт, ки паёми ин таҳқиқоти В.Шкловский чуноне ки зиёда аз сад сол пештар нав буд, имрӯз низ тозагии худро ҳифз кардааст. Ӯ дар "Воскрешение слова"-и худ суханоне гуфта буд ба ин мазмун, ки: «Калимаҳои забони рӯзмарра калимаҳои мурдаанд, зеро ба мо ошноянд, мо онҳоро "намебинем", балки фақат "мешиносем" ва ҳамин ошно будан сабаб мешавад, ки шакли тасвирӣ ва мусиқоии онҳоро тавре ки ҳастанд, "эҳсос" накунем. Онҳо бояд дар осори ҳунарӣ чун воҳидҳои зебоишиносӣ аз нав зинда ва фаъол шаванд...» (11, с.36).

Намояндагони ҳизби болшевикии он замон (махсусан А.А. Жданов) назарияи суханшиносони мазкурро ҳамчун бархурди иртиҷоии шаклпарастона ба адабиёт ва ҳунар маҳкум намуда, ба таъқибашон шурӯъ карда буданд. Дар натиҷа, аксари намояндагони он маҷбур шуданд, ки ба Прага, Париж, Варшава ва баъзе шаҳрҳои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико муҳоҷират кунанд. Вале ҳамин таъбири дар оғоз таҳқиромези "формализм"-ро онҳо ба сифати унвони мактаби худ қабул карданд. Аз миёни формалистони мазкур В.Б. Шкловский дар Русия монд ва бо сиёсати замон мадоро намуда, пешаи худро тағйир доду ба кинамотография рӯй овард. Аммо вақте ки китобчаи ӯ "Воскрешение слова" дар соли 1965 дар Амрико ба англисию фаронсавӣ тарҷума ва нашр шуд, таълимоти ӯ дар кишварҳои Ғарб ғулғула афканд ва аз он замон ба баъд дар заминаи формализми русӣ равияҳои дигаре дар ҳар ҷое бо табдили ном зуҳур карданд, вале ҳамаи онҳо ба дидгоҳҳои формалистони рус такя кардаанд ва тарҳи асосии назария аз они формалистони рус аст. Чунончи, дар Тарту (Эстония) дар заминаи мактаби формализми русӣ равиши илмии семиотикаи сохторӣ бо фаъолияти Юрий Лотман ва шогирдони ӯ эҳё гардид. Дар шаҳрҳои дигари шӯравӣ донишмандоне, аз қабили Ю.Тинянов, В.Пропп, Б.Томашевский, В.Жирмунский, М.Бахтин ва дар хориҷ бузургтарин донишманди ҷаҳонии формалист Р.Якобсон ва баъзеи

дигар, мисли Рене Веллек, Ролан Барт, Ю.Кристева ва дигарон андешаҳои суратгароёнаро инкишоф доданд.

Формалистони рус бар он андеша буданд, ки кори муҳаққиқи сабкшинос андешидан ба монеаҳое, ки шоир ба онҳо рӯ ба рӯ шудааст ва чӣ тавр он монеаҳоро убур кардаву ба озодӣ расидааст. Озод шудан аз он монеаҳо, яъне, эҷоди асари тозаи бадеӣ дар шакли сохту суратҳои гуногун аст. Ҳамин бунёди фалсафӣ дар дарки зебоӣ формалистҳоро ба он водоштааст, ки ҳар навъ масъулияти сиёсӣ-иҷтимоиро, яъне, ҳар гуна омили "фароматнӣ"-ро ҳеч шуморанд. Онҳо вазифаи эҷодкорро дар офариниши шаклу суратҳои ҳунарӣ медонистанд. Пас, масъулияти асосии ҳунарманд дар баробари эҷоди зебоӣ аст. Аз ҳамин ҷост, ки формалистон мегӯянд: "Сидқу кизбҳои ҳунарӣ аз ҷинси сидқу кизбҳои мантиқӣ ва иҷтимоӣ нест. Агар сухани шоир аз ҷиҳати зебоишиносона ба камол бошад, мавзӯи суханаш ҳар чӣ бошад сидқ аст" (2, с.250). Аз назари онҳо ҳамин масъулият дар баробари зебоӣ ҳарчанд гоҳе эҷодкорро ба гуфтани ақидаҳои муқобили ҳам орад, боке надорад.

Чунин андешаи суратгароёни русро Шафеъии Кадканӣ комилан қабул дорад ва огоҳона ва сидқан дар шеъру адаби форсӣ татбиқ намудааст, ки бархе аз онҳоро мо дар ин мусаввада бозгӯ мекунем.

Кадканӣ барои тасдиқи ақидаи ахир аз Ҳофиз мисоле меорад. Ҳофиз гуфтааст:

Ҳофизам дар маҷлисе, дурдикашам дар маҳфиле,
Бингар ин шӯхӣ, ки чун бо халқ санъат мекунам.

Яъне, дар байти мазкур Ҳофиз мегӯяд: Эҷоди зебоӣ, ки вазифаи аслии ман аст, маро гоҳе ба гуфтани суханони ахлоқӣ мекашонад ва гоҳе ба ситудани дурдикашӣ, ки хилофи ахлоқ аст, вомедорад.

Суратгароён сухани бадеъӣ, яъне, шоиронаро иборат аз як система ё низом медонистанд ва ҳамин низоми ҳунарӣ будааст, ки адабият (*литературность*)-ро ба вуҷуд меоварад.

Кадканӣ бар он аст, ки "шеър меъмории мусиқоии забон аст" (2, с.313) ва ҳангоми баррасии сохтори он бояд ҳама унсурҳои ҳунарияш, аз қабили вазн, қофия, радиф, санъатҳои бадеӣ, нағмаи ҳуруф, садои ҳиҷоҳо хуллас, ҳама тарҳи куллии он дар якҷоягӣ, ки суханро зебо мегардонанд, бояд ба эътибор гирифта шавад. Ӯ мегӯяд: "Маъно дар ҳунар ҳамон суратест, ки шуморо маҳсури худ мекунад. Сурат ва маъно дар ҳунар гоҳе чунон ба якдигар гиреҳ мехӯранд, ки таҷзияи онҳо аз якдигар мисли таҷзия кардани рақс аз рақсанда аст, ки ҳатто дар олами тахайюл низ имконпазир нест". Ба қавли Кадканӣ чунин ақидаро бори аввал Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ (ваф. 1078) дар китобаш "Асрор-ул-балоға" баён кардааст, ки бо ақидаи формалистони рус таворуд дорад. Суратгароёни рус ин ақидаро фақат бо чашмандози васеи худ дар шакли назарияи низомманд баён кардаанд. Кадканӣ низ ҳамин ақидаи формалистонро ҷонибдор аст, ки маъно таҷаллии сурат аст ва маънои бидуни сурат ва муҷаррад қатъан вуҷуд надорад. Олами шуҳуд фақат ва фақат иборат аз маҷмӯи суратҳост ва шоири асил бо истифода аз онҳо сохторҳои ҳунарӣ меофаринад ва онҳо мешаванд дорои маъниҳо (дар ин бора муфас.ниг. 7, с.14).

Он чизе ки дар гузашта ашъариҳову мотурудиён *"каломи нафсӣ"* номидаанду файласуфони ихвонуссафо *"ҳуруфи фикрия"* хондаанд ва бар он будаанд, ки "маъное дар нафси ман ҳаст, ки ҳоло шакл нагирифтааст", ҳеч қобили пазириш нест. Ба ҳам муқобил гузоштани шаклу маъно дуруст нест, зеро маъно фақат дар вуҷуди сурат имконпазир аст. Ҳатто вақте мегӯем, ки "ман ғамгинам" онро бо забони хомӯш дар қолаби сурат дар зеҳнамон мегузаронем ва баъдан, бо сухан ифода мекунем. Яъне, баҳси "аввал маъно ва пасон шакл" гуфтори беҳудаест. Авҳадии Кирмонӣ дар як рубоияш гуфтааст:

Ин олами сурат асту мо дар суварем,
Маънӣ натавон ёфт, магар дар сурат.

Вақте суратро тағйир додем, маъно ҳам тағйир меёбад. Ба тасдиқи назарияи сурат метавонем мусаммати машҳури Манучеҳрӣ "Хезеду хаз ored, ки ҳангоми хазон аст..."- ро ёдовар шавем. Агар ҳамин матлабро аз вазн берун кунему ба наср баён намоем, ҳеч таъсире нахоҳад кард, зеро ба сухани одии рӯзмарраи мурда ва ғайрифаъол табдил меёбад. Ин шоир аст, ки ба он гапи муқаррарӣ ҳаёти дигар бахшидааст ва дар натиҷа шаклу сурати сухани Манучеҳрӣ, яъне, вазну мусиқӣ, низоми муайяни вожаҳо, нағмаи ҳуруфи "х" ва "з" дар

иртиботи ҳам ба он чеҳраи ҳунарӣ додаанд, вагарна дар он на истиора ҳасту на ташбеҳе ва на ҳикмате. Суратгароён ҳамин гуна зиндашавиро “растохези калимот” номидаанд.

Нишонаи аввалини адабияти шеър дар инҳирофи забони он аз забони мубтазил аст. Яъне, забон аз ҳолати одии худ хориҷ мешавад ва ҳунарию отифӣ мегардад.

Кадканӣ бар он аст, ки шабеҳ бар ақидаи ҷамолшиносонаи суратгароёни русро дар навиштаҳои баъзе қудамои мо, аз ҷумла Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ дарёфтан мумкин аст, ки хеле ҳайратовар аст. Чунончи, Ҷурҷонӣ “шеърият”-и як шеърро дар “тааҷҷуббарангезӣ”-и он мебинад. Ва ба ҳамин далел муътақид аст, ки “шеър чизест, ки қобили тарҷума нест”, зеро дар тарҷума “нуқтаи тааҷҷуббарангезӣ”-и он аз миён меравад (2, с. 297). Бо ин Шафеъии Кадканӣ гуфтанист, ки ҳамин назари Ҷурҷонӣ дар назарияи зебоӣ ба мафҳуми “ошноизудоӣ” (“остранение”)-и В.Шкловский хеле наздик аст. Шоир бо халлоқияти худ моро ба шигифтӣ вомедорад ва вақте такрорӣ шуд, дигар нерӯи тааҷҷуббарангезӣ аз байн меравад. Шоири дигаре бояд биёяд ва дар заминаи он сохтори такрорӣ ошноизудоӣ кунад ва сурати суханро нав намуда, хонандаро ба шигифтӣ водорад. Ҳамин тартиб, ҳам Ҷурҷонӣ ва ҳам формалистони рус ба “форма”, яъне, шакл ё сурат ё сохтор бо нигоҳи пӯё назар кардаанд. Истилоҳи “остранение” ё “ошноизудоӣ”-ро В.Шкловский дар мақолаи машҳураш “Искусство как приём” дар соли 1917 баён намуда, дар сабкшиносӣ ҷорӣ намуда буд. Ошноизудоӣ ба маънии берун кардани хонанда аз фаҳми автоматии матн аст. Агар шоир сохтори куҳнаи ба хонанда ошноро такрор намояд, ба вай таъсире намебахшад. Яъне, хонанда танҳо ҳангоми хондани матни аз нав коркардшуда ё ошноизудоишуда бо сохтори нави забонӣ дучор мешавад ва лаҳзае дар ҳайрат мемонад ва дар дарки он тааммул мекунад. Ба фикри суратгароён, агар шоир ба ин кор муваффақ шавад, шоири асил аст ва шеъраш ҳам ҷанбаи қавии ҷамолшиносона мегирад ва ба хонанда лаззат мебахшад. Пас, “ҳар навъ навоварӣ дар қаламрави сохту суратҳо ин ошноизудоӣ аст” (2, с.96). Масалан, агар мо аз даргузашти падари дӯстамон огоҳ шавем, маъмулан, чунин мегӯем: Ин хабарро шунида, дилам хун шуд. Ин таъбири забонзад ва такрорӣ аст. Агар ба ҷои он “дилам такон хӯрд” ё “дилам гирист” гӯем, таъсираш дучанд аст, зеро ошноизудоӣ кардаем. Суханшиносони гузаштаи мо низ дар сабки адабӣ ошноизудоиро ҳис мекардаанд. Чунончи, Соммирзо дар тазкирааш “Туҳфаи Сомӣ” вақте бо ин падида рӯ ба рӯ мешавад, навиштааст, ки “шоир ин матлабро тавре гуфта” (6, с.296) ё “шеъраш тавре воқеъ шуда” (6, с.189) ё “ғазалро тавре мегӯяд” (6, с.316). Яъне, суханшиносоне назири Соммирзо, ба қавли Кадканӣ, тағйири аносири сабкиро ба ғариза дармеёфтанд, аммо фаннӣ сохтани масоили сабк ба формалистони рус муяссар шудааст.

Формалистони рус, гарчи ба назарияи футуристон ва фалсафаи Э.Кант такя мекарданд, аммо асоси диди онҳоро ба каломи ҳунарӣ ҳамон кашфи бузурги забоншиноси швейтсарӣ Фердинанд де-Соссюр ташкил медиҳад.

Фердинанд де-Соссюр ду мақулаи забониро пеш гузошта буд: Яке “syntagmatic axis” (*синтагматическое отношение*) ва дигаре “paradigmatic axis” (*ассоциативное отношение*). Маънии “синтагма” сохтори мураккаби воҳиди забонӣ аст. Истилоҳи “парадигма” мафҳум ё чашмандози наверо мерасонад. Формалистони рус бо таваҷҷуҳ ба ин ду мақула чӣ будани сабки адабиро таъйин кардаанд. Ба ақидаи онҳо, ки Шафеъии Кадканӣ низ сахт бо он ҳамсӯ аст, сабк инҳироф аз норма аст. Вақте шоир дар эҷоди адабӣ аз нормаи мавҷуда инҳироф мекунад, яъне, онро тағйир медиҳад, сабк ба вуҷуд меоварад. Яъне, дар сабкшиносӣ аввалин масъалае ки пеш меояд, масъалаи норма аст ва он ба маънои ҳанҷор ё кайфияти сохтори мавҷуда фаҳмида мешавад. Александра Берлина – яке аз шореҳони андешаҳои В.Шкловский, бар он ақида аст, ки “норма” аз нигоҳи Шкловский “чиз” (вещь) ё “матн” (текст) аст (1, с.13).

Кадканӣ “синтагматик эксис”-ро “инҳироф аз норма дар меҳвари ҳамнишинӣ” тарҷума кардааст ва “парадигматик эксис”-ро “инҳироф аз норма дар меҳвари ҷонишинӣ” шинохтааст. Сабк ҳам дар меҳвари ҳамнишинӣ матраҳ мешавад ва ҳам дар меҳвари ҷонишинӣ. Барои дарки саҳеҳи он метавон мисолҳои содаи зерро овард: Фаразан мо ҷумлае дошта бошем дар сурати “Аҳмад бо ҳамсабақаш ба мактаб рафт” ва агар ин ҷумларо бо пасу пеш кардани калимаҳояш тағйир бидиҳем: “Рафт Аҳмад бо ҳамсабақаш ба мактаб”; “Ба мактаб рафт Аҳмад бо ҳамсабақаш”; Бо ҳамсабақаш Аҳмад ба мактаб рафт”. Дар чунин

ҳол мо калимаеро аз берун наовардем. Инро мегӯянд инҳироф аз норма дар меҳвари ҳамнишинӣ. Вале агар мо баъзе калимаҳои ин ҷумларо тағйир бидиҳем: “Шариф ба мактаб рафт” ё “Падарам бо дӯсташ ба бозор рафт” Дар ин ҳол инҳироф аз норма дар меҳвари ҷонишинӣ ба амал омадааст, зеро калимаҳои дигарро дар ҷумлаи аввал ҷонишин кардем. Аз рӯи мушоҳидаи Кадканӣ дар сабки шахсии худ Саъдӣ дар наҳви забон ва дар меҳвари ҳамнишинӣ муъҷиза мекунад:

Аз дар даромадию ман аз худ бадар шудам,
Гӯӣ к-аз ин ҷаҳон ба ҷаҳони дигар шудам.
Чашмам ба роҳ, то кӣ хабар медиҳад зи дӯст,
Соҳибхабар биёмаду ман бехабар шудам... (5, с.765).

Ин ҷо тамоми ҳунари халлоқият дар меҳвари ҳамнишинист. Кадканӣ мегӯяд, ки хеле сахт аст ки шоире дар меҳвари ҳамнишинӣ соҳиби сабк бошад. Ба назари Кадканӣ ин кори Саъдист ва ҳеч кас бо ӯ наметавонад баробарӣ кунад.

Аммо будаанд ва ҳастанд шоироне, ки гоҳе дар инҳироф аз меҳвари ҳамнишинӣ низ ибрози ҳунар кардаанд. Чунончи, шоири бузурги асри гузашта Шаҳриёр байте дорад, ки сохтори он устувор бар меҳвари ҳамнишинист:

Ҷавонӣ шамъи раҳ кардам, ки ҷӯям зиндагониро,
Наҷустам зиндагонирову гум кардам ҷавониро (10, с.149).

Вале воқеият ин аст, ки сабкро бештар меҳвари ҷонишинӣ эҷод мекунад ва дар ин сурат дар сохтори ҳунарӣ зебоии тоза ба вуҷуд меояд. Дар меҳвари ҷонишинист, ки истиораҳои нав ба нав падид меоянд. Тағйироти забон ҳам аслан, дар меҳвари ҷонишинӣ ба вуҷуд меояд.

Акнун ин ҷо масъалаи “*художественный прием*” сар мезанад, ки муаллифи ин истилоҳ ҳамоно В.Шкловский аст. Истилоҳи мазкурро Кадканӣ аз англисии он, ки “artistic device” аст, “ҳунарсоза” тарҷума кардааст. Аммо шореҳони андешаҳои В.Шкловский, аз ҷумла А.С.Мигунов “художественный приём”-ро “тариқ ё усули хосси ошноизудоии як ҳунарманд” тавзеҳ кардаанд (13, с.41), ки ба воқеият наздиктар аст ва натиҷаи он тарзи ҳунарӣ “амали эҷод” (творческий акт) хоҳад шуд. Яъне, ҳосили он бархурд ё усулро (“усул” ин ҷо ба маънои “принсипҳо” нест, балки ба маънои “тарзи мунҳасир ба фард” аст) метавон ҳунарсоза номид. Зери истилоҳи “ҳунарсоза” маҷмӯи зебоиҳои як сохтор ва низоми ҳунарие фаҳмида мешавад, ки шоир эҷод кардааст ва хонанда онро ба гунаи чизҳои диданӣ эҳсос мекунад. Он метавонад дар як байт ҳамчун як мавҷи дарё ифода шавад ва маҷмӯи чунин сохторҳо сохтори бузурги тамоми матни асарро ташкил медиҳад, ки он сохтор сабки шахсии шоирро ба вуҷуд меоварад ва он сабк андаруни сохтори боз ҳам бузургтарест, ки сабки замони ӯст.

Ба қавли Кадканӣ майдони аслии сабкшиносӣ майдони ҳунарсозаҳост ва халқи ҳунарсозаҳо бениҳоят аст. Ӯ ҳунарсозаҳоро ба ду даста ҷудо кардааст. Ҳунарсозаҳои масдуд ё мурда ва ҳунарсозаҳои боз ё зинда. Ҳунари шоири асил дар боз намудан ё зинда кардану фаъол намудани ҳунарсозаҳои баста, мубтазил ё мурда аст.

Аҷаб ин аст, ки адибони гузаштаи мо ин нуктаро ба ғариза мефаҳмидаанд. Чунончи, Соиб гуфтааст: “Толиби ҳусни ғарибу маънии бегона бош”. Дар ин фармудаи Соиб “ҳусн” ба маънии ҳусни маъшуқа нест, балки ба маънои забони ҳунарӣ, яъне, ошноизудоӣ аст ва “маънии бегона” ба маънои сохтори нав ё ҳунарсозаи боз мебошад.

Фаҳмидану дарк кардани он ки фаразан ин ҳунарсозаи шоир масдуд аст ё боз аст, бастагӣ дорад ба донишу биниши офаринандаи сонавӣ, яъне, хонанда.

Чунончи, Фаррухӣ дар тағаззули як қасидааш гуфтааст:

Бунафшазулфи ман он сарвқадди симандом
Бари ман омад вақти сапедадам ба салом (8, с.240).

Тавре ки ба мушоҳида мерасад, Фаррухӣ дар нимаи аввали асри XI зулфи ёрашро ба бунафша ташбеҳ кардааст.

Вақте ба девони Фаррухӣ мурочиат кардам, дидам, ки ӯ айни ҳамин ташбеҳи “бунафшазулф”-ро дар чандин ҷои тағаззулоташ истифода кардааст [“Бунафшазулфи ман андар миёнашон гуфтӣ – Чу моҳ буду дигар некувон ҳама кавкаб”; “Бунафшазулфи ман он офтоби Туркистон –Ҳаме бунафша падид орад аз ду лоласитон”; “Бунафшазулфо, гирди

бунафша зор магард – Магард, лоларухо, гирди лолаи рангин”... (8: мутаносибан саҳ. 17; 252; 292...]. Азбаски такрор шудааст, метавонем онро дар радифи ҳунарсозаҳои масдуд бишуморем. Шакке нест, ки дар асрҳои баъдӣ низ чунин ташбеҳи баста ба кор рафтааст. Аммо инро ҳам гӯем, ки масдуд будани ин ташбеҳ дар шеърҳои Фаррухӣ ва шоирони дигар нисбӣ аст. Чунончи, Амир Муиззӣ (ваф.1125) ҳунарсозаи такрорӣ ва масдуди Фаррухиро хостааст чунин боз намояд:

Бунафша нест он зулфайну лола нест он ораз,
Яке нур аст дар зулмат, яке куфр аст дар имон (4, с.545).

Ҳофиз ҳамин ташбеҳи зулф ба бунафша ва ханда ба ғунчаро, ки такрор ба такрор дар ашъори дигарон дида мешавад, бо нерӯи бузурги халлоқи худ “вайрон” кардааст ва онро бо чашмандози нав боз кардаву эҳё намудааст:

Тоби бунафша медиҳад турраи мушксои ту,
Пардаи ғунча медарад хандаи дилкушои ту.

Дар ин байт ду ташбеҳи масдуду куҳна ҳаст, яке ташбеҳи хандаи маъшуқ ба ғунча ва дигар ташбеҳи турра ба бунафша. Дар ин маврид Ҳофиз ҳамаи монеаҳоро дар бофти суханаш бартараф намуда, онҳоро муваффақона бозофаринӣ кардааст. Бунафша як гули хушбӯи ваҳшии хӯшаӣ буда ва шабеҳ ба гесӯ ё зулфи маъшуқа аст. Аммо Ҳофиз ҳамин сохтори куҳна дар мавриди бунафшаро навсозӣ кардааст, вазни шеърашро ҳам дигар карда, ба он оҳанги нав додааст. “Хандаи ғунча” як ҳунарсозаи хеле қадими чандинҳазорсола дар таърихи башар метавонад бошад.

Ҳунарсозаи “тоби бунафша медиҳад” зиндагибахшии аҷибе дорад. Агар мегуфт: “тоби бунафша дорад” як маънӣ медошт. Мисли ин ки гӯем “мазаи асал медиҳад”. Ҳамчунин “тоб” чандин маънӣ дорад: яке печу шикан ва дигар гудохтану мушавваш кардан ва дигар ошуфтаву музтарибу бетоб сохтан аст. “Пардаи касеро даридан” фарқ дорад аз ташбеҳи даҳон ба ғунча. Мусиқии байт бо истифодаи нағмаи ҳуруфи “т”, “д” ва сохторҳои аҷиби наҳвии “даридану кушудан” дар байти мазкур ҳунарсозаро ба тарафи бениҳоят боз намудааст. Ин ҷо дар иртиботи ду ташбеҳи номбаршудаи масдуд шеъри шоирони пеш аз Ҳофиз барои ӯ норма қарор гирифтаанд ва кори Ҳофиз дар боз намудани онҳо инҳироф аз норма дар меҳвари ҷонишинӣ шудааст. Пас, ҳунарсозае ки Ҳофиз ба вуҷуд овардааст, кушодатарин ва зеботарин ҳунарсоза аст. Воқеият ҳам ин аст, ки пеш аз Ҳофиз вобаста ба “бунафша” ва “ғунча” ҳеч шоире чунин ҳунарсозае насохтааст. Ҳунари аслии Ҳофиз низ дар он шинохта мешавад, ки ӯ ҳамин гуна ҳунарсозаҳои беҷон ва масдуди шоирони пешин ва муосири худро мегираду халлоқона сохтори онҳоро тағйир дода, ба онҳо ҷони тоза ва таровати нав мебахшад. Бар асари чунин ошноизудоӣ формаҳои нав, яъне, суратҳои нав падид меоянд ва суратҳои қаблиро маҳв карда ҷонишини онҳо мешаванд.

Кадканӣ дар сабкшиносӣ инҳирофи мусиқиро ҳам ҷудо кардааст, ки бо тағйири вазн ҳосил мешавад. Инҳироф дар ҳавзаи калимотро ҳам нишон медиҳад. Яъне, тавассути таққиқи оморгирии сабкшиносӣ дар ин ҳавза метавон ташхис кард, ки басомади калимаҳои архаистӣ ё басомади калимаҳои арабӣ ё туркӣ то куҷост. Масалан, Манучеҳрӣ бо боло бурдани басомади вожаҳои арабӣ сабки хосе ба вуҷуд овардааст. Ё чӣ тавр дар раванди инкишофи каломи ҳунарӣ, аз оғоз ба ин тараф, пешояндҳо кам шуда рафтаанд. Чунончи, дар ғазали “Ман бехуду ту бехуд, моро кӣ барад хона?”-и Мавлавӣ пеш аз калимаи “хона” пешоянди “ба” ҳазф шудааст. Мавлавӣ метавонист матлабро бо вазне гӯяд, ки “ба хона”-ро гунҷоиш бидиҳад. Ҳамин тавр дар ашъори Мавлавӣ ва шоирони баъдӣ басомади пешояндҳо камтар шуда рафтаанд. Дар ин росто мушоҳидаи ҷолиби Кадканӣ он аст, ки дар сабкшиносӣ ҳатто тағйири сурати як ҳарф, ки нуқта дорад ё надорад, аҳаммият дорад ва сабк аз он шурӯъ мешавад, Масалан, дар ашъори Фаррухӣ ё Анварӣ ё Саъдӣ ғазале дошта бошем, ки қофияҳояш “фарёд”, “бедод”, “бунёд” бошад ва як байте ҳам он ҷо бошад, ки бо калимаи “сайёд” низ қофия шуда бошад. Дар ин сурат, масалламан, он байт дар шеъри шоирони номбаршуда илҳоқӣ аст, зеро “сайёд” калимаи арабист ва бо ҳарфи “дол” тамом мешавад, аммо калимаҳои “фарёд”, “бедод” ва “бунёд” бо “зол” тамом мешаванд. Барои шоирони зикршуда ҳеч имкон надорад, ки “сайёд”-ро бо “фарёд”-у “бедод”-у “бунёд” қофия карда бошанд. Агар Ҳофиз он калимаҳоро дар шеъраш қофия мекард, раво мебуд, чаро ки то асри XIV дар Эрон “фарёд”-ро бо “сайёд” қофия намекарданд, онҳо қотеона

долро аз зол ҷудо мекарданд. Аммо ба шаҳодати Кадканӣ, ва дар воқеъ ҳам, суханшиноси бузург Шамси Қайси Розӣ дар “Ал-муъҷам” қайд карда, ки «дар забони аҳолии Мовароуннаҳр “золи муъҷама” нест ва ҳама “долоти муҳмала” дар лафз оранд» (9, с.245). Яъне, маълум мешавад, ки мовароуннаҳриён аз аввал “фарёд”, “бедод” ва “бунёд” мегуфтаанд, на “фарёз”, “бедоз” ва “бунёз”. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки агар мо девони нусхаи қадиме дошта бошем, ки он ҷо “фарёд” бо “сайёд” қофия шуда бошад, метавонем собит кунем, ки гӯяндаи он шеър мовароуннаҳрист ё бархоста аз Мовароуннаҳр аст, аммо агар шоир парваридаи дигар навоҳии Эрон бошад, он байт илҳоқист. Яъне, сабкшиносӣ аз як нуқта шурӯъ мешавад.

Муайян кардани инҳироф дар ҳавзаи наҳви забон низ аз нигоҳи сабкшиносӣ дорои аҳаммият будааст. Кадканӣ истилоҳи “доминанта”-и сохторшиноси маъруф Роман Якобсонро “ваҷҳи ғолиб” номидааст. Ваҷҳи ғолиб он аст, ки ягон унсури сабкии куҳнаву фаромӯшшуда дар ин ё он марҳилаи инкишофи адабиёт аз нав фаъол мешавад ва ҳатто дигар унсурҳоро низ фаъол мекунад. Масалан, дар адабиёти ирфонии форсии тоҷикӣ аносири оини мансухшудаи зардуштӣ мисли муғ, муғбача, зуннор, пири муғон, дайри муғон, майи муғона ва ғайра дубора зинда шуданд. Ваҷҳи ғолиби парадигмаҳои зардуштӣ мотивҳо ва сохторҳои дигарро низ то муддати мадид шукуфон кардааст. Ё ваҷҳи ғолиб унсури асосии сабкист, ки ба дигар унсурҳои шеър фармон медиҳад. Масалан, метавонем гӯем, ки ваҷҳи ғолиб дар ашъори Хоқонӣ дар ҳавзаи калимот вожаи “субҳ” аст ё дар шеъри Ҳофиз вожаи “ринд” ва танокузҳои парадигмаҳои қудсию илҳодист. Ё ваҷҳи ғолиб ва таъйинкунанда дар шеъри Камоли Хуҷандӣ, ки худи ман кор кардаам, баҳри рамал мебошад ва тарҳи он ба инсиҷоми мусиқоию устувории сохторҳои дигар таъсиргузор аст. Ҳамчунин тақобули дугонаи “султони вақти хеш” ва “зоҳиди риёӣ” дар шеъри Камол ба ҳайси ваҷҳи ғолиб арзиш дорад ва дар ғазалиёти ин шоир дар сурату сохторҳои гуногун буруз намуда, ҳамчун ҷузъи зарурии он амал мекунад.

Кадканӣ бар он таъкид мекунад, ки дорои сабк будан ё сабк сохтан кори чандон душворе нест, вале шеъри баланд гуфтан ва шоири бузург будан чизи дигарест. Масалан, як шоири заифе басомади калимаҳои зиштро боло мебарад ва соҳиби сабк мешавад. Дар гузашта будаанд шоироне, ки мехостанд сабки хосе дошта бошанд. Намунаи онҳоро метавон аз тазкираи “Туҳфаи Сомӣ”-и Соммирзо бисёр овард. Чунончи, Соммирзо дар бораи Хоҷа Ҳидоятуллоҳи Кошонӣ ном шоире сухан мекунад ва мегӯяд, ки «ин шоир дар гуфтани шеъри тазриқ (шеъре ки сабки тумтароқ дорад – Б.М.) беназир аст ва аз ҷумла “Лайлӣ ва Маҷнун”-е ба ҳамин тарз гуфта, ки ин ду байт аз он аст:

Рӯзе, ки зи ишқ мезадам лоф,
Урдак бача мефурӯхт аллоф.
Ошиқ саги юрға буду маймун,
Овоз баланд шуд зи Маҷнун.

Ин чанд байт низ аз маснавии дигари ӯст:

Гирам, ки нах аз тушуд кашида,
Шуд ёр ба ҳовани чакида.
Дандони чапи дарича шӯр аст,
Одинаи куҳна беҳузур аст.
Таърихи вафоти гург ҷим аст,
Оши шаби чиллааш ҳалим аст...» (6, с.123).

Дар ин шеърҳо сабки тазриқ хеле хуб ҷилва мекунад, яъне, шоир дар инҳироф аз норма дар меҳвари ҷонишинӣ, дидаву дониста, ифроту тафрит мекунад ва сабки худро ошкоро нишон медиҳад. Аммо сабки сухани шоирони бузург, аз қабили Саъдӣ. Мавлавӣ, Амир Хусрав, Ҳасани Деҳлавӣ, Ҳофиз ва монанди ин нобиғаҳоро таъйин кардан кори саҳле нест. Барои ин коршиноси асили сабк бояд бо “заррабинҳои бузурги” сабкшиносӣ мусаллаҳ бошад, то онҳоро бибинад ва бо омору басомад ташхис кунад.

Ба ҳар ҳол Шафеъии Кадканиро ақида ин аст, ки мутахассиси сабкшинос ба мазмуни шеър ва асари насрӣ қатъан дахолат намекунад, онҳоро арзёбӣ намекунад ва доварӣ намекунад, ки кадом хуб асту кадоме бад, зеро таҳқиқу таҳлили мазмуни асари ҳунарӣ

қаламрави нақди адабист. Сабкшинос фақат ва фақат ба омӯзишу тавсифи шаклу сурати асар машғул мешавад ва сабки сухани адибро таъйин мекунаду бас.

А Д А Б И Ё Т

1. Берлина, А. О Шкловском несколько слов / А.Берлина // Самое шкловское. Составитель: Шкловский - Корди Никита. – М., 2017.
2. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеъӣ. Растохези калимот. – Теҳрон: Сухан, 1391 ҳ.ш.
3. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеъӣ. Забони шеър дар насри сӯфия /Даромаде ба сабкшиносии нигоҳи ирфонӣ. Чопи аввал. – Теҳрон: Сухан, 1392 ҳ.ш. – 459 с.
4. Муиззӣ, Муҳаммад ибни Абдулмалики Нишопурӣ. Девон. Ба саъю эҳтимоми Аббос Иқбол. – Теҳрон: Китобфурӯшии исломия, 1318 ҳ.ш.
5. Саъдӣ, Муслиҳуддини Шерозӣ, Куллиёт. Ба тасҳеҳи Муҳаммадалии Фурӯғӣ. Чопи аввал – Теҳрон: Ҳермес, 1385 ҳ.ш.
6. Соммирзо, Сафавӣ. Туҳфаи Сомӣ. Таҳияи матн ва муаллифи пешгуфтору тавзеҳот Бадриддин Мақсудов. – Душанбе: Душанбе-принт, 2018. – 580 саҳ.
7. Сӯфизода, Шодимуҳаммад. Пайванди сурат ва маъно // Адабиёт ва санъат, дувуми декабри 2021. – С.14.
8. Фаррухӣ, Систонӣ. Девон. Бо муқаддимаву ҳавошӣ ва таълиқоту феҳристи эълом ва муқобалаи нусахи муътабар. Ба кӯшиши Муҳаммад Дабири Саёқӣ. – Теҳрон: Сипеҳр, 1335 ҳ.ш. – 510 с.
9. Шамси Қайс, Муҳаммади Розӣ. Ал-муъҷам фӣ маойири ашъор-ил-Ачам. Ба тасҳеҳи Муҳаммади Қазвинӣ ва тасҳеҳи муҷаддади Мударриси Разавӣ ва тасҳеҳи муҷаддади Сируси Шамисо. Чопи аввал. – Теҳрон: Илм, 1388 ҳ.ш.
10. Шаҳриёр, Сайид Муҳаммадҳусейн. Девон. – Ҷ.1. – Теҳрон: Кангараи бузургдошти Шаҳриёр, 1371. – 739 с.
11. Шкловский, В.Б. Воскрешение слова / В.Б. Шкловский // Гамбургский счёт: Статьи – воспоминания – эссе (1914-1933). – М.: Советский писатель, 1990. – С.36-42.
12. Шкловский В.Б. Искусство как прием / В.Б. Шкловский // Сборник по теории поэтического языка. Вып. II. – Петроград, 1917. – С.3-14.
13. Эстетика и теория искусства XX века. Хрестоматия. – М.: Прогресс-Традиция, 2008.

НАЗАРИ ШАФЕЪИИ КАДКАНӢ БА САБК ВА САБКШИНОСӢ

Муаллифи мақола дар заминаи омӯзиши консепсияҳои мураккабу печидаи суханшиносии формализми русӣ ва бардоштҳои Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ аз он, саъй намудааст, ки дидгоҳи донишманди ахирро дар мавриди сабк ва сабкшиносии адабӣ бо забони то андозае сода бозгӯ намояд. Бо ин мақсад аввал моҳияти аслии таълимоти формалистони рус мушаххас карда шуда, густариши он дар ҷаҳон нишон дода мешавад. Баъдан, муртабит ба он андешаву орои Шафеъии Кадканӣ ба таври низомманд иброз мегардад. Гуфта мешавад, ки Кадканӣ дар корҳои таҳқиқиаш, махсусан дар китобаш “Растохези калимот” ва як силсила мақолаҳояш ақидаҳои формалистони русро на фақат қабул намудаву дар шеъри форсӣ татбиқ намудааст, балки онҳоро инкишоф додааст. Кадканӣ бар он аст, ки “шеър меъмории мусиқоии забон аст” ва ҳангоми баррасии сохтори он бояд ҳама унсурҳои ҳунарияш, аз қабили вазн, қофия, радиф, санъатҳои бадеӣ, нағмаи ҳуруф, садои ҳиҷоҳо хуллас, ҳама тарҳи куллии он дар якҷоягӣ, ки суханро зебо мегардонанд, бояд ба эътибор гирифта шавад. Ӯ муътақид аст, ки маъно таҷаллии сурат аст ва маънои бидуни сурат ва муҷаррад қатъан вуҷуд надорад. Олами шуҳуд фақат ва фақат иборат аз маҷмӯи суратҳост ва шоири асил бо истифода аз онҳо сохторҳои ҳунарӣ меофаринад ва ҳамзамон маъно дар онҳо таҷассум мешаванд. Нишонаи аввалини адабияти шеър дар инҳирофи забони он аз забони мубтазил аст. Яъне, забон аз ҳолати одии худ хориҷ мешавад ва ҳунарию отифӣ мегардад. Дар мақола бо таваҷҷуҳ ба истилоҳоти калидии назарияи формалистон дар истиқболи Кадканӣ, аз қабили “форма”, яъне, шакл ё сурат ё сохтор; “норма” (текст); “усули ҳунарӣ кардани забон”; “ошноизудоӣ”; “ҳунарсоза”; “ваҷҳи ғолиб”; “басомад”; инҳироф аз норма дар меҳвари ҳамнишинӣ ва дар меҳвари ҷонишинӣ... ба вуҷуд омадани сабк бозгӯ карда мешавад. Сабк инҳироф аз норма дониста мешавад. Вақте шоир дар эҷоди адабӣ аз нормаи мавҷуда инҳироф мекунад, яъне, онро тағйир медиҳад, сабк ба вуҷуд меоварад. Таъкид мешавад, ки шоири асил бо нерӯи халлоқи худ дар сохтори шеъри шоирони моқабл ё муосири худ ошноизудоӣ мекунад ва бо ин роҳ хонандаро ба шигифтӣ вомедорад, вале вақте он такрорӣ шуд, дигар нерӯи тааҷҷуббарангезӣ аз байн меравад. Шоири дигаре бояд биёяд ва дар заминаи он сохтори такрорӣ ошноизудоӣ кунад ва сурати суханро нав намуда, хонандаро ба шигифтӣ водорад. Чунин воқеият бо овардани намунаи ашъори Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Амир Муиззӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва баррасии онҳо ба субут расонида шудааст.

Калидвожаҳо: формализм, Шкловский, Кадканӣ, сохтор, норма, ошноизудоӣ, сабк, ҳунарсоза.

ВОЗЗРЕНИЯ ШАФЕ’И КАДКАНИ НА СТИЛЬЮ И СТИЛИСТИКУ

Автор данной статьи после изучения сложной концепции направлений русского формализма излагает их через призму восприятия известного иранского ученого Шафе’и Кадкани и с этой позиции определяет стиль и стилистику. В статье раскрывается основная суть теории русских формалистов и степень ее изучения в мире. Затем систематично рассматривает воззрения Кадкани относительно концепции русских формалистов. Отмечается, что Кадкани в своих научных работах, в особенности в книге «Воскрешения слов» а такж в ряде других статей полностью воспринимает теорию русских формалистов и удачно применяет их в анализе стилистических особенностей персидской поэзии. По мнению Кадкани, «поэзия – это музыкальная архитектоника языка», и в

процессе анализа ее устройства следует обратить внимание на все ее формообразующие элементы, такие как метрика, рифма, рефрен, фигуры, аллитерация, созвучие слогов и т. д. Все эти элементы способствуют эстетическому проявлению поэзии. Кадкани убежден, что смысл поэзии отражается исключительно в ее форме. Он поддерживает формалистов в том, что смысл не может существовать отдельно от формы и более того, любая форма обязательно отражает тот или иной смысл. Все предметы окружающего мира однозначно состоят из совокупности форм, и истинный поэт, используя их, создаст поэтические строки. Мастерство поэта заключается в том, что он «остраняется» (отклоняется) от существующих норм, избегая обыденного языка. Тем самым, язык выводится от простого положения и становится художественным и ассоциативным. Далее, в статье рассматриваются множество ключевых терминов теории формалистов, такие как «форма», «норма», «художественный прием», «остранение», «доминанта», «частотность», «синтагма», «парадигма», раскрывающих стиль стихотворения. Поэт путем «остранения» отклоняется от привычной нормы, тем самым создавая собственный стиль. Данный прием приводит читателя к изумлению, привлекая его внимание неординарностью формы. Однако со временем, эта форма по причине ее повторения теряет свою привлекательность, до момента появления новой формы. Данный литературный феномен рассматривается в образцах стихотворений из творчества Фаррухи, Манучехри, Амира Муиззи, Саади, Хафиза и других поэтов.

Ключевые слова: Формализм, Шкловский, Кадкани, устройство, норма, остранение, прием, стиль.

SHAFEI KADKANI'S VIEWS TO STYLE AND STYLISTICS

The author of this article, after studying the complex concept of the direction of Russian formalism, expounds them through the prism of perception of the famous Iranian poet Shafe'i Kadkani and from this position determines the style and style. The article reveals the main essence of the theory of Russian formalists and the degree of its spread around the world. Then, the view of Kadkani regarding the concept of Russian formalists is systematically considered. It is noted that Kadkani in his scientific works, especially in the book "Resurrection of words" and also, in a number of other articles, fully perceives the theory of Russian formalists and successfully applies them in the analysis of the stylistic features of Persian poetry. According to Kadkani, “poetry is the musical architectonics of language”, and in the process of analyzing its structure, attention should be paid to all its formative elements, such as metrics, rhyme, refrain, figures, alliteration, consonance of syllables, etc. All these elements contribute to aesthetic expression of poetry. Kadkani is convinced that the meaning of poetry is reflected solely in its form. He supports the formalists in that meaning cannot exist separately from form, and moreover, any form necessarily reflects this or that meaning. All objects of the surrounding world uniquely consist of a set of forms, and a true poet, using them, will create poetic lines. The skill of the poet lies in the fact that he "stranges" (deviates) from existing norms, avoiding ordinary language. Thus, the language is derived from a simple position and becomes artistic and associative. Further, the article discusses many key terms of the Formalist theory, such as "form", "norm", "artistic device", "estrangement", "dominant", "frequency", "syntagma", "paradigm" revealing the style of the poem. The poet deviates from the habitual norm by "estrangement", thereby creating his own style. This technique leads the reader to amazement, attracting his attention with the originality of the form. However, over time, this form, due to its repetition, loses its attractiveness, until a new form appears. This literary phenomenon is considered in samples of poems from the works of Farrukhi, Manuchehri, Amir Muizzi, Saadi, Hafiz and other poets.

Key words: Formalism, Shklovsky, Kadkani, device, norm, estrangement, device, style.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мақсудов Бадриддин*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Maksudov-59@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-13-98-19**

Сведение об авторе: ***Максудов Бадриддин*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **Maksudov-59@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-13-98-19**

Information about the author: ***Maqsudov Badriddin*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of History of Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **Maksudov-59@mail.ru.** Phone: **(+992) 919-13-98-19**

УДК: 891.550-5

СУДАРШАН ВА ҚАҲРАМОНҲОИ ҲИКОЯҲОИ Ӯ

Рачабов Ҳ.
Донишгоҳи миллииТоҷикистон

Аз нимаи дуюми асри XIX дар ҳамон вақте ки саросари Ҳиндустони мустамликавиро ҳаракати маорифпарварӣ фаро гирифта буд, вобаста ба ҳамин ҳаракат дарадабиёти ҳиндӣ баъзе дигаргуниҳои назаррас мушоҳида мешуд. Ин, пеш аз ҳама, дар адабиёт жанри роман ва пас аз он жанри ҳикоя дар шакл ва мазмуни тоза ба худ роҳ ҷуста, сол то сол мавқеи худро қавитар менамуд, яъне аз тасвири кирдору корнамоиҳои қаҳрамонҳои афсонавию асотирӣ даст кашида, қаҳрамонҳои замонавиро ба майдон меоварданд. Аз он хотир шакл ва мазмуни тоза мегӯем, ки жанри ҳикоя ва роман ҳанӯз аз замонҳои қадим дар адабиётҳои Ҳиндустон дар шакли хаттӣ ва шифоӣ вуҷуд доштанд, ки мисоли бебаҳсашонро дар ҳикояҳои “Панчатантра”, “Ҷатакҳо”, “Ҳитопадеша” (“Насиҳатҳои муфид”), “Тӯтинома” ва романҳои Дандину Бана дидан мумкин аст. Вале ҳикояву романҳои пешин, гарчанде ниҳоят дилчаспу хонданибоб бошанд ҳам, аз зиндагии воқеӣ дур буданд, лекин ифодакунандаи ғояҳои олии мазмуни панду ахлоқи ибратбахш доштанд ва ҳатто метавон гуфт, ки сохтору хусусияти сеҳрангези нотакрор дошта буданд. Боз тарҷумаи шумораи зиёди ҳикояву романҳои аврупоӣ ба забонҳои ҳиндустонӣ, аз ҷумла забони ҳиндӣ низ тағироти шакливу мазмуниро дар ҳикояву романи ҳиндӣ ворид менамуд. Масъалаи дигаре, ки бо сабаби чашмрас аён шуданаш бояд аз он ёдовар шавем, ин то як андоза коста шудани мақоми забон ва адабиёти урду мебошад ва дар ҳамин маҷро баробари ин зиёдтар эътибор ҳосил кардани забону адабиёти ҳиндӣ буд, ки дар андак вақт тарафдорону ҳомиёни зиёд пайдо намуд. Ин далел ҳам қобили зикр мебошад, ки забони англисӣ ва адабиёти англисизабон дар айни замон оҳиста-оҳиста ҷойи забони форсӣ-тоҷикӣ ва адабиёти форсизабонромегирифт. Аз ин пештар, яъне дар замони ҳукуматдории мусулмонҳо, хусусан дар давраи ҳукумронии Муғулҳои Бузург, дар Ҳиндустон ривоҷи зиёд ва мақоми хос дошт, он чӣ имрӯз дар тамоми Ҳиндустон хуб паҳн шуда бе маҳдудият дар омӯзиш ва истифода аст. Адабиёти англисизабон дар Ҳиндустон ҳоло ба ҳамон андозае ривоҷ ёфтааст, ки Нирад Чаудҳрӣ (1897-1999), Мулк Рач Ананд (1905-2004), Разипурам Кришнасвами Нара́йан (1906 - 2001), Хушвант Сингҳ (1915-2014), Камала Маркандей (1924-2004) ва Анита Десаӣ (тав. 1937) [4] барин намояндагонаш шуҳрати ҷаҳонӣ гирифтаанд.

Дар адабиёти урду қариб аз аввалин замони ба вуҷуд омаданаш фаъолияти шоирони дузабона мушоҳида мешавад, ки онҳо ба забонҳои урду ва форсӣ-тоҷикӣ асарҳо эҷод кардаанд. Бузургтарин чунин адибон Мирзо Асадулло Ғолиб (1797-1839), Алтоф Ҳусайн Ҳолӣ (1837-1914) ва Муҳаммад Иқбол (1877-1938) буданд, ки ҳоло дар тамоми ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон бисёр машҳур мебошанд. Дар адабиёти урду боз адибоне ҳастанд, ки ба забонҳои урду ва ҳиндӣ асарҳо офаридаанд, ки миёни онҳо Ҳансрач Раҳбар (1913-1994) ва Кришан Чандар (1914-1977) барин устодони каломи бадеъро метавон ном бурд. Дар адабиёти ҳиндӣ низ фаъолияти адибони дузабона ба назар мерасад.

Дар нимаи аввали асри XX ба саҳнаи адабиёти ҳиндӣ якчанд адибони боистеъдоде омаданд, ки бо ду забон - урду ва ҳиндӣ асарҳо эҷод мекарданд. Машҳуртарини онҳо адибони насрнавис Премчанд (1880-1936), Сударшан (1896-1967) ва Упендранатҳ Ашк (1910-1996) буданд. Ин адибон дар оғози давраи фаъолияти эҷодияшон ба забони урду асарҳо навишта, бо сабаби пеш омадани баъзе мушкилиҳо, аз ҷумла чоп кардани асарҳо бо алифбои арабиасос, инчунин каме сустар шудани мавқеи адабиёти урду пас ба забони ҳиндӣ гузаштанд. “Худи Премчанд чандин маротиба ба ин масъала баргашта чунин шарҳ додааст, ки сабаби аз урду ба ҳиндӣ гузаштанаш ин аввало барои чопи китобҳо ба забони урду чопхонаҳо хеле кам будан ва аз ҷониби дигар аз урду ба ҳиндӣ гузаштан барои чопи асарҳояш на танҳо қулай ва зуд амалишаванда аст, балки мавриде мебошад, ки шумораи хонандагон зиёд мешавад”[16]Лекин ин далел низ ҷолиб аст, ки Пркмчанд то охири умри худ дар фаъолияти адабии худ аз истифодаи забони урду даст накашидааст.

Инро ҳам бояд хотиррасон кунем, ки адибони номбурда забони форсиро, ки дар ҳамон солҳо, яъне дар нимаи аввали асри XX ҳанӯз эътибори худро то андозае нигоҳ дошта буд, аз бар карда буданд ва аз таърих ва намояндагони барҷастаи адабиёти форсизабон хуб

огоҳӣ доштанд ва дар вақти зарурӣ аз ашъори шоирони форсизабон иқтибосҳо меоварданд, тавре ки дар навиштаҳои Премчанд мушоҳида мешавад [7, с.173-178]. Мо чанд нуқтаро оид ба зиндагӣ ва осори яке аз ҳамин гуна адибон – Сударшан, баён карданӣ ҳастем. Интихоби ин мавзуъ тасодуфӣ нест ва сабабҳои худро дорад. Сударшан дар замони муосир яке аз аввалин адибони Ҳиндустон мебошад, ки асарҳояшро хонандагони тоҷик ҳанӯз аз соли 1959 инҷониб ба забони тоҷикӣ бо мароқи зиёд мутолиа менамоянд. Асарҳои Сударшанро аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ Уктам Холиқов, Абдуҷалил Воситзода, А. Қаюмов ва Ф. Исҳоқӣ тарҷума кардаанд. Гарчанде асарҳои Сударшан ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда бошанд ҳам, то имрӯз ягон маълумоте роҷеъ ба ин адиб дар Тоҷикистон ба назар нарасид.

Сударшан - яке аз адибони шинохтаи Ҳиндустон, ки номи аслиаш Пандит Бадринатҳ Бҳатт мебошад, соли 1896 дар шаҳри Сиалкоти музофоти Панҷоби Ҳиндустон, ки пас аз тақсимшавии ин мамлакат дар соли 1947 шомили қаламрави Ҷумҳурии Исломии Покистон мебошад, дар оилаи шахси заминдор таваллуд шудааст. (Дар Ҳиндустон заминдор гуфта шахсонеро дар назар доранд, ки қонунӣ дар ихтиёрашон заминҳои зиёд доранд). Оид ба масъалаи таърихи таваллуди ин адиб назари якхела дида намешавад. Соли таваллуди адибро чанде 1885, чанде 1895 ва чанде соли 1896 гуфтаанд. Адабиётшинос Шямчандар Капур бошад, дар китоби худ “Таърихи адабиёти ҳиндӣ” (Hindi sahitya ka itihas) соли таваллуди адибро 1869 гуфтааст. Азбаски бештар ишора ба соли 1896 мешавад ва баъзе далелҳои дигар низ ҳамин солро тасдиқ мекунанд, мо ҳам ҳамин солро дуруст меҳисобем. Сударшан 16 сол пас аз таваллуд шудани машҳуртарин насрнависи ҳиндӣ Премчанд ба дунё омадааст. Дар аввалин даҳсолаҳои асри XX бисёр адибоне таваллуд шудаанд, ки аксарияти онҳо, аз ҷумла Сударшан, қабл аз ҳама, дар зери таъсири асарҳои Премчанд, хусусан ҳикояҳояш, қалам ба даст мегирифтанд. Дар адабиёти ҳиндӣ ва урду рӯз то рӯз шуҳрат ёфтани Премчанд, қабл аз ҳама, чун ҳикоянавис ба адибони ҷавон мактаби махсуси асарофарӣ буд. Худи Премчанд ғамхори асили адибони ҷавон буд, бо онҳо дӯстӣ дошт ва ба онҳо хайрхоҳона ёрӣ мерасонд. Асарҳои навқаламони ботистеъдодро таҳрир мекард ва дар маҷаллаҳои адабии худ ба мисли “Ҷагран” ва “Ҳанс” чоп менамуд.

Дар таърихи адабиёти ҳиндӣ Сударшанро ҳамчун пайрави Премчанд ва яке аз беҳтарин ҳикоянависи асри XX меҳисобанд. Ҳамин таъсири Премчанд буд, ки Сударшан аз оғоздаст ба навиштани ҳикояҳо бурд ва дар адабиёти ҳиндӣ, қабл аз ҳама, ҳамчун ҳикоянавис машҳур шудааст. Муҳаққиқи адабиёти ҳиндӣ Лакшмисагар Варшнея як боби асари худ «Таърихи адабиёти ҳиндӣ» («Hindi sahitya ka itihas»)-ро «Бузургтарин ҳикоянависон» («Pramukh kahanikar») номидааст. Дар ин ҷо ҳамчун бузургтарин ҳикоянавис ҳамагӣ нуҳ адиб номбар шудаанд, ки миёни онҳо дар ҷойи дуюм Сударшан омадааст [3, с.80]. Аввалин ҳикояи Сударшан“Ғалабаи бохт” (“Haar ki jit”) ном дошт, ки соли 1920 онро маҷаллаи овозадори “Сарасватӣ” манзури хонандагон намудааст. Бояд таъкид кард, ки маҳз ҳамин ҳикоя адибро зуд машҳур кардааст. Бисёр дигар ҳикояҳои Сударшан дар маҷаллаи “Ҳазор достон”, ки дар шаҳри Лоҳур нашр мешуд, ба табъ расидаанд. Дар шаҳри Мумбай низ як силсила асарҳои адиб чоп шудаанд. Мо ин шаҳрҳоро махсус барои он зикр намудем, ки дар ин шаҳрҳо инчунин шаҷри Деҳлӣ шумораи зиёди адибон зиндагӣ ва кор мекунанд. Маҳз ҳамин адибон ба ҳар асари нав нашр шуда ва тоза ба саҳнаи адабиёт омада зуд таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд ва мавриди муҳокимаву арзёбӣ қарор медоданд. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки ин анъана имрӯз низ мавқеи махсус дорад.

Соли 1916 дар шаҳри Роҳтак, ки дар шимолу ғарби Ҳиндустон дар музофоти Ҳаряна ҷоггир аст, “Ҷат газет” (Jat Gazette) ном рӯзномае бо дастгирии заминдорон ташкил дода шуд, ки ҳафтае як маротиба ба забони урду нашр мешуд. Сударшан аввалин муҳаррири ин рӯзнома буд. Дар ин рӯзнома як силсила мақолаҳо чоп шудаанд, ки дар онҳо порахӯрии кормандони давлатӣ, судхӯрон ва дигар чунин иллатҳо зери танқид гирифта мешуд. Инчунин кӯшиш мерафт, ки ҷаҳонбинӣ ва ватандӯстии заминдорону деҳқонон вусъат ёбад. Вақтҳое буд, ки ин рӯзнома ба мардуми деҳаҳо бепул дода мешуд. Рӯзномаи “Ҷат газет” фаъолияти худро соли 1980 қатъ кардааст.

Сударшан баробари эҷоди ҳикояҳо боз барои бисёр филмҳои бадеӣ низ сенарияҳо ва шеърҳо навиштааст. Аз ҷумла, сенарияи барои филми “Сикҳизм” навиштааш ӯро боз машҳуртар кардааст. Сударшан инчунин аввалин ноиб президенти “Анҷумани кинодраматургҳо” ва аъзои шӯрои адабии шаҳри Вардҳа буд, ки ин нишони миёни адибон эътибори хос доштани ӯ мебошад.

Ҳикояҳои Сударшан дар маҷмӯаҳои “Ғалабаи бохт” (“Haar ki jit”), “Савдои ҳақиқат” (“Sach ka saudaa”), “Дузди тангаи ҳашттина” (“Athanni ka chor”), “Саворшавии велосипед” (“Saykl ki savari”), “Саёҳат ба хотири зиёрат” (“Tirtha yatra”), “Савдогари сангҳо” (“Patharon ka saudagar”) ва “Питҳвӣ-ҳамсар” (“Prithvi -valrabh”) ба табъ расидаанд. Асарҳояш ба чандин забонҳои ҳиндустонӣ ва забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла ба забони русӣ ва тоҷикӣ тарҷума ва чоп шудаанд. Чопи асарҳои Сударшан аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ аз охири солҳои панҷоҳуми асри гузашта оғоз ёфтааст. Аввалин ҳикояи ӯ дар Тоҷикистон бо номи “Хаёл” дар тарҷумаи Уктам Холиқов соли 1959 дар шумораи нуҳуми маҷаллаи “Шарқи сурх” ба табъ расидааст. Пас дар соли 1961 се асари адиб: “Байҷу Бавра” [8] (ҳикоя), “Дигаргуншавӣ” [9] (повест) ва “Табадуллот” [10] (повест) ба забони тоҷикӣ тарҷума ва чоп шудаанд. Дар соли 1964 бошад повести “Меҳри Ҳиндустон” [11] ва ҳикояи “Дили зан” нашр шудаанд. Соли 1990 дар Душанбе ҳикояҳо ва повести “Табаддулот” бо номи “Байҷу Бавра” [12] ба забони тоҷикӣ ба хонандагон расид, ки аз як повест (“Табаддулот”) ва чордаҳ ҳикоя иборат аст. Ҳамин тариқ, Сударшан бо повесту ҳикояҳояш дар Тоҷикистон хонанда пайдо намуд.

Дар эҷодиёти Сударшан таъсири Премчанд дар сатҳи мавзуъ, интихоби қаҳрамонҳо ва садагиву равонии забон бараъло намоён мешавад. Вай дар бораи Премчанд то бо ӯ аз наздик ошно шудан, бисёр чизҳоро шунида буд ва дар хаёлу тасвиру тахмини худ Сударшан гумон дошт, ки Премчанд барин адиби бузургу машҳуру соҳибэҳтиром бояд як шахси босалавоту бовиқору дастнорас ва ороста бо либосҳои қиматбаҳо бошад. Сударшан ба хотири бо Премчанд аз наздик шинос шудан ба шаҳри Банорас меояд. Доктор Ратнакар Пандея ин вохӯриро ин тавр ба ёд овардааст: ”Сударшан барои вохӯрӣ бо Премчанд ба шаҳри Кошӣ (Банорас) омада буд. Вай Премчандро дар хонааш наёфта, ба меҳмонхона бармегардад. Субҳи дигар барвақт як шахси маъмулӣ, ки мӯйлабҳои зич баромада дошт ба меҳмонхона ба ҷустуҷӯи Сударшан меояд. Вай Сударшанро дар меҳмонхона намеёбад, зеро вай барои ғусл кардан ба дарёи Ганга рафта будаст. То бозгаштани Сударшан Премчанд ӯро дар курсие нишаста интизор мешавад. Сударшан вақте бармегардад, ӯро мебинад, вале намешиносад. Он гоҳ Премчанд худаш худашро ба Сударшан шинос менамояд. Он лаҳза Сударшан ҳолате дошт, ки гӯё якбора аз осмон ба замин афтида бошад. Вай ҳайрон шуд, ки Премчанд ин қадар одами бузургу, вале ин қадар оддию хоксору заминӣ будаст" [1, с.74]. Ҳамин тариқ, ба ҳамон андозае, ки асарҳои Премчанд ба Сударшан таъсир расонда бошанд, ҳамон қадар ва аз он ҳам бештар худи Премчанд бо ҳамин хислати хоксориаш ба шахсияти Сударшан таъсир расондааст.

Сударшан баробари ҳамасри Премчанд будан, дар асарҳояш худро чун шогирду пайрави ин адиби бузург мешуморад ва дарвоқеъ, чун ба мазмуну масоили асарҳои Сударшан шинос мешавем, дида метавонем, ки адиб асосан ба тасвири ҳамон масъалаҳое пардохтааст, ки Премчанд акси онҳоро дар фаъолияти адибони тараққипарвар заруртарин шуморидааст. Воқеаҳое, ки дар асарҳои Сударшан тасвир шудаанд, дар асл бофтаҳои баландмазмуни замонавӣ мебошанд, ки асоси воқеӣ доранд. Сударшан масъалаҳои зиндагии душвори мардуми Ҳинд, вафодору ҳиматбаланд будани мардумони оддӣ, вафодориву садоқати зан ва мисли инҳоро бо як услуби хос, бештар хос бо услуби Премчандрӯи коғаз овардааст. Сударшан дар адабиёти навини ҳиндӣ аз ҷумлаи аввалин адибоне буд, ки дар асарҳояш образи коргарро ба қалам додааст. Лекин гарчанде дар ҳама мавридҳо Сударшанро бо иззати зиёд яке аз адибони намоён пас аз Премчанд мегӯянд, дар адабиётшиносии Ҳинд ва ҳиндшиносии дигар мамлакатҳои дунё роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти адабии адиб ниҳоят маълумотҳои кутоҳ ба назар мерасад. Чунончӣ, доктор Моҳан Авастхӣ дар китоби худ “Адабиёти муосири ҳиндӣ” [5] ҳамагӣ се дафъа дар қатори дигар адибон номи Сударшанро гирифтаасту халос. Таъкид мекунем, ки фақат номашро гирифтаасту бас. Муҳаққиқони адабиёти навини ҳиндӣ Шиавдансинҳ Чауҳан [13], Лакшмисагар Варшнея [3] ва Шямчандра Капур [14] низ ҳар кадом дар рисолаҳои худ, ки онҳо ба таърихи адабиёти ҳиндӣ бахшида шудаанд, бо додани камтар аз як саҳифа дар бораи Сударшан қаноат кардаанд. Адабиётшиноси маъруф Шивадансингҳ Чауҳан зикр кардааст, ки: “Диққати адибро мавзуъҳои ҷамъиятӣ ба худ ҷалб кардааст. Дар ҳикояҳои ӯ таҳлили амиқи қаҳрамон дида намешавад, вале хеле зиёд тасвирҳо пайваста дар усули реалистӣ меоянд. Сударшан кӯшиш мекунад маънои зиндагиро кушояд ва дар қалби хонанда эҳсосҳои наҷибу инсондӯстиро бедор намояд” [13, с.217].

Агар мо ба мазмуни ҳикояи Сударшан “Нигоҳе ба худ” назар куннем, зуд шоҳиди тасдиқи гуфтаҳои Шивадансингҳ Чауҳан мешавем. Дар ин ҳикоя асосан ду қаҳрамони марказӣ дида мешавад, ки яке Садҳурам ном дорад ва дигаре ровии ҳамин ҳикоя мебошад. Ровӣ – сардори корхона, сардори Садҳурам, ки муаллифи ҳикоя буданашро пай бурдан мушкил нест, дар симои корманди худ Садҳурам шахси некнафс, бисёр меҳнатдӯст, бовиҷдон ва беандоза содиқ ба вазифаи ба душ гирифтааш мебинад. Бо вуҷуди он ки аз ҳамаи дигар коргарон бештару беҳтар кор мекунад, лекин бар хилофи дигарон ягон даъвое барои гирифтани вазифаи баландтар ва ё зиёд кардани музди меҳнат на ҳаракат дораду на талош мекунад. Ҳамин хислатҳои Садҳурамро ба ҳисоб гирифта сардор вазифаи ӯро баландтар мекунад. Лекин Садҳурам гарчанде ба вазифа баландтар сазовор шуда бошад ҳам, дар хислату амали ӯ ягон таъғироте ба вуҷуд намеояд. Ин шарафмандии ӯро дар назди сардор ва дигар кормандон бештар месозад. Лекин пас аз чанде боз ҳамин тавр ҳам мешавад, ки Садҳурам ҳангоми харидани коғаз барои корхона ҳамроҳи як корманди дигар, 400 рупияи корхонаро аз худ мекунанд. Чун ин хабар ба сардор мерасад, вай аввал ҳеҷ бовар намекунад, аммо вақте худи Садҳурамро мепурсад, вай қоил мешавад, ки дар воқеъ, маҷбур шуда хиёнат кардааст, чунки барои табобати ҳамсари сахт бемораш он вақт пуле надоштааст, ки даво бихарад. Садҳурам ваъда медиҳад, ки дигар ҳеҷ гоҳ хиёнат нахоҳад кард. Сардор бошад сахт дар қаҳр шуда ба политсия телефон карданӣ мешавад ва дар ҳамин вақт фикр мекунад, ки гап чун то политсия расад, онгоҳ Садҳурам ҳатман зиндонӣ мешавад, лекин пас ҳоли зани бемораш чӣ мешуда бошад.

Дар ҳамин асно ба ёди сардор мерасад, ки ба сари худи ӯ низ як вақтҳо чунин рӯзи сиёҳ омада буд ва вай ҳамон вақт маҷбур шуд ба хиёнат роҳ диҳад. Фақат фарқ дар он аст, ки хиёнати Садҳурам зуд ошкор шуду акнун ҷазо мегирад, лекин хиёнати худи ӯ то ҳол ошкор нашудааст, яъне аз он касе огоҳ нест ва ҷазонагирифтааст. Бо ин андеша сардор аз хиёнати Садҳурам ба политсия хабар доданро зарур намешуморад.

Тавре мебинем, поёни ҳикоя анҷоме дорад, ки хонанда интизор нест. Нависанда бо овардани ҳар навъ мисолҳо аз фаъолияти қаҳрамони худ, ки бештар ба вазифаи асосии ӯ ва камтар ба зиндагии шахсияш алоқаманд аст, хонандаро маҷбур мекунад савол гузорад, ки ҳадафи адиб чӣ бошад? Чаро адиб хислатҳои шоистаи Садҳурамро бо таваҷҷуҳи хос ва хеле ботафсил баён мекунад? Пас бояд ҳикоя бо он ба поён мерасид, ки ҳамаи корҳои Садҳурам ба хотири дастрас намудани беҳбудие будаст ва ҳамагӣ дар шакли худнамоӣ сурат мегирифтаст. Яъне вай тамаъкории худро хеле моҳирона пардапӯшӣ мекардаст. Адиб худ муддате ба ҳамин хулоса меояд, вале зуд ҳама чиз равшан мешаваду нигоҳи адиб нисбат ба қаҳрамонаш ҳам тобиши дигар мегирад. Нависанда боз ба ҳимояи қаҳрамони худ гузашта, дар хуб ва намуна кор кардани Садҳурам ҷой надоштани тамаъкориро таъкид менамояд. Ҳамин тариқ, адиб дар ҷомеа бештар дидани фаъолияти ҳамон одамонеро орзу мекунад, ки чун Садҳурам қаноатпешаанд ва мисли ӯ хислату амал доранд.

Дигар ҳикояҳои Сударшан “Байҷу Бавра” ва “Хизматгор” низ аз лиҳози мазмуну ҳадаф бо ҳикояи “Нигоҳе ба худ” монандӣ доранд. Қаҳрамони марказии ҳикояи “Байҷу Бавра” Байҷу ном писарбачае мебошад, ки падарашро бо сабаби надонистани саволҳо оид ба назарияи мусиқӣ, ки Тансен Миян (1506-1589) - мусиқинавозу мусиқидони машҳури дарбори Акбар (1542-1605) ба ӯ додааст, ӯ якҷоя бо рафиқонашба қатл мерасондаанд. Писарбачаи бе соҳибу бе сарпаноҳ монда, қасос гирифтан мехоҳад, вале чӣ тавр ва бо кадом неру. Дар ҳамин ҳолат як шахсе бо номи Ҳаридас (шояд ҳамон Ҳаридаси воқеие бошад, ки устоди Тансен буд) сарпарастии Байҷуро ба ӯҳда мегираду ба ӯ дар давоми дувоздаҳ сол тамоми сеҳру нозукиҳои илми мусиқиро ёд медиҳад. Байҷу чунон мусиқинавози бомаҳорате мешавад, ки овозааш то худи Тансен мерасад. Пас мусобиқае байни Тансен ва Байҷу сурат мегирад, ки дар натиҷаи он Тансен мағлуб мешавад. Мутобиқи қонуни ҷорӣ кардаи Акбар ва шартҳои мавҷуда дар он, шахси мағлубшуда бояд ба қатл бирасад. Лекин агар қатли Тансеро ба ҷо меоварданд, ин ҳатман барои Акбар зарбаи сахте мешуд. Хотиррасон мекунем, ки Сударшан аъзои фаъоли ҷамъиятӣи “Браҳмо самаҷ” буд, ҷамъияте, ки ақидаҳои пешқадамро таблиғ менамуд. (“Браҳмо самаҷ” – созмони ҷамъиятӣ - диние, ки соли 1828 Рам Моҳан Рой (1772-1833) дар шаҳри Калкутта ташкил карда буд). Акнун ба хотири он, ки ҳадафи Сударшан, ҳадафи аъзои ҳақиқии ҷамъияти “Браҳмо самаҷ”-ро дуруст фаҳмида тавонем, ба поёни ҳикояи “Байҷу Бавра” менигарем: “Байҷу Бавра ғолиб

омад. Тансен мағлуб шуд. Тансен тарсону ларзон пеш баромад. Касе, ки бисёр одамонро бераҳмона маҳкуми марг гардонида буд, акнун ҳақирона авфи гуноҳ металабид.

Байҷу Баврa он гоҳ гуфт:

-Тансен, ман ҷони туро гирифтанӣ нестам. Вале бигзор ин қонуни бераҳмона, ки суруд хонданро дар қаламрави Агра манъ карда, ҳар каси дар мусобиқа бо Тансен мағлубшударо ба қатл ҳукм мекунад, бекор карда шавад.

- Ман ин қонунро бекор мекунам, гуфт бо ҳаяҷон Акбар. – Минбаъд ин қонун вуҷуд надорад.

Тансен пеши пои Байҷу Баврa афтод ва фурутанона гуфт:

- То зинда ҳастам, ман ин меҳрубониро фаромӯш нахоҳам кард.

- Ва он гоҳ Байҷу ба ӯ чунин ҷавоб дод: - Дувоздаҳ сол қабл аз ин ту ба кӯдаке раҳм карда будӣ ва он имрӯз ҷавоби некиитуро баргардонид.

Тансен сар бардошт ... ва хотироти рӯзҳои гузаштаи дур ... оҳиста-оҳиста пеши назараш омаданд” [12, с.38-39].

Дигар ҳикояи Сударшан, ки аз лиҳози мавзӯъ, тасвири хислати қаҳрамонҳо, ҳадаф ва хусусиятҳои ахлоқӣ, тавре ки болотар ишора шуд ба ҳикояҳои “Нигоҳе ба худ” ва “Байҷу Баврa” шабоҳат дорад ин ҳикояи “Хизматгор” мебошад. Адиб дар ин ҳикоя вафодории як хизматгори оддиро бисёр бо тафсил ва бо эҳтироми зиёд тасвир намудааст. Тавре аз унвони ҳикоя равшан мешавад, адиб дар ҳикояҳояш мисли устодаш Премчанд ва мисли Равиндранатҳ Тҳакур (1861-1941) дар ҷустуҷӯи қаҳрамоне мебошад, ки вай дар як вақт ифодакунандаи хислати ҳазорон одамони оддии меҳнатдӯст ва дорои олитарин амалҳои ибратбахш бошад. Сударшан худ сахт таваҷҷӯҳ ба ин гуна одамон дорад ва мехоҳад ҳар он чӣ онҳо мекунанд, ноаён намонад. Хислати ин гуна қаҳрамонҳоро тасвир намуда, онҳоро сазовори ҳар навъ таҳсину офарин мешуморад. Ҳикояи “Хизматгор” бар хилофи интизорӣ аз тасвири чеҳраву хислат ва баёни фаъолияти хизматгор шурӯъ намешавад. Дар оғози ҳикоя бо ин тасвир шинос мешавем: “Шямсундар дар Калкатта тоҷири номдоре буд. Марди зебо, хушмуомила ва бо хурду калон баробар, сарвати бисёреро, ки садҳо ҳазор рупияро ташкил медод, ба осонӣ ихтиёрдорӣ мекард. Бисёре аз банкҳо ба мадади ӯ эҳтиёҷ доштанд. Вай бисёр фабрикаҳо, хонаҳои истиқоматӣ ва мағозаҳои худро дошт. Пул ба мисли дарё ба сӯи ӯ ҷорӣ мешуд ва Шямсундар онро сахиёна харҷ мекард, аз оянда парвое ҳам надошт” [12, с.39]. Ҳамин тавр боз бештар таърифи ӯ ва сахипешагиаш идома меёбад. Вай ҳатто чун гуле тасвир шудааст, ки дар атрофаш садҳо дӯстонаш чун занбурҳои асал чарх мезананд. Танҳо дар қисмати дуюми ҳикоя (ҳикоя аз шаш қисм иборат аст) мо бо хизматгор вомехӯрем: “Дар ҳавлии Шямсундар хизматгоре бо номи Ишвардас зиндагӣ мекард, ки ӯ аз падари Шямсундар ба писараш гузашта буд ва одами аз ҳама бовиҷдон, накӯкору наҷиб ҳисобида мешуд. Падари Шямсундар мегуфт, ки чунин хизматгор барояш сарватест бебаҳост” [12, с.41-42].

Дар идомаи ҳикоя мебинем, ки адиб ду чизро босаброна ва муфассал баён мекунад. Яке Шямсундар чи тавр бе андеша моликияташро беҳуда сарф мекунад ва дигаре Ишвардас, ки бо садоқат ва бе хиёнат хизмати хӯҷаини худро ба ҷо меорад. Ишвардас дар ин хонадон вазифаи хазинадориро иҷро мекард, дафтари даромаду харч ҳам дар ихтиёри ӯ буд. Ҳамсари Шямсундар Падма чун мебинад, ки шавҳараш касеро гӯш накарда сарфи беҳуда карда истодааст ва рӯзи муфлис шудан дур нест аз Ишвардас хоҳиш мекунад, ки барои ягон рӯзи сахт даҳ - понздаҳ ҳазор рупияро дар ягон ҷое пинҳон кунад. Хизматгор вақте шабона як миқдор пулро дар ҷое таги хок пинҳон менамояд, лекин хӯҷаини ҷавон ногаҳон омада ин корро ошкор мекунад ва асли воқеаро нафаҳмида, ӯро ҳамчун хиёнаткор гуфта, бо қабеҳтарин суханҳо дашном медиҳад ва сахт лату куб мекунад. Хизматгори дигар - ошпаз Ҳаридас хабар шуда, Ишвардасро ҳимоя карданӣ мешавад, вале хӯҷаини ғазаболуд ӯро мепаронад. Ишвардас ба хотири он, ки хӯҷаин ҷазо нагирад, ӯро ба хонааш мефиристаду ҳама гуноҳро ба гардани худ мегирад ва суд ҳукм мебарорад, ки Ишвардас ба муддати бист сол зиндонӣ шавад.Аз байн бист сол мегузарад, Шямсундар дар охир муфлис ва ҳатто муҳтоҷ ба нони гадоӣ мешавад. Вақте ки дар хона ҳатто як бурда нон ҳам наемонда буд, ногаҳон мӯйсафеди гадое ба хонаашон меояд. Шямсундар ва ҳамсараш Падма ва писарашон Шашӣ ӯро базӯр мешиносанд. Ин шахс Ишвардас буд. Соҳибони хона бо хиҷолат мегӯянд, ки ҳама гуруснаанд ва ҳатто як бурда ҳам нон надоранд, ки пеши Ишвардас монанд. Ишвардас нонҳои худро пеши онҳо мегузораду пас аз бағалаш халтаи

сиёҳеро бароварда пеши онҳо мегузорад ва сабаби бист сол пеш зери хок пинҳон кардани пулҳоро гуфтанӣ мешавад, лекин Шямсундар мегӯяд, ки ӯ огоҳ аст.Ишвардас нақл мекунад, ки пас аз Шямсундарро ба хонааш фиристондан халтаи пулро боз зери хок пинҳон карда будаст, акнун онро берун аз хок карда, омадааст, амонатро ба соҳибаш супорад.

Ҳамин тариқ, дар ҳоле ки мо ба мазмуни се ҳикояи Сударшан андаке шинос шудем, акнун умумияти мавзӯии онҳоро бараъло дида метавонем. Ин нуқта ҳам маълум мешавад, ки адиб чаро дар се ҳикоя ба як масъала махсус таваҷҷуҳ кардааст. Адиб дар фикри он нест, ки зулми хӯҷаин ва эътирози хизматгорро баён карда, якеро сарзаниш намояду дигареро навозиш. Сухан аз бархӯрди хӯҷаину хизматгор равад ҳам бархӯрди онҳо дар шакле тасвир ёфтааст, ки поёни ғамангез надорад. Сударшан нишон медиҳад, ки хислати инсон ҳамеша як ранг нест. Қалби инсон ва табиати инсон ҳам ба накӯкорӣ моил ҳасту ҳам бадкирдорӣ. Инсон ҳамин ҳолатро эҳсос намуда бояд талош намояд, ки ҳамеша накӯкорӣ вусъат ёбад ва ин накӯкорӣ тавре вусъат ёбад, ки вай худ бадкирдориро аҳлона маҳв созад, бе тезу тунд шудани табиати образҳои асар. Адиб ҳамчун намояндаи ҷамъияти “Браҳмо самаҷ” дар маҷмуъ дар ҷомеа, инчунин дар фаъолияти инсони ҷудогона ислоҳоти дилхоҳ даровардан мешавад. Дар ин ҷо нақши муҳим доштани эҳсоси садоқату вафодорӣ, ҳамчун воситаи дурусти ба осонӣ ва бо манфиат ҳал намудани масъалаҳои ногоҳ пайдо шуда, махсус зикр шудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Гагананчал № 1, январ-март. – Деҳлӣ, 2006. – 98 с.
2. История индийских литератур. – М., 1964. – 808 с.
3. Калинникова Е.Я. Англоязҷчная литература Индии / Е.Я. Калинникова. - М., 1974. - 240 с.
4. Лакшмисагар Варшнея. Таърихи адабиёти ҳиндӣ. – Оллоҳобод., – 1989. – 388 с.
5. Моҳан Авастхӣ. Таърихи адабиёти муосири ҳиндӣ / Авастхӣ Моҳан. – Оллоҳобод, 1983. – 340 с.
6. Раҷабов Ҳ. Адабиётиҳиндӣдардавраинав. Китоби дарсӣ / Ҳ. Раҷабов. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 540 с.
7. РаҷабовҲ. Премчанд ва Иқбол / Ҳ. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2016. – № 4/6 (146). - С.173-178.
8. Сударшан. Байҷу Бавра // Ҳақиқати Ленинобод, 1961. – 12 июл.
9. Сударшан. Дигаргуншавӣ // Ҳақиқати Ленинобод. – 1961. – 3, 8, 13, 14, 24 январ.
10. Сударшан. Табаддулот // Шарқи сурх, 1961. – № 10.
11. Сударшан. Меҳри Ҳиндустон. – Душанбе, 1964. – 43 с.
12. Сударшан. Байҷу Бавра. – Душанбе, 1990. – 238 с.
13. Шиавдансинх Чаухан. Очерки истории литературы хинди. Монография / Чаухан Шиавдансинх. – М., 1960. – 322 с.
14. Шямчандар Капур. Таърихи адабиёти ҳиндӣ. Монография / Капур Шямчандар. – Деҳлӣ, 1999. – 348 с.
15. Эрман В.Г. Очерк истории ведийской литературы / В.Г. Эрман. - М., 1980. - 232 с.
16. https://revista.abralic.org.br

СУДАРШАН ВА ҚАҲРАМОНҲОИ ҲИКОЯҲОИ Ӯ

Дар таърихи адабиёти Ҳиндустон чандин адибоне ҳастанд, ки онҳо бо ду забон асарҳо офаридаанд ва дар ҳарду маврид қариб баробар шуҳрат пайдо кардаанд. Дар адабиёти урду ин гуна адибон Мирзо Асадулло Ғолиб (1797-1839), Алтоф Ҳусайн Ҳолӣ (1837-1914) ва Муҳаммад Иқбол (1877-1938) буданд, ки ҳоло дар тамоми ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон ҳамчун шоирони дузабона пазируфта шудаанд. Шоирони номбурда ба забонҳои урду ва тоҷикӣ эҷод кардаанд ва дар ҳарду маврид баробар муваффақ шудаанд. Чунин адибон дар адабиёти ҳиндӣ низ дида мешаванд. Ин адибон ба забонҳои ҳиндӣ ва урду асарҳо офаридаанд, ки миёни онҳо Премчанд (1880-1936), Сударшан (1896-1967), Упендранатҳ Ашк (1910-1996), Ҳансраҷ Раҳбар (1913-1994) ва Кришан Чандар (1914-1977) барин устодони каломи бадеъро метавон ном бурд. Дар адабиёти ҳиндӣ ва урду фаъолияти адибони дузабона ҳайратовар нест, зеро ин забонҳо бо ҳам хеле монанд буда, фақат бо алифбо ва захираи луғавии худ фарқ мекунанду халос. Сударшан дар адабиёти ҳиндӣ пеш аз ҳама бо он фарқ мекунад, ки аввало ӯро чун шогрд ва пайрави Премчанд мешиносанд ва баъдан мисли Премчанд номи адиби дузабонаро гирифтааст. Сударшан хоҳ ба забони урду ва хоҳ ба забони ҳиндӣ, яъне ба кадом забоне асарҳо навишта бошад, беҳтарин хусусиятҳои ҳарду забонро моҳирона истифода намудааст. Роҷеъ ба ин адиб дар ҳиндшиносии тоҷик ҳанӯз ягон мақола ва ё рисолаи ҷудогонае навишта нашудааст, ҳол он, ки ҳикояҳои дилчаспи ӯ ҳанӯз аз миёнаҳои асри гузашта ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда буданд. Дар мақолаи зикршуда каме маълумот оид ба ҷараёни зиндагии Сударшан дода шуда, пас таҳлили се ҳикояи ӯ ба мисли “Нигоҳе ба худ”, “Байҷу Бавра” ва “Хизматгор” мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар мисоли ҳамин се ҳикоя кӯшиш шудааст, ки пайрави анъанаҳои Премчанд будани Сударшан тасдиқи худро ёбад. Сударшан кӯшиш кардааст аз бархӯрдорҳои қаҳрамонҳо оҳанги сахт тезу тунд шуданро бардорад. Мазмуни ҳикояҳо бештар хусусияти панду ахлоқиро дар бар гирифтааст.

Калидвожаҳо: Сударшан, Премчанд, Ғолиб, Иқбол, Ҳолӣ, тарҷума, тоҷикӣ, пандит, Бадринатҳ, ҳикоя, адабиёт, ҳиндӣ, урду, хизматгор, нигоҳе ба худ, Байҷу Бавра.

СУДАРШАН И ГЕРОИ ЕГО РАССКАЗОВ

В истории индийской литературы есть несколько писателей, писавших на двух языках и прославившихся в обоих случаев одинаково.В литературе на языке урду такими писателями были Мирзо Асадулло Галиб (1797-1839), Алтаф Хусейн Хали (1837-1914) и Мухаммад Икбал (1877-1938), которые в настоящее время признаны во всем мире, в том числе и в Таджикистане как крупнейшие двуязычные поэты.Эти поэты писали на урду и таджикском и добились одинакового успеха в обоих случаях.Подобные писатели встречаются и в литературе хинди, которые писали на хинди и урду. К ним относятся в том числе Премчанд (1880–1936), Сударшан (1896–1967), Упендранатх Ашк (1910–1996), Хансрадж Рахбар (1913–1994) и Кришан Чандар (1914–1977). Эти писатели считаются крупнейшими мастерами художественного слова. Двуязычные писатели в литературе на хинди и урду - неудивительное явление, так как эти языки очень похожи друг на друга и отличаются только своим алфавитом и лексическим фондом. Сударшан отличается в литературе хинди прежде всего как ученик и последователь Премчанда, а затем как двуязычный писатель. Подобно Премчанду, Сударшан умело использовал лучшие качества обоих языков, и урду и хинди. Об Сударшане в таджикской индологии до сих пор нет ни одной отдельной статьи, хотя его увлекательные рассказы переводятся на таджикский язык еще с середины прошлого века. В данной статье анализируются такие рассказы Сударшана, как «Взгляд на себя», «Байджю Бавра» и «Слуга». На примере этих трех рассказов сделана попытка показать, что Сударшан действительно является последователем традиции Премчанда. Сударшан в своих рассказах пытался смягчить конфликт и характер героев. Содержание рассмотренных рассказах в основном морально-этическое.

Ключевые слова: Сударшан, Премчанд, Галиб, Икбал, Хали, перевод, таджикский, пандит, Бадринатх, рассказ, литература, хинди, урду, слуга, взгляд на себя, Байджу Бавра.

SUDARSHAN AND THE HEROES OF HIS STORIES

In the history of Indian literature there are several writers who wrote in two languages and became famous in both cases equally. In Urdu literature, such writers were Mirzo Asadullo Ghalib (1797-1839), Altaf Huseyn Khali (1837-1914) and Muhammad Iqbal (1877-1938), who are now recognized worldwide, including in Tajikistan, as the largest bilingual poets. These poets wrote in Urdu and Tajik and achieved the same success in both cases. Similar writers are found in Hindi literature, who wrote in Hindi and Urdu. These include Premchand (1880-1936), Sudarshan (1896-1967), Upendranath Ashk (1910-1996), Hansraj Rahbar (1913-1994) and Krishan Chandar (1914-1977). These writers are considered the greatest masters of the artistic word. Bilingual writers in Hindi and Urdu literature are not a surprising phenomenon, since these languages are very similar to each other and differ only in their alphabet and lexical fund. Sudarshan is distinguished in Hindi literature primarily as a disciple and follower of Premchand, and then as a bilingual writer. Like Premchand, Sudarshan skillfully used the best qualities of both languages, and Urdu or Hindi. There is still not a single separate article about Sudarshan in Tajik Indology, although his fascinating stories have been translated into Tajik since the middle of the last century. This article analyzes such stories of Sudarshan as "A Look at yourself", "Baiju Bavra" and "The Servant". Using the example of these three stories, an attempt is made to show that Sudarshan is indeed a follower of Premchands tradition. Sudarshan in his stories tried to soften the conflict and the character of the characters. The content of the stories considered is mainly moral and ethical.

Key words: Sudarshan, Premchand, Ghalib, Iqbal, Khali, translation, Tajik, Pandit, Badrinath, story, literature, Hindi, Urdu, servant, self-view, Baiju Bavra.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳабибулло Раҷабов*** –Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор. **Суроға:** 734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **rajabov_hyahoo.com.** Тел.: **(+992) 907-96-30-00**

Сведение об авторе: ***Хабибулло Раджабов*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **rajabov_hyahoo.com.** Тел.: **(+992) 907-96-30-00**

Information about the author: ***Khabibullo Radjabov*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **rajabov_hyahoo.com.**
Phone: **(+992) 907-96-30-00**

УДК: 891.550

ШАХСИЯТИ АДАБӢ ВА КОРГОҲИ ЭҶОДИИ НАВИСАНДА АБДУРРАҲМОН РАСУЛӢ

М.Нарзиқул
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Барандаи ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ (2011), нишони “Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон”, нишони “Сухан”-и Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон, нишони “100-солагии матбуоти тоҷик”, нависанда ва рӯзноманигор Абдурраҳмон Расулӣ (01.09.1949-08.01.2017) аз ҷумлаи шахсиятҳои адабие мебошад, ки бо офаридаҳои адабии хеш дар ғанӣ гардидани насри бадеии муосири тоҷикӣ саҳми худро гузоштаанд. Вай хатмкардаи бахши журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло ДМТ) буда, фаъолияти адабиашро бо навиштани хабар, мақола ва репортажҳо дар идораҳои иттилоотӣ ва рӯзномаву маҷаллаҳо оғоз кардааст. Ҳамчун адиб дар жанрҳои ҳикоя, очерк ва қиссаи ҳуҷҷатӣ асарҳо офаридааст. Маҳсули қалами ӯ дар рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ, маҷмӯаҳои дастҷамъӣ ва китобҳои алоҳидаи фарогири маҷмӯаи таснифоти адабӣ нашр шудаанд. Ба кори тарҷумонӣ ҳам машғул шудааст. Бо намунаи тарҷумаҳояш дар маҷмӯаҳои умумии тарҷумавӣ шинос шудан мумкин аст. Узви Иттифоқи жуналистони Тоҷикистон (1979) ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (2000) буд.

Пешинаи таҳқиқ. Таснифоти адабии нависанда Абдурраҳмон Расулӣ то ҳанӯз ба таври яклухт мавриди баррасии илмӣ қарор нагирифтааст. Ду асари нависанда: “Ҷонон ҳаёт, ҷонон одамон” ва “Савти Хиромон” аввалсухани кӯтоҳ доранд, ки таҳти унвони “Ба ҷои сарсухан” ва “Аз муҳаррир” дар оғози китобҳо ҷой гирифтаанд [11, с.3-4; 12, с.3-4]. Аз он миён дар навиштаи Абдумалик Баҳорӣ мулоҳизаҳои ҷолиб оид ба таснифот ва сабки эҷоди Расулӣ мушоҳида мешавад: “Ман муддатест, ки навиштаҳои ӯро (Абдурраҳмон Расулиро – М.Н.) мушоҳида мекунам. Аз мушоҳидаҳоям хулоса кардам, ки аз ҳикоя то ҳикоя, аз маҷмӯа то маҷмӯа истеъдоди вай такмил меёбад, сабкаш то рафт сайқал мегирад, услубаш хушсалиқа мешавад, мавзӯъҳояш ҷиддитар мегарданд, банду басту баёнаш гуворотар ба чашм мерасанд...” [11, с.3]. Ин мулоҳизаҳо барои шинохти чигунагии такмили истеъдоди ҳикоянависии адиб, таъйини сабки сухан ва муҳтавои осори ӯ муҳиманд. Инчунин, дар ҳамин навишта ҳикояҳои Расулӣ аз назари муҳтаво ба се гурӯҳ дастабандӣ шудаанд, ки ин иқдом қадами аввал дар маърифати сохтори муҳтавоии ҳикояҳои нависанда мебошад. Ба ин тартиб: а) гурӯҳи аввали ҳикояҳо ғаму ғуссаи инсонро фаро гирифтаанд; б) гурӯҳи дуюми ҳикояҳо ғамшарикии инсонеро ба инсони дигар ифода кардаанд; в) дар гурӯҳи сеюми ҳикояҳо нависанда ҳиссиёти гуворои ишқро басе ҷолибу дилкаш тасвир кардааст [11, с.3].

Бо нигоштаҳои нависанда ва рӯзномнигори машҳури тоҷик Абдурраҳмон Расулӣ бори аввал дар ҳошияи мутолиа ва баррасии жанри ҳикоя дар адабиёти солҳои охир ба таври куллӣ шинос гардида будем. Натиҷаи мутолиоти мо дар ин хусус таҳти унвони “Ҷусторҳо дар насри муосири тоҷик” дар рӯзномаи “Адабиёт ва санъат” ҳам чоп шуда буд [4, с.4-5]. Баъд аз ин навиштаҳои нависанда ҳамеша диққати моро ба худ ҷалб мекард ва онҳоро бо назари таҳқиқ мутолиа мекардем. Баррасии дигари мо, ки таҳти унвони “Гузашти замон ва тақдири инсон (*ҷусторе перомуни муҳтавои ҳикояҳои Абдурраҳмон Расулӣ*)” ба ҳам омадаву чоп шудааст, бо таваҷҷуҳ ба муҳтавои ҳикоёти адиб сурат гирифта буд [5]. Дар мақола мо мулоҳизаҳоямонро оид ба муҳтавои ҳикояҳои нависанда дар асоси ду маҷмӯа, ки бо номҳои “Савти Хиромон” (2004) ва “Эъҷоз” (2011) ба чоп расидаанд, баён карда будем. Дар ин баррасӣ, ки ба сурати фарогиртар ва бо мақсади намоёнидани шахсияти адабӣ ва манзараи умумии коргоҳи эҷодии нависанда Абдурраҳмон Расулӣ сурат мегирад, аз бахши ҷустори мақолаи мазкур истифода мешавад.

Агар ҳикояҳои аз маҷмӯаи якум ба дуюм воридшударо ба ҳисоб наоварем, дар баррасии мо бисту чаҳор ҳикоя мавриди назар буд. Аммо муҳим теъдод нест. Манзури мо, пеш аз ҳама, зикри таҷдиди назарҳое буд, ки аз фосилаи чопи маҷмӯаи аввал ва дувум, дар муддати ҳафт сол ба амал омада ва танҳо ба унвони нигоштаҳо бармегашт, на ба муҳтаво. Масалан, дар ҳикояи “Шаҳри орзуҳо” ба сурати “Шаҳри сукут ва орзуҳо”, дар ҳикояи

“Марг ва ҳаёт” ба “Муборакбодӣ дар ҷаноза” таҷдиди унвон мушоҳида мешавад. Инчунин, дар баъзе ҳикоёти маҷмӯаи дувум зикри таърих ба чашм мехурад, ки дар маҷмӯаи қаблӣ мавҷуд набуд.

Дар маҷмӯаи дуюм ба иловаи ҳикояҳо қиссае таҳти унвони “Эъҷоз”, таронагунаи “Хандаи офтоб”, ниёиши “Шеъри Ҳофиз мехонаму...” ва ҳикояҳои ҳаҷвӣ ҳам ба чоп расидаанд, ки дар баррасии боло ворид нашуда буданд. Дар нигоштаи ҳозир асарҳои мазкур ҳам фаро гирифта шудаанд.

Барои такмили шахсияти адабӣ, муҳити эҷодӣ ва ҷаҳони нависандагии Абдурраҳмон Расулӣ дар ин мақола аз дигар навиштаҳои дастрас, ки оид ба шахсияти нависанда ва асарҳои ӯ ҳикоят мекунанд, низ истифода шудааст. Аз ҷумла, нигоштаҳои Исмоил Аҳмадов ва Нарзиқул Обидов, ки ба муносибати 70-солагии нависанда, таҳти унвони умумии “Дидадаро” дар рӯзномаи “Адабиёт ва санъат” чоп шудаанд [Аҳмадов 2019, с.7].

Доираи фаъолиятҳо. Фаъолиятҳои кории нависанда Абдурраҳмон Расулӣ аз назари шуғл ва таъмини зиндагӣ асосан ба рӯзноманигорӣ ва муҳаррирӣ бастагӣ дорад. Дар Энсиклопедияи советии тоҷик (ба сифати муҳаррир), нашриёти “Маориф” (муҳаррир), рӯзномаи “Комсомоли Тоҷикистон” (мудири шуъба), Агентии телеграфии Тоҷикистон – ТоҷикТА (ҳоло МИТ “Ховар”, ҳамчун мухбир), Вазорати маданияти Тоҷикистон (муҳаррир), Театри академии драмаи ба номи Лоҳутӣ (мудири қисми адабӣ), маҷаллаи “Тоҷикистон” (ходими адабӣ), рӯзноми “Паёми Душанбе” (сармухбири бахши маънавиёт), Дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (корманди масъул, аз соли 1992), Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ёвари вазир, солҳои 1996-1997) ва шуъбаи табъу нашри дастгоҳи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (сармутахассис, корманди масъул) кор кардааст. Ҳамчун журналист қалами худро дар ТоҷикТА рост кардааст. Вақте ки ба сифати хабарнигори ҷавон дар идораи хабарии мазкур ба фаъолият оғоз мекунад, аз устодони собиқадори соҳа, ба монанди Яков Исакович Налский, Олег Дмитриевич Соболев ва Зайниддин Насриддинов сабақи корӣ меомӯзад.

Шахсияти адабӣ. Машғулияти асосии нависанда Абдурраҳмон Расулӣ рӯзноманигорӣ буда, ба ҷаҳони нависандагӣ аз роҳи рӯзноманигорӣ ворид шудааст. Агарчи бино бар тақозои кор ва зиндагӣ ба дигар фаъолиятҳо, ба мисли муҳаррирӣ, тарҷумонӣ ва умуман, кори нашру таҳриру тарҷума низ машғул шуда, эҷоди бадеӣ ҳамеша мавриди назараш будааст. Шахсияти адабии ӯ аз тариқи кор дар рӯзнома ва таҳриру тасниф такмил ёфтааст.

Дар такмили шахсияти адабии нависанда Абдурраҳмон Расулӣ ҳамзистӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, ҳусни тафоҳуми вижа ва хидматҳои бедареғи завҷааш Туҳфа Расулӣ, ки низ аз назари касбият рӯзноманигор аст, бениҳоят бузург мебошад. Вохӯрии банда бо Расулӣ, дар бинои факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, замоне сурат гирифт, ки нависанда ба иллати мушкили биноӣ бо мадади муаллима роҳ мерафт, аммо қалби бузургу азми устувор дошт. Баъдтар, ки Расулӣ ба сактаи қалбу майна ҳам гирифтор шуд, мӯниси ғамхораш, пеш аз ҳама, хонуми меҳрубонаш буд. Охирин тақрироти адабии Расулӣ ба қалами завҷааш таҳрир шудаанд, ки намунаи онҳо ҳаҷвияҳое мебошанд, ки таҳти унвои “Лофҳои навбаромад” дар маҷаллаи “Ганҷи Исфара” чоп шудаанд [7]. Пас аз марги нависанда низ завҷаи меҳрубонаш ҳамеша барои шод кардани рӯҳи азизи сафаркардааш мекӯшад.

Дӯстони Расулӣ дар хотироташон аз ӯ ба унвони инсони поктинату поквиҷдон, покгуфтор, инсондӯсту қадршинос тавсиф карда, аз нишастҳои дӯстонаашон дар манзили нависанда сухан карда ва аз Туҳфа низ ба хубӣ ёд кардаанд. Муҳаббат ва ҳусни пайванди миёни Расулӣ ва Туҳфаро аз он ҷо ҳам дарёфтан мумкин аст, ки нависанда қиссаи “Эъҷоз”-ро, ки “ёди даврони наврасию ҷавонист”, “ҳамчун рамзи муҳаббати пок” ба завҷааш бахшидааст [13, с.114].

Муҳити эҷодӣ. Муҳити эҷодии нависанда Абдурраҳмон Расулӣ, пеш аз ҳама, идораи рӯзномаву маҷаллаҳо мебошад, ба мисли рӯзномаи “Паёми Душанбе”, “Адабиёт ва санъат”, маҷаллаи “Тоҷикистон” ва дигар идораҳои эҷодӣ, ки ӯ дар он ҷойҳо қалами худро рост карда, оҳиста-оҳиста бо ҷаҳони нависандагӣ одат кардааст. Омили таъсиррасони дигар дар ташаккули муҳити эҷодӣ ва эҷоди бадеӣ, чунонки аз ёддошт ва хотираҳои ҳамкоронаш бармеояд, муҳити солиму фарҳангӣ ва адабошноии дӯстону ҳамкоронаш мебошад. Аз қавли собиқадори табъу нашр Исмоил Аҳмадов, бо дӯстони нависанда, аз ҷумлаи шоирону нависандагон ва таъсири онҳо ба нависанда маълумот пайдо кардан

мумкин аст. Вай менависад, ки дар хонаи Абдурраҳмон Расулӣ шоирону нависандагон ва ҳамкоронаш Алӣ Бобоҷон, Ғанӣ Ҷӯразода, Музаффар Олимов, Собири Шоҳонӣ (Зикирзода), Мансури Суруш, Расулҷон Шарифов, Раҳими Бобоҷон, Каримҷон Ёқубов, рассоми шинохта Бӯрӣ Олимов, худӣ ӯ ва "дигарон ҷамъ меомадем. Бештар ҳангоми суҳбат ҳазлҳои гуворо байни якдигар радду бадал мешуд ва аз ин илҳом гирифта Абдурраҳмон чандин ҳикояҳои ҳаҷвӣ навиштааст. Масалан, ҳаҷвияи "Арон нафаҳмад" аз ҳазлҳои Собири Шоҳонӣ тавлид шудааст. Ё худ, "Қиссаи номи Бӯриамак" ба туфайли ширингуфториҳои Бӯрӣ Олимов рӯйи коғаз омадааст" [Аҳмадов 2019, с. 7].

Фарҷоми зиндагӣ. Дар бораи фарҷоми зиндагии нависанда Абдурраҳмон Расулӣ чунин маълумот мавҷуд аст: "Пас аз беморӣ доим ёди зодгоҳаш мекард ва аз пайвандонаш хоҳиш менамуд, ки вайро ба хонаи аз волидонаш меросмонда, ба Хуҷанд баранд. Ҳамин тавр, ...соли 2016 ба шаҳри Хуҷанд кӯч баст... Вай дар он ҷо ақаллан як сол ҳам назиста, ин дунёро падруд гуфт..." [Аҳмадов 2019, с. 7].

Мо аз бемории нависанда хабари дуруст надорем, вале аз нақли завҷааш маълум мешавад, ки аз соли 2010 ба баъд дунёро бо чашми ботинбину ҳисси даррок мушоҳидаву дарк мекард, бо вуҷуди ин то охири ҳаёт аз тасниф даст боз надоштааст. Дар боло мо аз охирин намунаи тақрироти нависанда ёд карда будем, ки онҳо ҳаҷман кӯтоҳ буданд. Инчунин, ҳикояи "Муъҷиза"-ро, аз силсилаи "Савти Хиромон", ки дар рӯзномаи "Адабиёт ва санъат" чоп шудааст [10], аз қавли нависанда завҷааш рӯйи коғаз овардааст.

Мероси адабӣ. Таснифоти адабии нависанда Абдурраҳмон Расулӣ, ғайр аз он чи, ки дар рӯзномаҳо чоп шудаанд, дар чунин маҷмӯаҳо фароҳам оварда шудаанд:

1. Китоби "**Ҳақиқат**" нахустин маҷмӯаи фарогири навиштаҳои адабии нависанда Абдурраҳмон Расулӣ мебошад, ки дар он ҳикояҳо ҷамъ оварда шудаанд. Ин китоб соли 1991 чоп шудааст.

2. Китоби "**Таронаи баҳор**" шомили гулчини ҳикояҳои нависанда мебошад, ки соли 1999 чоп шудааст.

3. Намунаҳое чанд аз ҳикоёти ҳаҷвии нависанда дар китоби "**Мурад камбағалӣ**" фароҳам омадаанд, ки соли 2000 ба дасти хонанда расидааст [9]. Ба воситаи ин китоб аз ҳунари ҳаҷвнависии Расулӣ огоҳ шудан мумкин аст. Унвони маҷмӯа аз номи ҳикояти ҳаҷвие гирифта шудааст, ки дар таркиби асар ҷой дорад [Расулӣ 2000, с. 59-61].

4. Повести хуҷҷатӣ-бадеии "**Маҳбуби дилҳо**". Нависанда дар ин асар аз ҳаёт, фаъолият, тарзи зист ва рӯзгори арбоби сиёсию давлатии Тоҷикистони замони Шӯравӣ, собиқ Раиси Президиуми Совети олии ҶСС Тоҷикистон Маҳмадулло Холов қисса мекунад [8].

5. Қиссаи "**Раис**" яке дигар аз таснифоти нависанда Абдурраҳмон Расулӣ мебошад, ки соли 2003 нашр шудааст.

6. Китоби "**Инсони бануру имон**" фарогири очерк ва мақолаҳо аз ҳаёт ва фаъолияти шахсияти муътабаре бо номи Ким Бобоҷонович Мадаминов буда, муаллифи очерк ва мураттиби китоб Абдурраҳмон Расулӣ аст. Исми Ким маъхуз аз калимаи ихтисораи КИМ, яъне "Коммунистический интернационал молодежи (Интернатсионали коммунистии ҷавонон)" [Расулӣ бидуни таърихи табъ, с. 4] буда, аз назари таърихӣ ба номгузориҳои даҳаи сеюми асри гузашта, айёми авҷи баркароршавии давлати Шӯравии собиқ рост меояд.

7. Маҷмӯаи "**Савти Хиромон**" дувумин китобест, ки дар он нуздаҳ ҳикояи нависанда ҷамъ оварда шудааст [11]. Ба ин асар Нависандаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Мукофоти давлатии ба номи Рӯдакӣ Абдумалик Баҳорӣ муқаддимаи кӯтоҳу пурмуҳтавое нигошта, ба сабки эҷодии Расулӣ ишора кардааст [11, с.3-4].

8. Китобчаи "**Дурбин**", ки танҳо аз ҳамин як навишта иборат аст, шоҳиди истеъдоди гӯёи Расулӣ барои навиштани ҳикоя барои бачагон мебошад [6]. Ин китобча – ҳикоя бо чунин эпиграф – хитобаи нависанда оғоз мешавад: "Бачаҳои азизу ширин! Дар ин китоб, ки "Дурбин" ном дорад, ман фақат дурбинро дар назар надорам. Балки хоҳони онам, ки ҳар кадоми шумо чун қаҳрамони китоб дурбин, дурназар ва дурандеш бошед. Дӯсти меҳрубони шумо, Абдурраҳмон Расулӣ".

9. Китоби "**Ҷонон ҳаёт, ҷонон одамон**" як навъ ҳисоботи эҷодиро мемонад, ки ба ифтихори 60-солагии адиб ва рӯзноманигор Абдурраҳмон Расулӣ чоп шудааст [12]. Ин асар маҷмӯаи асарҳои публитсистӣ, очеркҳо, лавҳаҳо, ёдномаҳо, мусоҳибаҳо ва андешаҳои

нависанда мебошад, ки солҳои гуногун эҷод шудаанд. Аксари навиштаҳои таркиби маҷмӯа қаблан дар рӯзномаву маҷаллаҳо чоп шудаанд.

Аз сухани муҳаррири китоби “Ҷонон ҳаёт, ҷонон одамон” маълум мешавад, ки ин асар нашри дувум ва такмилшуда мебошад: “Аз нашри аввали китоб чанд сол сипарӣ шуд ва баъди он муаллиф асарҳои дигари публитсистӣ ва ҳуҷҷатӣ иншо кард. Аммо асарҳои дар нашри аввал ба табъ расида низ ҳанӯз қадру қиммати худро гум накардаанд. Бинобар ин, муаллиф хост, ки нашри дуюми пуррашудаи маҷмӯаро омодаи чоп созад” [12, с.3]. Нашри аввали маҷмӯа соли 2000 сурат гирифта буд.

10. Китоби “**Эъҷоз**” маҷмӯаи фарогири қиссаи ҳамноми китоб ва ҳикоётест, ки аз оғози фаъолиятҳои адабии нависанда то соли нашри китоб навишта шудаанд [13]. Ин асар сеюмин маҷмӯаи ҳикоёти нависанда мебошад. Қиссаи “Эъҷоз”, ки маҳсули солҳои донишҷӯии нависанда мебошад, баъдтар муаррифӣ мешавад. Дар бораи муҳтавои ҳикояҳои таркиби асар низ ҷудогона суҳбат мешавад.

Илова бар асарҳои мазкур ҳикоёти дигаре ҳам ба қалами Расулӣ навишта шудаанд, ки дар рӯзномаву маҷаллаҳо чоп шуда бошанд ҳам, ҳанӯз дар қолаби маҷмӯа ҷамъ оварда нашудаанд. Ба назари мо, чунин ҳикояҳо ва дар умум, кулли навиштаҳои нависанда Абдурраҳмон Расулӣ ба сурати куллиёт фароҳам оварда шаванд, кори савобе мебуд. Аз ҷумла, чунин ҳикояҳоро мо дар рӯзномаи “Адабиёт ва санъат” дучор шудем: “Тоҷи заррин” (№8 (792), аз 18.02.1993), “Мерганчиён” (№42 (1337), аз 19.10.2006), “Миллиардер ва роллтон” (телефонбозӣ) (№18 (1469), аз 30.04.2009), “Зарари партов” (№31 (1482), аз 30.07.2009), “Тути муаззами ман” (№43 (1494), аз 22.10.2009), “Арон нафаҳмад” (№6 (1509), аз 11.02.2010), “Рақамҳои Худо” (№23 (1526), аз 10.03.2010), “Майхона созем” (№48 (1551), аз 02.12.2010), “Радди маърака” (№13 (1568), аз 13.03.2011), “Зинда бод Америка!” (№38 (1645), аз 20.09.2012), “Марги тӯтӣ” (№43 (1650), аз 25.10.2012), ““Коммунизм”” (№14 (1673), аз 04.04.2013), “Фатири дугонаҳо” (№22 (1681), аз 30.05.2013). Ҳикояҳои “Дӯст он бошад, ки...” дар рӯзномаи “Паёми Душанбе” (№19, аз 26.01.1990), “Ишқи сӯхта” ва “Қиссаи пурмоҷарои маҳбус” дар рӯзномаи “Қонун ва ҷомеа” (№6 (209), аз 09.02.2012; №39 ва 40, дувум аз 03.10.2013), “Хаймаи Ҳусейн” дар рӯзномаи “Анбоз” (№7-8 (5274), соли 2011) чоп шудаанд. Аксари ҳикояҳои дар рӯзномаи “Адабиёт ва санъат” нашр шуда ҳаҷвӣ буда, ба тариқи ҳаҷву танзу рамз иншо шуда, дар гӯшаи “Мушфиқӣ” чоп шудаанд.

Аз муаррифии мухтасари асарҳои нависанда Абдурраҳмон Расулӣ бармеояд, ки ӯ асосан адиби ҳикоя ва очеркнавис аст. Ҳикояҳои нависанда, чунонки дар матлаби баъдӣ хоҳем дид, аз назари муҳтаво фарогири мавзӯъ ва муаммоҳои гуногунеанд, ки аз зиндагӣ ва муҳити иҷтимоии ҷомеа сарчашма гирифтаанд. Дар очеркҳояш нависанда рӯзгори баъзе шахсиятҳои маъруфи кишварамон, аз ҷумлаи сиёсатмардону адибону табибону ҳунарпешагон, ба монанди Раҳмон Набиев, Ҷаббор Расулов, Маҳмадулло Холов, Мирзо Раҳматов, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ҳомидҷон Зоҳидов, Юсуф Исҳоқӣ, Маъруфхӯҷа Баҳодуров, Аслӣ Бурҳонов, Бурҳон Раҷабов, Хайрӣ Назарова, Фаррух Қосимов, Майсара Калонова ва дигаронро тасвир кардааст.

Расулӣ кори тарҷумониро ҳам таҷриба кардааст. Асарҳои ҷудогонаи адибони хориҷаро, ба монанди А.П. Чехов, Ҷ. Боккаччо, Э. Рауд, А. Ҳайитматов, М. Задорнов тарҷума кардааст, ки онҳо дар сафҳаҳои матбуоти даврӣ ва алманахи тарҷумаҳо чоп шудаанд.

Бархе аз ҳикояҳои Расулӣ ба забонҳои русию ӯзбекӣ тарҷума ва чоп шудаанд.

Муҳтавои ҳикояҳо. Абдурраҳмон Расулӣ аз ҷумлаи нависандагоне маҳсуб мешавад, ки асосан дар жанри ҳикоя эҷод мекунанд. Ҳикояҳои Расулӣ агарчи дар мавзӯъҳои гуногун навишта шуда, аз нигоҳи муҳтаво шомили оҳангҳое, амсоли ҳадиси танҳоӣ, орзую ормонҳои инсонӣ, масъалаҳои иҷтимоӣ, мавзӯъҳои доғи рӯзу рӯзгорон, сиришти мутазод(д): неку бади инсонӣ, гардиши суру мотам, сӯзу гудози одамӣ, муҳаббату самимият, ҷасорату тарсуӣ, санъату саноат, набарди ғӯлу одам ва пирӯзи дувумӣ, рафоқату дӯстӣ, шукронаи ҳаёти ободу рӯзгори осоишта ва ғайра ҳастанд, яке аз равишҳои меҳварие, ки нависанда ба он таваҷҷуҳ дорад, тасвири тақдири насли инсон (дар мисоли одамони гуногунсолу мухталифмартаба) дар ҳошияи маҷмӯаи бузурги фоҷиаи банӣ башар мебошад, ки ба сурати куллӣ дар доираи даввори гузашти замон ва тақдири инсон ба ҳам гиреҳ мехуранд.

Фоҷиаи инсон дар тасвири нависанда, дар назари аввал, моҳиятан хусусияти фардӣ дорад, образҳо бештар мушаххас ҳастанд, аммо дар сурати пеши назар овардани маҷмӯи воқеаҳое, ки нависанда дар кулли ҳикояҳояш онҳоро ба риштаи тасвир кашидааст, он ҳама муҳтаво, ки шомили паёмҳои ҳамгун ҳастанд, хусусияти умумиинсонӣ касб мекунанд ва ҳамин нукта аз ҷумлаи муҳимтарин арзишҳои фаъолияти эҷодии нависанда маҳсуб мешавад.

Барои возеҳ шудани масъала ҳикояи “Шукри ин рӯзҳо”-ро аз диди мазбур баррасӣ мекунем. Ин ҳикоя тақдири хонаводаеро бозгӯ мекунад, ки дар як марҳалаи ҳассоси таърихи навини кишвари мо дучори мушкилот шудааст. Падари хонавода бармаҳал фавтида, писари ягона ҳам дар ғурбат ҷон ба Ҷонофарин супорида, модар бо духтарони ноболиғи худ танҳо мондааст. Аз як ҷониб, ҷафои зиндагӣ ва нодорӣ модарро гиребонгир шуда, аз ҷониби дигар, тақдири духтарҳо ӯро азият медиҳад. Дар ҳамин росто ба сари модар андешае мечархад, ки ба воситаи пешкаш кардани духтари хеш ба марди зандидае мушкилии дар рӯзгор пешомадаро ҳал бикунад... Ин андеша шояд аз ақли кӯтоҳ сарчашма мегирад, вале ҳақиқати талхест, ки рӯзгори муайян баъзе мардум шоҳиди он будаанд ва, мутаассифона, амсоли онро аз саҳифаҳои ҷудогонаи таърих ҳам дарёфтан мумкин аст. Дар воқеъ, чунин амали номусоид – “фоҷиаи инсонӣ” замоне рӯй медиҳад, ки ҷаҳолат бар адолат ғолиб омада бошад.

Мушкилие, ки ба сари хонаводаи мавриди тасвир қарор додаи нависанда пеш омадааст, танҳо ба як хонавода тааллуқ надорад, балки чунин сарнавишт ба чандин хонаводаҳо бармегардад. Шояд вобаста ба муҳит ва шароит таъсири воқеаҳои маълум ба ҳаёти хонаводаҳо яксон набошад, дар маҷмӯъ, кулли пешомадҳои номусоиди рӯзгор, ки ба сари хонаводаҳо пеш омадаанд, аз рӯзгори номусоид ва вазъи буҳронӣ дар ҷомеа гувоҳӣ медиҳанд. Паёме, ки нависанда дар ин замина ироа мекунад, ҳушдорест, ки бояд кулли ҷомеа ба он диққат бидиҳад. Воқеан, шукри ин рӯзҳо ва рӯзгори осоиштаро мебояд кард, ки фазои мусоиди зиндагӣ ва даври осоишта имрӯзҳо баҳри мо фароҳам омадааст.

Тақдири инсон бо гузашти замон дар ҳикояҳои “Марди танҳо” ва “Интихоби баъди марг” ба гунае дигар, дар доираи фоҷиаи иҷтимоӣ инъикос шудааст. Дар ҳикояи аввал воқеияти зиндагӣ дар мисоли тақдири як марди танҳо ва зане ба риштаи тасвир кашида шудааст, ки ӯ низ дар зиндагӣ худро танҳо меҳисобад. Сабаби танҳоии мард он аст, ки “занаш ӯро тарк карда, бо марди дигаре баромада рафта”, вале вазъияти зан ба сурати дигар аст. Вай соҳиби шавҳар аст, аммо худро – бинобар он ки шавҳараш майзада асту “ба ном шавҳар” – зани танҳо меҳисобад. Заҳри танҳоӣ мард ва зани танҳоро яке пас аз дигаре ба коми марг мекашонад. Онҳо аз зиндагӣ ва тақдири хеш розӣ нестанд. Мард ба навъе озодтар, аммо дилмонда аз ҳаёт, зан озод нест, вай пойбанди тааллуқотест, ки он ҳамаро аз тақдири бади худ меҳисобад. Тақдири ин ду шахсият бозгӯи танҳо зиндагии онон нест, балки намунае аз тазод(д)ҳои пурпечутоби зиндагист, ки дар ҳар ҷомеа ва дар ҳама ҳолат нигаронкунанда боқӣ мемонад. Илоҷи чунин дардро аз мизони ахлоқии ҷомеа мебояд ҷустуҷӯ кард.

Аммо дар мавриди ҳикояи дувум. Бо гузашти замон тағйир ёфтани авзои сиёсии ҷомеа ва зина ба зина беҳ шудани вазъи иҷтимоии мардум, дар мисоли собиқ коргарони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, муҳтавои ҳикояи “Интихоби баъди марг”-ро ташкил медиҳад. Дар ин ҳикоя мушкилоти мавҷуд дар ҷомеа дар ҳалқаи суҳбати гурӯҳи махсуси ҷомеа – аробакашон, ки аз одамони касбу кори гуногун ташкил шудааст, муҳокима мешавад. Шахсияти асосии ҳикоя Карими Ҷанговар нафарест, ки пайроҳаи ҳаёт ӯро ба Ҷанги бузурги Ватанӣ бурда, аз он ҷо ба ҳаёти осоишта баргашта ва боз шоҳиди ҷанги дигар – ҷанги шаҳрвандӣ гардида ва оқибат гардиши рӯзгор вайро ба ҳалқаи аробакашон пайвастааст. Барои Карими Ҷанговар ҷанги аввал ҷанги муқаддас буд, вале ҷанги дуюм ба масобаи доғест дар саҳифаи таърихи миллат, ки дар натиҷаи тирагии хирад, нотавонӣ дар баробари ғазаб, худношиносию худоношиносӣ ва беитоатӣ дар ростои талаботи қонун рӯй додааст. Дар ҳикояи мавриди назар ба чандин мушкилоти дигар, ба мисли қатлу қасос, мушкилоти муҳоҷират, бадахлоқӣ, эҳтиёҷ ва бетарафӣ низ ишора шудааст, ки бино бар тасвири нависанда, ин ҳама мушкилоти мавҷуд гузаранда буда, бо гузашти замон роҳи ҳаллашон пайдо мешавад. Карими Ҷанговар ба сабаби чашидани ҷоми аҷал, ки амре табиист, маҷрои муқаррарӣ ва осоиштаи замонро надид, вале фарзандону наберагони вай ба мурод расиданд.

Чеҳраи инсони танҳоро дар дигар нигоштаҳои Абдурраҳмон Расулӣ ҳам дармеёбем, аз ҷумла дар ҳикояи “Савти Хиромон”, ки бо ҳасрати марди духтарро аз даст дода ба ҳам омада, ҷанбаи қавии иҷтимоӣ пайдо кардааст. Пайванди замонҳо ва идомаи насли одамӣ аз ҷумлаи оҳангҳои ҷолиби зиндагӣ ҳастанд, ки дар тасвири нависанда парда аз гарду ғубори зиндагӣ бармедорад ва насли одамиро ба зиндагӣ умедвор мегардонад. Дар ҳикояи мазкур воқеа тарзе гиреҳбандӣ мешавад, ки зиндагии шахсияти асосӣ бо андешаҳои дар танҳоӣ ба зеҳн нишаста ва ҳасрати аз даст додани фарзанд ба охир намерасад. Идомаи зиндагии фарзанд дар ҳастии набера ва фарҷоми мотам дар хурсандӣ ба мушоҳида мерасад.

Ин равиш агарчи дар банду басти ҳикояи мазкур сидқ дорад, ба назар мерасад, мавзӯи доғи фарзанд нависандаро ба андозае мутаассир гардонида, ки гаштаву баргашта ба он муроҷиат мекунад. Ин ҳолат, чунонки баъдтар равшан мешавад, бесабаб нест. Ҳикояҳои “Таронаи баҳор”, ки ба ёди духтари пурармон бахшида шудааст, “Шаҳри орзуҳо”, ки таронагуна нигошта шудааст ва “Фариштаи баҳор”, ки таронае ба ёди Хиромон аст, низ дар мавзӯи мазкур ҳастанд. Дар кулли нигоштаҳои мазбур шахсияти асосӣ бо номи Хиромон ёд мешавад. Сабаби асосии ба як мавзӯъ таваҷҷуҳи зиёд доштани нависандаро дар сатрҳои зерин мехонем: “...Ашки хомаи ман надорад тамомшавӣ. Он мерезаду мерезад дар фироқи духтари чордаҳсолаи баҳориям, ки Хиромон номи ӯ буду ба ҳар ҷое бинигарам, сурати ӯ пеши чашмонам. Эҳ, воҳ, магар ман афсона мегӯям? На, ин ҳақиқат аст, ҳақиқати басо сангин. Суратҳои ӯ маро пахш мекунанд, куҷо гурезам, куҷо пинҳон шавам, куҷо раҳоӣ ёбам? Орзу дорам аз ин таҳлукаҳо эмин бошам ва дар шаҳре аз шаҳрҳои бемусибат зиндагӣ насибам бошад..., дар шаҳре амсоли шаҳри Орзуҳо...” [11, с.26].

Шаҳри орзуҳо дар тасвири нависанда ба гунаи зайл аст, ки тасвире омехта бо шаҳри ормонӣ (ормоншаҳри маъмул)-ро ба хотир меорад: “Духтарам, Хиромонам, баҳорам, ман ба шаҳри ту менигараму нишоне аз ин аломатҳои шаҳри моро намебинам. Аҷаб шаҳрест шаҳри шумо. Ҳама баробаранд, ҳама орому сокит, ҳамсояе ба ҳамсояе дӯғ намезанад, ягон кас каси дигарро фиреб намедиҳад, намеранҷонад, ягон дузду ғоратгар он ҷо нест, он ҷо золиму мазлум вуҷуд надорад. Балки Шоҳу Гадо ҳам нест он ҷо? Онро шаҳри Сукут, не, балки шаҳри Орзуҳо бояд номид...

Духтарам, баҳорам, Хиромонам! Пагоҳ боз меоям назди ту. Сафар ба шаҳри ту гуворост!...” [11, с.25].

Услуби хоссаи баён дар нигоштаҳои нависанда Абдурраҳмон Расулӣ нақл аст. Воқеаҳо асосан аз ҷониби нависанда ва ё нақли ровӣ, ки худи нависанда ба онҳо ишора дорад, нақл мешаванд. Барои ба таври гӯё ва возеҳ баён кардани воқеаҳое, ки дар онҳо ба тақдири инсон ва фоҷиаи ҳаёти вай дахл шудааст, нависанда бар мабнои равиши қиёсӣ ҳаёти қаҳрамонҳояшро аксар дар ду ҷомеа тасвир кардааст. Дар ин шева ғарази нависанда, қабл аз ҳама, фош кардани аъмоли ношоистаест, ки ба шаъни мардуми фарзонаи тоҷик дар ҳеч замонае хос набудааст. Бо ишора ба манзараи қатли инсон ва марги бегуноҳӣ афсӯсу надомат аз қавли яке аз шахсиятҳои ҳикояи “Интихоби баъд аз марг” чунин садо медиҳад, ки ҷойи таъкид дорад: “Ин коре шуд дар кишвари мо, сари моро дар рӯйи замин хам кард. Дар китобҳои таърих як доғ афтод. Ҳайфо!” [13, с.12].

Яке дигар аз равишҳои писандидае, ки нависанда аз он кор гирифтааст, анҷоми хушбинонаи воқеаҳо мебошад. Аз ин ҷост, ки Абдурраҳмон Расулиро дар ин замина метавон ҳамчун нависандаи хушбин муаррифӣ кард. Қаҳрамонҳои нависанда бо паси сар кардани мушкилоти мавҷуд аксар ба мақсад мерасанд, онҳо дар зиндагӣ оҳиста-оҳиста мавқеи хешро пайдо мекунанд, ки аз роҳи сабр ва кӯшиш ҳосил мешавад.

Дар ҳақиқат, инсони комил, ки нависанда ба он ишора дорад, дар радифи дигар масъулиятҳое, ки ба уҳдааш вогузор шудааст, бо умед ба фардои нек бояд зиндагӣ бикунад. Созандаи фардои нек насли имрӯз мебошад, ки чунин масъулияти бузург ба гардани вай ба масобаи қарз вогузор шудааст.

Қиссаи “Эъҷоз”. Ин қиссаро метавон “Дар ҳасрати падар” номид. Ҳасрати писаре, ки овони тифлӣ, хурдӣ, навҷавонӣ ва ҷавонии худро дар ёди падар сипарӣ карда, ба маҳзи мустақил шудан дар сароғи падар афтидааст. Падар нафарест, ки ба ҷанг рафтаву аз он ҷо барнагаштааст. Дар ҳамин нукта образи падару писар хусусияти типпӣ пайдо мекунанд. Чунин падарону писарон дар солҳои Ҷанги бузурги ватании солҳои 1941-1945 ва ҷомеаи баъдазҷангӣ кам набуданд. Дар чунин шароит бори вазнини зиндагӣ ба уҳдаи занону модарон гузошта шуда буд. Маҳз занон-модарони фидокор буданд, ки сарфи назар аз

мушкилоти мавҷуд, фарзандони банангу номус ва хушахлоқу донишмандро тарбият кардаанд. Дар симои Равшан нависанда шахсияти ҷавонеро тасвир кардааст, ки ба кулли падидаҳои зиндагии бепадариаш, аз як тараф, бо дидаи ҳасрату пазмонӣ нигариста, аз тарафи дигар, ҳамеша талош кардааст, то ризоияти модарро ба даст оварда ва дар зиндагӣ муваффақ бошад. Равшан тимсоли ҷавонони аҳди Шӯравист, ки зиндагиашон асосан дар чаҳорчӯбаи тақозоҳои замон, ба иловаи пос доштани фарҳанги суннатию миллӣ сурат мегирад. Чунин вижагиҳо қиссаи "Эъҷоз"-ро ба назари хонанда ҳамчун асари муҳимми ахлоқию тарбиятӣ ҷилвагар месозад. Махсусан, сафҳаҳои марбут ба ҷустуҷӯи падар, ки бо кӯшиши писар сурат гирифтааст, бисёр ҳассос тасвир шудаанд. Танҳо як лаҳза кифоя буд, ки падару писар бо ҳам вохуранд, аммо поэзд ба ҳаракат даромад: падар – марди боронипӯши тақрибан панҷоҳсола, дар талоши дидори фарзанд бо чашмони чор зуд-зуд ба ин тарафу он тараф назора мекунад, писарашро ҷустуҷӯ мекунад, ки аз дари кадом вагон берун мешавад, фарзанди хеле дер огоҳ шуда то ин ки ба назди дари вагон меояд, поэзд ба ҳаракат медарояд... [13, с.148-149].

Равиши баёни воқеа дар қиссаи "Эъҷоз" чунон аст, ки дар миёни хатти умумии сюжети асар як хатти нозуке ҳам пайгирӣ мешавад, ки онро хатти тақдир ва ё ҷазабаи ишқ метавон номид. Риштаи ин хатти нозук бо номҳои Равшан ва Ҳадя танида шудааст. Оташаки муҳаббати миёни онҳо рафта-рафта ба ишқу муҳаббати самимӣ табдил меёбад.

Ниёиши "Шеъри Ҳофиз мехонаму...". Аз муҳтавои ин ниёиш маълум мешавад, ки он дар рӯзҳои ҳассоси ҳаёти нависанда, замони нооромиҳои маълуми кишварамон навишта шудааст. Нависанда муҳтавои як ғазали Ҳофизи Шерозиро, ки бо байти зерин оғоз мешавад, пеши назар оварда, воқеоти замонаро ба андеша гирифтааст:

Ёрӣ андар кас намебинем, ёронро чӣ шуд?
Дӯстӣ кай охир омад, дӯстдоронро чӣ шуд?

Дар як лаҳзаи ҳаёт, ки бар асари воқеоти маълум мушкилӣ пеш омадаву хотири адиброо ноором карда, шеъри Ҳофиз ба имдод расида, боиси тасаллии хотир шудааст.

Баръакси ниёиши мазкур, таронагунаи **"Хандаи офтоб"** аз нишоту фараҳи зиндагӣ ва ҳаёти осоишта сабақ медиҳад. Хуршед бо саховати нури азалиаш аз зиндагии ҷадид дарак медиҳад, ҷигари аз ҷафоҳои замона доғ-доғу пора-пораву хунгаштаро шифо мебахшад.

Ҳикояҳои ҳаҷвӣ. Чунонки дар боло зикр шуда буд, ҳикояҳои ҳаҷвии нависанда Абдурраҳмон Расулӣ дар китоби "Мурад камбағалӣ" нашр шудаанд. Дар ин китоб сию се ҳикояи ҳаҷвӣ ҷой дода шудааст, ки аз назари ҳаҷм ва муҳтаво ҳамгун нестанд. Баст ва густариши воқеаҳо ба мушоҳида ва диди бадеии мусанниф алоқаманд буда, ҳатман дар нуктае, аксар дар поёни ҳикоя, ҷамъбаст мешаванд. Аз мундариҷа ва муҳтавои "Мурад камбағалӣ" маълум мешавад, ки ҳаҷв дар эҷодиёти Расулӣ мавқеи шоиста дорад. Ҳаҷвияҳои нависанда маъмулан бо усули таҳкия офарида шуда, аз ҳаёти воқеӣ ва муносибати ҳамзамонон сарчашма мегирад.

Нависанда Расулӣ дар эҷоди ҳикояҳои ҳаҷвӣ аз қолаб ва приёмҳои адабии гуногун истифода кардааст, ба мисли нақли мусанниф (дар аксари навиштаҳо, аз ҷумла "Мушқапак", "Устод", "Директори якрӯза", "Барнома", "Бадали амал" ва ғайра), қиссаи ғайривоқеии ҳаҷвӣ ("Шуғли дигар"), нома-монолог ("Ба апаи академикам"), диалог ("Оши худоӣ", "Моҷарои узвҳо"), танз ("Дӯсти муғулҳо"), афсона ("Муштзан ва хари ӯ", "Дурӯғгӯй"), нақиза ("Йога ва гӯш"), ҳикояти воқеӣ ("Чақ-чақи ҳамсояҳо"), гӯё афсона ("Ҷони хар").

Теъдоди зиёди ҳикоёти ҳаҷвии нависанда аз ин китоб берун мондаанд. Мо бо муҳтавои онҳо аз сафҳаҳои рӯзномаҳо, махсусан, рӯзномаи "Адабиёт ва санъат" шинос шудем, ки ба бархеи онҳо дар мақола ишора шудааст.

Натиҷагирӣ:

1. Нависанда ва рӯзноманигори тоҷик Абдурраҳмон Расулӣ аз ҷумлаи шахсиятҳои адабие мебошад, ки бо офаридаҳои адабии хеш дар ғанӣ гардидани насри бадеии муосири тоҷикӣ саҳми худро гузоштаанд. Вай ҳамчун адиб дар жанрҳои ҳикоя, очерк ва қиссаи ҳуҷҷатӣ асарҳо офаридааст. Маҳсули қаламаш дар рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ, маҷмӯаҳои дастҷамъӣ ва китобҳои алоҳидаи фарогири маҷмӯаи таснифоти адабӣ нашр шудаанд. Ба кори тарҷумонӣ ҳам машғул шудааст. Бо намунаи тарҷумаҳояш дар маҷмӯаҳои умумии тарҷумавӣ шинос шудан мумкин аст.

2. Таснифоти адабии нависанда Абдурраҳмон Расулӣ то ҳанӯз ба таври ҷомеъ мавриди баррасии илмӣ қарор нагирифтааст. Кӯшише, ки нигоранда дар ин мақола анҷом додааст, оғози таҳқиқи ҷомеъ аз назари маърифати адабию ҳунарӣ мебошад. Барои такмили шахсияти адабӣ, муҳити эҷодӣ ва ҷаҳони нависандагии Абдуррамон Расулӣ дар ин мақола аз дигар навиштаҳои дастрас, ки оид ба шахсияти нависанда ва асарҳои ӯ ҳикоят мекунанд, низ истифода шудааст.

3. Фаъолиятҳои кории нависанда Абдурраҳмон Расулӣ аз назари шуғл ва таъмини зиндагӣ асосан ба рӯзноманигорӣ ва муҳаррирӣ бастагӣ дошта, ба ҷаҳони нависандагӣ аз роҳи рӯзноманигорӣ ворид шудааст. Агарчи бино бар тақозои кор ва зиндагӣ ба дигар фаъолиятҳо, ба мисли муҳаррирӣ, тарҷумонӣ ва умуман, кори нашру таҳриру тарҷума низ машғул шуда, эҷоди бадеӣ ҳамеша мавриди назараш будааст. Ба тавре ки шахсияти адабии ӯ аз тариқи кор дар рӯзнома ва таҳриру тасниф такмил ёфтааст.

4. Дар такмили шахсияти адабии нависанда Абдурраҳмон Расулӣ ҳамзистӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, ҳусни тафоҳуми вижа ва хидматҳои бедареғи завҷааш Туҳфа Расулӣ, ки низ аз назари касбият рӯзноманигор аст, бениҳоят бузург мебошад. Охирин тақрироти адабии Расулӣ ба қалами завҷааш таҳрир шудаанд. Пас аз марги нависанда низ завҷаи меҳрубонаш ҳамеша барои шод кардани рӯҳи азизи сафаркардааш мекӯшад.

5. Муҳити эҷодии нависанда Абдурраҳмон Расулӣ, пеш аз ҳама, идораи рӯзномаву маҷаллаҳо ва дигар идораҳои эҷодӣ мебошад, ки ӯ дар он ҷойҳо қалами худро рост карда, оҳиста-оҳиста бо ҷаҳони нависандагӣ одат кардааст. Омили таъсиррасони дигар дар ташаккули муҳити эҷодӣ ва эҷоди бадеӣ муҳити солиму фарҳангӣ ва адабошноии дӯстону ҳамкоронаш мебошад.

6. Мероси адабии нависанда ҳанӯз ба таври куллӣ ҷамъоварӣ нашудааст. Намунаҳои насри бадеии ӯ дар чунин маҷмӯаҳо фароҳам оварда шудаанд: “Ҳақиқат”, ки ба унвони нахустин маҷмӯаи фарогири навиштаҳои адабии нависанда шинохта шудааст (1991), “Таронаи баҳор” – шомили гулчини ҳикояҳо (1999), “Мурад камбағалӣ” – маҷмӯаи фарогири ҳикоёти ҳаҷвӣ (2000), повести хуҷҷатӣ-бадеии “Маҳбуби дилҳо”, қиссаи “Раис” (2003), китоби “Инсони бануру имон”, “Савти Хиромон” –дувумин маҷмӯаи ҳикояҳо (2004), китобчаи “Дурбин” – ҳикоя барои бачагон (2009), “Ҷонон ҳаёт, ҷонон одамон” (2010), “Эъҷоз” (2011) – сеюмин маҷмӯаи ҳикоёти нависанда. Дар бораи мундариҷа ва муҳтавои китобҳои мазкур дар мақола сухан рафтааст.

7. Илова бар асарҳои мазкур ҳикоёти дигаре ҳам ба қалами Расулӣ навишта шудаанд, ки дар рӯзномаву маҷаллаҳо чоп шуда бошанд ҳам, ҳанӯз дар қолаби маҷмӯа ҷамъ оварда нашудаанд. Номгӯйи дастраси чунин ҳикояҳои адиб дар мақола оварда шудааст. Ба назари мо, кулли навиштаҳои нависанда Абдурраҳмон Расулӣ ба сурати куллиёт фароҳам оварда шаванд, кори савобе мебуд.

8. Нависанда Абдурраҳмон Расулӣ асосан адиби ҳикоя ва очеркнавис аст. Ҳикояҳои нависанда аз назари муҳтаво фарогири мавзуъ ва муаммоҳои гуногунеанд, ки аз зиндагӣ ва муҳити иҷтимоии ҷомеа сарчашма гирифтаанд. Дар очеркҳояш нависанда рӯзгори баъзе шахсиятҳои маъруфи кишварамонро тасвир кардааст.

9. Расулӣ кори тарҷумониро ҳам таҷриба кардаву асарҳои ҷудогонаи адибони хориҷа: А.П. Чехов, Ҷ. Боккаччо, Э. Рауд, А. Ҳайитматов, М. Задорновро тарҷума кардааст, ки онҳо дар сафҳаҳои матбуоти даврӣ ва алманахи тарҷумаҳо чоп шудаанд. Бархе аз ҳикояҳои Расулӣ ба забонҳои русию ӯзбекӣ тарҷума ва чоп шудаанд.

10. Услуби хоссаи баён дар нигоштаҳои нависанда Абдурраҳмон Расулӣ нақл аст. Воқеаҳо асосан аз ҷониби нависанда ва ё нақли ровӣ, ки худи нависанда ба онҳо ишора дорад, нақл мешаванд. Барои ба таври гӯё ва возеҳ баён кардани воқеаҳое, ки дар онҳо ба тақдири инсон ва фоҷиаи ҳаёти вай дахл шудааст, нависанда бар мабнои равиши қиёсӣ ҳаёти қаҳрамонҳояшро аксар дар ду ҷомеа тасвир кардааст.

11. Равиши баёни воқеа дар қиссаи “Эъҷоз” чунон аст, ки дар миёни хатти умумии сюжети асар як хатти нозуке ҳам пайгирӣ мешавад, ки онро хатти тақдир ва ё ҷазабаи ишқ метавон номид. Риштаи ин хатти нозук бо номҳои Равшан ва Ҳадя танида шудааст. Оташаки муҳаббати миёни онҳо рафта-рафта ба ишқу муҳаббати самимӣ табдил меёбад.

12. Баст ва густариши воқеаҳо дар ҳикоёти ҳаҷвии нависанда ба мушоҳида ва диди бадеии мусанниф алоқаманд буда, ҳатман дар нуктае, аксар дар поёни ҳикоя, ҷамъбаст мешаванд. Аз мундариҷа ва муҳтавои “Мурад камбағалӣ” маълум мешавад, ки ҳаҷв дар

эҷодиёти Расулӣ мавқеи шоиста дорад. Ҳаҷвияҳои нависанда маъмулан бо усули таҳкия офарида шуда, аз ҳаёти воқеӣ ва муносибати ҳамзамонон сарчашма мегирад.

А Д А Б И Ё Т

1. Адибони Тоҷикистон (маълумотномаи мухтасари шарҳиҳолӣ): таҳия ва танзими Асрори Сомонӣ ва Маҷид Салим. – Душанбе: Адиб, 2014. – 320 с.
2. Аҳмадов, И. Дидадаро / И. Аҳмадов, Н. Обидов // Адабиёт ва санъат. – 2006. – №35 (2006). – С.7.
3. Инсоне бануру имон (очерк ва мақолаҳо): муаллифи очерк ва мураттиби китоб А. Расулӣ. – Душанбе: Шарқи озод, бидуни таърихи табъ. – 50 с.
4. Нарзиқул, М. Ҷустучӯ дар насри муосири тоҷик / М. Нарзиқул // Адабиёт ва санъат. – 2014. – №8 (1719). – С.4-5.
5. Нарзиқул, М. Гузашти замон ва тақдири инсон (ҷусторе перомуни муҳтавои ҳикояҳои Абдурраҳмон Расулӣ) / М. Нарзиқул // Адабиёт ва санъат. – 2016. – № 40 (1855). – С.12.
6. Расулӣ, А. Дурбин / А. Расулӣ. – Душанбе: ТҶБ “Истиқбол”, 2009. – 9 с.
7. Расулӣ, А. Лофҳои навбаромад / А. Расулӣ // Ганҷи Исфара. – 2017. – №4-5 (30-31). – С.32-33.
8. Расулӣ, А. Маҳбуби дилҳо / А. Расулӣ. – Душанбе: Паёми Сомониён, 2001. – 98 с.
9. Расулӣ, А. Мурад камбағалӣ. Ҳаҷвиёт / А. Расулӣ. – Душанбе: Шарқи озод, 2000. – 72 с.
10. Расулӣ, А. Муъҷиза / А. Расулӣ // Адабиёт ва санъат. – Душанбе, 2014. – 28-уми августи соли 2014. – №35 (1746). – С. 9.
11. Расулӣ, А. Савти Хиромон (ҳикояҳо) / А. Расулӣ. – Душанбе: Адиб, 2004. – 160 с.
12. Расулӣ, А. Ҷонон ҳаёт, ҷонон одамон / А. Расулӣ. – Хуҷанд: Андеша, 2010. – 298 с.
13. Расулӣ, А. Эъҷоз (қисса ва ҳикояҳо) / А. Расулӣ. – Душанбе: Адиб, 2011. – 164 с.

ШАХСИЯТИ АДАБӢ ВА КОРГОҲИ ЭҶОДИИ НАВИСАНДА АБДУРРАҲМОН РАСУЛӢ

Дар ин мақола масъалаи шахсияти адабӣ ва коргоҳи эҷодии нависанда Абдурраҳмон Расулӣ бо таваҷҷуҳ ба мабоҳиси пешинаи таҳқиқ, доираи фаъолиятҳо, шахсияти адабӣ, муҳити эҷодӣ, фарҷоми зндагӣ, мероси адабӣ ва муҳтавои таснифоти адабӣ аз назари маърифати адабию ҳунарӣ баррасӣ сурат гирифтааст. Нависанда ва рӯзноманигор Абдурраҳмон Расулӣ (01.09.1949-08.01.2017) аз ҷумлаи шахсиятҳои эҷодие мебошад, ки бо офаридаҳои адабии хеш дар ғанӣ гардидани насри бадеии муосири тоҷикӣ саҳми худро гузоштаанд. Вай хатмкардаи бахши журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло ДМТ) буда, фаъолияти адабиашро бо навиштани хабар, мақола ва репортажҳо дар идораҳои иттилоотӣ ва рӯзномаву маҷаллаҳо оғоз кардааст. Ҳамчун адиб дар жанрҳои ҳикоя, очерк ва қиссаи ҳуҷҷатӣ асарҳо офаридааст. Маҳсули қалами ӯ дар рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ, маҷмӯаҳои дастҷамъӣ ва китобҳои алоҳидаи фарогири маҷмӯаи таснифоти адабӣ нашр шудаанд. Ба кори тарҷумонӣ ҳам машғул шудааст. Фаъолиятҳои кории ӯ аз назари шуғл ва таъмини зиндагӣ асосан ба рӯзноманигорӣ ва муҳарирӣ алоқаманд буда, шахсияти адабиаш аз тариқи кор дар рӯзнома ва таҳриру тасниф такмил ёфтааст. Муҳити эҷодии нависанда, пеш аз ҳама, идораи рӯзномаву маҷаллаҳое мебошад, ки ӯ дар он ҷойҳо қалами худро рост карда, оҳиста-оҳиста бо ҷаҳони нависандагӣ одат кардааст. Омили таъсиррасони дигар дар ташаккули муҳити эҷодӣ ва эҷоди бадеӣ, чунонки аз ёддошт ва хотираҳои ҳамкоронаш бармеояд, муҳити солиму фарҳангӣ ва адабошноии дӯстону ҳамкоронаш будааст. Мероси адабии нависанда Абдурраҳмон Расулӣ, ғайр аз он чи ки дар рӯзномаҳо чоп шудаанд, дар чунин маҷмӯаҳо фароҳам оварда шудаанд: “Ҳақиқат”, ки ба унвони нахустин маҷмӯаи фарогири навиштаҳои адабии нависанда шинохта шудааст (1991), “Таронаи баҳор” – шомили гулчини ҳикояҳо (1999), “Мурад камбағалӣ” – маҷмӯаи фарогири ҳикоёти ҳаҷвӣ (2000), повести ҳуҷҷатӣ-бадеии “Маҳбуби дилҳо”, қиссаи “Раис” (2003), китоби “Инсони бануру имон”, “Савти Хиромон” – дуюмин маҷмӯаи ҳикояҳо (2004), китобчаи “Дурбин” – ҳикоя барои бачагон (2009), “Ҷонон ҳаёт, ҷонон одамон” (2010), “Эъҷоз” (2011) – сеюмин маҷмӯаи ҳикоёти нависанда. Дар бораи мундариҷа ва муҳтавои китобҳои мазкур дар мақола сухан рафтааст.

Калидвожаҳо: наср, нависанда, Абдурраҳмон Расулӣ, шахсияти адабӣ, коргоҳи эҷодӣ, мероси адабӣ, муҳтавои осор.

ЛИТЕРАТУРНАЯ ЛИЧНОСТЬ И ТВОРЧЕСКАЯ ЛАБОРАТОРИЯ ПИСАТЕЛЯ АБДУРРАХМОНА РАСУЛИ

В предлагаемой статье рассматривается вопрос литературной личности и творческой лаборатории писателя Абдуррахмона Расули с учетом истории изучения таких вопросов, как круг его занятий, литературная личность, творческая обстановка, последных лет жизни, литературное наследие и содержание литературных произведений, с точки зрения литературного и художественного познания. Писатель и журналист Абдуррахмон Расули (01.09.1949-1916) относится к творческим личностям, внесших своими литературными произведениями свой вклад в обогащение современной таджикской художественной прозы. Он, являясь выпускником отделения журналистики Таджикского государственного университета имени В.И.Ленина (ныне Таджикский национальный университет), начинает свою литературную деятельность с написания известий, статей и репортажей в информационных структурах, газетах и журналах. Как литератором, им написаны произведения в жанрах рассказа, очерка и документальной повести. Его произведения опубликованы в республиканских газетах и журналах, коллектвных сборниках и отдельных книгах, содержащих произведения литературного характера. Он занимался и переводческой деятельностью. Его творческая деятельность, с точки зрения особенностей и обеспечения повседневных нужд, в основном была связана с журналистикой и редакторской работой. Его литературная личность совершенствовалась

работой в газете, редактированием и сочинением художественных произведений. Творческая атмосфера писателя, прежде всего, связана с газетами и журналами, где он оттачивал своё перо, постепенно привыкая к атмосфере писательского мира. Как это вытекает из воспоминаний его друзей по работе, другим фактором, оказавшим влияние на становление творческой атмосферы и творческой деятельности был здоровая культурная атмосфера и любовь к литературе его друзей и сотрудников. Литературное наследие писателя Абдуррахмона Расули, исключая то, что опубликовано в газетах издано в следующих сборниках: “Ҳақиқат” (“Правда”), которая является первым художественным сборником писателя (1991), “Таронаи баҳор” (Весенняя песня), содержащая избранные рассказы (1999), “Мурад камбағалӣ” (Да канет в лето бедность) сборник юмористических рассказов (2000), документально-художественная повесть “Маҳбуби дилҳо” (Любимец сердец), повесть “Раис” (Председатель) (2003), книга “Инсони бануру имон” (Человек с озарением и верой), “Савти Хиромон” (Песня Хиромон) – второй сборник расказов (2004), небольшая книжка “Дурбин” (Бинокль) – рассказы для детей, хикоя (2009), “Ҷонон ҳаёт, ҷонон одамон” (Прекрасная жизнь, прекрасные люди) (2010), “Эъҷоз” (Чудо) (2011), третий сборник рассказов писетеля. О содержании упомянутых книг сказано в предлагаемой статье.

Ключевые слова: проза, писатель, Абдуррахмон Расули, литературная личность, творческая лаборатория, литературное наследие, содержание произведений.

LITERARY PERSONALITY AND CREATIVE LABORATORY OF THE WRITER, ABDURRAHMON RASOULI

The proposed article deals with the issue of the literary personality and creative laboratory of the writer Abdurrahmon Rasouli, taking into account the history of the study of the issue, the range of his occupations, literary personality, creative situation, the last years of life, literary heritage and the content of literary works from the point of view of literary and artistic cognition. Writer and journalist Abdurrahmon Rasuli (01.09.1949-1916) refers to creative personalities who contributed to the enrichment of modern Tajik fiction with their literary works. As a graduate of the Department of Journalism of the Tajik State University named after V.I. Lenin (now the Tajik National University), he begins his literary activity by writing news, articles and reports in information structures, newspapers and magazines. As a writer, he wrote works in the genres of a story, an essay and a documentary novel. His works are published in republican newspapers and magazines, collections and individual books containing works of a literary nature. He was also engaged in translation activities. His creative activity in terms of peculiarity and provision of everyday needs was mainly related to journalism and editorial work. His literary personality was improved by working in a newspaper, editing and composing works of fiction. The creative atmosphere of the writer, first of all, is associated with newspapers and magazines, where he honed his pen, gradually accustomed to the atmosphere of the writer's world. As can be seen from the memories of his work friends, another factor that influenced the development of the creative atmosphere and creative activity was the sound cultural atmosphere and the love of literature of his friends of the employees. The literary non-legacy of the writer Abdurrahmon Rasouli, excluding what is published in newspapers, is published in the following collections: "Hakikat" ("Truth"), which is the first art collection of the writer (1991), "Taronai bajor" (Spring Song), containing selected stories (1999), "Murad kambagali" (Let the summer of poverty sink) a collection of humorous stories (2000), the documentary and fiction novel "Maububi diglio" (Favorite of hearts), the story "Rais" (Predesedator) (2003), the book "Insoni banuru imon" (Man with insight and faith), "Savti Hiromon" (Hiromon's Song) - the second collection of stories (2004), the small book "Durbin" (Binoculars) - stories for children hikoya (2009), "Jonon hayot, jonon odamon" (Beautiful life, beautiful people) (2010), "Ejoz" (Miracle) (2011) the third collection of stories of the writer. The content of the mentioned books is discussed in the proposed article.

Key words: prose, writer, Abdurrahmon Rasuli, literary personality, creative laboratory, literary heritage, content of works.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мисбоҳиддини Нарзиқул*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17

Сведение об авторе: ***Мисбохиддини Нарзикул*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 17

Information about the author: ***Misbohiddini Narziqul*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of History of Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 891.550:39

НИШОНАҲОИ ФОЛКЛОРӢ ВА ЭТНОГРАФӢ ДАР РОМАНИ «ФИРДАВСӢ»-И С.УЛУҒЗОДА

Раҳмонӣ Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Адиб (шоир, нависанда, драматург) хоҳу нохоҳ дар асараш чи манзуму чи мансуру чи намоишӣ ҳатман дар мавриди муносибе аз фолклор ва фарҳанги суннатии мардум (этнография, этнология, фолклайф) истифода менамояд. Табиӣ аст, ки ин «истифода» ба истеъдод, ҷаҳонбинӣ, мушоҳида, ҳофиза, таҷрибаи ӯ вобаста аст. Ҳар қадар адиб воқеа ва ҳодисаҳои зиёдро дар ҳофизааш нигоҳ дошта бошад ё ба таври мунтазам барои навиштани асари ояндааш маводи лозимро аз байни мардум, аз гуфтори одамон ҷамъ карда бошад, вай ҳамон қадар асари пухта ва мондагор менависад. Мисоли барҷасташ гуфтаи нобиғаи ҷаҳонӣ Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ аст:

Ба гуфтори донандагон роҳ ҷӯй,
Ба гетӣ бипӯю ба ҳар кас бигӯй.
Зи ҳар донише чун сухан бишнавӣ,
Аз омӯхтан як замон нағнавӣ.
Чу дидор ёбӣ ба шохи сухун,
Бидонӣ, ки дониш наёяд ба бун [18, с.28].

«Ба гуфтори донандагон роҳ ҷустан», яъне дар суҳбати одамони донову зираку «донандагон»-и фарҳанги суннатии ниёгон будан аст, ки дар ҳар гӯшаву канори гетӣ зиндагонӣ карда, дар ҳофизаи худ матнҳои зиёдеро дар ёд доранд. Онҳо гӯяндагони машҳури осори устуравӣ, афсонавӣ, фолклорӣ ва суннатҳои мардумӣ мебошанд. Фирдавсӣ таъкид намудааст, ки ба гуфтори онҳо «роҳ ҷӯй», ин гуна донандагонро «ба гетӣ (ҷаҳон, минтақаҳо, маҳалҳо, деҳаҳо) бипӯй», яъне пайдо намо. Баъдан он чи аз ин «донандагон» пайдо намудӣ, «ба ҳар кас», ба дигарон бигӯй, то онҳо низ аз ин «гуфтори донандагон» баҳраманд шаванд.

Фирдавсии нобиға ба идомаи ин гуфтааш ишора бар он низ намуда, ки агар «зи ҳар донише», яъне андарз, устура, афсона, суруд, зарбулмасал, расму оинҳову ҷашнҳо ва ғайра «чун сухан бишнавӣ», ту эй фарди оқил «аз омӯхтан як замон нағнавӣ», хоб нарафта ба таври мунтазам биомӯзӣ. Фақат дар сурати «нағнавида» заҳмати зиёд кашидан, ту (эй инсон) «дидор ёбӣ ба шохи сухун» ва баъди заҳматҳо «бидонӣ, ки дониш наёяд ба бун», яъне натиҷаи кори худро дида шод хоҳӣ шуд.

С. Улуғзода барои таълифи романи «Фирдавсӣ» солҳо машғули таҳқиқи сарчашмаҳои илмӣ, омӯзиши воқеа ва ҳодисҳо, гирдовари мавод шуда, барои навиштани ин романи ҷаззоб омодагӣ мегирад. Барои амалӣ намудани ин нияти нек, адиб пеш аз ҳама чанд намунае аз матнҳои «Шоҳнома»-ро барои наврасон зери унвони «Достонҳои «Шоҳнома» ба наср бармегардонад ва ба умқи масъала бештар ворид мешавад. Воқеа ва ҳодисаҳои таърихи ниёгонро меомӯзад, дар бораи баъзе аз онҳо асарҳои илмиву бадеӣ ва намоишӣ менависад.

Дар бораи рӯзгор ва осори устод С. Улуғзода ва диди ӯ роҷеъ ба Абулқосим Фирдавсӣ Пешвои миллат, муҳтарм Э. Раҳмон ва пажӯҳандагон С. Амир, Х. Асозода, С. Бақозода, Р. Ваҳҳобзода, Р. Мусулмониён, М. Рачабӣ, Ш. Солеҳов, Х. Шарифзода, С. Эмомалӣ ва дигарон дар навиштаҳои худ суханҳои нек гуфтаанд. Ба идомаи гуфтаҳои ин донишмандон мо оид ба масъалаи дигар – фолклоризм ва мардумнигорӣ дар романи «Фирдавсӣ», изҳори назар хоҳем кард [ниг.: 1; 2; 3; 5; 6; 9; 10; 12; 14; 19; 20; 21; 22].

Аз мутолиаи романҳои зиёди таърихӣ медонем, ки дар онҳо сохтаҳо ва бофтаҳои муаллифон бештар ҳоким буда, баъзе воқеаҳо ва ҳодисаҳо ба таври муфассал оварда мешаванд ё худи адиб тибқи тақозои асари бадеӣ онҳоро месозад. Гоҳе нависандаи насрнавис чандин воқеаҳои лозиму нолозими таърихиро оварда, пургӯӣ мекунад. Дар натиҷа хонанда аз мутолиаи ин гуна асар канорачӯи менамояд ё сар-сарӣ варақ мезанад.

Аммо С. Улуғзода ин гуна амал намекунад. Ӯ то ҳадди имкон талош намуда, ки дар романи «Фирдавсӣ» аз сарчашмаҳои мавҷуди таърихӣ, аз устура, афсона ва ривоятҳои

мардумӣ ба таври муъҷаз ва гулчин истифода бурда, фақат дар асоси санадҳои мавҷуд ба таври бадеӣ-таърихӣ сухан гӯяд.

Устоди забардасти насри навини тоҷикӣ С. Улуғзода кӯшиш карда, ки дар роман бархе аз унсурҳои фолклорӣ ва суннатҳои мардумии замони Фирдавсиро дар пайвастагии таърихи рӯзгори худаш моҳирона ба қалам диҳад. Нависанда дар раванди таълифи асари хеш талош намудааст, ки ҳар чи дақиқтар ва холисона, дар асоси сарчашмаҳои таърихии мавҷуд, симои Фирдавсиро офарад.

Дар ин бора донишманди маъруфи тоҷик профессор Х. Шарифов (Шарифзода) дар мақолаи худ «Достони Фирдавсии шоир» роҷеъ ба романи «Фирдавсӣ» назари хешро, хеле мантиқӣ баён намуда, ба чанд нуктаи муҳим ишора намудааст, ки баъзе ин аст. Аввал: «…асари Сотим Улуғзода «Фирдавсӣ» романи адеша ва баҳсҳои илмию ҳақиқатӣ аст, ки дар ниҳоят ба манофеи миллӣ ва ҳимоят аз он бармехӯрад» [20, с. 140]. Дуюм: «Улуғзода, албатта, ҳар як сухан ва кору амали Фирдавсиро сахт дар тарозуи андеша санҷида ва аз суҳони фикр гузаронида, пас ба рӯи коғаз овардааст» [20, с.141]. Сеюм: «Улуғзода қариб дар саросари роман тасвири манзара, ҳолат, воқеот, муносибат ва умуман кулли гуфторро дар заминаи баррасию муҳокимаҳои фикрии ақлӣ устувор медорад ва аз ҳиссиётпардозиҳо ва ҷунбишҳои завқию рӯҳонии тӯлонӣ худдорӣ мекунад» [20, с.142]. Чорум: «… дар роман саҳна ва моҷароҳои ҳавасхезу завқангез анқариб ки нест» [20, с.143]. Панҷум: «Дар хатти воқеот ришгаи пайванд, рӯзгори Фирдавсӣ, асосан онҷунон ки дар сарчашмаҳои адабӣ дар шакли воқеӣ ва афсонаю достон шуда меояд, гузориш ёфтааст» [20, с.144]. Шашум: «Аз оғоз то анҷоми роман сухан аз дониш, суханпрварӣ, фазилат, одоб, эҳтироми таърихи мардуми худ ва суннатҳо, мардию адолат, диёнат, шеъру адаби форсӣ ва муомилаи одамӣ меравад» [20, с.149-150].

Ба идомаи ин суханони профессор Х. Шарифзода метавон ёдовар шуд, ки дар роман унсурҳои энтографӣ ва фолклорӣ моҳирона ба қалам дода шудааст. Устод С. Улуғзода оид ба маросиму расму оинҳои мардумӣ, ба мисли аёдат, арӯсӣ, базм, зиёрат, зиёфат, бозиҳо, меъморӣ, дуредгарӣ, меҳмондорӣ, хушнависӣ, шабнишинӣ, мушоира, шоҳмотбозӣ, нардбозӣ, рақсу суруд, карнаю сурнай, боғдорӣ, садақа, ҳунарҳо, ҷашнҳо ва ғайра зарифона сухан гуфтааст. Ҳамчунин ӯ аз намунаҳои жанрҳои фолклорӣ ба монанди устура, афсона, ривоят, хоббинӣ, дуо, дуои бад, зарбулмасал, латифа, марсия ва ғайра ё мазмунан ё айнан ёд намудааст. Вале ҳама мухтасар, муъҷаз, оқилона, бидуни беҳудгуфторӣ ва муносиб ба кор рафтааст.

Аз сарчашмаҳо медонем, ки аз замонҳои пеш аз мелод, то истилои араб аз ҷониб хунёгарон ва гӯяндагони касбии моҳири мардумӣ устура, афсона ва достонҳои ҳамосӣ вирди забони хосу ом буд. Гӯяндагӣ ва сарояндагии бархе аз ин достонҳо дар шабнишиниҳо, ҷашнҳо ва маҳфилҳои шоҳону дарвешон вуҷуд дошт. Мардум дар он замонҳои пеш, баъдҳо ва ҳатто то имрӯз маҳз аз тариқи сароидан, баён ва иҷрои матнҳои гуфторӣ лаззати маънавӣ мебаранд.

Дар даврони Ҳахоманишиён, Сосониён, Сомониён дар канори афсонгӯӣ ва қиссагӯӣ хондан ва бо садо сароидани достонҳои ҳамосӣ, паҳлавонию қаҳрамонӣ аз «Худойнома» ва ҳамчунин «Шоҳнома»-ҳои мансур, яъне шоҳномахонӣ, маъмул буд.

Бо диққат ба оғози романи «Фирдавсӣ» назар менамоем. С. Улуғзода аз ҷумлаҳои нахустини худ мақсади аслии хешро баён намудаст. Оғози роман гӯё як барномае аст, ки чи гуна шоир машғули кори бузуг аст, ки бунёди аслии он сарчашмаҳои навиштории ва осори гуфторӣ буда, онро Фирдавсӣ бо маҳорати баланд ба назм дармеовард: «Дар хилвати ҳуҷраи даруни боғ сухан офарида мешавад. Насри хушку беранги достонҳо ба назми тари рангин табдил меёбад. Достонҳо мисли дарахте, ки аз зимистон баромада дар баҳорон андоми бараҳнаашро бо шоху барги сабз мепӯшонад ва гулафшон мешаванд, ба зевари шеър ороста мегарданд. Силсилаи достонҳо аз қаъри торики асрҳо сар зада, **аз ёд ба ёд, аз авлод ба авлод гузашта, то ба замони шоир расидааст** (ишора аз мост – Р.Р.). Шоир аз он силсила шаддаҳои дурру гавҳари сухан ҳамоил месозад. Маҷмаи достонҳо **«Шоҳнома»**-и мансур – китоби ғафси дарозрӯя, дигар китобҳои таърихӣ, ахбору вақоеъномаҳо ба форсию арабӣ бар рӯйи мизи таҳрири шоир, дар тоқчаҳои ҳуҷра хобидаанд ва чандин сол инҷониб пӯшида намешаванд. Дар варақҳо назми мутантани размии шоир, шоҳон ва ҷаҳонпаҳлавонони бостонии Аҷам зинда гардида, корномаҳои аҷибашонро ба шоир нақл мекунанд. Тапотапи суми аспони ҷангӣ, шиҳаи раъдосои онҳо, ҳаёҳуйи размоварон,

чакочаки шамшерҳои хунрез, бонги ваҳмангези таблу духулҳо, наъраи фалакпечи карнойҳо мудом дар гӯши шоир танинандозанд. Дар фароғи ҷангу набардҳо **хирадмандон ва донишварони бостонӣ ҳам ба меҳмонии ӯ меоянд, мусоҳибаш мешаванд, панду ҳикматҳояшонро баён месозанд** (ишора аз мост – Р.Р.). Боз рӯйи мизи пасту васеъ дафтари борику дарозе хобидааст. Саҳифаҳои дафтар пур аз хати майдаи нимкӯранд, **қайдҳои хотиротии шоир, ки аз мутолиаи ахбору осори форсӣ, арабӣ, паҳлавӣ ва ҳам ривояту афсонаҳо иборатанду достонсарои пурҳавсала дар шаҳрҳои Эрону Тӯрон гашта, онҳоро аз нақли ровиёни зинда навишта гирифтааст** (ишора аз мост – Р.Р.)» [16, с.3].

Баробари эҷоди «Шоҳнома» баъзе достонҳо аввал дар хонавода хонда мешуд, баъд аз тариқи дӯстонаш ва писараш дар байни мардум паҳн мегашт. Достонҳои «Шоҳнома»-ро меҳоданд, месароиданд, аз гуфтори шоҳномахонон шунида лаззат мебуданд.

Дар роман ҳанӯз ҳангоми навиштани устураҳо ва афсонаҳои оғози «Шоҳнома» гуфтугӯе байни Фирдавсӣ ва ҳамсараш рух медиҳад. Дар ин тасвири С. Улуғзода гуфтгӯи гуворое сурат мегирад, ки ҷолиб аст. Фотима, ҳамсари шоир зани меҳрубон, мушфиқ, орзуву ормон ва хайёлҳои ширину рангин дорад. Фирдавсии донишманду беҳамто дар бораи гузашта, имрӯз ва ояндаи миллату кишвар андеша меронад, то хосу ом аз он панд гиранд. Суҳбати зану шавҳар ба таври зерин тасвир шудааст, ки нависанда аз ин тариқ арзиши беназири «Шоҳнома»-ро ёдовар мешавад: «Дар дили шаб ба рӯшноии шамъ шавҳару зан **базми ширине оростанд** (ишора аз мост – Р.Р.), май нӯшиданд. Шоир аз нашъаи май сархуш ва аз навои чанг маҳзуз (лаззатманд) ба мақоми мусиқӣ сари дарозмӯяшро алвонҷ медод.

– Аз Эраҷ фориғ шудӣ? Баъд аз ин чӣ менависӣ? – чангро гузошта пурсид Фотима.

– **Ровиёни ахбор аксар воқеаҳои таърихро саҳл гирифта, бештар ба зоҳири онҳо аҳамият додаанд** (ишора аз мост – Р.Р.): қиссаҳоро ба назм тавре бояд баён кард, ки муассир ва омӯзанда бароянд.

– Интиқоми хуни Эраҷро менависӣ? Боз куштор, лашкаркашӣ, ҷанг?

– Охир, ман таърихи Аҷамро назм мекунам. Салм ва Тур бедодгар буданд, бедодгарии шоҳон аз бехирадии эшон аст, ҷое, ки хирад бо дод пайванд нест, пайовардаш ба ҷуз зишткорӣ, ба ҷуз балову офат бар сари кишвар ва мардумон нахоҳад буд. Ман бояд инро нависам, то панду ҳикмати қисса ошкор шавад.

– Ҳушангҷон, ман пеш ҳам ба ту гуфта будам ва акнун ҳам мегӯям, ки чӣ хуш буд, агар ту гирди ҷангҳои шоҳону паҳлавонон камтар мегаштӣ ё ҳеч намегаштиву **достонҳое монанди Рустаму Таҳмина, Золу Рӯдоба менигоштӣ. Чунин достонҳо хонандаву шунавандаро ба шавқу завқ меоранд. Мегирёнанд ва меҳандонанд, дилу ҷонро рӯшной мебахшанд** (ишора аз мост – Р.Р.). Аз ҷангнома чӣ суд? Худат медонӣ, ки бе он ҳам замона пур аз ҷангу ҷидолҳост, халқи олам аз онҳо безоранд.

– Безоранд. Рост мегӯйӣ, вале бояд донист, ки сабабгори ин ҳама ҷангу ҷидолҳои хонумонсӯз чист ва кист… Дар тӯли қарнҳо балову офате, ки пайваста аз ҷангу ҷидолҳо мехезад, ҳазор карат беш аз офати зилзилаҳо ва селҳост. Шоир тавре сухан мегуфт, ки гӯё пеши худ андешаи шунаво мекард. Суханашро давом дод:

– Имрӯз ҳам Аҷам дар вартаи кашмакашҳои хунин аст. Туркони қарохонӣ дар тараддуди лашкаркашӣ ба мулки Сомониёнанд… Аслан, ҷӯши нави ҳамон ҷангҳои бадфарҷоми Эрону Тӯрон… Ман акнун ҷангу ҷадал, харобию табоҳиеро, ки аз фитнаи он ду бародари тоҷдори Эраҷ бархост, менависам, чунон ки аз пеш ҳамин гуна оқибати нобихрадиву нооқибатандешии Ковусшоҳ, Афросиёб ва шоҳони дигарро навиштаам… Навиштам ва менависам, то шояд савобу хатои пешиниён ба имрӯзиёну фардоиён дарси ибрат шавад...

– Дар боби додгарӣ ҳам?

– Албатта. **Гузашти рӯзгорон омӯзгори хубест, ҳар кӣ аз ӯ таълим гирифтан хоҳад, ин омӯзгори пурдон нахуст ба вай ситамгорӣ бар зердастонро манъ мекунад**. Панди шоҳони некусиришту додгар, **хикматҳои Бузургмеҳри ҳакимро ман дар «Шоҳнома» ба назм кардам ва хоҳам кард** (ишора аз мост – Р.Р.), то шоҳони ситампеша агар надонанд, бидонанд, ки баҳраашон дар ду олам лаънати Худо ва нафрини халоиқ асту бас… **Абӯдулаф** (шоҳномахон – Р.Р.) **шунидааст, дар шаҳр баъзе касон маро ғойибона таъна мезадаанд, ки умри азизро ба қиссапардозӣ зоеъ мекунам, аз қисса чӣ суд? Ҷоҳилон намедонанд, ки достонҳои ман ҳама панду ҳикматанд, тачрибаи рӯзгоронанд** (ишораҳо аз мост – Р.Р.). Устод Рӯдакӣ гуфтааст:

Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

Гӯянда торафт овозаш пасттар мешуд ва аз хастагӣ пинак мерафт. Фотима ба ғундоштани дастархон шурӯъ кард» [16, с.13-14].

Нависанда ин байти устоди нобиғаи шеъри форсии тоҷикии дарӣ – Рӯдакиро беҳуда наовардааст. «Зи таҷирбаи рӯзгор баҳра» бурдан, ин ҳамоно аз фарҳанги суннатии ниёгон, ба истилоҳи имрӯз, аз фолклору этнография, ки ҳама «таҷрибаи рӯзгор» буда, аз ёдҳо ба ёдҳо, аз наслҳо ба наслҳо интиқол меёбад, баҳрманд шудан аст. Абулқосим Фирдавсӣ аз аввал то охири «Шоҳнома» аз «таҷрибаи рӯзгор», яъне аз фарҳанги мардумӣ истифода намудаст. С. Улуғзода ҳангоми тасвири мубоҳисаҳои Фирдавсӣ бо диндорони арабпараст ба ин масъала хеле ҷиддӣ назар намудааст. Ба он шахсоне, ки фарҳанги арабиро аз фарҳанги ниёгон беҳтар мешуморанд, ба ҳамин «таҷрибаи рӯзгор» назар намуданро ёдовар шудааст.

Дар даврони зиндагии Фирдавсӣ хунёгарӣ, ҳамосароӣ, афсонагӯӣ, қиссахонӣ, қиссагӯӣ, баъдҳо наққолӣ дар шаҳрҳо роиҷ буд. Аз тариқи ин ҳунарҳои маъмул, мардум ғизои маънавӣ мегирифтанд. Яке аз онҳо шоҳномахонӣ буд. Баъди эҷоди «Шоҳнома» суннати ҳамосасароӣ, яъне «шоҳномахонӣ» (ҳам сароидан ва ҳам баён намудани он) бештар шуд. Достонҳои ҷудогонаи «Шоҳнома» зуд дар байни мардум паҳн шудан гирифтанд, ки С. Улуғзода ба ин масъала устокорона таваҷҷуҳ менамояд. Нависанда ин масъаларо дар аввалҳои роман ба таври зерин ба қалам медиҳад, ки чи гуна мардум бо муҳаббат достонҳои «Шоҳнома»-ро мехонанд: «Рӯзе аз рӯзҳо як марди ношинос Фирдавсиро суроғ карда ба Бож омад. Хидматгори шоир ӯро ба ҳуҷраи даруни боғ бурд. Ношинос бо таъзим салом кард:

– Ва аллайкум ассалом. – Фирдавсӣ як лаҳза ба вай назар дӯхта, дар он марди қадпасти лоғарандом, бо ҷомаю дастори на он қадар покиза, рухсораи чӯкидаву риши паҳни жӯлида, ошнои мадрасагии бисту як сол пеши худро базӯр шинохт: – Найсонӣ? Магар шумо Ҳамдуллоҳи Найсонӣ нестед?

– Худам, устод.

Дуяшон аз нав воҳӯрдии бағалкаш карданд.

– Шумо дар Тӯс? – пурсид шоир. – Хайр аст? Хеле дигаргун шудаед, ба зудӣ нашинохтам.

– Чӣ аҷаб, охир бисту як сол гузашт.

– Хайра мақдам, хуш омадед… баъд аз ин қадар солҳо…

Найсонӣ бо вуҷуди таоруфи мизбон ба нишастани пеш аз ӯ ҷуръат накард ва фақат баъд аз нишастани ӯ бо тавозӯъ дар пойгоҳ зону зад, вале Фирдавсӣ ӯро хезонда дар паҳлуи худ нишонд.

– Аз Нишопур омадед? Кай?

– Ду моҳ шуд. Аз қазову қадар ҳоло сокини шаҳри шумоям. Ҳамаро нақл мекунам, устод… овозаи устод, албатта, кайҳо ба гӯши банда ҳам расида буд, **дар маҳфилҳои нишопуриён ҳам достонҳое аз «Шоҳнома»-ро, ки баъзе ашхоси хуштолеъ тавонистаанд ба даст оранд, мехонанд, аҳсану офарин ба шоири муаззам вирди забонҳост** (ишора аз мост – Р.Р.)» [16, с.15-16].

Инак, бунёди аслии шоҳномахонӣ, дар замони Фирдавсӣ, ҳамин «Шоҳнома» гардид. Шоҳномахонҳо бо овози гуворо достонҳои «Шоҳнома»-ро ҳам месароиданд ва ҳам чун ҳунарманди иҷрогари саҳна баён менамуданд. Ин буд, ки аз он даврон то имрӯз дар Хуросони Бузург ҳунари наққолӣ ба вуҷуд омад, ки наққолон асосан достонҳои «Шоҳнома»-ро месароиданду нақл мекарданд, яъне шоҳномахонӣ мекарданд.

Устод С.Улуғзода дар романи «Фирдавсӣ», аз аввал то охир, чун хатти сурх, ба шоҳномахонӣ ба ин суннати арзишманди мардумӣ таваҷҷуҳи вижае намудааст. Ана ҳамин нуктаи муҳиму ҷаззобро адабиётшиноси маъруфи тоҷик профессор Р. Мусулмониён, ҳангоми баррасии романи «Фирдавсӣ» хуб дар карда гуфтааст: «Яке аз муҳимтарин ҳадафҳои устод Улуғзода нишон додани моҳияти «Шоҳнома» ва эътибори рӯзафзуни тоифаҳои гуногуни халқ ба ин асари безавол будааст. Шуҳрати «Шоҳнома» нисбатан барвақт, ҳанӯз таълифи он ба анҷом нарасида сар мешавад. **Обрӯи он пеш аз ҳама дар миёни толибилмони мадраса оғоз меёбад, пас ба маъаракаҳои мардумони одӣ меафтад, дар ҳалқаҳои ҳунармандон хонда мешавад. Ба базмҳои хосаи ҳокимону амирон ҳам роҳ меёбад** (ишора аз мост – Р.Р.). Нависанда шавқу рағбати мардумро ба ҳамоса дар ҳама ҷо – дар Божу Тобирон, Ҳироту Бағдод, Ғазнаю Омул ва ғайра гаштаю баргашта таъкид намудааст, ки

асоси маҳкам дорад. Ҷолиби диққат аст, ки «Шоҳнома»-ро деҳқонону ҳунармандон, зиёиёни пешқадам, ҳокимони равшанзамир бо дилу ҷон қабул мекунанд, гӯяндаашро болои дида мегузоранд; шоирони ҳасуди нотавонбин, ҳокимони кӯрдилу сиёҳкор ночор ба даҳои шоир тан медиҳанд; танҳо ду-се муллобашараю шоиртарош, ки умуман имони устувор надоранд, ба муқобили шоҳасар ва соҳиби он ошӯб мебардоранд» [10, с.259].

Дар ҳар давру замон нисбати корҳои шоиста бахлию ҳасудӣ ҳаст. Ба хусус дар бораи он асари беназире, ки таърихи чандҳазорсолаи ниёгони моро дар бар мегирад. Дар ин шоҳасар расму оинҳои ғайрисломии пешиниён тасвир шудааст, ки ин ҳатман боиси хусумату кинаву адовати диндорон нашуда наметавонист. Дигар ин ки зуд ба дили мардум роҳ ёфтани достонҳои «Шоҳнома» низ боиси ҳасодат шуд. С. Улуғзода ин ҳамаро дар қолаби асари бадеӣ тасвир намудааст. Лавҳаҳо, воқеаҳо ва ҳодисаҳое, ки ӯ тасвир намудаааст ба воқеияти зиндагӣ мувофиқат мекунанд. Аз мутолиаи роман метавон чунин бардошт кард, ки нависанда кӯшиш намудааст, ҳар лаҳзаро дар муҳити таърихии замон, бо диди илмии бадеӣ тасвир намояд. Дар роман омадааст, ки ба гӯши Фирдавсӣ аз ҳар гӯшаву канор иғвогариҳо мерасад. Шоири ҳассос зиқ мешавад ва мехоҳад ба назди одамони масъул раваду фаҳмонад, аммо боз ҳам таҳаммул менамояд. Нависанда аз тариқи симои имом, шайх ва дӯсташ Найсонӣ ва дигарон лаҳзаҳои пумоҷароро тасвир менамояд. Агар имому шайх мухолифи фарҳанги пешин бошанд, вале Найсонӣ аз таълифи достонҳои ҳамосӣ лаззат бурда, гуфтаҳои рақибонашро ба Фирдавсӣ мерсонад. Ба муҳити исломии он замон «Шоҳнома» чи арзиш дошт, ки дар он воқеаҳои пешазисломӣ тасвир шудааст. Нависандаи роман ба ҳамин нуктаҳо таваҷҷуҳ намуда, ду неруро ба ҳам муқобил мегузорад. Яке тарафдорони Фирдавсӣ дигаре нотавобинону мухолифи фарҳанги ниёгон.

Чунин нотавонбинӣ ва иғово аз даҳон ба даҳон, нисбати Фирдавсӣ ва фаълияти эҷодии ӯ дар байни занҳо низ паҳн мешавад. Кирдори яке аз иғвоҳоро ҳамсари шоир ҳам мешунавад, ки С. Улуғзода аз тасвири ин гуна лавҳаҳои зиндагӣ, дар чи ҳолат қарор доштани Фирдавсиро нишон медиҳад. Ба ин восита ӯ гуфтан мехоҳад, ки таълифи «Шоҳнома» худ аз худ ба вуҷуд намомадааст. Дар рафти эҷоди он, баробари густариши достонҳои ҷудогона ҳасудон низ мубориза мебаранд ва кӯшиш менамоянд, ки ба густариши достонҳо халал расонанд. Ҳамчун мисол боз як лаҳзае аз тасвири С. Улуғзодаро меорем, ки иғвогарӣ чи гуна дар байни занҳо паҳн шудааст:

«Фотимабону боре ба муносибати маросиме ба Шодоб ба хонаи холааш рафта буд, аз он ҷо бегоҳрӯзӣ баргашта дар ҳуҷраи шавҳараш ба ӯ чунин нақл кард:

– Дар байни меҳмонон Бибихолида ном зани охунди шодобӣ ҳам ҳозир будааст. **Ин занаки ҳавобаланд ба ҳар чиз хӯрдагирӣ мекунад, ба ҳама панд мехонад, гуфтораш ҳама аз набию васию имоми шаҳид аст, мисли ин ки онҳо амуҳояш мебошанду вай ҳадисҳои ононро аз забони худашон шунидааст** (ишора аз мост – Р.Р.). Дар маъракаи занон ба ман рӯ оварда гуфт: **«Шунидем ки шавҳаратон қиссаҳои замони ҷоҳилия менавиштаанд, маҷусҳоро меситудаанд?» Пурсидам, аз кӣ шунидед? Гуфт, охунд боре дар саҳни масҷиди ҷомеи Тобирон дидаанд, ки Абӯдулаф дар ҳалқаи талабагон қиссае мехонад**, (ишора аз мост – Р.Р.) пурсидаанд, ки ин қисса нигоштаи кист? Абӯдулаф ҷавоб додааст, ки нигоранда Абулқосим Фирдавсист ва ӯ монанди ин достонҳои дигар ҳам навиштааст ва менависад. Охунд талабагонро сарзаниш кардаанд, гуфтаанд: шумо муъмину мусалмонед, дар оянда соҳибони дину шариат мешавед, магар аз гуноҳ наметарсед, ки чунин қиссаҳои маҷусиро мехонеду мешунавед? Ба оташ афканед онҳоро, зеро онҳо боиси ихтилоли имону залолати он мешаванд. Баъдан ман аз холаам шунидам, Бибихолида пас аз рафтани ман гуфтааст, ки охунд аз Фирдавсӣ ба шайхи бузург Абулқосими Гургонӣ аризаи шикоят навиштанд: эшон далелу ҳуҷҷат доранд ва метавонанд исбот кунанд, ки шоир Фирдавсӣ ба дил муътазилӣ, қарматист ва мазҳабашро пинҳон медорад. **Имом як-ду достони туро дар куҷое хонда ва қисман рӯбардор карда гирифта будааст**…» (ишораҳо аз мост – Р.Р.) [16, с.20].

Аз як тараф достонҳои «Шоҳнома» ҳам дар байни хонандагон ва шунавандагон паҳн мешавад, аз тарафи дигар шахсони ҳасуд низ кунҷкобона баъзе аз достонҳои шоирро «рӯбардор карда» мехонанд, ки онҳо чиро дар бар мегиранд. Нависанда ба таври мантиқӣ тасвир намудааст, ки дар замони зиндагии Фирдавсӣ аҳли савод ба хондани баъзе достонҳои «Шоҳнома» майли зиёд пайдо кардаанд. На танҳо майл, балки шефтаи тасвирҳои Фирдавсӣ шудаанд. Аммо иғвогарон ба мисли Абдунабӣ бар зидди шоир амал мекарданд. Аз тасвири С. Улуғзода маълум мешавад, ки шайх воқеаро ба ҳокими Тӯс

Абулқодири Меҳмон гуфтааст: «Банда чун инро шунидам, гуфта будам, ки Абулқосим марде зоҳид ва аз уламои дин буд, акнун аз сирати худ баргашта ситоишгари бадбунёдон шудааст, ки ин роҳ ӯро ба куфру бидъат мебарад. **Баъзе қиссаҳои ӯ акнун дар байни хосу ом ва алалхусус толибилмон ошкоро қироат карда мешавад** (ишора аз мост – Р.Р.). Дар ҳаққи нигорандаи чунин қиссаҳо итобу сиёсат кардан лозим ва воҷиб аст» [16, с.25-26].

Фирдавсии мубориз, ҳассосу донишманд аз шикояти имом бештар ноором мешавад. Ба ҳар ҳол фикри ӯро, дар бораи таърихи ниёгонаш аз наздик донистан мехоҳад. С. Улуғзода дар фасли «Баҳс бо имом» масъаларо бештар равшан месозад. Дар ин ҷо ҳамон гуна баҳсҳои сунатии омиёнаро, ки дар маъракаҳо, маҳфилҳо, масҷидҳо сурат мегиранд, тасвир мекунад:

«– Фотимаҷон, ман ба Шодоб меравам, – гуфт Фирдавсӣ ба ҳамсараш, – мехоҳам охундро бубинам ва бипурсам, ӯ дар достони «Зол ва Рӯдоба»-и ман чӣ бидъат дидааст.

– Оё зарур аст ки бо вай бархӯрд бикунӣ? – шубҳаомез гуфт бону. – Худат мегуфтӣ, ки ӯ марди ҷоҳилест, аз мунозира кардан бо ҷоҳил чӣ суд?

– Ман бо ӯ дар ҳузури ҷамоат гуфтугӯ мекунам, то ки шодобиҳо бубинанд ҷаҳолати имомашон то куҷост.

– Хуб, ихтиёр дорӣ. Аёдати холаҷонамро фаромӯш макун.

– Албатта. Агар барвақттар мегуфтӣ, ки бибӣ беморанд, ман чанд рӯз пештар ба аёдаташон мерафтам. *(Холаи Фотимаҷон, пиразани ҳафтодсола, шоира ва бибихалифаи номбаровардае буд, хоҳарзодааш ҳам дар мактаби ӯ таълим гирифта буд, Фирдавсӣ ба вай эҳтироми хосе дошт)*. Шоир аз андарун баромада ба саис фармуд, ки аспро зин занад. Ҳамдуллоҳи Найсонӣ ба ӯ ҳамроҳӣ кардан хост. Вай дирӯз бегоҳӣ Фирдавсиро аз Тӯс то Бож ҳамроҳӣ карда, барои шабхобӣ дар хонаи устод монда буд. Рӯзи ҷумъа буд, наздики чоштгоҳ шоир аспсавору меҳмонаш савори харакӣ ва Абдуллоҳи хизматгор ба роҳ афтоданд.

Аз деҳа баромада, иттифоқан ба **Абудулаф** (шоҳномахон – Р.Р.) вохӯрданд, ки аз шаҳр ба зиёрати устодаш меомад. Фирдавсӣ ӯро низ ба Шодоб рафтан таклиф кард, ровӣ бо хушнудӣ қабул намуд. «Хуб шуд, будани Абӯдулаф айни муддаост, – мегуфт шоир ба дилаш ӯ, – дар Шодоб метавонад гувоҳӣ диҳад, ки манъ кардани Абдуннабӣ ба толибилмони мадраса хондани достони «Зол ва Рӯдоба»-ро бо чашми худ дидааст».

Ба Шодоб расида маркабҳошонро дар соботи ҳавлии бибихалифа бастанд, шоир ба андарун рафта пиразани беморро аёдат карда баромад.

Соати намози ҷумъа расида буд, баромада ба масҷид равон шуданд. Он ҷо ҷамоат ҷамъ буд, ҳама ба ҳурмати шоир даст ба пеш гирифтанд, нишастагон ба по хестанд. *(Маълум, ки дар ҳама замонҳо дар кишварҳои ба истилоҳ исломӣ халқи одӣ ба шоирон қариб, ки нисбати валигӣ ва соҳибкаромотӣ дода, онҳоро иззату икром мекарданд)*. **Бештарини шодобиҳо баъзе достонҳои шоирро дар қироати ҳамдеҳагони босаводашон шунида буданд** (ишора аз мост – Р.Р.).

Абдуннабӣ шоирро дида ҳайрон ва «гӯш ба занг» шуд. Фирдавсӣ бо вай бо чеҳраи кушода салому алайк карда гуфт:

– Ба аёдати бемор омада будам, иҷоза диҳед фаризаро дар пушти шумо адо кунам.

– Марҳамат фармоед, – бо рӯйи хира ҷавоб дод имом.

Баъд аз намоз, вақти аз масҷид баромадан Фирдавсӣ бо овози аз муқаррарӣ баландтар, то ки ҷамоат ҳам шунавад ва бар ҳасби одати худ якбора ва рӯйирост гуфт.

– Ҷаноби охунд, шунидам, шумо дар масҷиди ҷомеи Тобирон талабагонеро, ки машғули хондани достони «Зол ва Рӯдоба» буданд, танбеҳ дода, аз хондани он қисса манъ кардаед?

Намозхонҳо, ки ҳаракати пароканда шудан доштанд, ин гапро шунида бозистоданд. Гап воқеан нав ва ғалатӣ буд. Абдуннабӣ чашм аз чашми Фирдавсӣ канда сӯйи Абӯдулаф теғи нигоҳ кашид. Имкони инкор нест, шоҳид ҳозир аст.

Имом марди миёнсоли ниҳоят қаддарозе буд, қади Фирдавсӣ базӯр то нӯги риши ӯ мерасид. Он қади дароз бо он риши дароз туғи мазорро мемонд. Шоире, ки дубайтии зеринро гуфтааст, шояд ба ҳамин гуна марди қаддарозе муроҷиат карда гуфта бошад:

Эй хоҷа, дарози-т расидааст ба ҷое,
К-аз аҳли самовот ба гӯши ту расад савт,
Гар умри ту чун қадди ту будӣ ба дарозӣ,

Ту зинда бимондию бимурдӣ малакулмавт.

Абдуннабӣ бо лаҳни истиғноомез ҷавоб дод:

– Бале, танбеҳ кардам. Ба ҳар ҳол саҳни масҷиди ҷомеъ ҷойи қироати қиссаҳои оташпарастон нест, ҳам мусалмонон он гуна қиссаҳоро нахонанд беҳтар.

Фирдавсӣ суоли дигар дод:

– Ҳамчунин шумо бандаро ба маҷуспарастӣ гунаҳгор карда, ба шайхи бузургвор шикоят бурдаед?

Ҷавоби суол чунин буд:

– Ҳар як мусалмони содиқро дар ҳифзи имони хеш ва дини мубини ислом ва шариати он кӯшо будан ҳам фарз ва ҳам суннат аст.

– Охунди киромӣ, биёед, биншинему як каме дар ин боб суҳбат бикунем, – пешниҳод кард шоир, – то дурустии даъвои шумо ба ин мусалмонон ошкор бишавад ва агар дар нигоришоти банда хатое рафта бошад, банда ба шарофати шумо аз он хато огоҳ бишавам ва ислоҳаш бикунам.

Мардумон бо ҳаваси шунидани мунозираи шавқовар зуд дар чамани саҳни масҷид давра гирифта нишастанд, Фирдавсӣ ҳам нишаст, акнун Абдуннабиро ҳам аз нишастан чора набуд» [16, с.27-29].

Аз баҳси фавқи Фирдавсӣ ва имом Абдунабӣ мебинем, ки гуфтугӯ дар бораи достонҳои «Шоҳнома» аст. Дар ин ҷо ду ақидаи ба ҳам зид дар мубориза тасвир шудааст. Яке андешаи фарҳангдӯстию худшиносии миллии Фирдавсӣ ва дигаре ақидаи имоми арабпарасту хурофотии Абдунабӣ аст. Нависанда чунин тасвир мекунад, ки баҳс идома меёбад. Ҳатто мардум ба шунидани он майл пайдо менамоянд. Дар мубоҳиса Найсонӣ ва Абӯдулаф низ ҳузур доштанд.

Маъмулан дар ин ё он маврид баҳс намудан дар байни мардум ҳамчун одати анъанавӣ вуҷуд дорад. Басҳо низ як навъ расми суннатии мардумӣ аст. С. Улуғзода хеле зиёд шоҳиди ин гуна мубоҳисаҳои гуногуни замони худ буд, ки ба таври муқоисавӣ дар байни онҳо ҳамгуниҳо аст. Дар ин ҷо нависанда баҳсро дар пайвастагии шоҳномахонӣ ба қалам додааст. Дар баҳс Абӯдулаф низ ҳамроҳ шуда, **лаҳзаҳои нофаҳмоеро аз достони «Зол ва Рӯдоба» нақл мекарду мефаҳмонд ва ҳам порчае аз достонро бо садои гуворо азёд мехонд** (ишора аз мост – Р.Р.). Бо шунидани байтҳои беҳамто: «Шунавандагон ҳар дам «баҳ! баҳ!» гӯён сар меҷунбониданд, аз шеъри рангину сухани намакини шоир ҳаловат мебурданд» [16, с.31].

Ҳангоми шоҳномахонӣ мардум таҳти таъсири байтҳои писандида ва лаҳзаҳои ба худашон хушоянд сар меҷунбонанд, садоҳои гуногун мебароранд. С. Улуғзода як лаҳзаи хурдеро меорад, ки дар раванди ин баҳс «деҳотии куҳансоле овоз бароварда мегӯяд:

«– Он духтар монанди Аноҳид будааст! Шунида будам, Аноҳидро дар «Авасто» худованди рӯдҳо ва киштҳо гуфтаанд ва ӯ шабеҳи зеботарин духтаре будааст.

Фирдавсӣ гуфт:

– Ниёгони мо кундтабъони хушкидадимоғ набудаанд, мардумони хушзавқ будаанд, ки зебоиро дӯст медоштанд ва мепарастидаанд» [16, с.31].

Дар ин ҷо С. Улуғзода ҳунармандона ёдовар мешавад, ки дар он рӯзгорон «Авесто» ва баъзе ниёишҳо ва лавҳаҳои ин китоби ниёгон дар зеҳни мардум будааст.

Дар масҷидҳо вазъ намудан дар ҳар давру замон анъана аст. С. Улуғзода дар фасли «Вазъи шайх Абулқосим» аз ҷониб ин шайх, имом ва тарафдоронаш сарзаниш шудани Фирдавсиро тасвир менамояд: «Сипас шайх муъминонро огоҳӣ дод, ки баъзе ашъори шоирони сустэътиқод, баъзе маҷозоту истиорот ва қиссаву ҳикояти онон низ сабаби қувват гирифтани куфру бидъат мешаванд, чунончи ин вақтҳо дар «маҳофилу маорик» **қироати қиссаҳое аз «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ расм шудааст ва ҳол он ки ин шоир дар он қиссаҳо мардуми замони ҷоҳилияро, оташпарастонро, маҷусону габронро васф мекунад. Муъмину мусалмон ҳаргиз набояд он қиссаҳоро бихонанд ва ё қироати онҳоро бишнавад** (ишора аз мост – Р.Р.). Ва ҳоказо ва монанди инҳо…» [16, с.46].

Тибқи таҳқиқи бадеии муаллифи роман махлуқоти устураву афсонаҳои мардумӣ низ дар зеҳни мардум вуҷуд дошт. Одамони қадим ба онҳо бовар доштанд: «Ҳамдиёрони Фирдавсӣ ҳам монанди вай эътиқод доштанд ба ин, ки ҳамаи қаҳрамонони достонҳо, – на фақат онҳое, ки таърихӣ мебошанд, балки онҳое ҳам, ки мо асотирӣ ва афсонавиашон

мешуморем, – дар қадим зистаанд ва ҳатто деву аждарҳо низ мавҷуд буд ва бо мардумон ҳар ранг муносибате доштаанд» [16, с.46].

Фирдавсӣ ба таври мунтазам кор мекард, ки нависанда ҳамин заҳмати ӯро дар ҳар ҷои роман оқилона ёдовар мешавад. Ҳам аз «Шоҳнома» ва ҳам аз тасвири С. Улуғзода мушоҳида менамоем, ки ҳамсари Фирдавсӣ бонуи босавод, оқила ва аз ҳама муҳим донандаи афсонаву достонҳои мардумӣ аст. Нависанда ин бонуи меҳрубони ҳамдами Фирдавсиро бо муҳаббат тасвир намудааст, ки ӯ на танҳо ҳамсари меҳрпавари шоир аст, балки дар навиштани «Шоҳнома», машвартгар ва илҳомбахши ӯ мебошад. Албатта, худи Фирдавсии бузурговор низ дар бораи ҳамсараш, ки чи гуна «Достони Бежан ва Манижа»-ро барояш нақл мекунад ва баъдан ӯ ба назм меоаврад, ёдовр шудааст. Ин ҳолати пурмуҳаббати шоҳномахонӣ дар қалами С. Улуғзода ин гуна аст: «**Фотима хонанда ва гӯяндаи моҳир бо овози софу маҳинаш қиссаҳоро шавқангезтар, ҷозибанoктар мегардонид** (ишора аз мост – Р.Р.). Шоир пешниҳоди ӯро чӣ тавр бо ҷону дил напазирад? Метавонист қиссаҳоро худаш хонда ба назм гардонад, лекин аксаран ба ҳамсараш хононда ба хотир мегирифту сипас ба китоб нигоҳ накарда дар риштаи назм мекашид. **Дар хониши Фотима достонҳо бо рангу маъниҳои нави худ ҷилва ва қаҳрамонони онҳо бо сурату сирати хосе дар дидаи хаёли шунаванда намудор мегардиданд** (ишора аз мост – Р.Р.).

Бигуфтам: «Биёр, эй маҳи хубчеҳр,
Бихон достону биафзой меҳр.
Магар табъи шӯрида бикшоядам,
Шаби тира з-андеша хоб оядам.
Зи ту табъи ман гардад ороста,
Аё меҳрубон ёри пероста!
Чунон чун зи ту бишнавам дар ба дар.
Ба шеър оварам достон сар ба сар.

Фотима аз китоб ба хондани достони «Бежан ва Манижа» шуруъ кард (ишора аз мост – Р.Р.). Шоир ҳама тан гӯш ва ҳама ҷон ҳуш гардид» [16, с.54-55].

Ба гуфти ҳам Фирдавсӣ ва ҳам тасвири С. Улуғзода ҳамсари шоир низ шоҳномахон аст. Тавре ки дар боло ишора намудем аз аввал то охири роман суннати шоҳномахонӣ инъикос ёфтааст. Ин шоҳномахонӣ аз хонаводаи Фирдавсӣ шуруъ шуда, дар маҳфилҳо, маъракаҳо, ҷашнгоҳҳо ва ба таври куллӣ дар байн мардум равнақ пайдо намудааст. Ин аст, ки шоҳномахонӣ ҳамчун суннати мардумӣ то имрӯз дар байни омма ҷойгоҳи хешро дорад. Дар тӯли беш аз ҳозор сол садҳо ровиёни «Шоҳнома» дар байни мардум вуҷуд доштанд, ки касбашон асосан хондан, ба монанди актёри театр баён ва иҷро намудани достонҳои қаҳрамонию паҳлавонии «Шоҳнома» буд. Дар роман зери унвони «Абӯдулаф» бахши махсусе аст, ки дар он нависанда ҳунари шоҳномахонии як ровии ҳунармандро тасвир менамояд, ки дар замони Фирдавсӣ чунин ровиёну наққолони хушгуфтор дар байни мардум зиёд буданд. Образи Абӯдулаф як навъ обарзи типии шоҳномахонон аст.

Дар илми фолклоршиносӣ, дар кишварҳои гуногуни олам роҷеъ ба шахсият ва маҳорати ровиён (гӯяндагон, афсонагӯён, қиссагӯён, наққолон) маълумот гирдоварӣ карда, асарҳои илмӣ таълиф намудаанд. Масалан, дар фолклоршиносии рус шахсияти гӯяндагонеро мавриди пажӯҳиш қарор додаанд, ки онҳо беш 50, 70 ва ҳатто 100 матнро дар ёд доштаанд. Аз ҷумла пажӯҳандагон аз ровии моҳир Е. И. Сороковикова-Магая қариб 200 афсона ва матнҳои дигари насрӣ сабт карда, маҳорати гӯяндагии ӯро дар мақолаҳо ва рисолаҳои илмӣ мавриди пажӯҳиш қарор додаанд [ниг.: 8; ва 11, с.128-164]. Аммо то имрӯз роҷеъ ба зиндагинома, репертуар ва маҳорати ровиёни насри гуфтории тоҷикон рисолаи илмӣ таълиф нашудааст.

Тавре ки устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» аз ҳунари афсонагӯии Тӯтапошшои бесаводи донандаи афсонаҳои зиёд бо муҳаббат ёд мекунад, С. Улуғзода дар романи Фирдавсӣ ҳунари ровигӣ ва шоҳномахонии Абӯдулафи босаводро то охири асар ҳамроҳ мебарад. Тасвири ровии хушовозу наққоли моҳир Абӯдулаф як навъ симои типии ровиёне мебошад, ки дар замони Фирдавсӣ ва баъд аз он низ буданд. Нависанда дар фасли махсус шахсияти ӯро муаррифӣ менамояд ва сабаби ба ровигӣ ва шоҳномахонӣ рӯ овардани эшонро баён мекунад. Барои он ки шоҳномахонӣ дар тӯли ҳазор сол дар байни мардум роиҷ буд ва чунин ҳунармандон ба мардум ғизои маънавӣ мебахшиданд:

«Вай ва Ҳушанг дар мадраса таҳсили илм мекарданд, шарикдарс буданд. Боре Ҳушанг аз «Шоҳнома»-и падараш қиссаи набарди Рустам бо Ашкбӯсро ба мадраса оварда, дар ҳалқаи рафиқонаш хонд, онҳо бо шавқу завқ шуниданд, баъзе толибилмон қиссаро рӯбардор карда гирифтанд. Яке аз онҳо Абӯдулаф буд, вай дар байни толибилмон бо зеҳни тез ва ҳофизаи қавӣ мумтоз буд, метавонист аз китобҳо варақ-варақ матни мансурро аз ёд кунад, пораҳои манзум, қасидаҳои томро бо ду-се бор хондан ҳифз мекард. Албатта, достони **«Набарди Рустам бо Ашкбӯс»**-ро ба зудӣ азёд кард ва ба оҳанги махсуси достонхонӣ моҳирона қироат менамуд. Овози дилчасп ва муассире дошт. Ҳофиз ва ровии хушхон дар шаҳр овоза шуд, ӯро барои достонхонӣ якзайл ба даврaҳо ва маъракаҳо даъват мекарданд» [16, с.56-57].

Дар идомаи ин бахш С.Улуғзода дар бораи Абӯдалаф навиштаст:

«Навкар гуфт: «**Шумо қиссахон будаед** (ишора аз мост – Р.Р.), қиссаҳоятонро бо худатон гирифта баред, будааст». Ин гапро шунида дилам саҳл қарор гирифт, фаҳмидам, ки ҳоким толиби достони «Рустаму Суҳроб» шудааст. Ҳоким, албатта, **шунида буд, ки ман ин қиссаро дар маҳфилҳо мехонам»** (ишора аз мост – Р.Р.) [16, с.59].

Ҳатто Абӯдулаф ҳадяи аз шоҳномахонӣ ба даст овардаашро мехоҳад ба Фирдавсӣ тақдим намояд, аммо шоири беҳамто мегӯяд:

«– Абӯдулаф! **Ту ровии мумтоз ҳастӣ. Ровигӣ ҳунар аст ва аз пушти ҳунар музд ёфтан айб нест** (ишора аз мост – Р.Р.). Мебоист худам ба ту инъом эҳдо мекардам аз барои он ки ашъори маро барои мардумон мехонӣ ва шоеъ мекунӣ» [16, с.61].

Ин ҳунари шоҳномахонӣ, ки онро баъдҳо дар Эрон «наққолӣ» ва дар байни тоҷикони Осиёи Миёна «қиссахонӣ» мегуфтанд, то нимаи аввали садаи XX роиҷ буд. Дар Эрон наққолӣ ҳанӯз ҳам роиҷ аст ва ҳатто дубора эҳё мешавад. Аммо «қиссахонӣ»-и тоҷикон кам-кам аз байн рафта, хеле андак боқӣ мондааст. Ба ҳар ҳол то имрӯз дар ёди баъзе калонсолон ҳунари шоҳномахонӣ бозмондааст, ки мо дар ин бора ба таври муфассал дар китоби «Шоҳнома» дар байни тоҷикон» сухан рондем [ниг.: 13].

Дар он замонҳо ровиён низ обрӯ ва эътибори вижае доштанд. Ҳам мардум ва ҳам ашроф аз ҳунари онҳо баҳраманд мешуданд. Ровӣ, аз ҷумла шоҳномахон, барои хосу ом ғизои маънавӣ мебахшид. Аз ин рӯ, дар роман Абӯдулаф то охири умр бо Фирдавсӣ ҳамдам ва ровии асосии «Шоҳнома» буд.

Боре чунин мешавад, ки шахси бомаърифат, ҳокими нави Тӯс Ҳусайн Қутайба аз сароиш ва ривояти Абӯдулаф огоҳ шуда достонеро мешунавад. Дар роман мувофиқи тасвири нависанда Абӯдулаф ба Фирдавсӣ дар бораи ӯ иттилоъ медиҳад. Дар дили шоир тамоюле пайдо мешавад, ки ба дидори ҳоким равад, вале худи Ҳусайн Қутайба як бегоҳӣ ба зиёрати шоир меояд. Баъди ба хона ворид шудан Ҳусайн Қутайба дар ситоиши ровӣ Абӯдулаф мегӯяд:

«– **Ровии хушхони шумо достони «Рустаму Суҳроб»-ро барои мо хонд** (ишора аз мост – Р.Р.), – гуфт ҳоким. – Ваҳ, чӣ достони оламгире нигоштаед! Сухани шумо муфорахат, далерӣ, мурувват, таҳаввур (шуҷоат ва ҷасорати зиёд) меангезад» [16, с.63].

Нависанда дар раванди мулоқоти ҳоким ва шоир ҳам дар бораи рӯзгори Фирдавсӣ ва ҳам роҷеъ ба «Шоҳнома» сухан меронад. Ҳусайн Қутайба, ки марди фозил ва донишманд буд, аз «Шоҳнома»-и мансур низ огоҳ буд. Дар муқоиса шоирро ситоиш мекунад:

«– Ман «Шоҳнома»-и мансурро хонда будам, дар вай **«Пандномаи Нӯшервон»** набуд, ин пандҳои судманд аз худи шумост. **«Андарзномаи Баҳроми Гӯр»** ҳам дар «Шоҳнома»-и мансур дигаргуна аст, шумо дар назм онро жарфтар бурда, ба вай чандин нуктаҳои ҳакимона афзудаед. Чунончи ин пандҳо, – гӯён Қутайб аз варақ хонд» [16, с.65].

Аз суҳбати Қутайба маълум мешавад, ки ӯ ҳамроҳи Абӯмансури Муҳаммад ибни Абдураззоқ кор кардааст. Дар ин бора С. Улуғзода навиштааст: «Фирдавсӣ ривоят кард, ки Ибни Абдураззоқ, дӯстдорандаи ахбору осори Аҷам, чун нахуст волии Ҳирот ва сипас чанд гоҳе сипаҳсолори Хуросон шуд, пораҳои парешони «Худойномак» – **ахбори шоҳон ва паҳлавонони бостониро аз ҳар гӯшаю канори мамлакат ҷамъ оваронда, аз паҳлавӣ ба форсии дарӣ гардонда, ривоятҳои қадимии то ба ин замон расидаро аз ровиён ва ноқилон нависонда гирифт, ҳамаро дар як китоб гирд оворонд ва китобро «Шоҳнома» ном кард, ки ба наср навишта шуда буд. Китоб дар саросари мамлакат шуҳрат пайдо кард, дар ҳар ҷо ки «Шоҳнома» дастрас мегардид, онро бо шавқу ҳавас мехонданд** (ишора аз мост – Р.Р.), ба он дил бохт. Абулқосими Ҳасан *(тахаллуси Фирдавсиро вай дертар гирифт)* дар соли

пайдоиши он китоб дар Нишопур талабаи мадраса буд, яке аз шарикдарсони вай, ки падари соҳибмансабаш нусхае аз Шоҳнома»-ро дошт, **онро гоҳе ба мадраса оварда, дар ҳалқаи талабагон қироат мекард** (ишора аз мост – Р.Р.), ҳамон вақт буд, ки Абулқосим шефтаи он китоб гардид» [16, с.66-67].

Ба ин тасвири боло бо диққат нигаред, ки нависанда чи кори оқилона намуда, ба таври мантиқӣ ишора бар он менамояд, ки худи Фирдавсӣ низ дар ҷавонӣ шоҳномахон буд. С. Улуғзода дар роман гуфтааст, ки Фирдавсӣ аз сарчашмаҳои асосии «Шоҳнома» ва шуҳрати шоҳномаҳои мансур дар шаҳрҳо ва аз ҷумла аз Дақиқӣ низ ёдовар мешавад: «Шоир нақли худро идома дода, ба болои таърихи назми «Шоҳнома»-и мансур омад. Ин китоб ниҳоят нодир буд, мегуфт ӯ, – якто-нимто касон, ки доштанд, бо доштани он фахр ва таҷаммул мекарданд, онро ба касе намедоданд ва ба нусха бардоштан аз он монеъ мешуданд, то ки мояи ифтихору таҷаммулашон коста нашавад. **Толиби илм ва шоири ҷавон Ҳасани Абулқосим аз ғояти шавқу шефтагӣ, ки ба «Шоҳнома» дошт, баъзе пораҳои онро аз ёд назм мекард** (ишора аз мост – Р.Р.) ва ният дошт, ки як вақт нусхае аз он китобро ба даст оварда ҳамаашро назм кунад, вале пас аз чанде хабар расид, ки шоири бухороӣ Муҳаммад Дақиқӣ бо амри Мансур ибни Нӯҳи подшоҳи Сомонӣ ба назми «Шоҳнома» пардохтааст. Онгоҳ Абулқосим ночор аз нияташ даргузашт. Аммо толеъ ба Дақиқӣ бевафоӣ карду вай ногаҳон бо дасти ғуломаш кушта гардид. Оташи қариб хомӯшшуда дар дили Абулқосим аз нав шуълавар гашт. **Вай ба ҷустуҷӯйи нусхае аз «Шоҳнома»-и мансур афтода, ба суроғи он то Марву Бухоро, Ҳироту Чоч рафт, наёфт, ба иваз дар Марву Ҳирот ва Чоч чанде аз пирони донишвар ва мубадонро зиёрат кард ва аз забони онҳо тарҳи дигари ривоятҳои дар «Шоҳнома»-и мансур сабтшуда ва боз қиссаҳои нави дилангез шунид** (ишора аз мост – Р.Р.). Ва билохира ҳазор байти аз «Шоҳнома»-и мансур назмкардаи Дақиқиро, ки дар Бухоро ба даст оварда буд, роҳовард гирифта, ба Тӯс баргашт. Аммо ҷӯянда ёбанда аст ва нияти хайр беоқибат наемонд. Дӯсти фозили ӯ Муҳаммади Лашкарии Тӯсӣ як нусхаи китобро аз куҷое ёфта, ба вай тақдим кард. Инак, сездаҳ сол инҷониб вай ба назми «Шоҳнома» машғул аст» [16, с.67].

Он шаб байни Фирдавсӣ ба Қутайба суҳбати хосае буд, ки асосан дар атрофи эҷоди «Шоҳнома». Шоир ин марди фозилро дар канораш дида, ба вай бо муҳаббат аз заҳматҳои худ ёд мекард. Чи гуна, бархе аз достонҳоро аз сарчашмаҳои навишторӣ ва гуфторӣ гирд овардааст ба Қутайба нақл менамуду зимнан шод мешуд, ки ин ҳокими нексиришт ӯро бо диққат гӯш мекунад: «– Агар кори банда фақат назм кардани қиссаҳои тайёр мебуд, кор саҳл буд, – гуфт дар охир Фирдавсӣ, аммо дар ҳақиқат ин тавр нест. **Маро лозим меояд, ки аз гунаҳои ривоятҳои ҳар як достон беҳтаринаш баргузинам ва сипас ин беҳтаринҳоро аз ҳар гуна зиёдатиҳо, беработиҳо ва ғайраҳу тоза, ноҳамвориҳоро ҳамвор кунам, ҷойҳои холиро пур кунам, миёни воқеаҳо равобити ботиниашонро дарёбам ва барқарор созам, маъно ва мафҳуми инҳоро бичӯям. Ба илова, чандин достонҳо дар «Шоҳнома»-и мансур нестанд, банда онҳоро аз дигар маъхазҳои хаттиву шифоҳӣ ба даст овардаам. Дар ривоятҳо воқеаҳои таърихӣ гоҳе ғалат баён шуда ё ғалат тафсиру ташреҳ шудаанд, ҳақиқати инҳоро низ дарёфтан ё ба ҳадсу (бо фаросат дарёфтан) қиёс барқарор кардан лозим меояд. Хулоса, маҷмӯи ривоятҳо моддаи хоме беш нестанд, банда аз онҳо достони комил дармеоварам** (ишора аз мост – Р.Р.), ки аз «Худойномак» тафовути куллӣ дорад» [16, с.68].

Агарчи рӯзгори Фирдавсӣ аз ҷиҳати моддӣ сол то сол бад мешуд, вале достонҳои «Шоҳнома» ҳам дар шакли навишторӣ ва ҳам гуфторӣ густариш меёфт. Достонҳои ҷудгона дар маъракаҳои қиссахонӣ вирди забонҳо гардида, мардумро мафтун месохтанд, ки нависанда ба ин нукта ба таври зерин ишора намудааст: «Достонҳои ҷудогонаи «Шоҳнома» ба тавассути нусхабардориҳо паҳн шуда буданд, онҳоро дар маҳфилҳои фозилону даврaҳои қиссадӯстони Тӯс ва шаҳрҳои дигар бо шавқу ҳавас мехонданд, аммо касе намепурсид, ки офаридгори он достонҳо дар чӣ ҳол аст. Насиби шоир аз достонҳояш таҳсину офарин буду бас, дигар ҳеч» [16, с.81].

С. Улуғзода ҳамчун нависандаи ҳассос ва пурдон ҳар чизеро, ки тасвир мекунад, аввал меомӯзад, то ки воқеияти он замонро дуруст инъикос кунад. Дар даврaҳои пеш, дар тӯли ҳазор соли охир шунидани достону афсонаву қиссаҳо ва сурудани онҳо дар байни мардум, ҳамчунин дарбори шоҳон, амирон, вазирон ва хонаводаашон роиҷ буд.

Дар ин бора пажӯҳишгари амрикоӣ А.Б. Лорд бо мисолҳои фаровоне изҳори назар менамояд, ки аз миёни мардум худаш ва устодаш (Милмэн Пэрри) матнҳои зиёди ҳамосиро

гирд овардааст ва тарзи иҷрои гӯядагони гуногунро мушоҳида намудааст, роҷеъ ба ҳунари гӯяндагии Гомер ва асарҳои ӯ "Илиада" ва "Одиссея" сухан рондааст. Дар "Ҳазору як шаб", ки роҷеъ ба шахсияти ровиёни воқеӣ ишорате ба назар намерасад, М. Герхардт низ ба он дахолат намекунад. Ӯ ба маҳорати гӯяндаи номаълум, яъне Шаҳрзоди афсонапардоз ва афсонаҳои гуфтаи вай бо ангушти ҳайрат менигарад ва онҳоро бо диққат таҳлил менамояд [4; 7].

Ҳусайн Воизи Кошифӣ "Дар баёни қиссахонон ва афсонагӯён" роҷеъ ба қиссахонии замони худаш иттилои дақиқ дода, ҳамчун як навъи маъмулу машҳури суннати омӣ маъмул будани онро баён намудааст. Ровии машҳури дарборӣ Мирзо Бархурдори Фароҳӣ дар Исфаҳон дар хидмати Ҳусайнқулихон буда, беш аз 400 матнро гирдоварӣ ва бо забони фасеҳ дар маҷӯаи «Маҳбуб-ул-қулуб» ҷо намудааст [ниг.: 6; 17].

Баёни гуворои ровиёни машҳур, ки маҳорати беҳамто доштанд, на танҳо ба халифаҳои Димишқ, балки дар ҳар давру замон овозаи онҳо то ба гӯши дарбориён мерасид ва эшон барои табақаи болои ҷамъият бо таъсири сухани худ лаззати маънавӣ мебахшиданд. Дар ин бора низ устод Зарринкӯб афсонагӯёну қиссагӯёну наққолони замони Сафавиёнро ба ёд оварда навиштааст: "Дар аҳди Сафавиён на фақат дар "қаҳвахона"-ҳо, ки маҷмаъи аҳли завқ буд нақли ин гуна афсонаҳо ривоҷ дошт, балки **дар дарбору ҳарамсаройи подшоҳон низ "қиссахонҳо"-ро ба алоқа ва гармӣ талаққӣ мекарданд ва маҷмӯаҳое, ки гоҳе аз ин "ноқилони ахбору тӯтиёни шакаршикани ширингуфтор" ба даст меояд ҳикоят аз ривоҷи ин гуна афсонаҳо дар маҷолис унси он рӯзгорон дорад**" (ишора аз мост – Р.Р.) [5, с.919].

Устод С. Улуғзода аз ин сарчашмаҳо огоҳ буд. Инак, адиб яке аз чунин маҳфилҳои шоҳомахониро тасвир менамояд, ки он дар «кӯшки бибии вазир» сурат гирфтааст: «Фирдавсӣ бо Абӯдулаф бегоҳии рӯзи дигар дар кӯшки бибии вазир ба ҳуҷраи ӯ ҳозир шуданд. Бо хоҳиши ӯ Абӯдулаф **ба хондани достони «Баҳроми Чӯбина» шурӯъ кард. Он шаб хониш тамом нашуд, боз ду шаби дигарро вақфи хондану шунидани достон ва мусоҳиба дар бораи он карданд** (ишора аз мост – Р.Р.). Исфароинӣ шеъри шоир ва хониши ровиро бениҳоят хуш кард, достонро бағоят ҷозиби таассурангез ва шоирро достонсарои дар Ачам якто хонд» [16, с.110].

Дар роман, дар ҳузури Исфароинӣ лаҳзаҳое тасвир шудааст, ки Абӯдулаф шоҳномахонӣ мекунад ва вазир ба мазмуни матнҳо гӯш медиҳад. Ҳангоми шоҳномахонии Абӯдулаф вазир Исфароинӣ гоҳе ӯро нигоҳ дошта, дар ин ё он маврид назарашро мегӯяд. Тавре ки нависанда гуфтааст, шоҳномахонӣ чанд шаб идома пайдо карда, вазир андешамандона, хислати султонро шарҳ медиҳад, Фирдавсиро аз завқу салиқаи султон огоҳ месозад ва мегӯяд: «– Мешавад. Ман худ дар ин кор миёнҷӣ мешавам. Ба «Шоҳнома» як қасидаи хуб зам кунед дар мадҳи султон. Агар дар андаруни китоб якчанд мадеҳа бошад, боз беҳтар аст. Султон мадҳу ситоишро дӯст медорад. Аксаран ғайр аз қасидаҳое, ки шуаро барои худаш гуфтаанд, чизи дигар намехонад, магар Қуръон ва китоби «Ҳазор афсона». Ин «Ҳазор афсон»-ро бар ҳамаи китобҳои дигар тарҷеҳ медиҳад ва ба ҳар чӣ дар он навиштаанд, бовар мекунад» [16, с.113-114].

Дар гузаштаҳо вақте ки корвон ба сафари дур равон мешуд, дар он ҳунармандон, сарояндагон низ ҳамроҳ мешуданд, то ки дар фурсатҳои муносиб мусофирону савдогаронро хушҳол созанд. Ҳар бор, ки корвон дар корвонсароҳо истод мешуд, шабҳо Абӯдулаф шоҳномахонӣ карда, мардумро хушҳол месохт: «Шабҳо дар саҳни корвонсаро ба рӯшноии фонус ё дар ҳуҷраҳои калон ба гирди шамъҳои фурӯзон ҳангомае барпо мегардид, ки амсолаш то он вақт дар ҳеч як роҳи корвонгард дида нашуда буд: **Абӯдулаф дар давраи мусофирон аз «Шоҳнома» бо овози баланд қиссаҳо мехонд** (ишора аз мост – Р.Р.). Бештарини аҳли корвон пеш аз он номи Фирдавсии ҳаким ва шоири тӯсиро шунида ва нафаре чанд аз ҷумлаи мусофирони нишопурӣ бо вай шахсан шинос ҳам буданд. Онҳо аз ҳамсафарии шоир хушдил буданд ва **толиби хондану шунидани достонҳояш мешуданд** (ишора аз мост – Р.Р.), аз ҳуҷраи Фирдавсӣ пойи зиёраткунандагон канда намешуд, онҳо дастархони ӯро аз ҳар навъ хӯришҳо пур мекарданд. Ҳама муштоқи суҳбати шоир ё ақаллан шунидани сухане аз забони ӯ буданд. **Абӯдулафи чилупанҷсола бошад, ҳунари хонандагиаш ба авҷи камол расида буд, қироаташ ҷазабае дошт, ки шунавандаро ба ҳол меовард** (ишора аз мост – Р.Р.). Корвонсолор – бозаргони ҳиротӣ Ҳоҷӣ Абурраҳим, марди дарозтанаи пойкӯтоҳ, рӯзе як бор ду бор шоирро дар ҳуҷраи ӯ зиёрат карда, суханоне аз қабили: «Хоки поятон шавам, сафари муборакатонро бо корвони ман кардеду сари маро ба осмон расондед. Магар ба

корвон аз ин зиёд шарафу обрӯ ҳаст, ки бо вай шоири бузургвор Фирдавсӣ сафар мекунанд?» [16, с.120].

Дар роман тамоми воқеаҳо чунон ба қалам оварда шудааст, ки бунёди воқеӣ доранд. Ё ин ки ин гуна амалҳо дар зиндагӣ шудааст. Замоне ки корвон ба Ҳирот мерасад Фирдавсӣ ба манзили дӯсташ Абӯбакри Исмоил меравад. Қабри яке аз ровиёнеро, ки аз вай устураву достонҳо сабт кардааст зиёрат мекунад, ки он дар гуфтугӯи Фирдавсӣ ва Абӯбакри Исмоил чунин тасвир ёфтааст:

«– Шумо дар шаҳр бо киҳо дидор мекунед? – пурсид мизбон.

– Ниятам буд, ки фақат бо ду кас дидор бикунам: шумо ва писари Пири Хуросон, – гуфт Фирдавсӣ.

– Пири Хуросон? – мисли ин ки фаромӯш карда буду ба ёд овардан мешуд Абӯбакр. Дар ҷавоби ӯ Фирдавсӣ аз он чӣ худаш дар бораи он пир дар «Шоҳнома» навишта буд, ду байт хонд:

Яке пир буд марзбони Ҳарӣ,
Писандидаву дида аз ҳар даре,
Ҷаҳондидае, номи ӯ буд Моҳ,
Сухандону бофарру бо баргу шоҳ.

– Бале, медонам, – ба хотир овард саҳҳоф, – Моҳ… Мазорашон ҳаст, Мазори Пир мегӯянд; он ҳазрат дар аввал зардуштӣ будаанд…

– Мубади зардуштиён, – гуфт шоир.

– …бале, дар поёни умрашон мусалмон шуда буданд. Писарашон, Дороби Маҷус ном, порсол фавтиданд.

– Фавтиданд?.. Ё арҳамарроҳимин, раҳматаш бикун… **Дар санаи сесаду шастушаш, ки ман ба суроғи донандагони ривоятҳо ба Ҳирот ҳам омада будам, пир зинда буданд. Аҷаб пири хирадманде буданд, таърихи подшоҳии Ҳурмузро ба ёд доштанд ва боз чандин ривоятҳо аз бостонзамон медонистанд, ба ман нақл карда буданд** (ишора аз мост – Р.Р.). Ҳамин писарашон Доро сисола буд… Мазори ҳардуро зиёрат бояд кард» [16, с.122].

Дар газаштаҳо дар меҳмонхонаҳо достонгӯӣ, қиссагӯӣ, афсонагӯӣ, қиссахонӣ, наққолӣ, баёни саргузашт, латифагӯӣ, сурудхонӣ, базлагӯӣ, аз ҷумла шоҳномахонӣ, зиёд буд. Инро то кунун дар деҳаҳои кишварҳои Осиёи Миёна, Эрон ва Афғонистон мушоҳида кардан мумкин аст. Вале ҳоло баъди густариши воситаҳои техникӣ он маҳфилҳо бо суръат аз байн мераванд. С. Улуғзода, ки дар наврасӣ, ҷавонӣ ва баъдҳо низ шоҳиди ин чунин шабнишиниҳои адабию базмӣ буд, ин гуна суннатҳои фарҳангии мардумиро хеле баҷо тасвир менамояд. Нависанда ҳангоми тасвири Фирдавсӣ дар меҳмонхонаи корвонсаро ва меҳмонавозии дӯстон ва мухлисонаш дар хати сужети роман шоҳномахониро ҳамеша нигоҳ медорад: «Як даҳ рӯз гузашт, Фирдавсӣ ин муддатро дар ҳуҷраи корвонсаро бо мусоҳибати шоирон ва фозилоне, ки ба зиёрataш меомаданд, гузаронид. Абӯдулаф гоҳе барои онҳо аз «Шоҳнома» қиссаҳо мехонд» [16, с.152].

Баъдан шоир бо ҳамроҳонаш барои муддати тулонӣ дар Ғазнӣ мондан бо машварати дӯсташ Маншурӣ дар «меҳмонхонаи Моҳак» ҷо мегирад. Тибқи тасвири С. Улуғзода «Дар манзили Моҳак» адабдӯстон ба зиёрати Фирдавсӣ меомаданд. Дар ҳузури меҳмонони шоир ҳамоно шоҳномахонӣ сурат мегирифт. Ба гуфти нависанда Моҳак низ марди «хушсуҳбат ва базлагӯй буд» [16, с.153].

Дар меҳмонхонаи Моҳак ҳар шаб шоҳномахонӣ ва суҳбатҳои гуворо сурат мегирад: «Ҳар бегоҳ то дер шаб ва баъзан рӯзҳо ҳам менишастанду суҳбат мекарданд, ба ҳамдигар **аз саргузашту аз сафарҳои худашон воқеаҳои шавқангез нақл менамуданд. Шаб дар поёни суҳбат «Шоҳнома» хонда мешуд. Моҳак аз шабнишиниҳо он қадар хушнуд мегардид, ки нишасти навбатиро бесаброна нигарон мешуд. Аксар вақт дар шабнишиниҳо чанде аз шоирону фозилони шаҳр низ ҳозир мебуданд ва он гоҳ маҷлисро латифагӯйиҳо, мутоибаҳои зарифона ва мушоираҳо метафсонданд. Гоҳе созанда ва сарояндагон даъват карда мешуданд** (ишора аз мост – Р.Р.), ки аҳли суҳбатро бо созу навоҳо хурсанду масрур месохтанд» [16, с.155].

Маъмулан дар дарбори шоҳони пешин дар канори ситорашиносон, муаббирон, қиссагӯён, сарояндагон, ровиён низ буданд, ки дар вақти зарурат барои шоҳ достону қисса мегуфтанд ё мехонданд. Мувофиқи тасвири нависандаи роман Унсурӣ худ ба худ фикр мекунад:

«Мегӯянд, ки вай, султон, **ровии ҳуд Абдулвоҳидро талабидааст, барои чӣ? Магар барои он ки «Шоҳнома»-ро хононда шунавад**? (ишора аз мост – Р.Р.). Худаш достонҳои Фирдавсиро аз ғайри тавассути маликушшуаро мутолиа кунад?» [16, с.186].

Бо ҳамин хаёлҳо Унсурӣ ба даруни боғ меравад ва ба гӯшаш савту садои занона мерасад, ки духтараш бо дугонаҳош шеърхонӣ мекард. Ин тасвири Улуғзода низ ҷаззоб аст. Ӯ бо ҳар васила бузургии Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯро нишон додан мехоҳад, ки чи қадар дар замони худ маъруфу машҳур буд: «Ӯ гардишкунон наздик рафта дар пушти дарахти чормағзи пир қарор гирифт. Ба духтарон дуздида менигаристу ба чақ-чақашон гӯш меандохт. Онҳо дар сояи рӯйи сабза бар палос яке нишаста ва дигаре ғел зада шеъреро, ки Сарвиноз аз дафтар мехонд, мешуниданду ҳар дам чӣ нидоҳое мебаровардand ё баъзе байтҳоро бо овоз такрор менамуданд. Чунон саргарми шуғли худ буданд, ки дар он дам агар касе дар болои сарашон ҳозир мегардид, пай намебурданд. Онҳо чаҳор нафар ва ғайр аз Сарвиноз ду нафарашон аз хонаводаҳои соҳибмансабон буданд, чаҳорумӣ духтари Асҷадии шоир буд. Ҳар чаҳорашон ҳам хушлиқо, баҳори умрашон дар айни шукуфоию гулафшонӣ буд. Гуландом духтари шонздаҳсолаи раиси девони рисолати шоҳ Абӯнасри Мушкон аз дугонаҳояш соҳибҷамолтару нозанинтар менамуд. Унсурӣ ба шеърхонии духтараш гӯш карда, ба ҳайрати худ донист, ки **вай достони «Зол ва Рӯдоба»-ро мехонад. Духтарак «Шоҳнома»-и Фирдавсиро бо иҷозати падараш гоҳ-гоҳ гирифта ба ҳавлии дарун бурда, бо модараш ва хоҳаронаш мехонд. Зоҳиран, порае аз он достонро рӯбардор карда гирифта будааст. Сарвиноз аз қиссаи мулоқоти пинҳонии Зол ва Рӯдоба мисраъҳои зеринро – савганди ишқу вафои ошиқонро бо як ҳасратзадагиву дилбохтагӣ мехонд** (ишора аз мост – Р.Р.) ва дугонаҳояш низ бо ҳамон кайфият гӯш мекарданд…» [16, с.187].

Дар ин ҷо Улуғзода ҳолату андешаҳои Унсуриро баён менамояд, ки ӯ дар бораи таъсири қасидаҳои худ, дар муқоисаи достонҳои Фирдавсӣ фикр мекунад. Ба ин восита нависанда таъсирбахш ва мақбул будани достонҳои «Шоҳнома»-ро нишон медиҳад: «Унсурӣ аз он гуна шавқи духтарон ба достони ишқии Фирдавсӣ мутаассир шуда ба меҳмонсаройи худ баргашт. Ба дилаш мегуфт, магар қасидаҳои ӯро бо он ҳама маъниҳои ҷамилу фикрҳои бикр ва ташбеҳоти балиғу шево, ки дар онҳост, мардумон, духтарон, ҷавонон бо ҳамин гуна шавқу ҳавас мехонанд? Оё он қасидаҳо дар эшон ҳамин навъ эҳсосот, шавқу шӯр меангезанд, ҳамин навъ мафтунию дилбохтагӣ эҷод мекунанд? На, онҳо фақат дар маҷлиси шоҳ, вазирон, аъёну ашроф хонда мешаванд ва шояд аҳёнан дар маҳфили фозилони шеърдӯст ҳам. Фозилон ва инчунин шоирон фақат барои он мехонанд, ки бубинанд шоир чӣ гуна маъниҳои борик ёфта ва чӣ санъатҳои лафзӣ ба кор бурдааст. **Аммо достони ишқиро ҳама хосу ом ба ҷон дӯст медоранд, зеро дар вай ҳаёт ҳаст, орзую омол ҳаст, иштиёқи зебоӣ ҳаст, вай аз ёд ба ёд, аз сина ба сина мегузарад, дар зеҳну фикру ҳисси хонанда ҷо мешавад, ҳаёлу андешаҳои нек пайдо мекунонад**» (ишора аз мост – Р.Р.). [16, с.189].

Достонҳои «Шоҳнома» дар байни мардум зуд паҳн шудан мегиранд. Аҳли савод баъзе аз параҳои онро бознависӣ мекаранд ва бесаводан дар маҳифҳои шоҳномахонӣ ширкат намуда, аз воқеаҳо ва ҳодисаҳои устуравӣ, афонсавӣ, ҳамосавӣ, таърихӣ ва панду андарзҳои он баҳра мебардоштанд. Дар он муддате, ки Фирдавсӣ дар Ғазнӣ буд, рӯз ба рӯз, ҳафта ба ҳафта, мардуми хосу ом ба ин шоҳасар рӯ меоварданд, ки С. Улуғзода аз он ба таври зерин ёд намудааст: «Шуҳрати «Шоҳнома» торафт меафзуд. Дӯстдорони каломи нафис, ҳавасмандони достонҳо аз шоир, агарчи барои як шаб бошад ҳам, ягон ҷилди достонҳои ӯро ба орият гирифта, дар давраҳояшон хононда мешуниданд. Рӯбардор карда бурдани баъзе қиссаҳо низ кам воқеъ намешуд. Агар дар ҷое мардумон ҳалқа гирифта ва овози қиссахоне баланд бошад, ё агар чароғи меҳмонхонае шаб то бонги хурӯсон хомӯш нашавад, мегуфтанд, ки он ҷо шоҳномахонист ва гӯянда аксар вақт хато намекард. Абӯдулафро мардум талош мекарданд: рӯзе ва шабе набуд, ки ӯро ба ду-се ҷой шоҳномахонӣ даъват накунанд» [16, с.205].

Нависанда ин суннатии мардумиро, ки тӯли садаҳо дар байни мардуми форисзабон роиҷ буд, гаштаву баргашта ёдовар мешавад. Бахилӣ, ҳасудӣ, нотавонбинӣ бештар мешуд. Иғвогарон кӯшиш менамуданд, ки бо ҳар роҳ «Шоҳнома»-и безаволро маврди танқид қарор диҳанд. Аз ин шоҳасар байтҳоеро пайдо намуда, ба таври худ, хато меҷустанд, ҳатто баъзе байтҳоро ба муқобили дину мазҳабу Худо шарҳ медоданд. Дар ин муддат Султон Маҳмуд низ аз ровии худ Абдулвоҳиди Ақилӣ хоҳиш менамояд, ки достони писандидаи ӯро хонад: «Сарзамине, ки дар вай рӯди Ҳирманд ҷорист, дар қадим Зобулистон номида мешуд.

Зобулистон ва ҳамсояи ғарбии он Систон (номи дигараш Нимрӯз) **зодгоҳи як силсила афсонаҳо, қиссаҳои романтикӣ, ривоятҳои таърихӣ, асотирӣ ва нимасотирӣ мебошанд. Ровиён, қиссагӯён аз қадимулайём достони Рустами систониро бо тарзҳои гуногун ҳикоя мекарданд** (ишора аз мост – Р.Р.). Шоҳ Маҳмуд модараш систонӣ буд, дар бачагӣ аз бобои модариаш қиссаҳо мешунид. Дар он қиссаҳо шавқу ҳаваси вай аз ҳама зиёдтар ба ҷанги тан ба тани паҳлавонон буд. Ин ҳаваси Маҳмуд дар калонсолиаш кам нашуда буд. Шояд аз ҳамин сабаб буд, ки вай аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ нахуст ба хондани қиссаи ҷанги Рустам бо Ашкабӯс майл кард. **Бо амри шоҳ қиссахони ӯ Абдулвоҳиди Ақилӣ барояш номгӯйи достонҳои размиву паҳлавонии «Шоҳнома»-ро алоҳида рӯйхат карда овард. Дар рӯйхат таваҷҷуҳи шоҳро бештар достони разми Исфандиёри Рӯйинтан бо Рустами Таҳамтан ба худ ҷалб кард** (ишора аз мост – Р.Р.). Таваҷҷуҳи хоси ӯ ба ин достон боз аз он ҷиҳат буд, ки воқеаҳои он дар мамлакати султон гузашта ва разми Рӯйинтан бо Таҳамтан дар ватани ӯ – дар Зобулистон рӯй додааст.

Султон баъд аз намози хуфтан дар қаср, дар ҳуҷраи хосса – истироҳатгоҳ ва хобгоҳи худ орамида, **ба Ақилӣ хондани достони номбурдаро фармуд. Қиссахон дар рӯшноиишамъҳо мехонду сомеъ рӯйи якчанд қабат якандозҳои атласу шоҳӣ ба лӯлаболиштҳои бахмал такя карда нишаста гӯш мекард** (ишора аз мост – Р.Р.).

Бобҳои нахустини достон – зуҳури пайғамбар Зардушт, ҳуҷуми хоқони Чину Тӯрон Арҷосп ба пойтахти шоҳ – Балх ва ғайра ба султон дарози дилгиркунанда намуданд.

– Бас аст, варақ бигардон, разми Рустам бо Исфандиёрро бихон, – фармуд вай ба Ақилӣ» [16, с.208].

Султон ҳангоми шоҳномахонии Ақилӣ, ки ба достони «Рустам ва Исфандиёр» бо диққат гӯш дод. Дар ин ҷо С. Улуғзода ғурури Исфандиёрро тасвир намудааст, ки ӯ Рустамро масхара карда, ифтихор мекунад, ки аз нажоди шоҳон аст. Ин ба Султон Маҳмуд писанд наомад. Ин лаҳзаҳоро «султон пушт аз болиштҳо канда ва чашм аз қиссахон наканда, гӯш кард» [16, с.209].

Гуфтори Фирдавсӣ дар бораи зоту насаб, султонро ба андеша мебурд, ӯ «ғарқи андеша» мешавад. Чунки «Султон Маҳмуд монанди Исфандиёр ба аслу насаби худ фахр карда наметавонист» [16, с.209]. Баъди андешаҳо дар бораи нажоди худ шоҳ боз ровиро даъват кард: «Султон боз қиссахонашро талабида фармуд, ки «Шоҳнома»-ро кобад, агар боз ҷойҳое бошанд, ки шоҳон аз нажоди худашон ёдовар мешаванд ва ғурур мекунанд, китобро оварда он ҷойҳоро барои ӯ бихонад.

Қиссахон шаби дигар баъзе саҳифаҳои китобро, ки дар онҳо ғурури зоту насаб ва инчунин мазаммати безотҳо буд, нишон карда овард ва хонд» [16, с.210].

Дар ин ҷо С. Улуғзода ёдовар мешавад, ки баъди ба ровӣ, хондани воқеаҳо дар бораи нажоди шоҳон, «дар дилаш нисбат ба «Шоҳнома» хунукӣ эҳсос кард» [16, с.210]. Ҳамчунин иғвогарони атрофи шоҳ имому шайху шоирони дарбор ҳама кӯшиш карданд, ки аз «Шоҳнома» камбудие пайдо намоянд.

Роман ба охир расидан мегирад ва ҳамоно шоҳномахонӣ бештар мешавад. Дар гӯшаи зиндагии махфӣ Фирдавсиро дӯстонаш Абӯбакри Исмоил (саҳҳоф), шоир Ҷавҳарӣ ҳамроҳӣ менамоянд. Дар ҳамон ҷо «ҳаҷвнома»-и худро дар бораи Султон Маҳмуд менависад, ки он дар ҳалқаи дӯстон бо навбат хонда мешавад [ниг.: 16, с.255-257].

Дарвоқеъ, дар замони Фирдавсӣ «Шоҳнома» зуд маврид пазириши хосу ом мегардад: «Шуҳрати «Шоҳнома» рӯзафзун буд. Достонҳои он нусхабардорӣ шуда даст ба даст мегаштанд. Шоҳбайтҳо, пандҳо, ҳикматҳои он ба ҳукми зарбулмасал даромада, мисраъҳои ҳаҷви шоҳ Маҳмуд ба забонҳо афтода буданд» [16, с.263].

Навсисандаи роман кӯшиш намудааст, ки ҳар чизе, ки дар сарчашмаҳо оида ба рӯзгор ва осори Фирдавсӣ дида мешавад, онҳоро ҳунармандона ба қалам диҳад. Фирдавсӣ барои дур будан аз иғвогарон боз ҷилои ватан мекунад. Ӯ ба самти Нишопур, Бастом, Симнон, Рай ва ба Омул пойтахти Табаристон меравад. «Шоҳнома» дар он минтақаҳо низ густариш ёфта буд. Дар назди амири Табаристон низ шоҳномахонӣ сурат гирифт, ки С. Улуғзода ин лаҳзаҳоро моҳирона тасвир карда, ба ин восита дар байни қаламрави форисзабонон вуҷуд доштани пайвандиро нишон додааст [16, с.267-268].

Навсисандаи нозукбину нозукбаён чун хати сурх то охири роман аз шоҳномахонӣ ёд менамояд, дар воқеъ дар тӯли беш аз ҳазор сол мардум дилбастаи ин суннати мардумӣ буданд. Аз гуфтори ширину гуворои ровиён лаззати маънавӣ мебурданд; андарзу устураву

афсонаву достонҳои «Шоҳнома»-ро хонда ва шунида ба миллат ва ватан меҳр мебастанд. Дар сафари Табаристон низ маҳфилҳои шоҳномахонӣ ҳамдами шоир буд: «**Дар байни мардум мафҳилҳои шоҳномахонӣ расм шуда буданд** (ишора аз мост – Р.Р.). Султон Маҳмуд бо айбмонӣ ба «Шоҳнома» ва фармони қатли шоир шуҳрату овозаи китоби ӯро бештар карда буду бас. «Шоҳнома» ба тавассути нусхабардориҳо дар саросари Аҷам интишор меёфт. То он замон ҳеч китобе ин қадар ба дили мардумон нанишаста буд» [16, с.271].

Фирдавсии нобиға охирин лаҳзаҳои умри худро мегузаронад. Ҳолати ҷонкании одам дар байни мардум расму оини худро дорад. Мардумшиносон низ дар бораи лаҳзаҳои охири умри инсон мавод гирдоврӣ намуда, пажӯҳиш намудаанд, ки он ҳолатро С. Улуғзода таъсирбахш ба қалам додааст. Аз хондани лавҳаҳои пуртаъсири охири роман хонандаи ҳассос ба ҳаяҷон меояд: «Абӯдулаф, Рустамзод, пирамард Найсонӣ, Равшан, Бобак, набераҳои шоир *(писару духтари Рустамзод ва Манижа),* ки дар хонаи шафат хомӯшу ғамнок нишаста буданд, даромада гирди бистари бемор ҳалқа заданд.

– Ман… меравам… Видоъ мекунам…– бо овози хастаи нимшунаво сухан оғоз кард Фирдавсӣ.

Манижа, писару духтари ӯ, дигар занон фиғон бардоштанд. Найсонӣ, ки ҳамчунин ашки чашмонаш ба риши сафедаш мечакид, онҳоро ором кард.

– Ба марги ман гиря накунед. Ман аз шумо… розиам…шумо ҳам аз ман…розӣ бошед… Ба ҳар кадоматон…аз ман ягон…вақт… озоре расида бошад… бубахшед… Ба ҳам… меҳрубону… ғамхор бошед… яздонпараст, беозор… бошед… Дилҳоятонро ҳамеша… аз кина, ҳасад, риё…пок доред… Ба мардумон…некӣ бикунед…» [16, с.273].

Муаллифи роман ҳолати ҷонканиро тавре ки дар байни мардум аст ва дар гузаштаҳо ҳам ҳамингуна буд ба хонанда баён намуда, ба идомаи он ба тасвири маросими мотам мепардозад. С. Улуғзода ба таври мухтасар бошад ҳам, ин лаҳзаи ҳассоси зиндагиро пуртаъсир ва монанди рӯзгори суннатии мардум ба қалам додааст. Сифатҳои неки маитро ёд карда фиғону нола кардан, марсия сароидан, аз дунболи тобут доду фарёдкунон овоз баровардан аз одат ва оинҳое аст, ки то имрӯз барҷост: «Тобутро бардоштанд, издиҳом аз қафои он сӯйи дарвозаи Разон равон гардид. Аз дарвоза баромада ба боғи шоир дохил шуданду тобутро ба айвони ҳуҷраи даруни боғ гузоштанд. Аз издиҳоми бисёрҳазора нафақат он боғи калон, балки кӯчаҳо ва майдонҳои деҳа низ пур шуда буданд. Имоми божӣ такбири намози ҷаноза оғоз кард. Қариб ним аср пеш сайри шоир дар ҷаҳони достонҳои безаволаш аз ҳамин ҳуҷра оғоз ёфта, аз ҳамин ҳуҷра вай дари он ҷаҳони аҷоибро ба рӯйи халқҳо боз карда буд, акнун дар ҳамин ҷой бо онҳо видоъ мекард. Дар боғ даҳ-дувоздаҳ марди бақувват дар зери чанор хок канданд, гӯр ба зудӣ кофта шуд. Абри борони тирамоҳӣ бар чеҳраи осмон чодари тирагун кашида, ба замин ҳамчу ашки чашми мотамзадагон қатраҳо мечаконд. Дам ба дам шамоли сард вазида якто-нимто баргҳои зарди дар шохи дарахтон мондаро меафшонд. Дар тори сафедору ар-арҳои урён зоғони сиёҳ нишаста ҷунбишу тараддуди мардумонро назора мекарданд.

Вақте ки наъши шоирро ба лаҳад мениҳоданд, фиғону нолаи хешовандон, дӯстони наздик, барзгарони шоир аз нав ба фазои боғу деҳа печид. Дар ин замон занҳо аз ҷумлаи хешовандони марҳум низ ҳангоми дафн дар сари қабри ӯ ҳозир мешуданд. Манижаи жӯлидамӯй мушт бар сари бараҳна ва тани фигораш мекӯфту фарёд мекашид, занон рӯймоли афтидаашро ба сараш партофта, ӯро оғӯш карда аз лаби гӯр ба канор кашиданӣ мешуданд, вай тан надода дод мезад:

– Во падарҷонам, қиблагоҳам, қуввати ҷону танам, аз дунёи бевафо ком ҷустеду ноком рафтед. Эй азизон, маро ҳам бо қиблагоҳам гӯронед, ман бе падарҷонам ин зиндагиро чӣ кунам?!

– Во ҳасрато, во мусибато! - навҳа меандохт Найсонӣ. – Падари суханварони Аҷам рафт, форсӣ ятим монд!

– Дод! Дод! Вай офтоби мо буд, нураш ба дилҳои мо тобон буд! – нафир мекашид дигаре.

– Вовайло, вовайло, ба маргат зиндагӣ сиёҳ пӯшид! – мегирист Алии Риёзӣ писари Муҳаммади Лашкарӣ.

– Султони шоирон рафт, мулки сухан бесарвар монд! – менолид шоире.

– Эй ҳакими ҳукамо, ба забон ой, ба ёдгори вопасин ҳикмате бигӯй, то мо бар сафҳи синаҳои фигор бинависем! – нидо меандохт яке аз мударрисони тӯсӣ.

Танини овози Абӯдулаф ба ҳаво печид, ки «Шоҳнома» дар даст шеъри устодашро қироат мекард:

Биноҳои обод гардад хароб,
Зи борону аз тобиши офтоб,
Пай афкандам аз назм кохе баланд
Ки аз боду бод наёбад газанд.
Басе ранҷ бурдам бад-ин сол сӣ,
Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ,
Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам.
Ки тухми суханро парокандаам [16, с.274-275].

Дар роман ҷасади Фирдавсиро бо шоҳномахонии ҳамин байтҳои олӣ, ки аз ҷониби Абудулафи шоҳномахону наққол сароида мешавад ба лаҳад мегузоранд. Ин аст, ки дар романи «Фирдавсӣ»-и С.Улуғзода аз аввал то охир суннати шоҳномахонӣ ба қалам дода шуда, хондани романро боз ҳам ширинтару рангинтар намудаст.

А Д А Б И Ё Т

1. Амир, С. Фирдавсӣ ва мактаби адабии Аҳмади Дониш / С. Амир. – Душанбе: Донишгоҳи дватии Тоҷикистон, 1995. – 64 с.
2. Асозода, Х. Абулқосим Фирдавсӣ дар шинохти Сотим Улуғзода / Х. Асозода. – Душанбе: Адиб, 2000. – 80 с.
3. Бақозода, С. Ҳикмати таърих ва шинохти бадеии он / С. Бақозода. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 106 с.
4. Герхардт М. Искусство повествования. Литературное исследование “1001 ночи” / М. Герхардт. Пер. с англ. А.И. Матвеева, предисл. И.М. Фильштинского. - М.: Гл. ред. восточной литературы, 1984. – 456 с.
5. Заринкӯб, А. Афсонаҳои омиёна / А. Заринкӯб // Сухан, 1333, соли 5. – №12. – С.918-926; 1334, соли 6. – №4. – С.294-300.
6. Кошифӣ, Ҳ.В. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи Мӯҳсинӣ. Рисолаи “Ҳотамия” / Ҳ.В. Кошифӣ. Таҳиякунанда ва муаллифи пешгуфтору шарҳдиҳандаи луғат Қ. Восеъ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 320 с.
7. Лорд, А.Б. Сказитель / А.Б. Лорд. Пер. с анг. и коммент. Ю.А. Клейнера и Г.А. Левинтона. Послесл. Б.Н. Путилова. Статьи А.И. Зайцква, Ю.А. Клейнера. - М.: Изд-во фирма “Восточная литература” РАН, 1994. – 369 с.
8. Матвеева, Р.П. Творчество сибирского сказителя Е.И. Сороковикова-Магая / Р.П. Матвеева. – Новосибирск, 1976. – 187 с.
9. Муллоаҳмад, М. Паёми ахлоқии Фирдавсӣ / М. Муллоаҳмад. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 256 с.
10. Мусулмониён, Р. Дар боғи Фирдавсӣ / Р. Мусулмониён // Эъҷози ҳунар / Б. Худойдодов, Р. Мусулмонқулов, Л. Демидчик ва дигарон. – Душанбе: Адиб, 1992. – С.141-291
11. Померанцева Э.В. Писатели и сказочники / Э.В. Померанцева. – М.: Советский писатель, 1988. – 360 с.
12. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор / Э. Раҳмон. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016. – 364 с.
13. Раҳмонӣ, Р. «Шоҳнома» дар байни тоҷикон / Р. Раҳмонӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – 400 с.
14. Рачабӣ, М. Сотим Улуғзода – абармарди набард ва андеша / М. Рачабӣ. – Душанбе: Деваштич, 2004. – 172 с.
15. Улуғзода, С. Субҳи ҷавонии мо (повест) / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 336 с.
16. Улуғзода, С. Фирдавсӣ (Роман) / С. Улуғзода. – Душанбе, 2014. – 280 с.
17. Фароҳӣ, М.Б. Маҳбуб-ул-қулуб. Китоби якум / М.Б. Фароҳӣ. Мураттиб ва муаллифи сарсухан Абӯбакр Зуҳуриддинов. – Душанбе: Дониш, 1975. – 336 с.
18. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. Ҷ.1. / А. Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 480 с.
19. Шарифзода, Х. «Шоҳнома» ва шеъри замони Фирдавсӣ / Х. Шарифзода. – Душанбе: ҶДММ «Андалеб Р», 2014. – 400 с.
20. Шарифов, Х. Достони Фирдавсии шоир / Х. Шарифов // Озодагон ва умедворон / Х. Шарифов. – Душанбе: Сино, 2001. – С.136-150.
21. Эмомалӣ, С. Тасвири муҳити хонавода ва манзараи табиат дар насри Сотим Улуғзода / С. Эмомалӣ. – Душанбе: Сино, 2015. – 100 с.
22. Эмомалӣ, С. Таҷассуми таърих дар насри Сотим Улуғзода (Соҳои 60-80-уми асри ХХ) / С. Эмомалӣ. – Душанбе: МДМТ, 2020. – 238 с.

НИШОНАҲОИ ФОЛКЛОРӢ ВА ЭТНОГРАФӢ ДАР РОМАНИ «ФИРДАВСӢ»-И С.УЛУҒЗОДА

Адиб (шоир, нависанда, драматург) хоҳу нохоҳ дар асараш чи манзуму чи мансуру чи намоишӣ ба маводи фолклорӣ ва этнографӣ такя менамояд. Ба кор бурдани фолклор ва фарҳанги суннатӣ ба истеъдод, ҷаҳонбинӣ, мушоҳида, ҳофиза ва таҷрибаи адиб вобаста аст. С. Улуғзода аз он нависандагоне аст, ки дар ҳамаи асарҳояш, аз ҷумла дар романи «Фирдавсӣ», аз унсурҳои фолклорӣ ва фарҳанги суннатӣ, дар мавридҳои лозим, дар асоси маводи сарчашмаҳо истифода намудааст. Дар роман суннати «шоҳномахонӣ» аз авал то охир чун хатти сурх тасвир шуда, ба ин восита нависанда дар гузаштаҳо, дар байни мардум, маъмулу машҳур будани ин суннатӣ мардумиро таъкид менамояд. Ҳамчунин адиб дар роман лаҳзаҳоеро аз маросимҳо, оинҳои замони шоир ва ҳам тасвирҳои худи «Шоҳнома» ба мисли маҳфилҳои шоҳномахонӣ, базм,

шабнишинӣ, мотам, меҳмоннавозӣ, мушоира, одоби муошират, ҳунарҳои мардумӣ ва ғайраро моҳирона тасвир намудааст. Дар мақола роҷеъ ба ин нуктаҳо бо мисолҳо изҳори назар шудааст.

Калидвожаҳо: С.Улуғзода, романи «Фирдавсӣ», фолклор, суннатҳои мардумӣ, шоҳномахонӣ, маросим, хусусиятҳои этнографӣ, пажӯҳиш.

ЭЛЕМЕНТЫ ФОЛЬКЛОРА И ЭТНОГРАФИИ В РОМАНЕ «ФИРДОУСИ» С. УЛУГЗАДЕ

Любой писатель (поэт, драматург) независимо от вида и жанра своего произведения пользуется фольклорными и этнографическими материалами. Умелое использование фольклора и традиционной культуры зависит от таланта, мировоззрения, наблюдений, памяти и практики писателя. С.Улугзаде является одним из тех писателей, которые во всех своих произведениях осознанно используют элементы фольклора и традиционной культуры, основываясь на материалах достоверных источников. Роман «Фирдоуси» тоже не исключение из этого перечня. Во всем романе красной нитью проходит изображение традиции «чтение Шахнаме» и писатель таким образом акцентирует внимание читателя на важности данной традиции среди народов тех времён. В романе автор в контексте традиционной культуры использует такие жанры фольклора, как сказка, предание, молитва, пословица, элегия, тост и т.д. как художественного изображения. Также автор искусно изображает некоторые обычаи времён поэта, например: кружки чтения «Шахнаме», званые ужины, паломничество, свадьбы, игры, строительство, каллиграфия, культурные вечера, траур, гостеприимство, поэтические турниры, пожертвования, сны, этикет, народные ремесла и др. этнографические особенности. Статья рассматривает вышеуказанные темы, анализируя ряд примеров.

Ключевые слова: С. Улугзаде, роман «Фирдауси», фольклор, традиционная культура, обычаи, этнографические особенности, анализ.

ELEMENTS OF FOLKLORE AND ETHNOGRAPHIC IN THE NOVEL «FERDOWSI» BY S. ULUGHZODA

Any writer (poet, playwright), regardless of the type and genre of his work, will use folklore and ethnographic materials. Skillful use of folklore and traditional culture depends on the talent, worldview, observation, memory and practice of the writer. S. Ulughzoda is one of those writers who consciously use elements of folklore and traditional culture in all their works, based on materials from reliable sources. The novel «Ferdowsi» is also no exception to this list. Throughout the novel, the image of the tradition of «reading the Shahnameh» runs like a red thread, and the writer thus draws the reader's attention to the importance of this tradition among the peoples of those times. In the novel, the author, in the context of traditional culture, uses such genres of folklore as a fairy tale, legend, prayer, proverb, elegy, toast, etc. as a method of artistic depiction. Also, the author skillfully depicts some of the customs of the times of the poet, for example: reading circles of «Shahnameh», dinner parties, pilgrimages, weddings, games, construction, calligraphy, cultural evenings, mourning, hospitality, poetry tournaments, donations, dreams, communication culture, folk crafts and other ethnographic features. The article discusses the above topics by analyzing a number of examples.

Key words: S. Ulughzoda, novel "Ferdowsi", folklore, traditional culture, customs, ethnographic features, analysis.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Равшан Рахмони*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **ravrahmon@mail.ru**

Сведение об авторе: ***Равшан Рахмони*** – Таджикский национальный университет, профессор кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **ravrahmon@mail.ru**

Information about the author: ***Равшан Рахмони*** – Tajik National University, Professor of the department of the theory of the newest Tajik-Persian literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **ravrahmon@mail.ru**

УДК: 891.550

МУҲОҶИРАТ ВА ОФАРИНИШ

(бозтоби ҳиҷрат дар ашъори Сиёвуши Касроӣ)

Сафаров У.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳиҷрат падидаест бархоста аз ҷомеаи инсонӣ, пешинаи тулонӣ. Аз сӯйи дигар раванди зуҳуру шаклгирии он дар ҳар кишваре шохисҳову барҷастагиҳои хосе дорад, ки омӯзишу таҳқиқаш мавзӯи ҷудогонаест. Тибқи пажӯҳишҳои анҷомшуда пажӯҳиши ҳадафмандонаи масоили ҳиҷрат ба таври расмӣ нимаи дуюми қарни IX оғоз мегардад. Қазия аз ин қарор аст, ки маҳз дар ҳамин даврон дар ағлаби кишварҳо кӯч бастани иддаи зиёди мардум ба хотири идомати зист дар дигар сарзаминҳои мусоид барои кору зиндагӣ оғоз мегардад. Пажӯҳишҳои мавҷуд гувоҳ бар он аст, ки муҳаққиқон бар ду мавзуи меҳварӣ такявар будаанд. Бархе аз пажӯҳишгарон атрофи масъалаи кӯчбандии ҷамъият ба манотиқи камҷамъият таҳқиқ кардаанд. Гурӯҳи дигар бошад, ба ин масъала ҳамчун падидаи истеъморӣ бархурд намудаанд.

Яке аз муҳаққиқони рус А.А. Кауфман зимни роҳёфтҳои искони муҷаҳҳаз ё кӯчбандӣ таъкид намуда, ки истеъмор яке аз шеваҳои рушду боландагии инсоният, густаришдиҳандаи фарҳангу тамаддун дар саросари гетӣ маҳсуб мешавад [3].

Қобили зикр аст, ки ағлаби пажӯҳишгарони тоинқилобӣ муътақид буданд, ки кучбандӣ, муҳоҷират аз як макон ба макони дигар амали хусусӣ, фардӣ аст, дар ҳоле ки истеъмор як иқдоми давлатӣ маҳсуб мешавад [3].

Албатта, мавзуи ёдшуда доманаи фарохе дорад, ки аз ҳавсалаи ин мухтасар берун аст. Мо дар ин мақола атрофи таъсири падидаи муҳоҷират амри эҷоду офариниш, зиндагии як ҳунарманд мепардозем. Набояд фаромӯш намуд, ки ҳиҷрати як ҳунарманд, як адиб агар ҳиҷрати иҷборӣ бошад, дар қиёс бо муҳоҷирати афроди маъмулӣ нисбат ба муштаракот, ҷавониби зиёди мутафовит дорад. Тавре ки маълум аст, мавҷи муҳоҷиратҳои иҷборӣ аксар бар асари низоъ ва муноқишоти сиёсӣ, таҳаввулу инқилобҳо сурат мегиранд.

Муҳоҷиратҳое, ки барои ҳамеша ҳунармандро аз ватану зистубумаш ҷудо месозанд. Ба навиштаи муҳаққиқон муҳоҷироне, ки зиндагии халлоқона доранд маъмулан дар ғурбат зиндагиашон фарогири ҷанбаҳои зерин аст: «Вижагии носталжик – яъне ҳифзу нигаҳдошти расму сунани кишвари матрук; вижагии ҷаҳонватанӣ, яъне хешро шаҳрванди ҷаҳон донистан ва дарку пазириши шохисҳои тамаддуни қарни XX; вижагии интибоқӣ, яъне созгории инъитофпазир ва воқеияти тозаи меҳани ҷадид» [3, с.122].

Ҳамон гуна ки равшан аст, вуқуи Инқилоби исломӣ дар даҳаи ҳафтодуми қарни сипаришуда муҷиби он гардид, ки теъдоди зиёди шоирону аҳли илму ҳунар бо далоили мухталиф, носозгорӣ бо режим, эҳсоси ноамнӣ хоки Эронро барои ҳамеша тарк гуфтанд. Яке аз эшон шоири гаронмоя, адиби мубориз Сиёвуши Касроӣ буд.

Сиёвуши Касроӣ соли 1926 мелодӣ дар Теҳрон по ба арсаи вуҷуд гузошт. Нахуст сурудаҳои ӯ аз оғози солҳои панҷоҳуми қарни гузашта дар матбуоти Эрон мунташир мегардид. С.Касроӣ аз пайравони сарсахти мактаби Нимо Юшиҷ ва аз шогирдони баргузидаи ӯ буд. Ӯ маҷмуаҳои пуршуморе дар дохилу хориҷӣ Эрон нашр намуда, ки намунааш ба шарҳи зер аст: «Ово» (1958), «Хуни Сиёвуш» (1963), «Сангу шабнам» (1965), «Бо Дамованди хомӯш» (1966), «Ба сурхӣ оташ, ба таъм дуд» (1976), «Аз қуруқ то хурӯсхон» (1978), «Амрико! Амрико!» (1979), «Тарошаҳои табар» (1984) ва ғайра. С.Касроӣ ба ҷуз ин ду манзума бо шеваи нимоӣ суруда, ки нахустин «Ораши камонгар» (1958) ва манзумаи дуюм «Муҳраи сурх» ки соли 1996 дар Австрия ба табъ расида аст.

С.Касроӣ мутааллиқ ба мактаби ҷадиди форсӣ ва намояндаи насле аст, ки шеъри форсиро доману вусъати бештар бахшидаанд. Касроӣ ва шоирони ҳамасри ӯ баъд аз Нимо тавонистанд дар майдони адабиёти муосири Эрон нисбат ба устоди худ Нимо пой фарохтар биниҳанд ва соҳиби сабку услуби хосси худ гардиданд. Нигоҳи насли Касроӣ ба шеър дигаргуна аст. Ба қавли шоир шеър барои вай мояи тафаннун нест, балки аслиҳаест, ки бо он мубориза мекунад. Перомуни шеъру масири эҷодии вай адабиётшиносону мунтақидони зиёде изҳори назар намудаанд, ки ба бархе аз онҳо ишорат мешавад. Эҳсон Табарӣ муҳаққиқу мунтақиди адабӣ изҳор дошта, ки «шеъри Касроӣ аз ду сарчашмаи зулол моя

гирифтааст. Аз сарчашмаи адаби классикии Эрон бо он ҳама дастовардҳои аъҷобангезаш аз ҷиҳати лафзу маънӣ, шаклу мазмун ва низ аз сарчашмаи адаби ҷаҳонӣ, ки эрониён бавижа тайи садаи бистум ошноии фаровоне ёфта ва дар таъсири он дар суннати шеъри форсӣ дигаргуниҳои бисёр падид ованд» [12, с.3].

Касроӣ дар давроне, ки аз тарафи режими дастандаркори вақт мамнуъқалам буд, дар хориҷи Эрон маҷмӯаи «Ба сурхӣ оташ, ба таъм дуд»-ро бо номи мустаори Шубони Бузургмеҳр интишор дод. Муқаддимаи маҷмуаи мазкур низ ба қалами Эҳсон Табарӣ маҳсуб аст. Муаллиф дар чаҳорчӯби ин муқаддима муҳимтарин вижагиҳову ҷузъиёти шеъри Касроиро бозгӯ кардааст. Ба андешаи мавсуф шеъри муосири форсӣ, аз ҷумла шеъри Касроӣ, аз дидгоҳи самтҳои такомулии худ, ба вижа дар ду густура рушд ёфтааст: «Яке аз ҷиҳати даст ёфтан ба биниши тозаи шоирона, истиораҳо, ташбеҳҳо, чеҳраҳои ҳунарии нав дар чаҳорчӯби ашколу авзони бесобиқа, дар ин сӯву он сӯйи классик, дигаре аз ҷиҳати мазмуни иҷтимоӣ ва ба вижа пазириши нақши басиҷгари иҷтимоиву таърихӣ ва қабули масъулияти хеш дар баробари меҳану мардумаш» [2, с.4].

Муҳаққиқи номвар А.Дастғайб низ дар чанд асару мақолоти арзишманди хеш ба нақду баррасии ҷанбаҳои гуногуни шеъру ҳунари шоирии С.Касроӣ пардохта аст. Аз ҷумла дар мақолаи «Нағмаҳои диловези шоири навпардоз» зимни таҳлилу баррасии ашъори шоирони навпардоз вижагиҳои шеъри С.Касроиро низ зикр намуда, чунин менигорад: «Касроӣ, ки дар қудрати тахайюл бемонанду мумтоз аст, ба қоидаи аслии зебошиносӣ, ваҳдати ҳунару ҳунарманд, мабнӣ бар ин ки ҳунарманд мебояд, ки воқеият ба забони ӯ ҳарф бизанад, вафодор монда ва дар он мекӯшад, ки шахсияту таманниёти ӯ монеи инъикоси воқеият набошад» [6, с.40].

Муҳаққиқи номдори муосири Комёр Обидӣ, ки нақди муфассале перомуни зиндагӣ ва осори С.Касроӣ анҷом дода, ба ҷанбаи инсонии шеъри шоир таваҷҷуҳи хос доштааст. Мазкур таъкид менамояд, ки яке аз дағдағаҳои Касроӣ дар бештари лаҳзаҳои шеъраш инсон аст. Ӯ шоире аст, ки: «Бо вуҷуди андешаҳо ва шикастҳои гаҳ-гоҳ бо имону шӯр зиндагиро дармеёбад. Бо шеъре, ки албатта ин ҳисси фарогирро аз худ метаровонад» [7, с.220].

Касроӣ дар ашъораш инсонро дар ҳолату мавқеиятҳои мухталифи зиндагӣ мувофиқи завку салиқаи худ ва муҳимтар аз ҳама дар қолабҳои ҷадиди шеър, ки зоидаи зеҳни халлоқи ӯ матлубу муҳтавоянд, тасвир мекунад. Ӯ гоҳо аз инсони мубориз сухан мегӯяд, гоҳо даст ба домани синаи таърихӣ мезанад. Гӯшаҳое аз зиндагии коргару инсони кишоварз низ аз мадди назари ӯ дур намемонад. Махсусан тасвири ҳолатҳои равонии инсонҳо, ғаму андуҳ, шодиву сурур, мотаму азо, тарзи майишати инсонҳо аз маҳорату чирадастии ӯ дарак медиҳад. Шеъри С.Касроӣ дар Тоҷикистон низ маҳбубияти хоса дорад. Соли 1989 баргузидаи ашъори ӯ бо саъю эҳтимоми ховаршиноси тоҷик шодравон Ф.Наҷмонов ба нашр расид [2].

Соли 1996 бошад асари таҳқиқии муаллифи ин сатрҳо бо номи «Сиёвуши Касроӣ ва шеъри нави форсӣ» дар Душанбе ба табъ расид [4].

Шумори ноқидони осори ӯ сол ба сол афзунӣ пайдо мекунад, ки аз зикри номи эшон сарфи назар мешавад. Танҳо таъкиди як нукта номуносиб нест, ки дар нақдҳои мавҷуд ба зиндагии С.Касроӣ дар муҳоҷират камтар таваҷҷуҳ шудааст. Бозтоби ин мавзуъ дар вопасин сурудаҳои ӯ, ки бо номи «Ҳавои офтоб», пас аз маргаш ба нашр расид, бисёр барҷаставу шохис аст.

Масъалаи ғурбату муҳоҷират дар шеъри С.Касроӣ барои нахустин бор дар маҷмуаи «Ёди он ғариб» ба гунаи фишурда мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст [4].

Оғози ҳиҷрат. Соли 1983 мелодӣ, бар асари муташанниҷ гаштани авзои сиёсии кишвар ва бо эҳсоси хатдору ноамнӣ Эронро тарк намуд ва ба Кобул ҳиҷрат кард. Як даврони баланди сарсониву парешонӣ барои шоиру хонаводааш оғоз гардид. Сездаҳ соли поёнии зиндагии Сиёвуши Касроӣ дар хориҷ аз меҳанаш сипарӣ шуд. Аммо ӯ ҳеҷ гоҳ нахост ва натавонист ҳавое ҷуз ҳавои Эрону офтобе ҷуз офтоби ватан орзу кунад. Розу ниёзҳои ӯ бо забони шеър дарвоқеъ замзамаҳоест дар андуҳи фироқ аз Эрону ёрони дерин ва забони форсӣ.

Ашъори С.Касроиро дар заминаи муҳоҷирату ғурбат метавон ба ду қисмат ҷудо намуд. Бахши аввал сурудаҳое мебошанд, ки қабл аз тарки меҳан дар Эрон эҷод шудаанд. Дар матни ин даста аз шеърҳо мо ҳолати руҳиву равонии шоирро, ки саршори изтиробу нигаронӣ аст, эҳсос мекунем.

Нахустин шеъре, ки аз муҳоҷирати зудҳангоми шоир башорат медиҳад «Баргҳои пойизӣ» аст, ки озармоҳи 1361 (1982) дар Теҳрон нигошта шудааст. Шеъри мазкур як навъ тааммулу андешаи шоирона дар атрофи масири зиндагӣ аст, ки ба нуктаи буҳронии худ расида аст. Қаҳрамони шеър умри хешро дар домани ватан поёнёфта мебинад. Масири зиндагӣ, асбобу абзори муборизаашро дар пардаи зеҳн барандоз менамояд:

Ғуруб мерасад/ Ғуруби ман ҳам/ Ба чаҳчаҳо дар гӯшам мепечад.

Меандешам/ Ба авроқи сиёҳмашқҳо/Ба номаҳову номаҳои ошиқона/Ба китобҳову китобҳои мамнуъ/Ба парвандаҳои СОВОК/Ба дафтарҳои шеър, хитобаҳои рӯзномаҳо/Ба саҳафоти таърих/Ва ин баргҳои пойизӣ/Ки зери поҳоям хурд мешавад [11, с.22].

С. Касроӣ барои муҳоҷират нахуст Афғонистонро интихоб намуд ва ҳудуди 6 сол дар Кобул зист. Нахустин сурудаи ӯ дар пайванд бо масъалаи муҳоҷирату ҳачр ғазали такондиҳандаи «Мо бар мегардем» мебошад, ки меҳрмоҳи 1362 (1983) эҷод шудааст. Аз мурури абёти шеъри мазкур ҳувайдост, ки шоир аз дурии меҳан ранҷ мекашад, вале умедвор аст, бовар дорад, ки рӯзе фаро мерасад, ки ӯ боз ба зодгоҳи хеш бармегардад. Сарнавишт чунин буда, ки муддате дар паҳнои ҷаҳон дарбадар буд, вале оқибат ба меҳан бозпас хоҳем омад.

Мо рӯзе ошиқона бармегардем
Бар дарди фироқ чорагар мегардем.
Аз по нафитодаему то сар дорем,
Дар гирди ҷаҳон ба дарди сар мегардем…
Аз рафтану бедруд сухан соз макун,
Эй хуб! бигӯ, бигӯ, ки бармегардем. [11, с.5].

Як муҳаққиқи рус зимни таҳқиқу арзёбии рӯзгори шоирони муҳоҷири рус дар ғурбат андешаи ҷолиберо хотирнишон месозад. Ба андешаи мавсуф зарфияти фарҳангии муҳоҷират бисёр бузург аст. Офаридаҳои як ҳунарманд вижагии хос дорад. Муҳоҷир мардум дар офаридаҳои хеш ҳамеша нозири меҳани хеш аст. Ӯ меҳанро аз дохилу хориҷ тасаввуру қиёс менамояд. «Шоирони зиёде дар ҳичрат дур аз ватан даргузаштанд. Орзуи бузурги эшон «Замоне ки боз мегардам» бароварда нашуд (ё шояд пас аз марг бо офаридаҳои хеш ба меҳан бозгаштанд). Дар ин миён муҳим ин аст, ки ағлаби муҳоҷирон ҳамеша бо умеди бозгашт умри хешро ба сар бурданд… Андешаи муҳоҷир, офаридаҳои ӯ мисли гарди гул ҳастанд, ки бо болҳои нозуки занбурҳо ба фосилаҳои дуродур пароканда мешавад (китобҳо, наққошиҳо, осори мусиқӣ) ва фарҳанги худиву бегонаро борвар месозад» [1, с.124].

Воқеияти ин андешаро мо дар сурудаи боло шоҳидем.

Ба назар чунин мерасад, ки С.Касроӣ аз ибтидои даврони ғурбат, бо гунае ба офариниши муҷассамаи ростини як муҳоҷир, як марди ғариби дурафтода аз ёру диёр шуруъ мекунад. Эҳсоси набуди фазои боз, ҳавои меҳан, табиати руҳбахшу ҷонпарвари зодубум зеҳни халлоқи ӯро музтарибу ошуфта месозад. Шеърҳои соли нахустини ғурбат ҳолати равонӣ, вазъи сангину ғамгини шоирро, ки ҳамеша зеҳну ҳушаш сӯйи меҳан аст, муҷассам месозад. Дар қитъаи «Чашм ба роҳ» аз сурхгул, гули сурӣ, навиди баҳору зебоӣ ёд мекунад, ки замоне шукуфону атрпароканияшро ба тамошо менишаст. Шоир зиндагии хешро, ки як замоне шодобиву нишоти нерузоӣ дошт бо гули сурх ташбеҳ месозад, ки дигар дар ғурбат он рангу атрро надорад:

Сурхгул имсол
Беҳуда ба шохсор чашм ба роҳ аст,
Беҳуда сар мекашад ба хомӯшии боғ,
Беҳуда дил медиҳад ба қосидаки бод
Бар лаби боди вазанда оташи оҳ аст.
Сурхгул имсол,
Ранг паридаст
Ҷома даридаст
Музтариби хуни тапидагон сапед аст.
Фоҷеаро бо даҳони баста гувоҳ аст [11, с.29].

Дарду ранҷи ғурбат бо гузаштани замон дар зеҳну бандобанди ҷисму ҷони шоир чанг мезад. Касроӣ чи зевбову шоирона, ғамгину такондиҳанда конуни ғурбату шоми ғарибона ва равони ҷонсӯзи хешро тарсим мекунад. Дар шеъри «Дар ман касе» нахуст аз асбобу

абзори макони ғарибонаву андуҳбори хеш, ки шамъу чароғе беш надорад, зикри ном мекунад:

Танги ғуруб аст,
Дар хона шамъеву чароғе ё садое нест, аммо
Дар ман касе мегиряд ин ҷо.

Дар чунин фазои ғамбору тазъинкунанда як муҳоҷири дамсӯхта чи метавонад бикунад, ба ҷуз назораи дороии хона, ки ҳар шайъаш беруҳу сард аст. Ҳатто аксҳои овезон ба девор бемору парешон ба назар мерасанд. Бо гузашти ҳар лаҳзае ба дарди вай афзуда мешавад. Орзуи бозгашт ба меҳанро дурӣ аз ёронро муҳол мебинад ва дардаш ба марзи фарёд мерасад:

Дур аст аз ман орзу дур,
Дер аст бар ман зиндагӣ, дер
Дилтанг аз ин дуриву дериву тамошо
Дар ман касе хомӯш мегиряд дар инҷо [11, с.20].

Гуфтем даврони аввали муҳоҷирати шоир дар Афғонистон шуруъ мешавад. Миёни мардуме, ки бо эрониён муштаракоти фаровони таърихӣ, забонӣ, фарҳангӣ, расму русуми ягона, ҷуғрофиёи муштараки таърихӣ доранд, вале ранҷи беватанӣ, ҳичрат, гирифтории Эрон ӯро ором намегузорад. Ватан бо ҳамаи вусъату доманааш тика- тика дар шеъри ӯ бозофаринӣ мешавад. Шоир хешро дар домани пойиз, дар қафас эҳсос мекунад ва дар зеҳнаш баҳоре ба худ месозад. Орзуманди он аст, ки рӯзе бирасад ва меҳанаш аз банду асорат раҳо гардадва ӯ ба «ин сарои баставу хомӯш» озод шавад:

Ин ҷо сарои баставу хомӯш аст,
Аммо
Дар тан парандаест, ки озодии туро
Якрез дар таронааш овоз мекунад
Пойизи қалбҳост,
Аммо дилам ба ҳавсаламандӣ дар ин ҳаво
Парвардани баҳори дигар соз мекунад [11, с.21].

С.Касроӣ аз сарчашмаи зулоли шеъри классик баҳраҳои фаровон ахз намуда. Дар девони ӯ ашъори зиёде ба чашм мерасад, ки бо таъсирпазирӣ аз шеъри шоирони пешин суруда шудаанд. Ӯ бештар аз шоироне мисли Ҳофизу Мавлоно таъсир пазируфтааст. Масалан бар ҳавои ғазали «Дуди пароканда шудам»-и Мавлоно қитъашеъре дорад, ки аз ҳар зовия ҷалби таваҷҷуҳ менамояд. Қитъаи мазкур зери унвони «Саргузашт» соли 1995 мелодӣ дар Кобул иншо шуда. Дар маънии ин шеър Касроӣ бо чирадастии мунҳасир ба фард давраи камолу шаклгирии шахсияти хешро бо таъбироту ташбеҳоти ҷаззобу кашанда тарсим намудааст. Бо мурури ин қитъа мо даврони тифлӣ, навҷавонӣ, зеҳнияти ҷаҳоннигарии ӯро, дарку тасаввураш ва тавақуашро аз зиндагӣ ба тамошо менишинем, то ин ки даврони муҳоҷират саргардониву парешонии рӯзгори ӯ оғоз мешавад. Барои бозтоби ин даврон шоир аз сурати дуд, ки нумоди нобасомониву парешонӣ аст суд мечӯяд:

Оҳ аз ин теша маро,
Канд зи ман реша маро,
Кандаму афрухт маро.
Сӯхт маро, сӯхт маро.
Канда шудам, канда шудам,
Оташи афканда шудам.
Дар ҳама офоқи ҷаҳон,
Дуди пароканда шудам [11, с.38-39].

Шеъри «Мо муҳоҷирон» низ аз сурудаҳои ҷаззоби шоир ба шумор меравад, ки соли 1985 дар Кобул эҷод шудааст. Дарунмояи ин шеър бозтоби дардангези замона ҷилваи ватан намудан ва ибрози пушаймониву надомат аз хатову иштибоҳот рафта аст. Ҳичрат ва созу барги он барои шоир бо гузашт ба ҳар банде таъкид меварзад, ки дар сангинтарин лаҳазоти умр эшон бо ватану бо ёди ватан будаанд.

Бо убур аз хатти вайронаи марзи ту ватан,
Мо ба ҷуғрофии ҷон вусъати дунё додем.
Хайли дурноҳо будему ба як сайри баланд
Тани овора ба торикии шабҳо додем.

Дар сатрҳои поёнии шеъри мазкур шоир иброз медорад, ки рӯзе зебову хостанӣ фаро хоҳад расид, ки онҳо муждафишон боз хоҳанд гашт.

Месароем суруде, ки зи хун бол гирифт,
Мерасонем паёми ту ба ушшоқи ҷаҳон.
То ба як рӯз яке рӯз ба зебоии васл,
Боз гардем ба сӯйи ту ҳама муждафишон [11, с.51].

Моҳҳои поёнии соли 1985 С.Касроӣ дар Москав пойтахти собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ паноҳанда мешавад. Замони иқомат дар Москав С.Касроӣ чанд шеъре бо дарду мояҳои ғурбату ҳичрат эҷод намуда, ки ба бархе аз онҳо ишорат мешавад. Мурури ашъори шоир дар Москав нишонгари вусъату доманаи сангини ранҷу шиканҷаи ғарибии шоир аст. С.Касроӣ шеъре дорад мавсум ба «Дарахт, оҳу, ситора». Шеъре, ки дар қабл мо бо марде ғарибу дилшикаста, ҷудошуда аз решвау бун, ноумед афсурда рӯ ба рӯ мешавем:

Ман он дашти
бадсаргузаштам
ки як шаб
ба бегоҳ
гум карда
оҳуи дилҷӯ
Ман оҳуи
раҳпӯйи
бебозгаштам
ки дар хоб бинад
баҳорона
дашти
гулбу.
Манам ахтари дурдасте, ки фонуси чашмонаш афтода аз сӯ
Намебинад афсӯс дигар на дашту на оҳу [11, с.61].

Дар пайванд бо қитъаи мазкур бояд ба нақши се калима «дарахт, оҳу, ситора» ва пайванди маънавии онҳо бо муҳтаво арзиш қоил шуд. Аммо қабл аз ин бамаврид аст аз як андешаи судманди А.Шомлу довар шавем. Номбурда перомуни шеваҳои корбурди вожагон дар шеър чунин менависад: «Калима ҳам дар назм ва ҳам дар наср иброз аст. Аммо дар наср иброз иртибот аст. Дар шеър ибрози интиқол, яъне дар гуфтор ва ҳатто дар наср мухотаб вуҷуд дорад. Яъне, ӯро касб мекунад ва хитоб ба ӯ сухан мегӯяд, то иртибот барқарор кунанд. Ағлаб интизори посух ё навъи посух доранд. Дар ҳолате, ки дар шеър мухотаб мақсуд нест. Шоир танҳо восита аст, то чизеро аз «нокуҷо» то «куҷо» интиқол диҳад. Дар ин ҷо калима худ тасмим мегирад ва изҳори вуҷуд мекунад ва дигар дар ихтиёри шоир нест [8, с.128].

Шеъри мазкур дар баҳри мутақориб навишта шуда, вале шеъри нимоист. Шумораи фоилҳо дар мисраъҳо фарқ мекунад. Дувум ин ки ҳамнишинии вожагон дар шеър ба шакли зинаӣ мебошад ва ин шакл дар навбати худ як фазои хосеро эҷод мекунад, ки дар конуни он ҳузури шоир эҳсос мешавад. Баъд аз ҳар як калима ҳолати мавҷуди равонӣ гӯё пурангтару шадидтар мешавад. Анҷоми ҳар мисраъ як таваққуфи ониро тақозо дорад ва зимни ин таваққуф гӯё ровӣ ё шоир масири зиндагии хешро хаёлан барандоз мекунад ва зеҳнашро барои паймоиши масофати баъдӣ омода месозад.

Дар маҷмуъ дар қитъаи мазкур ҳолати сангини равонии шоир мунъакис гаштааст.

С.Касроӣ соли 1989 барои кӯтоҳмуддате ба Боку пойтахти Озарбойҷон мусофират мекунад. Зимни ин мусофират шеъри баланди «Аз ин сӯ бо Хазар»-ро менависад, ки қитъаи такондиҳанда аст. Инҷониб соли 1990 дар Москав бо шоир дидоре доштам. Пас аз дидори кутоҳ шоир дастнависи шеъри мазкурро ба ман дод ва иброз дошт, ки то ҳол ҷое нашр нашуда ва ҳосили тамошои ҳасратолӯди ӯ аз соҳили дарёи Хазар ба Эрон аст.

Ҷанбаи отифӣ - ҳиссии шеър ба андозае аст, ки ҳар хонандаро таҳти таъсир қарор медиҳад. Шоири ғариб дар Боку аз соҳили баҳри Хазар замони тӯлонӣ вусъати Хазару Эронро назора месозад. Хазар ҳам мисли шоир сарупо асири ғаму андуҳ аст. Ягона мавҷудаст, ки бузургии дарди шоирро эҳсос менамояд. Ба ғами ӯ шарик мешавад. Хомӯшвор «орому бе калом» бо чераи гирифтаву «абрӣ» шоирро ҳамроҳӣ мекунад. Аз сӯйи дигар ӯ дар симои Хазар, Эрон, меҳанашро мебинад:

Дарё! дубора дидамат, орому бекалом,
Дилтангу талхком
Дар ҷомаи кабуд саропо нигоҳу бас.
Абрист чашми ту
Абрист рӯйи ту
То жарфнои хотири ту абрист.
Хуршед гӯёё
Дар умқи обҳои ту мадфун аст.
Аммо ба ҳар даме ки чу солест даргузар
Ман офтоби толеъ
Ман осмони сабзи туро мекунам ҳавас! [9, с.125].

Шоири ғариб ба мусоҳиби «хомӯшу абрӣ»-и хеш хира мешавад ва дардаш фузуда мешавад. Тавақуи ӯ аз мавҷҳои ин дарёи бекароне, ки ӯро аз сарзаминаш ҷудо месозад шамидани атру бӯе аз ин «хонаву кошона»-и падарӣ аст. Мехоҳад бо амвоҷи ин дарёи пурдомана аз ранҷу азобҳои руҳии хеш, аз бетобиҳои рӯзгори ғурбат ба пайвандону ёрон паёме бифиристад: Орзу дорад, дарё бо ӯ сухан бигӯяд, «гарди ғурбат» аз рухсори ӯ бишӯяд:

Мавҷат куҷост, то ба шиканҳои кокулаш
Атре зи хоку хонаи худ ҷустуҷӯ кунам.
Мавҷат куҷост, то ки паёме ба сидқи дил
Бар сокинони соҳили дигар
Ҳамроҳи ӯ кунам.
К-ин ҷо ғарибмонда, пароканда хотирест,
Дилбастаи Шумову ба умеди ҳеҷ кас,
Дарё! матоб рӯй,
Бо ман сухан бигӯй
Ту модари манӣ ба муҳаббат маро бибӯй.
Гарди ғарибӣ аз сару рухсори ман бишӯй [9, с.125].

С.Касроӣ яке аз муборизони роҳи озодї буд, ки то охирин нафас дар роҳи баргузидаи хеш содиќ монд. Дар адабиёти таҳқиқотӣ ӯро «шоири умедҳо» хондаанд. Бо вуҷуди он ки гоҳ - гоҳ дар бархе аз сурудаҳои ӯ сояи хирае аз ноумедӣ зуҳур мекунад, ӯ ба зудӣ хешро аз вуҷуди он раҳо месозад ва чашм ба ояндаи дурахшони умедзой меафканад.

Дар шеъри ёдшуда зимни гуфтугӯ бо дарёи Хазар, бо он ки дар сангинтарин ва дардноктарин мақтаъе аз зиндагии хеш қарор дорад, аз Хазар кумаку паноҳ мехоҳад, то бори дигар дар роҳи муборизаву набард қарор бигирад:

Дарё! Маро дубора бигиру бикан зи ҷой
Бигзор ҳамчу мавҷ
Бори дигар зи домани ту сар бароварам
Дар тундхези ҳодиса фонус баркашам
Дасте ба додхоҳии дилҳо бароварам [11, с.27].

«Ба сабзи ҷовидони ман» аз дигар сурудаҳои ҷаззоби С.Касроӣ маҳсуб мешавад, ки дар зимистони 1983 дар Кобул эҷод гардидааст. Дар матни ин қитъашеър, ки бо сабку шеваи нимоӣ нигошта шуда, мухотаби шоир меҳан аст. Дар сатрҳои оғозин ҳамон гуна, ки хоси шеваи баёни ӯст аз худ нишонӣ медиҳад. Бо лаҳне дар назари аввал омирона, вале саршори ғаму андуҳ аз ғурбату ҳичрати хеш дар сарзамини бегона хабар медиҳад:

Ватан! Ватан!
Назар фикан ба ман, ки ман
Ба ҳар куҷо ғарибвор
Ки зери осмони дигаре ғунудаам
Ҳамеша бо ту будаам
Ҳамеша бо ту будаам.

Шеъри мавриди назар як навъ барандоз намудани масири зиндагии шоир аз оғози рӯзгор аст. Нишонгари пайванди як фард бо зодубуму таърихи ватанаш, расму сунану фарҳангаш мебошад. Даврони боландагиву камол, дар бистари фарҳангу доштаҳои миллӣ хаёлан пеши назари шоир ҷилвагар мешавад. Масири рушду пешрафт, шаклгирии шахсият барои шоир осон набуда, балки шебу фарози зиёд, мушкилу печидагиҳои чашмгире дошта.

Шоир муътақид аст, ки дар роҳи саодату озодии ватан ӯ низ нақше дошта, набарду мубориза намуда, дар ин росто бандиву зиндонӣ шуда, шиканҷа дида, вале аз роҳ пас нагашта ва ноумед набуда:

Кунун агар ки ханҷаре миёни китфи хастаам
Агар ки истодаам
Ва ё зи по фитодаам
Барои ту, ба роҳи ту шикастаам,
Агар миёни сангҳои Осиё
Чу донаҳои судаам
Вале ҳануз гандумам
Ғизову қути мардумам
Ҳамонам он ягонае, ки будаам [11, с.29].

Пешинаи зиндагӣ дар меҳан, корномааи шоирро ба ин натиҷа мерасонад, ки муборизаву пайкораш барҳадар нахоҳад рафт, базрҳои пошида борвар хоҳад гардид.

Набуду буди барзгар чӣ бок,
Агар барояд аз замин
Ҳар он чи ӯ ба солиён
Фишонда ё нишондааст.
Ватан! Ватан!
Ту сабзи ҷовидон бимон, ки ман
Парандаи муҳоҷирам, ки аз фарози боғи бо сафои ту,
Ба дурдасти меҳгирифта пар гушодаам [11, с.29].

Поёни андешаҳо ин ки бо падид омадани Инқилоби исломӣ теъдоди зиёде аз шоирону аҳли қалами Эрон бо иллати авзои ноорому адами пазириши сиёсатҳои давр тарки зодубум карданд. Ҳарчанд зиндагии эшон дар сарзаминҳои ноошно рангу мазҳари қобили мулоҳизае надошт, вале онҳо ҳаргиз аз меҳану конуни нахустини ҳастии хуш ҷудо набуданд. Муҳоҷират ба руҳу равон, ба ҳунари офаринандагии эшон таъсири амиқ гузошта. Метавон гуфт, ки тули чанд даҳаи пас аз инқилоб дар саросари ҷаҳон адабиёти хосе бо номи «адабиёти ғурбат» ба вуҷуд омада, ки мутаассифона ба гунаи шоиста шинохта нашудааст, ки намунааш ғарибонаҳои С.Касрӣ аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Борев Ю.Б. Эстетика / Ю.Б. Борев. – М.: Высшая школа, 2002. – 511 с.
2. Касрӣ Сиёвуш. Маҷмуаи ашъор / С.Касрӣ. - Душанбе, 1989. – 207 с.
3. Кауфман А.А. Переселение и колонизация: редкая книга / А.А. Кауфман. - СПб.: Типография т-ва "Общественная Польза", 1905. – 349 с.
4. Сафар Умар. Ёди он ғариб (маҷмуаи мақолот) / Умар Сафар. – Душанбе, 1995. - 30 с.
5. Сафар Умар. Сиёвуши Касрӣ ва шеъри нави форсӣ / Умар Сафар. – Душанбе, 1996. – 144 с.
6. .دست غیب. نغمه های دلآویز شاعر نوپرداز/مجلهٔ پیام نوین. 1359، شمارهٔ 8.
7. عابدی کامیار. شبان بزرگ امید. برسی زندگی و آثار سیاوش کسرایی. تهران، 1381-32ص.
8. کاخی مرتضی. روشن تر از خاموشی. برگذیدهٔ شعر معاصر ایران، تهران 1378 - 341ص.
9. کسرایی سیاوش. مجموعه اشعار. انتشارات «نگاه»-تهران، 1387. -970 ص
10. کسرایی سیاوش. مجموعه اشعار. دوشنبه، «ادیب»، 1989- 208 ص.
11. کسرایی سیاوش. هوای آفتاب. واپسین شعرها. نشر کتاب پدر. تهران -1381 - ص.106
12. طبر احسان. شعر انقلاب/ سیاوش کسرایی. آمریکا! آمریکا! تهران، علم و هنر، 1980.- 240ص.

МУҲОҶИРАТ ВА ОФАРИНИШ

(бозтоби ҳиҷрат дар ашъори Сиёвуши Касрӣ)

Мақола ба мушкилоти муҳоҷират дар назми форсӣ дар мисоли мероси ашъори шоири муосири Эрон Сиёвуш Касрӣ бахшида шудааст. Қайд мешавад, ки ба таври абадӣ тарки Ватан ва ё шояд бо умеди бозгашт дар оянда аз мушкилоти ҷомеаи башарист. Одатан дар адабиёти илмӣ муҳоҷират ба намудҳо тақсим мешавад. Дар байни навъҳои муҳоҷират мушкилтаринаш муҳоҷирати иҷборӣ аст, ки мардум бар асари низоъҳои дохилӣ, таҳаввулоти иҷтимоӣ ба ҷуз муҳоҷират ва ё тарки зодгоҳ роҳи дигар надоранд. Муҳоҷират махсусан барои шоирону ҳунармандон, ки ҳассостарин қишрҳои ҷомеаанд, душвор ва дарднок аст. Эҷодиёти шоир ба муҳити зист, расму оин, фарҳанг ва адабиёт, ватан вобаста аст. Аз ин рӯ, дар диёри бегона зистан барои шоир осон нест. Дар мақола бори нахуст кӯшиш карда шудааст, ки ашъори С.Касрӣ вобаста ба мушкилоти муҳоҷират таҳлил карда шавад. Баъди инқилоб дар Эрон Сиёвуши Касрӣ аз кишвар муҳоҷират кард ва умри боқимондаи худро дар Афғонистон, Тоҷикистон, Маскав ва Шветсия сипарӣ кард. Ҳаёти дур аз Ватан, пеш аз ҳама, ба эҷодиёти С. Касрӣ дида мешавад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳлили эҷодиёти шоир аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Калидвожаҳо: ҳичрат, муҳоҷират, шоир, ҳунарманд, шеър, адабиёт, фарҳанг, халлоқият, шинохт, таҳаввул.

МИГРАЦИЯ И ХУДОЖЕСТВЕННОЕ ТВОРЧЕСТВО

(отображение темы миграции в стихах Сиявуша Кесрайи)

Данная статья посвящена проблемам изображения темы миграции в персидской поэзии на примере поэтического наследия современного поэта Ирана Сияваша Кесрайи. Отмечается, что покидание родины навсегда, или возможно, с надеждой вернуться в будущем – одна из самых сложных проблем человеческого общества. Обычно в научной литературе миграцию подразделяют на виды. Среди существуюших видов миграции самой тяжелой считают вынужденную миграцию, когда людям из-за внутренних конфликтов, социальных потрясений, нет другого пути, кроме миграции или покидания родины. Миграция особенно тяжела и болезненна для поэтов и художников, которые являются наиболее чувствительными слоями общества. Дело в том, что творчество поэта связано с жизненной средой, обычаями и традициями, культурой и литературой, родным очагом. Поэтому для поэта жить на чужбине - легко не даётся. Для него начинается новая эпоха. В статье впервые предпринята попытка анализировать стихи С.Кесрайи о проблемах миграции. После революции в Иране Сияваш Кесрайи эмигрировал из страны и провел остаток своей жизни в Афганистане, Таджикистане, Москве и Швеции. Произведений, написанных поэтом за годы эмиграции, немного, но в тексте стихов мы можем увидеть истинное лицо миграции или «муходжират», со всеми ее подробностями. Жизнь вдали от Родины, прежде всего, сказывалась на творчестве С.Кесрайи. Поэтому изучение и анализ творчества поэта имеет особое значение.

Ключевые слова: эмиграция, миграция, поэт, художник, поэзия, литература.

MIGRATION AND CREATION

(reflection of migration in the poems of Siavash Kasrai)

This article is devoted to the problems of depicting the theme of migration in Persian poetry on the example of the poetic heritage of the modern Iranian poet Siyavash Kesrayi. It is noted that leaving the homeland forever, or perhaps with the hope of returning in the future, is one of the most difficult problems of human society. Usually in the scientific literature migration is divided into types. Among the existing types of migration, the most difficult is forced migration, when people, due to internal conflicts, social upheavals, have no other way but to migrate or leave their homeland. Migration is especially difficult and painful for poets and artists, who are the most sensitive sections of society. The fact is that the poet's work is connected with the living environment, customs and traditions, culture and literature, and the homeland. Therefore, it is not easy for a poet to live in a foreign land. A new era begins for him. The article for the first time made an attempt to analyze the poems of S. Kesraia, regarding the problems of migration. After the revolution in Iran, Siyavash Kesrayi emigrated from the country and spent the rest of his life in Afghanistan, Tajikistan, Moscow and Sweden. There are few works written by the poet during the years of his stay, but in the text of the poems we can see the true face of migration or “muhojirat”, with all its details. Life away from the Motherland, first of all, affected the work of S. Kesrayi. Therefore, the study and analysis of the poet's work is of particular importance.

Key words: emigration, immigration, poet, artist, poetry, literature, culture, creativity, cognition, transformation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сафаров Умархоҷа Раҳимович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи филологияи Эрон. **Суроға**:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17 E-mail: **umar_safar@mail.ru.** Тел.: **(+992) 98-578-67-11**

Сведение об авторе: ***Сафаров Умарходжа Рахимович*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор, заведующий кафедрой иранской филологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **umar_safar@mail.ru.** Тел.: **(+992) 98-578-67-11**

Information about the author: ***Safarov Umarkhoja Rakhimovich*** - Tajik National University, doctor of philological Sciences, professor, Head of department of Iranian Philology. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **umar_safar@mail.ru.** Phone: **(+992) 98-578-67-11**

УДК: 891.550-93

ОСОРИ АДАБӢ ВА ИЛМИИ С. АЙНӢ АЗ НАЗАРИ М. ТУРСУНЗОДА

Шарифзода Л.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз муҳимтарин масъалаҳои баҳси адабиётшиносӣ дар замони муосир дар мисоли равобити адабӣ ва эҷодӣ таҳлили мулоҳизаҳои адибон ва муносибати эшон ба осори адабии ҳамдигар мебошад. Устод Турсунзода ҳамчун шоири навовар ва мулоҳизакори таърихи тамаддуни тоҷикон дар замони табаддулоти сиёсӣ ва ҷомеаи сотсиалистии таърихи шӯравии тоҷик ба осор ва шахсияти Садриддин Айнӣ таваҷҷуҳи бузург зоҳир кардааст. Аз ин ҷост, ки бо гузашти 70-80 сол ва тағйир ёфтани нуқтаи назарҳо нисбати адабиёт мулоҳизаҳои М. Турсунзода дорои арзиши илмӣ, адабию танқидӣ буда, барои шинохти шахсиятҳо ва ҳаводиси замону макони таърихи пуршукӯҳи миллӣ дар замони шуравӣ ва насли замони муосир низ хизмат намуда меоянд. Масъалаи нуқтаи назари М. Турсунзода оид ба осори адабӣ ва илмии С. Айнӣ низ муҳим буда, дар айнишиносӣ ҷойгоҳи муносибе ба муаллиф медиҳад. Дар мақолаҳои М. Турсунзода, ки ба рӯзгор ва осори С. Айнӣ бахшида шудаанд, ҳангоми баёни рӯзгори нависанда ва ташаккулёбии шахсияти ӯ, инчунин оид ба осори адабӣ ва илмии нависанда қайдҳои хеле ҷолиб дида мешаванд. Ин қайдҳо ва мулоҳизаҳо барои донистани нуқтаи назари М. Турсунзода доир ба осори адабӣ ва мақоми С. Айнӣ дар таърихи адабиёту фарҳанг аз ҳар ҷиҳат аҳамиятнок мебошанд.

Омӯзиши М. Турсунзода аз осори адабӣ ва илмии устод Айнӣ ва тарбиятҳои бевоситаи маънавӣ диданаш аз ин «санъаткори бузург» [14, с.15] аз нимаи дувуми солҳои 30-юм оғоз гардида ва махсусан дар солҳои 40-уму 50-ум хеле вусъат пайдо мекунад ва бо ҳамкориву робитаи дӯстиву эҷодии қарин ва файёзи ин ду шахсият табдил меёбад, ки ин тарафи мавзуъ лоиқи назари дигар аст.

Гуфтан мумкин аст, ки айнишиносӣ як соҳаи муҳимми фаъолияти адабиётшиносии М. Турсунзодаро ташкил медиҳад. М. Турсунзода дар мақолаҳои гуногуни худ зимнан ва ё бевосита оид ба шахсият ва осори устод Айнӣ таваққуф намуда, саҳифаҳои дурахшони зиндагӣ ва ҷиҳатҳои умдатарини осори нависандаро равшан намудааст. М. Турсунзода дар баробари мақолаҳои ҷудогона дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти С. Айнӣ, ҳамчунин дар бисёр мақолаҳои илмию танқидие, ки дар солҳои 40-70-ум навиштааст, зимни баёни масъала ва муаммоҳои гуногуни адабию бадеии адабиёти тоҷик дар замони шуравӣ ва бурду бохти он доир ба тарафҳои ҷудогонаи осори нависанда мулоҳизаҳои характернок ва қайдҳои ҷолиби диққат намудааст, ки ин назарҳо аз таваҷҷуҳи амиқ доштани ӯ ба шахсият ва осори ин «устоди бузурги наср, эҷодкунандаи романҳо, повестҳо ва ҳикояҳои бешумор, ҳам шоири забардаст, ҳам мунаққид ва адабиётшинос, ҳам таърихнавис, ҳам забоншинос, ҳам ходими давлат ва муаллими ғамхори нависандагон» [26, с.217-218] ошкоро шаҳодат медиҳанд.

М. Турсунзода, хусусан дар солҳои 50-ум оид ба шахсият ва осори С. Айнӣ дар саҳифаҳои матбуоти ҷумҳурӣ ва берун аз он, хосса матбуоти марказии ИҶШС бо забони тоҷикӣ ва русӣ силсилаи мақолаҳои «Нависандаи маъруфи советӣ» (1953) [19], «Адиб ва олими забардаст» (1953) [20], «Садриддин Айнӣ» (1953) [21], «Айнии мо» (1954) [22], «Ҳайкали ёдгории асосгузори адабиёти советии тоҷик Садриддин Айнӣ» (1956) [23], «Сардафтари адабиёти советии тоҷик» [24], «Устоди адабиёти тоҷик» [25]- ро ба нашр расонидааст. Ҳамчунин, дар зимни дигар мақолаҳо ва гузоришҳои солонаи Иттифоқи нависандагон ба шахсият ва фаъолияти эҷодии С. Айнӣ ва хусусиятҳои умдатарини осори нависанда жарфандешона назар намудааст. Аз мутолааи мақолоти М. Турсунзода чунин ба назар мерасад, ки муаллиф нахуст ба ҷойгоҳи С. Айнӣ дар адабиёти нави тоҷик ва нақши дурахшони ӯ дар масъалаи ба вуҷуд овардани ин адабиёт таваҷҷуҳ менамояд ва дар зимни назарҳо аз «азамати хирадманди миллӣ» [26, с.204] сухан гуфта, мехоҳад адабиёти тоҷикро дар шахсият ва эҷодиёти С. Айнӣ муаррифӣ намояд. Дар зимни ин қабил мақолаҳо М. Турсунзода мулоҳизаҳои худро дар бораи «Намунаи адабиёти тоҷик», «Одина», «Дохунда», «Ғуломон», «Марги судхӯр», «Ёддоштҳо» ва фардияти нависандагии С. Айниро дар офаридани осори бадеӣ баён намудааст, ки онҳо характернокии афкори адабиётшиносии адибро муайян менамоянд. Бояд гуфт, ки М. Турсунзода дар ин навъ мақолаҳо ба равшан намудани афкори илмию адабиётшиносии С. Айнӣ низ назар намудааст.

Ҳарчанд М. Турсунзода оид ба асарҳои адабӣ ва илмии С. Айнӣ бевосита мақола нанавишта бошад ҳам, чунончи дар боло зикр намудем, дар зимни дигар мақолаҳояш, хусусан мақолаҳои ба С. Айнӣ бахшидаи худ, дар хусуси осори адабӣ ва илмии устод Айнӣ мулоҳизаҳои қобили таваҷҷуҳ баён кардааст. Ҳадафи мақолаи мо низ баррасии ин мулоҳизаҳои устод Турсунзода аст.

Мероси гаронарзиш ва гуногунпаҳлуи устод Айнӣ аз муҳаққиқ масъулияти бузургро талаб мекунад. Барои М. Турсунзода низ ин ҷиҳати мавзуъ пӯшида намондааст. Аз ин ҷост, ки М. Турсунзода фаъолияти адабӣ ва илмии С. Айниро бисёр васеъ ва ҳартарафа дониста, онро ба як боғи беинтиҳо шабеҳ медонад, ки агар кас хоҳад «он боғро ба таври пурра тасвир намояд, аввалан, барои ӯ фурсати хеле зиёд, дуюм, назари дақиқ, табъи баланд ва хазинаи бойи нутқи сухансаро лозим аст» [26, с.217]. М. Турсунзода дар зимни ин мақолаҳо мулоҳизаҳои худро оид ба нахустин намунаи шеъри нав – «Марши ҳуррият», повести «Одина», «Марги судхӯр», романҳои «Дохунда», «Ғуломон» ва асари тарҷумаиҳолии ӯ – «Ёддоштҳо» баён намудааст.

Андешаҳои М. Турсунзода оид ба фаъолияти шоирии устод Айнӣ низ шоистаи таваҷҷуҳ аст. Чунончи, М. Турсунзода солномаи таърихи адабиёти муосири тоҷикро ба шеъри овозадори С. Айнӣ – «Марши ҳуррият» нисбат медиҳад. Албатта, оид ба ин шеъри пурмазмуну баландсанъат ва навоваронаи С. Айнӣ дар замони шуравӣ таълифоти зиёде ба майдон омадааст. М. Турсунзода низ ин ҳақиқати илмиро бо шиорҳои дархӯри замони худ таъкид намудааст [26, с.196]. Аз таълифоти илмии С. Айнӣ бошад, диққати М. Турсунзодаро беш аз ҳама, асари бунёдии ӯ «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) ба худ ҷалб кардааст. Мо дар дар ин нигошта ба ҳамаи мулоҳизаҳои М. Турсунзода назар надода, танҳо андешаҳои ӯро оид ба «Ғуломон» ва «Намунаи адабиёти тоҷик» таҳлил менамоем.

М. Турсунзода нахустин маротиба дар шароити мураккаби таърихӣ, дар замоне, ки ҷомеаи шуравии тоҷикро назарияҳои бебунёди миллатчиёни буржуазӣ ва иғвоангези панэронизм фаро гирифта буд, дар мақолаи «Барои ватандӯстии советӣ бар зидди панэронизм!» [17] оид ба аҳамияти илмӣ ва таърихии «Намунаи адабиёти тоҷик» дар мубориза ба муқобили пантуркизм, панэронизм ва дигар миллатчиёни буржуазӣ изҳори ақида кардааст. Инчунин, М. Турсунзода нақши «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро дар масъалаи барқарор кардани ҳуқуқи қонунии халқи тоҷик ба мероси адабии ниёгони худ дар шароити солҳои 20-уми садаи XX, ки тақдири тамаддуни бостонӣ ва забону адабиёти он ҳал мегардид ва ин ҳолат боз дар шакли нав ва муборизаи душманони миллати тоҷик дар солҳои 40 – 50-уми ҳамин аср бо шиори «тақсими мероси адабӣ ва илмии халқиятҳо» ва «унсурҳои демократӣ»-и то инқилобии адабиёту фарҳанги ин халқ ба майдон гузошта шуда буд, назар намуда, навиштааст: «Дар солҳои 1924 – 25 дар давраи тақсимоти миллии Осиёи Миёна ба муқобили пантуркистҳо ва панэронистҳо мубориза бурдан лозим шуда буд, ки онҳо роли мустақили тоҷиконро дар эҷод намудани китобҳои маданӣ инкор мекарданд, қобилияти ташкилотчигӣ ва сиёсии халқи тоҷикро инкор менамуданд. Куҳансолтарин нависандаи мо Садриддин Айнӣ дар он вақт аввалин «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро бароварда, ин туҳматро ба таври илмӣ рад карда буд» [17, с.2].

Чунонки таъкид рафт, дар он вазъияти мураккаби таърихӣ М. Турсунзода аз корнома ва маслиҳату машварати устод Айнӣ суд ҷуста, ба муқобили назарияҳои адабиётшиносони буржуазӣ, панэронистҳо ва баъзе шарқшиносон ҷавоб гуфтааст. Чунончи, аз мукотибаи М. Турсунзода бо С. Айнӣ маълум мегардад, М. Турсунзода 6-уми апрели соли 1949 ба тариқи мактуб аз устод Айнӣ оид ба тарҷумаи русии асарҳои нависанда ва масъалаи тақсими мероси илмӣ ва адабӣ дар байни тоҷикон ва эрониён, ки сиёсатмадорони давр миёни ин ду халқияти ҳамнажоду ҳамтамаддун хезонда буданд, муроҷиат намудааст. С. Айнӣ, ки ин мактубро 13-уми ҳамин моҳ гирифта, хеле таъҷилӣ дар таърихи 14-уми ҳамин моҳ дурандешона ва аз таҷрибаи сиёсии худ кор гирифта, бо як шуҷоати адабӣ ва ҳашамати шахсӣ мулоҳиза ронда ба суроғаи М. Турсунзода мактуб мефиристад. Ҳар сатри ин мактуб низ мисли дигар нигоштаҳои устод Айнӣ гиреҳкушои чанд муаммои ҳаёти адабии ҳамон замон аст. Аз ҳар сатри ин мактуб, ки дар он оид ба мероси маънавии халқи тоҷик сухан меравад, дилсӯзиву ғамгусории самимонаи устод Айнӣ дар алоқамандӣ бо ҳақиқати таърих мушоҳида мешавад. Дар заминаи ҳамин баҳрабардорист, ки М. Турсунзода мулоҳизаҳои худро дар бораи «Намунаи адабиёти тоҷик» ва арзиши илмӣ ва таърихии он, дар мақолаи «Садриддин Айнӣ», ки ба муносибати 75-солагии адиб таълиф намудааст, ҳарҷониба

инкишоф медиҳад. Ин мақола муҳимтарин ҷиҳатҳои фаъолияти илмӣ ва адабии С. Айнӣ ва моҳияти асарҳои ӯ, аз ҷумла «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро низ равшан менамояд. Дар мақолаи мазкур М. Турсунзода «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро алоқамандона бо сиёсати шуравӣ ва телеграммаи таърихии И. В. Сталин (марти соли 1925), инчунин шароити таърихии навишта шудани «Намунаи адабиёти тоҷик» ва аҳамияти ин асар, муборизаи нависанда барои ҳифзи ёдгориҳои мадании тоҷикон, нақши ӯ баҳри бавуҷудоии адабиёти нави тоҷик ва монанди инҳо аз назар гузаронидааст. Ҳатто М. Турсунзода чунин мулоҳизае пеш мегузорад, ки таърихи тамаддун ва адабиёти тоҷик дар ҳама давру замон ҳамчун инъикоскунандаи муборизаи озодихоҳонаи халқ арзи вуҷуд кардааст. Аз ҳамин нуқтаи назар, робитаи узвии маданияту фарҳанг ва санъату адабиёти тоҷикро дар осори илмӣ ва адабии устод Айнӣ ҳамчун тамоюли падидаҳои пешқадами маънавиёти халқ, муборизаҳо баҳри озодию хушбахтӣ ва фарогирандаи беҳтарин анъанаҳои адабӣ таъкид намуда, мегӯяд: «Маданияти халқи тоҷик таърихи ҳазорсола дорад. Аммо таърихи халқи тоҷик то Револютсияи Октябр ин на танҳо таърихи маданияти бойи ӯст. Ин таърихи муборизаҳои оммаи меҳнаткашон барои озодӣ ва хушбахтӣ, бар зидди истисмор ва асорат мебошад.

Чуноне ки ору аз гулҳои бешумору гуногун ба лонаи худ зарраҳои қиматбаҳои асалро бо ҷидду ҷаҳд ҷамъ мекунад, Айнӣ ҳам инчунин аз саҳро ва киштзорҳои бойи тоҷикон воқеаҳо ва фактҳоро интихоб карда, ба ганҷинаи солномаи халқи мо чун шоҳиди ҷидду ҷаҳд ва анъанаҳои озодихоҳонаи доимии худ дохил мекунад» [21, с.10].

Ин андешаҳои М. Турсунзода аз ҷиҳати ҳадафи таълиф ва ҷавоб ба ниёзҳои замон дар замони таълифи худ дарёфтҳои муваффақе мебошанд, ки муаллифро ба сарманзили мақсуд расонидаанд. Яъне, бо омӯзиши «Намунаи адабиёти тоҷик» ва баҳрабардорӣ аз мактубҳои устод Айнӣ, М. Турсунзода усул ва методи тадқиқи сарватҳои маънавии гузаштаро аз тарафи С. Айнӣ муайян намуда, бо даъвоҳои муҳаққиқони он замон ҷавоб гуфта, аз сиёсати ҳукмрони давр суд ҷустааст. Дар ҳамин замина, адабиётшинос А. Маҳмадаминов, ки солҳо болои ин «асари барҷастаи адабиётшиносӣ» таҳқиқ анҷом додааст, барҳақ мегӯяд: «Ба «Намунаи адабиёти тоҷик» ҳамчун ҳуҷҷати муҳимми таърихӣ ва илмию адабӣ муроҷиат кардани М. Турсунзода бесабаб набуд. Ҳамон навъе ки маълум аст, мубориза барои таъмини ҳуқуқи қонунии халқи тоҷик ба мероси адабии гузашта дар солҳои 40-ум ва ибтидои 50-ум дар мубориза бар зидди назарияи космополитизм ва назарияи буржуазии «ҷараёни ягона» дорои аҳамияти калони сиёсӣ ва адабӣ буд» [7, с.73].

Асари дигаре, ки таваҷҷуҳи М. Турсунзодаро ҷалб намудааст, «Ғуломон» мебошад. Ҳанӯз М. Турсунзода дар номаи худ, ки дар таърихи 5-уми марти соли 1936 ба суроғаи С. Айнӣ фиристода шудааст, нахустин бор дар бораи «Ғуломон» аз таъсирпазирию ҳаяҷонфизоии асарҳои устод Айнӣ сухан гуфта, ҷӯшиши дарунии худро дар бораи ин асар чунин баён намудааст: «Чанд рӯз боз ба хондани «Ғуломон» машғул гардида ба охир расонидам. Аз он ҳаяҷоне, ки аз ҳаёти Ҳасан ва хонаводаи он гирифтам, ҳозир ҳам берун шуда натавониста истодаам» [15]. Ин аввалин нуқтаи назари М. Турсунзода оид ба «Ғуломон» мебошад, ки дар солҳои баъд доираи андешаҳои ӯ васъат ёфта, мулоҳизаҳои мукаммали ӯро ба вуҷуд меоранд. Барои М. Турсунзода «Ғуломон» ҳамчун «асари намоён, эпопея, солномаи таърихи мудҳиш ва қаҳрамононаи чанд насли халқи тоҷик», қобили мулоҳиза аст.

М. Турсунзода дар мақолаҳои ба С. Айнӣ бахшидааш барои муайян намудани муосирияти осори адиб, аз ҷумла ба романҳои «Дохунда» ва «Ғуломон» низ эътибори махсус додааст. М. Турсунзода дар мавриди нашрҳои зиёди осори С. Айнӣ сухан ба миён оварда, дар ҳамин замина аз тарҷума ва нашри онҳо дар кишварҳои хориҷ андешаҳои худро асоснок мекунад. Аз ҷумла, М. Турсунзода бо эҳтирос ва ифтихор романи «Дохунда»-ро ҳамчун машъали дурахшон барои мубориза бар асорату истисмор барои халқи ҳинду медонад ва мегӯяд: «Суруде, ки виҷдонан, аз таҳти дил хонда мешавад, дурпарвоз аст. Мо романи Айнӣ «Дохунда»-ро дар соҳилҳои Ганг дидаем. Романи мазкур ба забони ҳиндӣ тарҷума шудааст ва ҳар як китоби ӯ дар дасти халқи ҳинду машъали дурахшонест, ки ба мубориза бар зидди истисморкунандагон даъват мекунад ва ба муборизони роҳи озодӣ ёрӣ мерасонад» [26, с.208].

Аз таърихи тарҷумаҳои осори С. Айнӣ ба забони ҳиндӣ медонем, ки ҳанӯз дар замони зиндагии адиб осори ӯ ба воситаи адиб, сайёҳ, тарҷумон ва донишманди пуркори Ҳиндустон – Раҳул Санкритяян (1893-1964) тарҷума шуда, дар миёни халқи ҳинду шуҳрат

ва маҳбубияти хоссаро соҳиб гардидаанд [12, с.101-106]. Бояд зикр намуд, ки агарчи М. Турсунзода бо сабаби ҳадафи мақола, ки гузориш оид ба вазъи адабиёти тоҷик дар солҳои 60 – 70-уми асри XX аст, тарҷумони асарҳои С. Айниро зикр наменамояд, сабабҳои ба асарҳои С. Айнӣ мароқи зиёд доштани хонандагони ҳиндуро шарҳ медиҳад. Ҳамчунин, муаллиф барои исботи ақидаи худ, оид ба муосирияти асарҳои С. Айнӣ андешаашро идома дода, дар симои чанд авлод ва воқеаҳои «Ғуломон», чӣ гуна аз насл ба насл гузаштани мероси беҳтарини инсон – озодиро қайд карда, онро дар насли сеюми ин авлод мебинад, ки «дар сарзамини озод ва хушбахт руҳбаландона ҳаёти нав месозанд» [26, с.199]. Яъне М. Турсунзода низ моҳияти масъала ва воқеаҳои сиёсию иҷтимоии давраи садсолаи охири Аморати Бухоро ва солҳои аввали барқароршавии Ҳокимияти Шӯравиро, ки дар «Ғуломон» тасвир шудаанд, дар асоси талаботи қонунҳои адабию бадеии ҷомеаи сотсиалистӣ баҳо додааст.

Ба воқеаҳои муҳимми «Ғуломон» ҳамчун ҳуҷҷати таърихӣ, ки халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷикон онро аз сар гузаронидаанд, муроҷиат намудани М. Турсунзода низ ҷолиб буда, ҳамчун таҷрибаи санҷидашуда баҳри ибрати муборизаи дигар халқҳо бар асорат ёд мешавад. «Романи «Ғуломон», – мегӯяд М. Турсунзода, – ҳуҷҷати таърихист. Ин даврааст, ки халқи тоҷик онро кайҳо аз сар гузаронидааст. Аммо ин даврa гузаштаи мурда нест. «Ғуломон»-и Айнӣ ғуломфурӯшони имрӯзаро... фош мекунад ва ба ҳамаи халқҳои мазлум ибрати мубориза нишон медиҳад» [26, с.202].

Ба ҳамагон маълум аст, ки «Ғуломон» на танҳо будубоши халқи тоҷик, балки зиндагӣ ва хусусиятҳои тараққии туркманҳо, ӯзбакон ва дигар халқу миллатҳои Осиёи Миёнаро дар ҳудуди зиёда аз сад сол фаро гирифтааст [10, с.267]. Ин ҷиҳати асар низ аз назари М. Турсунзода дур намондааст.

М. Турсунзода чунин андешаро пеш мегузорад, ки «Ғуломон»-и С. Айнӣ дар солҳои 60-уми садаи XX низ асари асосист ва боз ҳам тунду шиддатноктар садо медиҳад. Дар заминаи ҳамин андеша муаллиф ғуломфурӯшӣ, ки сурати манфури ҷаҳонбинии асрҳои миёна аст ва дар «Ғуломон»-и Айнӣ маҳкум шудааст ва дар ҷомеаҳои сармоядорӣ тараққӣ ёфтани онро мушоҳида намуда, ин асарро намунаи мубориза медонад. «Ҳозир, дар рӯзҳои мо, – менависад М. Турсунзода, – романи «Ғуломон» яке аз асарҳои асосии Садриддин Айнӣ, боз ҳам тунду тез ва шиддатноктар садо медиҳад, зеро ғуломфурӯшӣ, ки тимсоли манҳуси асри миёна аст, дар рӯзҳои мо, дар ҷаҳони «мутамаддин»-и капиталистӣ боз ҳам нашъунамо ёфта истодааст» [26, с. 201]. Дар ин мавзуъ М. Турсунзода яке аз симоҳои манфури «Ғуломон» – Абдурраҳмонро, ки бо супориши сардори ғуломфурӯшону ғуломтозон Қилич-халифа бозори ғуломфурӯширо аз ғуломони аз диёри худ иҷборан рондашуда пур мекард, ба ғуломфурӯшони замони худ – Уолстрит ва Сити муқоиса карда, кирдорҳои сиёҳу манҳуси ӯро дар пеши ин «хӯҷаинҳои мутамаддин» ҳеҷ медонад. «Сардор Абдурраҳмон, ки бо супориши ғуломдори пир Қилиҷ – оғои «муқаддас», – менависад М. Турсунзода, – бозорҳои Осиёи Миёнаи асри гузаштаро (асри Х1Х – Л. Ш.) бо ғуломони аз ватан зӯран рондашуда пур карда буд, чун ду қатраи об ба ғуломфурӯшони замони ҳозира монандӣ дорад. Кирдори сиёҳи ӯ (Абдурраҳмон-сардор – Л. Ш.) бошад, дар муқобили кирдори хӯҷаинҳои «мутамаддин»-и Уострит ва Сити ҳеҷ аст» [26, с. 201]. Дар идомаи мақола бошад, М. Турсунзода аз ҳуҷҷат ва далелҳои таърихӣ истифода бурда, романи «Ғуломон»-ро ҳамчун асаре, ки вобаста ба вазъиятҳои таърихӣ муттакои истисморшудагон ва ҳар халқи дар зери асоратмонда метавонад бошад, маърифат мекунад. Ин андешаи М. Турсунзода хеле ҷолиб аст. «Ғуломон»-и устод Айнӣ дар замони мо – дар даҳсолаи дувуми асри XX1, низ муосирият дорад. Муосирияти ин мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки «ғуломтозӣ»-ю «ғуломфурӯшӣ» аз нав зинда шуда дар шакли дигар дар шаҳрҳои Русия зуҳур кардааст. Имрӯз мардикорони тоҷик ва дигар халқҳои бесармоя низ дар муҳоират ҷабри ғуломӣ мекашанд ва ғайра.

Хулоса, М. Турсунзода, дар мақолаҳои ба С. Айнӣ бахшидааш, вақте ки ба осори адабӣ ва илмии адиб муроҷиат мекунад, андешаҳояшро дар заминаи инсондӯстии урфии тоҷикӣ устувор нигоҳ медорад. Назари сиёсӣ ва мафкураи расмии ҳокими замон ҳамчун идомаи ҳамин гуманизми мардумӣ мавқеи ӯро устувор мегардонад. М. Турсунзода, аз як тараф, тарғибгари мафкураи расмии замон аст, вале аз тарафи дигар, руҳияи мардумии инсонпарвариро фаромӯш намекунад ва осори устод Айниро аз ҳамин нуқтаи назар муаррифӣ менамояд. Аз ин рӯ, мулоҳизаҳои ӯ, гузашта аз мавқеъ ва мафкураи шуравӣ

доштан, бисёр самимӣ, воқеӣ, қалбӣ ва дилпазир мебошанд. Аз ҷониби дигар, М. Турсунзода барои омӯзиш ва муайян кардани умдатарин хусусиятҳои осори С. Айнӣ дар марҳалаҳои аввали ҷомеаи шуравӣ ва минбаъда оид ба мавзуъҳои озодӣ (озодии синфӣ), пешрафти иҷтимоӣ, баробарии афроди башар ва халқҳо, озодии занон ва ривоҷи мактабу маориф, ки ба хоҳиш ва ормонҳои мардумӣ мувофиқат доштанд, бо далелҳои боэътимод мулоҳиза баён кардааст. Аз ин ҷиҳат, баррасӣ ва таҳлили мақолаҳои фавқуззикри М. Турсунзода барои замони мо муҳим буда, аз як тараф, аз таваҷҷуҳи бузурги муаллиф ба осор ва шахсияти С. Айнӣ марбут мегардад, аз тарафи дигар, адибро ҳамчун мулоҳизакори таърихи тамаддуни тоҷикон дар замони табаддулоти сиёсӣ ва ҷомеаи сотсиалистии таърихи шуравии тоҷик ба насли имрӯз муаррифӣ менамоянд.

Муқарриз: ***Сафаров У.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Ба рафиқ Турсунзода / С. Айнӣ // Шарқи сурх. – 1956. - № 4. – С.107-110.
2. Аъзамзод С. Нақди афкори Мирзо Турсунзода ва ду марҳилаи муносибат ба мероси адабӣ / С. Аъзамзод // Адабиёт ва маърифати нақд. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Хуҷанд: Анис, 2012. - 200 с.
3. Бобоев Ю. Мирзо Турсунзода – ҳаёт ва эҷодиёти ӯ. Монография / Ю. Бобоев. – Сталинобод: Нашриёти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, 1961. – 308 с.
4. Бобоев Ю. Певец солнечных вершин. Монография / Ю. Бобоев. - Душанбе: Ирфон, 1978. - 328 с.
5. Брагинский И.С. Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ. Монография / И.С. Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 196 с.
6. Джумаев Ш. Литературно – критические взгляды Мирзо Турсун-заде: диссертация на соискание ученой степени кандидата филологических наук / Ш. Джумаев. – Душанбе, 1986. – 180 с.
7. Маҳмадаминов А. Мулоҳизаҳои М. Турсунзода оид ба «Намунаи адабиёти тоҷик» / А. Маҳмадаминов // Маҳорати эҷодии Мирзо Турсунзода. Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ. – Душанбе: Матбааи «Мактабҳои олӣ», 1981. – С.72-78.
8. Маҳмадаминов А. Айнишиносӣ ва замони ҳозира (Маҷмуаи мақолаҳо) / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 160 с.
9. Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой. Равшангари бузург. Монография / Бухорой, Муҳаммадҷони Шакурӣ. – Душанбе: Адиб, 2006. – 340 с.
10. Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. Маҷмӯаи мақолаҳо / Бухорой, Муҳаммадҷони Шакурӣ. – Душанбе: Чопхонаи «Пайванд», 2006. – 456 с.
11. Нурова М.А. Изучение современного таджикского романа и романа хинди в контексте сопоставительного исследования: дисс. на соис. уч степ. док.фил. наук / М.А. Нурова. – Душанбе, 2018. – 290 с.
12. Раҷабов Ҳ. Даҳ чеҳраи адабиёти ҳиндӣ. Маҷмуаи мақолаҳо / Ҳ. Раҷабов. – Душанбе:Дониш, 2014. – 250 с.
13. Сайфуллоев А. Мирзо Турсунзода: Очерки ҳаёт ва эҷодиёти шоир. Монография / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 464 с.
14. Табаров С. Романи «Ғуломон»-и Айнӣ ҳамчун романи таърихӣ. Рисолаи номзадӣ / С. Табаров. – Душанбе: Адиб, 2005. – 240 с.
15. Турсунзода М. Устоди муҳтарам Айнӣ (Мактуби М. Турсунзода ба С. Айнӣ аз таърихи 5 марти соли 1936) / М.Турсунзода // Бойгонии Осорхонаи адабии Садриддини Айнӣ, фонди 326, воҳиди маҳфузи 491/1.
16. Турсунзода М. Устод Айнӣ! / М.Турсунзода (Мактуби М. Турсунзода ба С. Айнӣ аз таърихи 19 феврали соли 1941).
17. Турсунзода М. Барои ватандӯстии советӣ бар зидди панэронизм! / М.Турсунзода // Шарқи сурх, 1949. – № 3. – С.1-4.
18. Турсунзода М. Ба муқобили космополитизм ва панэронизм / М.Турсунзода // Тоҷикистони сурх, 1949. – 4 март. – № 43 (5981). – С.3.
19. Турсун-заде М. Выдающийся советский писатель / М. Турсун-заде // Правда, 1953. - 27 апреля. - № 117 (12685). - С.3.
20. Турсунзода М. Адиб ва олими забардаст / М. Турсунзода // Коммунисти Тоҷикистон, 1953. – № 4. – С.53-57.
21. Турсунзода М. Садриддин Айнӣ / М. Турсунзода // Шарқи сурх, 1953. – № 4. – С.8-22.
22. Турсун-заде М. Наш Айни / М. Турсун-заде // Таджикская советская литература. - Сталинабад: Таджикгосиздат., 1954. – С.33-51.
23. Турсунзода М. Ҳайкали ёдгории асосгузори адабиёти советии тоҷик Садриддин Айнӣ / М. Турсунзода // Тоҷикистони советӣ, 1956. – 17 декабр. - № 344. - С. 2.
24. Турсунзода М. Сардафтари адабиёти советии тоҷик / М. Турсунзода // Шарқи сурх, 1958. – № 5. – С. 88-94.
25. Турсун-заде М. Мастер таджикской литературы / М. Турсун-заде // Литературный Таджикистан. Книга 2. – 1958. – С.140-145.
26. Турсунзода М. Садриддин Айнӣ // Куллиёт. Иборат аз шаш ҷилд. Ҷилди III. Осори адабӣ-танқидӣ /Мураттиб ва муаллифи эзоҳот Ю. Бобоев / М. Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1979. – С.186-216 / – 432 с.
27. Ҷумъаев Ш. Айнӣ ва Турсунзода / Ш. Ҷумъаев // Мактаби советӣ, 1975. - №4. – С.30-34.
28. Ҷумъаев Ш. Реализми сотсиалистӣ аз назари М. Турсунзода / Ш. Ҷумъаев // Мактаби советӣ, 1979. – №10. – С.29-33.

29. Шарифов Х. Услуб ва камолоти сухан (Маҷмӯаи мақолаҳо) / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 176 с.

ОСОРИ АДАБӢ ВА ИЛМИИ С. АЙНӢ АЗ НАЗАРИ М. ТУРСУНЗОДА

Мақолаи мазкур ба таҳлилу баррасии мулоҳизаҳои М. Турсунзода оид ба осори адабӣ ва илмии С. Айнӣ бахшида шудааст. Чунонки дар матни мақола омадааст, М. Турсунзода оид ба асарҳои адабӣ ва илмии С. Айнӣ бевосита мақола нанавишта бошад ҳам, дар зимни дигар мақолаҳояш, хусусан мақолаҳои ба С. Айнӣ бахшидаи худ, дар хусуси осори адабӣ ва илмии адиб мулоҳизаҳои қобили таваҷҷуҳ баён кардааст. Аз ин ҷост, ки М. Турсунзода, дар мақолаҳои ба С. Айнӣ бахшидааш, вақте ки ба осори адабӣ ва илмии адиб муроҷиат мекунад, андешаашро дар заминаи инсондӯстии урфии тоҷикӣ устувор нигоҳ медорад. Назари сиёсӣ ва мафкураи расмии ҳокими замон бошад, ҳамчун идомаи ҳамин гуманизми мардумӣ мавқеи ӯро устувор мегардонад. М. Турсунзода, аз як тараф, тарғибгари мафкураи расмии замон аст, вале руҳияи мардумии инсонпарвариро форомӯш намекунад ва осори устод Айниро аз ҳамин нуқтаи назар муаррифӣ менамояд. Ин нуктаҳои муҳимми адабиётшиносӣ мулоҳизаҳои ӯро, гузашта аз мавқеъ ва мафкураи шуравӣ доштан, бисёр самимӣ, воқеӣ, қалбӣ ва дилпазир мегардонанд. Аз ҷониби дигар, М. Турсунзода барои омӯзиш ва муайян кардани умдатарин хусусиятҳои осори С. Айнӣ дар марҳалаҳои аввали ҷомеаи шуравӣ ва минбаъда оид ба мавзуъҳои озодӣ (озодии синфӣ), пешрафти иҷтимоӣ, баробарии афроди башар ва халқҳо, озодии занон ва ривоҷи мактабу маориф, ки ба хоҳиш ва ормонҳои мардумӣ мувофиқат доштанд, бо далелҳои боэътимод мулоҳиза баён кардааст. Аз ин сабаб, баррасӣ ва таҳлили мақолаҳои фавқуззикри М. Турсунзода барои замони мо муҳим буда, аз як тараф, аз таваҷҷуҳи бузурги муаллиф ба осор ва шахсияти С. Айнӣ марбут мегардад, аз тарафи дигар, адибро ҳамчун мулоҳизакори таърихи тамаддуни тоҷикон дар замони табаддулоти сиёсӣ ва ҷомеаи сотсиалистии таърихи шуравии тоҷик ба насли имрӯз муаррифӣ менамояд. Дар мақола кӯшиш мешавад, ки мулоҳизаҳои М. Турсунзода бо назари объективӣ ба маводи таҳқиқ ва бо назари интиқодӣ муносибат кардан ба маводи мавриди ниёз таҳлилу баррасӣ гарданд.

Калидвожаҳо: «Намунаи адабиёти тоҷик», «Ғуломон», санъаткори бузург, осори илмӣ ва адабӣ, ҷомеаи шуравӣ, ҳуҷҷати таърихӣ, ҷомеаҳои сармоядорӣ, таърихи маданияти халқи тоҷик, гуманизми мардумӣ, арзиши илмӣ ва адабӣ.

НАУЧНО-ЛИТЕРАТУРНЫЕ ПРОИЗВЕДЕНИЯ С. АЙНИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ М. ТУРСУНЗАДЕ

Настоящая статья посвящена анализу рассуждений М. Турсунзаде о научно-литературных произведениях основоположника нового периода таджикской литературы Садриддина Айни. Как сообщается в статье, Мирзо Турсунзаде не писал об этих произведениях Айни отдельной статьи, однако в многочисленных других статьях и заметках об особенностях и достоинствах художественого наследия Айни он затрагивал и этот вопрос. М. Турсунзаде при исследовании научно-литературных сочинений Айни исходит из истоков чисто таджикских традиционных гуманистических принципов и этических канонов. Вслед за этим, он отражает и свой политический взгляд, исходя из установок официальной господствующей идеологии. Нет сомнений, что М. Турсунзаде был очень активным и неустанным пропагандистом советской социалистической идеологии, однако его мысли и суждения опираются на исконно народный гуманизм, на народность и доступность литературоведческого мышления и языка Айни. В этих произведениях Айни, по мнению Турсунзаде, дается такая проникновенная характеристика творчества каждого из изучавшихся им писателей, и содержится столь много материала, критически переработанного, что собрание литературоведческих статей и очерков С. Айни должно явиться настольной книгой для каждого, кто изучает таджикскую литературу. С другой стороны, Турсунзаде выявляет важнейшие факторы обращения Айни к освещению начальной стадии становления советской власти в Бухаре, пишет о вопросах классовой свободы, общественного прогресса, равенстве прав и свобод людей и народов на достойную жизнь, свободе женщин, развития образования. Все эти вопросы имеют своими истоками народные представления и жизненные идеалы. Затронутые Турсунзаде вопросы народных идеалов касательно судьбы таджикского народа в произведениях Айни безусловно являются актуальными и востребованными для полного освещения всех сторон научной и литературной деятельности патриарха таджикской литературы. В статье автор выражает объективный взгляд на материал исследования и критически подходит к его анализу.

Ключевые слова: «Образцы таджикской литературы», «Рабы», великий художник слова, советское общество, исторический документ, капиталистические общества, история культуры таджикского народа, народный гуманизм, научная и литературная ценность.

SCIENTIFIC AND LITERARY WORKS OF S. AINI FROM THE POINT OF VIEW M. TURSUNZADA

This article is devoted to the analysis of the arguments of M. Tursunzada about the scientific and literary works of the founder of the new period of Tajik literature, Sadriddin Aini. As reported in the article, Mirzo Tursunzada did not write a separate article about Ainis' works, however, in numerous other articles and notes about the features and advantages of Aini's artistic heritage, he also addressed this issue. M. Tursunzada, in the study of scientific and literary works of Aini comes from the origins of purely Tajik traditional humanistic principles and ethical canons. Following this, he reflects his political view, based on the principles of the official dominant ideology. There is no doubt that M. Tursunzada was a very active and persistent propagandist of Soviet socialist ideology, but his thoughts and judgments are based on traditionally humanism, on the nationality and accessibility of literary thought and Aini language. According to Tursunzada, the works of Aini give such a penetrating characterization of the work of each of the writers he studied, and contain many material critically processed that the collection of literary articles and essays by S. Aini should be a reference book for anyone who studies Tajik literature. On the other hand, Tursunzada identifies the most important factors for Aini's appeal to cover the initial stage of the formation of Soviet power in Bukhara, writes about

issues of class freedom, social progress, equality of human rights and freedoms for a decent life, women's freedom, and the development of education. All these questions have their roots in folk ideas and life ideals. The issues of popular ideals raised by Tursunzada regarding the fate of the Tajik people in Aini's works are certainly relevant and in demand for the full coverage of all aspects of the scientific and literary activities of the patriarch of Tajik literature. In the following article, the author expresses an objective look at the research material and critically approaches its analysis.

Key words: "Samples of Tajik literature", "Slaves", great artist of words, Soviet society, historical document, capitalist societies, the history of culture of the Tajik people, popular humanism, scientific and literary value.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарифзода Лутфуллои Абдулло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аспиранти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиё.Рудакӣ, 17. E-mail: **sharifzodal@mail.ru.** Тел: **(+992) 985-86-86-46**

Сведение об авторе: ***Шарифзода Лутфулло Абдулло*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры теории и новейшей перситско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **sharifzodal@mail.ru.** Тел: **(+992) 985-86-86-46**

Information about the author: ***Sharifzoda Lutfullo Abduiio*** – Tajik National University, the aspirant of chair theory and the latest tajik-persian. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **sharifzodal@mail.ru.** Phone: **(+992) 985-86-86-46**

УДК: 891.550-4

ҶОЙГОҲИ ЗАН ДАР ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲОИ ТОҶИКӢ

Оймаҳмадов Р.
Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ

Зарбулмасал ва мақолҳо, ки шакли муъҷаз ва нуқли сухан ҳастанд, нақши муҳимме дар гуфтугӯи рӯзмарра ва зебоиофаринию зебосозии ҷумлаҳо доранд. Ҳар кадом аз ин зарбулмасалҳо баландтарин мазмунро дар кӯтоҳтарин лафз баён мекунанд, ки ин мазмуну муҳтаво бо таҷрибаи амалӣ дар тули таърих шакл гирифтааст. Яъне, бозтоби таҷриба ва шуури дастҷамъии ҳар миллату ҷомеаро аз ҳар назаре дар оинаи зарбулмасалҳои он ҷомеа ва миллат метавон дид. Дар фарҳанги гуфтории тоҷикон шоҳиди анбуҳе аз зарбулмасалҳо ҳастем, ки дар байни табақоти ҷомеаи тоҷик чи таҳсилкардаву нокарда ва чи табақоти поини ҷомеа ба шакли густурда роиҷ аст. Далели роиҷ будани ин навъи адабӣ ба шакли густурда, кӯтоҳу равон будани ин жанр ва аҳамияти мазмунии он аст, ки дар мавқеиятҳои гуногун дар баҳсҳову суҳбатҳо барои таъкиди сухан гуфта мешавад. Беҳуда нест, ки Бозор Тилавов аз зарбулмасалҳо ҳамчун; қаймоқи сухан ёд мекунад [5, с.3].

Дар пажӯҳишҳои донишмандони тоҷик ҳар куҷо, ки зарбулмасал оварда мешавад, дар канораш мақол низ зикр мегардад. Тафовути зарбулмасал ва мақол аз назари донишмандони тоҷик дар воситаҳои санъатҳои бадеӣ, сувари хаёл ба мисли истиора, киноя, тавсиф, ташбеҳ, ташхис, маҷоз ва амсоли ин аст, ки дар зарбулмасал истифода шудааст, аммо дар мақол, чунин санъатҳои бадеӣ истифода намешавад ва маъмулан ба шакли ҷумлаи сода баён мегардад [8, с.132-133].

Зарбулмасалҳои тоҷикиро метавон ба чанд бахш ва гурӯҳҳои махсус тақсимбандӣ кард. Мабнои ин дастабандӣ, шароити иқлимӣ, муҳити зиндагонии мардум, фарҳанг, одобу русум, мавзуву муҳтаво ва дағдағаҳои фикрии мардуми тоҷик дар шароитҳои гуногуни таърихӣ аст, ки боиси пайдоиши зарбулмасалҳо шудаанд.

Ҳадаф аз навиштани ин мақола баён ва баррасии ҷойгоҳ ва мавқеи зан дар зарбулмасалҳо ва мақолҳои тоҷикӣ аст. Дар ин мақола нақши занонро, ки дар сохтори ҷомеа дар тули таърих дӯш бар дӯши мардон роҳ рафтаанду дар раванд ва сайри такомули сохтори таърихӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ҳамеша дар канори мардон ҳузур доштаанд, мавриди арзёбӣ қарор додаем. Бахусус фарозу нишеби авомили иҷтимоӣ, сиёсӣ, тағйироти арзишҳои фарҳангӣ дар ҷомеа ва таъсири он дар раванди такомулии шахсияти занон, албатта, бо баррасӣ ва таҳлили бахши кӯчаке аз як жанри адабии шифоҳӣ наметавон ҷойгоҳи занонро дар ҷомеа ба шакли ҷомеу комил ошкор кард. Аммо метавон то ҳудуде нақш ва мавқеи ононро дар ҷомеа ва ҳамчунин зеҳни нохудогоҳи ҷомеаро нисбат ба ӯ шинохт.

Ковиш ва пажуҳиши ҷойгоҳи зан дар зарбулмасалҳо аз он ҷиҳат муҳим аст, ки ин осор метавонад бозтоб ва инъикосдиҳандаи тарзи тафаккури ҷомеа нисбат ба симо ва ҷойгоҳи зан дар фарҳанги тоҷикӣ бошад. Ҳачунин дар ин жанр мавқеъ ва нақши онҳоро дар тули таърих аз ҷиҳати иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ метавон дид.

Дар ин мақола аз 2 равиш барои таҳияи мавод ва баррасии он истифода кардаем. 1. Аз зарбулмасалҳои водии Ҳисори фонди Институти забон ва адбиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. 2. Аз китоби «Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ»-и В. Асрорӣ, «Зарбулмасалҳои машҳур» ва «Суханҳои дилафрӯз»-и Бозор Тилавов.

Таваҷҷуҳ ба илми фолклор аз замони Шуравӣ дар Тоҷикистон оғоз шуд. Фолклоршиносони тоҷик аз он замон то кунун саҳми бузург ва арзандае дар рушди ин илм доштаанд. Илова бар ҷамъоварию ҳифзи ин мероси халқӣ ҳазорон китобу мақолаҳои арзишманд аз сӯйи олимони фолклоршинос бо мавзуоти гуногун ба табъ расидаанд. Рӯйи ин жанри хурди шифоҳӣ ба шакли ҳирфаӣ ва тахассусӣ Бозор Тилавов пажуҳишҳои бунёдию асосӣ анҷом додааст ва рисолаи номзадиаш бо номи «Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок» [2, с.122] ва рисолаи докториаш бо номи «Современный пословичный репертуар таджикского народа» [3, с.44] марбут ба ин жанр аст. Бозор Тилавов дар рисолаи номзадиаш ба решаёбии ин жанр, хусусиятҳои иқлимии зарбулмасалҳо ва табақабандии мавзуӣ пардохтааст ва дар рисолаи докториаш ба вариантнокии зарбулмасалҳо ва мураттаб кардани онҳо аз рӯйи илми фолклоршиносии

русӣ таваҷҷуҳ кардааст. Ду китоби муҳимми ӯ бо номи «Зарбулмасалҳои машҳур» [4, с.126], «Суханҳои дилафрӯз» [5, с.134], ки ҳамчун манбаъ дар ин мақола истифода шудаанд, дар илми фолклоршиносӣ, бахусус ин жанр, асари бисёр гаронбаҳо ба ҳисоб мераванд. Дар давраи истиқлоли Тоҷикистон низ аз сӯйи фолклоршиносони тоҷик китобҳову мақолоти зиёде дар мавзуи зарбулмасал таълиф шудаанд. Аз ҷумла китобҳои «Зарбулмасал ва мақолҳои ҳиндӣ-тоҷикӣ-русӣ» [7, с.107], «Гулчини зарбулмасалу мақолҳои халқи ҷаҳон» [6, с.136], «Адабиёти гуфторӣ ва адибони тоҷик» [9, с.134] ва ғайраҳо. Дар китоби охир, ки муаллифи он Саъдӣ Қосимӣ аст, корбурди зарбулмасалҳо дар шеъри бархе шоирони тоҷик мавриди баррасию таҳлил қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин баррасӣ ва таҳлили ҷойгоҳи зан дар зарбулмасалҳо ба шакли амиқу дақиқ дар пажуҳишҳои фолклоршиносони тоҷик дида намешавад, танҳо дар китоби Б. Тилавов «Суханҳои дилафрӯз», ки мавзуоти зарбулмасалу мақолҳо дар ин китоб табақабандӣ шудаанд, зарбулмасалҳои марбут ба зан дар ду ҷо таҳти унвони «Падар, модар ва фарзанд», «Зан ва ёр» зикр шудааст [5, с.64-73].

Зарбулмасалҳои водии Ҳисор, ки дар фонди Институт, тақрибан 615 зарбулмасал маҳфуз аст, анқариб тамоми мавзуоти иҷтимоию фарҳангӣ ва таҷрибаҳои фикрии мардуми ин водиро фаро гирифтаанд. Ин зарбулмасалҳо аз ҷониби фолклоршиносони тоҷик дар замонӣ шуравӣ аз солҳои 1951 милодӣ ҷамъоварӣ шудаанд ва фолклоршиносон он чиро, ки гӯяндагони онҳо гуфтаанд, ба ҳамон шакл, забту сабт кардаанд. Бинобар ин, ҳамон як зарбулмасалро дар манобеи гуногун ба шакли дигар вохӯрдан мумкин аст. Аз 615 зарбулмасал 46-тои он марбут ба зан аст, ки бо вожагоне ҳамчун зан, модар, оча, духтар, арӯс ва мавзуоти марбут ба ӯ омадааст.

«Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ» - и В. Асрорӣ дорои 100 сафҳа аст. Дар 20 сафҳаи аввали он муаллиф маълумоти арзишманду муфидро оид ба зарбулмасалҳо овардааст. Муаллиф бо таърифе аз зарбулмасал ва аҳамияти он аз назари бархе бузургон, корбурди зарбулмасал ва решаҳову далоили пайдоиши он, ҳамчунин ба мазомину маъноҳои он пардохтааст. Мазомини зарбулмасалҳо аз назари муаллиф гуногун буда, ба ҳодисаҳои иҷтимоӣ, таърихӣ, маишӣ- оилавӣ, ахлоқӣ ва меҳнатӣ вобастагӣ доранд. Ва ҳамчунин қисми зиёде аз зарбулмасалҳо хислат ва мазмуни таълимӣ, ахлоқомӯзӣ, панду насиҳат ва киноявӣ доранд. Дар ташвиқи меҳнатдӯстӣ, илмомӯзӣ, дӯстӣ ва…зарбулмасалҳои зиёде вуҷуд доранд [1, с.3-19]. Зарбулмасалҳои овардашуда дар ин китоб ба се бахш тақсим шудаанд. 1. Зарбулмасал ва мақолҳои замони советӣ. 2. Зарбулмасал ва мақолҳои пешазреволютсионӣ. 3. Гуфтаҳои хеле машҳури классикони адабиёти тоҷик, ки ҳамчун зарбулмасалу мақол дар байни халқ паҳн шудаанд. Дар зарбулмасал ва мақолҳои замони советӣ танҳо як маврид зарбулмасал ба зан ихтисос дорад, ки мазмуни он ҳам тарғибу ташвиқ ба кор аст. «Зан дар колхоз – қувваи бузург аст» [1, с.34]. Дар бахши зарбулмасал ва мақолҳои пешазреволютсионӣ 65 маврид зарбулмасал дида мешавад, ки ба мавзуи зан бахшида шуда, вижагиҳои марбут ба онро дорост. Дар бахши охири ин китоб, ки байтҳое маъруф аз бузургони классик ҳамчун зарбулмасал дар байни мардум роиҷ шудаанд, дар бораи зан ҳеч маводе дида нашуд [1, с.3-100].

Дар китоби «Суханҳои дилафрӯз» зарбулмасалҳо аз назари мавзуъ ва муҳтаво табақабандӣ шудаанд. Дар дебочаи китоб муаллиф ба аҳамияти зарбулмасал, нақши он дар пурқувват кардани калом, урфу одат, донишу ҷаҳонбинӣ, ақидаҳои фалсафию иҷтимоӣ, мазмуну муҳтаво ва вижагии онҳо аз назари ҷуғрофиёӣ, иқлимӣ ба нукоти муҳимме ишора кардааст. Сипас зарбулмасалҳоро таҳти унвонҳои «мояи ҳаёти инсон», «хислатҳои неки инсонӣ», «хислатҳои бади инсонӣ», «панди ҳаёт», «танқиди ақидаҳои динӣ ва руҳониён», «гуногун», ки зери ҳар кадом аз унвонҳо зершохаҳои он низ аз назари мавзуву муҳтаво оварда шудаанд, табақабандӣ намудааст. Дар охири китоб низ ду сухан ба ҷойи охирсухан зикр шудааст.

Дар ин китоб 56 зарбулмасал оид ба мавзуи зан, модар, оча, кампир, амма ва вижагиҳои марбут ба он дида мешавад [5, с.3-134].

Дар китоби «Зарбулмасалҳои машҳур»-и Бозор Тилавов, дар бораи зарбулмасал андешаҳои илмӣ ва арзандае омадааст, ки дар 8 қисмат оварда шудаанд. Зарбулмасалҳо дар ин китоб тибқи илми фолклоршиносии замони шуравӣ оварда шудаанд, ки 39-тои он марбут ба зан аст [4].

Теъдоди умумии зарбулмасалҳои ба мавзуи зан бахшидашуда дар манбаъҳои зикргардида ба 206 адад мерасад. Бо таваҷҷуҳ ба муштарак ва чандвариантӣ будани бархе

аз ин зарбулмасалҳо дар манбаъҳои зикршуда танҳо 146 зарбулмасал ба мавзуи зан марбут аст. Дар ин зарбулмасалҳо вожагони зан, модар (оча), духтар, хоҳар, амма, хола, кампир (пиразан), бева (бешавҳар), арӯс, келин, кайвона мақоми хосса доранд. Ва тақрибан дар 80 дарсади ин зарбулмасалҳо чунин номҳо дида мешавад. Дар бақияи зарбулмасалҳо ҳарчанд ном ва исме аз ҷинсияти зан дида намешавад, аммо аз назари муҳтавову мавзуъ ва вижагӣ марбут ба зан аст.

Бо таваҷҷуҳ ба асомӣ ва мавзуоти ба коррафта дар забулмасалҳои истифодашуда дар ин манбаъҳо симо ва ҷойгоҳи занро ба гунаҳои зер метавон табақабандӣ кард:

- Зан аз назари зан будан.
- Зан аз назари модар будан.
- Зан аз назари арӯс - келин будан.
- Зан аз назари хешу таборӣ (Хола ва амма будан).
- Зан аз назари куҳансолӣ (Пирзанӣ- кампир).
- Зан аз назари гӯяндаи зарбулмасалҳо.

Зан аз назари зан будан

Дар ин осор 46 зарбулмасалу мақол бо вожаи зан омадааст, ки бар асоси муҳтаво ва мазмун дар онҳо нигоҳу тафаккури ҷомеа ва мардро нисбат ба зан аз манзар ва буъдҳои гуногун метавон дид. Занон дар ин зарбулмасалҳо нақшҳои гуногунро бар уҳда доранд, гоҳе тавсиф мешаванд ва гоҳе нисбат ба мард санҷида мешаванд, гоҳе низ дар хонавода ба хотири умури оилавӣ мавриди меҳр ё ғазаби мардон қарор мегиранд. Дар кулл ду нигоҳ - мусбату манфӣ нисбат ба зан дар ин зарбулмасалҳо дида мешавад, ки нигоҳи мусбат бештар аз манфӣ аст.

Дар санҷиши зан нисбат ба мард гоҳе мартабаи зан болотар аз мард асту гоҳе низ поинтар.

Аз сад марди лофзан,
Беҳ як кори зан [1, с.34].
Мард бошӣ, майдон баро,
Зан бошӣ, каҳдон даро [4, с.43].

Гоҳе низ зан дар ин осор ҳамчун "***вазир***" мушовири мард аст, ки дар умури зиндагӣ ёвари ӯст.

Зан - вазири мард [4, с.28].

Чунин мақом додан ба зан реша дар фарҳанги мардуми тоҷик дорад, ки аз даврони бостон зан дар арсаҳои гуногуни иҷтимоӣ дар канори мард буда ва ҳамчун як шахсияти мусбату муҳим ва фарҳехта дар тули таърих ёвару мададгори мард будааст.

Гоҳе низ аз вай ҳамчун "зар", "чароғи хона" ёд мешавад, ки чунин тавсифот аз зан дар ин зарбулмасалҳо нишондиҳандаи назари нек нисбат ба ӯст.

Зан - чароғи хона [4, с.38].
Зан пинҳон,
Зар пинҳон [4, с.47].

Ҳамчунин нигоҳи манфӣ низ нисбат ба зан дида мешавад, ки теъдоди чунин зарбулмасалҳо андак аст. Чунин зарбулмасалҳо маъмулан марбут ба таҷрибаҳои отифию ошиқонаанд.

Саг вафо зан ҷафо [13].

Бо ин вуҷуд зан дар ин зарбулмасалҳо вақте ба камол мерасад, ки дар масоил ва умури хонадорӣ низ қобил бошад. Фарзанддорӣ ва аҳамият ба фарзанд, ки дар фарҳанги тоҷикӣ яке аз орзую омоли асосии ҳар оила аст, барои мардон муҳим буда ва интизории аввалиндараҷаи мардҳо аз зан тавлиди насл, яъне фарзандорист.

Зани бебача –бурёи сари кӯча [1, с.54].
Аз яг зани бесамар яг бед хубай [11].

Нақши дигаре, ки занҳо дар ин зарбулмасалҳо доранд, нақши таъсиргузору муассир бар шахсияти мард аст. Зан ҳамчун мавҷуди латифу зариф, аммо тавонову қудратманд, ки хушбахтию бузургии мард ба ӯ вобастааст ва мард маъмулан таҳти таъсири андешаву рафтори ӯст.

Марда мард мекардагӣям зан, номард мекардагӣ ям зан [4, с.28].
Зани қобил марди ноқобила одам кард [14].

Чунин тарзи шинохт нисбат ба занон таҷрибаи зиндагии муштарак байни зану мард аст, ки дар тули таърих шакл гирифтааст. Мардон хушбахтию комёбиҳои худро дар сояи занони нек мебинанд.

Зане нек,
Мардро тоҷбасар кунад [5, с.73].

Бархе аз зарбулмасалҳо ба тавсифи отифӣ ва ошиқонаи занон марбут мешаванд, ки дар ҳавзаи ошиқона қарор доранд.

Зани бе ноз -
Оши бепиёз [5, с.73].
Бе ишқ зан нест,
Бе модар ҳаёт нест [13].

Масоли марбут ба мавзуи ишқ дар зарбулмасалҳо хеле кам аст. Далели кам будани чунин мавзуъ ба хусусиёти ин жанр, ки бештар ба панду андарзу ибрат ва таҷрибаи ҳаёт ихтисос дорад, вобаста аст.

Ҳамон гуна, ки зан дар меҳвари конуни хонавода нақши муҳимме бозӣ мекунад дар умур ва корҳои дастҷамъона ва иҷтимоӣ низ нақши муҳимме дорад.

Зан дар колхоз қувваи бузург аст [1, с.24].

Ин мақол дар замони шуравӣ арзи ҳастӣ кардааст. Дар замони шуравӣ кор ва фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва гурӯҳӣ яке аз барномаҳои аслӣ ва муҳим ба шумор мерафт.

Зарбулмасалҳои зиёде низ бо вожаи зан марбут ба издивоҷ вомехӯранд, ки дар бахши зан ба унвони арӯс таҳлил шудаанд.

Зан аз назари модар будан

Бо итминон метавон гуфт, ки бахши аъзаме аз ин зарбулмасалҳо ба модар ихтисос дорад. Вожаи модар- оча ба монанди вожаи зан басомоди зиёде дорад ва ҳудуди 40 зарбулмасал бо ин мавзуъ ва муҳтаво вуҷуд дорад. Модар дар ин зарбулмасалҳо ба шаклҳои гуногун ва дар нақшҳои мухталиф зуҳур мекунад. Дар бештари маворид дар ин осор модар дар канори фарзанд қарор дорад ва ҳар куҷо, ки модар дида мешавад фарзанди ӯ низ дар канораш аст.

Дили модар ба фарзанд,
Дили фарзанд ба фарсанг [1, с.24; 5, с.64].
Модара дил месӯзад, дояра доман [12].

Дар зарбулмасалҳое, ки модару фарзанд дар канори ҳам қарор доранд, мавзуъ ва паёми бештари онҳо “меҳри модарӣ”, “фироқ”, “исор”, “панду тарбият” аст.

Гоҳе модар дар ин зарбулмасал бо падар муқоиса мешавад. Дар ағлаби чунин зарбулмасалҳо мақоми модар аз падар болотар аст. Далели чунин мақоми болои модар нисбат ба падар утуффат, меҳри модарӣ, масъулиятпазирии бештари модар нисбат ба падар аст.

Дар ҳамёни зари падар мондана,
Ба нӯги сӯзани модар мон [5, с.67].

Дар зарбулмасалҳое, ки дар онҳо тавсиф, вежагӣ, симои модар дида мешавад, ин ҳама нигоҳи мусбат ба модар аст. Чунин андеша ва тафаккури ҷамъиятӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон нисбат ба модар нишондиҳандаи манзалат ва арзиши модар аст, ки дар ҳар хонаводаи тоҷик модар аз ҷойгоҳ ва мақоми болое бархӯрдор аст.

Модар ризо –
Ҳама ризо [5, с.64].
Бе ишқ зан нест, Бе модар ҳаёт нест [13].

Дар баъзе зарбулмасалҳои дигар низ модар бо мавзуоти гуногун, ки гӯшае аз таҷрибиёти ҷомеа, хонавода, робитаи хешовандӣ, умури зиндагӣ, урфу одат ва... зуҳур дорад.

Очара бин духтара гир [4, с.29].
Гунҷишкбача ба очаш ҷик-ҷик нишон медиҳад [10].

Яке аз далоили пурмуҳтаво будани мавзуи модар, ки дар меҳвари аслии ин зарбулмасалҳо қарор дорад, нақши аввалиндараҷаи ӯ дар хонавода аст.

Зан аз назари арӯс - келин будан

Зан ҳамчун арӯс ё келини хона, дар ин зарбулмасалҳо зиёд мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар ин зарбулмасалҳо робитаи арӯс бо хонаводаи домод, рафтору кирдори

арӯс, вазоифи рӯзмарра, пухту паз, дӯзандагӣ, масоили иҷтимоӣ, урфу одат, андешаву нигоҳи ҷомеа нисбат ба зан ва умури издивоҷ матраҳ мешавад. Дар бархе аз зарбулмасалҳо тафаккури суннатӣ ҳоким аст, монанди зарбулмасали зер:

Домод вакили харҷ, арӯс бонуи хона [1, с.52].

Хонашинии арӯс ва уҳдадории умури хона дар фарҳанги суннатӣ як амри табиӣ барои занон будааст. Эҳтимол дорад, роиҷ будани иборати "арӯси хона ё келини хона" дар миёни мардум реша дар ҳамин фарҳанг дошта бошад. Аммо имрӯз бо тағйироти тафаккури иҷтимоӣ занон дар баробари мардон ба кору фаъолияти берун аз хона низ машғул ҳастанд.

Бархе аз зарбулмасалҳо низ вежагӣ ва хусусиёти арӯсро тавсиф мекунад.

Гапа аз келини таги тору
Аз чӯпони сари кӯҳ шунав [5, с.111].
Арӯс чи гуна?-
Додарарӯс намуна [5, с.74].

Бештари зарбулмасалҳо марбут мавзуи ба хонадорӣ ва робитаи байни зану шӯй аст. Мавзуӣ издивоҷ ва мисдоқҳои марбут ба он дар 39 маврид дида шуд. Далели зиёд будани теъдоди зарбулмасалҳо дар ин бахш вобаста ба аҳамияти ин мавзуъ аст. Зарбулмасалҳои марбут ба издивоҷ натиҷаи таҷрибаҳои дуру дарози мардуми тоҷик аз зиндагӣ ва ҳаёт аст. Паёми ин зарбулмасалҳоро метавон ба мусбату манфӣ, панду андарз, ибрату тарбият ва... тақсимбандӣ кард. Масалан зарбулмасали "*Хеши зан – қайла зан, хеши шӯ – дега шӯ*" *[4, с.25; 5, с.73]* ҷойгоҳи болои занро нисбат ба шавҳар нишон медиҳад, ҳарчанд зарбулмасал ба шакли танзу шӯхӣ баён шудааст. Ё "*Шӯи ҷавону зани пир – Тобут мону мурда гир [5, с.73]"*, ки дар ҷомеа аз назари фарҳангӣ чунин амал, яъни издивоҷи марди ҷавон бо зани пир нописанд аст, паёми манфӣ дорад. Бештарини мавзуоте, ки дар ин ҳавза ворид мешаванд, иборатанд аз:

Дахолат байни зану шӯ:

Вай мешавад зану шӯ, ман мешавам кали мурдашӯ [5, с.111].

Бахти духтар:

Бахти духтар – санги фалагмон [5, с.109].

Тарбияти арӯс:

Кӯдакро дар кӯдакияш, арӯсро дар арӯсияш [11].

Қадами наварӯс:

Келинди аёгӣ, чӯпондӣ таёгӣ/ пойи қадами ҳар кас дигар [12].

Қиёси арӯс:

Очара бин, духтара гир [4, с.29].

Аҳамияти шавҳардорӣ (бева - бешавҳар):

Бевая остинеш дар зар шаваду
Ду чашми вай дар дар [5, с.74].

Робитаи арӯс бо хонавода:

Духтарам, ба ту мегӯям, келинам ту шунав [1, с.53].

Масоили дузанагӣ:

Якзаная яг рӯш сиё,
Дузаная ду рӯш сиё [4, с.40].

Далели зиёд роиҷ будани зарбулмасалҳои марбут ба ин бахш вобаста ба аҳамияти ин мавзуъ дар байни ҷомеа ва мардум аст.

Зан аз назари хешу таборӣ - хола ва амма будан

Аз 146 зарбулмасал танҳо дар 5-тояш аз амма ва хола истифода шудааст. Бо ин ки нақши хола ва амма дар зиндагии рӯзмарра ва рафтуомаду боздиди онҳо байни хешу таборон хеле зиёд аст, аммо ҷолиб аст, ки дар ин зарбулмасалҳо нақши камрангӣ доранд. Дар ин 5 зарбулмасал хола гоҳе аз назари арзиш ба ҷойгоҳи модар баробар мешавад ва гоҳе низ ба танз аз нақши вай дар ҳама кор ва фузулиаш ёд мешавад.

Таго ба ҷои падар,
Хола ба ҷои модар [4, с.27].
Холаи ҳамакора,
Ҳама кораш – нимакора [4, с.37].

Гоҳе низ хола дар баробари амма қарор мегирад ва бо амма қиёс мешавад. Дар ин санҷиш маъмулан хола чеҳраи мусбат дорад ва амма манфӣ.

Амма – дар ба тамма,
Хола гули лола [4, с.46].

Амма гоҳе меҳмони нохонда аст.

Ҳамаро мону аммаро меҳмон [1, с.84].

Гоҳе низ вежагӣ ва хусусиёти бародарзодаву хоҳарзода бо аммаву хола ё таго монанд мешавад, ки чунин боварҳо реша дар суннат ва фарҳанги мардумӣ дорад.

Духтар ба аммеш меравад,
Писар ба тағош [1, с.110].

Зан аз назари куҳансолӣ – пиразан, кампир

Зан ба унвони шахси солхӯрда, ки дар забони омиёна аз он ҳамчун кампир ёд мешавад, дар ин зарбулмасалҳо хеле кам аст ва танҳо дар 6 маврид дида мешавад. Маъмулан, таҷрибаи шиддати сардӣ ва сахтии охири моҳи зимистон, боиси ба вуҷуд омадани ин зарбулмасал шудааст:

Ҳут агар ҳуттӣ кунад-кампира дар қуттӣ кунад [15].

Моҳи Ҳут моҳи сардию сахтию машаққат барои касонест, ки дар кӯҳистон ва рустоҳо зиндагӣ мекунанд. Бинобар ин, моҳи Ҳут нақши манфӣ дорад ва агар ҳут ҳуттӣ кунад ва чеҳраи бад ва сардии худро нишон бидиҳад, ҳатто ба пиразани нотавон ҳам раҳм нахоҳад кард ва ӯро аз сардиву хунукӣ дар қуттӣ- хонанишин хоҳад кард.

Гоҳе низ нозуктабиатии пиразанҳо тавсиф мешавад ва аз ин ки зан пир шуд, нозу нузаш зиёд мешавад.

Нозу нузи бибӣ,
Сад тангаю як мирӣ [5, с.108].

Эътибор додан ба чизҳои ночиз дар замони пирӣ як амри табиӣ аст. Зарбулмасали зер замоне истифода мешавад, ки кампир аз ҳама чиз норозӣ аст ва ба чизҳои беарзишу ночиз аҳамият медиҳад.

Дарди кампир - гуза [1, с.48; 4, с.27].

Дангона дар зарбулмасали зер шахсест, ки корро хуб анҷом дода наметавонад. Ва сифати манфӣ барои касонест, ки танбал ҳастанд. Чунин зарбулмасал дар мавриди танбалӣ ба кор меравад.

Баҳона набуду баҳона шуд,
Кампир мурду дангона шуд [5, с.112].

Зан аз назари гӯяндаи зарбулмасалҳо

Аз назари мавзуъ ва корбурди аносир дар бахше аз зарбулмасалҳо метавон ҳадс зад, ки гӯяндаашон занон ҳастанд. Он чи ба ин зарбулмасалҳо ташаххус ва вежагии занонагӣ мебахшад, аносири истифодашуда аз умур ва корҳоест, ки марбут ба ҷинсияти зан аст. Мисли “ҷома шустан”, “хамир кардан”, “элак кардан”, “дӯзандагӣ”, “гӯшвора”, “хишова кардан”, “ҳимоят аз ҷинси зан” ва ғайра. Паём ва мавзуи онҳо низ гӯшае аз зиндагии рӯзмарра ва таҷрибаи занон аз ҳаёту рӯзгор мебошад. Бахши зиёде аз зарбулмасалҳо бо ин вижагӣ дар ин осор дида мешавад.

Сӯзан барои ҳама медӯзаду худ урён [1, с.73].
Ба собуни ман ҷома нашуштӣ [4, с.36].
Элак баҳона, дидор ганимат [1, с.81].
Хамира мушт, аврата пушт [4, с.38].
На гӯшвори зарин даркор, на дарди гӯш [1, с.63].

Зарбулмасалу мақолҳо илова бар кумак кардан дар рушди сохтори забон, саршор аз мавзуоти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таҷрибаҳои гузаштагон дар масоили ҳаёт ҳастанд, ки метавонанд роҳнамои хуб барои мо бошанд. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикии марбут ба зан дар манбаъҳои истифодашуда ҳудуди 206 адад аст, ки бо таваҷҷуҳ ба такрор ва шаклҳои мутафовит аз як зарбулмасал – чандвариантӣ – дар ин манбаъҳо танҳо 146 зарбулмасал бо мавзуи мустақили марбут ба зан ба даст омад. Бо таваҷҷуҳ ба баррасию таҳлили симои зан дар ин манбаъҳо метавон нақши мутааддид ва гуногуни зани тоҷикро дар тули таърих дид. Аз назари мазмуну мавзуъ зарбулмасалҳое марбут ба занро метавонем чунин дастабандию гурӯҳбандӣ намоем: мавзуи издивоҷ ва масодиқи он, мавзуи модар ва нақши он дар хонавода, фарзанддорӣ, тавсифи зан, модар, духтар, ки аз мазмунҳои барҷаставу муҳим дар ин зарбулмасалҳост. Мавзуоти ошиқона дар ин осор камтар аст.

Зан ба унвони зан будан дар бештари зарбулмасалҳо бо ҷинсияти мард санҷида мешавад ва гоҳе таҳсину тақдир мешавад ва гоҳе мададгору мушовири мард аст. Нигоҳи мард нисбат ба зан асосан нигоҳи мусбат аст, ҳарчанд дар бархе аз маворид ба шакли манфӣ низ дида мешавад, аммо чунин маворид андак аст ё марбут ба мавзуоти шахсию отифӣ аст.

Зарбулмасал ва мақол бо мавзуи модар аз басомади болое бархӯрдор аст. Модар дар ин осор дар нақшҳои гуногун зуҳур меёбад ва дар конуни таваҷҷуҳи хонавода ва оила қарор дорад. Зан ба унвони арӯс ва келин низ бозтоби зиндагии рӯзмарра ва робитаи ӯ бо хонаводаи шавҳараш аст. Зан ба унвони куҳансол ё нисбати хешовандӣ, мисли хола ва амма, нақши камрангӣ доранд ва дар ин зарбулмасалҳо низ хеле кам истифода шудаанд. Зан низ ба унвони гӯяндаи зарбулмасалу мақолҳо, ки вижагиҳо ва аносири занонагӣ дар онҳо дида мешавад, барҷаставу зиёд аст ва ағлаб бо мавзуоти гуногуни зиндагӣ зикр шудаанд.

Муқарриз: ***А.Маликзод*** – н.и.ф., ходими пешбари илмии ИЗА ба номи Рӯдакӣ

А Д А Б И Ё Т

1. Асрорӣ, В. Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ / В. Асрорӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1956. – 100 с.
2. Б. Тилавов. Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок (Монография) / Б.Тилавов. – Душанбе: Дониш, 1967. – 122 с.
3. Б. Тилавов. Современный пословичный репертуар таджикского народа: афтореферат диссертации на соискание ученой степени доктора филологических наук / Б.Тилавов. – Душанбе: ТГУ им. В.И. Ленина, 1975. – 44 с.
4. Б. Тилавов. Зарбулмасалҳои мащҳур / Б.Тилавов. – Душанбе: Дониш 1983. – 126 сафҳа ба хатти сирилик, 91 сафҳа ба хатти форсӣ.
5. Б.Тилавов. Суханҳои дилафрӯз. Зарбулмасал ва мақолҳо / Б.Тилавов. – Душанбе: Нашриёти Душанбе, 1973. – 134 с.
6. Д.Раҳимов. Гулчини зарбулмасалу мақолҳои халқи ҷаҳон / Д.Раҳимов. – Душанбе: Нашри Истеъдод, 2012. – 136 с.
7. Нурова М.А. Зарбулмасал ва мақолҳои ҳиндӣ-тоҷикӣ-русӣ / М.А. Нурова, А.Д. Латифов. – Душанбе: Чопхонаи дониш, 2016. – 107с.
8. Раҳмонӣ, Равшан.. Адабиёти гуфтории тоҷикон / Равшан Раҳмонӣ, Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир. - Душанбе: Матбаи ДДОТ, 2020. – 352 с.
9. Қосими Саъдӣ Абдулқодир. Адабиёти гуфторӣ ва адибони тоҷик / Абдулқодир, Қосимӣ Саъдӣ. - Душанбе: Матбаъи ДДОТ, 2201. – 134 с.
10. ФДФТҲ. К-59. Ҷ.1 соли 1941. (Фолклори Ҳисор. Материалҳои экспедитсияи соли 1941).
11. ФДФТҲ. Х.59. Ҷ.2 соли 1941. (Фолклори Ҳисор. Материалҳои экспедитсияи соли 1941).
12. ФД-ФҲ. К.35. Ҷ.1. Н.2. Фолклори Ҳисор. (Материалҳои экспедитсияи соли 1951).
13. Фолклори Сурхондарё. Нусхаи 2. Соли 1958. Ҷамъкунанда: Қосимова И.
14. ФДФТҲ. К.61. Ҷ.5 с. 1959. Фолклори Ҳисор. (Фолклори Ҳисор. Материалҳои экспедитсияи соли 1959). – Т.: 4218, 1-9 Тт4қ74 Такоб 1959 Исроилова Т. (ҷамъоваранда), Шарифова Бибигул (гӯянда), 29 сола маълумоти синфи 6 дорад.
15. Фолклории Сурхондарё. Материалҳои экспедитсияи соли 1963. Ҷамъкунанда ва ба тартиб дароранда: Раҳматова Гулсун. Гӯянда: Негматова Норбегим.

ҶОЙГОҲИ ЗАН ДАР ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲОИ ТОҶИКӢ

Дар ин мақола ҷойгоҳи зани тоҷикро дар зарбулмасалу мақолҳо, ки аз фонди Институт ва манбаъҳои мактуб ҷамъоварӣ шудаанд, мавриди баррасию таҳлил қарор додаем. Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикии марбут ба зан дар манбаъҳои истифодашуда ҳудуди 206 зарбулмасал аст, ки бо таваҷҷуҳ ба такрор ва шаклҳои мутафовит аз як зарбулмасал – чандвариантӣ – дар ин манбаъҳо танҳо 146 зарбулмасал бо мавзуи мустақили марбут ба зан вуҷуд дорад. Бо таваҷҷуҳ ба баррасию таҳлили симои зан дар ин манбаъҳо метавон нақши мутааддид ва гуногуни зани тоҷикро дар тули таърих дид. Мавзуи издивоҷ ва масодиқи он, мавзуи модар ва нақши он дар хонавода, фарзанддорӣ, тавсифи зан, модар, духтар аз мазмунҳои барҷаставу муҳим дар ин зарбулмасалҳост. Мавзуоти ошиқона дар ин осор камтар аст. Зан ба унвони зан будан дар бештари зарбулмасалҳо бо ҷинсияти мард санҷида мешавад ва гоҳе таҳсину тақдир мешавад ва гоҳе мададгору мушовири мард аст. Нигоҳи мард нисбат ба зан нигоҳи мусбат аст, ҳарчанд дар бархе аз маворид ба шакли манфӣ низ дида мешавад, аммо чунин маворид андак аст ё марбут ба мавзуоти шахсию отифӣ аст. Зарбулмасалу мақол бо мавзуи модар аз басомади зиёде бархӯрдор аст. Модар дар ин осор дар нақшҳои мутааддид зуҳур меёбад ва дар конуни таваҷҷуҳи хонавода ва оила қарор дорад. Зан ба унвони арӯс ва келин низ бозтоби зиндагии рӯзмарра ва робитаи ӯ бо хонаводаи шавҳараш аст. Зан ба унвони куҳансол ё нисбати хешовандӣ, мисли хола ва амма будан нақши камрангӣ доранд ва дар ин зарбулмасалҳо низ хеле кам истифода шудаанд. Зан низ ба унвони гӯяндаи зарбулмасалу мақолҳо, ки вижагиҳо ва аносири занонагӣ дар онҳо дида мешавад барҷаставу зиёд аст ва ағлаб бо мавзуоти гуногуни зиндагӣ зикр шудаанд.

Калидвожаҳо: зан, модар, зарбулмасалҳои шифоҳӣ, мавзуъ, фонди институт, фолклор.

МЕСТО ЖЕНЩИНЫ В ТАДЖИКСКИХ ПОСЛОВИЦАХ И ПОГОВОРКАХ

В данной статье обсуждается и анализируется роль таджикских женщин в пословицах и статьях, собранных из сборников Института письменного наследия. В использованных источниках содержится около 206 таджикских пословиц и статей, касающихся женщин, с акцентом на повторение и различные формы, а также одна и той же пословица может иметь несколько вариантов - в этих источниках всего 146 пословиц с отдельной темой, касающейся женщин. Рассматривая и анализируя образ женщин в этих источниках, можно увидеть различную и разнообразную роль таджикских женщин на протяжении всей истории.Тема брака и его подразделов, тема матери и ее роли в семье, воспитании детей, описание женщины. Мать и дочь - одна из самых важных тем в этих пословицах. Романтические темы в этом произведении редки. Быть женщиной к названию «Женщина», в большинстве пословиц это проверяется характером/полом мужчины, и иногда она является помощником и советником мужчины. Отношение мужчины к женщине положительное, хотя в некоторых случаях оно также рассматривается в отрицательном свете, но такие случаи очень редкие или они связаны с личными и эмоциональными проблемами. Пословицы и поговорки на тему материнства встречаются очень часто. Роль женщины как матери очевидна в этой работе и закреплена в законе о семье. Роль Женщины как невесты и невестки также является отражением её повседневной жизни в семье своего мужа. Женщина в образе пожилого человека или по отношению к родственникам в качестве тети встречается очень редко и также редко используется в пословицах. Женщина выделяется как рассказчик пословиц и поговорок, имеющих женский характер. Она известна своими женственными и часто необычными высказываниями. Пословицы с женским характером очень популярны и в них часто затрагиваются различные темы, которые связаны с разными жизненными ситуациями.

Ключевые слова: женщина, мать, словесные пословицы, тема, институт фольклора, фольклор.

THE ROLE OF THE WOMAN IN TAJIK PROVERBS AND SAYINGS

In this article, we review and analyze the role of the Tajik woman in proverbs and sayings collected from the Institute's archival and handwritten sources. Of the approximately 206 proverbs and sayings used in the study, 146 of them deal with the figure of a woman. In our study, we selected our sample size of 206 proverbs and sayings by focusing on those which repeated and sometimes built variations on one proverb, the chayvayrianti. With attention to the consideration and analysis of the image of a woman on these sources, one can see the most responsible and diverse role of the Tajik woman throughout history. The theme of marriage and its official sanction, the theme of the mother and her role in the family, child rearing and the depiction of description of women, mothers, and daughters are significant in this form of proverb. At the same time, this study deals less with the theme of love. In most of these proverbs, women and their femininity are judged primarily in relation to men. Sometimes they are praised and sometimes they are portrayed as the assistant and even adviser to men. In many cases, the man's attitude toward the woman is positive, although some exceptions exist. Occasionally, the man's attitude towards one is a negative one, but such cases are rare or related to personal or emotional issues. Proverbs dealing with the subject of the motherhood are very common. The figure of the mother serves in a number of important roles and is in the center of attention of the family. Bearing the title of bride (aru's) and daughter in law (kelin), the woman also reflects her routine of daily life and her relationship with her husband's family. Women who are older or carry the title of other familial relations, such as aunt (khola or amma) play a less prominent role. When they do appear, they are not particularly insightful. There are also many examples where the woman serves as the narrator of the proverbs and sayings. These showcase many features and elements of femininity and deal with many major themes of life.

Key words: Woman, mother, spoken proverbs, subject, Institute Archives, folklore.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Оймаҳмадов Рустам*** – Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ, ходими калони илмии шуъбаи фолклор, номзади илми филология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 21. E-mail: **rustamjon99@gmail.com.** Тел.: **(+992) 931-09-39-99**

Сведение об авторе: ***Оймахмадов Рустам*** – Институт языка и литературы им. А.Рудаки НАНТ, старший научный сотрудник отдела фольклора, кандидат филологических наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 21. E-mail: **rustamjon99@gmail.com.** Тел.: **(+992) 931-09-39-99**

Information about the author: ***Oymahmadov Rustam*** – Institute of Language and Literature named after A.Rudaki of Academy of Sciences of Tajikistan, Senior researcher of the Department of the Folklore of the Candidate of Philology Sciences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E-mail: **rustamjon99@gmail.com.**
Phone: **(+992) 931-09-39-99**

УДК: 891.550

ШЕВАҲОИ КОРБУРД ВА ШАРҲИ ИСТИЛОҲОТИ ИРФОНӢ ДАР ТАРҶУМАИ «РИСОЛАИ ҚУШАЙРИЯ»

Наҷотов Ҷ.
Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абуҳанифа

Ҳар илму фанне истилоҳоти хоссе дорад, ки дарки осори марбут ба он илм низ бастагӣ ба огоҳӣ аз маъно ва мафҳуми он истилоҳот дорад. Аз муҳимтарин омили роҳ ёфтан ба ҳарими суханварони ориф, бешубҳа ин маърифати мафоҳиму истилоҳоте аст, ки онон барои баёни андешаи худ ба кор бурдаанд, маҳсуб меёбад. Чунонки аз осори манзуму мансури ирфонии адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ бармеояд, суханварони ориф матолибашонро бо истилоҳоти махсусе ироа доштаанд, ки калима зоҳиран маънои дигар дошта ва дар асл муроди онон чизи дигар буд. Дар ин маврид Абдулҳусайни Зарринкуб чунин мегӯяд: “Дар воқеъ шоирони суфӣ аз хеле қадим дар ашъори хеш суханоне мегуфтаанд, ки ҷуз ба ишқи маҷозӣ таъбир намешудааст, мисли он ки аз лабу чашм ва холу зулфи маъшуқ ёд мекардаанд ва ё дар аҳволе сухан меронданд, ки бо одобу завоҳири мусалмонӣ муносиб наменамудааст. Аз ҷумла ин ки шаробу рубоб ва овозу рақсу дайру хароботу зуннорро васф мекардаанд. Ва, албатта, таваҷҷуҳ ба ин алфоз, ки ҳама ҳикоят аз ишқи маҷозӣ ва далолат бар лоуболигарӣ дорад, назди оммаи мусалмонон макруҳу манфур будааст. Бад-ин сабаб бар суфия таънаҳо мезаданд ва онҳоро ба куфру зандиқа нисбат медоданд. Ин гуна суханон дар оғоз, қатъан бар сари ваҷду ҳол суруда мешудааст ва маншаи он, бешак ҳамон гуна аҳволе будааст, ки шатҳиёти онҳо низ аз он сарчашма мегирифтааст” [5, с.148]. Худи орифону шоирон низ ба рамзгаройӣ дар осорашон ишораҳо намудаанд. Чунонки Ҳотифи Исфаҳонӣ мегӯяд:

Ҳотиф арбоби маърифат, ки гаҳе,
Маст хонандашону гаҳ ҳушёр.
Аз маю ҷому мутрибу соқӣ,
Аз муғу дайру шоҳиду зуннор.
Қасди эшон нуҳуфта асрорест,
Ки ба имо кунанд гаҳ изҳор.
Пай барӣ гар ба розашон донӣ,
Ки ҳамин аст сирри он асрор [7, с.64].

Ҳофизи Шерозӣ ҳам дар ин маврид чунин гуфтааст:

То нагарди ошно з-ин парда рамзе нашнавӣ,
Гӯши номаҳрам набошад ҷойи пайғоми суруш [17, с.193].

Аз ин ҷост, ки яке аз муҳимтарин махсусиятҳои сабкии таълифоти ирфонӣ марбут ба он буда, ки эшон ақидаву афкорашонро тавассути корбурди рамзу истилоҳоти хоссе баён доштаанд, ки бештари он вожаҳо дар шеваи нигориши онон маъноҳои хос касб намудааст ва ин боиси зуҳури истилоҳоти хосси ирфонӣ гардидааст. Аз ин рӯ, ҳанӯз аз асри XI сар карда аз ҷониби худи орифон баъзе аз истилоҳоти суфия шарҳ ёфта, то замони мо чандин фарҳангномаҳои махсуси шарҳи истилоҳоти ирфонӣ таълиф шудаанд. Чунончи «ал-Ламаъ» асари Али ибни Сарроҷи Тӯсӣ аз ҷумлаи муҳимтарин осори шомили истилоҳоти суфия ва шарҳи онҳо ба шумор меравад. Алии Тӯсӣ бо Абуабдурраҳмони Сулламӣ соҳиби «Табақот-ус-суфия» муосир будааст. Ба ақидаи Сайид Ҷаъфари Саҷҷодӣ Алии Тӯсӣ аз нахустин нафароне аст, ки истилоҳоти тасаввуфро ба таври васеъ гирдоварӣ ва шарҳ кардааст [13, с.9].

Бевосита ба осори худи орифон ҳам назар андозем дар бобати пӯшидагӯӣ ва рамзгароии худ ишораҳо кардаанд. Чунонки аз Ибни Ато (ваф. 311ҳ.қ./905м.), ки яке аз маъруфтарин орифони муфассири Қуръон ба забони суфия мебошад, нақл кардаанд, ки мутакаллимон вайро гуфтанд: “Чӣ будааст шумо суфиёнро, ки алфозе иштиқоқ кардаед, ки ба гӯши мустамеъон ғариб аст ва забони муъдот (роиҷ) –ро тарк кардаед. Ин аз ду берун нест: Ё тамӯя (зоҳирсозӣ) мекунед ва Ҳақ таъолоро тамӯя ба кор наёяд. Пас дуруст шуд, ки дар мазҳаби шумо (тариқи тасаввуф) айбе зоҳир гашт, ки пӯшида мекардед суханҳоро бар мардумон” [1, с.490], Ибни Ато ба онон чунин посух додааст: “Аз баҳри он кардем, ки моро бад-ин иззат буд. Аз он ки ин амал (тасаввуф) бар мо азиз бувад, нахостем, ки ба ҷуз ин

тоифа инро бидонанд ва нахостем, ки лафзи мустаъмали ом ба кор дорем, лафзе хос пайдо кардем" [1, с.490]. Ҳамчунин аз ӯ нақл намудаанд, ки гуфт: "Ҳар илмеро баёне аст ва ҳар баёнеро забоне ва ҳар забонеро ибороте ва иборотеро тариқате ва ҳар тариқатеро ҷамеанд махсус" [1, с.491].

Аз суханони Ибни Ато чунин бармеояд, ки "лафзи хос"-е, ки ӯ мегӯяд ҳатман истилоҳоти суфия аст. Дарвоқеъ, "лафзи хос" ё истилоҳоти ирфонӣ назди суфия чунон манзалату аҳамият пайдо намуд, ки мутасаввифа бахши муҳимме аз осори мактуб ва манобеи дасти аввали худро ба шарҳу баёни ин истилоҳот ихтисос доданд. Чунонки агар дар "Табақот-ус-суфия"-и Сулламӣ ва "Ҳалият-ул-авлиё"-и Ҳофиз Абунаими Исфаҳонӣ ба истилоҳоти суфия дар зимни баёни саргузашти машоихи суфия ишора шуда бошад, дар осори арзишманде ба монанди "ат-Таарруф ли мазҳаб-ит-тасаввуф", "Қут-ул-қулуб", «ал-Ламаъ», «Рисолаи Қушайрия» ва "Кашф-ул-маҳҷуб", на фақат дар зимни баёни матолиби худ ба шарҳи истилоҳоти ирфонӣ пардохтаанд, балки аз зарурати шарҳу тавзеҳи ин истилоҳот сухан ба миён оварда, бобҳои алоҳидаи китобҳои худро бевосита ба шарҳу тавзеҳи истилоҳоти суфия ихтисос додаанд.

Дар хусуси омилҳои рамзгароии орифон байни муҳаққиқон низ фикри ягона нест. Қосим Ғанӣ бар ин назар аст, ки урафо нахуст матолибашонро ошкоро мегуфтанд ва чун диданд, ки ин суханҳои ошкоро боиси баҳсҳо ва ҳатто мушкилот бар сари эшон шуд, маҷбур гардиданд, ки ҳарфҳояшонро бо рамзу роз баён кунанд, то фуқаҳо ва пайравони онон аз матолиби эшон огоҳ нашаванд [4, с.45]. Муртазо Мутаҳҳарӣ сабаби пӯшида баён кардани урафоро чунин мегӯяд: «Ба ақидаи ман матлаб ду далел дошта... ин аст, ки шеъру адаб ва фасоҳату балоғату зебоии баён худаш як василаест барои беҳтар расонидани паём, ҳоло паём ҳар чӣ мехоҳад бошад. Худи Қуръони карим аз ҳамин маъно истифода карда, эъҷози Қуръон, ки дар фасоҳату зебоияш ҳаст, яъне Қуръон ҳунарро дар хидмати паёми илоҳӣ қарор дода ва ин ҷиҳати Қуръон ҳамеша омили фавқулода муассире буда, дар пешрафту пешбурди Қуръон. Урафо ҳам барои паёми ирфонии худашон аз зебоии адаб аз ин ташбеҳҳо, тамсилҳо, шеърҳо аз ин рамзи сухан гуфтанро (истифода карданд). Ин мусаллам матолибро зеботар мекунад, то ин ки матолибро ҳамин тур макшуфу бепарда бигӯянд лутф надорад; яъне барои таблиғи ҳарфи худашон ин (васила)-ро интихоб карданд. Ва дигар ин ки ин маъонӣ асосан лафз надорад, алфози башар кӯтоҳ аст аз ифодаи ин маъонӣ ва танҳо афроде метавонанд ин маъниро дарк кунанд, ки худашон вориди ин дунё бошанд» [11, с.50-51].

Дар воқеъ, он матолибе, ки урафо мехоҳанд бигӯянд, ҳамон гуна ки дар осори эшон ба назар мерасад, бо сухани ошкоро гуфтанӣ нест. Суханҳои ҷаззобу пуршӯру шари онҳо фақат бо рамз бояд гуфта шавад ва афроде ҳам метавонанд дарк кунанд, ки аҳли роз бошанд. Ба қавли Мавлоно "мантиқуттайр" забони мурғон аст. Аз ҷониби дигар, инсон табиатан чунин аст, ки ҳар ашё ё сухане пӯшида бошад, мехоҳад ҳарисона барои худ он матолиби пӯшидаро кашф кунад. Ҳар чизи зебо ҳам пӯшида аст, чуноне ки дурр дар даруни садаф зебо аст. Ё худи Мавлоно дар «Маснавӣ» мегӯяд:

Зарру нукра гар набудандӣ ниҳон,
Парвариш кай ёфтандӣ зери кон? [12, с.20].

Аз ин ҷост, ки урафо бо рамзу роз матолиби хешро гуфтанд.

Боиси қайд аст, ки бо вуҷуди таълифи фарҳангномаҳои тасаввуфӣ ҳанӯз истилоҳоте ҳастанд, ки дар пардаи ибҳом нуҳуфтаанд. Аз ин рӯ, ба ҳукми маънии Қуръон аз Қуръон бипурс шарҳи истилоҳоти урафоро низ аз осори худи эшон ҷустуҷӯ намудан беҳтару хубтар аст. Ҳамон тавре ки дармон аз он ҷо талабанд, ки дард аз он ҷо хоставу пайдо шудааст.

Яке аз сарчашмаҳои муҳим, ки бевосита ба шарҳу тафсири истилоҳоти ирфонӣ пардохта, «Рисолаи Қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ мебошад. Қушайрӣ дар боби сеюми китоби худ таҳти унвони "Дар тафсири алфозе, ки миёни ин тоифа равад ва он чӣ аз он мушкил бувад" бисту ҳафт истилоҳи махсусро, ки суфия аз он истифода мекунанд, муфассал шарҳу тавзеҳ намудааст. Бо ин ҳадаф, дар мақолаи ҳозир шеваҳои шарҳу тавзеҳи истилоҳоти ирфонӣ аз ҷониби Қушайрӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Бояд қайд намуд, ки омӯзишу баррасии истилоҳоти ирфонии «Рисолаи Қушайрия» аз чанд ҷиҳат муфид ба назар мерасад. Пеш аз ҳама, бояд таъкид намуд, ки Қушайрӣ худ як ориф ва суфии маъруф буд ва дигар ин ки ӯ ин китобро раҳнамо ба соликони роҳи тариқат ва баёни ҳақиқати ин тоифа таълиф намудааст. Бо ин нуктаи назар метавон гуфт, ки дар «Рисолаи

Қушайрия» муҳимтарин истилоҳоти ирфонӣ аз назари як нафар ориф ва суфии маъруф, ки худ огаҳии комил аз ирфону тасаввуф дорад, шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

Усули шарҳу тавзеҳи Қушайрӣ аз муаллифони пеш аз худ бо он фарқ мекунад, ки ӯ ҳангоми шарҳу тавзеҳи истилоҳот бештар аз ақволу орои орифони маъруф иқтибос меоварад. Ҳамчунин дар оғоз маънои луғавии онро шарҳ намуда, баъдан ба баёни маънои ирфонии истилоҳ мепардозад. Маъруфтарин китобҳое, ки пеш аз Қушайрӣ ба шарҳу тавзеҳи истилоҳоти суфия пардохта шудааст, «ал-Ламаъ», “ат-Таарруф ли мазҳаб-ит-тасаввуф”, “Қут-ул-қулуб” ва “Кашф-ул-маҳҷуб” мебошад.

Дар «ал-Ламаъ», муаллиф дар қисматҳои мухталиф ба баёни шарҳу тавзеҳи истилоҳоти суфия пардохтааст. Масалан, истилоҳи “маърифат” дар бобе ва истилоҳи “ориф” дар бобе дигар шарҳ ёфтааст. Шарҳи истилоҳоти марбут ба аҳвол ва мақомоти орифон дар бахши “Китобу-л-аҳвол вал мақомот” ва пас аз муқаддимае дар муаррифии ҳар як аз ин ду истилоҳ зайли бахши ҷудогона омадааст. Аммо муҳимтарин бахши марбут ба шарҳи истилоҳоти тасаввуф бахши “Китоб-ул-баён анил мушкилот, боби фи шарҳи алфоз ал-мушкилат-ул-ҷория фи калом-ис-суфия” аст, ки муаллиф дар ин бахш пас аз зикри 150 истилоҳ ба сурати феҳриствор ба шарҳу тавзеҳи беш аз ин теъдод истилоҳ мепардозад [16, с.333-374]. Сарроҷи Тӯсӣ дар ниҳоят пас аз он дар бахше ҷудогона ба баррасӣ ва шарҳи истилоҳи “шатҳ” пардохтааст [16, с.375-377]. Боиси қайд аст, ки дар «ал-Ламаъ» Сарроҷи Тӯсӣ ба монанди Қушайрӣ ва Ҳуҷвирӣ зикре аз мавриди муҳиммияти шарҳи истилоҳоти суфия ба миён намеоварад. Ӯ танҳо ба ду маънои зоҳирӣ ва ботинии каломи суфия ва адами дастрасии ғайри суфия ба маънои ботинии он ишора мекунад [16,с.388].

“Ат-Таарруф ли мазҳаб-ит-тасаввуф”-и Абубакри Каллободӣ ҳам аз зумраи манобеи арзишманди тасаввуф аст, ки муаллифи он пеш аз Қушайрӣ ба шарҳи истилоҳоти суфия пардохтааст. Аз муқаддимаи китоб бармеояд, ки зоҳиран ғарази аслии Каллободӣ аз таълифи китоб шарҳу тавзеҳи ишорот ва ибороти суфия аст: “Ва ин китоб аз баҳри он ҷамъ кардем, то фаҳм кунад мар ин мазҳабро он кас, ки ишороти ин тоифаро фаҳм накарда бошад ва андар ёбад ӯро он кас, ки ибороти эшон андар наёфта бошад ва то дур шавад аз эшон дурӯғи дурӯғзанон ва таъвили бади ҷоҳилон” [8, с.283]

Аз гуфтаҳои боло чунин бармеояд, ки манзури Каллободӣ аз таълифи китоб он будааст, ки ишороту ибороту истилоҳоти суфияро мухотабоне, ки дарнаёфтаанд ба маънои ин истилоҳот воқиф шаванд. То ба асли суханони суфия пай баранд ва маъонии онҳоро дурӯғу буҳтон надонанд ва истилоҳоти суфияро таъбирҳову тафсирҳои нодуруст накунанд. Каллободӣ аз боби сию панҷум ба баъди китоби худро ба шарҳу тафсири истилоҳоти марбут ба мақомоти суфия ихтисос додааст.

Аз дигар манобеи дасти аввали тасаввуф, ки пеш аз Қушайрӣ ба шарҳу тавзеҳи истилоҳоти ирфонӣ пардохта, “Қут-ул-қулуб”-и Абутолиби Маккӣ мебошад. Муаллиф боби сию дуюми китобро ба шарҳи мақомоти орифон ихтисос дода, зимни баршумурдани нуҳ мақом онҳоро шарҳ карда, ки иборатанд аз: тавба, сабр, шукр, рақо, хавф, зуҳд, таваккал, ризо, муҳаббат.

Дар оғози фасли сеюми “Рисолаи Қушайрия” Абулқосими Қушайрӣ дар робита ба истилоҳоти ирфонӣ ва рамзгароии орифон пеш аз шарҳу тавзеҳи истилоҳот чунин мегӯяд: «Ҳар тоифаеро аз уламо лафзҳост миёни эшон мустаъмал, ки бад-он махсус будаанд аз дигарон. Ва истилоҳ кардаанд бар он муродҳо, ки эшонро будааст, то наздик буд бо он ки боз ӯ(бо он) сухан гӯянд ва бар аҳли ин санъат осон буд бад-он маънӣ расидан бо итлоқи он лафз. Ва ин тоифаро алфозест, (ки) қасди эшон кашфи он маъниҳо аст, ки эшонро буд бо якдигар. Ва муҷмал ва пӯшида буд бар он ки на аз ҷинси эшон буд андар тариқат, то маънии алфози эшон бар бегонагон мубҳам буд аз он ки эшонро ғайрат буд бар асрори хеш, ки ошкоро шавад бар он ки ноаҳл буд. Барои он ки ҳақоиқи эшон маҷмуъ нест, ба такаллуф ё оварда ба навъе аз тасарруф, балки маъниҳо аст, ки Худой, субҳона ва таъоло дили қавмро хазинаи он кардааст. Ва холис бикардаст ба ҳақиқат онро асрори қавме ва мо шарҳ кунем ин алфоз, то осон гардад онро, ки хоҳад бад-он расидан аз маъниҳои эшон, ки бар ин роҳ рафтанд ва мутобеи суннатҳои эшон буданд... [10, с.87-88].

Шеваи кори Қушайрӣ дар шарҳи истилоҳоти ирфонӣ чунин аст, ки нахуст истилоҳро аз назари аҳли таҳқиқ шарҳ медиҳад ва баъдан маънои ирфонии онро аз назари орифон шарҳу тавзеҳ додааст. Ҳангоми шарҳи ирфонӣ аз орифону суфиёни маъруф нақли қавл мекунад ва ашъору амсолу оёти Қуръон ҳам меоварад.

Чунонки ҳини тавзеҳи истилоҳи вақт нахуст маънои асли онро чунин шарҳ додааст: “**ал-Вақт**. Ҳақиқати вақт наздики аҳли таҳқиқ ҳодисе аст, ки андар ӯ ҳам ояд ҳосил бар ҳодисе мутаҳаққақ. Ҳодис мутаҳаққақи вақт бувад ҳодиси мутаваҳҳамро. Чунон ки гӯйӣ, сари моҳ наздики ту оям. Омадан мутаваҳҳам аст. Омадан ва наомадан раво бувад ва сари моҳ ҳодисест мутаҳаққақи ночора (чун ин моҳ бигзарад, сари моҳе дигар бувад) сари моҳ ҳодисест мутаҳаққақ, вақти омадан аст” [10, с.88].

Пас аз ин ба шарҳу тавзеҳи ирфонии вожаи вақт мепардозад ва аз суханони орифони маъруфе нақли қавл мекунад, ки аз ҷумла Абуалии Даққоқ мебошад: “Аз устод Абуалии Даққоқ, раҳимаҳуллоҳу, шунидам, гуфт: “Вақт он аст, ки ту он ҷойӣ, агар ба дунёӣ, вақти ту дунёст ва агар ба уқбоӣ, вақти ту уқбист ва агар шодист, вақти ту шодист ва агар ба андуҳӣ, вақти ту андуҳест. Мурод ин аст, ки вақт он бувад, ки бар мардум ҷолиб бувад (ва низ) ба вақт он хоҳанд, ки мардум андар ӯ бувад аз рӯзгор” [10, с.88-89].

Дар осори манзуму мансури адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ ибораи маъруфи “суфӣ ибн-ул-вақт” зиёд ба кор рафтааст, ки Қушайрӣ дар тавзеҳи истилоҳи “вақт” онро низ шарҳ додааст. Чунонки Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ мегӯяд:

Суфӣ ибну-л-вақт бошад, эй рафиқ!
Нест фардо гуфтан аз шарти тариқ.
Суфӣ ибнул ҳол бошад дар мисол,
Гарчи ҳарду фориғанд аз моҳу сол [12, с.19].

Қушайрӣ “суфӣ ибн-ул-вақт”-ро чунин шарҳ додааст: “Суфиён гӯянд: Суфӣ писари вақт аст ва мурод он аст, ки то ӯ машғул ҳаст бад-он чӣ аввалтар, андар ҳол қиём ҳамекунад бад-он чӣ андар он вақт фармудаанд” [10, с.89].

Яке аз вижагиҳои шарҳи истилоҳоти ирфонӣ дар «Рисолаи Қушайрия» дар қиёси ҳамдигар шарҳ додани истилоҳот мебошад. Чунонки зимни шарҳи истилоҳҳои “ҳайбату унс” гуфтааст: “Ҳайбату унс бартар аз “қабзу баст” бувад. Чунонки “қабз” бартари дараҷаи “хавф” бувад ва “баст” бартар аз манзалати “раҷо” аст ва “ҳайбат” бартар аз “қабз” аст ва “унс” тамомтар аз “баст” ва Ҳақ ҳайбати ғайбат бувад ва ҳар ҳоиб ғоиб бувад, пас андар ҳайбат мутафовит бошанд. Чунонки андар ғайбат фарқ бувад миёни эшон... [10, с.97].

Қушайрӣ зимни шарҳу тавзеҳи истилоҳоти ирфонӣ дар бархе маврид аз ҳикоятҳо ҳам истифода намудааст. Ин усули кори Қушайрӣ дар маърифати истилоҳи мавриди шарҳи ӯ аз вижагиҳои махсуси муаллиф ҳангоми шарҳу тавзеҳи истилоҳоти ирфонӣ ба шумор меравад. Дар ҷараёни шарҳу тавзеҳи истилоҳоти “сатру таҷаллӣ” нахуст дар бобати маънои ирфонии истилоҳоти мазкур андешаҳояшро баён дошта, таъкид мекунад, ки ҳама кас тоқати таҷаллии маъшуқро надорад: “Ом дар пардаи сатр бошанд ва хос андар давоми таҷаллӣ. Ва андар хабар аст, ки чун Ҳақ таъоло чизеро таҷаллӣ кунад, он чиз хошеъ гардад, худованди сатр доим ба васфи шуҳуд бувад ва худованди таҷаллӣ доим ба наъти хушӯъ бувад ва сатр омро уқубат бувад ва хосро раҳмат бувад” [10, с.116]. Сипас барои фаҳмотар шудани фикри хеш барои хонанда Қушайрӣ ҳикояти зеринро овардааст: “Аз Мансури Мағрибӣ, раҳимаҳу-л-лоҳу, шунидам, ки дарвеше ба қабилае афтод аз қабилаҳои араб. Ҷавоне вайро меҳмон кард, ин ҷавон ӯро хидмат ҳамекард, андар миёна бияфтод ва беҳуш шуд. Ин дарвеш пурсид аз ҳоли вай. Гуфтанд: Ӯро амзодае аст дилаш ба вай гарм аст, ин духтар дар хайма фароз рафт, ин ҷавон нигоҳ кард, доманаш бидид, заҳраи вай об шуд. Он дарвеш ба дари хайма шуд, гуфт: Ғарибонро дар миёни шумо ҳурмат аст, ба шафоат омадаам, бар он ҷавон раҳмат кун, ки андар ҳоле саъб аст. Он зан гуфт: Азим салимдиле, ӯро тоқати гарди домани мо нест, тоқати дидори мо кай дорад?” [10, с.117].

Зимни шарҳи истилоҳоти “талвину тамкин” ҳам Қушайрӣ пас аз зикри маънои ирфонии истилоҳоти мазкур мисоли зебое аз достони Юсуф овардааст. Истилоҳоти “талвину тамкин”-ро дар ирфон чунин шарҳ додааст: “Талвин сифати арбоби аҳвол бувад ва тамкин сифати асҳоби ҳақоиқ, модом ки банда андар роҳ бувад, соҳиби талвин бувад ва аз ҳоле ба ҳоле ҳаме шавад ва аз он сифате ба сифате ҳаме гардад ва аз ин манзил, ки буд ба манзиле бартар аз он фуруд ояд, чун бирасад, соҳиби тамкин бувад” [10, с.122]. Дар идома Қушайрӣ барои боз ҳам васеътару фаҳмотар шарҳ додани истилоҳоти мазкур таъкид мекунад, ки Мусо (а) соҳиби талвин буд ва Муҳаммад (с) соҳиби тамкин ва ба достони Юсуф тамсил мезанад: “Устод Алии Даққоқ, раҳимаҳуллоҳу, гуфт: Мӯсо соҳиби **талвин** буд аз самои калом боз омад, муҳтоҷ буд бад-он ки рӯй бипӯшад, ки он ҳол андар вай (асар) карда буд. Ва Мустафо, салавотуллоҳу ва саломуҳу алайҳи, соҳиби **тамкин** буд, ҳамчунонки

бишуд, боз омад, ҳеч чиз андар вай асар накард аз он чӣ он шаб дид. Ва далел овардӣ бар ин ба қиссаи Юсуф алайҳиссалом. Он занон, ки Юсуфро диданд, ҳама дастҳо бибуриданд, чун мушоҳадаи Юсуф ба эшон даромад. Ва зани Азиз андар балои Юсуф тамомтар буд, мӯй бар вай бичунбид он рӯз, зеро ки ӯ соҳиби тамкин буд андар ҳадиси Юсуф, ки тағйир бар банда аз ду ҳол яке бувад, ки дарояд, аммо аз қуввати ворид ё аз заифии худовандаш ва сукуни худовандаш аз ду кор яке бувад, аммо аз қувваи ӯ ё аз заъфи ворид" [10, с.122].

Қушайрӣ зимни шарҳи истилоҳот аз ақволи орифони маъруф ҳам фаровон истифода намудааст. Чунонки дар шарҳи истилоҳи "хавотир" сухани зеринро аз Ҷунайд ва ибни Ато оварда, андешаҳои худро тақвият бахшидааст: "Ва пирони сухан гуфтаанд дар хотири сонӣ. Гуфта (анд): ду хотир бувад аз Ҳақ, кадом яке қавитар бувад аз дигар.

Ҷунайд гуфт: хотири аввал қавитар бувад, зеро ки чун бишавад, худованди ӯ бо тааммул ояд ва ин ба шарти илм бувад.

Ибни Ато гӯяд: хотири дувум қавитар (бувад), зеро ки қувват афзояд ба хотири аввал.

Ва Абуабдуллоҳи Хафиф аз мутааххирон гӯяд: Ҳар ду баробар бошанд, аз он ки ҳар ду аз Ҳақ таъоло бувад, яке зиёдат набувад бар дигар ва аввал ба дувум ҳол боқӣ намонад, зеро ки бақо бар осор раво набувад" [10, с.129].

Аз дигар вижагиҳои шарҳу тавзеҳи истилоҳоти ирфонӣ дар «Рисолаи Қушайрия» он аст, ки муаллиф бо тартиб аз назари мақому манзалат истилоҳотро шарҳ медиҳад: "Муҳозара ибтидо бувад ва мукошафат аз паси ӯ бувад ва аз паси ин ҳар ду мушоҳада бувад. Муҳозарат ҳозир омадани дил бувад ва аз тавотир бурҳон бувад ва он ҳанӯз варои парда бувад" [10, с.117].

Ҳамчунин истилоҳоти "**лавоеҳу таволеъ ва лавомеъ**"-ро низ чунин шарҳ додааст: "Ба аввал **лавоеҳ** бувад, пас **лавомеъ**, пас **таволеъ**. **Лавоеҳ** чун барқе бувад, ки битобад ва пӯшанда гардад ва нопадид шавад... **Лавомеъ** пайдотар бувад аз лавоеҳ ва заволаш бад-ин зудӣ набошад, ду вақт ё се вақт бимонад, валекин чунон бувад, ки гуфтаанд дар ин маънӣ, шеър: **Ва-л-ъайну бокийатун лам тушбии-н-назара** (ва чашм гирён аст, нигоҳро сер накард). Чун битобад зи ту, мунқатеъ кунад туро ва ҷамъ кунад ба худ, валекин ҳанӯз нури рӯз тамом нашуда бошад, ки лашкари шаб бар вай тохтан орад" [10, с.120].

Бо истифода аз шарҳу тавзеҳи истилоҳоти ирфонии «Рисолаи Қушайрия» мо метавонем бисёре аз матолиби ирфонии осори манзуми шоирони орифро маърифат кунем. Зеро Қушайрӣ истилоҳоти ирфоние, ки дар ашъори шоирони орифи мо ба кор рафтааст, шарҳу тавзеҳи дақиқ намудааст. Барои намуна метавон истилоҳҳои "илмуляқин", "айнуляқин" ва "ҳаққуляқин"-ро мисол овард, ки дар ашъори шоирони ориф зиёд ба кор рафтааст:

Саноӣ:

Зери қадам карда аз иқлими шак,
То ба ниҳонхонаи айнуляқин [14, с.161].

Аттор:

Туро хоҳем мо дигар ҳама ҳеҷ,
Туӣ ҳаққуляқин дигар ҳама ҳеҷ [2, с.124].

Саъдӣ:

Дилатро дидаҳо бар дӯз, то айн-ул-яқин гардад,
Танатро захмҳо бар гир то канзулҳикам гардад [15, с.711].

Мавлоно:

Андар "ал-ҳокум" баёни ин бубин,
Ки шавад "илму-л-яқин" "айн-ул-яқин" [12, с.321].
Нақшу қишри илмро бигзоштанд,
Рояти "айну-л-яқин" афроштанд [12, с.104].

Ироқӣ:

Ноширии илмуляқин кошифи айнуляқин,
Воҷиди ҳаққуляқин ҳодии маҳди хитоб [6, с.248].

Қушайрӣ истилоҳоти мазкурро дар «Рисолаи Қушайрия» ба тартиб шарҳу тавзеҳ додааст, ки дар маърифати ашъори дар боло зикршуда мусоидат мекунад: «**Ва аз он ҷумла илмуляқин ва айнуляқин ва ҳаққуляқин аст**». Ин иборатҳоест аз илмҳои ошкоро. Яқин илме бувад, ки худованди ӯро шак наяфтад дар он бар урфу одат ва яқин андар васфи Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло, итлоқ накунанд, з-он ки тавфиқ наёмадаст, илми яқин ба яқин бувад.

Ва ҳамчунин айнуляқин нафси яқин бувад (ва ҳаққуляқин нафсуляқин бошад), илмуляқин бар муҷиби истилоҳи эшон аст, он чӣ ба шарти бурҳон бувад ва айнуляқин ба ҳукми баён бувад ва ҳаққуляқин бар наъти аён бувад.

Илмуляқин арбоби уқулро бувад ва айнуляқин асҳоби улумро бувад ва ҳаққуляқин худовандони маърифатро бувад ва суханро андар-ӯ боз пажуҳидан муҳол аст ва таҳқиқи ин боз ин ояд, ки ёд кардем (ва) бар ин қадар ихтисор кардем" [10, с.130].

Бояд таъкид намуд, ки бо густариши тасаввуф истилоҳоти суфия низ ба унвони ҷузъи муҳим ва арзишманде аз мероси суфия батадриҷ ба ҷойгоҳи волои худ дар ҳавзаи ирфон ва тасаввуф расид. Суфиёну орифон ин истилоҳотро, на фақат дар осору ақволи машоих, ҳамчунин дар зиндагиномаи онон низ ба таври васеъ истифода бурданд. Дар миёни осори суфия «Рисолаи Қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ аз ҷиҳати шарҳу тафсири истилоҳоти суфия аз аввалин ва муҳимтарин сарчашмаҳо ба шумор меравад. Зимни баррасии истилоҳоти ирфонӣ дар тарҷумаи «Рисолаи Қушайрия» метавон ба ду нукта таъкид намуд, ки асоси назарияи Қушайрӣ дар мавриди шарҳу тафсири ин истилоҳотро ташкил медиҳад, ки худи ӯ ҳам бад-он борҳо ишора кардааст: а) зарурати шарҳу тафсири истилоҳоти суфия барои аҳли тасаввуф; б) зарурати адами шарҳу тафсири истилоҳоти суфия барои ғайри аҳли тасаввуф.

Натиҷаи дигаре, ки аз таҳлилу баррасии «Рисолаи Қушайрия» дар иртибот бо истилоҳоти суфия бармеояд ин аст, ки Қушайрӣ илова бар боби мавриди таҳлил, ҳамчунин дар зимни дигар мабоҳиси китоби худ ба шарҳу тафсири истилоҳоти ирфонӣ пардохтааст.

Аз муҳимтарин вижагиҳои шарҳи истилоҳоти ирфонӣ дар «Рисолаи Қушайрия» ин аст, ки ӯ дар ҷараёни шарҳи истилоҳот истинод ба Қуръони Карим, аҳодис ва аҳволу зиндагии паёмбарон, истишҳод ба ҳикоёти манқул аз зиндагии машоих ва зиндагиномаи онон, баҳра бурдан аз тамсилот барои фаҳми матлаб ва истишҳод ба ашъори шоирон намудааст, ки усули кори ӯ баъдан дар китобҳои ирфонӣ, аз ҷумла "Кашфу-л-маҳҷуб"-и Ҳуҷвирӣ пайравӣ ва густариш ёфтаанд.

Таваҷҷуҳи Қушайрӣ ба шарҳу тафсири истилоҳоти ирфонӣ ва нақлу баррасии дидгоҳҳои машоихи суфия дар боби истилоҳот, махсусан баёни назар ва дидгоҳи ӯ нисбат ба истилоҳоти ирфонӣ аҳамияту эътибори илмию адабии «Рисолаи Қушайрия» ва муаллифи онро дар доираи баррасии истилоҳоти суфия афзун намудааст.

Муқарриз: ***Каримов Н.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Аттор, Фаридуддин. Тазкирату-л-авлиё / Фаридуддини Аттор. Бо муқаддима ва тасҳеҳи Муҳаммади Истеъломӣ. – Теҳрон: Заввор, 1384. - 914 с.
2. Аттор, Фаридуддин. Илоҳинома / Фаридуддини Аттор. Ба тасҳеҳи Фуод Руҳонӣ. – Теҳрон: Заввор, 1384. – 377 с.
3. Абӯтолиб Муҳаммад ибни Алӣ ибни Атия ал-Ҳорисӣ ал-Маккӣ. Қуту-л-қулуб фи мақомоти-л-маҳбуб ва васфи тариқу-л-мурид ило мақоми-т-тавҳид. - Миср, 1961 (дар 2 муҷаллад).
4. Ғанӣ, Қосим. Таърихи тасаввуф дар ислом ва татаввуроту таҳаввулот. Ҷ.2 / Қосим Ғанӣ. – Теҳрон: Заввор, 1321. – 724 с.
5. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Арзиши мероси суфия Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1378. – 320 с.
6. Ироқӣ, Фахруддин Иброҳими Ҳамадонӣ. Девон / Фахруддин Иброҳими Ҳамадонии Ироқӣ. – Теҳрон: Нигоҳ, 1391. - 448с.
7. Исфаҳонӣ, Ҳотиф. Девони ашъор / Ҳотифи Исфаҳонӣ. Танзими Алии Мустафо. - Теҳрон, 1387. – 119 с. (нусхаи электронӣ).
8. Каллободӣ, Абӯбакр Муҳаммад. Матн ва тарҷумаи китоби Таарруф / Абӯбакр Муҳаммади Каллободӣ. Ба кӯшиши Муҳаммадҷавводи Шариат. – Теҳрон, 1371. – 821 с.
9. Қандаҳорӣ, Низомиддин Тиринӣ. Қавоид-ул-урафо ва одоб-уш-шуарои (фарҳанги истилоҳоти орифон ва шоирон) / Низомиддин Тиринии Қандаҳорӣ. Бо эҳтимоми Аҳмади Муҷоҳид. – Теҳрон: Суруш, 1376. – 358 с.
10. Қушайрӣ, Абулқосим. Рисолаи Қушайрия. (мутарҷим Абӯалӣ Ҳасан ибни Аҳмади Усмонӣ) / Абулқосими Қушайрӣ. Бо тасҳеҳи Бадеуззамон Фурӯзонфар. – Теҳрон, 1374. – 835 с.
11. Мутаҳҳарӣ, Муртазо. Ирфони Ҳофиз / Муртазо Мутаҳҳарӣ. – Душанбе: Ройзани фарҳангии Ҷ.И.Э. дар Тоҷикистон, 1998. – 128 с.
12. Румӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ / Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Таҳия ва муқаддимаи Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ва Баҳриддин Алавӣ. – Теҳрон: Замон, 2001. - 728 с.
13. Саҷҷодӣ, Сайид Ҷаъфар. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ / Сайид Ҷаъфари Саҷҷодӣ. - Теҳрон: Таҳурӣ, 1375. - 814 с.

14. Саноӣ, Ҳаким Абулмаҷд. Девон / Ҳаким Абулмаҷди Саноӣ. Бо саъю эҳтимоми Мударриси Разавӣ. – Теҳрон: Саноӣ, бидуни соли нашр. – 1228 с.
15. Саъдӣ, Шерозӣ. Куллиёт / Саъдии Шерозӣ. Ба эҳтимоми Муҳаммадалии Фурӯғӣ. – Теҳрон: Амири кабир, 1376. – 1042 с.
16. Тӯсӣ, Абунаср Абдуллоҳ ибни Алии Сарроҷ. ал-Ламаъ фи- тасаввуф / Абунаср Абдуллоҳ ибни Алии Сарроҷи Тӯсӣ. Тасҳеҳи Реоналд Николсон. – Лейдан, 1914.
17. Шерозӣ, Шамсиддин Муҳаммад Ҳофиз. Девон / Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ. Бо эҳтимоми Муҳаммад Қазвинӣ ва Қосим Ғанӣ. – Теҳрон: Заввор, 1390. – 400 с.

ШЕВАҲОИ КОРБУРД ВА ШАРҲИ ИСТИЛОҲОТИ ИРФОНӢ ДАР ТАРҶУМАИ «РИСОЛАИ ҚУШАЙРИЯ»

Яке аз муҳимтарин махсусиятҳои сабкии таълифоти осори ирфонӣ марбут ба он буда, ки онон ақидаву афкорашонро тавассути корбурди рамзу истилоҳоти хоссе баён доштаанд, ки бештари он вожаҳо дар шеваи нигориши онон маъноҳои хос касб намудааст ва ин боиси зуҳури истилоҳоти хосси ирфонӣ гардидааст. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур қайд карда шудааст, ки ҳанӯз аз асри XI сар карда, аз ҷониби худи орифон баъзе аз истилоҳоти суфия шарҳ дода шуда, то замони мо чандин фарҳангномаҳои махсуси шарҳи истилоҳоти ирфонӣ таълиф шудаанд. Дар мақола оварда шудааст, ки “Рисолаи Қушайрия”-и Абулқосими Қушайрӣ яке аз сарчашмаҳои муҳимми ирфонӣ ба шумор рафта, дар як боби алоҳида бисту ҳафт истилоҳи махсуси ирфонӣ шарҳу тавзеҳ гардидааст. Дар баробари ин, дар дигар бобу фаслҳои китоб истилоҳоти махсуси суфия шарҳу тавзеҳ гардидааст. Дар мақола бори аввал ба таври муфассал вижагиҳои корбурд ва шарҳи истилоҳоти ирфонӣ дар муқоиса бо осори дигари ирфонӣ ва фарҳангномаҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Шарҳ дода шудааст, ки усули шарҳу тавзеҳи Қушайрӣ аз муаллифони пеш аз худ бо он фарқ мекунад, ки ӯ ҳангоми шарҳу тавзеҳи истилоҳот бештар аз ақволу орои орифони маъруф иқтибос меоварад. Ҳамчунин дар оғоз маънои луғавии онро шарҳ намуда, баъдан ба баёни маънои ирфонии истилоҳ мепардозад. Асоснок карда шудааст, ки аз муҳимтарин вижагиҳои шарҳи истилоҳоти ирфонӣ дар «Рисолаи Қушайрия» ин ҷараёни шарҳи истилоҳот бо истинод аз Қуръони карим, аҳодис ва аҳволу зиндагии паёмбарон, истишҳод ба ҳикоёти манқул аз зиндагии машоих ва зиндагиномаи онон, баҳра бурдан аз тамсилот барои фаҳми матлаб ва истишҳод ба ашъори шоирон мебошад.

Калидвожаҳо: Абулқосими Қушайрӣ, “Рисолаи Қушайрия”, истилоҳоти ирфонӣ, насри ирфонӣ, пӯшидагӯии орифон, тасаввуф, рамзгароии орифон, фарҳангномаҳои тасаввуфӣ, маърифат.

СПОСОБЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ И ОБЪЯСНЕНИЯ МИСТИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В ПЕРЕВОДЕ "ТРАКТАТА КУШАЙРИЯ"

Одна из важнейших стилистических особенностей написания мистических произведений связана с тем, что они выражали свои мысли и мнения посредством специфических аллегорий и терминов, многие из которых приобрели особый характерный смысл в том, как они были использованы, что впоследствии привело к возникновению конкретных мистических терминов. Поэтому в данной статье отмечается, что начиная с XI века некоторые суфийские термины объяснялись самими мудрецами, и до нашего времени было написано несколько специальных словарей мистических терминов. В статье указывается, что «Трактат Кушайрия» Абул-Касима Кушайри считается одним из важных мистических источников, в отдельной главе которой разъясняются двадцать семь специальных мистических терминов. В то же время в других главах книги разъясняются специальные термины суфизма. В статье впервые подробно рассмотрена специфика употребления и объяснения мистических терминов, в сравнении с другими мистическими произведениями и культурологическими записями. Было объяснено, что метод объяснения Кушайри отличается от предыдущих авторов тем, что он часто цитирует высказывания известных ученых при объяснении терминов. Также в начале он объясняет их лексическое значение, а затем разъясняет и мистическое значение терминов. Обосновано, что одной из важнейших особенностей объяснения мистических терминов в «Трактате Кушайрия» является процесс объяснения терминов со ссылкой на Священный Коран, хадисы и жития пророков, ссылки на интересные истории из житий святых и их жизнеописаний, а также использование сравнений для пояснения стихов поэтов.

Ключевые слова: Абулкасим Кушайри, «Трактат Кушайрия», мистическая терминология, мистическая проза, мистицизм, суфизм, символика мистиков, суфийский фольклор, просветительство.

WAYS OF USE AND EXPLANATION OF MYSTICAL TERMS IN THE TRANSLATION OF THE "TREAT OF KUSHAYRIYA"

One of the most important stylistic features of the writing of mystical works is related to the fact that they expressed their thoughts and opinions through specific allegories and terms, many of which acquired a special characteristic meaning in the way they were used, which subsequently led to the emergence of specific mystical terms. Therefore, this article notes that starting from the 11th century, some Sufi terms were explained by the sages themselves, and several special dictionaries of mystical terms have been written up to our time. The article points out that the "Treatise of Kushayriyya" by Abul-Qasim Kushayri is considered one of the important mystical sources, in a separate chapter of which twenty-seven special mystical terms are explained. At the same time, the special terms of Sufism are explained in other chapters of the book. The article for the first time examines in detail the specifics of the use and explanation of mystical terms in comparison with other mystical works and cultural records. It has been explained that Qushayri's method of explanation differs from previous authors in that he often quotes from famous scholars when explaining terms. Also at the beginning he explains its lexical meaning, and then explains the mystical meaning of the term. It is substantiated that one of the most important features of the explanation of mystical terms in the "Tractate Kushayriyya" is the process of explaining the terms with reference to the Holy Quran, hadiths

and the lives of the prophets, references to interesting stories from the lives of saints and their biographies, and the use of comparisons to understand the content of poets' verses.

Key words: Abulkasim Kushayri, "Tractatus Kushayriyya", mystical terminology, mystical prose, mysticism, Sufism, mystic symbols, Sufi folklore, enlightenment.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Наҷотов Ҷамшед*** - Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абуҳанифа, унвонҷӯй**. Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Шодмонӣ, 58/1.
E-mail: jamshed najotov@jmail.com. Тел.: **(+992) 909-08-00-80**

Сведение об авторе: ***Наджотов Джамшед*** - Исламский институт Таджикистана имени Имама Аъзама Абуханифы, соискатель. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шодмони, 58/1.
E-mail: jamshed najotov@jmail.com. Тел.: **(+992) 909-08-00-80**

Information about the author: ***Najotov Jamshed*** - Islamic Institute of Tajikistan named after Imam Azam Abukhanifa, applicant. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Shodmoni, Str., 58/1. E-mail: **jamshed najotov@jmail.com.** Phone: **(+992) 909-08-00-80**

УДК: 891.550-94

АБДУРРАУФИ ФИТРАТ ДАР ТАҲҚИҚИ Х. АСОЗОДА

Саидов Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX шоири комилистеъдод, нависандаи забардаст ва донишманди маъруф Абдуррауфи Фитрати Бухорой (1886-1938) мебошад, ки роҳи ниҳоят пурпечу тоби зиндагӣ ва фаъолияти пурзиддияту пурихтилофи эҷодиро аз сар гузаронидааст. Аз ибтидои фаъолияти эҷодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиаш то кунун дар хусуси рӯзгору осори ӯ нуқтаи назарҳои бағоят гуногун ва афкору ақидаҳои ниҳоят зидду нақиз давом карда меоянд, ки ҳамаи ин, албатта, натиҷаи шароити таърихии замони ӯ ва таъсири мафкураву омилҳои объективӣ ва субъективии даврони аз сар гузаронидаи ин шахсияти фавқулода ҳайратангезу мураккаб мебошад, ки дар ҳар давра аз осору таълимоти вулқонмонандаш фаввора зада мебарояд ва зеҳну шуурҳоро ба таври худ такон медиҳад. Муҳаққиқону донишмандони зиёде ба ҳаёт ва эҷодиёти ӯ таваҷҷуҳ зоҳир карда, беш аз як аср аст, ки перомуни ин шахсияти пурихтилоф ва офаридаҳои илмию адабиаш асарҳои илмӣ-таҳқиқӣ навишта мешаванд. Аз ҷумла, яке аз муҳаққиқоне, ки дар коргоҳи таҳқиқии хеш ба шахсият, ҷойгоҳи шоир дар адабиёти охири асри Х1Х ва ибтидои қарни ХХ ва офаридаҳои адабию илмӣ масъалаҳои эҷодиёти Абдуррауфи Фитрат таваҷҷуҳ намудаааст, адабиётшиноси маъруфи тоҷик, профессор Худойназар Асозода мебошад. Худойназар Асозода зимни тадқиқи адабиёти охири асри Х1Х ва ибтидои қарни ХХ ва чеҳраҳои таъсиргузори он ба шахсият ва эҷодиёти А. Фитрат таваҷҷуҳ намуда, дар китобҳои дарсӣ барои синфи 11 [3, 48-56] ва мактабҳои олӣ [1, 32-36; 2, 93-107] портрети эҷодӣ, шахсият ва ҷойгоҳи иҷтимоӣ, сиёсӣ, илмӣ ва адабии А. Фитратро холисона ва амиқу омӯзанда офаридааст.

Бояд қайд намуд, ки таълифоти Х. Асозода дар бораи шахсият ва эҷодиёти А. Фитрат дар китобҳои дарсӣ барои синфи 11 ва мактабҳои олӣ маҳдуд мешавад. Он маълумоте, ки дар китобҳои зикршуда оварда шудаанд натиҷаи тадқиқоти муҳаққиқону донишмандон буда, дар ин сарчашмаҳои дарсӣ аз онҳо фаровон истифода шудааст. Вале дар баробари зикри таҳқиқоти донишмандони дигар, аз ҷумла академик Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой Х. Асозода дар бораи шахсият, нақши таърихӣ ва эҷодиёти пурихтилофи А. Фитрат мавқеи муайяни илмӣ ва назари хосси худро низ баён намудааст, ки дорои аҳамияти илмӣ мебошад. Дар ин миён дар мавриди рӯз, моҳ ва соли таваллуди Абдуррауфи Фитрат назарҳои мухталиф дар китобҳои «Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ» [1, с.32-36] ва «Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи нав)» [2, с.93-107] баён гардидааст, ки поёнтар дида мебароем.

Маълум аст, ки дар як мақола наметавон ҳамаи иттилои овардаи муҳаққиқро равшан намуд. Бинобар ин, мо дар ин мақолаи худ танҳо ба он нуктаҳо таваҷҷуҳ менамоем, ки онҳо дар фитратшиносӣ то ҳол мавриди суол буда, оид ба онҳо баҳсу мунозираҳо идома доранд. Х. Асозода низ ҳамчун як муҳаққиқи таърихи адабиёт ба онҳо нигоҳи куллӣ намуда, якчанд нуктаи муҳимме аз онҳоро таъйин намудааст ва ё ин ки таваҷҷуҳ ба онро зарур шуморидааст.

Албатта, китоби дарсӣ аз китоби таҳқиқӣ бо он фарқ мекунад, ки китоби дарсӣ агар баёни маълумоти то ин замон муайяншудаи муҳаққиқонро бо забони фаҳмо ва барои муҳассилин дастрас аз тарафи ҳайати муаллифон ё як муаллиф фароҳам оварад, китоби таҳқиқӣ ё таълифи мақола ва асарҳои илмӣ натиҷаи ҷустуҷӯ, омӯзиш ва дарёфти муҳаққиқе ба шумор меравад. Бинобар ин, ҳам китоби «Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ» ва ҳам «Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи нав)» китобҳои дарсӣ барои мактабҳои олӣ буда, бештар аҳамияти илмӣ-адабӣ ва таълимиро бархӯрдоранд. Маълумоте, ки оид ба рӯзгор ва шахсияти А. Фитрат дар китобҳои зикршуда оварда шудааст, аз чанд ҷиҳат дорои аҳамияти илмӣ, маърифатӣ ва мавқеи устувори илмии адабиётшинос Х. Асозодаро таъйин менамояд.

Бояд ёдовар шуд, ки муайян кардани лаҳзаҳои шарҳиҳолӣ ва ба миён овардани тарҷумаи ҳоли А. Фитрат дар шароити ҳозира, аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми фитратшиносӣ ва умуман таърихи адабиёти нави тоҷикӣ ба шумор меравад. Дар китобҳои зикрнамуда, ки бо қалами Х. Асозода марбут аст, ба рӯзгор ва осори А. Фитрат таваҷҷуҳ шуда, роҷеъ ба соли таваллуди шоир, муҳити иҷтимоӣ, ба равияву ҷараёнҳои гуногуни замон ҳамовоз шудан, фирор ба Туркия,

пайравӣ аз қаҷравиҳои замон, ба мафкураи Ҳукумати Шӯро ва пролетариат мувофиқ будан ё набудан ва ғайра, назарҳои мухталиф вуҷуд доранд.

Муносибати Х. Асозода мисли ҳар муҳаққиқи дорои истеъдод ва соҳиби мавқеи илмӣ буда, ҷолиб ва дорои аҳамияти муайяни илмӣ ва таълимӣ мебошад. Муҳиммияти муносибати Х. Асозода ба шахсият ва эҷодиёти А. Фитрат лоиқи зикри махсус аст. Зеро ӯ аз хидматҳои А. Фитрат барои миллати тоҷик чашм намепӯшад ва хиёнатҳои ӯро ба ин миллат фаромӯш намекунад, балки хизматҳои фарҳангии ӯро бештар муаррифӣ менамояд.

Тавре таъкид намудем, Х. Асозода ҳам дар «Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ», ҳам «Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи нав)» ва китобҳои дарсӣ барои 11 дар бораи шахсият, нақши таърихӣ ва эҷодиёти пурихтилофи А. Фитрат маълумот дода, портрети эҷодии ӯро бо назари илмӣ ва зикри хидматҳо барои миллати тоҷик ва хиёнатҳо ба ин миллат меофарад.

Аз ҷумла, Х. Асозода дар бораи нақши таърихии А. Фитрат чунин андеша дорад: «Умуман, Фитрат барои халқи тоҷик хидмат адо кардааст. Устод Айнӣ дар навиштаҳояш «бародар Фитрат» гуфта, муроҷиат менамояд. Метавон гуфт, ки Садриддин Айнӣ аз гуноҳҳои Фитрат чашм мепӯшад, балки хизматҳои фарҳангии ӯро бештар муаррифӣ менамояд» [3, с.107]. Воқеан, ин хулосаи устод Асозода, ки аз муносибати айниёна сарчашма мегирад, бояд меъёри ҷомеаи мо низ бошад.

Агар мо қиёсан маводи «Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ»-ро бо «Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи нав)» баррасӣ намоем, мебинем, ки Х. Асозода дар ҳар ду сарчашма А. Фитратро ҳамчун чеҳраи эҷодии охири асри Х1Х ва ибтидои қарни ХХ дар заминаи тадқиқоти мавҷуда ва муроҷиат ба осори худи адиб муаррифӣ менамояд. Агар дар китоби «Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ» портрети эҷодии А. Фитрат ҳамагӣ дар панҷ саҳифа муаррифӣ гардад, дар «Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи нав)» назари фитратшиносии муҳаққиқ вусъат ёфта, ҳамчун чеҳраи алоҳидаи эҷодӣ дар фасли «Абдурраufи Фитрати Бухороӣ (1886-1938)» ва зерфаслҳои «Зиндагиномаи Фитрат», «Мероси адабию илмии Фитрат» бо қисмҳои хурд ва «Ба пантуркизм гаравидани Фитрат» муаррифӣ мегардад. Фаслҳои мазкури китоб, агарчи аз қалами муҳаққиқон ва донишмандони тоҷик, аз ҷумла, Х. Мирзозода, Муҳаммадҷони Шакурӣ, А. Маҳмадаминов ва дигарон ранг рабудааст, бештар дар асоси гуфтаҳои аввалин муҳаққиқи осори Фитрат устод Садриддин Айнӣ навишта шудааст.

Дак китоби дувум аз соли таваллуди шоир оғоз намуда, дар бораи сарчашмаҳои аввалияи маънавӣ, муҳити хонаводагӣ ва орзуи падари Фитрат Абдурраҳимбой, ки ӯ ба бисёр шаҳрҳои Ҳинду Қошғар ва Русия сафар карда, соҳиби фикр ва андешаи равшане буд, таҳсил дар мадрасаҳои Бухорою ба ҷунбиши маорифпарварӣ ҳамроҳ шудани адиб, сипас ба мадрасаи «Воизия»-и шаҳри Истанбули Туркия рафтану омӯхтани илмҳои навини аврупоӣ ва забони фаронсавӣ ва маҳз дар ҳамин ҷо ба пантуркизм гаравидану боз ба Бухоро баргаштани ӯ, акнун бо фаҳмиши нигилистонаи пантуркистон амал намудану бо забони туркӣ офаридани асарҳо ва хиёнатҳои Фитрат ба миллати тоҷик ва фарҳанги оламшумули он, ба вуҷуд овардани як муҳити носолими пантуркистӣ дар гаҳвораи тамаддуни тоҷикон – шаҳри Бухоро, пас аз таъсиси ҶШС Ӯзбекистон дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ аз дур шудан аз маъмурияти ҳукумат ва давлат ва фаъолияти яксолаи муаллимӣ дар шаҳри Маскав ва гирифтани унвони профессорӣ, фаҳмидани хатоҳои аз худгузаштаи ӯ ва боз ба фарҳангу тамаддуни тоҷикӣ таваҷҷуҳ намудану офаридани нахустин асари драмавӣ бо забонӣ тоҷикӣ ва ниҳоят, ба таври фоҷиавӣ кушта шудани ӯ нақлу баррасӣ мешаванд.

Бояд ёдовар шавем, ки дар адабиётшиносии шӯравӣ то соли 1957 ба рӯзгор ва осори А. Фитрат назари илмӣ намешуд ва агар номи ӯ ҷое ҳам зикр меёфт, танҳо барои бадномкунӣ ва доғдору сиёҳкунӣ ёд шудааст. Ин ҳолат ба тақдири осори гаронбаҳои ӯ ва омӯзиши илмии рӯзгори ихтилофноки адиб таъсири манфӣ мерасонад. Аз ҳамин ҷост, ки дар бораи кушта шудани А. Фитрат назарҳои мухталиф баён шудааст. Аз ҷумла, Х. Асозода дар китоби «Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ» дар бораи ин масъала чунин андеша пеш меорад, ки «3-юми июни соли 1944 дар маҳкамаи Тошканд Фитратро паронданд» [1, с.36]. Дар китоби «Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи нав)» бошад мебинем, ки муаллиф соли вафоти А. Фитратро ислоҳ намуда, андешаи дигаре пеш мегузорад: «Соли 1937 баъд аз таъкиб ва ҳабси Файзулло Хоҷаев – сарвазири Ӯзбекистон Фитрат низ чун ҳамкори собиқ ва содиқи ин шахс ба ҳабс гирифта шуд ва моҳи апрели соли 1938 бе

ҳукми додгоҳ (суд) дар маҳбасхонаи Тошканд бар ҷурми миллатгароии буржуазӣ ва аксулинқилобӣ ба қатл расид» [2, с.95].

Бояд қайд намоем, ки фоҷиаи кушта шудани А. Фитрат дар адабиётшиносии тоҷик баъди омӯзиши бисёрсолаи адабиётшинос А. Маҳмадаминов равшан гардид [8, с.12-14]. Мақсад ин аст, ки устод А. Маҳмадаминов ҳангоми таҳияи матни илмӣ-интиқодии яке аз асарҳои бунёдии А. Фитрат – «Раҳбари наҷот» ба охирин солҳои ҳаёти адиб таваҷҷуҳ намуда, дар асоси сарчашмаҳои муътамад ба таври фоҷиавӣ қатл шудани ӯро равшан менамояд. Аз ҷумла, А. Маҳмадаминов дар муқаддимаи муфассали худ ба тақдири А. Фитрат дар ҳабси Тошканд таваҷҷуҳ намуда, равшан менамояд, ки А. Фитрат аз соли 1935 мавриди таъқибу фишори муттасили мақомоти НКВД қарор мегирад ва соли 1937, аниқтараш 24 апрели соли 1937 ба ҳабс гирифта мешавад. Дар ин муқаддима ҷузъиёти қатли А. Фитрат равшан мегардад, ки дар фитратшиносӣ саҳифаи наве боз намудааст. Баёни лаҳзаи қатл ва ҷузъиёти он, ки дар муқаддима оварда мешавад, чунин аст: «Дар сессияи сайёри Мушовараи ҳарбии Суди Олии СССР, ки 4 октябри соли 1938 дар Тошканд баргузор гардид, дар ҳайати намояндагони болшевики истилогару мустамликадорони рус – раисикунанда: ҳуқуқшиноси ҳарбии дастаӣ (бригадавӣ) Алексеев, аъзо: ҳуқуқшиноси ҳарбии дастаӣ Зайтсев, ҳуқуқшиноси ҳарбии дараҷаи 1 Болдирев, котиб – ҳуқуқшиноси ҳарбии дараҷаи 1 Батнер дар муддати ҳамагӣ 15 дақиқа (оғози маҷлис соати $12^{\underline{25}}$ дақиқа ва анҷоми он соати $12^{\underline{40}}$ дақиқа) тақдири адиб ва донишманди бузурги тоҷик – А. Фитратро ҳал карданд...» [8, с.13]. Ҷузъиёти ҷолиби дигаре, ки аз тафари муҳаққиқ равшан мешавад, ин аст, ки 4 октябри соли 1938 аввал А. Фитратро қатл карданд, яъне бо ҷазои олӣ – парондан ва мусодираи молу мулк маҳкумаш карданду баъди як рӯз 5 октябр ҳукми судро баровардand [8, с.14]. Ин ҳақиқат ба он далолат мекунад, ки онҳое, ки ин адиби донишмандро бо ҳадафҳои сиёсии нопоки худ тавонистанд истифода намоянд, акнун тарс аз он доштанд, ки ӯ боз зинда монда сирру асрори онҳоро фош намуда, ба манфиати миллати тоҷик хизмат менамояд. Ин ҳамон пантуркистоне буданд, ки акнун дар зери пардаи сиёсати Иттиҳоди Шӯравӣ боз мехостанд ҳадафҳои зиддимиллӣ ва нигилистии худро пиёда намоянд.

Бо вуҷуди ба таври равшан маълум шудани қатли А. Фитрат дар ҳабсхонаи Тошканд, яъне дар 4 октябри соли 1938 паронда шудани адиб на моҳи апрели соли 1938, дар китоби «Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи нав)» то ҳанӯз дар мавриди рӯз, моҳ ва ҷузъиёти қатли А. Фитрат иштибоҳ боқӣ мемонад, ки дар нашрҳои баъдӣ ба назар гирифтани ин ҷузъиёт аз фоида холӣ нест.

Нуктаи дигар, ки дар китоби «Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи нав)» муфиду судманд иқдом шудааст, ин аст, ки дар фасли алоҳидае мероси адабию илмии А. Фитрат ба таври хронологӣ муаррифӣ шуда, аҳамияти илмӣ, адабӣ ва маърифатии онҳо аз тарафи муаллиф баррасӣ мешавад. Аз ҷумла, дар бораи аввалин асари насрии А. Фитрат – «Мунозара» (1910), маҷмуаи шеърҳои тоҷикӣ «Сайҳа» (1910), қиссаи «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» (чопи аввал 1911), асари фалсафӣ-ахлоқии «Раҳбари наҷот» (1915), «Мухтасари таърихи Ислом» (1915), асари манзуми «Оила ё худ вазоифи хонадорӣ» (1916) маълумот дода, фаъолияти А. Фитрат дар солҳои 30-юм ва намунаҳои осори индавраина, аз ҷумла асари драмавии «Шӯриши Восеъ» (1927), «Давраи ҳукмронии амир Олимхон» ва асари арзишманде дар соҳаи забоншиносӣ бо номи «Қоидаҳои забони тоҷик», асари публитсистии ӯ «Аморати Бухоро» зикр мегардад.

Ҳамин тавр, метавон ба чунин натиҷа расид, ки дар фаъолияти муҳаққиқии Х. Асозода ҷойгоҳи ин адиби донишманд, ки бо фаъолияти адабию сиёсӣ дар адабиёти тоҷик баҳои мухталиф мегирад, мавқеи муайян дошта, муҳаққиқ кӯшидааст, ки адибро на танҳо бо хизматҳои адабияш, балки бо хиёнатҳояш барои ҷомеаи мо муаррифӣ намояд. Муҳиммияти муносибати Х. Асозода ба шахсият ва эҷодиёти А. Фитрат дар он ҷост, ки ӯ аз хидматҳои А. Фитрат барои миллати тоҷик чашм намепӯшад ва хиёнатҳои ӯро ба ин миллат фаромӯш намекунад, балки хизматҳои фарҳангии ӯро бештар муаррифӣ менамояд. Барҷастатарин муваффақияти Х. Асозода дар мисоли китобҳои дарсии ӯ ва ҷой доданаи чеҳраи адабие чун А. Фитрат дар онҳо ва дар ҳамин замина офаридани портрети эҷодии ӯ бо назари илмӣ холисона ва амиқу омӯзанда дар китобҳои дарсӣ ба шумор меравад. Яъне, Х. Асозода тавониста ва муваффақ шудааст, ки зимни тадқиқи адабиёти охири асри Х1Х ва ибтидои қарни ХХ ва чеҳраҳои таъсиргузори он ба шахсият ва эҷодиёти А. Фитрат таваҷҷуҳ намояд ва дар китобҳои таълимии худ портрети эҷодӣ, шахсият ва ҷойгоҳи иҷтимоӣ, сиёсӣ, илмӣ ва адабии ӯро холисона ва амиқу омӯзанда офарад. Маълумоте, ки оид ба рӯзгор ва шахсияти А. Фитрат дар китобҳои таълимии Х. Асозода оварда шудааст, аз

як тараф саҳми муҳаққиқро дар муаррифӣ ва муайян намудани чеҳраи илмӣ ва адабии А. Фитрат равшан намояд, аз тарафи дигар, дорои аҳамияти илмӣ, маърифатӣ буда, мавқеи устувори илмии адабиётшиносро равшану возеҳ таъйин менамояд.

Муқарриз: ***Бобомаллаев И.Ҷ.*** – н.и.ф., ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода Х. Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ (Муҳтавои дарсҳои назарӣ барои донишкадаи филологияи ДМТ) / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф, 1999. – 448 с.
2. Асозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи нав). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.
3. Асозода Х. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 11. Нашри сеюм / Х.Асозода, А. Кӯчаров. – Душанбе: Маориф, 2015. – 400 с.
4. Самад, В. Фазилату фоҷиаи Фитрат / В. Самад // Садои мардум. – 1992. – 3 ноябр. - №206 (456).
5. Гулмуродзода П. Фоҷиаи Фитрат (Порча аз китобе, ки бояд навишта шавад) / П. Гулмуродзода // Ҷавонони Тоҷикистон. – 1989. – 2 август. – № 92 (8119).
6. Гулмуродзода П. Фитрат ва масъалаҳои омӯзиши мероси адабии тоҷик / П. Гулмуродзода // Адибони ноқид (Маводи дувумин хонишҳои Варзоб. «Муаммоҳои нақди нависанда»). – Душанбе: Дониш, 1990. – С.3-5.
7. Мирзозода Х. Абдуррауфи Фитрати Бухоро / Х. Мирзозода // Чанд мулоҳизаи адабӣ. Маҷмуаи илмӣ. - Ҷ. 92. – Душанбе, 1974. – С.3-31.
8. Маҳмадаминов А. Оид ба як асари Абдуррауфи Фитрат / А.Маҳмадаминов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Силсилаи шарқшиносӣ, таърих, филология). – 1992. – №2. – С.51-56.
9. Маҳмадаминов А. Раҳнамои саодату ваҳдати миллӣ ва умумибашарӣ / А.Маҳмадаминов // Раҳбари наҷот (Бо сарсухан, таҳия, танзим, тавзеҳ, шарҳи луғат ва феҳрастҳои Абдулҳай Маҳмадаминов). – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – С.3-56.
10. Мирзозода Х. Фитрат / Х.Мирзозода // Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷ.7. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик, 1987. – С.567.
11. Осорномаи профессор Худойназар Асозода (Мураттиб: Ҷ. Раҷабов). – Душанбе: Бухоро, 2014. – 154 с.
12. Шарифҷон-махдуми Садри Зиё. Зикри фозили комили саропо фитнат Ҳоҷӣ Абдуррауфи инқилобчӣ Фитрат // Тазкори ашъор (Матни илмии интиқодӣ, бо эҳтимоми Саҳоби Сиддиқ). – С. 150 -154. (мошиннавис). – Номатбуъ.
13. Шукуров М. Ҳаёту мамоти миллати мо ба дасти савдогарони мост / М. Шукуров // Садои мардум. – 1995. –1 2 август. – №51 (781).
14. Шукуров М. (Муҳаммадҷони Шакурии Бухоройӣ). Ҳаёт амри маънавист / М. Шукуров // Хуросон аст ин ҷо. Маънавият, забон ва эҳёи миллии тоҷикон. (Ношир: Дафтари нашри фарҳанги ниёгон). – Душанбе: Пайванд, 1996. – С.95-133.

АБДУРРАУФИ ФИТРАТ ДАР ТАҲҚИҚИ Х. АСОЗОДА

Мақолаи мазкур ба мавзуи тадқиқ ва муаррифии яке аз симоҳои намоёни адабиёти тоҷики охири асри Х1Х ва ибтидои қарни ХХ Абдуррауфи Фитрат дар китобҳои таълимии профессор Худойназар Асозода бахшида шуда, ин мавзуъ дар асоси пажӯҳишҳои муҳаққиқ, аз ҷумла ду китоби арзишманди ӯ баррасӣ мешавад. Дар мақола таъкид мегардад, ки муҳаққиқону донишмандони зиёде ба ҳаёт ва эҷодиёти А. Фитрат таваҷҷуҳ зоҳир карда, беш аз як аср аст, ки перомуни шахсият ва осори илмию адабии ӯ асарҳои илмӣ-таҳқиқӣ навишта мешаванд. Дар ин миён, яке аз муҳаққиқоне, ки дар коргоҳи таҳқиқии хеш ба ин адиб таваҷҷуҳ намудааст, ин адабиётшинос Х. Асозода мебошад. Дар фаъолияти муҳаққиқии Х. Асозода ҷойгоҳи ин адиби донишманд, ки бо фаъолияти адабию сиёсӣ дар адабиёти тоҷик баҳои мухталиф мегирад, мавқеи муайян дошта, муҳаққиқ кӯшидааст, ки адибро на танҳо бо хизматҳои адабияш, балки бо хиёнатҳояш барои ҷомеаи мо муаррифӣ намояд. Муҳиммияти муносибати Х. Асозода ба шахсият ва эҷодиёти А. Фитрат дар он ҷост, ки ӯ аз хидматҳои А. Фитрат барои миллати тоҷик чашм намепӯшад ва хиёнатҳои ӯро ба ин миллат фаромӯш намекунад, балки хизматҳои фарҳангии ӯро бештар муаррифӣ менамояд. Барҷастатарин муваффақияти Х. Асозода дар мисоли китобҳои дарсии ӯ ва ҷой додани чеҳраи адабие чун А. Фитрат дар онҳо ва дар ҳамин замина офаридани портрети эҷодии ӯ бо назари илмӣ холисона ва амиқу омӯзанда дар китобҳои дарсӣ ба шумор меравад. Яъне Х. Асозода тавониста ва муваффақ шудааст, ки зимни тадқиқи адабиёти охири асри Х1Х ва ибтидои қарни ХХ ва чеҳраҳои таъсиргузори он ба шахсият ва эҷодиёти А. Фитрат таваҷҷуҳ намояд ва дар китобҳои таълимии худ портрети эҷодӣ, шахсият ва ҷойгоҳи иҷтимоӣ, сиёсӣ, илмӣ ва адабии ӯро холисона ва амиқу омӯзанда офарад. Маълумоте, ки оид ба рӯзгор ва шахсияти А. Фитрат дар китобҳои таълимии Х. Асозода оварда шудааст, аз як тараф, саҳми муҳаққиқро дар муаррифӣ ва муайян намудани чеҳраи илмӣ ва адабии А. Фитрат равшан намояд, аз тарафи дигар, дорои аҳамияти илмӣ, маърифатӣ буда, мавқеи устувори илмии адабиётшиносро равшану возеҳ таъйин менамояд.

Калидвожаҳо: Абдуррауфи Фитрат, профессор Худойназар Асозода, китобҳои дарсӣ, чеҳраи адабӣ, хизматҳои фарҳангӣ, фоҷиаи кушта шудани А. Фитрат, ҷузъиёти зиндагӣ, таърихи адабиёти тоҷик.

АБДУРРАУФИ ФИТРАТ В ИССЛЕДОВАНИИ Х. АСОЗОДА

Данная статья посвящена изучению одного из самых ярких деятелей таджикской литературы конца XIX - начала XX веков Абдурауфа Фитрата. Профессор Х. Асозода обсуждает эту тему на основе исследований, в том числе двух его ценных книг. В статье подчеркивается, что многие исследователи и ученые интересовались жизнью и творчеством А. Фитрата уже более ста лет, а также его научными и литературными работами. Также,

интересовался исследованиями данной личности, и литературовед Х. Асозода. В исследованиях Х. Асозода А.Фитрат занимает особое место. Он дал высокую оценку произведениям и политическом деятельности А.Фитрата в таджикской литературе. Исследователь пытался представить писателя как имеющего литературные заслуги, перед нашим обществом. В ходе исследования Х. Асозода сумел оценить литературу конца XIX - начала XX веков с ее влиятельными фигурами, в отношении к личности и творчеству А.Фитрат. Он создал в своих учебниках творческий, личностный и социально-политический, научный и литературный портрет А.Фитрата и показал его место в литературе. Сведение о жизни и личности А. Фитрата в учебниках Х. Асозода представлены, с одной стороны, как исследовательский вклад в определение его научного и литературного портрета. Произведения А. Фитрата имеют научное и познавательное значение, и Х.Асозода четко определяет научную позицию данного литературного деятеля.

Ключевые слова: Абдуррауф Фитрат, профессор Худойназар Асозода, учебники, литературное лицо, культурные услуги, трагедия убийства А. Фитрата, подробности жизни, история таджикской литературы.

ABDURRAUFI FITRATE IN THE STUDY OF KH. ASOZODA

This article is devoted to the study and presentation of one of the most prominent figures of Tajik literature of the late XIX - early XX centuries, A. Fitrat, which Professor Kh. Asozoda discusses this topic on the basis of research, including his two valuable books. The article emphasizes that many researchers and scientists have been interested in the life and work of A. Fitrat for more than a hundred years, as well as in scientific and literary works. Meanwhile, one of the researchers who showed interest in the writer in his research work, the literary critic Kh. Asozoda, was interested in the research of this person. A. Fitrat occupies a special place in the studies of Kh. Asozoda. He highly appreciated the works and political activities of A. Fitrat in Tajik literature. The researcher tried to present the writer not only for his literary merits, but also for his betrayal of our society. In the course of his research, Kh. Asozoda was able to evaluate the literature of the late 19th - early 20th centuries with its influential figures on the personality and work of A. Fitrat. He introduced in his textbooks the creative, personal and socio-political, scientific and literary portrait of A. Fitrat and his place in literature. Information about the life and personality of A. Fitrat in the textbooks of Kh. Asozoda is cited, on the one hand, as a research contribution to the presentation and definition of a scientific and literary person.

Key words: Abdurrauf Fitrat, professor Khudoinazar Asozoda, textbooks, literary person, cultural services, tragedy of A. Fitrat's murder, life details, history of Tajik literature.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саидов Фирдавс*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи назария ва адабиёти навини форсӣ-тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
Тел.: **(+992) 938-10-10-64**

Сведение об авторе: ***Саидов Фирдавс*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 938-10-10-64**

Information about the author: ***Saidov Firdavs*** - Tajik National University, applicant for the Department of Theory and Modern Persian-Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Phone: **(+992) 938-10-10-64**

УДК: 891.550-93

КОМПОЗИЦИОННЫЕ И СТИЛЕВЫЕ ОСОБЕННОСТИ СКАЗОК «ТЫСЯЧИ И ОДНОГО ДНЯ» ПЕТИ ДЕ ЛА КРУА

Махмудов Д.О.
Таджикский национальный университет

Для современников Пети де ла Круа было достаточно очевидно, что его книга «Тысячи и одного дня» не является переводом какого-то одного собрания. Сам Пети де ла Круа и не стремился всерьез к созданию такой иллюзии. Уже само название сборника слишком явно соотносилось с названием «Тысячи и одной ночи», из чего следовало, что состав и композиция «Персидских сказок» определялись не восточными источниками, а литературным вкусом автора. Для Пети де ла Круа образом для составления «Тысячи и одного дня» послужили все же восточные сказочные и басенные своды. В данной статье мы попытаемся проанализировать некоторые черты композиции и стиля его произведении с точки зрения их связи с композиционными приемами восточной и западной повествовательной прозы. Существенное внимание уделено особенностям рамочных конструкций в композиционной структуре сборника.

Наличие обрамляющей новеллы, рамочная конструкция является почти самой заметной композиционной особенностью восточных сказочных и басенных циклов. Впервые в мировой литературе объединение сказок посредством рамки встречается в Древнеегипетском папирусе Весткар (XVII - XVI вв. да н.э.). В тексте папируса повествуется о том, как скучающему фараону Хуфу (Хеопсу) сыновья рассказывают дивные истории. Далее рамочная композиция встречается в огромном количестве произведений мировой литературы.

Однако, следует, иметь в виду, что рамочные конструкции довольно разнообразны и в их характере находит свое отражение специфика национальных литературных традиций. Голландская исследовательница Миа Герхардт выделяет в «Тысяче и одной ночи» три основных типа этой композиционной структуры: 1) развлекательную рамку, 2) отсрочивающую рамку и 3) выкупную» рамку [2, с.354].

В обрамляющих сказках первого типа сказки просто для развлечения одною или нескольких слушателей, Нам представляется, что «развлекательная рамка» представляет собой наиболее «механический» способ объединения сказочных текстов и не является специфичной для Востока. Она широко представлена и в европейской и в восточной литературе, начиная с упомянутого выше папируса Весткар и «Кентерберийских рассказов» Дж. Чосера и вплоть до «Вечера с привидениями» Дж. К. Джерома. Этот тип рамки может охватывать один или несколько включенных текстов.

Второй тип отсрочивающая рамка считается более сложным. Функция включенных текстов помочь отсрочить казнь или другое нежелательное действие. М. Герхардт указывает, что, эта структурная модель индийского происхождения и считает, что, хотя обрамление самого сборника представлено, именно этим типом, отсрочивающая рамка все же неорганична для «Тысячи и одной ночи» она встречается в нескольких сказках, заимствованных у персов [2, с.356].

Отсрочивающая рамка служит обычно для того, чтобы связать воедино большой сборник историй. Она встречается почти исключительно в сборниках восточного происхождения. Случаи ее использования в европейской литературе явно вторичны. В.Б. Шкловский рассматривает рассказывание как способ отсрочки едва ли не как основной вид обрамления и приводит несколько примеров, помимо обрамляющей сказки из «Тысячи и одной ночи»: «Существует свод «Семь визирей». Царевич оклеветан, отец его хочет казнить. Царевич сам говорить не может, визири рассказывают сказки, задерживающие казнь. В монгольском сборнике сказок буддийского происхождения Арджи БарДжи деревянные статуи, составляющие ступени, сказками удерживают царя от восхождения на трон. В индийских «Сказках попугая» попугай сказками задерживает женщину, которая хочет уйти и изменить мужу» [6, с.157].

Третий тип рамок, которая выделила М. Герхардт, в своей исследовании носит название «выкупной рамки». Рамка призвана показать, как кому-то угрожает опасность быть приговоренным, сказки могут спасти его, если их сочтут достаточно хорошими [2, с.360]. Этот

тип рамки широко представлен и в «Тысяче и одной ночи», но, как нам представляется, тоже не может быть признан специфически восточным. В фольклоре народов Восточной и Западной Европы мы часто встречаемся с ситуацией, когда рассказанная сказка или спетая песня спасают жизнь персонажа (например, в сказках типа «Колобок»: «Не ешь меня, серый волк, я тебе песенку спою!»).

Все же думается, что классификация рамочных конструкций в работе М. Герхардт вряд ли может быть признана исчерпывающей. В основе этой классификации лежат эмпирические наблюдении над текстом только одного, хотя и довольно значительного, цикла. Однако, стоит, выйти за пределы «Тысячи и одной ночи», как мы сталкиваемся с многочисленными рамочными структурами, вряд ли подводимыми под перечисленные рубрики. Обращаясь к тексту «Тысячи и одного дня», мы сразу оказываемся в тупике, пытаясь квалифицировать в соответствии со схемой М. Герхардт обрамляющую сказку сборника Пети де ла Круа.

Принцессе Фарухназ приснился сон о том, как олень запутался в силках и лань помогает ему из них выбраться. Когда же в силки попадает сама лань, то олень убегает и оставляет ее на произвол судьбы. Когда принцесса увидит этот сон, у неё появляется ненависть к мужчинам и принимает решение никогда не выходить замуж. Ее нянька Сутлумема чтобы переубедить принцессу, рассказывает в течение тысячи и одного дня сказки, в которых рассказывается о верной и преданной любви. Вопреки восторгам подруг, принцесса находит разные недостатки у героев рассказанных сказок. Потом Сутлумема приступает к очередной сказке. Например, вот как выглядит переход от «Повести об Абулкасеме из Басры» к «Повести о царе Рузваншаде и о царице Шегеристани»: «На этом Сутлумема кончила повесть об Абулкасеме из Басры. Все придворные дамы кашмирской принцессы расхваливали эту повесть, каждая по-своему. Одни хвалили великолепие и щедрость молодого басрийца, другие утверждали, что и халиф Харун ар-Рашид был щедр не менее, третьи же, восхищаясь постоянством героя, говорили, что Абулкасем был самый верный любовник. Тогда Фарухназ, обращаясь к ним, сказала:

– Я не согласна с вами. Ведь еще немного, и Балкис смогла бы изгнать из памяти Абулкасема его Дардану. Нет, я хочу, чтобы влюбленный – сохранял верность любимой, даже если смерть ее похитит, чтобы никакая новая страсть была бы для него невозможна. Но ведь мужчины совсем не отличаются великим постоянством!

– Не гневайтесь, всемилостивая государыня, сказала на это Сутлумема, но бывали и такие мужчины, верность которых выдерживала все испытания. Вы уверитесь в этом, если выслушаете повесть о царе Рузваншаде и царице Шегеристани».

– Посмотрим, – промолвила Фарухназ, – я разрешаю тебе рассказать ее» [2, с.112].

Между тем, подобные диалоги разделяют между собой практически все повести «Les 1001 jours», и в них Фарухназ осмеивает персонажей сказок Сутлумемы с позиции скорее светской француженки начала XVIII века, нежели восточной принцессы [3, с.111]. Для сравнения приведем еще один «рамочный» эпизод, следующий после «Повести о царевиче Карафе и китайской принцессе»: «Кормилица кашмирской принцессы, окончив историю Карафа, спросила у фрейлин Фарухназ, что они об этой истории думают. Те сказали, что она чрезвычайно хороша и что Караф показался им добродетельным царевичем и совершенным любовником. «А я, сказала тогда принцесса, - нахожу его скорее тщеславным, чем влюбленным, несколько ветреным, словом, таким, каковы обычно молодые люди. Что же касается старого мусельского царя, доброго Фадлаллаха, продолжала она, улыбаясь, - то надо признать, что он действительно нежный и верный супруг. Ведь вместо того, чтобы как можно скорее себя уморить, как это сделала Зумрад, он предпочел прожить еще пятьдесят лет, чтобы подольше ее оплакивать». «Ну, что ж, ваше величество, - сказала на это кормилица, - если Караф и Фадлаллах не удовлетворили вашей разборчивости, то я расскажу, если вы мне позволите, повесть о царе дамасском и его визире. Надеюсь, вы ей будете довольны». «Охотно разрешаю, - отвечала Фарухназ, мои фрейлины очень любят ваши рассказы, и я хочу доставить им это удовольствие. К тому же, вы умеете рисовать очень приятные картины. Но все же, любезная моя Сутлумема, какими бы яркими красками вы ни рисовали бы мужчин, все же недостатки их будут просвечивать сквозь вашу живопись».

Безусловно, весь этот диалог не имеет ничего общего с восточной прозой. Он напоминает, скорее, салонную беседу. Более того, в некоторых репликах Фарухназ можно уловить

определенную полемическую направленность, связь с литературой злободневностью начала XVIII в.

Однако, вернемся, к вопросу о типе рамочной конструкции в произведении Пети де ла Круа. Из сказанного выше с достаточной очевидностью следует, что обрамляющая сказка «Тысячи и одного дня» не имеет ничего общего ни с развлекательной, ни с отсрочивающей, ни с выкупной рамкой. Здесь абсолютно особый тип, который можно назвать «дидактической рамкой»: сказки рассказываются для того, чтобы рассеять ложное с точки зрения повествователя убеждение слушателя, чтобы внушить ему определенные представления.

Ни в малейшей степени дидактическая рамка не является изобретением Пети де ла Круа. Более того, можно утверждать, что это один из самых широко распространенных в мировой литературе типов обрамляющих, новелл. Именно дидактической является, например, рамка «Панчатантры», хотя в этом случае дидактичность не носит такого узко направленного характера: царь Амарашакти решил пробудить разум своих сыновей - глупцов и невежд. мудрец Вишнушарман по его просьбе сочинил пять книг, каждая из которых излагает различные наставления в житейской мудрости. Заставив царевичей прочесть эти книги, мудрец пробудил их разум. Весьма высокая популярность «Панчатантры» в мире привела, помимо прочего, и к распространению дидактической рамки. Европейским читателям была очень хорошо знакома персидская версия «Панчатантры» («Калила и Димна» или «Басни Бидпая»).

Дидактическая рамка заметно отличается от других типов рамочных конструкций с точки зрения соотнесенности обрамления с содержанием включенных текстов. Если в развлекательную, отсрочивающую и выкупную рамки может быть включен практически любой достаточно занимательный текст, то дидактическая рамка предполагает подчиненность содержания включенных сказок одной определенной дидактической установке. Поэтому, в частности, мы напрасно стали бы искать в «Тысяче и одном дне» сказки, в которых бы фигурировали в качестве главных героев легкомысленные и хитрые мужчины. На первый взгляд, может показаться, что «Тысяча и один день» довольно последовательно противостоит «Тысяче и одной ночи»: сказки Шахрезады должны убедить Шахрияра в том, что женщины достойны любви, а сказки Сутлумемы должны убедить Фарухназ в том, что ее достойны мужчины. Судя по всему, так основал свой замысел и сам Пети де ла Круа. Однако при более внимательном взгляде на оба сборника становится ясно, что параллелизм их мнимый. Дело в том, что «Тысяча и одна ночь» в сущности, не имеет жесткой структуры обрамленного сборника. «Как только дело доходит до сказок, обрамление постепенно словно исчезает. Царь Шахрияр редко комментирует услышанное, только в небольшой серии басен в первой части книги составитель внес несколько его благодарных ремарок и пожеланий: «О, Шахразада, в том, что ты мне рассказала, есть множество мудрых предостережений и наставлений. Может быть, тебе известны также истории о животных суши?» [5, с.248]. Последняя из таких ремарок встречается в конце сказки № 22; начиная отсюда, сказки не связывает комментарий, они следуют одна за другой без перехода или просто начинаются фразой: «А еще рассказывают...» Составители не сумели сделать так, чтобы обрамление функционировало на протяжении всего сборника» [2, с.357].

Естественно при этом, что и дидактическая идея в «Тысяче и одной ночи» сначала отступает на второй план, а затем просто растворяется в отдельных текстах, характеризующихся порой взаимоисключающими дидактическими установками. Что же касается «Тысячи и одного дня», то но произведение в композиционном отношении более цельное, более авторское, более литературное, чем «Тысяча и одна ночь». Пети де ла Круа ни на минуту не забывает, во имя чего Сутлумема рассказывает сказки. Композиция «Тысячи и одного дня» отличается совершенно исключительной стройностью. Герой каждой следующей сказки оказывается еще более идеальным, чем герой предыдущей. Учитывая, что почти в каждой сказке сборника имеется рамочная структура, включающая другие сказки, можно было бы ожидать, что в этих сказках «второго порядка» основная дидактическая идея приступит на второй план. Этого, однако, не происходит. В этих сказках мы находим тех же идеальных героев, преданно любящих и преодолевающих все препятствия.

Такой подход к подбору материала из восточных источников более соответствовал канонам эстетики классицизма, чем подход А. Галлана, который в большей степени следовал арабскому тексту» чем своим собственным представлениям. Это различие между Таллином и

Пети де ла Круа связано прежде всего с самим характером их работы: Галлан был прежде всего переводчиком, перед ним не стоял вопрос о составе сборника и его структуре. Что же касается Пети дела Круа, то ему пришлось решать и эти, уже собственно литературные, а не переводческие проблемы.

Мы отдаем себе отчет в том, что избранный Пети де па Круа путь был чреват определенными издержками. Именно потому, что «Тысяча и один день» является не переводом, а собранием переводов, собранием, отражающим субъективные вкусы составителя, таджикско-персидская сказочная традиция предстала перед европейским читателем и несколько рафинированном и обедненном виде. Но эта рафинированность и классицистическая стройность привели к тому, что тексты и сюжеты персидских сказок оказались включены в европейскую литературную традицию едва ли не в большей степени, чем «Тысяча и одна ночь».

В отдельных повестях «Тысячи и одного дня» рамочная конструкция также представлена широко. Так, «Повесть о царе Рузваншаде и царице Шегеристани» включает в себя «Повесть о молодом тибетском царе и царице наиманов» и «Повесть о визире Каверше», а «Повесть о принце Калафе и китайской принцессе» содержит в себе «Повесть о принце Фадлаллахе и прекрасной Зумрад» и т.п.

Когда мы обратимся к анализу рамочных конструкций в отдельных сказочных повестях «Тысячи и одного дня», то обнаруживаем по преимуществу те же типы, что и в «Тысяче и одной ночи». Большая часть рассуждений М. Герхардт по поводу арабских сказок вполне применима и к персидским сказкам. Впрочем, как кажется, классификационная схема голландской исследовательницы не вполне покрывает и этот материал. М. Герхардт в качестве частного случая развлекательной рамки рассматривает случаи, когда включенная сказка представляет собой рассказанную к случаю историю одного из персонажей. В этих случаях обнаруживается иногда «стремление теснее связать рамку и рассказ, установить между ними смысловую зависимость». Речь идет о ситуации, когда, например, автобиографические истории героев объясняют что-либо в их поведении. Нам кажется, что такого рода обрамляющие сказки нельзя безоговорочно относить к типу развлекательной рамки. Точнее было бы назвать этот тип «объясняющей рамкой». К этому типу относится почти большинство случаев рамочного построения в тексте «Тысячи и одного дня». Одной из важнейших особенностей данного сборника по сравнению с другими восточными или «ориентальными» сказочными сводами является тот факт, что включенные в «объяснительные рамки» истории практически всегда обнаруживают сюжетное сходство с обрамляющей сказкой, оказываются своеобразной параллелью к основному повествованию.

В «Повести о царе Рузваншаде и царице Шегеристани» герой в своих странствиях встречает прекрасную незнакомку. «Рузваншад подошел к ней и, предложив ей свои услуги, спросил, кто она. Дама ему отвечала: «Я дочь и жена царя, но все же я не то, что говорю. Я царица, но я не то, что я есть". Рузваншад не знал, что ему и подумать об этой молодой женщине и решил, что она сошла сума. «Опомнитесь, сударыня, поговорил он, будьте уверены, что я рад буду оказать вам любую услугу». «Милостивый государь, - сказала она тогда, я нисколько не удивляюсь, что вы приняли меня за сумасшедшую. Ответ мой должен был показаться вам бессмысленным, но вы меня за него простите, когда узнаете о моих злоключениях. Я расскажу вам о них в знак благодарности за ваше великодушие». Далее в тексте «Тысячи и одного дня» следует «Повесть о Тибетском царе и царице наиманов».

Данный случай с одной стороны, можно рассматривать как развлекательную рамку, так как повесть рассказывается в знак благодарности. Но с другой стороны, история объясняет то плачевное положение, в котором царь Рузваншад застает царицу наиманов.

В «Повести о Бедреддине-лоло и о его визире Атальмульке, прозванном Печальным визирем», которая сама по себе представляет целый сборник сказок, все включенные сказки, во-первых, служат объяснением поведения героев, во-вторых, обнаруживают параллелизм по отношению к основному повествованию. Кроме того, включенные сказки могут быть сюжетно связаны с основными». «Повесть об Атальмулке, прозванным Печальным визирем, и о царице Зулайхо» не только служит объяснением постоянной мрачности Атальмулька и образует своеобразную антитезу «Повести о царе Ормозе, прозванном Беспечальным царем», но и получает окончательную развязку в тексте основной повести о царе Бедреддине-лоло.

Композиционные приемы такого рода неоднократно встречаются в сказках «Тысячи и одного дня». Для «Тысячи и одной ночи» ситуация, когда обрамленная сказка имеет незамкнутый сюжет, находящий развитие и завершение в обрамляющей сказке, совершенно не характерна. Обилие включенных сказок и их сюжетные связи с обрамляющей сказкой в «Повести о царе Бедреддине-лоло» делают эту повесть похожей скорее всего не на сказку, а на роман типа «Метаморфоз» Апулея. Из позднейшей европейской литературы известную жанровую близость к рассматриваемой повести можно обнаружить в «Рукопись, найденная в Сарагосе» Яна Потоцкого.

Если попробовать установить источники «Повести о Бедреддине-лоло», то становится совершенно ясным, что она представляет собой контаминацию множества исходных текстов, бытовавших в персидско-таджикской традиции совершенно независимо друг от друга. С композиционной точки зрения она конечно, принадлежит истории французской литературы, а не истории изучения фольклора и литературы Востока. Это относится и ко многим другим сказкам «Тысячи и одного дня». Персидские сказки были преподнесены европейскому читателю в таком виде, в каком они могли быть восприняты этим читателем. Система композиционных приемов, которой пользовался Пети де ла Круа, представляет собой сложный синтез западной и восточной традиций.

Что же касается стиля «Тысячи и одного дня», то и в нем обнаруживается именно такая попытка синтеза. Рассказчица и герои сказок изъясняются превосходным французским языком рубежа XVII-XVIII вв. Но всё-таки их французская речь заметно «ориентизирована». Это проявляется как в заимствованных из персидскою языка обозначениях восточных реалий, так и в еще большей степени и своеобразной восточной образности. Время от времени, хотя и не очень часто, прозаический текст перебивается стихотворными вставками, являющимися, по-видимому, переводами подлинных произведений персидско-таджикских поэтов.

Нынешний читатель не может не обратить внимания на безупречную вежливость героев сказок «Тысячи и одного дня», практически все персонажи обращаются друг к другу на «вы» (vous), часто встречаются обращения «madame» и «segneur», восточные владыки и их подданные следуют правилам европейского придворного этикета.

При оценке композиции и стиля «Тысячи и одного дня» Пети де ла Круа не следует всё же преуменьшать роли восточных источников. Он знакомил французского читателя не с их имитациями, а с подлинными сказочными повестями Ирана.

Рецензент: *Шодиев М.* – к.ф.н., доцент ТНУ

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Брагинский, И.С. О литературе древнего Востока. Проблемы востоковедения / И.С. Брагинский. - М.: Наука, 1974. – 276 с.
2. Герхард, М. Искусство повествования. Литературное издание «1001 ночи» / М. Герхард. – М.: Гл. ред. вост. литры, изд-во Наука, 1984. – 354 с.
3. Махмудов Д.О. Влияние персидско-таджикских сюжетов на французскую повествовательную прозу XVII-XVIII вв. (на примере «Тысячи и одной ночи»): дис. ... канд. филол. наук. 10.01.03. / Д.О. Махмудов. - Душанбе, 2021. – 159 с.
4. Ольденбург, С.Ф. Восток-Запад. Исследования. Переводы. Публикации / С.Ф. Ольденбург. - М.: Наука, 1982. – 296 с.
5. Строев, А.Ф. Французская литературная сказка XVII–XVIII веков / А.Ф. Строев. - М.: Художественная литература, 1990. – 720 с.
6. Туманович, Н.Н. Описание персидских и таджикских рукописей института востоковедения АН СССР. – Вып. 6. / Н.Н. Туманович. – М.: Наука, 1981. – С.20-22.
7. Шкловский Б. О теории прозы / Б.Шкловский. - М.- Л., 1925.
8. Les Mille et un jours: Contes Persans by François Pétis de la Croix. – Paris: Paul Sebbag, 2010. – 670 p.
9. Richard, F. Raphaël du Mans, missionnaire en Perse au XVII-ème siècle / F. Richard. 2 vols. - Paris, 1995. – 726 p.
10. Крымский, А. ЭСБЕ / Тысяча и одна ночь [электронный ресурс]. Режим доступа: https://ru.wikisource.org/wiki (17.08.2019)
11. Младшая сестра Шехерезады. Сказки «1001 ночи» с.61 [электронный ресурс]. Режим доступа: https://libking.ru/books/antique-/antique-east/609806-61-klaudiya-ott-101-noch-uteryannye-skazki-shahrazady.html#book
12. [электронный ресурс]. Режим доступа: https://francearchives.fr/fr/commemo/recueil-2004/38941 (04.09.2020).
13. 101 ночь. Утерянные сказки Шахрезады [электронный ресурс]. Режим доступа: https://www.litres.ru/klaudiya-ott/101-noch-uteryannye-skazki-shahrazady/ (28.08.2019).
14. [электронный ресурс]. Режим доступа: https://heritage.bnf.fr/bibliothequesorient/fr/les-mille-et-une-nuits.
15. [электронный ресурс]. Режим доступа: https://francearchives.fr/fr/commemo/recueil-2004/38941 (04.09.2020).

МАХСУСИЯТҲОИ ТАРКИБӢ ВА УСЛУБИИ АФСОНАҲОИ «ҲАЗОРУ ЯК РӮЗ»-И ПЕТИ ДЕ ЛА КРУА

Дар мақолаи додашуда муаллиф кӯшиш мекунад, ки баъзе хислатҳои асари таркибӣ ва услуби асари Пети де ла Круа «Ҳазору як рӯз»-ро аз нуқтаи назари алоқамандии онҳо бо усулҳои композитсионии насри ривоятии шарқию ғарбӣ мавриди таҳлил қарор диҳад. Қариб дар ҳар як маҷмуаи афсонавӣ сохтори чаҳорчӯбагие мавҷуд аст, ки дигар афсонаҳоро дар бар мегирад. Дар мақола инчунин диққати махсус ба хислатҳои сохтори чаҳорчӯбагӣ дар сохтори таркибии асар дода шудааст. Муаллиф дар мақола сохторҳои чаҳорчӯбагиеро, ки муҳаққиқи ҳолландӣ Миа Герхардт дар «Ҳазору як шаб» пешниҳод кардааст, дида мебарояд. Дар ин асар вай се навъи ин сохтори таркибиро ба: 1) чаҳорчӯбаи шавқангез, 2) чаҳорчӯбаи дарозкардашуда ва 3) чаҳорчӯбаи пардохтшуда ҷудо мекунад. Дар асоси ин таснифот мушоҳидаҳои эмпирикӣ дар матни танҳо як силсила ба назар мерасад. Аммо ҳамин ки аз ҳудуди «Ҳазору як шаб» берун баромадем, мо бо сохторҳои сершумори чаҳорчӯбагӣ дучор мешавем. Ба матни «Ҳазору як рӯз» рӯ оварда, ҳангоми аз рӯйи нақшаи М. Герхардт таснифот кардани афсонаи дар чаҳорчӯба ҷойшудаи маҷмуаи Пети де ла Круа, мо зуд ба як кӯчаи сарбастае меафтем. Маҳз барои он ки «Ҳазору як рӯз» на тарҷума, балки маҷмуи тарҷумаҳо, маҷмуае, ки инъикоскунандаи усули субъективии мураттиб мебошад. Анъанаҳои афсонавии форсӣ-тоҷикӣ дар якчанд шакли нозук пешкаши хонандаи аврупоӣ гардид.

Калидвожаҳо: асари таркибӣ, услуб, наср, афсона, шарқ, ғарб, чаҳорчӯба.

КОМПОЗИЦИОННЫЕ И СТИЛЕВЫЕ ОСОБЕННОСТИ СКАЗОК «ТЫСЯЧИ И ОДНОГО ДНЯ» ПЕТИ ДЕ ЛА КРУА

В данной статье автор попытается проанализировать некоторые черты композиции и стиля произведении Пети де ла Круа «Тысячи и одного дня» с точки зрения их связи с композиционными приемами восточной и западной повествовательной прозы. Почти в каждой сказке сборника имеется рамочная структура, включающая другие сказки. В статье также существенное внимание уделено особенностям рамочных конструкций в композиционной структуре сборника. Автором рассматривается рамочные конструкции, которые выдвинула голландская исследовательница Миа Герхардт в «Тысяче и одной ночи». В этой произведении она выделяет три основных типа этой композиционной структуры: 1) развлекательную рамку, 2) отсрочивающую рамку и 3) выкупную рамку. В основе этой классификации лежат эмпирические наблюдении над текстом только одного, хотя и довольно значительного, цикла. Однако, стоит, выйти за пределы «Тысячи и одной ночи», как мы сталкиваемся с многочисленными рамочными структурами, вряд ли подводимыми под перечисленные рубрики. Обращаясь к тексту «Тысячи и одного дня», мы сразу оказываемся в тупике, пытаясь квалифицировать в соответствии со схемой М. Герхардт обрамляющую сказку сборника Пети де ла Круа. Именно потому, что «Тысяча и один день» является не переводом, а собранием переводов, собранием, отражающим субъективные вкусы составителя, персидско-таджикская сказочная традиция предстала перед европейским читателем в несколько рафинированном и обедненном виде.

Ключевые слова: композиция, стиль, проза, сказка, восток, запад, рамка.

COMPOSITIONAL AND STYLISTIC FEATURES OF THE FAIRY TALES "A THOUSAND AND ONE DAYS" BY PETIT DE LA CROIX

This article analyzes some features of the composition and style of the works of Petit de la Croix "Thousands and One Days" from the point of view of their connection with the compositional techniques of Eastern and Western narrative prose. Almost every fairy tale in the collection has a frame structure that includes other fairy tales. The article also pays special attention to the features of frame structures in the compositional structure of the collection. The author examines the framework structures that were put forward by the Dutch researcher Mia Gerhardt in "A Thousand and One Nights". In this work, she identifies three main types of this compositional structure: 1) an entertainment frame, 2) a delaying frame, and 3) a redemption frame. This classification is based on empirical observations of the text of only one, albeit rather significant, cycle. However, it is worth going beyond the "Thousand and One Nights", as we are faced with numerous framework structures that are hardly subsumed under the listed headings. Turning to the text of "A Thousand and One Days", we immediately find ourselves in a dead end, trying to qualify, in accordance with M. Gerhardt's scheme, the framing fairy tale of the collection of Petit de la Croix. Precisely because "A Thousand and One Days" is not a translation, but a collection of translations, a collection reflecting the subjective tastes of the compiler, the Tajik-Persian fairytale tradition appeared before the European reader in a somewhat refined and impoverished form.

Key words: composition, style, prose, fairy tale, east, west, frame.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Махмудов Давлатхуджа Орифович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рудакӣ, 17. E-mail: **khudja70@mail.ru**. Тел.: **(+992) 934-48-84-39**

Сведение об авторе: ***Махмудов Давлатхуджа Орифович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры иностранных языков факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки 17. E-mail: **khudja70@mail.ru**.
Тел.: **(+992) 934-48-84-39**

Information about the author: ***Makhmudov Davlatkhudja Orifovich*** – Tajik National University, Candidate of Philology, Senior Lecturer, Department of Foreign Languages, Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **khudja70@mail.ru**. Phone: **(+992) 934-48-84-39**

ЖУРНАЛИСТИКА

УДК: 070.1(09)

ТАЪСИС ВА ТАШАККУЛИ МАТБУОТИ ДАВРӢ ДАР СОЛҲОИ 20-30 АСРИ ХХ

Азимов А.Х., Муродӣ М.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Матбуот ҳамчун воситаи классикии ахбори омма, тули арзи вуҷуди худ ба ҳайси ойинаи ҷомеа шинохта шудааст, ки ҳаёт ва ҳаракати мардумро дар зиндагии шахсӣ ва иҷтимоӣ инъикос мекунад ва ҳамзамон бо таҳаввули ҷомеа пеш меравад, инкишоф меёбад. «Матбуот ҷузъи фарҳанг ва тамаддуни халқи тоҷик маҳсуб меёбад. Ҳамин матбуот дар паҳнои таърих саҳифаҳои норушани ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳамарӯзаи моро дар саҳифаҳои худ ҷой дода, дирӯзи моро ба ин рӯз пайванд дод» [2, с.281]. Ба ин мазмун, пешрафти матбуоти даврӣ баёнгари тавсеаи ҳар ҷомеаи мутамаддин аст. Ҳар як ҷомеа, новобаста ба таъйиноти сохториаш, бидуни матбуот пеш рафта ё тараққӣ карда наметавонад. Дар тамоми давру замон қудратҳои сиёсӣ орзую омол ва ақидаҳои мафкуравии худро танҳо ба воситаи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма байни мардум тарғибу ташвиқ намуда, ҳамзамон ниятҳои худро амалӣ мекарданду мекунанд. Аз ин рӯ, дар ҳар давраи муайяни таърихӣ таъсис ва ташаккули матбуоти даврӣ вобаста ба вазъияти сиёсӣ ва идеологии ҳамзамон сурат гирифтааст.

Манзур аз ин фабула ташаккули матбуоти даврии тоҷик дар як марҳалаи муайяни таърихӣ аст, ки баъди таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (1924) дар ҳайати Иттифоқи Шӯравӣ ҷараён гирифтааст. Дар ташаккули матбуоти тоҷик дар ин марҳала омилҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ҳуқуқиву иқтисодӣ ва фарҳангиву адабӣ таъсиргузор будаанд. Авзои сиёсии замон тақозо менамуд, Ҳукумати Шӯроӣ барои тарғиби ташаббусҳои худ ҷиҳати таъсиси ҷумҳуриҳои миллӣ, таҳкими сохтор ва инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳаёти хоҷагӣ имконияти таъсиррасониро бештар гардонад. Яъне, минбари иттилооту тарғиботро васеътар гардонад. Дар он замон чунин минбар матбуоти даврӣ маҳсуб мёфт. Аз ин рӯ, ба таъсиси рӯзномаву маҷаллаҳо таваҷҷуҳи хоса дода мешуд. Таҷлили расмии таъсиси ин ё он ҷумҳурӣ бо таъсиси рӯзномаи он тавъам меомад. Чунончи, соли 1924 ба муносибати таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон рӯзномаи «Овози тоҷик» рӯйи чоп омад. Соли 1925 рӯзномаи «Иди тоҷик» чоп гардид. Охирҳои солҳои бистум (1929) Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ёфт. Бо шарофати ин рӯйдоди бузурги таърихӣ матбуоти даврии тоҷик вусъат пайдо кард, тадриҷан нашрияҳои гуногун ба майдони он ворид шуданд ва дар ин замина раванди шаклгирии журналистикаи он суръат ва самара пайдо кард.

Воқеан, таъсиси Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба пешрафт ва инкишофи матбуоти даврӣ мусоидат кард. Агар то ин воқеаи бузурги таърихӣ дар Тоҷикистон танҳо рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ва як маҷаллаи соҳавӣ интишор мешуд, пас аз таъсиси Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон нашрияҳои вилоятӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ, муассисавӣ ва амсоли ин рӯйи чоп омада, фазои иттилоотӣ ва маънавии кишварро фаро гирифтанд. Матбуоти даврӣ ҳамчун минбари боэътимод раванди зиндагии иҷтимоӣ ва меҳнатии мардумро бо пешравию муваффақият ва камбудиву норасоиҳо инъикос менамуд. Дар саҳифаҳои нашрияҳои даврӣ муҳимтарин масъалаҳои замон инъикос мегардид ва шарҳу тавзеҳ меёфт. Аз ин ҷо, агар дар солҳои аввал таваҷҷуҳи рӯзномаву маҷаллаҳо бештар ба масъалаҳои забон, худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ равона шуда бошад, дар солҳои сиюми садаи ХХ ба масъалаи бузургтарин замон: коллективонидани хоҷагии қишлоқ, саноатикунонии мамлакат ва инқилоби маданӣ эътибор зиёдтар будааст. Нашрияҳои даврӣ кӯшиш намудаанд, ки аз як тараф, моҳият, зарурат ва аҳамияти ин масъалаҳоро ба оммаи васеъ маънидод намоянд, аз ҷониби дигар дар суръат пайдо кардани раванди тадбиқи онҳо нақш гузоранд.

Ҳарчанд раванди ҳалли ин масъалаҳои бузург дар тамоми рӯзномаву маҷаллаҳо инъикоси мегардид, аммо ҳизбу ҳукумати вақт зарур донист, ки нашрияҳои махсус таъсис диҳад. Масалан, ба мақсади дуруст ба роҳ мондани раванди коллективонии хоҷагиҳои яккадаст рӯзномаи «Деҳқони камбағал» (1930) – «Барои коллективӣ» (1931-1934) ва барои

суръат бахшидан ба раванди саводнокгардонии аҳолӣ, татбиқи босамари барномаи маҳви бесаводӣ ва вусъати ҷаҳонбинии омӯзгорон маҷаллаҳои «Инқилоби маданӣ» (1931-1937) - «Революцияи маданӣ» (1937-1939) ва «Октябр» (1934-1937) ба интишор ёфтанд.

Дар солҳои сиюми асри бистум матбуоти даврӣ, яъне сухани чопӣ ташкилотчии ҳамаи корҳо, муборизи ҳамаи ҷабҳаҳо маҳсуб меёфт. Рӯзнома натанҳо ташвиқотчии коллективӣ, балки ҳамчун ташкилотчии коллективӣ амал мекард. Ин таъйинот дар шароити нав бо вазифаҳои нав пеш бурда мешуд. Ин буд, ки аҳамият ва муҳимияти матбуоти даврӣ, аз ҷониби ходимони адабиву сиёсӣ ба таъкид такрор мегардид. Аз ҷумла, устод Айнӣ мавқеи созандагӣ ва бунёдкории матбуотро амиқ дарк карда, рӯзномаро ҳамчун василаи бедории мардум, инкишофи ҷомеа, давои дарди омма, тарҷумони қалби ҳар қавм маънидод кардааст. «Рӯзномаи ҳар қавм ва миллат забони эшон аст. Ҳар қавме, ки рӯзнома надорад, гуё ки забон надорад. Яъне, қавми берӯзнома мисли одами безабон аст.

Ҳар шахс дар муддати зиндагонии худ ба воқеаҳо зиёд гирифтор мешавад, бисёр мусибатҳоро мебинад, бемор мешавад, даво меҷӯяд, ба муҳтоҷӣ меафтад.

Дар ҳамаи ин корҳо ба воситаи забони худ ҷорачӯӣ мекунад, дарди дили худро ба ҳар кас мефаҳмонад. Вой бар ҳоли он касе, ки ба дунё зиндаасту забон надорад, ҳамчунин ҳар қавме, ки ба дунё зинда аст, дардҳо дорад, муҳтоҷиҳо дорад ва мусибатҳо дорад. Ба ҳамаи ин чизҳо ин қавмро забон лозим аст, ки дарди дили худро изҳор кунад. Забони қавм мисли забони ашхос, муқаррарӣ нахоҳад буд, балки забоне, ки тарҷумони як қавм метавонад шавад, рӯзномаи он қавм аст» [4].

Ҳамин тавр, бо саъйу талошҳо, сарфи назар аз мушкилиҳои зиёди моддиву маънавӣ шаклҳои гуногуни нашрияҳои даврӣ таъсис дода шуданд, ки дар пешрафти кори онҳо қонуну қарорҳо, директиваю дастурҳо, фармону қарордодҳои давлатию ҳизбӣ мусоидат намуданд. Қабули қонуну қарорҳо дар таъсиси рӯзномаву маҷаллаҳо ва пешрафти кори онҳо, ҳамчун омили бунёдӣ, таъсири мусбат гузоштааст. Аз ҷумла, анҷумани КМ ВКП (б) моҳи декабри соли 1927 дар бораи коллективонидани хоҷагии қишлоқ қарори махсус қабул намуда, дар як вақт аз ташкилотҳои ибтидоии ҳизб хоҳиш намудааст, ки барои ҳаматарафа инъикос намудан, тарғибу ташвиқ кардан аз қувваи матбуот истифода баранд ва, ҳамчунин, барои рушди матбуот тадбирҳо андешиданд. Нишондодҳои ин анҷумани ҳизбро ба инобат гирифта доир ба соҳаи матбуот якчанд қарору қонунҳо қабул карда шуданд. Аз ҷумла, қабули қарорҳо «Дар бораи ҳаракати мухбирони коргару деҳқон» (1-уми июни соли 1925), «Дар бораи аз нав ташкил намудани шабакаи газетаҳо ба муносибати барҳам дода шудани округҳо» (11-уми августи соли 1930), «Дар бораи кори партиявӣ-оммавӣ дар ҳудуди фаъолияти МТС-ҳо» (16-уми октябри соли 1930), «Дар бораи кадрҳои коркунони газета» (11-уми ноябри соли 1930), «Дар бораи кори газетаҳои районҳои қишлоқӣ ва матбуоти поёнӣ» (18-уми январи соли 1931), «Дар бораи беҳтар намудани газетаҳои районӣ» (21-уми апрели соли 1931), «Дар бораи аз нав ташкил намудани шабакаи газетаҳо ба муносибати барҳам дода шудани округҳо» (11-уми августи соли 1930), «Дар бораи кори партиявӣ-оммавӣ дар ҳудуди фаъолияти МТС-ҳо» (16-уми октябри соли 1930), «Дар бораи кадрҳои коркунони газета» (11-уми ноябри соли 1930), «Дар бораи кори газетаҳои районҳои қишлоқӣ ва матбуоти поёнӣ» (18-уми январи соли 1931), «Дар бораи беҳтар намудани газетаҳои районӣ» (21-уми апрели соли 1931), «Дар бораи рӯзномаҳои «Сохтмони Вахш» ва кумитаи ҳизбии райони Қурғонтеппа» (23-юми октябри 1932), «Дар бораи чорабиниҳои ташкили газетаҳои районӣ» (7-уми апрели 1932), «Дар бораи нақшаи нашри рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо барои соли 1935» (1-уми ноябри соли 1935), «Дар бораи рӯзномаи сертираж» (4-уми декабри соли 1931), «Дар бораи кори таълим додани бесаводон ва чаласаводон дар Тоҷикистон» (14-уми феврали соли 1936), «Вазифаҳои навбатии партия дар соҳаи ҳаракати мухбирони коргару деҳқон» (27-уми августи соли 1927), «Дар бораи азнавсозии ҳаракати мухбирони коргару деҳқон» (16-уми апрели соли 1931), «Оид ба сохтумони маданӣ» (июни соли 1930), «Дар бораи ташкили чойхонаи сурхи намунавӣ» (14-уми апрели соли 1934) ва ғайраҳо барои ташаккул ва инкишофи матбуоти даврии солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX заминаи сиёсиву иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро фароҳам оварданд. Барои мисол, қарори Бюрои КМ ҲК (б) Тоҷикистон аз 6 феврали соли 1930 дар бораи таъсиси рӯзномаи деҳқонӣ ба забони тоҷикӣ чунин дастури ҳуқуқӣ додааст:

«1. Таъсиси нашрияи КМ ПК (б) Тоҷикистон – рӯзномаи деҳқонӣ бо забони тоҷикӣ зарур ҳисобида шавад;

2. Номи рӯзнома «Деҳқони камбағал» тасдиқ карда шавад.

3. Муҳаррири рӯзнома рафиқ Лоҳутӣ таъин карда шавад.

4. Нақшаи пешниҳодгардида барои нигоҳ доштани рӯзнома, асосан тасдиқ карда шавад;

5. Ба Шӯрои Комиссарони Халқӣ барои таъмини нашри рӯзнома бо маблағ таъмин намояд;

6. Аз шуъбаи матбуоти Бюрои Осиёимиёнагии КМ ВКП (б) хоҳиш шавад, ки нашри рӯзномаро бо коғаз таъмин намояд.

7. Бароришиди доимии рӯзномаро аз 1 март оғоз намоянд» [9].

Ин қарору директиваҳо натанҳо барои пешрафт ва ташаккули матбуоти даврии тоҷик мусоидат намуданд, балки дар рушди иқтисод, фарҳанг, маданият, илму маорифи тоҷик низ таъсири мусбат гузоштанд. Дар ин давра матбуот, табъу нашр, тарҷумаи асарҳо ба забони тоҷикӣ рӯ ба инкишоф ниҳод. Ба иттилооти муҳаққиқон Иброҳим Усмонов ва Давлат Давронов «Дар солҳои 1928-1932 дар СССР газета 6,3 баробар тиражи шабакаи умумии ҳамаи газетаҳо 3,8 баробар афзуд. Дар соли 1932 шумораи онҳо ба забонҳои халқҳои СССР (ғайр аз русӣ) аз се як ҳиссаи тамоми газетаҳоро ташкил медод. Дар ҳамон давра ба 93 забон китоб, ба 64 забон газета чоп мегардид». Албатта, ин қарорҳои қабул шуда, барои пешрафт ва ташаккули матбуоти даврии тоҷик мусоидат намуда, ҳамзамон барои рушди иқтисод, фарҳанг, маданият, илму маорифи тоҷик хизмат намудааст [11, с.94].

Чунончи ишора рафт, баъди табдил ёфтани Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон (1929) матбуоти миллӣ дар Тоҷикистон рӯ ба афзоиш ниҳод. Баъди як соли ин воқеаи фараҳбахш Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дорои 5 рӯзномаи ҷумҳуриявӣ, 1 рӯзномаи округӣ, инчунин маҷаллаи «Раҳбари дониш» гардид, ки нашри умумии онҳо 20 ҳазор нусхаро ташкил медод. Ҳамин пешравӣ ва афзоиши матбуоти давриро муаррих, профессор М.Р. Шукуров чунин нишон додааст: «Шоҳиди афзоиши матбуоти даврагӣ он буд, ки дар худи соли 1930 газетаҳои «Тоҷикистони сурх» қариб 5000 нусха, «Қизил Тоҷикистон» 2000 нусха, «Деҳқони камбағал» 5000 нусха, «Комсомоли Тоҷикистон» 2000 нусха ва «Советский Таджикистан» 5000 нусха чоп мешуданд» [14, с.233].

Муаррих рушди матбуот ва умуман, табъу нашрро дар кишвар ба афзоиши саводнокии аҳолӣ мансуб дониста, навиштааст: «Ба муносибати афзоиши умумии саводнокии аҳолӣ ва баланд шудани дараҷаи мадании меҳнаткашон тиражи газетаю журналҳо натанҳо сол ба сол, балки моҳ ба моҳ зиёд мешуд. Масалан, агар тиражи газетаи «Тоҷикистони Сурх» дар соли 1925 фақат 1000 нусха бошад, пас аз октябри соли 1929 сар карда, тиражи газета ин тавр афзудан гирифт: дар моҳи октябр - 2370 нусха, ноябр - 2435 нусха, декабр - 2750 нусха, январи соли 1930-ум - 2770 нусха, феврал-3550 нусха, март-4100 нусха ва ғайра» [14, с.233].

Ба андешаи мо рушди матбуотро танҳо ба афзоиши саводнокии аҳолӣ мансуб донистан чандон дуруст нест. Афзоиш ва инкишофи матбуот, пеш аз ҳама, ба мақсад ва нишондодҳои ҳизб ва давлату ҳукумат, сипас ба нишондоди вақту замон вобаста буд. Яъне, вобаста ба соҳаҳои гуногуни иҷтимоъ ва талаботи замон тадбиқи ин ҳадафҳо ба воситаи матбуоти даврӣ сурат мегирифт. Матбуоти даврӣ аслиҳаи пуркудрат ва бурро маҳсуб меёфт. Ба ин мазмун, афзоиши теъдоди нашри рӯзномаву маҷаллаҳо аз ҷумла, «Советский Таджикистан» (18-уми октябри соли 1925), «Қизил Тоҷикистон» (8-уми октябри соли 1928), «Ҷавонони Тоҷикистон» (5-уми апрели соли 1930), «Раҳбари дониш» (августи соли 1927), «БАС» (1932), «Инқилоби маданӣ» (октябри соли 1931) ба омилҳои сиёсиву ҳизбӣ алоқаманд буд.

Муваффақияти бузурги матбуоти ҷавони Тоҷикистон дар солҳои сиюм, пеш аз ҳама, он буд, ки мутаасадиён тавонистанд, бо ҷалби намояндагони синфи коргару деҳқон ва таблиғи ғояҳои ҳизби коммунистиро ба минбари фаъоли меҳнаткашони ҷумҳурӣ табдил диҳанд. Ба ин мақсад, дар назди идораи нашрияҳои даврӣ шабакаи калони мухбирони коргару деҳқон ташкил карда шуд, ки ёрдамчии бевоситаи ҳизбу ҳукумат дар маҳаллҳо маҳсуб меёфтанд. Ҳаракати мухбирони коргару деҳқон дар ташаккули нашрияҳои даврӣ ва рӯзноманигории касбӣ нақши намоён гузошт. «Аввалан, он тавассути чопи мақолаҳои дорои хислати назариву дастурӣ ба дарки сиёсӣ ва касбии мухбирон таъсири мусбат гузоштааст, баъдан, бо интишори мақолаҳои фарогирандаи сатҳу сифати рӯзномаҳо, хосса

рӯзномаҳои деворӣ ва мундариҷаи онҳо мухбиронро ба фаъолиятҳои амалӣ ошно сохта, ба ин минвол ба такмили саводи касбӣ ва сайқали маҳорати онҳо мусоидат намудааст» [7, с.264].

Агар мазмун ва муҳтавои рӯзномаҳо бо нигоштаҳои мухбирони коргару деҳқон рангоранг ва доманадор мегардид, маҷаллаҳо нависандагони ҷавон ва ҳаваскорро ҷалб намуда, дар тарбияи онҳо саҳм мегузоштанд. Чунин ҳамкориҳо, аз як тараф, нуфузи рӯзномаву маҷаллаҳоро боло мебурд, аз ҷониби дигар, теъдоди нашри онҳо зиёд шуда, дараҷаи оммавияташон баланд мегардид. Маҷаллаҳо бештар дар тарбияи ақлию зеҳнӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии мардум мекӯшиданд. «Хусусияти ин давра, чунончи муҳаққиқон қайд кардаанд, дар он зоҳир мегардад, ки дар Тоҷикистон ҳам, чун дигар республикаҳои иттифоқӣ шумораи зиёди газетаю журналҳо чоп мегардид. Матбуоти даврагӣ, асосан, аз ҳисоби газетаҳои районӣ, қисмҳои сиёсӣ ва матбуоти поёнӣ меафзуд» [11, с.135].

Аз тарафи дигар, ба пешравии матбуот базаи моддию техникӣ, ташаккули иқтидори полиграфии ҷумҳурӣ таъсири мусбат гузошт. Дар ин давра, хусусан, аввали солҳои сиюм базаи моддию техникии табъу нашр нисбатан мустаҳкам гардида, иқтидори полиграфӣ афзоиш ёфт. «Халқи тоҷик барои пешбурди иқтисодиёт, иҷтимоъ, фарҳанг, таърих, маданият, мактабу маориф, тарбияи кадрҳои гуногун барои хоҷагии халқ, маҳви бесаводӣ, озодии занон, сохтмони мактабҳо, донишкадаҳо, техникумҳо замина мегузошт ва ба ин васила таъсису ташкил намудани матбуоти гуногунсоҳа дар қаламрави ҷумҳурӣ шароитҳои моддиву маънавӣ муҳайё мегардид» [3, с.279]. Ин боиси он гардид, ки теъдоди умумии рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва ҳатто чопи китобҳо зиёд шавад.

Омили дигари рушди матбуоти даврии солҳои 1930 ташкили шаҳру шаҳракҳо ва ноҳияҳои нав буд, ки боиси таъсиси рӯзномаҳои нав ва зиёд шудани нашрияҳои даврии маҳаллӣ гардид. Бо таъсири ин ва дигар омилҳо дар солҳои сиюм доманаи матбуоти даврии тоҷик васеъ гардида, базаи моддию техникии он мустаҳкам гардид. «Ин ҳолат барои ташаккули низоми типи нави матбуоти даврӣ – матбуоти маҳаллии Тоҷикистон замина гузошт. Матбуоти маҳаллӣ ба ҷузъи таркибии матбуоти даврӣ бадал гардид ва тадриҷан вижагиҳои хоси худро пайдо кард ва ба шакл даровард» [8, с.4].

Тавлиди матбуоти даврии тоҷик ба таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (1924) тавъам бошад ҳам, раванди ташаккули он дар он ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ будааст. Аз ҷумла, базаи моддию техникӣ нисбатан суст ва таваҷҷуҳи мардум ба мутолиаи нашрияҳои даврӣ камтар буда, мухбирони касбӣ намерасидаанд. Бо ин ва дигар сабаҳо нашрияҳои даврӣ саривақт чоп намешудаанд. Ин ҳолатро яке аз куҳансолтарин рӯзноманигори тоҷик – Қосим Дайламӣ, баъдан, ба ёд оварда, навиштааст: «Аввалан, кадрҳои босавод ва нависандагони корозмӯдаи миллӣ ангуштшумор буданд. Ба ибораи дигар, дар он замон монанди имрӯз ин қадар нависандагон, рӯзноманигорон ва мухбирони маҳаллии боистеъдоде, ки имрӯз гулҳои зебои ҷомеаи мо мебошанд, надоштем. Шароити кор ҳам дар редакция, ҳам дар матбаа хоҳ аз ҷиҳати таҷҳизот ва воситаҳои техникӣ ва ҳам аз ҷиҳати мутахассисон тамоман қаноатбахш набуд, ҳуруфи матбаа ҳама фарсуда ва дигар қобили истифода набуданд, қоғаз барои чопи газета намерасид, мусаҳҳеҳу саҳифабанд, синографияву синкографист надоштем ва барои ин ки газетаҳоро дар вақташ ба маҳалҳо расонем, воситаҳои дурусти нақлиёт набуд, роҳҳо ҳама вайрон буданд…» [4]. Бо ин ва дигар сабабҳо матбуоти даврии тоҷик то ташкилёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон натавонист оинаи умум будани худро нишон диҳад.

Давраи нави инкишофи матбуоти даврии тоҷик аз аввали соли 1929, баъди ба ҷумҳурии иттифоқ табдил ёфтани Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон оғоз гардид. Баъд аз ин ҳодисаи муҳими таърихӣ тадриҷан рӯзномаву маҷаллаҳои гуногуншакл: ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, округӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ соҳавию бисёртиража, МТС-иву деворӣ ва ғайра рӯйи чоп омаданд. Ҳамчунин таъсиси матбааҳо дар шаҳру навоҳии кишвар, ки дар солҳои сиюм ба вуқӯъ пайваст, барои инкишофи рӯзномаву маҷаллаҳо ва чопи китобҳо мусоидат намуд. Таъсиси рӯзномаву маҷаллаҳои гуногунтип, аз як тараф, ба ташаккули низоми матбуоти даврӣ замина фароҳам овард, аз ҷониби дигар, ба муайян ва мушаххас гардидани таъйиноти касбии рӯзноманигорӣ мусоидат намуд. Дар баробари ин, агар таъсиси матбааҳо, густурда гардидани фаъолияти оҷонсиҳои иттилоотӣ барои инкишофи рӯзномаву маҷаллаҳо ва чопи китобҳо мусоидат намуда бошад, ба кор шурӯъ

кардани радиои Тоҷикистоно (10-уми апрели соли 1930) дар фазои иттилоотии кишвар рақобатро ба вуҷуд овард. Ба ин мазмун, чунончи муҳаққиқони соҳа дарёфтаанд «Хусусияти журналистикаи солҳои сиюмро дар ду чизи зерин суроғ кардан лозим аст: аввал ин ки дар ин давра журналистика системаи воситаҳои ахборро ташкил дод. Яъне, натанҳо матбуот, балки ҳамчунон радио, агентии хабарӣ, нашриёт ҳам ба кор оғоз намуданд. Дувум худи матбуот тақсимбандӣ шуд. Рӯзномаҳои Тоҷикистон ба ҷумҳуриявии сиёсӣ, соҳавӣ, махсусгардонидашуда, рӯзномаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, сертираж тақсим шуданд» [11, с.135].

Ҳамин тавр, ташкили Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон ба ташаккули низоми матбуоти даврии тоҷик замина гузошта, барои инкишофи минбаъдаи он имконоту шароит ба вуҷуд овард. Пешрафт ва инкишофи матбуоти даврӣ маҳз ба ин давра рост меояд. Рӯзномаву маҷаллаҳои мунташира вижагии хос доштанд, соҳаҳои муҳими ҳаёти иҷтимоиро инъикос менамуданд, эҳтиёҷоти мардумро мебаровардand. Матбуоти даврӣ барои барҳам додани маҳви бесаводӣ ва умуман, рукнҳои инқилоби маданӣ дар солҳои сиюм хидмати арзанда кард. Дар баробари ин, чунончи муҳаққиқ М. Абдуллозода ҳангоми баррасии вижагиҳои мавзӯии матбуоти даврии тоҷик дар солҳои сиюми садаи XX муайян кардааст. Матбуоти даврии ин солҳо ҳамчунин дар инъикоси масъалаҳои «забон ва алифбо, тарғиби зиддидинӣ ва таҳкими ватандӯстии шӯравӣ» нақши бориз доштааст [Ниг. 1]. Аз ин рӯ, омӯзиши хусусиятҳои рӯзномаву маҷаллаҳои солҳои сиюм, муайян намудани раванди шаклгирии низоми матбуоти даврии тоҷик ва нишон додани нақши он дар тадбиқи нишондодҳои ҳизбу давлат аз ҳар ҷиҳат муҳим ва аҳамиятнок аст. Хусусан, хизмати матбуоти даврӣ, ба вижа саҳифаҳои адабии рӯзномаву маҷаллаҳои алоҳида барои ба вуҷуд овардани адабиёти навини тоҷик, маҳви бесаводӣ, камсаводӣ, ташкили мактабу маориф, сохтмони мактабҳо, донишкадаву техникумҳо, чойхонаҳои сурх, партофтани фаранҷӣ ва амсоли ин шоистаи омӯзишу пажӯҳиш аст.

Умуман, муҳити иҷтимоиву сиёсии солҳои бисту сиюми садаи XX барои таъсис ва ташаккули матбуоти тоҷик замина ва шароити муносиб фароҳам овард. «Дар ин давра матбуоти тоҷик ҳамчун системаи том шакл гирифт ва рушд ёфт. Хусусияти умдаи матбуоти ин даврaро ваҳдати ҳизбӣ ташкил медиҳад» [6, с.47].

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллаев, М.А. Тематическое особенности таджикской переодической печати 30-х годов XX века / М.А. Абдллаев // Вестник таджикского национального университета (науный журналь). Серия филологических наук. - Душанбе: Сино, 2017. - №4\2. - С.260-266.
2. Азимов, А. Нақши маҷаллаҳои соҳавӣ дар маҳви бесаводӣ (дар мисоли маҷаллаи «Октябр») / А. Азимов, Г. Додобоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе: Сино, 2015. - №4/5 (174). – С.281-284
3. Азимов, А. Моҳият ва рисолати маҷаллаи «Бо роҳи ленинӣ» / А. Азимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2019. – №4. – С.278-281.
4. Айнӣ, С. Қавми тоҷик ва рӯзнома / С. Айнӣ // Овози тоҷики кабағал. - 1924. - 25 август.
5. Дайламӣ, Қ. Оғози кор / Қ. Дайламӣ // Комсомоли Тоҷикистон. – 1968. - 24 январ.
6. Муродов, М. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ / М. Муродов. - Душанбе: Аржанг, 2017. - 224 с.
7. Муродов, М. «Овози тоҷик» ва ташаккули афкори рӯзноманигорӣ / М. Муродов // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – №4. – С.261–265.
8. Муродов М. Матбуоти маҳаллии Тоҷикистон: Донишнома / М. Муродов, А. Қутбиддинов, М.Ҷумъаев, Қ. Исоев. - Душанбе: Аржанг, 2017. - 200 с.
9. Советский Таджикистан. - 1930. - 9 феврал.
10. Усмонов, И.К. Таърихи матбуоти тоҷик / И.К. Усмонов, Д. Давронов. - Душанбе: Маориф, 1997. – 156 с.
11. Усмонов, И. Таърихи журналистикаи тоҷик / И. Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе, 2008. – 280 с.
12. Усмонов Ҷ. Тараққиёти матбуоти советӣ дар Тоҷикистон / Ҷ. Усмонов. - Сталинобод: Нашдавтоҷик, 1958. - 36 с.
13. Усмонов Ҷ. Матбуот ва мухбирони коргару деҳқон / Ҷ. Усмонов, У. Ғаффоров. - Душанбе: Ирфон, 1975. - 96 с.
14. Шукуров М.Р. Революцияи маданӣ дар Тоҷикистон / М.Р. Шукуров. - Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1957. - 339 с.

ТАЪСИС ВА ТАШАККУЛИ МАТБУОТИ ДАВРӢ ДАР СОЛҲОИ 20-30 АСРИ XX

Дар ин пажӯҳиш омилҳои ташаккули матбуоти даврии тоҷик дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри гузашта, бо назардошти масъалаҳои марбут ба он, аз ҷумла инқилоби фарҳангӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Интихоби ин мавзуъ бо он асос меёбад, ки дар ҳамин марҳала Тоҷикистон аввал ҷумҳурии мухтор ва сипас

ҷумҳурии мустақил (ҶШСТ) эълон гардид. Ба шарофати ин ҳодисаи бузурги таърихӣ ба ташкили матбуот таваҷҷуҳи махсус зоҳир шуд, шаклҳои гуногуни рӯзномаву маҷаллаҳо таъсис ёфтанд, масъалаи тарбияи рӯзноманигорони касбӣ ба миён омад, ҳаракати мухбирони коргару деҳқон ташкил карда шуд, мазмуну муҳтавои нашрияҳои даврӣ ба талаботи замон ва набзи рӯз мувофиқ гардид. Ин ва дигар ҳолатҳои иҷтимоиву касбӣ ба ташаккули низоми матбуоти даврии тоҷик мусоидат кард. Матбуоти даврӣ дар ҳалли масъалаҳои бузурги замон, аз ҷумла коллективонидани хоҷагии қишлоқ, саноатикунонии мамлакат ва инқилоби маданӣ нақши муҳим гузошт. Ҳарчанд раванди ҳалли ин масъалаҳои бузург дар тамоми рӯзномаву маҷаллаҳо инъикоси мегардид, аммо ҳизбу ҳукумати вақт зарур донист, ки нашрияҳои махсус таъсис диҳад. Чунончи, ба мақсади дуруст ба роҳ мондани раванди коллективонии хоҷагиҳои яккадаст рӯзномаи «Деҳқони камбағал» (1930) – «Барои коллективӣ» (1931-1934) ва барои суръат бахшидан ба раванди саводнокгардонии аҳолӣ, тадбиқи босамари барномаи маҳви бесаводӣ ва вусъати ҷаҳонбинии омӯзгорон маҷаллаҳои «Инқилоби маданӣ» (1931-1937) - «Револютсияи маданӣ» (1937-1939) ва «Октябр» (1934-1937) ба табъ расонида шудаанд. Умуман, муҳити иҷтимоиву сиёсии солҳои бисту сиюми садаи XX барои таъсис ва ташаккули матбуоти тоҷик замина ва шароити муносиб фароҳам овард, ки дар натиҷа матбуоти тоҷик ҳамчун низоми том шакл гирифт ва рушд ёфт.

Калидвожаҳо: таъсис, ташаккул, омил, қонуну қарорҳо, матбуоти даврӣ, низоми матбуоти даврӣ, нақш, муҳити иҷтимоӣ, таҳлил, инъикос, мавзӯъ, масъала, раванд.

СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ТАДЖИКСКОЙ ПЕЧАТИ В ПЕРИОД 20-30-Х ГОДОВ XX ВЕКА

В данном исследовании основное внимание уделяется факторам, которые привели к формированию таджикской периодической печати 20-х и 30-х годов, с учетом связанных с ней вопросов, в том числе культурной революции. Выбор данной темы обусловлен тем, что на данном этапе Таджикистан был объявлен сначала автономной республикой, а затем независимой республикой (Тадж. ССР). Благодаря этому великому историческому событию особое внимание уделялось организации печати, учреждались различные виды газет и журналов, поднимался вопрос о подготовке профессиональных журналистов, организовывалось движение рабоче-крестьянских корреспондентов, обновлено содержание периодических изданий. Эти и другие социальные и профессиональные условия способствовали формированию таджикской системы периодической печати. Периодическая печать сыграла важную роль в решении великих задач того времени, в том числе коллективизации сельского хозяйства, индустриализации страны и культурной революции. Хотя ход решения этих важнейших вопросов освещался во всех газетах и журналах, партия того времени и правительство считали необходимым учредить специальные издания. Например, для того, чтобы правильно организовать процесс коллективизации единоличных хозяйств, газеты «Бедный крестьянин» (1930 г.) - «За коллектив» (1931-1934 гг.) и для ускорения процесса ликвидации неграмотности, эффективной реализации программы искоренения неграмотности и глобализации. “Инқилоби маданӣ” (“Культурная революция”) (1931-1937) – “Культурная революция”(1937-1939) и “Октябрь” (1934-1937). В целом, общественно-политическая обстановка 20-30-х годов XX века создавала благоприятную основу для становления и развития таджикской печати, в результате чего формировалась и развивалась таджикская печать как целостная система.

Ключевые слова: становление, формирование, фактор, законы и решения, периодика, система периодики, роль, социальная среда, анализ, рефлексия, тема, проблема, процесс.

FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE TAJIK PRINT IN THE PERIOD OF THE 20-30s OF THE XX CENTURY

This study focuses on the factors that led to the formation of the Tajik periodical press in the 20s and 30s, taking into account issues related to it, including the cultural revolution. The choice of this topic is due to the fact that at this stage Tajikistan was declared first an autonomous republic, and then an independent republic (Tajik SSR). Thanks to this great historical event, special attention was paid to the organization of the press, various types of newspapers and magazines were established, the question of training professional journalists was raised, a movement of worker and peasant correspondents was organized, and the content of periodicals was updated. These and other social and professional conditions contributed to the formation of the Tajik system of periodicals. The periodical press played an important role in solving the great problems of the time, including the collectivization of agriculture, the industrialization of the country, and the cultural revolution. Although all the newspapers and magazines covered the course of solving these important questions, the party of that time and the government considered it necessary to establish special publications. For example, in order to properly organize the process of collectivization of individual farms, the newspapers "Poor Peasant" (1930) - "For the Collective" (1931-1934) and to speed up the process of eliminating illiteracy, effectively implementing the program of eradicating illiteracy and globalization. “Invilobi madani” (“Cultural Revolution”) (1931-1937) - “Cultural Revolution” (1937-1939) and “October” (1934-1937). In general, the socio-political situation of the 20-30s of the twentieth century created a favorable basis for the formation and development of the Tajik press, as a result of which the Tajik press was formed and developed as an integral system.

Key words: formation, factor, laws and solutions, periodicals, periodicals system, role, social environment, analysis, reflection, theme, problem, process.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Азимов Аъзамҷон Холматович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология, профессори кафедраи телевизион ва радиошунавонӣ. **Адрес:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 918-67-03-20**
Муродӣ Мурод Бердӣ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуот. **Адрес:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **murodi-65@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 93-425-15-32**

Сведение об авторах: ***Азимов Аъзамджон Холматович*** – Таджикский национальний университет, доктор филологических наук, профессор кафедры телевидения и радиовещания. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки,17. Тел.: **(+992) 918-67-03-20**
Муроди Мурод Берди – Таджикский национальний университет, доктор филологических наук, профессор кафедры печати. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **murodi-65@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 93-425-15-32**

Information about the authors: ***Azimov Azanjon Kholmatovich*** – Tajik National University, doctor of plylological sciences, professor of the department of the television and radio. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 918-67-03-20**
Murodi Murod Berdi – Tajik National University, doctor of philology, professor of the department of printing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **murodi-65@mail.ru.** Phone: **(+992) 93-425-15-32**

УДК: 323.22. (470+477)

ҶАНГИ ИТТИЛООТӢ - ОЛОТИ ФИШОРОВАРӢ ДАР ҲАЛЛИ МАСОИЛИ СИЁСӢ

Муқимов М.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муайян кардани истилоҳи "ҷанги иттилоотӣ" хеле душвор аст, зеро вобаста ба мавқеи истифодааш маъноҳои гуногунро ифода мекунад. Иттилоот мафҳуми хеле васеъ буда, ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон таъсир мерасонад ва захираест, ки субъект дар раванди қабули қарор, аз ҷумла дар ҷанг амал мекунад. Ҷанг як навъ муборизаро дар доираи ягон ҳадаф дарбар мегирад. Ҷанги иттилоотӣ дар ин маврид ҳама гуна ҷузъи иттилоотии чунин муборизаро баррасӣ мекунад ва иттилоот метавонад дар ин ҷо ҳам худи манобеъ ва ҳам воситаи ба даст овардани он бошад. Ҳамин тавр, ҷанги иттилоотӣ ин таъсиррасонии кушода ва ё пинҳонии ҳадафнок ба мақсадҳои муайян аст [13].

Консепсияи ҷанги муосири иттилоотӣ нисбатан ба наздикӣ таҳия шудааст. Ба гуфтаи коршиносони амрикоӣ, худи мафҳуми ҷанги иттилоотӣ дар натиҷаи «инқилоби кибернетикӣ» имконпазир шуда, боиси ба таври оммавӣ ҷорӣ шудани системаҳои гуногуни иттилоотӣ дар асоси истифодаи дастгоҳҳои электронӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёт гардид.

Таҳлилгари низомӣ Ван Пуфенг, асосгузори ҷанги иттилоотии Чин мегӯяд, ҷанги иттилоотӣ маҳсули асри иттилоотист, ки дар ҷанг технологияҳои иттилоотӣ ва силоҳи иттилоотиро ба таври васеъ истифода мебарад. Он "шабака"-и майдони ҷангро ташкил медиҳад ва модели нави муборизаи ниҳоии вақт ва фазо мебошад. Дар маркази он мубориза барои назорат бар майдони набардҳои иттилоотӣ барои таъсир расонидан ё қабули қарор дар бораи ғалаба ё мағлубият аст [5].

Силоҳҳои ҷанги иттилоотӣ – дастгоҳҳо ва усулҳои коркарди иттилооте мебошанд, ки барои таъсири васеъ, мақсаднок, зуд ва пинҳонӣ ба системаҳои иттилоотии ҳарбӣ ва мулкии душман бо мақсади хароб кардани иқтисодиёти душман, паст кардани дараҷаи омодагии ҷангӣ истифода мешаванд. Ин маънои онро дорад, ки ҷанги иттилоотиро ҳам мустақилона, яъне бидуни истифода аз воситаҳои анъанавӣ ва усулҳои муборизаи мусаллаҳона ва ҳам дар якҷоягӣ бо дигар намудҳои амалиёти низомӣ бурдан мумкин аст [5].

Ҷанги иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногун аз ҷумла, дар соҳаҳои сиёсат, иқтисодиёт ва ё ҳарбӣ истифода мешавад. Дар ҳолати муноқиша ё ҷанги байни кишварҳо ҷанги иттилоотӣ ҳамаи соҳаҳои рақиб ё душманро фаро мегирад. Ҳадаф аз ҷанги иттилоотӣ таъмини ҳифзи муҳити иттилоотии худ ва то ҳадди имкон суст кардани амнияти иттилоотии душман аст.

Воситаҳои муосири иҷрои вазифаҳои иттилоотӣ ахборро ба дастрасии мустақим ва манипулятсия осебпазир гардонидаанд. Акнун технологияҳо ба рақиб имкон медиҳанд, ки бидуни гирифтани далелҳо ва тафсири онҳо маълумотро тағйир ё эҷод кунанд.

Сохтори ҷанги иттилоотӣ гуногун буда, вобаста ба ҳадафҳо ва имконоти мавҷуда метавонад тағйир ёбад. Масалан, дар амалиёти вижаи ҳарбии Россия дар Украина ҷонибҳо бештар амалиётӣ равонӣ анҷом дода, тавассути дурӯғпароканӣ мехоҳанд афкори оммаро ба худ моил намоянд ва бо ин қарорҳои сиёсӣ қабул бикунанд.

Баъзе кишварҳо нисбати рақибони худ солҳои тӯлонӣ, то амалӣ шудани ҳадафҳояшон ҷанги иттилоотӣ мебаранд. Масалан, Амалиёти иттилоотии марбут ба рӯйдодҳои Осетияи Ҷанубиро дар моҳи августи соли 2008 амрикоиҳо на камтар аз як сол пештар нисбати Россия омода карда буданд. Бо истифода аз расонаҳои амрикоӣ ва аврупоӣ системаи ҷаҳонии таъсир ба ҷараёни иттилоот ташаккул ёфта буд, ки аз як марказ назорат карда мешуд. Ҷанги иттилоотиро бо Россия Саакашвили намебурд. Ӯ танҳо як асбоби ин ҷанг буд, мегӯяд муҳаққиқи рус Игор Панарин. Ситодҳои се зинагӣ ташкил карда шуданд, ки ҷанги иттилоотӣ мебурданд: Шӯрои амнияти миллии ИМА, Тифлис (Саакашвили ва ҳамрохони ӯ), Маркази матбуоти Гори, ки онро америкоиён аз рӯйи схемае, ки ҳангоми ҳуҷуми Ироқ истифода бурда буданд, ташкил карданд [3].

Дар заминаи канали «Триалети» дар Гори маркази иттилоотӣ кушода шуд, ки ба журналистони гурчӣ ва хоричӣ хизмат мерасонд. Расонаҳои русӣ ва интернет дар Гурҷистон баста шуданд, телеконфронсҳо бо Аврупо ва Амрико мунтазам ба забони англисӣ баргузор мешуданд. Телевизионҳои «Рустави-2», «Имеди», «Гурҷистон-онлайн» ва

дигар расонаҳои гурӯҳ дар ҳамбастагии зич, ҳамчун мушти ягонаи иттилоотӣ амал мекарданд.

Дар рафти инъикоси чанги панҷрӯза дар моҳи августи соли 2008 матбуоти Ғарб аз сохтакорӣ ва дурӯғпароканӣ истифода мекард. Масалан, наворҳои сӯхтори Схинвалӣ ва тирборон кардани шаҳр аз ҷониби градҳои Гурҷистон, ки аз ҷониби шабакаи «Russia Today» ба навор гирифта шудааст, дар CNN ҳамчун сӯхтани шаҳри Гори ва қаламрави Гурҷистонро тирборон кардани Россия пахш шуда буданд. Ҳамзамон ҳар гуна кӯшиши нақл кардани ҳодисаҳо аз нуқтаи назари Россия ва Осетияи Ҷанубӣ шадидан саркӯб карда мешуд.

Бартарии иттилоотии Иёлоти Муттаҳида ба он вобаста аст, ки муҳити ҷаҳонии расонаҳоро зери назорат дорад. Дар ИМА се маркази тавонои идеологӣ вуҷуд доранд - RAND Corporation, Донишгоҳи Массачусетс ва Донишгоҳи Стэнфорд, ки клишеҳои идеологиро ташкил медиҳанд. Онҳо барномаҳо, амалиётҳои махсус, рӯйдодҳо, таълимотҳо, стратегияҳо ва тактикаи Амрикоро таҳия мекунанд. Ҳамаи ин тавассути дастгоҳҳои PR-и амрикоӣ дар саросари ҷаҳон паҳн карда мешаванд.

Бесабаб нест, ки Телевизиони CNN «муъҷизаи иттилоотии асри 20» номида мешавад. Ин канал аз ҷиҳати дараҷаи таъсир ба аудитория дар соҳаи ВАО-и ҷаҳонӣ ҳамто надорад. CNN аз ҷиҳати фарогирии тамошобинон низ мавқеи пешсафро ишғол мекунад. Ин як шабакаи моҳворавии амрикоӣ ва байналмилалӣ аст, ки аввалин дар ҷаҳон ба пахши хабарҳои шабонарӯзӣ дар вақти воқеӣ шурӯъ кардааст. Дуюмин бузургтарин телевизионии ҷаҳонӣ Би-Би-Си (Британия) низ таҳти назорати таблиғоти Амрико қарор дорад.

Ба ғайр аз телевизион, амрикоиҳо дар шабакаи ҷаҳонии Интернет «ҷанги ғояҳо»-ро фаъолона пеш мебаранд. Барномаи вижаи аутрич дар Департаменти давлатӣ бо номи Гурӯҳи аутричҳои рақамӣ барои муқобила бо иттилооти бардурӯғ алайҳи Амрико дар хориҷи кишвар амал мекунад.

Дар пасманзари ҳамаи гуфтаҳои боло, ба матбуоти чопии Амрико ва Ғарб танҳо вазифаи ёридиханда - тақвиятдиҳандаи мубоҳисаҳое дода мешавад, ки тавассути телевизион ва Интернет ташаккул меёбад.

Усули амрикоии кор бо васоити ахбори омма дар саросари ҷаҳон аз ду ҷузъ иборат аст: додани пул барои ришваи мустақими рӯзноманигорон, муҳаррирон, яъне ҷалби онҳо ва ҷойгиркунии мавод дар асоси пулакӣ. Ҳамчунин усулҳои хизматрасонии махсус - ҷалб кардан, фишор овардан ба раҳбарони ВАО ё муҳайё намудани доираи васеи хидматҳо барои онҳо.

Ба ғайр аз ин ИМА тавассути дастгоҳҳои тарғиботии ҷаҳониаш ба мисли телевизион ва радиои «Садои Америка», Телевизиони «Ал-Ҳурра», Радиои «Сава», радио ва телевизиони Мартӣ, Радиои «Аврупои озод»/Радиои «Озодӣ», Радиои «Осиёи озод», ки зертобеи Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ (USAGM) мебошанд, ба 61 забони миллӣ ва ба 125 кишвари дунё ҷанги иттилоотии густурда мебарад.

Ҳамасола барои фаъолияти расонаҳои зертобеи Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ маблағҳои зиёд ҷудо карда мешавад. Масалан, соли 2020 барои расонаҳои зертобеи USAGM 808 млн. доллар ҷудо шуда буд, ки он 180 млн. доллар аз маблағи дархостшуда бештар аст. Барои соли 2021 бошад, 10-уми феврали соли 2020 президенти вақти ИМА Доналд Трамп барои ба Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ ҷудо кардани 637 миллион доллар маблағ ба Конгресс дархост фиристода буд, ки ин нисбат ба буҷаи соли 2020-и ин ташкилот кам аст. Вале аз рӯи таҷриба маълум аст, ки Конгресси ИМА ҳамасола барои тарғибот нисбат ба маблағи дархостшуда бештар пул ҷудо мекунад [7, с.9].

Воқеан ҳам, Конгресс барои соли 2021 ба Оҷонсии ИМА оид ба ВАО- глобалӣ 809,957 млн. доллар ҷудо кард. Дар соли 2022 бошад, буҷаи оҷонсии мазкур ба 810,396 млн. доллар баробар буд.

28-уми марти соли 2022 президент Ҷо Байден барои соли 2023 ба Оҷонсии ИМА оид ба ВАО-и глобалӣ ҷудо кардани 840 миллион доллар ба Конгресс дархост фиристод, ки ин нисбат ба соли равон қариб 30 миллион доллар зиёд аст. Албатта, ин минбаъд аз афзоиши тарғиботи расонаҳои ҷаҳонии ИМА ба кишварҳои рақиб далолат мекунад [19].

Тибқи тарҳи буҷети федеролӣ барои соли 2022, барои маблағгузории расонаҳои давлатии марказии Россия бошад, 111,2 миллиард рубл масраф карда мешавад. Маблағи мазкур бо қурби доллар (14.04.2022) тақрибан ба 142,5 млн. доллар баробар буда, аз буҷаи

расонаҳои ҷаҳонии тарғибодии ИМА дар соли 2022 беш аз 5 маротиба кам аст. Қисми зиёди ин маблағ ба телевизион ва радиошунавонӣ ҷудо шудааст. Ҳамин тариқ, шабакаи телевизионии Russia Today (RT) имсол 28,7 миллиард рубл, Ширкати давлатии телевизион ва радиои умумирусия (ВГТРК) - 25,2 миллиард рубл, 9,4 миллиард рубли дигар медиахолдинги «Россия сегодня» ва 6,3 миллиард рубл Шабакаи якум хоҳад гирифт. Буҷаи ОИ ТАСС 3,1 миллиард рубл ва буҷаи Телевизиони «Звезда» имсол 1,9 миллиард рублро ташкил медиҳад [12].

Феълан рушди Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои бурдани ҷанги иттилоотӣ шароити наву беҳтарро ба вуҷуд оварданд. Масалан, моҳи январи соли 2022 62,5 фоизи аҳолии ҷаҳон аз Интернет истифода мекарданд, ки ин 192 млн. нафар (4%) нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 зиёд аст. Ҳамин тавр дар аввали соли 2022 - 4,95 млрд. нафар аҳолии ҷаҳон корбари Интернет буданд. Дар ҳамин ҳол корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ 10 фоиз афзуда, 4,62 млрд. нафарро ташкил доданд, ки он ба 58,4 фоизи аҳолии сайёра баробар аст [20].

Афзоиши шумораи корбарони Интернет барои бурдани тарғибот шароити мусоид бо хароҷоти камро фароҳам меорад. Дигар дастгоҳҳои зиёди аналогӣ ва моҳворавии радиову телевизион бо теъдоди зиёди кормандон лозим нест. Ин амалро бо шумораи ками мутахассисон ва вебстудияҳо ичро кардан мумкин аст.

Қобили зикр аст, ки имрӯз на танҳо дар Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, балки дар хабарҳои расонаҳои ҷиддии электронӣ, бахусус дар сомонаҳои хабарӣ маълумоти бардурӯғ зиёд паҳн карда мешавад. Маълумоти бардурӯғ, метавонад ба зеҳни мухотабон таъсири манфӣ расонда, муносибатҳо, меъёрҳои иҷтимоӣ, арзишҳо ва анъанаҳои гуногунро вайрон кунад.

Хабарҳои дурӯғ ин иттилои аҳамияти ҷамъиятӣ доштае мебошад, ки дидаву дониста ҳамчун хабарҳои боэътимод паҳн карда мешавад ва ба ҳаёт ё саломатии шаҳрвандон, моликият, тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ таҳдид мекунад.

Мақсад аз паҳн кардани хабари дурӯғ, дидаю дониста ба касе ё чизе зарар расондан, бо маълумоти дуруғ бедор кардани шубҳа ва нобоварӣ дар байни мутахабон нисбат ба давлат, ягон ташкилоту идора ва шаҳрвандон мебошад. Аз ҷумла, тақаллуби фазои иттилоотӣ бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи норозигии аҳолӣ ва ташкили фитнаҳои гуногун истифода мешавад [9, с.8-9].

Имрӯз, ҳангоми амалиёти махсуси ҷангии Федератсияи Россия дар Украина ҷонибҳои даргир ба манфиати худ аз хабарҳои дурӯғин ба таври фаровон истифода мекунанд.

Дар мизи гирде, ки 2-юми марти соли 2022 Палатаи ҷамъиятии Россия гузаронид, директори Лигаи Интернети бехатар ва узви Палатаи ҷамъиятӣ Екатерина Мизулина гуфт, ки арзиши умумии ҳуҷуми иттилоотии кишварҳои Ғарб ба Россия дар 6 рӯзи охир ба 77 млн. доллар расид. Қариб $1,4 млн дар як рӯз барои заҳмати «мутахассисони дараҷаи гуногун» ва $1,5 млн барои фаъолияти дастгоҳҳои сервер пардохт карда мешавад.

Ба қавли мушовири сиёсии Россия Евгений Минченко, ҳоло василаи асосии таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа на расонаҳо, балки блогнависони маъруф дар шабакаҳои иҷтимоӣ мебошанд. "Аммо шумо наметавонед бо онҳо ба услуби "ба ҳама пул додан" кор кунед. Шумо бояд мавқеъи худро ба онҳо возеҳ фаҳмонед, то онҳо тавонанд онро пахш кунанд ва ҳатто дар бораи чизе розӣ нашаванд" мегӯяд коршинос. Аз ин рӯ, пеш аз ҳалли масъалаҳои молиявӣ бо масъалаҳои моҳиятӣ машгул шудан лозим аст, боварӣ дорад Е. Минченко [12].

Ба гуфти Екатерина Мизулина, узви Палатаи ҷамъиятӣ ва раҳбари Лигаи Интернети бехатар аз оғози амалиёти вижаи нерӯҳои ҳарбии Россия дар Украина, аз 24-уми феврал то 5-уми апрели соли 2022 дар расонаҳои хориҷӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ беш аз 4,2 миллион хабари дурӯғ ё ин ки фейк паҳн карда шудааст [1].

Ба гуфтаи Мизулина, гузоришҳои бардурӯғ дар бораи ҳаводиси шаҳри Бучаи Украина дар рӯзҳои ахир ҷолибтарин хабарҳо шудаанд. Дар ин мавзӯъ коршиносон беш аз ним миллион хабари қалбакиро сабт кардаанд, ки дар шабакаҳои иҷтимоии ғарбӣ паҳн шудааст.

Дар бахшҳои хориҷии шабакаҳои иҷтимоии Instagram, Facebook инчунин дар Twitter, YouTube ва TikTok "тақрибан 544 000 хабаре, ки маълумоти бардурӯғ ва сохтаро дар бораи ҳодисаҳои Буча дар бар мегиранд, пахш карда шуданд, гуфт роҳбари Лигаи Интернети

бехатар Е. Мизулина. "Барои паҳн кардани ин хабари бардурӯғ маблағҳои бузург сармоягузорӣ карда шуданд", илова намуд ӯ [1].

Қаблан мақомоти Украина ва расонаҳои хабарӣ видеоеро нашр карданд, ки гӯё дар шаҳри Бучаи вилояти Киев сабт шудааст ва дар он дида мешавад, ки ҷасадҳо дар роҳ хобидаанд. Корбарони шабакаҳо пай бурданд, ки "ҷасад"-ҳо дастонашонро ҷунбонда, ба канор мераванд, то зери чархи техникаи низомӣ наафтанд. Инчунин дар оинаи мошини наворбардор дидан мумкин аст, ки баробари гузаштани мошин яке аз "мурдаҳо" чӣ гуна савори мошин мешавад [4].

Вазорати дифои Русия ин видеоҳоро иғво номида, таъкид кард, ки дар тӯли тамоми замоне ки Буча таҳти назорати русҳо буд, ҳеҷ як сокини маҳаллӣ аз амалҳои хушунатомез осеб надидааст. Нерӯҳои Россия рӯзи 30 март шаҳрро тарк карданд, рӯзи дигар шаҳрдор Анатолий Федорук дар паёми видеоии худ тасдиқ кард, ки ҳеҷ яке аз низомиёни Россия дар Буча набудаанд.

Ҷек Мэтлок, ки сафири ИМА дар ИҶШС буд, дурустии изҳороти ҷониби Украина дар бораи куштори мардуми осоишта дар шаҳри Бучаро зери шубҳа гузошт. Ӯ дар мусоҳиба бо шабакаи телевизионии CNN гуфт, ки барои воқеаҳои Буча гунаҳкор кардани Москва ягон далеле нест.

Ҷек Мэтлок қайд кард, ки дар ҳоли ҳозир маълум нест, ки маҳз дар Буча чӣ рух додааст. "Гап дар он аст, ки украинҳо бояд бо Русия созиш кунанд, то Қрим, ки аксарияти аҳолии он русҳоянд ва пойгоҳи баҳрии онҳо ҷойгир аст, бо Маскав бимонад. Зеро аз Россия, ки як нерӯи ҳастаии муодили Иёлоти Муттаҳида аст, ҳамчун як давлати қаллоб ном бурдан, бешубҳа, ба манфиати мо нест", - гуфт ин дипломат дар суҳбат бо шабакаи телевизионии CNN [18].

Сухангӯи раисҷумҳури Россия Дмитрий Песков 4-уми апрел гуфт, Россия ҳама гуна иттиҳомоти даст доштан дар марги сокинони Бучаро комилан рад карда, аз раҳбарони байналмилалӣ талаб мекунад, ки ба иттиҳомоти густурда алайҳи Россия шитоб накунанд, балки ба далелҳои Маскав гӯш диҳанд. Ба гуфтаи ӯ, дипломатҳои Русия мавзӯи иғво дар Бучаро дар Шӯрои амнияти СММ баррасӣ хоҳанд кард.

Дар ҳамин ҳол сомонаи радиои америкоии «Свобода» менависад, ки шумораи аниқи аҳолии осоишта, ки дар шаҳри Буча аз дасти ҳарбиёни Россия кушта шудаанд, маълум нест. Зеро то ҳол рӯйихати кушташудагон тартиб дода нашудаанд. Аз рӯи маълумоти пешакӣ сухан дар бораи беш аз 300 нафар меравад, хабар медиҳад сомона [17].

Ба қавли хабарнигорони Радио «Свобода» 3-юми апрели соли 2022 гӯё аз паскӯчаи Яблунскии Буча ҷасади 30 нафар кушташудагонро ҷамъ кардаанд, ки танҳо 2 нафарашон сарбозони Артиши Украина будаанд.

5-уми апрели соли 2022 намояндаи доимии Россия дар СММ Василий Небензя ба журналистон саҳнасозӣ будани видеоро дар бораи кушташудагони Буча собит намуд. Аз ҷумла, ба рӯзноманигорон видеои мири Буча пас аз рафтани Нерӯҳои мусаллаҳи Россия аз шаҳр намоиш дода шуд, ки ӯ хушбахту хандон буд [10].

Ҳамчунин ба журналистон видеои 2-юми апрел сабткардаи Гвардияи миллии Украина пешниҳод шуд, ки дар он дар кӯчаҳои Буча ягон ҷасад ба назар намерасад. Василий Небензя изҳор намуд, ки ҳарбиёни Россия ба ин иғвогарии ҷониби Украина иртиботе надоранд.

Ба гуфтаи Сергей Лавров, вазири умури хориҷаи Россия, хабари қалбакӣ дар бораи шаҳри Буча ба хотири дур кардани таваҷҷуҳ аз саркашии Украина аз иҷрои тавофуқҳои дар Истанбул ҳосилшуда сохта шудааст.

Ҳар қадар хабарнигорони ғарбӣ дар Украина бештар бошанд, ҳамон қадар хабарҳои қалбакӣ мураккабтар мешаванд, менависад хабарнигор Алексей Головко. Навори гӯиё аз таваллудхонаи Мариупол зери тирборон берун овардани як зани ҳомила аз ҷониби тамоми расонаҳои ҷаҳон намоиш дода шуд. Қаҳрамони аксҳои сершумор, блогер Марианна Вишемирская, пас аз як моҳ нақл кард, ки чӣ гуна хабарнигорон кӯшиш карданд, ки аз ӯ маълумоти "дуруст" гиранд.

"Онҳо аз ман ҳам пурсиданд, ки оё ҳамлаи ҳавоӣ шудааст, ман ҷавоб додам, ки ягон ҳамлаи ҳавоӣ нашудааст. Касе инро нашунид. Зарбаҳо буданд, на пеш аз зарбаҳо ва на пас аз зарбаҳо садое онҳоро ҳамроҳӣ намекард. Онҳо ин гуфтаҳои маро қайчӣ карданд", гуфт Марианна [16].

То он вақт таваллудхонаи Мариуполро миллатгароёни украин ишғол намуда, занони ҳомиларо ба бинои дигар пеш карда буданд.

Чунин амал боз ҳам тавсеа ёфта, барои дигар кардани тафаккури мухотабон нисбати ҷанги Россияву Украина истифода мешавад. Масалан, мақомоти Украина фоҷиаи навбатии Мариуполро ба хабари қалбакӣ табдил доданд, мегӯяд Алексей Головко. 27-уми марти соли 2022 рӯзноманигори америкоӣ Патрик Ланкастер аз мактаби 25-уми маҳаллӣ гузориш дод, ки миллатгароён онро ба пойгоҳи худ табдил додаанд. Ӯ дар таҳхона манзараи даҳшатнокро дид.

"Мо ҷасади як зани ғайринизомиро пайдо кардем, ки дар сари сина ва шикамаш бо хун салиб кашида шуда буд", - гуфт рӯзноманигор.

Он вақт таблиғоти Украина ба ин марг умуман манфиатдор набуд. Аммо баъдан кӯшиш карданд, ки ин занро ҳамчун қурбонии нерӯҳои Россия нишон диҳанд. Алексей Арестович, мушовири раиси дафтари Зеленский як посте дар шабакаи иҷтимоӣ нашр карда, дар он изҳор дошт, ки духтар дар Гостомел шиканҷа шудааст. Баъд ӯ худро ислоҳ кард, ки ин дар Мариупол аст. Ва ахиран ӯ ин паёмро комилан лағв кард. Ҳатто агентии UNIAN, ки ба олигарх Коломойский тааллуқ дорад, маҷбур шуд, ки ин хабари қалбакиро рад кунад: "Ҷой, сана ва ҳаққонияти ин аксҳо ва видеоҳоро дар ҳоли ҳозир тасдиқ кардан мумкин нест. Мо узр мехоҳем." [16].

Бисёре аз технологияҳои сохтакорӣ, саҳнасозиҳо барои эҷоди хабарҳои қалбакӣ дар ҷараёни амалиёти низомии Россия дар Сурия озмуда шудаанд, - мегӯяд Алексей Головко. Он вақт дар бораи ҳамлаҳои кимиёвӣ расонаҳои Ғарб тақрибан ҳар моҳ гузориш медоданд. Машҳуртарин фиреб дар шаҳри Дума рӯй дод. Писарбача Ҳасан Диабро, ки гӯиё ӯ аз моддаи кимиёвӣ заҳролуд шудааст, тамоми шабакаҳои телевизионии ҷаҳонӣ намоиш доданд.

Баъди чанде хабарнигори рус Евгений Поддубний Ҳасанро пайдо кард.

"Дар кӯча доду фарёдеро шунидем. Ба мо фарёд заданд, ки ба беморхона равед. Ба беморхона давидем ва ҳамин ки ворид шудам, маро дастгир карда, ба сарам об рехтанд, баъд аз он маро ба кати паҳлуи одамони дигар хобонданд, - гуфт Ҳасан.

"Вақте фаҳмидам, ки кӯдакам дар беморхона аст, аз кор ҷавоб гирифта, ба он ҷо давидам. Ягон силоҳи кимиёвӣ набуд. Ба беморхона рафта, писарамро дидам, ки худро хуб ҳис мекард", - гуфт падари Ҳасан [16].

Муҷоҳидон барои ин саҳнасозӣ ба иштирокчиён хурмову кулчақанд ва биринҷ дода, онҳоро ба хонаҳояшон ҷавоб доданд.

Барои фош кардани ин саҳнасозӣ, оилаи Ҳасан ҳатто ба Гаага омаданд. Аммо сухани онҳоро дар Ташкилоти манъи яроки кимиёвӣ намояндагони мамлакатхои Ғарб ба эътибор нагирифтанд. Он вақт хабари қалбакӣ аллакай дар тамоми ҷаҳон паҳн шуда буд.

Дар ҷанги иттилоотӣ нақши журналистон ҳамчун тарғиботгарон зиёд аст. Бинобар ин, баъзеи онҳоро, ки қонунро вайрон намуда, мухотабонашонро ба таври оммавӣ ба ҷангу куштор даъват мекунанд, ҷониби мухолиф ба ҷавобгарӣ мекашад.

Масалан, ба иттилои ОИ РИА «Новости» хабарнигори украинӣ Дмитрий Гордон ва ҳамчунин барандаи телевизион Фахрудин Шарафмал ба феҳристи террористон ва ифротгароён шомил карда шуданд [15].

Кумитаи тафтишоти Россия алайҳи Дмитрий Гордон бар асоси се моддаи Кодекси ҷиноии Федератсияи Россия парвандаи ҷиноӣ боз кардааст. Сабаби ин иқдом даъватҳои оммавии ӯ барои ҳамла ба Артиши Россия, оғоз кардани ҷанги ҳастаӣ бар зидди Россия ва умуман русҳоро нест кардан мебошад. Ҳамчунин гуфта мешавад, ки рӯзноманигор дар паҳн кардани хабарҳои қалбакӣ дар бораи амалкарди Нерӯҳои мусаллаҳи Россия, бахусус дар бораи бомбгузорӣ ва тирборон кардани инфрасохтори ғайринизомӣ ва сокинони осоишта даст доштааст.

Қаблан Додситони кулли Украина хабар дода буд, ки журнадистони Телевизиони Россия Дмитрий Киселев ва Олга Скабеева барои даъвати вайрон кардани ягонагии ҳудудии Ҷумҳурии Украина дар телевизион муттаҳам карда мешаванд. Тибқи ин қазияи ҷиноӣ журналистонро метавонанд якумрӣ аз озодӣ маҳрум бикунанд [14].

Андрей Сидоров, доктори илмҳои сиёсӣ, декани факултети сиёсати ҷаҳонии Донишгоҳи давлатии Маскав дар барномаи “Шом бо Владимир Соловёв”-и ТВ Россия гуфт, ки ҳоло ҷанги иттилоотӣ дар панҷ самт идома дорад [2].

Якум, ҷанги нарм: онҳо мегӯянд, ки Россия узви масъули ҷомеаи ҷаҳонӣ нест. Ва агар ин тавр бошад, пас он бояд аз ҳама ҷо хориҷ карда шавад. Ин аллакай дар амал татбиқ карда мешавад.

Дуюм, раисиҷумҳури Россия гӯё ҷинояткори ҳарбӣ аст. Ҷо Байден, раиси ҷумҳури Амрико, инро борҳо гуфтааст. Чунин чизҳо аслан мақбул нестанд, аммо ҳамарӯза гуфтани ин суханон дар арсаи байналмилалӣ бетаъсир намемонанд.

Сеюм, тезис дар бораи муассир будани таҳримҳо такрор мешаванд. Садои онҳое, ки алайҳи таҳримҳо ҳастанд, далели он аст, ки таҳримҳои боз ҳам бештар лозим аст, то ки Россия фурӯ биравад, - идома дод Андрей Сидоров.

Чаҳорум, тамоми мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва тамоми мушкилоти ҳаёти ҷомеаи Ғарбро бо Россия алоқаманд мекунанд. Боз ҳам Путин гунаҳкор аст. Ҳатто президенти ИМА Ҷо Байден боло рафтани нархҳоро дар кишвараш рӯирост ба Путин иртибот медиҳад.

Ба гуфтаи коршинос, самти панҷум ҳоло равшантар зоҳир мешавад. Ҳатто дар солҳои «чанги сард» ин тавр набуд. Тезисҳои «Русхо ҳайвонанд», «Русхо миллати қотиланд», «Куштани русхо кори муқаддас аст», — садо медиҳанд. Ин амал ба русбадбинӣ мебарад ва он аллакай дар Аврупо ба мушоҳида мерасад.

"Ин панҷ самт дар фазои таблиғотӣ бояд пайваста ғизо бигирад. Ва Украина майдони аслӣ барои ин амал аст", - гуфт сиёсатшиноси рус Андрей Сидоров.

Ба андешаи ӯ, тайи 30 соли охир дар ҷаҳон эҳсоси бархӯрди интиқодӣ ба он чизе, ки шумо мехонед, гум шудааст. Вақте ки матбуоти чопӣ вуҷуд дошт, одамон бештар ба иттилоот интиқод мекарданд. Зоҳиран, асри электронӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ тафаккури инсонро ба сифр бурдаанд. "Мо бояд механизмҳоеро таҳия кунем, ки дар мубориза бар зидди дурӯғпароканӣ мусоидат намоянд", мутмаин аст сиёсатшинос [2].

Коршиносон бар он назаранд, ки дар ҷанги зидди Россия аслан кишварҳои узви НАТО, ИМА ва Иттиҳоди Аврупо Украинаро ҳам аз нигоҳи ҳарбиву техникӣ ва дурӯғпароканӣ кумак карда истолаанд. Дар НАТО 20 маркази таҳлили иттилоот ва амнияти иттилоотӣ фаъолият дорад. Аз ҷумла, дар кишварҳои Назди Балтик 3 марказ мустаққар аст. Маркази Эстония ба амнияти кибернетикӣ, маркази Литва ба амнияти энергетикӣ ва маркази Латвия ба коммуникатсияи стратегӣ машғул аст. Вазифаи Маркази иртибототи стратегии Рига пажӯҳиш ва таҳияи тавсияҳоро дар самтҳои зерин фаро мегирад: амалиётҳои иттилоотӣ ва равонӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тарғибот. Дар ҳамин ҳол самти аввалиндараҷаи фаъолияти марказ мубориза ба троллҳои интернетии Россия мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. В интернете выявили более 4 миллионов фейков о спецоперации на Украине/ ВГТРК. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.vesti.ru/hitech/article/2699846 (Санаи мурочиат: 06.04.2022).
2. Декан факультета МГУ – о пяти направлениях информационной войны/ ВГТРК. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.vesti.ru/article/2698934 (Санаи мурочиат: 05.04.2022).
3. Информационная война против России/Студфайл. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://studfile.net/preview/2902540/page:4/ (Санаи мурочиат: 12.04.2022).
4. Кремл ба беғаразии тафтишоти иғвогарӣ дар Буча шубҳа дорад/ Спутник. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://sputnik-tj.com/20220405/kreml-begharaz-taftishot-ighvo-bucha-shubha-1047371815.html (Санаи мурочиат: 05.04.2022).
5. Методы и цели информационных войн/ Scienceforum.ru. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://scienceforum.ru/2016/article/2016023722 (Санаи мурочиат: 10.04.2022).
6. Муқимов М. А. Ҷанги иттилоотӣ ва таъмини амнияти фазои иттилоотӣ / М. А. Муқимов. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2017. – № 4/2. – С. 266 – 271. ISSN 2413-516X
7. Муқим Ҷовид. Расонаҳои ҷаҳонии тарғиботии ИМА / Ҷовид Муқим. - Душанбе: ДДЗТ, 2021. – 177 с.
8. Муқим Ҷ. Сиёсат ва ҷанги иттилоотӣ / Ҷ.Муқим. - Душанбе: Деваштич, 2006. - 71 с.
9. Муратова Н. Fake news: дезинформация в медиа. Пособие / Н. Муратова, Н. Тошпулатова, Г. Алимова. – Ташкент: “Innovatsion rivojlanish nashriyot-matbaa uyi”, 2020. –104 с.
10. Небензя показал доказательства постановочного характера ситуации в Буче/ ВГТРК. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://russian.rt.com/ussr/news/985976-bucha-harakter-nebenzya (Санаи мурочиат: 06.04.2022).
11. Почепцов Г.Г. Информационные войны / Г.Г. Почепцов. - М.: Рефл-бук; К.: Ваклер, 2000. — 576 с.
12. Российским СМИ не хватает свободы бюджета/ Kommersant.ru. - 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.kommersant.ru/doc/5239569?from=main (Санаи мурочиат: 03.03.2022).

13. Сущность и понятие информационной войны/ Студфайл. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://studfile.net/preview/2902540/page:2/ (Санаи мурочиат: 11.04.2022).
14. Украинская генпрокуратура завела дело против Киселева и Скабеевой/Россия сегодня. - 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.ntv.ru/novosti/2698280/ (Санаи мурочиат: 28.03.2022).
15. Украинские журналисты Гордон и Шарафмал включены в реестр террористов/ ВГТРК. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.vesti.ru/article/2699835 (Санаи мурочиат: 06.04.2022).
16. Фабрика фейков: информационная война с Россией набирает обороты/ ВГТРК. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.vesti.ru/article/2698835 (Санаи мурочиат: 04.04.2022).
17. "Холодно, пусть еще полежат". Кто в ответе за убийства в Буче /RFE/RL. - 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.svoboda.org/a/kto-v-otvete-za-ubiystva-v-buche-holodno-pustj-esche-polezhat/31785609.html (Санаи мурочиат: 04.04.2022).
18. Ягон далели гунаҳкор будани Русия дар ҳаводиси Буча нест, мегӯяд сафири ИМА дар ИҶШС/Спутник. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://sputnik-tj.com/20220405/dalel-gunahkor-rusiya-havodis-bucha-nest-ima-sssr-1047371581.html (Санаи мурочиат: 05.04.2022).
19. Budget Submissions/ US agency for global media. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.usagm.gov/our-work/strategy-and-results/strategic-priorities/budget-submissions/ (Санаи мурочиат: 02.04.2022).
20. Global Digital 2022: вышел ежегодный отчёт об интернете и социальных сетях — главные цифры/Sostav.ru. – 2022. - [Манбаи электронӣ] - URL: https://www.sostav.ru/publication/we-are-social-i-hootsuite-52472.html (Санаи мурочиат: 03.04. 2022).

ҶАНГИ ИТТИЛООТӢ - ОЛОТИ ФИШОРОВАРӢ ДАР ҲАЛЛИ МАСОИЛИ СИЁСӢ

Дар мақола чанги иттилоотӣ ҳамчун олоти фишороварӣ дар ҳалли масоили сиёсӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Ҷанги иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногун аз ҷумла, дар соҳаҳои сиёсат, иқтисодиёт ва ё ҳарбӣ истифода мешавад. Дар ҳолати муноқиша ё ҷанги байни кишварҳо ҷанги иттилоотӣ ҳамаи соҳаҳои рақиб ё душманро фаро мегирад. Ҳадаф аз ҷанги иттилоотӣ таъмини ҳифзи муҳити иттилоотии худ ва то ҳадди имкон суст кардани амнияти иттилоотии душман аст. Сохтори ҷанги иттилоотӣ гуногун буда, вобаста ба ҳадафҳо ва имконоти мавҷуда метавонад тағйир ёбад. Масалан, дар амалиёти вижаи ҳарбии Россия дар Украина ҷонибҳо бештар амалиётӣ равонӣ анҷом дода, тавассути дурӯғпароканӣ мехоҳанд афкори оммаро ба худ моил бикунанд. Хабари дурӯғ ин иттилои аҳамияти ҷамъиятӣ доштае мебошад, ки дидаву дониста амчун хабари боэътимод паҳн карда мешавад ва ба ҳаёт ё саломатии шаҳрвандон, моликият, тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ таҳдид мекунад. Тақаллуби фазои иттилоотӣ бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи норозигии аҳолӣ ва ташкили фитнаҳои гуногун истифода мешавад. Имрӯз, ҳангоми амалиёти махсуси ҷангии Федератсияи Россия дар Украина ҷонибҳои даргир ба манфиати худ аз хабарҳои дурӯғин ба таври фаровон истифода мекунанд. Хабарҳои қалбакӣ барои давлат ва ҷомеа, албатта, хатари бузург ва эҳтимолӣ дорад. Мардум ба ғайбат, хабарҳои қалбакӣ ва постҳо ба осонӣ бовар карда, назарашон нисбат ба ин ҳодисаҳо дигар мешавад.

Калидвожаҳо: ВАО, хабари дурӯғ, фейк, фактчнкинг, интернет, блогер, шабакаҳои иҷтимоӣ, ҷанг, Россия, Кремл, Украина, ИМА.

ИНФОРМАЦИОННАЯ ВОЙНА КАК ИНСТРУМЕНТ ДАВЛЕНИЯ В РЕШЕНИИ ПОЛИТИЧЕСКИХ ВОПРОСАХ

В статье исследуется информационная война как инструмент давления в политических вопросах. Информационная война используется в самых разных областях, в том числе в политике, экономике или вооруженных силах. В случае конфликта или войны между странами в информационную войну вовлекаются все сферы культурной жизни соперника или противника. Цель информационной войны — защитить свою информационную среду и максимально ослабить информационную безопасность противника. Структура информационной войны разнообразна и может меняться в зависимости от целей и имеющихся возможностей. Например, в спецоперации России на Украине стороны больше проводят психологические операции и пытаются распространением лжи изменить общественное мнение. Заведомо ложные сообщение – это Сведение, имеющие общественное значение, заведомо распространяемые как достоверные и создающие угрозу жизни или здоровью граждан, имуществу, общественному порядку и общественной безопасности. Мошенничество информационного пространства используется для повышения уровня недовольства населения и организации различных заговоров. Сегодня в ходе спецопераций Российской Федерации на Украине конфликтующие стороны используют в своих интересах много ложной информации. Фейковые новости, безусловно, представляют большую и потенциальную опасность для государства и общества. Люди легко верят сплетням, фейковым новостям и постам и меняют свое отношение к этим событиям.

Ключевые слова: СМИ, ложные новости, фейк, фактчекинг, интернет, блогер, социальные сети, война, Россия, Кремль, Украина, США.

INFORMATION WAR AS A TOOL OF PRESSURE IN THE SOLUTION OF POLITICAL ISSUES

The article examines the information war as an instrument of pressure in political matters. Information warfare is used in a wide variety of fields, including politics, economics, or the military. In the event of a conflict or war between countries, all areas of the rival or enemy are involved in the information war. The purpose of the information war is to protect your information environment and weaken the information security of the enemy as much as possible. The structure of information warfare is diverse and can change depending on the goals and available capabilities. For example, in Russia's special operation in Ukraine, the parties carry out more psychological operations and try to

change public opinion by spreading lies. Knowingly false news is information of public importance, knowingly disseminated as reliable and endangering the life or health of citizens, property, public order and public safety. Fraud in the information space is used to increase the level of discontent among the population and organize various conspiracies. Today, during the special operations of the Russian Federation in Ukraine, the conflicting parties use a lot of false information to their advantage. Fake news certainly poses a great and potential danger to the state and society. People easily believe gossip, fake news and posts and change their attitude towards these events.

Key words: media, fake news, fake, factchecking, internet, blogger, social networks, war, Russia, Kremlin, Ukraine, USA.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муқимов Муҳамадӣ Аминович (Ҷовид Муқим)*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиё.Рӯдаки, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Сведение об авторе: ***Мукимов Мухамади Аминович (Джовид Муким)*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Information about the author: ***Muqimov Muhamadi Aminovich (Jovid Muqim)*** – Tajik National University, Doctor of Philology, Professor, Department of International Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave.17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

УДК: 070.11 (575.3)

ЗАМИНАҲОИ ИҶТИМОИВУ СИЁСИИ ТАҲАВВУЛИ ПУБЛИТСИСТИКАИ ТОҶИК

Муродӣ М.Б.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Публитсистика ҳамчун навъи эҷоди бадеӣ ва илмиву оммавӣ баробари шаклгирии адабиёти бадеӣ, балки пештар аз он пайдо шудааст. Ба ин мазмун муҳаққиқ А. Саъдуллоев дуруст қайд мекунад, ки «ҳар кадом аз адабиёти нав ва алалхусус насри бадеии он дар оғози пайдоиши худ аввалтар аз ҳама дар шаклҳои насри мустанад арзи вуҷуд менамояд» [8, с.3]. Насри бадеии тоҷик низ аз ин вижа истисно нест. Аз ҷумла дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав рисолаҳои «Ахлоқ-ул-ашроф», «Даҳ фасл», «Садпанд» ва «Ришнома»-и Убайди Зоконӣ, «Сиёсатнома»-и Низомулмулки Тусӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш, ки аз намунаи беҳтарини асарҳои насрии адабиёти классикии тоҷиканд, руҳи публитсистӣ бараъло ба мушоҳида мерасад. Ба назари мо «заминаи асосии ҳақиқати воқеӣ пайдо кардани ин гуна осорро таҷассуми ҳодисаҳои таърихӣ, лаҳзаҳои муайяни ҳаёти адабӣ, муносибати мушаххаси шахсони алоҳида, ҳисси нафрату адовати муаллифон ба нобасомониҳои замон, танқиди хислату характери нафарони ҷудогона ва амсоли ин ташкил медиҳанд» [6, с.86]. Ин ва дигар асарҳо дар ташаккули руҳи иҷтимоӣ дар асарҳои бадеӣ, аз ҷумла адабиёти насрӣ замина фароҳам оварда, аносири хоси навъи нави насри мустанд – публитсистикаро намо додаанд.

Таҳқиқотҳои адабиётшиносӣ собит месозанд, ки дар аксарияти кишварҳои Шарқ дар охири асри XIX адабиёти нав зуҳур кард, ки ҷанбаи маорифпарварӣ ва ислоҳотхоҳона дошт. Ин гуна осор, аз ҷумла «Саёҳатномаи Иброҳимбек»-и Зайнолубуддини Мароғайӣ, «Сиёсатнома»-и «Маҳмуди Тарзӣ дар заминаи таассуроти сафари муаллифон нигошта шуда, дар онҳо дастовардҳои иқтисодиву фарҳангии кишварҳои дидаашон ҳикоят шудааст. Тавассути баёни пешрафти соҳаҳои гуногуни кишварҳои дигар муаллифон хостаанд ба тарбияи маърифативу маънавии ҳамватанони худ ҳисса гузоранд.

Бо таъсири ин ва амсоли ин асарҳо, дар охири садаи XIX ва ибтидои асри XX публитсистикаи китобии тоҷик низ инкишоф ёфта, он «тадриҷан аз унсурҳои воқеанигории умумӣ («Рӯзномаи Искандаркӯл»), тавсифҳои таърихиву ҷуғрофӣ («Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик») ва маълумотномаҳои фарҳангиву адабӣ («Таърихи ҳумоюн») дур шуда, сабки нисбатан тоза пайдо кард. Вижагии асосии ин сабк мавриди таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа қарор додани масъалаҳои мубрами замон аст, ки дар ҳаллу фасли онҳо пештару бештар афкори иҷтимоии созанда нақш гузошта метавонад. Намунаи олии ин сабк дар ин марҳала «Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷи Хаким аст» [6, с.87].

Рукни асосии ин гуна асарҳоро оҳанги публитсистӣ ташкил медиҳад, яъне дар онҳо натанҳо воқеияти ҳақиқӣ дар мадди аввал қарор дорад, балки воқеияти тасвиршуда сарманшаи тавлиди фикри иҷтимоие мегардад, ки муаллиф талқин кардан мехоҳад. Воқеияти ҳаётӣ омили асосии маърифати публитсист мебошад, ки аввал нависандаро ба ангеза меорад, шуур ва фаҳмиши ӯро тағйир медиҳад ва баъдан, тавассути асар ба маърифат ва шуури хонанда таъсир мерасонад, мавкеи ӯро дигаргун мекунад. Таваҷҷуҳи публитсист ба воқеиятҳои муҳимми иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодиву фарҳангӣ ва амсоли ин имкон фароҳам меорад, ки, аз як тараф, маърифати зиндагии иҷтимоӣ ғанӣ ва, аз ҷониби дигар, доираи мавзуъҳои публитситика васеъ гардад. Раванди инкишофи адабиёт ва матбуот шароитеро ба вуҷуд овард, ки публитсистика дар марҳалаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ҷиҳати бедории фикрии мардум, танқиди камбудиҳои иҷтимоии давру замон, тарғиби ғояҳои пешқадам, афзалият ва комёбиҳои ҳаёти нав, руҳияи созандагиву бунёдкорӣ ва амсоли ин нақши бориз гузорад. Ин нақш танҳо бо баёни воқеа ва тавзеҳу тасвири он маҳдуд нагардида, бо дараҷаи маърифати публитсист ва мавқеи шаҳрвандии ӯ вусъат меёбад ва руҳи замонавӣ пайдо мекунад. Авзои ҷомеа, фазои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии он дар босифат ва самаранок гардидани ин раванд мусоидат мекунад.

Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки ин ҳолат дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи публитсистикаи тоҷик як хел набудааст. Ба далели фикр, агар дар публитсистикаи охири асри XIX ва ибтидои асри XX равияи маорифпарварӣ ва тарғиби зиндагии нисбатан хуби кишварҳои пешрафта бартарӣ дошта бошад, дар публитсистикаи солҳои 1920-1930 ташкили

низоми нави давлатдорӣ, масъалаҳои ҳувияти миллӣ (тақсимоти марзӣ, мавқеи забони тоҷикӣ, зарурат ва аҳамияти нашри рӯзномаву маҷаллаҳо), тараннуми афзалиятҳои ҳаёти нав, танқиди «гузаштаи лаънатӣ» ва амсоли ин нуфузи зиёдтар доранд. Дар марҳалаҳои оянда, бо ташаккули низоми матбуоти даврӣ ва рушди он, публитсистика нумуъ карда, ба василаи муҳимми таъсиррасон ба афкори омма табдил ёфт.

Ин далолат бар он мекунад, ки публитсистика низ чун дигар навъҳои эҷод ҷараёни тӯлонии ташаккул ва инкишофро аз сар гузаронида, бо таъсири омилҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии давру замони муайян ба дигаргуниҳои ғоявию муҳтавоӣ ва мундариҷавию шаклӣ ноил гардидааст. Дар адабиётшиносии тоҷик, шинохти назарии публитсистика ба таври гуногун сурат гирифта бошад ҳам, аксари назариядонон онро «жанри ҷанговар», «навъи авангарди адабиёт» номидаанд, ки аз ҳунари бадеӣ орӣ буда, «дар талқини ҳар гуна ғояи пешқадам ба таври содиқона хизмат кардааст» [8, с.6].

Ин шеваи шинохти публитсистика дар адабиётшиносии шӯравӣ мафҳумҳоеро тавлид намуд, ки «жанри ҷанговар» ва «навъи авангарди адабиёт» будани онро тақвият мебахшиданд. Маъмултарин онҳо «руҳи публитсистӣ», «оҳанги публитсистӣ» «ҷанбаи воқеӣ», «воқеияти реалӣ», «дахолати публитсистӣ», «авзои публитсистӣ» ва амсоли ин буд, ки дар таҳқиқоти ағлаби адабиётшиносон ҷиҳати муайян кардани ҷанбаи иҷтимоии асарҳои насри мустанад истифода шудааст. Аз ҷумла дар пажӯҳишҳои олимини тоҷик М. Шукуров «Тадқиқи бадеӣ ва ҷанбаи публитсистӣ» [15], Саъдуллоев А. «Публитсистикаи Мирзо Турсунзода» [9], «Хосияти адабиёт» [8] ва ғайра чунин муносибат нигаҳ дошта шудааст. Ба ин мазмун М. Шукуров дураст менависад, ки «публитсистика адабиёт аст, вале адабиёт публитсистика нест» [15, с.122].

Дар журналистикаи шӯравии солҳои 50-уми асри гузашта, дар заминаи пажӯҳишҳои адабиётшиносӣ аз ҷониби муҳаққиқони соҳаи журналистика андешаҳои илмии тозае ба вуҷуд омадаанд, ки муаллифонашон публитсистикаро на ҳамчун жанр, балки ба сифати навъи махсуси эҷод муаррифӣ мекарданд, ки дар қолаби жанрҳои алоҳида буруз меёбад. Ба дарёфти муҳаққиқон А. Қутбиддинов ва Ҷ. Раҳмонова «нашри китобҳои «Жанрҳои газета» (1955) ва «Жанрҳои газетаи советӣ» (1959) аз аввалин қадамҳои устуворе буданд, ки дар роҳи шинохти публитсистика ҳамчун соҳаи мустақили эҷод гузошта шуданд» [3, с.10]. Ҳарчанд дар ин даҳсола дар шинохти публитсистика қадамҳои устувор гузошта шуд, аммо ташаккули илми публитсистикашиносии шӯравӣ, асосан, дар солҳои 70 ва 80-уми асри гузашта бо шарофати пажӯҳишҳои як зумра муҳаққиқон амсоли В. М. Горохов, Е. И. Журбина, Я. Н. Засурский, В. И. Здровега, П. С. Красов, Е. П. Прохоров, Е. Н. Пронин, Ю. В. Суровтсев, В. В. Учёнова, М.С. Черепахов сурат гирифт [Ниг. 5, с.220-221].

Дар публитсистикашиносии тоҷик ин равияро муҳаққиқон А. Саъдуллоев, И. Усмонов, А. Азимов, М. Абдуллозода, М. Муродӣ, С. Гулов, С. Ҳайдаров, А. Қутбиддинов, Ҷ. Раҳмонова ва дигарон тақвият бахшиданд.

Ин ва дигар муҳаққиқон бо пажӯҳишҳои илмии худ дар шинохти ҷанбаҳои гуногуни публитсистика тарҳи нисбатан комилеро ба вуҷуд оварда бошанд ҳам, ҳануз паҳлуҳои гуногуни он аз мадди назар дур мондааст, ки масъалаи мавриди баҳси ин мақола истисно нест. Муҳаққиқ А. Саъдуллоев дар «Хосияти адабиёт» ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, заминаҳои иҷтимоиву фарҳангии насри мустанади муосири тоҷик (садаи ХХ)-ро ба баррасӣ кашидааст. Дар ин зимн таваҷҷуҳи муҳаққиқ, асосан, ба ду ҷанбаи масъала: фаъолмандии иҷтимоии нависанда ва образи публитсистӣ ҷалб шудааст. Дар шинохти ин публитстикашиноси барҷастаи тоҷик яке аз заминаҳои иҷтимоӣ дар ташаккули насри мустанад (публитсистика) зуҳури ҷомеаи сармоядорӣ аст, ки «ба кишварҳои марбутаи форсизабон, аз ҷумла ба шаҳрҳои Осиёи Миёна – Бухоро, Самарқанд, Хива, Хуқанд, Фарғона, Тошканд таъсири иқтисодиву фарҳангӣ расонидааст, ки дар натиҷа корхонҳои саноатӣ ба вуҷуд омаданд, мактабҳои типи аврупоӣ ва русӣ ба фаъолият пардохтанд, аз ҳисоби ҷавонон ба мадрасаҳои Туркияву Руму Инглистон ва кишварҳои арабӣ ҷиҳати хондан фиристонида шуданд» [8, с.20].

Воқеан, таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимое, ки дар охири асри XIX ва ибтидои асри ХХ дар кишварҳои Шарқ, аз ҷумла Осиёи Миёна рух дод, дар боз ҳам аҳамият пайдо кардани ғоя ва афкори иҷтимоигароӣ ва фаъолмандгардонии аҳли ҷомеа нақши бориз гузошт. Зуҳури ҷомеаи сармоядорӣ донишу маърифат ва дарку фаҳми навгониҳои замонавиро тақозо менамуд. Барои пайдо кардани донишу маърифат ва малакаи фаъолият тарбияи замонавӣ

зарур буд. Болотар аз ин, мебоист василае ба вуҷуд овард, ки дар тарғибу ташвиқи манфиатҳои ин раванд ва дарку маърифати он аз ҷониби мардум мусоидат кунад. Ин васила, пеш аз ҳама, публитсистика буд, ки тадриҷан дар заминаи таассуроти сафар, дидаву шунида ва мутолиаи адабиёту матбуоти пешқадам шакл гирифта, тобиши замонавӣ ва руҳи маорифпарварӣ пайдо кард. Дар заминаи талқини афкори публитсистикаи китобӣ василаҳои гуногуни иттилоърасонӣ ва тарғибу ташфиқ – рӯзномаву маҷаллаҳо ба вуҷуд оварда шуданд. Ба ин мазмун, метавон хулоса кард, ки агар омилҳои сиёсиву иҷтимоӣ дар ташаккули публитсистикаи китобӣ замина гузошта бошад, публитсистикаи китобӣ дар фароҳам овардани омили иҷтимоиву фарҳангӣ – таъсиси матбуоти даврӣ низ таъсири мусбат доштааст.

Нашрияҳои даврӣ натанҳо барои инъикоси воқиятҳои муҳими замон, балки барои ташфиқи афкори публитсистӣ низ минбари суҳбатро фароҳам сохатанд. Мунаварфикрону ислоҳотталабон бо истифода аз ин минбар андешаҳои пешқадаму созандаи худро, ки дар заминаи омӯзиши таҷрибаи кишварҳои дигар шакл гирифта буд, манзури хонандагон мегардониданд. Бо ин роҳ дараҷаи маърифати ҷомеа боло мерафт, афкори публитсистӣ тақвият меёфт, шаклу шеваҳои тадбиқи ғояҳои пешқадами замон муайяну мушаххас мешуд. Бо доман густурдани матбуоти даврӣ ҳамкории аҳли қалам, бахусус адибон бо ин воситаи ахбори омма бештар гардида, ба дараҷае расид, ки аксарияти адибон нигоштаҳояшонро аввал дар рӯзномаву маҷаллаҳо интишор менамуданд. Нашрияҳои даврӣ дар ислоҳ ва суфтаву ҷолиб гардидани асарҳои нависандагони ҷавон саҳм мегузоштанд. Ба ин манзур, муҳаққиқ А. Саъдуллоев дуруст дарк намудааст, ки «Рӯзномаву маҷаллаҳо ба сифати заминаи фарҳангӣ дар пайдоишу такомули адабиёти бадеӣ мавқеи хосро ишғол менамояд» [9, с.24]. Дар тақвияти ин бардошт гуфтан мумкин аст, ки рӯзномаву маҷалла натанҳо дар пайдоишу такомули адабиёти бадеӣ, балки дар таҳаввули диду назари публитсистӣ ва ташаккули қолабҳои жанрии он низ нақши бориз доранд.

Ин нақши матбуоти даврӣ дар марҳалаҳои гуногуни инкишофи он нигоҳ дошта шудааст. Танҳо бо тақозои ҷомеа ва руҳияи даврон мавзуъҳои публитсистика ва шаклҳои интишори он тағйир ёфтааст. Чун дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ мудофиаи ватан аз душман ва тезонидани ғалаба бар фашизми олмон ҳадафи асосии ҳукумати вақтро ташкил медод, публитсистикаи бадеӣ, бахусус публитсистикаи ҳаҷвӣ мавқеи бештар пайдо кард. Дар солҳои баъд аз ҷанг, ки қувваи асосӣ ба барқарор намудани харобиҳои ҷангӣ равона мешуд, публитсистикаи таҳлилӣ дар шакли мухбирномаву мақола нуфуз ёфт. Дар солҳои 1960-1970 бо пурзур гардидани раванди корҳои хоҷагиву кишоварзӣ публитсистикаи бадеӣ афзалият пайдо кард ва жанри очерк мавқеи хосро соҳиб гардид. Дар солҳои бозсозӣ, ки ба рукуди шӯравӣ рахна ба вуҷуд овард, публитсистика руҳи озодихоҳӣ, худшиносӣ ва ҳувиятсозиро касб кард ва бештар дар қолаби жанри мақола намо меёфт.

Ҳамин тавр, матбуоти даврӣ ва ҳамчунин воситаҳои дигари ахбори омма барои инкишофи публитсистика шароит ва имконоти мувофиқ ба вуҷуд овард. Бо ин васила, дар охири қарни XX ва дар ибтидои асри XXI, бо таъсири омилҳои иҷтимоиву сиёсӣ имконоти публитсистика васеъ гардид ва он натанҳо бо адабиёти бадеӣ, балки ба журналистика ва сотиология алоқамандии бештар пайдо кард. Ин зарурати таърихӣ буд. Дигар шудани сохти иҷтимоӣ, барҳам хурдани низоми дуқутба, суръат пайдо кардани раванди ҷаҳонишавӣ, бархӯрди тамадунҳо, пурзӯр гардидани тазодҳои ҷаҳониву равонӣ, талошҳои давлатсозӣ, таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ, талқини руҳияи созандагӣ боис гардид, ки публитсистикаи тоҷик таъйиноти худро тағйир диҳад, шаклу шеваҳои замонавиро ба кор барад.

Ин таҳаввулотро дар чанд ҷанба метавон муайян кард. Аз ҷумла, «бо аз байн рафтани идеологияи шӯравӣ ва дигаргун шудани сохти ҷомеа муносибат ба публитсистика андаке тағйир хӯрд ва ин истилоҳ дар таркиби луғавии касбияти рӯзноманигорӣ нисбатан камистеъмол гардид. Ин ҳолат ба чанд омил алоқамандӣ дорад. Якум, руҳияе, ки ҷанбаи пурқуввати сиёсӣ дошт, то андозае аз байн рафт. Дуюм, таъсири рӯзноманигории хориҷӣ, ки инъикоси иттилооти «холис»-ро арза медорад, тадриҷан зиёд гардид. Сеюм, раванди демократикунонии каммаърифатшуда ва ташаккул наёфтани ғояи миллӣ афкори публитсистиро дар ҷомеа нисбатан «беқурб» сохт» [4, с.110. Ҳамчунинниг. 14]. Бо вуҷуди ин публитсистикаи китобӣ рушд кард ва доир ба воқеаҳои нангбори солҳои аввали истиқлоли кишвар асарҳои гуногун ба вуҷуд омаданд. Ин асарҳо мавзуи ягонаро фаро

гиранд ҳам, бо доманаи воқеаҳо дараҷаи огоҳиву маърифати муаллифон, мавқеъ ва муносибати онҳо ба воқеиятҳои тасвиршаванда фарқ мекунанд. Аксарияти ин асарҳо дар гармогармии воқеаҳо навишта шуда, дар онҳо муносибатҳои субъективии муаллифон нисбатан афзалият дорад. Нигорандагон воқеаҳои рӯзро на бо роҳи муқоисаву қиёс, балки дар заминаи таассуроту ормонҳои фардиву гурӯҳӣ ба таҳлилу баррасӣ кашидаанд. Ин ба он овардааст, ки дар ин гуна асарҳо фардияти нигорандагон бештар намо ёфта, ҳақталошӣ ва «бегуноҳии» онҳо афзалият пайдо кунад.

Пас аз истиқрори сулҳ ва аҳдномаи Ваҳдати миллӣ (1997) дар адабиёту публитсистикаи тоҷик инъикосу тараннуми истиқлол, ҳифзи якпорчагии кишвар, гиромидошти Ваҳдати миллӣ, таъмиру тақдиди роҳҳои нақлиётгард, кандани нақбҳо, бунёди сохтмонҳои азим мақоми хоса касб кард. Доир ба ин мавзуву масъалаҳои мубрами айём асарҳои зиёде офарида шуданд, ки вижагиҳои хоси баъзе аз онҳоро муайян кардан душвор аст, зеро истиқбол аз талаботи замон, ҳамовозӣ ба ваҳдати миллӣ, хушнудӣ аз корҳои созандагӣ, саҳмгузорӣ дар бунёдкориҳо, шукргузорӣ аз осудагиву осоиштагӣ ва мавқеъгирӣ дар фазои иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа барои ағлаби нигоштаҳои адибону публитсистон мақсади меҳварӣ гардидааст.

Чунин руҳия натанҳо дар публитсистикали китобӣ, балки дар матолиби публитсистии матбуоти даврӣ интишор мегарданд, низ мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, нашрияҳои «Адабиёт ва санъат», «Ҷумҳурият», «Минбари халқ», «Тоҷикистон» ва ғайра ба раванди ободкориҳои кишвар, ташаббусу иқдомҳои созандагии Пешвои миллат, Ҳукумати кишвар, кору фаъолият, хислату характер ва зиндагии ибратомӯзи инсонҳои наҷиб таваҷҷуҳи зиёд доранд. Нашрияи «Минбари халқ» замимаи худро бо номи «Роғун» таъсис додааст, ки ҳамчун сарпарасти маънавии ҲХДТ дар ин иншооти азими аср муаррифӣ мешавад. Ин нашрияҳои даврӣ дар тасвири муҳити корзор ва намои чеҳраи воқеии корсозони некбин аз имконияти жанрҳои мусоҳиба, лавҳа, очерк, сафарнома ва эссе кор мегиранд.

Баҳрабардорӣ аз имконот ва вижагиҳои жанрӣ низ вобаста ба талаби замон, руҳияи ҷомеа, дараҷаи қобилият ва маҳорати нигорандагии муаллифон сурат мегирад. Ба ин мазмун, лавҳа ва очеркҳои рӯзномаву маҷаллаҳои муосир аз нигоҳи сохтори жанрӣ ва ҳунари нигорандагӣ фарқ мекунанд. Дар онҳо аносири ҳунарӣ ва бадеӣ камтар ва нақли лаҳзаҳои ҷудогонаи кор ва фаъолияти қаҳрамонҳо бештар ба назар мерасад. Бо вуҷуди он ки муаллифони чунин матолиб муҳити корзор ва қаҳрамонони нигоштаҳояшонро хуб медонанд, кору пайкорашонро мақсаднок мушоҳида кардаанд, аз суҳбаташон баҳра гирифтаанд, аз феълу атфолашон огаҳӣ доранд, ба маҳорату ҳунари роҳбарӣ, кордонӣ ва масъулиятшиносиашон қоиланд, боз ба ин иктифо накарда ба гуфтаҳои дигарон низ такя мекунанд, муносибати ҳамкорон, ҳамкасбон ва дӯстонро далел меоранд ва ба ин минвол чеҳраи воқеии онҳоро нишон доданӣ мешаванд. Дар баробари ин, баъзе нигорандагон танҳо ба маълумоту иттилооти дигарон, ки дар рафти суҳбат ва пурсиш ҳосил шудааст, икифо мекунанд, ки боиси афзалият пайдо кардани ҷанбаи иттилоотӣ ва ташреҳии матолиб мегардад.

Таҳаввулоти дигари маводи публитсистӣ-бадеии матбуоти даврирo ба бартарӣ пайдо кардани ҷанбаи иттилоотӣ ва тавсифӣ метавон нисбат дод. Ба ин мазмун, тавре ишора рафт, дар лавҳаҳо таносубан нақли тавсифии муаллифон зиёд ва тасвири лаҳзаҳои ҷолиби воқеаҳо камтар шудааст. Очеркҳо бештар хусусияти фотографӣ касб намуда, муаллифон ба нишон додани ҷиҳатҳои равониву маърифатии қаҳрамонҳо камтар таваҷҷуҳ менамоянд, онҳо ҳавсала ё имкони ворид шудан ба олами ботинии қаҳрамонро надоранд ва дар тасвири чеҳраи қаҳрамон ба тавсифҳои хронологӣ ва зикри далелҳои тарҷумаиҳолӣ қаноатманд мешаванд.

Раванди таҳаввули вижагиҳои жанрҳои публитсистию бадеӣ танҳо ба қобилият ва ҳунари нигорандагии муаллифон вобаста нест. Дар ин раванд талаботи замонро низ нодида гирифтан дуруст набудагист. Бо рушди техника ва технологияи инноватсионии иттилоотӣ натанҳо дастрасии хонандагон ба ахбору маълумот осон шуд, балки имкони табодули иттилоот бештар ва талаботи иттилоотии мардум ҳаматарафа таъмин гардид. Иттилоот ба рукни асосии фаъолияти журналистӣ ва публитсистӣ табдил ёфт. Бо дарки ин раванд аксарияти нашрияҳои даврӣ кӯшиш мекунанд, ки маводи интишорнамудаашон ҳаҷман хурд бошад. Чунон ки нашрияи «Ҷумҳурият» барои рубрикаи «Рӯзгори ибрат», ки ифодагари чеҳраҳои шинохта аст, на бештар аз 3 саҳифаи компютерӣ мавод қабул мекунад. Албатта,

дар ин ҳаҷм кушодани чеҳраи воқеии қаҳрамон, ки бо мушаххас намудани мавзуъ, сохтани сужа, нишон додани хатти ҳаракати воқеаҳо ва ҷараёни ташаккули шахсияти иҷтимоии он муяссар мегардад, нисбатан душвор аст.

Вазифаи жанрҳои публитсистиву бадеӣ, аз ҷумла лавҳаву очерк ва эссеву ёддошт, пеш аз ҳама, тарғиби хислатҳои неки инсонӣ, муҳаббат ба касбу пеша, садоқат ба ватан, эҳтироми инсон, зебоиву зебоипарастӣ, созандагиву бунёдкорӣ, фарҳанги воло ва амсоли ин аст. Иҷрои ин вазифаро танҳо бо нақли тарҷумаи ҳоли қаҳрамон ва ё зикри ҳолат ва ҷараёни корҳои созандагӣ маҳдуд кардан дуруст нест, дар ин кор неруи эҷодии муаллиф ва маҳорати тасвироромои ӯ нақш мебозад.

Тағйироти дигаре, ки дар матбуоти даврии имрӯзаи тоҷик ба мушоҳида мерасад, аз эътибори аҳли қалам дур мондани публитсистикаи ҳаҷвӣ аст. «Дар замони Истиқлоли давлатии кишвар ҳаҷви публитсистӣ чун жанрҳои дигари матбуоти даврӣ ба «буҳрон» гирифтор гардид, мавқеъ ва таъсираш дар ҳаёти иҷтимоӣ нисбатан суст шуд, дар қолабҳои маъмули он дигаргуниҳо ба вуҷуд омад» [4, с.145].

Дар матбуоти имрӯзаи тоҷик жанрҳои маъмул ҳаҷви публитсистӣ фелетону памфлет, луқмаву пародия ва эпиграмма хеле кам ба назар мерасанд. Матолиби зери рубрикаҳои фелетон ва ё памфлети баъзе нашрияҳои даврӣ чандон ба талаботи анъанавии ин жанрҳо ҷавобгӯ нестанд. Аз ҷумла, дар чунин матолиб маҳорати истифодаи воситаҳои бадеии ҳаҷвсоз нисбатан камтар гардида, ҷойи ҳаҷви тезу тундро танзи зарофатомез гирифтааст. Ба публитсистикаи ҳаҷвӣ, ки мақсадаш ифшо намудани камбудиву норасоиҳои ҷомеа, рафтори номатлуби ашхоси алоҳида ва тавасути танқиду мазаммат ислоҳ намудани онҳо аст, таваҷҷуҳ камтар гардидааст. Ин ба чанд омил алоқаманд бошад ҳам, бетарафии аҳли ҷомеа, бахусус аҳли қалам ба камбудиҳои иҷтимоӣ ва беназорат мондани таъсири маводи ҳаҷвӣ омили асосӣ аст.

Умуман, публитсистика ҳамчун ифодакунандаи набзи рӯз ва ташаккулдиҳандаи афкори ҷомеа, ҳамеша дар таҳаввул аст. Публитсистикаи тоҷик дар замони истиқлоли кишвар ба дигаргуниҳои шакливу муҳтавоӣ ва ҳунариву эҷодӣ ноил гардида бошад ҳам, рисолати аслии худро, ки тарғиби руҳияи бунёдкорона ва афкори созандаву солим аст, аз даст надодааст. Дар он воқеиёти иҷтимову сиёсӣ ва иқтисодиву фарҳангии замон дар пояи чунин фикр ва андеша талқин мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Бозоров, Н. Сафарноманигорӣ воқеанигорист / Н. Бозоров. – Душанбе: Ашуриён, 2018. – 320 с.
2. Гулов, С. Махсусияти очерки муосири тоҷик / С. Гулов. – Душанбе: Дониш, 2012. – 116 с.
3. Қутбиддинов, А. Хосияти публитсистика / А. Қутбиддинов, Ҷ. Раҳмонова. – Душанбе, 2018. – 164 с.
4. Муродов, М.Б. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ / М.Б. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 220 с.
5. Муродов, М. Баъзе масъалаҳои назарӣ ва амалии шинохти публитсистикаи муосир / М. Муродов // Осор. - Душанбе: Аржанг, 2019. – Ҷ. 6. – С.217-287.
6. Муродӣ М. Вижагиҳои публитсистикаи қабл аз журналистӣ / М. Муродов // Паёмномаи фарҳанг. - 2021. - №2. - С.80-90.
7. Полонский, А.В. Публицистика как особый вид творческой деятельности / А.В. Полонский // Научные ведомости. Белгородский государственный университет. - 2008. - № 11 (51). - С.56-61.
8. Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт / А. Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 2000. – 256 с.
9. Садуллаев, А. Горизонты публицистики / А. Саъдуллоев. - Душанбе, 2009. - 306 с.
10. Солеҳов, Н. Муаммои назарияи публитсистика. Маводи дарсӣ / С. Нуралиев, А. Саъдуллоев. – Душанбе, 2015. – 184 с.
11. Усмонов, И.К. Журналистика. Ҷилди. 3 / И.К. Усмонов. – Душанбе: 2008. – 448 с.
12. Усмонов, И.К. Жанрҳои публитсистика / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2009. - 140 с.
13. Фомичева, И.Д. Публицистика в эпоху интернета / И.Д Фомичева // Вестник Моск.ун-та.Сер.10. Журналистика, 2013. - №5. - С.94-111.
14. Шукуров, М. Тадқиқи бадеӣ ва ҷанбаи публитсистӣ / М. Шукуров // Садои Шарқ, 1976. – №1. – С.111-122.

ЗАМИНАҲОИ ИҶТИМОИВУ СИЁСИИ ТАҲАВВУЛИ ПУБЛИТСИСТИКАИ ТОҶИК

Дар мақола марҳалаҳои таҳаввули публитсистикаи тоҷик бо дарназардошти заминаҳои иҷтимову сиёсӣ ва касбӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Публитсистикаи тоҷик мисли дигар анвои эҷод дар раванди инкишофи худ ба дигаргуниҳои зиёди сохториву мавзуӣ рӯ ба рӯ шудааст. Аз ҷумла бо таъсири муҳити адабӣ ва иҷтимоӣ дар аввалин намунаҳои асарҳои насрии адабиёт руҳи публитсистӣ бартарӣ пайдо карда, баъдан бо таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимои охири садаи XIX ва ибтидои асри XX асарҳои мустанаде рӯйи чоп омаданд, ки ҷавҳари онҳоро фикри иҷтимоӣ ва андешаи маорифпарварона ташкил медод. Дар ин гуна асарҳо зиндагии нисбатан хуби кишварҳои пешрафта тарғиб мешуд. Дар солҳои 1920-1930 бо ташаккули низоми матбуоти даврӣ ва талаботи ҳукумати навтаъсиси шӯроӣ публитсистика руҳи сиёсӣ пайдо кард ва ба василаи муҳимми

таъсиррасон ба афкори омма табдил ёфт. Ин хусусият ва рисолати публитсистика дар тамоми давраҳои ҳокимияти шӯравӣ бо андаке дигаргуниҳои замонавӣ боқӣ мондааст. Дар охири қарни XX ва дар ибтидои асри XXI бо дигар шудани сохти иҷтимоӣ, аз байн рафтани руҳияи тарғибиву ташвиқии шӯравӣ, таъсири рӯзноманигории хориҷӣ ва раванди демократикунонии ҷомеа таъйиноти публитсистика дигар шуд, имконияти мавзуиву жанриаш нисбатан васеъ гардид, аз адабиёт ба журналистика майл намуд. Диди журналистӣ боиси он шуд, ки дар публитсистика, бахусус публитсистикаи матбуотӣ ҷанбаи иттилоотӣ ва тавсиф гиёд гардад, вижагиҳои жанрҳои публитсистию бадеӣ дигаргун шавад, жанрҳои ҳаҷвӣ аз эътибори аҳли қалам дур монад.

Калидвожаҳо: публитсистика, омил, таъсир, таҳаввул, давра, мавзуъ, рисолат, таҳлил, жанр, махсусият, таҳқиқ, ташаккул, оҳанги публитсистӣ.

СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ЭВОЛЮЦИИ ТАДЖИКСКОЙ ПУБЛИКИСТИКИ

В статье рассматриваются этапы эволюции таджикской публицистики с учетом социально-политических и профессиональных предпосылок. Таджикская публицистика, как и другие формы творчества, в процессе своего развития претерпела множество структурных и тематических изменений. В частности, под влиянием литературной и социальной среды публицистический дух преобладал в первых образцах прозы, а затем в результате политических и социальных изменений конца XIX - начала XX веков были опубликованы многие документальные произведения, в основе которых лежала общественная мысль, просветительская идея. В таких произведениях были освещены лучшие стороны жизни развитых стран. В 1920-е и 1930-е годы, с появлением периодической печати и по требованиям недавно сформированного советского правительства, публицистика приобрела политический характер и стала важным средством воздействия на общественное мнение. Эта особенность и миссия публицистики оставались неизменными на протяжении всего советского времени с небольшими изменениями. В конце XX - начале XXI веков, с изменением структуры общества, исчезновением советского пропагандистского духа, под влиянием зарубежной журналистики и процессов демократизации общества, цель публицистики изменилась, расширился спектр тематических и жанровых возможностей, произошел переход от литературы к журналистике. Журналистская направленность привела к преобладанию информационного и описательного аспектов в публицистике, особенно в публицистике периодической печати, изменились особенности публицистическо-художественных жанров, сатирические жанры потеряли свой престиж.

Ключевые слова: публицистика, фактор, влияние, эволюция, период, предмет, миссия, анализ, жанр, особенность, исследование, формирование, публицистический пафос.

SOCIO-POLITICAL BASES EVOLUTIONS OF TAJIK PUBLIC STUDIES

The article considers the stages of the evolution of Tajik journalism, taking into account the socio-political and professional background. Tajik journalism, like other forms of creativity, has undergone many structural and thematic changes in the course of its development. In particular, under the influence of the literary and social environment, the journalistic spirit prevailed in the first samples of prose, and then, with the political and social changes of the late 19th and early 20th centuries, documentary works were published, these works were based on social thought. educational idea. In such works, the comparatively better aspects of life in developed countries were covered. In the 1920s and 1930s, with the advent of the periodical press and the demands of the newly formed Soviet government, journalism took on a political character and became an important means of influencing public opinion. This feature and mission of journalism remained unchanged throughout the Soviet era with minor changes. At the end of the 20th and beginning of the 21st century, with the change in the structure of society, the disappearance of the Soviet propaganda spirit, the influence of foreign journalism and the process of democratization of society, the purpose of journalism changed. the range of thematic and genre possibilities has expanded, it has leaned from literature to journalism. The journalistic orientation led to the predominance of the informational and descriptive aspects in journalism, especially in the journalism of the periodical press, the features of the journalistic and artistic genres have changed, the satirical genres have lost their prestige.

Key words: journalism, factor, influence, evolution, period, subject, mission, analysis, genre, peculiarity, research, formation, journalistic pathos.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муродӣ Мурод Бердӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуот. **Адрес:** 734035, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **murodi-65@mail.ru**

Сведение об автор: ***Муроди Мурод Берди*** – Таджикский национальний университет, доктор филологических наук, профессор кафедры печати. **Адрес:** 734035, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 17.
E-mail: **murodi-65@mail.ru**

Information about the author: ***Murodi Murod Berdi*** – Tajik National University doctor of philology, professor of the department of printing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17.
E-mail: **murodi-65@mail.ru**

МУНДАРИҶА-СОДЕРЖАНИЕ

ЗАБОНШИНОСӢ-ЯЗЫКОЗНАНИЕ

Хоҷаев Д. Назари донишмандони гузашта ва муосири тоҷик дар шинохти ҷумлаи муътариза…… **5**

Назарзода С. Забони суғдӣ ва таҳқиқи матнҳои он аз назари забоншиносӣ……. **10**

Сулаймонов С. Вижагиҳои тарҷума ва шарҳи комили "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолуддини Балхӣ ба забони арабӣ…… **18**

Мирзоева М.Ҷ. Роҳҳои ифодаи муродифоти муносибати мақсад…….. **26**

Абдураҳмонова М.А. Доир ба масъалаҳои сермаъноӣ ва синкретизм дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ……. **33**

Алзаҳронӣ Абдуллоҳ Раҷаб. Таҳлили роҳҳо ва раванди иқтибосшавии калимаҳо ва омилҳои он дар забони форсӣ……. **40**

Ҳайбулоев Ш.А. Бархе аз вижагиҳои маъноии ҷойномҳои форсӣ-тоҷикӣ дар адабиёти арабизабони ҷуғрофии асрҳои IX-XIII…… **46**

Ҷурақулова И.Б. Баъзе хусусиятҳои тарҷумаи ҳиндии зарбулмасалу мақолҳои повести «Марги судхӯр»- и Садриддин Айнӣ…… **52**

Абдуллоева Г.З. Роҳҳои ташаккул ва ҳимояи забонҳо ва лаҳҷаву шеваҳои дар ҳудуди Тоҷикистон арзи вуҷуддошта…… **60**

Алимӣ Ҷ., Қаюмова М.Б. Ҷанбаю паҳлуҳои таҳқиқоти ономастикӣ…….. **66**

Шехов И. Нақши пасвандҳо дар сохтани истилоҳоти динӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асарҳои тарҷумашуда)…… **73**

Муродова П.Б. Усули аффиксии калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ…… **80**

Шарифова А.Ш. Ҳаммаъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда бо ибора дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ..... **87**

Тоҷиддинзода П., Усмонова М.Х. Ибораҳои изофии сифатӣ дар рисолаи “Чилуду фасл” аз “Расоили форсӣ”-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ…… **93**

Игболов О.Ш. Зарбулмасалу мақолҳои устувору ноустувор дар «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ……..… **99**

Ғуломова Ф.А. Вижагиҳои иқтибосоти истилоҳоти ҳарбии забони олмонӣ…… **105**

Ёрова С.Н. Баъзе хусусиятҳои забони романи «Нирмала»- и Премчанд……. **111**

Нагзибекова М.Б., Ганиева Н.Р. Экспериментальное исследование ценности любовь/мухаббат в языковом сознании у таджиков и русских……. **118**

Мирзоева М.М. Конструкции образования от фразеологических дериватов-существительных в художественных произведениях С. Айни…….. **126**

Султанова Р.М., Усмонова Н.А. Семантико-типологическое описание наречий в русском и таджикском языках…….. **133**

Охунова С. Словосложение в категории имен прилагательных современного русского языка……. **142**

Салохиддинов В.Ю. Сопоставительный анализ бессоюзных сравнительных конструкций с компонентом отрицания в таджикском и английском языках (на материале художественных произведений)…….. **149**

Ходжаева С.О., Шарифова Г.Дж. Лексические средства выражения лексики делового общения в таджикском и английском языках……. **154**

Баротов А.Т. О русских переводах таджикской безэквивалентной лексики приёмом генерализации……. **162**

Косимов М.Н. Об истории происхождения и эволюции русских заимствованных паремий……. **167**

АДАБИЁТШИНОСӢ-ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

Кӯчарзода А. Саҳифаи тозае дар шинохти шахсияти Мавлонои Балхӣ……. **174**

Тоиров У. Чанд мулоҳиза доир ба ихтиёроти шоирӣ……. **180**

Мақсудов Б. Назари Шафеъии Кадканӣ ба сабк ва сабкшиносӣ……. **189**

Раҷабов Ҳ. Сударшан ва қаҳрамонҳои ҳикояҳои ӯ…… **197**

М.Нарзиқул. Шахсияти адабӣ ва коргоҳи эҷодии нависанда Абдурраҳмон Расулӣ…….. **204**

Раҳмонӣ Р. Нишонаҳои фолклорӣ ва этнографӣ дар романи «Фирдавсӣ»-и С.Улуғзода…..... **214**

Сафаров У.Р. Муҳоҷират ва офариниш (бозтоби ҳиҷрат дар ашъори Сиёвуши Касроӣ)……. **231**

Шарифзода Л. Осори адабӣ ва илмии С. Айнӣ аз назари М. Турсунзода…… **239**

Оймаҳмадов Р. Ҷойгоҳи зан дар зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ…….. **246**

Наҷотов Ҷ. Шеваҳои корбурд ва шарҳи истилоҳоти ирфонӣ дар тарҷумаи «Рисолаи Қушайрия»…….... **254**

Саидов Ф. Андешаҳои Х. Асозода оид ба ҳаёт ва эҷодиёти А. Фитрат……. **262**

Махмудов Д.О. Композиционные и стилевые особенности сказок «Тысячи и одного дня» Пети де ла Круа……... **267**

ЖУРНАЛИСТИКА

Азимов А.Х., Муродӣ М.Б. Таъсис ва ташаккули матбуоти даврӣ
дар солҳои 20-уму 30-юми асри XX……..... **273**
Муқимов М.А. Ҷанги иттилоотӣ олоти фишороварӣ дар ҳалли масоили сиёсӣ..... **280**
Муродӣ М.Б. Заминаҳои иҷтимоиву сиёсии таҳаввули публитсистикаи тоҷик…….. **288**

ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАҚОЛАҲОИ ИЛМӢ:

1. Риоя намудани «Этикаи чопи мақола дар маҷаллаҳои илмии ДМТ»;
2. таҳияи мақола бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ, ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо 1,5 мм;
3. ҳаҷми мақола: формати А4, бо рӯйхати адабиёту аннотатсияҳо на камтар аз 15 саҳифа ва на беш аз 30 саҳифа;
4. индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
5. номи мақола;
6. насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падари муаллиф(он);
7. номи муассисае, ки дар он муаллиф(он)и мақола кору фаъолият менамояд;
8. матни асосии мақола (на камтар аз 10 саҳифа; схема, расм ва ҷадвал дар матни асосии мақола ворид намешавад);
9. рӯйхати адабиёти истифодашуда на камтар аз 15 номгӯ адабиёти илмӣ. Ба нашри мақолаҳое бартарӣ дода мешавад, ки ба сарчашмаҳои нашршудаи илмии солҳои охир ва манбаъҳои муътамад бештар такя кардаанд. Номгӯи адабиёти ба муаллиф тааллуқдошта набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиёти мақоларо ташкил диҳад;
10. таваҷҷуҳи муаллиф(он) дар мақола ба таҳқиқоти қаблии доир ба мавзӯи мақола, ки дар маҷаллаи «Паёми ДМТ» ба нашр расидааст;
11. тарҷумаи номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр (аз 150 то 200 калима) ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ;
12. дар баробари пешниҳоди шакли электронии мақола пешниҳоди шакли чопии он дар як нусха ҳатмӣ мебошад;
13. аризаи муаллиф(он) ба редаксия оид ба асолати мақола ва ризоияти чоп;
14. мақолаи аспирант/докторанти Ph.D/ унвонҷӯ танҳо бо тавсияи роҳбари илмӣ/мушовири илмӣ қабул карда мешавад;
15. мақолаи магистрант танҳо бо ҳаммуаллифӣ бо номзад/доктори илм қабул карда мешавад;
16. маълумот дар бораи муаллиф(он) бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);
17. нишон додани манбаи иқтибос дар қавси чаҳоркунҷа [ ];
18. рақамгузории нақша, схема ва диаграммаву расмҳо ва тарҷумаи номи шарҳдиҳандаи онҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ;
19. маълумотномаи антиплагиати мақолаи бо забонҳои русӣ ва ё англисӣ таҳияшуда талаб карда мешавад.
20. Мақолаи ба маҷалла воридшуда аз ҷониби ҳайати таҳририяи силисиламаҷаллаҳои илмии ДМТ дар муддати 30 рӯз баррасӣ мегардад.

ТРЕБОВАНИЯ К НАУЧНЫМ СТАТЬЯМ:

1. Соблюдение «Публикационной этики научных журналов Таджикского национального университета»;
2. Статьи принимаются в редакторе World, шрифт Times New Roman для текстов на русском и английском языках, Times New Roman Tj для текстов на таджикском языке, размер (кегль) 14 (таблицы 12), поля 2,5 см, межстрочный интервал 1,5 строки;
3. Объем статьи: не менее 15 и не более 30 страниц компьютерного текста формата А4, включая список литературы и аннотации;
4. Индекс УДК (данный индекс можно получить в любой научной библиотеке);
5. Название статьи заглавными буквами по центру текста;
6. Фамилия И.О. автора(ов)
7. Название организации, где работает(ют) автор(ы);
8. Основной текст статьи (не менее 10 страниц, исключая схемы, рисунки, таблицы, диаграммы, аннотации и список литературы);
9. Список литературы не менее 15 наименований. Статьям, где использованы авторитетные, а также наиболее поздние научные издания отдается предпочтение. Допускается использование не более 25% научных публикаций автора(ов).
10. Ссылка на предыдущие публикации научных журналов Таджикского национального университета по теме исследования приветствуется.
11. Название статьи, аннотации и ключевые слова приводится на трех языках (таджикский, русский, английский), аннотация в объеме от 150 до 200 слов, ключевые слова 7-10 терминов;
12. Статьи принимаются в печатном и электронном варианте;
13. Заявление автора(ов) об оригинальности статьи и согласие на издание;
14. Статьи аспиранта/докторанта Ph.D/соискателя принимается к рассмотрению с рекомендацией научного руководителя/научного консультанта;
15. Статья магистранта принимается к рассмотрению только в соавторстве с кандидатом наук/доктором наук;
16. Информация об авторе(ах) на трех языках (таджикский, русский и английский);
17. Ссылки на литературу в тексте обязательны и оформляются следующим образом: [3, с.24], где первая цифра – номер источника в списке литературы, вторая – страница;
18. Нумеровать таблицы, схемы, диаграммы и рисунки и перевести их оглавление/название на русском и английском языках;
19. Представить справку об антиплагиате (статьи на русском и английском языках).
20. Статьи, поступающие в редакцию журнала, рассматриваются редколлегией журналов в течение 30 дней.

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук» основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим группам специальностей: 10.01.00 – Литературоведение и 10.02.00 – Языкознание. Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

2022. №7

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Ответственный редактор серии филологических наук: М.Н. Набиева
Редактор русского языка: О.Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 31,125 усл. п.л. 8.
Подписано в печать 12.11.2022 г. Заказ №2018/04-01